в различных регионах Российской Федерации и других бывших республик Союза ССР создание диаспор и связи с ними образование общественных организаций, которые строили свою деятельность для служения гастарбайтерам, занимает одно из основных мест. Ибо в конце XX и начале XXI века в результате гражданской войны и экономической разрухи Республики Таджикистан происходит процесс расширения из года в год внешней трудовой миграции в странах СНГ и преимущественно в регионах Российской Федерации. Как известно сотни тысяч таджикских трудоспособных людей в поиске более высокооплачиваемой работы за пределами республики, продолжают в течение десятилетий трудовую миграцию. Трудовые мигранты, несмотря на определенные трудности, приносят большие экономические выгоды государственной казне и семейному бюджету.

Не надо забывать о том, что находясь за рубежом в поисках заработка, стремясь как можно больше заработать и присылать деньги своим семьям в Таджикистан, трудовые мигранты экономят на своем здоровье, питании, бытовых условиях, технике безопасности. Отсюда нередки случаи гибели трудовых мигрантов за рубежом, производственного травматизма, роста и запущенности заболевании и т.д. В целом в результате прогрессирующего процесса внешней трудовой миграции снижается «порог здоровья» таджикских трудовых мигрантов [14,с.82].

Следует отметить, что как легальная, так и нелегальная внешняя трудовая миграция в определенное время, когда стране необходимо было выйти из тупикового положения, имеет большое значение в решении социально - экономических и бытовых задач, которые стоят перед страной, вышедшей из весьма сложной военно-политической ситуации.

В то же время, как отмечают специалисты в области здравоохранения, зарубежные государственные предприятия и частные работодатели имеют для себя ряд возможностей: во-первых, использовать дешевую, дисциплинированную, нетребовательную к бытовым услугам рабочую силу; во- вторых, привлекать работников на такие рабочие места, куда не идет коренное население, так как предлагаемую зарплату считают слишком низкой [5,с.60].

Поэтому выезд трудовых мигрантов из Таджикистана в принимающих странах, и прежде всего в различных регионах Российской Федерации, обусловливает возникновение различных социально - экономических, бытовых проблем, а также и проблем здоровья людей, особенно преклонного возраста.

Как известно, сегодня таджикские трудовые мигранты на территории регионов Российской Федерации своим самоотверженным трудом успешно продолжают лучшие традиции своих предшественников, о которых свидетельствуют выступления руководителей и работодателей этой страны.

В декабре 1999 г. был принят закон Республики Таджикистан «О миграции», а в апреле 2001 г. Указ Президента Республики Таджикистан «Об усилении борьбы с незаконной миграцией в Республике Таджикистан». На основании которого на пунктах пропусков через государственную границу республики введен миграционный контроль, возложенный на Комитет по охране Государственной границы при Правительстве Республики Таджикистан [10]. Принятые на высоком уровне решения являлись выражением осознания социальной и экономической значимости трудовой миграции и введения мер по её государственному урегулированию.

Практика показала, что большая часть внешних трудовых мигрантов, в среднем ежегодно направляется в Российскую Федерацию (около 80%), а в Казахстан (8-10 %), остальные, меньшее количество, в другие бывшие советские республики и в дальнее зарубежье [8].Причины, вызвавшие внешнюю трудовую миграцию из Таджикистана, разнообразны. Одним из наиболее важных факторов, способствующих миграции трудовых ресурсов, является безработица. Например, с 1997-2002 г. уровень официальной безработицы колебался от 2,3 до 3,2 %, составляя в 2002 г. 2,5 % от населения страны (47 тыс. чел.). Проблема безработицы особенно острой была для молодежи и женщин. Так,

женщины составляли 55 % от общей численности безработных в Таджикистане. Из 46,7 тыс. официальных безработных в 2003 г. 23,6 тыс. (50,5 %) составляли лица в возрасте 18-19 лет [11,с.1].

В Россию таджиков и таджикистанцев привлекали несколько факторов, в том числе безвизовый режим и нехватка рабочей силы в различных отраслях народного хозяйства и социально – бытового обслуживания. Обычно мигранты находили здесь заработок, работая торговцами на рынках или подсобными рабочими на стройке и т.д. В Таджикистане конец весны и начало лета является самым разгаром сезона трудовой миграции. Большинство рабочих пользовались услугами железнодорожного транспорта.

Как крупное социально – экономическое явление внешняя трудовая миграция началась в 1994 году. Хотя в стране пока еще не сформулирована система ее полноценного учета, тем не менее, по результатам неоднократных исследований, проведенных Министерством труда и социальной защиты населения республики с 2001-2003 годы каждый год на заработки выезжало 200- 250 тыс. человек более (7 % трудоспособного населения страны). Свыше 90 % из них направлялись в Российскую Федерацию, это подтверждено результатами переписи населения 2000 года, а также данными о продаже билетов и перевозке пассажиров, ежегодно предоставляемыми Министерством транспорта республики [6,с.103-104].

Для изучения состава временной рабочей силы из Таджикистана Министерством труда и социальной защиты населения дважды проводилось обследование трудовых мигрантов, выезжающих за границу (июнь - октябрь 2001 г. и январь- февраль 2002 г.). Результаты первого исследования показали, что на сезонные работы за пределы республики Таджикистан выехало 206 718 граждан. Исследования показали, что большую часть трудовых мигрантов составляют выходцы из Хатлонской области и высокогорных отдаленных районов. Причина в том, что во время гражданской войны больше всего пострадала именно Хатлонская область.

В феврале 2002 г. повторное исследование показало, что из Таджикистана выехали 165 376 человек, в том числе из них на Согдийскую область приходилось -30%, на Хатлонскую область -34%,ГБАО-30%,из г. Душанбе-2,9%, РРП-29,8%. Среди трудовых мигратов 91,5%-мужчины, 8,5% женщины, молодежь возрастом до 25 лет составляет 57,0% [13,с.24-25].Несмотря на то, что и в посылающих, и в принимающих странах миграция все чаще обсуждается с позиции прав человека, и в первую очередь, защиты его интересов, тем не менее, на практике, когда надо делать выбор между правами человека и экономической эффективностью, рыночная система однозначно делает его в пользу прибыли. По оценкам Международной организации труда, к началу XXI века, в мире насчитывалось 36-42 млн. трудовых мигрантов, а с членами семей их число достигало от 80 до 97 млн. человек, а по некоторым оценкам, даже и 120 млн. человек [18,с.8].

Следует подчеркнуть, что по данному весьма важному социально- экономическому направлению общественной жизни со стороны Правительства Таджикистана предпринимается ряд соответствующих мер. Однако практика показала, что этот процесс трудно управляемый, вместе с тем в этом направлении до 2002 года практически не был введен учет внешней трудовой миграции, когда ее ход начался еще в 90-х годах XX века. На этот процесс Правительство Таджикистана серьезно обратило внимание лишь в 2003 г., когда внутреннее и внешнее положение страны уже стабилизировались.

Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 6 июня 2003 г. «О введении порядка учета внешней миграции граждан Республики Таджикистан», в целях обеспечения систематического сбора статистической информации о миграции населения республики, была введена карточка внешнего миграционного учета. Согласно данным учета, в 2004 году из Республики Таджикистан выехало 420 тыс. трудовых мигрантов. Недостаток этого учета, по мнению некоторых авторов, заключался в том, что велся только учет выбывающих из республики, а по прибытию граждан в республику, независимо от того, гражданами какого государства они являлись, такой учет не велся

[7,с.44].Субъектами хозяйствования Республики Таджикистан, которые имели разрешения на трудоустройство граждан РТ в РФ, было трудоустроено за период с 2002- 2005 г. 18,6 тыс. человек. Трудовые мигранты – особо уязвимая и незащищенная часть рабочей силы, по отношению к ним имеет место неполная выплата заработной платы, невыдача квартальных и годовых премий, доплат за выслугу лет, неурегулированность вопросов социального, пенсионного обеспечения, невключение временной работы в трудовой стаж [9,с.44].

По утверждению руководителя представительства Министерства труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан в Российской Федерации М. Хасанова, возникла острая необходимость определиться в отношениях с государствами, на территории которых таджикские гастарбайтеры осуществляли свою трудовую деятельность. Такой страной, в силу своих экономических, социально-политических возможностей соответствовала бы интересам граждан, была и остается Российская Федерация. Данная позиция основана на реальном положении дел связанных с потоками трудовой миграции наших граждан в Российской Федерации. Например, в 2004 году их было 456, 5 тыс. в 2005 г.- 466,5 тыс., а за первый квартал 2006 г. этот показатель составил 90,6 тыс., граждан Республики Таджикистан в регионах Российской Федерации, где больше спрос на рабочую силу [4].

Государственная политика Республики Таджикистан в области трудовой миграции нацелена, прежде всего, на предотвращение роста нелегальной миграции на основе формирования правовых основ и экономических механизмов для регулирования миграционных процессов. Создание совместно с принимающими странами общей согласованной системы трудовой миграции, борьбы против нелегальной миграции включает местные органы самоуправления, общины и общественность, СМИ [15,с.39].

Другая не менее важная проблема трудовой миграции, которая связана с мировым финансовым кризисом, является депортация таджикских гастарбайтеров из стран СНГ и главным образом Российской Федерации. Безусловно положительное решение этой проблемы в Центральноазиатских республиках, в том числе в Таджикистане, стало важным социально - экономическим мероприятием того периода.

По этому поводу в конце декабря 2008 года в честь празднования Международного дня мигранта, отмечаемого 18 декабря, прошел семинар по регулированию трудовой миграции в Таджикистане и проблемам депортации таджикских трудовых мигрантов.

Семинар был организован Миграционной службой МВД и МОМ в рамках проекта «Трудовая миграция из Центральной Азии», финансируемого Евросоюзом.

На этом семинаре обсуждались результаты исследования по депортированным мигрантам, которое проводил Центр стратегических исследований при Президенте РТ, а также по проблеме в области регулирования трудовой миграции в самой республике.

В указанный год по официальной статистике более 600 тыс. граждан Таджикистана работало в РФ и других странах СНГ и около 50% из них имели там нелегальный статус.

В тот период российские власти вводили ужесточающие меры в отношении трудовых мигрантов. Таджикские мигранты в это время занимали первое место по количеству депортированных людей из Москвы. В декабре 2008 г. в таджикской миграционной службе зарегистрировано 43967 человек, которые были депортированы и выдворены из стран СНГ, в основном из Российской Федерации и Республики Казахстан.

Принятие в указанный период нового Федерального закона РФ «О внесении изменений в Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях», безусловно, оказало влияние на рост депортации трудовых мигрантов из Таджикистана. Начиная с сентября 2002 года, Правоохранительные органы РФ стали проводить массовый отлов нелегальных мигрантов по всей стране.

По мнению экспертов, таджикские мигранты выдворялись из стран- работодателей из-за отсутствия необходимых документов, низкого правового уровня, незнание закона тех стран и языка, а также из-за предвзятого отношения правоохранительных органов

стран пребывания. Согласно результатам исследования, чаще всего депортировали выходцев из Хатлонской области и районов республиканского подчинения.

Эксперты сходились во мнении, что массовая депортация мигрантов приведет к непредвиденным социальным последствиям, увеличению числа безработных и снижению уровня жизни населения. А также к нарастанию религиозных противоречий [3].

Следует констатировать, что в течение 10-лет XXI века, в связи с отсутствием подходящих постоянных рабочих мест, низкими заработками, с увеличением численности населения (ежегодно 2,0-2,1%), количество трудовых мигрантов в несколько раз увеличилось. Например, если в 2001 г. из Таджикистана в страны СНГ, а в частности, в дальнее зарубежье выехало 262 тыс. трудовых мигрантов, то в 2012 г. их число доходило до 744 тыс. человек [16]. Эти факты сами по себе свидетельствуют, что тогда количество трудовых мигрантов из Таджикистана из года в год увеличивалось.

На данном этапе общественной жизни следует главное внимание уделять повышению профессионализма и уровня языкового знания трудовых мигрантов, ибо на мировом трудовом рынке образовалась сильнейшая конкуренция, и поэтому следует удержать подобное трудовое противоборство. Профессиональные трудовые мигранты не только принесут экономическую выгоду странам-работодателям, но повышая свои профессии, изучая новейшую технику, приобретя большой производственный опыт и новейшие технологии, тем самым поднимут экономику республики.

Анализ денежных переводов трудовых мигрантов в своей стране свидетельствует о том, что, если они имели бы необходимую квалификацию и овладели бы языком, то их переводы могли бы удвоиться. Для того, чтобы они обеспечивались постоянной работой и получали приличную зарплату на мировом трудовом рынке и тем самым внесли вклад в экономическое развитие нашей республики, уровень их профессиональных знаний должен отвечать всем требованиям мировых трудовых рынков.

Результаты проведенного анализа свидетельствуют, что уровень образованности трудовых мигрантов по профессии в 2009 г., по сравнению с 2004 г., заметно снизился от 20,9% до 11,85%. При этом численность трудовых мигрантов без определенной профессии в 2004 г. составляла 68,58% от общей численности гастарбайтеров, то, соответственно, в 2009 г. снизилась до 77%. Этот процесс продолжался и в 2012 году. На основе выбранных сведений трудовых мигрантов, имеющих высшее образование - 6,1%, среднее профессиональное образование - 9,1%, среднее образование - 57% и имевших неполное среднее образование - 27%. А уровень образованности по профессии в 2009 г. снизился до 2,7%, и численность трудовых мигрантов без определенной профессии составила 84% [17].

Известно, что увеличение объемов денежных переводов позволит обновить жилищный фонд граждан, расширит масштабы нового жилищного строительства с учетом современных стандартов. Поэтому главным и определяющим значением трудовой миграции для социально-экономической и культурно - бытовой жизни республики и выхода ее из глубокого кризиса являлись денежные переводы, мигрантов как официальные, так и неофициальные.

Система государственной подготовки трудовых резервов к работе за пределами республики ведет работу по правовой и социальной защищенности мигрантов на качественно новой основе для ликвидации негативных явлений в этой сфере.

С учетом спроса на внутреннем и внешнем рынке труда, уже в первые годы XXI в. в Таджикистане был осуществлен ряд эффективных мер по формированию комплексной системы профессионального обучения и переобучения, изучения языков и правовых норм миграции, а также по созданию центров получения специальности для трудоспособных групп населения. Все эти мероприятия правительства приурочены к дальнейшему созданию благополучных условий жизни и работы таджикских мигрантов.Летом 2009 г. на встрече с соотечественниками Президент Республики Таджикистан Уважаемый Эмомали Рахмон, в частности, сказал: «Пользуясь случаем, я обращаюсь ко всем

зарубежным соотечественникам, среди которых немало ученых, опытных специалистов и состоятельных предпринимателей, с призывом не оставаться безразличными к развитию и обустройству своей Родины, государства, нации и внести, по мере возможности, вклад для благоустройства каждого уголка земли предков и в повышение уровня и качества жизни своего народа и нации» [12].

Поэтому в республике деятельности трудовых мигрантов не только уделялось внимание со стороны правительства, ученых, экономистов, философов, историков, которына в республиканских научных конференциях и симпозиумах всесторонне анализировали социально-экономическое положения гастарбайтеров Таджикистана. Так, 26 ноября 2010 г. в г. Душанбе прошла Международная научная конференция «Трудовая миграция в Таджикистане: социальные и экономические аспекты». Организаторами выступили Российско-Таджикский (славянский) университет, научно- исследовательский институт проблем миграции при поддержке фонда Фридриха Эберта в Республике Таджикистан.

Таким образом, на сегодняшний день вопрос трудовой миграции, наряду с развитием экономики Таджикистана, стал самым актуальным, так как его решение тесно связано с существующими социально- экономическими и политическими проблемами.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абулхаев Р.А. Из истории трудовой миграции Таджикистана в конце XX- начале XX1 в. / Р.А. Абулхаев. -Душанбе, 2017. -С. 70.
2. Абулхаев Р.А. Указ. работа.. -С.75-76.
3. Азия-плюс. 24 декабря 2008.
4. Бизнес и политика. 24 августа, 2006.
5. Касимова М.К. Проблемы здоровья трудовых мигрантов / М.К.Касимова, М.О. Бобоходжаева // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2005. -№4 (8). -С. 60.
6. Кудусова Д. Проблемы миграции населения в Таджикистане / Д. Кудусова // Центральная Азия и Кавказ. -2004. - №3(33). -С.103-104.
7. Мамадбеков М. Миграционные процессы в Республике Таджикистан / М.Мамадбеков, А.А.Акбаров, П.Ш. Хакимов //Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2005. - №4 (8). -С. 44.
8. Миграционный вестник. -№ 25-25/ 2003 г.
9. Мамадбеков М. Миграционные процессы в Республике Таджикистан / М.Мамадбеков, А.А.Акбаров, П.Ш. Хакимов // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2005. - №4 (8). -С. 44.
10. Народная газета, 10 декабря 2003.
11. Зотова Н. Трудовая миграция из Таджикистана. По материалам ИАЦ МГУ 2006-08-15. Стр.1.
12. Народная газета.18 июня 2009 г.
13. Социальный статус работников из Таджикистана в строительной отрасли в Москве и Московской области. Международное бюро труда.Женева, февраль 2006, стр.24-25.
14. ТА ЦСИ при Президенте РТ. Отчет. Проблемы государственного регулирования социально-экономических процессов в Республике Таджикистан. 2009, с. 82.
15. ТА ЦСИ при Президенте РТ. Отчет о научно- исследовательской работе. Проблемы государственного урегулирования социально- экономических процессов в РТ. Душанбе, 2009, стр. 39.
16. Текущий архив Комитета по миграции при Правительстве РТ. Папка № 1126 от 12 августа 2011 г.
17. Текущий архив Комитета по миграции при Правительстве РТ. Папка № 1126 от 12 августа 2012 г.
18. Шамолов А.А. Таджикистан и глобальные миграционные процессы / А.А. Шамолов //Таджикистан и современный мир. –Душанбе.-№ 4 (8). –С.8.
19. Эмомали Рахмон. Политика мира и созидания. Выступления и речи. Душанбе: Ирфон, 2001. -С.9.


## МАРҲИЛАИ АВВАЛИ РАВАНДИ МУҲОҶИРАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола роҳу шаклҳо, мушкилоти бамиёномада, мушкилоте ки муҳоҷирони кории тоҷик аксаран дар сарзамини бегона бо он рӯ ба рӯ мешаванд, муайян карда шудаанд. Ҷанги бародаркушӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) боиси оқибатҳои вазнини иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ, талафоти зиёди инсонӣ гардид, ба иҷрои нақшаҳои Тоҷикистони соҳибихтиёр таъсири ҷиддӣ расонд. Аз ин рӯ, ба хориҷа рафтани мутахассисони русзабон ва олимони намоён, ки солҳои зиёд дар Тоҷикистон кору зиндагӣ карда буданд, оғоз ёфт ва ин раванд боиси таназзули шадиди иқтисодиёт, бад шудани ҳаёти ҷамъиятии оммаи меҳнаткашон гардид. Гумон меравад, ки тамоми муҳоҷирон бояд дар шароити хуби кору зиндагӣ, зиндагӣ кунанд ва аз рӯйи виҷдон кор кунанд ва муҳоҷирон ва

корфармоён қонунҳои Федератсияи Русия ва қонунҳои ҳуқуқи инсонро нақз накунанд. Илова бар ин, ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Федератсияи Русия ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ба хотири беҳбудии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба хориҷ рафтани аҳолии ҷумҳурӣ низ оғоз ёфт. Дар Тоҷикистон қабл аз ҷанги шаҳрвандӣ бо чунин муҳоҷирати густурдаи мардум ба кишварҳои дигар ба хотири шуғл рӯ ба рӯ нашуда буданд. Имрӯз масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари рушди иқтисодиёти Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро ҳалли он бо мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ зич алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, равандҳои муҳоҷиратӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ, иқтисодиет, ҷанги шаҳрвандӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ихроҷ шудан.

## НАЧАЛЬНЫЙ ЭТАП МИГРАЦИОННОГО ПРОЦЕССА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье определяются пути и формы, возникшие проблемы, трудности, с которыми часто сталкивались и сталкиваются таджикские трудовые мигранты на чужбине. Братоубийственная война в Таджикистане **(1992-1997гг.)** стала одной из самых крупных и кровопролитных на территории бывшего Союза ССР инцидентов, которая привела к тяжелым социально-экономическим, политическим и духовным последствиям, значительным человеческим жертвам, серьезно повлияла на ход осуществления внутренней и внешней политики суверенного Таджикистана. Поэтому начался отток русскоязычных специалистов и видных учёных, которые долгие годы жили и работали в Таджикистане, и этот процесс стал причиной резкого спада экономики, ухудшения социальной жизни трудящихся масс. Думается, чтобы все мигранты жили в хороших рабочих и бытовых условиях и работали добросовестно, необходимо чтобы не нарушались Законы РФ и Законы прав человека со стороны мигрантов и работодателей. Кроме того, отток населения республики на трудовую миграцию в регионы Российской Федерации и в другие бывшие советские республики начался также, с целью улучшения социально-экономической жизни. В Таджикистане до гражданской войны не встречались с таким масштабным переселением народа в другие страны с целью трудоустройства. На сегодняшний день вопрос трудовой миграции, наряду с развитием экономики Таджикистана, стал самым актуальным, так как его решение тесно связано с существующими социально-экономическими и политическими проблемами.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Российская Федерация, миграционные процессы, трудовые мигранты, экономика, гражданская война, межэтнические конфликты, денежные переводы трудовых мигрантов, депортация мигрантов.

## THE INITIAL STAGE OF THE MIGRATION PROCESS IN TAJIKISTAN

This article defines the ways and forms, the problems that have arisen, the difficulties that Tajik labor migrants have often faced and face in a foreign country. The civil war in Tajikistan (1992-1997), became one of the largest and bloodiest incidents on the territory of the former USSR, which led to severe socio-economic, political and spiritual consequences, significant human casualties, seriously affected the implementation of the domestic and foreign policy of sovereign Tajikistan. Therefore, the outflow of Russian-speaking specialists and notable scientists who have lived and worked in Tajikistan for many years began, and this process caused a sharp decline in the economy, a deterioration in the social life of the working masses. It seems that all migrants should live in good working and living conditions and work in good faith and that the Laws of the Russian Federation and the Laws of Human Rights on the part of migrants and employers should not be violated. In addition, the outflow of the population of the republic to labor migration in the regions of the Russian Federation and other former Soviet republics has also begun, in order to improve socio-economic life. In Tajikistan, before the civil war, we did not meet with such a large-scale resettlement of people to other countries for the purpose of employment. Today, the issue of labor migration, along with the development of the economy of Tajikistan, has become the most urgent, since its solution is closely linked to the existing socio-economic and political problems.

**Keywords**: Republic of Tajikistan; Russian Federation; migration processes; labor migrants; economy; civil war; interethnic conflicts; remittances of labor migrants; deportation of migrants.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Насимов Шахрозар Шерозиддинович*** **-** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, аспиранти кафедраи умумидонишгоҳии таърих**. Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.

**Сведения об авторе:** ***Насимов Шахрозар Шерозиддинович*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, аспирант кафедры отечественной истории. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 микрорайон, дом 1.

**Information about the author**: ***Nasimov Shakhrozar Sheroziddinovich*** - Russian-Tajik (Slavic) University, postgraduate student of the department of general history. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. M. Tursunzade, 30.

**УДК:930.22(08)**

# ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН – АВВАЛИН ИМПЕРИЯИ ҶАҲОНИИ АҲДИ ҚАДИМ

***Муҳаммадзода Б.М.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Таърихи империяи Ҳахоманишиён, ки дар тӯли бештар аз 200 сол вуҷуд дошт дар баробари таърихи ниёгони мо – мардуми ориёиасл, ҳамзамон таърихи кишвару халқҳои минтақаи васеъ аз Мисру Ҳабашистон дар Ғарб ва Шимолу Ғарби Ҳинд дар Шарқ маҳсуб меёбад. Дар аҳди Ҳахоманишиён ниҳодҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳамчунин арзишҳои фарҳангӣ ташаккул ва рушд намуданд, ки дар таърих ва тамаддуни ҷаҳон нақши муҳим бозиданд. Маҳз нақши муайянкунандаи низоми давлатдории Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим дар таърихи ҷаҳон боиси он гардида аст, ки доираҳои илмӣ ва муҳити фарҳангии халқҳои ҷаҳон аз аҳди қадим то давраи муосир ба таърих ва фарҳанги он таваҷҷуҳи хос зоҳир менамуданд.

Академик Б.Ғафуров қайд менамояд, ки дар замони Ҳахоманишиён дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат тағйироти муҳим – рушди муносибатҳои кишоварзӣ, боло рафтани аҳамияти меҳнати ғуломон ва вусъат ёфтани тиҷорат ба амал омад. Давлат бо мақсади ба вуҷуд овардани низоми ягонаи пулӣ ва риояи тартиби пардохти андозҳои давлатӣ, дар мадди аввал имкониятҳои иқтисодии воҳидҳои идорӣ-маъмуриро ба назар мегирифт ва барои танзими умури идораи давлат забон ва хатти расмӣ – забони оромиро ҷорӣ намуда буд. Гарчӣ «қонунгузории ягонаи умумидавлатӣ кор карда баромада, дар қаламрави тамоми салтанати Ҳахоманишиҳо ҷорӣ карда» шуда бошад ҳам, «дар айни замон қонунҳои пешинаи халқҳои гуногун қувваи худро нгоҳ медоштанд» [4, с.95].

Барои дарки пурраи миқёс ва ҳаҷми равандҳои дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиён ба амал омада, метавон ба таҳқиқотҳои муосир дар мавриди усулҳои баррасии таърихи империяҳои гузашта муроҷиат намоем. Олими рус Н.И. Грачев дар таҳлили ин масъала шаш нишонаи империяро ҷудо намуда аст, ки бар пояи онҳо империяҳо аз дигар шаклҳои давлатдорӣ фарқ менамоянд: *якум*, империя давлатест, ки бо дигар шаклҳои давлат умумият дошта, ҳамаи унсурҳо ва нишонаҳои онҳоро фаро мегирад (аз нигоҳи берунӣ ҳудуди худро дорад ва аз лиҳози дохилӣ – ҳокимият, дастгоҳи давлатӣ, низоми ҳуқуқӣ, хазина ва сохтори минтақавӣ); *дувум*, дар тафовут аз дигар давлатҳо, ки шакли мавҷудияти миллату халқҳои алоҳида мебошанд, империя ҳамчун шакли давлатӣ-ҳудудии тамаддунҳои муайян, падидаи томи таърихӣ ва намунаи хоси таърихӣ-фарҳангӣ зуҳур менамояд; *сеюм*; империя давлати миқёсан бузург мебошад, ки бузургии миқёси давлат (ҳудуди он) ҷузъи унсури идея ва амали ташкили империя буда, ғояи муқаддаси абарқудрати чаҳонӣ ҳамчун ҷанбаи асотирии он ифода меёбад; *чорум*; ҳудуди империя аз лиҳози вижагии этникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ гуногунтаркиб буда, ҷузъҳои сохтори он аз лиҳози сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва мақоми расмӣ дар зинаҳои мухталиф қарор доранд; *панҷум*, пойтахти империя, ки соҳибихтиёрии он дар ниҳодҳои сиёсии он таҷассум ёфта аст, мақоми хоси маъмурӣ дорад, ки татбиқи ҳокимият ва ташкили идоракунии империяро таъмин менамояд; *шашум*, империя маъмулан давлати идеократӣ (ҳатто теократӣ) мебошад, ки низоми ба худ хоси арзишҳо ва эътиқодотро дорад [3, с.21–24].

Аксари империяхои аҳди қадим, аз ҷумла империяи Ҳахоманишиён дорои ин нишонаҳо буда, аз ин лиҳоз, аз давлатдориҳо ва иттиҳоди қабилаҳои Шарқи Қадим тафовут доштанд. Масалан, агар дар давлатҳои Мисри Қадим, Модҳо ва Бобул низоми мураккаби давлатдорӣ вуҷуд дошта, ҳокимияти марказӣ бо сарварии ҳоким ба он такя мекард, пас дар шаҳр-давлатҳои юнонии Осиёи Хурд ниҳодҳои

демократии идораи давлат амал мекарданд, вале дар давлатҳои Бохтар ва Суғди қадим бошад ҳанӯз ҳам муносибатҳои патриархалӣ-авлодӣ ҳукмрон буданд. Умумиятҳо ва тафовутҳо бо дигар давлатдориҳои аҳди қадим ва вижагиҳои рушди таърихӣ, ба назари мо, дар ташкили давлат, сохтори дохилӣ, фаъолияти воҳидҳои маъмурӣ ва ба амал баровардани сиёсати берунаи империяи Ҳахоманишиён таъсири калон доштанд.

Зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи таърих ва фарҳанги ниёгони халқи тоҷикро таъкид намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад: «Баъзе олимону муаррихон аз чӣ бошад, умри давлатдории тоҷиконро аз давраи Сомониён оғоз намуда, чандин силсилаи муқаддами давлатдории ниёгони моро аз мадди назар дур меафкананд. Ин акида, ба назари ман, кобили дастгирӣ нест», зеро суннати давлатдории онҳо аз давраҳои хеле қадим дар «қаламрави Балху Бохтар, то аҳди Ҳахоманишиён устувору побарҷо будааст» [20, с.147]. Ин эроди сарвари давлати Тоҷикистон нисбат ба таърих ва фарҳанги империяи Ҳахоманишиён ба маврид аст.

Хушбахтона бояд таъкид намуд, ки берун аз Тоҷикистон ҳам таваҷҷуҳ ба таърих ва фарҳанги империяи Ҳахоманишиён калон буда, маълумоти зиёд ҳанӯз дар осори муаррихони Юнон ва Рими қадим мавҷуд буд. Дар ин мавзуъ дар осори Арриан, Геланник, Ҳеродот, Ктесий, Динон, Диодори Ситсилиягӣ, Троги Помпей, Николаи Димишқӣ, Ксенофонт ва дигарон маълумот пайдо мешавад, вале маълумоти Ҳеродот ва Ксенофонт бештару саҳеҳтар ва мукаммал мебошанд. Дар Рими аҳди қадим [16, с.199–208] ва асрҳои баъдӣ [23, с.313–342] таваҷҷуҳ ба давлати Ҳахоманишиён баланд буда, ҷанбаҳои мухталифи таъриху фарҳанги он дар адабиёт ва осори санъат инъикос меёбад [26, с. 266]. Ҳатто дар фарҳанги оммавии муосир образи шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ дар филмҳои ширкатҳои синамои вокеъ дар Ҳолливуди Амрико, ки ба ҷангҳои байни форсҳо ва юнониён бахшида шудаанд, равшан инъикос ёфта аст [28, с. 383–404].

Бори аввал номи қабилаҳои порс дар осори хаттии ошурии асри IX пеш аз милод зикр ёфта, баъдтар онҳо дар охири асри VIII пеш аз милод дар минтақаи Парсумаш давлати худро ташкил доданд. Ба ақидаи М.А. Дандамаев эҳтимол дар он замон порсҳо иттиҳоди қабилавӣ ташкил дода буданд, ки сулолаи Ҳахоманишиён пешвои он буда ба онҳо роҳбарӣ менамуданд [5, с.94].

Ташкили давлати пуриқтидор ва сипас империяи бузурги аҳди қадими қабилаҳои порс, ки онҳоро Ҳеродот “соҳибони Осиё” меномад [1, с.76], дар ибтидои қарни V натиҷаи лашкаркашиҳои васеи шоҳони нахустини Ҳахоманишиён – Куруши Кабир (ҳукмронӣ солҳои 558–530 пеш аз милод), Камбуҷӣ (ҳукмронӣ солҳои 530–522 пеш аз милод) ва Дорои I (ҳукмронӣ солҳои 522–486 пеш аз милод) буд. Ба ибораи Р.В. Кинжалов ва В.Г. Луконин бунёди давлати қадимаи порсҳо чунин буд, ки «таърихи он ношӣ аз набарду пирӯзӣ ва мағлубияту комёбиҳо буда, аз худ барои тамаддуни башар ёдгориҳои беназири фарҳангӣ, шабакаҳои бузурги обёрӣ ва «шоҳроҳҳо»-и машҳурро боқӣ гузошт» [12, с. 3–4].

Дар бораи вусъати империяи беканори Ҳахоманишиён Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навишта аст: «Куруши Кабир ба нахустин империяи мутамаддини ориёӣ бунёд гузоштааст, ки то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Империяи таъсисдодаи ӯ мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан - Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финиқия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам - Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда будааст»[20, с. 27].

Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ барқарор гардидани ҳокимияти Ҳахоманишиён бо сарварии Куруши Кабир дар Эрони Шарқӣ эҳтимол меравад пас

аз забти Бобул ба амал омада, Бохтар ва сарзамини сакоиҳоро тасхир намуда буд. М. А Дандамаев ин ақидаро зери шубҳа мегузорад [7, с.27], вале ҷойи баҳс нест, ки сарзаминҳои шарқӣ то салтанати Дорои I ба ҳайати ин давлати пуриқтидор шомил гардида буданд. Далели он маълумоти катибаи Беҳистун аст, ки мутобиқи он дар қатори мулкҳои фатҳгардида Марғиён, Бохтар ва Хоразм, сарзаминҳои дигари Осиёи Марказӣ, Гандҳара ва Саттагидия дар шарқи Ҳинд номбар гардидаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар давраи зиндагии Куруши Кабир ҳукмронии Ҳахоманишиён дар ҳудуди шимолу ғарби Ҳинд, ҷануби Ҳиндукӯш ва ҳавзаи дарёи Сир (юнонӣ –Ἰαξάρτης, Яксáртес) бо қурбонии кам таъмин гардида буд.

Дар бораи футуҳоти Ҳахоманишиён дар сарзаминҳои шарқӣ маълумот дода, Плиний дар бораи тахриб гардидани шаҳри Капиша аз тарафи лашкари Куруши Кабир хабар медиҳад [19, с.92]. Ин шаҳр ба андешаи олимон шимолтари Кобули имрӯза воқеъ буд [24, с.20]. Арриан дар бораи ҳамлаи Куруш «ба сарзамини индҳо» (эҳтимол Гандҳара дар назар бошад) ва талафоти бузурги лашкари Ҳахоманишиён маълумот медиҳад [1, с.3]. Муаррихи юнонӣ Диодор бошад дар бораи қабилаи ариаспҳои маскун дар марзҳои ҷанубии Дрангиана (Систони имрӯза) хабар дода, менависад, ки онҳо лашкари Куруши Кабирро бо озуқа таъмин намуда, аз пардохти андоз ба хазинаи давлати Ҳахоманишиён озод гардида буданд [ 9, с.1].

Ба давлати Ҳахоманишиён ҳамроҳ гардидаи сарзаминҳои дар гузашта ба ҳайати давлатҳои қаблӣ дохил буда, барои таҳкими пойгоҳи давлати муттамарказ ва ҳамзамон барои рушди ҳамаҷонибаи ин сарзаминҳо мусоидат намуд. Пайомади ташкили империя ва ҳукмронии Ҳахоманишиён рушди беназири равандҳои наздикшавӣ ва муттаҳид гардидани фарҳанг ва боварҳои мазҳабии қавму қабила ва халқҳои мухталиф буд. Ба ин вусъат гирифтани робита байни минтақаҳои гуногун мусоидат намуданд, ки дар давлатдориҳои қаблӣ ва замонҳои гузашта собиқа надоштанд. Ташкили пойгоҳҳои низомӣ ва ба мансабҳои давлатӣ дар минтақаҳо таъйин намудани намояндагони қавмҳои дигар, сафарбар ва истифода намудани косибони ҳама гӯшаву канори кишвар дар корҳои сотмонӣ ва коргоҳҳои давлатӣ ба ташаккули фазои ягонаи иҷтимоӣ-сиёсӣ мусоидат намуд. Дар натиҷа дар аксари шаҳру маҳалҳо аҳолӣ омехта гардида, якҷоя бо форсҳо оромиҳо, иломиҳо, бобулиён, лидиягиҳо, юнониҳо, мисриён, аъроб, яҳудиҳо, ҳиндувон, сакоиҳо ва ақвоми бешумори дигар сукунат доштанд [5, с.101].

Дар ташкили идораи давлат Ҳахоманишиён нисбат ба ҳокимони Мод, Миср, Ошур ва Бобул дастовардҳои бештар дошта, пас аз истилои ин сарзаминҳо ҳукмронии худро дар шакли иттиҳод бо мардуми бумӣ амалӣ намуда, мутобиқ ба расму ойин ва анъанаҳою арзишҳои мазҳабии онҳо маросими тоҷгузориро барпо ва аз солшумориҳо ва усулҳои идораи давлатии онҳо истифода менамуданд. Ҳахоманишиён сайъ доштанд «дар сарзаминҳои ишғол намуда барои рушди кишоварзӣ, косибӣ ва тиҷорат шароити мусоид фароҳам биёранд. Куруши Кабир ва Камбуҷӣ бошад низоми идории сарзаминҳоро ҳифз намуда, аз лиҳози идорӣ минтақаҳо ва халқҳои истилогардида худмухтор буданд» [10, с.627].

Таҳқиқоти муосир собит намудаанд, ки дар асрҳои VIII–VI пеш аз милод дар минтақаи васеъ байни Юнон ва Чини Қадим, аз Ҳинд дар шарқ ва соҳилҳои Баҳри Сиёҳ дар ғарб мардуми порсзабон сукунат намуда, решаҳои муштараки ориёӣ дошта робитаҳои фарҳангӣ ва қавмии худро устувор ҳифз намуда буданд. В.М. Мешков ба хулоса омада аст, ки бинобар ҳамин омил – нақши муттаҳидкунандаи порсҳо дар ҳаёти сиёсӣ-низомии империяи Ҳахоманишиён, «фарҳанг, расму одат ва арзишҳои динии онҳо бистари маънавии империяро ташкил дода, ба қавму халқиятҳои истилошуда маҷбурӣ таҳмил намешуданд» [17, с.111]. Ба ақидаи муҳақиқи мазкур империяи порсҳо дар қиёс бо давлатҳои дигари он давра аз лиҳози иқтисодӣ,

иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ давлати рушдёфта, сарватманд ва пешрафта маҳсуб меёфт.

Ба андешаи олими рус М.Н. Крюк ғояи ҳукмронии ҷаҳон дар Шарқи қадим яке аз ғояҳои васеъ паҳнгардида буд. Шуури ҷамъиятӣ аз тарафи ашхоси беназир (ба истилоҳи имрӯза харизматикӣ) ташаккул меёфт, ки масири рушди онро муайян менамуданд ва танҳо шоҳ метавонист чунин хислатро доро бошад. Дар сарчашмаҳои то имрӯз расида, хислатҳои нотакорор, хирад, фаъолияти ҳадафмандона, эътибору обрӯйи бемисл дар байни омма ва ғ. таъкид гардида аст. Мардуми одӣ, одатан ба шоҳи худ ба мисли худоён саҷда намуда, ҳеҷ кас ҷуръати мухолифат карданро надошт, зеро шуури ҷмъиятии мардуми Шарқ тахти таъсири ғояи сифоти илоҳӣ доштани шоҳ ташаккул ёфта буд. Маҳз барои ҳамин ҳокимони кишварҳои аҳди қадими Шарқ мақсади ҳукмрони ҷаҳон гаштанро дошта, аксари ҳокимони кишварҳо барои «барпо намудани империяҳои ҷаҳонӣ талош менамуданд» [14, с. 8].

Империяи Ҳахоманишҳо давлати муттамарказ буда аз воҳидҳои маъмурӣ-низомӣ – хшаҳра (аз порсии қадим – *xšaθra*, юнонӣ – сатрап)-ҳо иборат буд ва ҳокими онро xšaθrapāvan – «нигаҳбони давлат» меномиданд [6, с.112]. Сатрапҳо салоҳият ва уҳдадориҳо мухталиф дошта, дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлат вазифаҳои онҳо таҳаввул меёфтанд. Масалан, дар аҳди Дорои I онҳо барои ҷамъоварии андозу пардохтҳои давлатӣ, танзими умури судӣ, таъмини фаъолияти дастгоҳи идораи давлат дар минтақаи муайян ва сикка задани пул масъул буданд [6, с.123]. Ксенофонт менависад, ки дар минтақаҳо роҳбарии лашкар ба уҳдаи фармондеҳони хос буд ва онҳо тахти итоати сатрапҳо набуданд [13, с.394–395].

М.А. Дандамаев таъкид менамояд, ки ба уҳдаи як идда сатрапҳо вогузор намудани вазифаҳои низомӣ аз таъсири омилҳои гуногун, ба хусус мавзеъ ва нақши низомии он иборат буд [6, с.113]. Масалан, сатрапи Лидия – Атрафен, писари Гистасп, ки бародарзодаи Дорои I буд, дар ихтиёри худ лашкари калон дошта, дар ҳалли масоили идораи маҳал салоҳияти калон дошт ва ҳатто сафоратҳои шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурдро мепазируфт [21, с.56].

Шӯриши солҳои 522–521 пеш аз милод заъфи низоми давлатдории Ҳахоманишиёнро зоҳир намуд ва Дорои I соли 518 пеш аз милод барои рафъи он бо мақсади аз байн бурдани майли марказгурезӣ ва чудоихоҳӣ низоми идораи сатрапҳоро навсозӣ намуд, ки он то охири мавҷудияти давлат кариб тағйир наёфт. Мансаби сатрап мутобиқи маълумоти Ҳеродот бори аврал дар замони ҳукмронии Дорои I ташкил дода шуда буд, вале эҳтимол меравад ҳанӯз дар давлати Модҳо ва бешубҳа аз оғози ҳукмронии Ҳахоманишиён вуҷуд дошта аст. Мутобиқи ислоҳоти Дорои I сатрапҳо аз ваколатҳои низомӣ маҳрум гардида, умури низомӣ ба уҳдаи низомиёни хоси тобеи бевоситаи шоҳаншоҳ вогузор гардид.

Чунин вазъият шоҳро водор менамуд бо нухбагони сиёсӣ, ки намояндагони ашрофони иттиҳодияҳои қавмӣ буданд, созиш намояд. Бояд зикр намуд, ки дар аҳди ҳукмронии Дорои I тартиби меросгузории тоҷу тахт ҳанӯз муайян нашуда буд ва ин ҳолат аз маҳдуд будани ҳокимияти шоҳ бинобар омилҳои мухталиф далолат дошт ва ба ақидаи В.П. Орлов ҳамзамон «аз нигоҳ доштани имтиёзи зиёди ашрофони маҳаллӣ шаҳодат медод» [18, с.784].

Сатрапияҳо аз вилоятҳои хурдтар иборат буданд, ки ҳокимони онҳоро низ сатрап меномиданд. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки сарчашмаҳои мазҳабии яҳудиён дар бораи 120–127 сатрапияҳо аз Ҳинд то Ҳабашистон маълумот медиҳанд, Ҳеродот бошад дар бораи 20 сатрапияҳо ва қариб 70 қавму халқҳо ва катибаи Беҳистун дар бораи 23 «мамлакат» хабар медиҳанд [8, с.59].

Ба назари мо тафовути теъдоди сатрапияҳо дар сарчашмаҳои гуногун аз васеъ гардидани ҳудуди кишвар дар натиҷаи лашкаркашиҳо ва ё гузаронидани ислоҳоти низоми идорӣ вобаста буд, ки дар натиҷаи онҳо ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ ва мақом ва шумораи онҳо зуд-зуд тағйир меёфт. Илова бар ин дар як қатор минтақаҳо

воҳидҳои маъмурии қаблӣ, масалан дар Миср воҳидҳои маъмурӣ-идоравии анъанавӣ – номҳо боқӣ монда буданд.

Назорат ва роҳбарии дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои маъмури он ба уҳдаи ҳазорапат (порсни қадим – hazarapatiš – «сардори дастаи ҳазорнафарӣ») буда, ӯ ҳамзамон сардори сипоҳи муҳофизони шоҳ ва раиси дафтари марказии шоҳ маҳсуб меёфт [8, с.70–71].

Метавон ба хулоса омад, ки ҳокимияти марказӣ бо сарварии шоҳ бо мақсади пешгирии амалҳои марказгурезонаи ашрофон ва ҳокимони маҳаллӣ сиёсати мустаҳкам намудани мавқеи худро амалӣ менамуданд, вале аз сабаби вуҷуд надоштани тартиб ва муқаррароти расмии таҷзияи салоҳиятҳои идораи давлат ба ихтилофу зиддият дучор мегардиданд. Дар чунин вазъият дар ихтиёри сатрапҳо боқӣ мондани масъулияти низомӣ ва теъдоди зиёди лашкар барои муттамарказ гардонидани давлат ва таъмини амният хатар дошт.

Империяи Ҳахоманишиён дар тамоми давраи мавҷудият нисбат ба анъанаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои мазҳабии мардум ва сарзаминҳои истилонамуда сиёсати таҳаммулпазирона ба амал мебаровард. Дар «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров омада аст: «Ҳахоманишиҳо бар хилофи дигар подшоҳони пешзамони Шарқи қадим нисбат ба оину мазҳабҳои соири халқҳо хеле ботаҳаммул муносибат карда, ҳатто маъбаду калисоҳои кишварҳои мухталифро дубора барқарор намуданд» [4, с.95]. Чунин муносибат барои таъмини сулҳу осоиш дар қаламрави кишвар, рушди устувори тиҷорати дохилӣ ва ҷаҳонӣ ва робитаҳои фарҳангӣ байни мардумони кишварҳои мухталиф шароити мусоид фароҳам овард. Ниҳодҳои дар ин давра ташаккулёфта натанҳо муҷиби рушди босуботи империя, балки дар тӯли ҳазорсолаҳо боқӣ монда, намунаи ибрат ва истифода дар давлатдориҳои баъдӣ гардиданд[5, с. 102].

Империяи Ҳахоманишиён намунаи равшани танаввӯи қавмӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ буд. Ба ақидаи сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Ҳахоманишиён «на танҳо як давлати муқтадиру мутамаркази муштарак, балки тақдири муштарак, таъриху фарҳанги муштарак, забону хатти муштарак ва расму оини муштаракро бунёд гузоштанд, ки аз сарчашмаи тамаддуни ориёӣ об мехӯрд» [20, с.27].

Бояд таъкид намуд, ки новобаста аз сайъ ва кушиши шоҳони Ҳахоманишӣ барои ҷорӣ намудани парастиши Аҳуромаздо дар байни мардуми минтақаҳои истилогардида, ба вуҷуд овардани дини ягонаи давлатӣ ғайриимкон буд. Ҳамзамон парастиши худоёни анъанавии бобулӣ ва суриёнӣ роиҷ буда, дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён ташаккули ғояҳои эътиқодии дини яҳудиён анҷом ёфт. Танаввӯи иқтисодӣ, қавмӣ ва фарҳангӣ шоҳони ҳахоманиширо маҷбур месохт ба таблиғи таҳаммулпазирии мазҳабӣ пардозанд ва танҳо бо ин роҳ давлат метавонист мардум ва кишварҳои истилогардидаро дар тахти назорат ва ҳокимияти худ нигоҳ дорад. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки санъати расмӣ ва ташрифотии Ҳахоманишиён дар худ анъана ва расму ойинҳои сарзаминҳои истилогардида – Ошур, Бобул, Урарту, Модҳо ва ғайраро таҷассум менамуд.

Аҳаммияи ҷаҳонии ташкили давлати бузург аз он иборат буд, ки империяи порсҳо ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози фарҳангӣ-тамаддунӣ васлгари фарҳангу тамаддунҳои Ғарбу Шарқ ба шумор мерафт. Аз аҳди Ҳахоманишиён ба баъд фарҳанги порсҳо манбаъ ва сарчашмаи таҳаввулоти маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор рафта, ҳанӯз аз замонҳои қадим аз мавқеи васлкунанда ва омезиши фарҳанги кишвару мардумони дигарро зуҳур намуда буд. Дар қиёс бо фарҳанги порсӣ фарҳанги Юнон, Ҳинд ва Чини қадим аз якдигар дур буда, ба ҳамдигар бевосита таъсири мутақобила расонида наметавонистанд. Давраи мавчудияти империяи Ҳахоманишиён, ба ақидаи Б. Ғафуров «ба тараққиёти тамаддуни Шарқ ва таҳкими робитаҳои мутақобилаи иқтисодию мадании бисёр халқҳо мусоидат намуд» [4, с.100] ва марҳилаи муҳимми рушди таърихии кишварҳо ва халқҳои ҳамсоя ба шумор

мерафт. Аз лиҳози муҳити ҷуғрофиёӣ фарҳанги порсҳо дар маркази ин сарзаминҳои бузург ҷойгир буда, ба ақидаи В.М. Мешков «равандҳои маънавии ин фарҳангҳоро ба ҳам васл менамуд ва дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ нақши калидӣ дошта аст» [17, с.112 ].

Дар ҳайати давлати воҳид – империяи Ҳахоманишиён муттаҳид гардидани қавму халқҳои мухталиф, ки дар зинаҳои гуногун рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарор доштанд, дар вусъат ёфтани робитаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, рушди ниҳодҳои сиёсӣ ва табодули арзишҳои фарҳангӣ дар дохили давлат ва дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири калон расонд. Бо такя ба дастовардҳои илми ҷомеашиносии муосир метавон ба хулоса омад, ки дар империяи Ҳахоманишиён ғояи муттаҳидкунанда ғояи «омезиш»-и иттиҳоди бузурги бисёрфарҳангӣ дар як воҳиди ягонаи сиёсӣ буд. Бори аввал дар таърихи башарият воқеияти бисёрфарҳангӣ, фазои бузурги низомӣ-сиёсӣ бо руҳияи давлати абарқудрат – империя ба вуҷуд омада, барои майлҳои марказталаб ва равандҳои муттаҳидшавӣ муҳити мусоид фароҳам оварда шуд.

**Муқарриз: Алимов Д. – д.и.т., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Геродот. История. – М.: Ладомир, 1993.
2. Грачев Н. И. Империя как форма государства: понятия и признаки / Н.И. Грачев // Вестник Волгоградского государственного университета. Сер. 5. Юриспруденция – 2012. – №2 (17) – СС. 18–28.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
4. Дандамаев М. А. Ахеменидское государство и его значение в истории Древнего Востока / М.А. Дандамаев // История иранского государства и культуры. – М.: Наука, 1971. –СС. – 94–105.
5. Дандамаев М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика древнего Ирана / М.А. Дандамаев, В.Г. Луконин – М.: Наука, 1980. – 419 с.
6. Дандамаев М. А. Политическая история Ахеменидской державы / М. А. Дандамаев – М.: Наука, 1985. – 319 с. с илл.
7. Дандамаев М.А. Ахеменидская империя: социально-административное устройство и культурные достижения / М. А. Дандамаев – РАН. Ин-т вост. рукописей. – СПб.: Петерб. лингв. о-во, 2013. – 391 с.
8. История Древнего Востока: От ранних государственных образований до древних империй / Под ред. А. В. Седова. М., 2004. – 627 с.
9. История иранского государства и культуры. – М.: Наука, 1971. 347 с.
10. Кинжалов Р.В., Луконин В.Г. Памятники культуры Сасанидского Ирана / Р.В.Кинжалов, В.Г.Луконин – Л.: Изд-во Гос. Эрмитажа. 1960. 48 с.
11. Ксенофонт. Киропедия. – М.: Наука, 1976. – 293 с.
12. Крюк М.Н. Идея мирового господства в общественном сознании стран Древнего Востока / М.Н. Крюк // Культура. Духовность. Общество – 2014. – С.51–58 / https://cyberleninka.ru/article/n/ideya-mirovogo-gospodstva-v-obschestvennom-soznanii-stran-drevnego-vostoka.
13. Луконин В. Г. Искусство древнего Ирана (основные этапы) / В. Г. Луконин //История иранского государства и культуры. – М.: Наука, 1971. – СС.105-122.
14. Махлаюк А. В. Ахеменидская Персия в римской литературе: образ «иного» и специфика исторической памяти / А. В. Махлаюк // Вестник Нижегородского государственного университета им. Н.И.Лобачевского. – 2012.– №3 (1). СС. 199–208.
15. Мешков В. М. Персидская культура в пространственной структуре осевого времени / В. М. Мешков //Вестник Днепропетровского университета. Серия политология. – 2008 – №3. – С.105–110.
16. Орлов В.П. Шесть знатных персов и их потомки при Дарии I: положение персидской аристократии в Ахеменидской империи / В.П. Орлов // Ученые записки Казанского университета. Серия гуманитарные науки. – 2016 – Т. 158, кн. 3. – СС. 776–784.
17. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) – Душанбе: Ирфон, 2006 – 228 с.
18. Рунг Э.В. Греция и Ахеменидская держава: История дипломатических отношений / Э.В. Рунг– СПб.: Нестор-История – 2008. – 484 с.
19. Хрестоматия по истории Древнего Востока: уч. пособ.: в 2-х ч. Ч. 2 / Под ред. М.А. Коростовцева, И.С. Кацнельсона, В.И. Кузищина. – М.: Высшая школа – 1980 – 328 с.
20. Allen L. Chilminar olim Persepolis: European Reception of a Persian Ruin // Persian Responses: Political and Cultural Interaction with (in) the Persian Empire / C.J. Tuplin (ed.). 2007.
21. Bivar A.D.H. The Achaemenids and the Macedonians: stability and turbulence. – Central Asia (ed. G. Hambly). L., 1969, PP. 15–26.

22. Harrison T. 2008: Respectable to Its Ruins: Achaemenid Persia, Ancient and Modern // A Companion to Classical Receptions / L. Hardwick & C. Stray (eds.). Oxford, 50–61. 2008, 50–61; 2011.
23. Grogan J. The Persian Empire in English Renaissance Writing, 1549-1622. 266 pages.
24. Stoneman R. Xerxes. A Persian Life. New Haven– London. 2015. PP. 219–222.
25. Levene D. S. Xerxes Goes to Hollywood // Cultural Responses to the Persian Wars: Antiquity to the Third Millennium / E. Bridges, E. Hall & P.J. Rhodes (eds.). Oxford: 2007. PP. 383–404.
26. Cartledge P., Greenland F.R. (eds.) Responses to Oliver Stone's Alexander: Film, History and Cultural Studies. Madison: 2010. 368 pp.

## ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН – АВВАЛИН ИМПЕРИЯИ ҶАҲОНИИ АҲДИ ҚАДИМ

Бузургтарин дастоварди қабилаҳои ориёии ба Эрони Ғарбӣ муҳоҷиргашта ташкили аввалин шоҳаншоҳии қабилаҳои модҳо – давлати Модҳо дар асри VIII пеш аз милод буд, вале Эрони аҳди қадим дар давраи ташкилёбӣ ва болоравии дувумин давлати абарқудрати порсҳо – империяи Ҳахоманишиён, ба хусус дар замони ҳукмронии Куруши Кабир (солҳои 550–530 пеш аз милод), Камбуҷӣ (ҳукмронӣ солҳои 530–522 пеш аз милод) ва Дорои I (ҳукмронӣ солҳои 522–486 пеш аз милод) ба марҳилаи баланди рушди иқтимоӣ-иқтисодӣ, низомӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ расида буд. Империяи таъсисдодаи Ҳахоманишиён сарзаминҳои васеъро дар ҳудуди се қитъа – Осиё, Африқо ва Аврупо муттаҳид намуда буд. Шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ бо сиёсати оқилонаи давлатдорӣ дар қаламрави кишвар сулҳу субот, рушди бонизоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин намуданд. Империяи Ҳахоманишӣ аввалин давлати абарқудрати аҳди қадим буд, ки бо сиёсати таҳаммулпазиронаи худ ба анъана, расму оин ва эътиқоди мазҳабии мардуми тобеъ эҳтиром мегузошт ва барои рушду ривоҷи робитаҳои фарҳангӣ байни халқҳои мухталиф мусоидат намуда, васлгари тамаддунҳои Ғарбу Шарқ гашт. Сохтору ниҳодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии империяи Ҳахоманишиён дар давраҳои минбаъдаи таърихӣ дар давлатҳои Бохтарии Юнон, Ашкониён, Сосониён ва ғайра аз нав эҳё гардиданд.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷирати қабилаҳои ориёӣ, порсҳо, Ҳахоманишиён, Шарқи Қадим, Куруши Кабир, ташкилёбии давлат, аввалин империя, умумият ва тафовутҳо, сохтори идорӣ-давлатӣ, таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ.

## АХЕМЕНИДСКАЯ ИМПЕРИЯ – ПЕРВАЯ МИРОВАЯ ИМПЕРИЯ ДРЕВНОСТИ

Крупнейшим достижением арийских племен, мигрировавших на Западный Иран было образование первого государства мидийских племен – Мидии в VIII веке до нашей эры, но Древный Иран достиг высокого уровня социально-экономического, военно-политического и культурного развития в период образования и расцвета второго крупного государства, образованного племенами персов – Ахеменидской империи, особенно в период правления Кира Великого (550–530 гг. до нашей эры), Камбуджи (530–522 гг. до нашей эры) и Дария I (522–486 гг. до нашей эры). Созданная Ахеменидами империя включала в своем составе обширные области в трех континентах – Азии, Африке и Европе. Ахеменидские шахи своей дальновидной и мудрой государственной политикой обеспечили в государстве мир и согласие, устойчивое социально-экономическое и культурное развитие. Империя Ахеменидов была первой империей древности, которая своей толерантной политикой уважительно относилась к традициям, обычаям и религиозным убеждениям подчиненных народов и таким образом способствовала развитию и расширению культурных связей между различными народами и соединительным мостом между цивилизациями Запада и Востока. Социально-экономические, политические и культурные структуры и институты империи Ахеменидов вновь были возрождены в последующие исторические периоды в Греко-Бактрийском, Ашканидов, Сасанидов и в других государствах.

**Ключевые слова:** миграция арийских племен, персы, Ахемениды, Древний Восток, Кир Великий, образование государства, первая империя, общность и различие, административно-государственное устройство, мировая история и цивилизация.

## AKHEMENID EMPIRE - THE FIRST WORLD EMPIRE OF ANCIENT

The largest achievement of the Aryan tribes who migrated to Western Iran was the formation of the first state of the Median tribes - Media in the VIII century BC, but Ancient Iran reached a high level of socio-economic, military-political and cultural development during the formation and heyday of the second large state, formed Persian tribes - the Achaemenid Empire, especially during the reign of Cyrus the Great (550-530 BC), Kambuja (530-522 BC) and Darius I (522-486 BC). The empire created by the Achaemenids included vast areas in three continents - Asia, Africa and Europe. The Achaemenid shahs, with their far-sighted and wise state policy, ensured peace and harmony in the state, sustainable socio-economic and cultural development. The Achaemenid Empire was the first empire of antiquity, which, with its tolerant policy, respected the traditions, customs and religious beliefs of subject peoples and thus contributed to the development and expansion of cultural ties between different peoples and a connecting bridge between the civilizations of the West and the East. The socio-economic, political and cultural structures and institutions of the Achaemenid Empire were again revived in subsequent historical periods in the Greco-Bactrian, Ashkanid, Sassanid and other states.

**Key words**: migration of Aryan tribes, Persians, Achaemenids, Ancient East, Cyrus the Great, formation of the state, first empire, community and difference, administrative-state structure, world history and civilization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад –Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, устоди кафедраи таърихи халқи тоҷик. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 65. E-mail: bobojon_94@mail.ru Телефон: (+992)-88888-47-73

**Сведения об авторе:** Мухаммадзода Бободжон Мухаммад – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры истории таджикского народа. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 65. E-mail: bobojon_94@mail.ru Телефон: (+992)-88888-47-73

**Information about the author:** Muhammadzoda Bobojon Muhammad – Bokhtar state University, Teacher of the Department of history of tajik nation. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar sity, Ayni street, 65. E-mail: bobojon_94@mail.ru Phone: (+992)-88888-47-73

УДК:930.1(581+575.3)

# ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ АФҒОНҲО ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ТОҶИК

*Қодиров Д.С.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар таърихнигории тоҷик ташаккули давлати афғонҳо инъикоси холисонаи худро ёфтааст. Муҳаққиқони афғонистоншиноси тоҷик чи дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва дар давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба ин мавзуъ бо як маҳорати баланди таърихнигории илмӣ баҳои воқеӣ додаанд. Аз пажуҳишгороне, ки дар мавзуи ташаккули давлати афғонҳо корҳои зиёди илмӣ, аз ҷумла китобу мақолаҳо таълиф кардааст, метавон аз доктори илмҳои таърих, шодравон Ҳ.Назаров ёд намуд. Устод Ҳ.Назаров яке аз бунёдгузорони асили мактаби афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ ва соҳибистиқлоли тоҷик маҳсуб меёбад. Нахустин таҳқиқот оид ба мавзуи ташаккули давлати афғонҳо аз ҷониби афғонистоншинос Ҳ.Назаров ҳанӯз солҳои 60-уми қарни XX анҷом шудааст. Мавсуф дар асари «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани аморати Бухоро» [13] вобаста ба ин масъала чунин мулоҳиза баён менамояд: «Ҳангоме ки дар Бухоро ва Афғонистон “нифоқи миллӣ”ва марази феодалӣ аз барои тахту тоҷ ниҳоят тезутунд шуда, оташи ҷангҳои маҳаллӣ забона мезад, дар Эрон Нодиршоҳи Афшор сар бароварда, майдарезаҳои давлати бузурги Сафавиро аз нав муттаҳид намуда, ва бо номи худ империяи азиме барпо сохт» [13, с.13]. Дар идома Ҳ.Назаров дар монографияи худ дар хусуси шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор чунин андешаҳо баён медорад: «Нодиршоҳ аз лашкаркашиҳои зафаровари худ дар Афғонистон, Ҳиндустон ва Осиёи Миёна бо фатҳу фирӯзӣ вориди Хуросон мешавад, ки дар он ҷо ҳама мансабдорон ва сардорони номӣ аз гирду атроф ба истиқболи ӯ мешитобанд. Дар қатори дигар ашрофу аъёни давр Аҳмадшоҳи Дурронӣ низ ҳозир буд» [13, с.16]. Ба ҳамин тартиб, ба қавли устод Ҳ.Назаров, баъд аз ҳалокати шоҳи Сафавиён Нодиршоҳ, давлати бузурги ӯ ба қисматҳо тақсим мегардад ва аз ин фурсат сардорон ва сарлашкарони ӯ барои тақсим ва пароканда намудани молу мулки ӯ кӯшиш менамуданд. Дар ҳамин давра яке аз сарлашкарони номии шоҳи ба ҳалокат расида Нодиршоҳ, Аҳмадшоҳи Дурронӣ кӯшиш намуд, ки тамоми қабилаҳои афғонро муттаҳид созад, ки ба мақсади худ ноил гардид. Ҳамин тавр, моҳи октябри соли 1747 ӯ шоҳи Афғонистон интихоб шуд.

Устод Ҳ.Назаров дар солҳои 60-уми қарни XX дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо як зумра асарҳои ҷолиби дигар, аз қабили «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон» (1968) ва «Аз таърихи ҷунбишҳои оммавии мардуми Афғонистон дар ибтидои қарни XX» (1969) таълиф намуд. Ҳарчанд дар ин асарҳо оид ба сабабҳои ба вуқӯъ омадани ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX Афғонистон маълумот дода шудааст, аммо тағйироти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар давлатдории афғонҳо низ дар онҳо оварда шудааст [14, с.18].

Аз ҷумла, устод Ҳ.Назаров дар бораи низоми идоракунии амири афғонҳо Абдураҳмонхон чунин мулоҳизаҳо баён менамояд: «Аз ҳолати бамиёномадаи ин давра (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX-Д.Қ.) истифода намуда, бо мадади неруҳои миллии мамлакат Абдураҳмонхон амири Афғонистон интихоб мешавад. Дар давраи идоракунии ӯ муттаҳидшавии се марказ –Кобул, Қандаҳор ва Ҳирот дар давлати ягонаи миллӣ анҷом мепазирад, ки қаблан мустақилияти худро нигоҳ медоштанд ва ҳатто доимо дар байни худ хусумат ва душманӣ доштанд» [18, с.4]. Дар асари дигари худ Ҳ.Назаров дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо чунин фикрҳо пешкаши хонанда менамояд: «Ибтидои қарни XX тағйироти хеле муҳим дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятии Афғонистон тавсиф карда мешавад. Раванди

таҳкимбахшии минбаъдаи рушди давлати мутамаркази шакли феодалию мутлақият пурзӯр мегардад, ки шароитро барои болоравӣ ва рушди муносибатҳои молию пулӣ фароҳам сохта, имкониятро ба гузариши тадриҷӣ бо роҳи дигаргунсозиҳои капиталистӣ омода менамуд» [14, с.5].

Дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо донишманди дигари тоҷик Д.С.Саидмуродов таҳқиқоти бунёдӣ анҷом дода, дар ин замина андешаҳои созгоре перомуни ин масъала дар асару мақолаҳои худ баён доштааст [22, с. 23]. Ба қавли таърихнигор Д.С.Саидмуродов, дар рисолааш «Таърихи Аҳмадшоҳӣ», ки онро Маҳмуд-ал-Ҳусайнӣ таълиф намудааст, ин асар аз рӯйи маводи воқеӣ, асл ва пурра дар он ҷойдошта, диққати мустаршиқонро ҳанӯз дар охири асри XIX ба худ ҷалб сохта буд, ҳангоме ки олими немис О.Манн баъзе аз қисматҳои ин солномаро ба забони немисӣ тарҷума ва нашр кард. Бо таассуф баъдан омӯзиши ин маъхаз хотима меёбад. Танҳо дар соли 1958 дар мақолаи Н.Д.Миклухо-Маклай «Баъзе дастхатҳои таърихии форсӣ-тоҷикӣ" таснифи мухтасари рӯйхати ин солнома дода шудааст» [23, с.2]. Муҳаққиқи тоҷик Д.С.Саидмуродов дар мақолаи худ таҳти унвони «Таърихи Аҳмадшоҳӣ ва аҳамияти он» [24] чунин менависад: «Олимоне, ки аз асари Маҳмуд ал-Ҳусайнӣ истифода кардаанд ва ё дар бораи он чизе навиштаанд, оид ба номи асар фикрҳои гуногун баён мекунанд. Масалан, Н.Д.Миклухо-Маклай чунин менависад: «... ин дастхат ба худ номи хосе надошта, вале одатан ба номи «Таърихи Аҳмадшоҳӣ» ёдоварӣ карда мешавад. Рё, Оскар Манн, Сторей ва Ганда Сингх низ тасдиқ мекунанд, ки асари Маҳмуд ал-Ҳусайнӣ "Таърихи Аҳмадшоҳӣ" ном дорад» [24, с.84]. Ба ҳамин тартиб, Д.С.Саидмуродов дар чаҳор боби рисолаи худ ба масъалаи муқаддимаи таърихнигорӣ, тавсифи палеографии солномаи Маҳмуд-ал-Ҳусайнӣ ва таснифи он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, таснифи баъзе масоили асосии таърихи дохилии сиёсии Афғонистон дар нимаи дуюми асри XVIII ва таърихи Аҳмадшоҳӣ ва аҳамияти он барои таърихи Эрон ва Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XVIII маълумот додааст. Дар байни бобҳои рисолаи Д.С.Саидумуродов боби се - «Таснифи баъзе масоили асосии таърихи дохилии сиёсии Афғонистон дар нимаи дуюми асри XVIII» ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Маҳз дар ҳамин боб донишманди тоҷик Д.С.Саидумуродов дар шаш фасли он доир ба сардори давлат– шоҳ ва вазир; қабилаҳои афғон ва муносибати қабилаи хонҳо бо ҳокимияти марказӣ; молиёт ва дигар сарчашмаҳои даромади хазинадории афғонҳо дар давраи Аҳмадшоҳи Дурронӣ шаҳрдорӣ ва савдо; шӯришҳои ҳокимони маҳаллӣ дар Эрони Шарқӣ, Туркистони Ҷанубӣ ва Балуҷистон ба муқобили Аҳмадшоҳи Дурронӣ; ва қиёмҳои мардумӣ ба муқобили зулми феодалони афғон маълумоти муфассал овардааст [23, с.9]. Асари Маҳмуд ал-Ҳусайнӣ "Таърихи Аҳмадшоҳӣ" ба забони равони форсӣ навишта шуда, дар он калимаю иборaҳои душворфаҳм хеле кам вомехӯранд ва ин асар тавре афғонистоншиноси тоҷик Д.С.Саидмуродов баён менамояд, барои дарки воқеаҳои таърихи нимаи дуюми асри XVIII Афғонистон барои тамоми муаррихон маълумоти ҷолиби диққат пешкаш менамояд.

Солҳои 70-уми асри гузашта аз ҷониби афғонистоншиносони тоҷик як қатор асару мақолаҳои мубрам дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо аз чоп баромад. Дар ин замина аз таҳқиқоти Қ.Асадуллоев, Ҳ.Назаров, Т.Муҳиддинов таҳти унвони «Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна»[1] метавон ёд намуд. Онҳо дар китоби худ перомуни таърихи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ду мамлакати Шарқ Эрон ва Афғонистон андешаҳои илмӣ манзур намудаанд. Қисмати таърихи Афғонистон дар ин китоб ба қалами Ҳ.Назаров ва Т.Муҳиддинов тааллуқ дорад. Муаллифони зикргардида дар хусуси таърихи Афғонистон дар марҳилаи аввали ташаккулёбии он чунин ибрози андеша менамоянд: «Истилоҳи «Афғонистон» дар маъхаз ва сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз аз асрҳои VI-VII дучор ояд ҳам, лекин аз асрҳои XIII-XIV инҷониб ба маънои мафҳуми ҷуғрофӣ бештар мавриди истифода қарор мегирад ва манзили ҳамон қабилаҳоеро мефаҳмонд, ки дар доманаи кӯҳҳои Сулаймон ва вилоятҳои гирду атрофи он то соҳилҳои дарёи Ҳинд ҳаёт ва зиндагӣ мебурданд» [1, с.137]. Умуман дар китоби мазкур дар бораи барҳам хӯрдани сохти

обшинаи авлодӣ ва барқарор гардани муносибатҳои феодалӣ дар байни қабилаҳои афғон, муборизаи афғонҳо барои истиқлолият, истилои Эрон аз тарафи афғонҳо, ҳуҷуми шоҳи Эрон ба Афғонистон, барпо шудани давлати Дурроониён, сохти иҷтимоӣ-иқтисодии давлати Дурроониён, забткориҳои Аҳмадшоҳ, муборизаҳои дохилӣ ва таназзули давлати Дурронихо, ба сари ҳокимият омадани баракзойҳо, зиддиятҳои Англия ва Россия дар Афғонистон, ҷанги якуми байни Англия ва Афғонистон, шӯриш дар Кобул, муттаҳидкунии Афғонистон ва амалиёти таҷовузкоронаи ҳукумати Англия, Афғонистон дар давраи ҳукумати Шералихон, ҷанги дуюми Англия ва Афғонистон, Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти ҷолиб аз ҷониби афғонистоншиносони тоҷик манзур гаштааст. Ҳамзамон, муаллифони китоб дар хусуси таърихи навтарини Афғонистон, ба истиқлолият соҳиб шудани Афғонистон, ислоҳоти Амонуллоҳхон, шӯриши Бачаи Сақо ва ба сари ҳокимият омадани М.Нодирхон, Афғонистон дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва Афғонистон дар солҳои 1945-1968 фикру мулоҳизаҳои худро баён дошатаанд.

Айнан дар охири солҳои 70-уми қарни XX аз ҷониби устод Ҳ.Назаров пажуҳиши бунёдӣ дар бораи таърихи сиёсӣ-иҷтимоии Афғонистон ба вуҷуд омаданд. Бузургтарин асари таҳқиқотии ин давра дар мавриди таърихи Афғонистонро Ҳ.Назаров зери унвони «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)» [16;17] нигошт, ки дар он дар баробари баррасии қиёмҳои мардумию маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон, ҳамзамон ба масоили ташаккули давлати афғонҳо дар ин асрҳо таваҷҷуҳ равона карда шудааст. Монографияи Ҳ.Назаров дар асоси сарчашмаҳои асили бойгониҳо ва адабиёти илмии боэътимоди муҳаққиқони шуравӣ, афғон ва хориҷӣ навишта шуда, аксари ин маводҳои илмӣ бори аввал дар таърихнигории шуравӣ ба гардиши илмӣ ворид гардидаанд. Боби аввали монографияи мазкур «Рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX» унвон гирифта, зербобҳои он дар хусуси вазъи дохилии Афғонистон дар охири асри XIX, сиёсати андозии амир Абдураҳмонхон ва вазъи оммаи мардум, аз таърихи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон дар ибтидои асри XX, андозҳо ва вазъи оммаи мардум дар ибтидои асри XX андешаронӣ аз ҷониби Ҳ.Назаров сурат гирифтааст.

Афғонистоншиноси дигари тоҷик Л.Темирханов ба масъалаи ташаккули давлати афғонҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин замина дар таҳқиқоти худ бештар сари масъалаи ҷойгоҳи қавми ҳазораҳо дар давлатдории афғонҳо фикру андешаҳои худро иброз доштааст. Дар асари худ таҳти унвони «Ҳазораҳо (очерки таърихи нав)» [27] масъалаҳои ташаккулёбии халқи ҳазора ва марҳилаҳои асосии таърихи этникии онҳо, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҳазораҳо аз сукути давлати бошукуҳи Дурронихо то ибтидои хукмронии амир Абдураҳмонхон ва ҷунбишҳои мардумии Ҳазораҷотро дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX мавриди баррасӣ қарор додааст. Мавсуф дар асари дигари худ таҳти унвони «Ҳазораҳо (очерки таърихи нав ва навтарин)» [26] оид ба масъалаи вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳазораҳо дар давраи ҳукмронии амир Ҳабибуллоҳхон (1901-1919), сиёсати доираҳои хукмрони Афғонистон дар муносибат бо ҳазораҳо пас аз касби истиқлол, ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо, сохтори иҷтимоии ҷомеаи ҳазораҳо, иштироки ҳазораҳо дар ҷанги якум ва дуюми англису афғон, истилои ноҳияҳои мустақили Ҳазораҷот аз ҷониби амир Абдураҳмонхон фикрҳои худро манзур доштааст. Хулоса, ба қавли афғонистоншиноси тоҷик Л.Темирханов дар давраи таърихи навтарини Афғонистон; «... вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳазораҳо дар давраи Зоҳиршоҳ ба мисли солҳои ҳукмронии амир Абдураҳмонхон ва Ҳабибуллоҳхон вазнин боқӣ монд» [26, с.50].

Дар солҳои 80-уми қарни XX аз ҷониби афғонистоншиноси тоҷик С.Шохуморов як таҳқиқоти бунёдӣ зери унвони «Аҳкоми ҳузур ҳамчун маъхаз оид ба таърихи ибтидои қарни XX Афғонистон» [28] анҷом дода шуд. Афғонистоншиноси номбурда дар ин таҳқиқоти худ аввалин бор дар асоси маъхази бойгонии шоҳзода

Иноятуллоҳхон оид ба сохтори маъмурӣ ва ҳарбии кишвар, молиёт ва дигар бахшҳои ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар ибтидои қарни ХХ Афғонистон истода мегузарад. Умуман муҳаққиқ С.Шохуморов дар таҳқиқоти худ чунин қайд менамояд, ки «Дар аксари маврид истифода аз маъхази нодири бойгонӣ имконият медиҳад, ки бо нигоҳи нав ё қисман ба баъзе аз муқаррарот ва натиҷагирие, ки дар афғонистоншиносӣ нисбат ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар ибтидои асри ХХ, махсусан масоили таҳаввули муносибатҳои арзӣ, тафриқаи ҷомеаи афғонӣ, вижагиҳои сохтори сиёсӣ ва муборизаҳои синфӣ ҷой дошт, баҳои аниқ дода шавад» [28, с.114-115].

Таҳқиқоти дигари илмие, ки дар мавзуи ташаккули давлати афғонҳо анҷом дода шудааст, ба қалами афғонистоншиноси тоҷик шодравон И. Раҳматов тааллуқ дошт. Мавсуф дар заминаи таҳқиқи яке аз сарчашмаҳои нодир-«Зафарномаи Хусравӣ», таърихи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии Афғонистон, махсусан Афғонистони Шимолиро дар нимаи аввали асри XIX ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Афғонистоншинос И.Раҳматов дар хусуси маъхази нодир «Зафарномаи Хусравӣ» дар мақолаи худ зери унвони «Зафарномаи Хусравӣ» ва аҳамияти он дар омӯхтани таърихи нимаи аввали асри XIX Афғонистонони Шимолӣ» [19] чунин андеша баён доштааст: «Омӯхтани «Зафарномаи Хусравӣ», ки нусхаи ягонаи дастнависи он бо рақами 95 дар Фонди дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон маҳфуз ҳаст, барои равшан ва аниқ намудани як силсила масъалаҳои таърихӣ, аз ҷумла муайян намудани вазъияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳои шимолии Афғонистон дар нимаи аввали асри XIX, муносибатҳои байниҳамдигарии Аморати Бухоро ва давлати Афғонистон дар ҳамин давра, инчунин саъю кӯшиш ва чорабиниҳои ҳукуматдорони афғон, аз ҷумла Дӯстмуҳаммадхони баракзоӣ (1826-1863) барои ишғол намудани музофотҳои соҳили чапи дарёи Ому, ки муаллифи «Зафарномаи Хусравӣ» онро Чорвилоят номидааст, аҳамияти калон дорад» [19, с.103]. Умуман, И. Раҳматов дар такя ба «Зафарномаи Хусравӣ» дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии хонигариҳои хурди тоҷикону ӯзбекони соҳили чапи Ому – Балх, Шибирғон, Андхуй, Маймана, Хулм, Бадахшон, Қундуз, ки мавқеи муҳимми стратегиро ишғол менамуданд ва доимо таваҷҷуҳи ҳокимони кишварҳои ҳамсоя аз қабили Бухоро, Хева, Афғонистон ва Эронро ба худ ҷалб намуда буданд, маълумоти муфассал додааст. Муҳаққиқ И.Раҳматов дар рисолаи худ баён доштааст, ки дар давраи баррасишуда равобити Бухоро, Хева, Афғонистон ва Эрон, бешак, аз мавқеи ҳокимони мулкҳои хурди дар боло овардашуда, дар муносибат ба ин ё он кишварҳои ҳамсояи минтақа сахт вобастагӣ дошт [20, с.21].

Афғонистоншинос Р.Маҳмадшоев бошад, ба масъалаи таҳқиқи тоҷикони Афғонистон дар давраи нав машғул гардида, ҳамзамон дар бораи баъзе аз шоҳигариҳои мустақили онҳо ва муносибати амирони афғон вобаста ба тасхир ва тобеъсозии ин мулкҳои хурд ба Афғонистон дар таҳқиқоташ ба таври муфассал маълумот манзур намудааст [11].

Баррасии ташаккули давлати афғонҳо баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҳам аз ҷониби афғонистоншиносони тоҷик идома ёфта, дар ин замина солҳои 90-уми асри ХХ ва дар ибтидои асри XXI як қатор асару мақолаҳои бунёдӣ таълиф гардиданд, ки ин масъаларо бо нигоҳи нав таҳқиқ ва таҳлил намудаанд. Хусусияти фарққунандаи таҳқиқоти аксари муҳаққиқони тоҷик сари масъалаи ташаккули давлати афғонҳо пас аз суқути давлати Шуравӣ аз он иборат аст, ки ин мавзуъ бо нигоҳи нав берун аз чаҳорчӯбаи мафкураи коммунистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳ.Назаров афғонистоншиноси намоёни тоҷик солҳои 90-уми асри ХХ ва ибтидои асри XXI осори арзишмади илмӣ дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо ба ёдгор мондааст, ки муҳимтарини онҳо вобаста ба ин масъала «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» [12] ва «Таърихи пайдоиш ва паҳншавии ақвом ва халқиятҳои Осиёи Марказӣ» [15] ба ҳисоб меравaнд. Дар асари бунёдии Ҳ.Назаров «Мақоми

тоҷикон дар таърихи Афғонистон» тамоми марҳилаҳои таърихи ташаккули давлати афғонҳо мавриди пажуҳиш қарор гирифта, ба қавли ин муаллиф тоҷикон барои амирони афғон ва умуман ташаккули давлати онҳо хизмати арзанда анҷом додаанд. Ҳамзамон, дар асари дигари муаллиф «Таърихи пайдоиш ва паҳншавии ақвом ва халқиятҳои Осиёи Марказӣ» бошад, дар баробари баррасии масоили мухталифи таърихӣ ба ташаккули давлати афғонҳо хоса давлати Дурраниҳо (1747-1818), ки ақвоми мухталифро ин давлат тобеи худ намуда буд, андешаронӣ сурат гирифтааст. Дар баробари ин, муаллиф дар ин асар аз юришҳои ғоратгаронаи Аҳмадшоҳи Дурронӣ ба сарзаминҳои Эрон, Ҳиндустон ва ба ақвоми ғайриафғон, хосса тоҷикон, ҳазораҳо, ӯзбекҳо бераҳмона муносибат доштани ӯ андешаҳо баён доштааст, ки ба қавли Ҳ.Назаров, дар такя бо дигар афғонистоншиносон ҳамаи ин онҳоро ба истиқлолталабӣ ва мубориза барои ҳуқуқҳои миллӣ ва иҷтимоӣ бархезонд.

Р.Маҳмадшоев низ ба мавзуи ташаккули давлати афғонҳо дар рисолаи доктории худ дахл намуда, ба таври муфассал оид ба таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон дар миёнаҳои асри XVIII ва ибтидои асри XX мулоҳизаҳои судманд баён доштааст. Ӯ дар пажуҳишҳои худ ба масъалаи таъсиси давлати Аҳмадшоҳи Дурронӣ, тоҷикон ва вазъи онҳо дар давраи ворисони Аҳмадшоҳи Дурронӣ, ба майдони сиёсӣ омадани баракзойҳо, аз ҷумла амир Дӯстмуҳаммадхон, иштироки тоҷикон дар ҷангҳои якум ва дуюми англису афғон, ташаккули давлати мутамаркази афғонҳо дар замони амир Абдураҳмонхон ва Ҳабибуллоҳхон ва вазъи халқҳои ғайриафғон, хосса тоҷикон ва тоҷикони Афғонистон, дар марҳилаи аввали истиқлоли ин кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст [9;10].

Шодравон Ш.Имом таҳаввули давлатдории афғонҳоро мавзуи таҳқиқи худ қарор дода, дар асари «Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX» [6] таъкид мекунад, ки тоҷикон дар баробари паштунҳо ва дигар ақвоми ин кишвар дар ташаккул ва рушди давлатдорӣ, илм, адаб ва фарҳанги Афғонистон нақши калидиро ишғол намудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки оид ба ташаккули давлати афғонҳо муҳаққиқони дигари тоҷик, назири Қ.Искандаров, Р.Давлатов ва Р.Абдуллоев асару мақолаҳои зиёде мунташир сохтаанд, ки онҳо ин мавзуро дар таърихнигории ватанӣ холисона инъикос намудаанд. Масоили мазкур, алалхусус дар китобҳои «Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ»[8] ва «Афғонистон дар давраи ҳукумати ваҳдати миллӣ. Равандҳои сиёсӣ ва масоили амниятӣ» [7] хеле амиқ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ба ақидаи муаллифони китоби «Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ»: «Ташкили давлати Афғонистон аз соли 1747 сарчашма мегирад, ки баъд аз кушта шудани подшоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор ва пароканда гардидани артиши ӯ яке аз қумондонҳои дастаи афғониаш Аҳмадшоҳи Абдолӣ бо дастаи худ ба Қандаҳор омад ва дар ин шаҳр асоси давлате гузошта шуд, ки то қарни XIX бо номи давлати Дурраниҳо ва Хуросон маълум буд. Ташаккули ин давлат ба давлати мутамарказ танҳо дар охири қарни XIX ба охир расид» [8, с.8]. Ба назари мо низ, новобаста аз оне ки ташаккули давлати афғонҳо ба соли 1747 рост меояд, аммо ин минтақа то дер боз бо номи Хуросон ёд мешуд. Дар китоби доктори илмҳои таърих, профессор Қ.Искандаров «Афғонистон дар давраи ҳукумати ваҳдати миллӣ. Равандҳои сиёсӣ ва масоили амниятӣ» як сайри иҷмолӣ оид ба ташаккули давлати афғонҳо, махсусан дар боби аввали он анъана ва амалияи раванди валиаҳдӣ дар Афғонистон аз Аҳмадшоҳи Дурронӣ то Муҳаммад Зоҳиршоҳ баррасӣ гаштааст. Қ. Искандаров низ дар такя ба осори донишмандони афғон, рус, тоҷик ва хулосаҳои илмии хеш ба хулосае омадааст, ки поягузори нахустини давлати афғонҳо, Аҳмадшоҳи Дурронӣ маҳсуб меёбад.

Таҳлилҳо ва нуктаҳои назари афғонистоншиноси дигари тоҷик Х.С.Саидов низ дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо хеле ҷолибанд. Мавсуф дар монографияи «Пуштунҳо. Масоили ҳаммонандии этнофарҳангӣ: этногенез, шуури сиёсӣ, арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва анъанаҳои иҷтимоӣ-маишӣ» [25] бо истинод ба осори олимони ғарбӣ, рус ва афғон масъалаҳои паштунҳо дар қаринаи таносуби этникӣ ва давлатӣ,

этногенез ва сарчашмаи этникии паштунҳо, масоили ҳузури яҳудиён дар ҳудуди Афғонистон, ба нафъи кӣ тарҳи назарияи яҳудии пайдоши паштунҳо коркард гардидааст?, "мустамликадории дохилӣ" ё кӯшиши эҳёи сиёсии паштунҳои Афғонистон, вижагиҳои этногенетикии ҷомеаи паштунҳо ва дигар мавзуъҳоро баррасӣ намудааст. Ба қавли ин муаллиф, «Афғонистони таърихӣ ҳамчун ҳудуди этноҷуғрофӣ бо марказаш зери унвони Мастунг дар қисмати ғарбии кӯҳҳои Сулаймон, берун аз ҳудуди Қандаҳор, Ғур, Ғазна, яъне ҳозира дар ноҳияи Кветта (Покистон) ҷойгир будааст. Ҳатто дар маъхази машҳури таърихӣ "Таърихи Аҳмадшоҳӣ", ки дар замони асосгузори хонигарии Қандаҳор Аҳмадшоҳи Дурронӣ(1747) иншо шудааст, мавсуф (Аҳмадшоҳи Дурронӣ-Д.Қ.) худро хуросонӣ ном мебарад ва довталаби шоҳи мамлакати Хуросон намудааст. Дар маъхази таърихии бунёдӣ "Сироҷ-ут-таворих", ки муаллифи он муаррихи маъруф Файз Муҳаммад Котиб мебошад, таъкид мегардад, ки солҳои 30-юми қарни XX ҳам, қисмати шимолии Афғонистони имрӯза бо номи Афғонистон ном бурда намешуд» [25, с.25].

Замони истиқлоли давлатии Тоҷикистон як зумра корҳои илмӣ дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо аз ҷониби афғонистоншиносони тоҷик, назири Г.С. Иброҳимова, Н.Ф.Давлатёров ва дигарон, ки зери роҳбарии насли аввали афғонистоншиносони тоҷики Шуравӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом доданд, ба мактаби илмии афғонистоншиносии тоҷик ворид гардиданд.

Афғонистоншинос Г.С. Иброҳимова бошад, дар самти «Саҳми Маунстюарт Элфинстон дар омӯзиши таърихи Афғонистон дар миёнаҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX» [4;5] таҳқиқот анҷом дода, масъалаҳои ҷуғрофиёи таърихии Афғонистон дар осори М.Элфинстон, саҳми М.Элфинстон дар таърихи омӯзиши гурӯҳҳои асосии этникии Афғонистон ва бозтоби таърихи ташаккули давлати афғонҳо дар мероси илмии М.Элфинстонро баррасӣ намудааст. Дар умум навгонии илмии таҳқиқоти Г.С.Иброҳимова дар такя бо осори М.Элфинстон дар он ифода меёбад, ки мавсуф (Г.С.Иброҳимова-Д.Қ.) аввалин бор ба таври маҷмуӣ таҳлили интиқодии илмии осори М.Элфинстонро оид ба омӯзиши таърихи Афғонистон; аҳамияти таърихии осори ӯро дар инъикоси холисонаи хусусиятҳои ҷомеаи анъанавии афғонҳо, таърихи қавмию сиёсии халқҳои Афғонистон ва мамлакатҳои ҳамҷавор, махсусан масоили гурӯҳбандии этногенез ва этнологияи тоҷикон ва қабоили паштун; пешниҳодҳо оид ба тавсифи талаботи маишии қабоил, халқиятҳо, гурӯҳҳои этнографӣ ва ҷомеаи хурди Афғонистон, маълумоти умумӣ дар бораи урфу одат ва анъанаҳои паштунҳо, тоҷикон, ҳазораҳо, нуристонҳо ва дигар халқҳо, ки аз ҷониби М.Элфинстон, пешниҳод гардидаанд, ироа гардидааст [5, с.11].

Муҳаққиқи ҷавон Н.Ф.Давлатёров [2;3] дар таҳқиқоти худ дар симои яке аз муаррихони барҷастаи афғон Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор, инъикоси таърихи ташаккули давлати афғонҳоро дар осори ӯ таҳлил ва арзёбӣ намудааст. Зимни таҳқиқи илмию интиқодии осори Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор Н.Ф.Давлатёров таъкид менамояд, ки муаррихи афғон М.Ғ.М.Ғубор дар таҳқиқоти холисонаи хеш раванди ташаккул ва рушди давлати мутамаркази афғонҳо; сабаб ва амалиёти ҷанги англису афғон ва таҳқиқи илмии шароити имзошавии созишнома дар бораи «Хатти Дюранд»; раванди ташаккул ва рушди ҷунбиши ҷавонафғонҳо; муносибати ӯ перомуни ислоҳоти Амонуллоҳхон; нуқтаи назари манфӣ нисбати шӯриши Ҳабибуллоҳи Калаконӣ ва тавсифи холисонаи давраи ҳукмронии сулолаи Нодириҳоро таҳлил ва барррасӣ намудааст [2,7-8].

Умуман, ба қавли Ф.Н.Давлатёров, дар такя ба осори М.Ғ.М.Ғубор «яке аз омилҳои таъсиси давлати мутамарказ дар Афғонистон дар соли 1747 рушди феодализм ва муборизаи давомдори халқҳои ин кишвар ба муқобили ғосибони аҷнабӣ ҳисоб меёфт. Ҳамзамон, аз рӯйи арзёбии М.Ғ.М.Ғубор, деҳқонон, чорводорон ва кӯчиён, ҳунармандон ва табақаи оммаи шаҳр аз як ҷониб зери зулми феодалони маҳаллӣ, аз ҷониби дигар, дар муборизаҳои байнихудӣ ва ҷангҳои зиёди истилогарон, ки дар нимаи аввали асри XVIII ба миён омада буданд, зарар медиданд.

Аз ин сабаб оммаи асосии аҳолӣ зарурати таъсиси давлати тавоно ва мутамарказро барои таъмини амният ва осоиш талаб менамуданд» [2,10-11].

Ҳамин тариқ, дар таърихнигории ватанӣ ташаккули давлати афғонҳо инъикоси холисонаи худро ёфта, афғонистоншиносони тоҷик ҳам дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳам дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон асару мақолаҳои ҷолиб таълиф намуданд, ки дар онҳо тамоми марҳилаҳои таърихии ташаккул ва рушди давлатдории афғонҳо мавҷуд мебошанд. Ҳамзамон, ҳам дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва айни замон афғонистоншиносони тоҷик вобаста ба раванди таърихии ташаккул ва рушди давлати афғонҳо ба маъхазҳои нодири таърихии ин кишвар ошно гардида, дар заминаи онҳо таърихи воқеии ин давлатро муайян мекарданд. Хусусияти фарққунандаи таълифоти замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон роҷеъ ба инъикоси ташаккули давлати афғонҳо, ба андешаи мо, аз он иборат аст, ки муҳаққиқони мо аз доираи равишшиносии муайянамудаи низоми коммунистӣ баромаданд, инчунин ба асару мақолаҳое, ки дар Афғонистон ва дигар кишварҳои Ғарбӣ дар бораи давлати афғонҳо навишта шуданд, ошно гардиданд. Ҳамзамон, бархе аз афғонистоншиносони тоҷик ба шахсиятҳои илмӣ ва арбобони давлатие, ки ташаккули давлати афғонҳоро дар марҳилаҳои гуногун пайгирӣ намуданд, баҳои воқеӣ дода, дар заминаи асарҳои илмии онҳо рисолаи илмӣ ҳимоя намуданд.

**Муқарриз: Искандаров Қосимшо- д.и.т., АМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна [Матн] /Қ.Асадуллоев, Ҳ.Назаров, Т.Муҳиддинов /Муҳаррири масъул Д.Саидмуродов.– Душанбе, 1973.– 260 с.
2. Давлатёров Ф. Н. Вклад Мир Гулам Мухаммада Губара в изучение новой и новейшей истории Афганистана (1747-1953 гг.): [Текст] афтореф.дисс. на соискание уч. степ.канд. истор. наук. - 07.00.03- Всеобщая история (новая и новейшая история)/ Ф.Н.Давлатёров. - Душанбе, 2018. - 22 с.
3. Давлатёров Ф.Н. Вклад Мир Гулам Мухаммада Губара в изучении новой и новейшей истории Афганистана (1747-1953 гг.): [Текст] дис. канд. истор. наук. - 07.00.03- Всеобщая история (новая и новейшая история)/ Ф.Н.Давлатёров. - Душанбе, 2018. - 177 с.
4. Ибрагимова Г.С. Вклад Маунстюарта Эльфинстона в изучение истории Афганистана (середина XVIII-начало XIX вв.): [Текст] дис. канд. истор. наук. 07.00.03- Всеобщая история (новая и новейшая история) / Г.С.Ибрагимова. - Душанбе, 2015. - 173 с.
5. Ибрагимова Г.С. Вклад Маунстюарта Эльфинстона в изучение истории Афганистана (середина XVIII-начало XIX вв.): [Текст] автореф. дисс. канд. истор. наук. 07.00.03- Всеобщая история (Новая и новейшая история) / Г.С.Ибрагимова. - Душанбе, 2015. - 25 с.
6. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] /Ш.Имом.– Душанбе, 2013. – 268 с.
7. Искандаров К. Афганистан в период Правительства Национального Единства. Политические процессы и проблемы безопасности [Текст] / Қ.Искандаров. -Душанбе: Дониш, 2021. -352 с.
8. Искандаров Қ. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ. [Матн] /Қ.Искандаров, Р.Давлатов, Р.Абдуллоев.– Душанбе: Дониш, 2018.–219 с.
9. Махмадшоев Р. Процессы этнополитического и социокультурного развития таджиков Афганистана (середина XVIII -начало XX вв.) [Текст] дисс. … на соискание уч. степени док-ра. истор. наук 07.00.03- Всеобщая история (новое и новейшее время) / Р. Махмадшоев. – М., 2011. - 345 с.
10. Махмадшоев Р. Процессы этнополитического и социокультурного развития таджиков Афганистана (середина XVIII -начало XX вв.) [Текст] автореф. дисс. … на соискание уч. степени док-ра. истор. наук 07.00.03- Всеобщая история (Новое и новейшее время) / Р. Махмадшоев. – М., 2011. - 48 с.
11. Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время (Историко-этнографическая характеристика ). [Текст] автореф. на соискание учен.степени канд. ист. наука 07.00.03 - Всеобщая история 07.00.07- Этнография /Р.Махмадшоев.-М., 1989.-16 с.
12. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] /Ҳ.Назаров. – Душанбе: Дониш,1998.–656с.
13. Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро [Матн] /Ҳ.Назаров. Муҳаррири масъул М.Боқиев. Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон.– Душанбе,1963.– 179 с.
14. Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века [Текст] /Х.Назаров /Отв. ред. А.Г.Слонимский; Тадж. гос. ун-т им. В.И.Ленина. – Душанбе: Ирфон, 1969.– 87 с.
15. Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии [Текст] /Х.Назаров.– Душанбе, 2004.– 103 с.

16. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков) [Текст] /Х.Назаров /Отв. ред. Б.И.Искандаров; Тадж. гос. ун-т им. В.И.Ленин. – Душанбе: Ирфон, 1976– 262 с.
17. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX вв.): [Текст] автореф. дис… д-ра ист. наук/ Ин-т стран Азии и Африки при МГУ им. М.В. Ломоносова/Х.Назаров.– М., 1977.– 36 с.
18. Назаров Х. К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане [Текст] /Х.Назаров / Тадж. гос. ун-т им. В.И.Ленина. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 48 с.
19. Раҳматов И. «Зафарномаи Хусравӣ» ва аҳамияти он дар омӯхтани таърихи нимаи аввали асри XIX Афғонистонони Шимолӣ [Матн] / И.Раҳматов //Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ.-1978.-№4(94).-С.103-110.
20. Рахматов И. Зафар-нома-йи Хусрави - как источник по истории Средней Азии и Афганистана: [Текст] Дисс. … на соискание уч. степени канд. истор. наук 07.00.09- Историография и источниковедение / Науч. руков. Д.С. Саидмурадов; АН Тадж.ССР, Ин-т востоковед./ И.Рахматов. - Душанбе,1988. - 160 с.
21. Рахматов И. Зафар-нома-йи Хусрави - как источник по истории Средней Азии и Афганистана (первой половина XIX в.): [Текст] автореф. дисс. на соискание уч. степени канд. истор. наук 07.00.09- Историография и источниковедение / Науч. руков. Д.С. Саидмурадов; АН Тадж.ССР, Ин-т востоковед/ И.Рахматов. - Душанбе,1988. - 18 с.
22. Саидмуродов Д. «Тарих-и Ахмад-шахи» Махмуда ал-Хусайни как источник по истории Афганистана во второй половине XVIII века. [Текст] Дисс. на соискан. уч. степени канд. историч. наук. /Д.Саидмуродов. -М.: Институт востоковедения АН СССР,1966.-267 с.
23. Саидмуродов Д. «Тарих-и Ахмад-шахи» Махмуда ал-Хусайни как источник по истории Афганистана во второй половине XVIII века. [Текст] автореф. дисс. на соискан. уч. степени канд. историч. наук. /Д.Саидмуродов.-М.: Институт востоковедения АН СССР,1966.-15 с.
24. Саидмуродов Д. «Таърихи Аҳмадшоҳӣ» ва аҳамияти он [Матн] /Д.Саидмуродов //Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ.-1966.-№1.-С.83-91.
25. Саидов Х.С. Пуштуны. Проблемы этнокультурной идентификации: этногенез, политическое сознание, морально-духовные ценности и социально-бытовые традиции. [Текст] /Х.С.Саидов. - Душанбе: Эр-граф, 2022.-344 с.
26. Темирханов Л. Хазарейцы (Очерки новой и новейшей истории) [Текст] /Л.Темирханов. – Душанбе: ТГУ, 1978. – 87 с.
27. Темирханов Л. Хазарейцы.(Очерки новой истории) [Текст] /Л.Темирханов. – М.:Наука, 1972.–140 с.
28. Шохумаров С. «Ахкам–и хузур» как источник по истории Афганистана начала XX в. [Текст] /С.Шохуморов. – М.:Наука, 1980. –272 с.

## ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ АФҒОНҲО ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур муаллиф инъикоси ташаккули давлати афғонҳоро дар таърихнигории тоҷик мувофиқи таҳқиқоти афғонистоншиносони тоҷики давраи шуравӣ ва замони истиқлоли давлатӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст. Тавре муаллифи мақолаи мазкур таъкид менамояд, мавзуи мазкур дар асару мақолаҳои зиёди муҳаққиқони тоҷик инъикоси худро ёфтааст, аммо масъалаи мазкур бозбинии навро тақозо менамояд. Ҳамзамон, ба қавли муаллифи мақола, дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон афғонистоншиносони тоҷик таърихи ташаккул ва рушди давлати афғонҳоро дар асоси маъхазҳои таърихии нодир баррасӣ кардаанд. Ба таъкиди муаллиф вижагии хосси таълифоти афғонистонишиносони тоҷики замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар хусуси ташаккули давлати афғонҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз доираи андешаҳои илмие, ки вобаста ба масъалаи мазкур дар доираҳои илмии афғонистоншиносии Шуравӣ ҷой доштанд баромада, мавзуъро бо нигоҳи нави илмӣ дар такя ба асару мақолаҳое, ки дар Афғонистон ва дигар кишварҳои Ғарбӣ навишта шудаанд, мавриди арзёбӣ қарор доданд. Ҳамчунин, дар мақола аз ҷониби муаллиф раванди ташаккули давлати афғонҳо, замони ба сари қудрати сиёсӣ омадани Аҳмадшоҳи Дурронӣ ва дигар амирони афғон баррасӣ гардидааст. Дар такя ба осори афғонистоншиносони тоҷик муаллифи мақола сиёсати золимонаи амирони афғонро нисбати халқҳои ғайриафғон аз Аҳмадшоҳи Дурронӣ то ворисони ӯ ва дигар амирон нишон додааст. Зимни таҳлил аз ҷониби муаллифи мақола сохтори идорӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои давлати афғонҳо таҳлил шудаанд. Дар умум, дар мақола дар баробари ҷойгоҳи паштунҳо дар низоми давлатдории афғонҳо, ҳамзамон нақши дигар ақвоми ин кишвар, хосса тоҷикон, дар ташаккул ва рушди давлатдорӣ, илм, адаб ва фарҳанги Афғонистон нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** таърихнигорӣ, афғонистоншиносӣ, афғонистоншиносии тоҷик, этногенез, афғонҳо, паштуҳо, ташаккули давлати афғонҳо, Аҳмадшоҳи Дурронӣ, кӯҳҳои Сулаймон, сохтори идорӣ, сохтори иқтисодию иҷтимоӣ, тоҷикон.

## СТАНОВЛЕНИЕ АФГАНСКОГО ГОСУДАРСТВА И ЕГО ОТРАЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

В данной статье автор рассматривает отражение становления афганского государства в таджикской историографии по данным исследований таджикских историков советского периода и современой государственной независимости. Как подчеркивает автор данной статьи, эта тема нашла отражение во многих работах и статьях таджикских исследователей, но этот вопрос требует нового рассмотрения. В то же время, по мнению автора статьи, в период Советского Союза и во времена независимости Таджикистана таджикские афганисты изучали историю становления и развития афганского государства на основе уникальных исторических источников. По мнению автора, особенностью работ таджикских афганистов периода независимости Таджикистана по вопросам образования афганского государства является то, что они выходят за рамки научных мнений по этому вопросу в советской афганистике, подходя приближаются к теме с новой научной точки зрения, они оценивали работы и статьи, написанные в Афганистане и других странах Запада. Также в статье автором рассмотрен процесс формирования афганского государства, время прихода к политической власти Ахмадшаха Дуррани и других афганских эмиров. На основе работ таджикских афганистов автор статьи показал репрессивную политику афганских эмиров по отношению к неафганским народам (от Ахмадшаха Дуррани до его преемников и других эмиров). В ходе анализа автор статьи объективно проанализировал административные, экономические, социальные, культурные и другие вопросы афганского государства. В целом в статье, наряду с местом пуштунов в системе государственного управления афганцев, показана роль других народов этой страны, особенно таджиков, в становлении и развитии государственного управления, науки, литературы и культуры Афганистана.

**Ключевые слова:** историография, афганистика, таджикская афганистика, этногенез, афганцы, пуштуны, формирование афганского государства, Ахмадшах Дуррани, Сулейманские горы, административное устройство, экономическое и социальное устройство, таджики.

## CREATION OF THE AFGHAN STATE AND ITS REFLECTION IN TAJIK HISTORIOGRAPHY

In this article, the author considers the reflection of the formation of the Afghan state in Tajik historiography according to the research of Tajik historians of the Soviet period and modern state independence. As the author of this article emphasizes, this topic is reflected in many works and articles of Tajik researchers, but this issue requires a new consideration. At the same time, according to the author of the article, during the period of the Soviet Union and during the independence of Tajikistan, Tajik Afghans studied the history of the formation and development of the Afghan state on the basis of unique historical sources. According to the author, a feature of the work of Tajik Afghan's of the period of independence of Tajikistan on the creation of the Afghan state is that they go beyond scientific opinions on this issue in Soviet Afghan studies, they approach the topic from a new scientific point of view, they evaluated the works and articles written in Afghanistan and other Western countries. Also in the article, the author considers the process of formation of the Afghan state, the time when Ahmad-Shah Durrani and other Afghan emirs came to political power. Based on the works of Tajik Afghans, the author of the article showed the repressive policy of the Afghan emirs towards non-Afghan peoples from Ahmad-Shah Durrani to his successors and other emirs. During the analysis, the author of the article objectively analyzed the administrative, economic, social, cultural and other issues of the Afghan state. In general, the article, along with the place of the Pashtuns in the system of state administration of the Afghans, shows the role of other peoples of this country, especially Tajiks, in the formation and development of public administration, science, literature and culture of Afghanistan.

**Key words:** historiography, Afghan studies, Tajik Afghan studies, ethno-genesis, Afghans, Pashtuns, formation of the Afghan state, Ahmad-Shah Durrani, Suleiman mountains, administrative structure, economic and social structure, Tajiks.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кодиров Довар Саидаллоевич*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 987103625**, E-mail: **Dovar7061988@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Довар Саидаллоевич*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, доцент кафедры философии и гуманитарных наук **Адрес**: 734003 Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира 33, Телефон: **(+992) 987103625**, E-mail: **Dovar7061988@gmail.com**

**Information about the author:** ***Kodirov Dovar Saidalloyevich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of historical sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Humanities of the **Address:** 734003 Republic of Tajikistan Dushanbe, street. Said Nosir 33, Tel**:(+992) 987103625**, E-mail: **Dovar7061988@gmail.com**

УДК:930.4(575.3)

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ БА САРИ ҚУДРАТ ОМАДАНИ СОМОНИЁН ДАР МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН

***Садиров Ш.А.***
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Сулолаи Сомониён на танҳо дар таърихи давлатдории халқи тоҷик, инчунин дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ нақши намоён гузоштанд. Онҳо нахустин силсилаи намояндагони халқи тоҷик буданд, ки пас аз сукути Бармакиён сарфарози дастгирии Аббосиён гардиданд. Яке аз хизматҳои бузургтарини онҳо ин бунёди давлати мутамарказ ва тавассути низоми идории қавӣ нигоҳ доштани он буд. Табиист, ки Сомониён низоми идории худро тавассути таҷрибаи давлатдории пешинаи аҷдодони тоҷик идома медоданд. Аммо бештари хонадонҳои минбаъдаи ҳукмрон, ки ин усули давлатдориро қабул кардаанд, онро бо номи Сомониён алоқаманд менамуданд. Роҷеъ ба таъсисёбӣ ва сиёсати идории Сомониён аз аввалинҳо шуда муаррихони асрмиёнагии тоҷик, Абубакри Наршахӣ ва Низомулмулк ахбор додаанд [11; 12].

Роҷеъ ба таъсис ва рушди давлати Сомониён як қатор муаррихони ватанию хориҷӣ таҳқиқоти илмӣ бурда, оид ба ҷанбаҳои мухталифи он маълумотҳои нодиру гаронбаҳое ба даст овардаанд. Дар ин ҷода, пеш аз ҳама, хидмати академикҳо Б. Ғ. Ғафуров [4], Н. Неъматов [13; 14; 15; 16] ва А. Мухторов [10] назаррас мебошад, ки дар асарҳояшон саҳми Сомониёнро дар аломатҳои муайянкунандаи миллат, забон, ҳудуд, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон мавриди таҳлили илмӣ қарор додаанд.

Оид ба омӯзиши таьрих ва фарҳанги маьнавии замони Сомониён маводи нашршудаи нишасти илмии Академия илмҳои ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1954 баргузор гардид, конференсияҳои илмие, ки ба муносибати 1100-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1000-солагии олим-энсиклопедисти барҷастаи тоҷик Абуалӣ ибни Сино [6], 1000-солагии шоири маъруф форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ [17] ва 1000-солагии зодрӯзи олими маъруф Абурайҳони Берунӣ [3], 1100-солагии зодрӯзи энсиклопедисти барҷаста Форобӣ [1], 1200-олими маьруф Муҳаммади Хоразмӣ барпо шуданд, саҳми калон гузоштанд.

Академик Н. Неъматов роҷеъ ба давлати мутамаркази Сомониён, таҳқиқоти илмӣ бурда, аз ҷумла дар асараш “Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X” авзои қувваи истеҳсолкунанда, тараққиёти иҷтимоӣ ва маданияти тоҷикон дар аҳди Сомониён ва масъалаи ташаккули халқи тоҷик диққати зиёд додааст. Китоб дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва мадракоти ҳафриёти бостоншиносӣ таълиф гардидааст.

Мувофиқи ахбори маъхазҳои таърихӣ давлати Сомониён қаламрави васеъро фаро гирифта [11], маводи нумизматикаи замони Сомониён, ки як қатор сиккашиносон тадқиқ кардаанд, аз бисёр ҷиҳат мълумоти маьхазҳоро роҷеь ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии асрхои IX-X аниқу пурратар мекунанд. Масалан, асарҳои П. И. Лерх [8] ва Марков А. К., миқдори зиёди тавсифи каталогӣ ва асарҳои ҷамъбастӣ [9], баъзе мақолаю қайдҳо ба нумизматикаи Сомониён бахшида шудаанд.

Тибқи ахбори манбаъҳои асрмиёнагӣ, сарвари ин хонадон Сомонхудот марди дидадарову кордон буд, бинобар ин рафтораш ба ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ писанд омада, ӯро кори идорӣ-маъмурӣ ҷалб намудааст. Сомонхудот бо Асад ибни Абдуллоҳ муносибати наздик барқарор карда, ба хотири поси эҳтироми ин дӯстӣ писари худро низ Асад ном гузоштааст. Сомонхудот ҳамчун намояндаи арабҳо солҳои 725-738 ҳокими Балх буда, барои тасхири баъзе қисматҳои Хуросону Мовароуннахр бо арабҳо ҳамдастӣ кардааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, Баҳроми Чӯбина бобокалони Сомонхудот ба шумор меравад [2, с. 273]. Наршахӣ дар асараш оид ба баромади хонаводагии Сомониён менависад, ки пеш аз ин ёд карда шуда буд, ки Сомонхудотро писаре буд Асад ном кард, аз дӯстии Асад ибни

Абдуллоҳ ал- Қушайрӣ. Ва Асадро чаҳор писар буд; Нуҳ ва Аҳмад ва Яҳё ва Илёс [11, с. 268].

Мувофиқи ақидаи Наршахӣ, аз солҳои 817-818 сар карда, писарони Асад ибни Сомонхудот Нуҳ – дар Самарқанд, Аҳмад –дар Фарғона, Яҳё-дар Чочу Истаравшан ва Илёс-дар Ҳирот ҳоким шуданд [11]. Хулоса, Наршахӣ тавонистааст роҷеъ ба баромади хонадони Сомониён маълумоти нодирро ҷамъоварӣ намояд ва ба насли имрӯза расонад. Аз ахбороти ӯ муаррихини замони оянда васеъ истифода намудаанд.

Дар замони хилофати Ҳорунаррашид аз сабаби зиёд гаштани зулму ситами коргузорони хилофати аббосӣ дар ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр вазъияти буҳронӣ ба амал омад. Соли 806 бо роҳбарии Рофеъ ибни Лайс ном саркардаи араб бар муқобили хилофат шӯриши бузурге сар зад, ки дар муддати кӯтоҳ миёни мардумон низ ҳамовозӣ пайдо кард [5]. Рофеъ шаҳри Самарқандро ба даст овард ва халифа маҷбур шуд, ки барои фурӯ нишонидани ин ошӯб шахсан ба Хуросон ояд. Яке аз саркардаҳои машҳури дарбори Бағдод Ҳарсама барои пахш кардани шӯриш ба Мовароуннаҳр омад ва дар ин кор оҷиз монд. Писари халифа Маъмун ба фарзандони Асад – Нуҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс нома фиристода, хостори он шуд, ки ба лашкари хилофат ёрӣ расонанд. Маъмун ва дастгоҳи хилофати аббосӣ хуб медонистанд, ки фарзандони Асад аз мардуми маҳаллӣ буда, аз решаҳои ин ихтилоф огоҳ буда, миёни мардум ҷойгоҳи муносиби иҷтимоӣ доштанд ва ҳусну тадбири онон низ ба халифа маълум буд [7, с. 332].

Асад ҳам мисли падар дар дарбори халифа Маъмун ба обрӯ ва нуфузи хосса соҳиб буд. Вай дар идора намудани мулкҳои шарқии хилофат чун машваратчии асосӣ баромад мекард. Писаронаш низ дар корҳои дохили даргоҳ фаъолона иштирок менамуданд. Нуҳ - ҳокими Самарқанд, Аҳмад- ҳокими Фарғона, Яҳё – ҳокими Чочу Истаравшан, Илёс - ҳокими Ҳирот шуданд [4, с. 450].

Фарзандони Асад ба дархости халифа посухи мусбат доданд ва Рофеъро бар он доштанд, ки бо Ҳарсама сулҳ кунад. Ҳамин тавр ин фитна ором гардида, Мовароуннаҳр дар ихтиёри Аббосиён боқӣ монд. Пас аз ин фарзандони Асад ба дарбори хилофат наздик шуданд. Авзои нобасомони Хуросону Мовароуннаҳр Маъмунро водор карда, ки солҳо худ дар Хуросон боқӣ монад. Дар низои миёни бародарон Маъмун ва Амин барои хилофат ҳам, ки ба хунрезӣ анҷомид, унсури эронӣ барои ба қудрат шинонидани Маъмун нақши муҳиме гузошт. Соли 818 Маъмун вориди Бағдод гардид. Ба поси хидматҳои кардаашон халифа ба амири Хуросон Ғассон ибни Аббод супориш дод, ки наберахои Сомонхудот ба корҳои идорӣ ҷалб карда шаванд. Ҳамин тавр Нуҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс мутаносибан ҳокимони шаҳрҳои Самарқанд, Фарғона, Чоч ва Ҳирот гардиданд. Ба истиснои Ҳирот фарзандони Асад тавонистанд ҳукумати хешро бар ин шаҳрҳо меросӣ гардонанд.

Пас аз он ки Тоҳириён ва Саффориён ҳам амири Хуросон гардиданд, қудрати намояндагони Сомониён бар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ҳифз карда шуд. Нахуст Нуҳ, баъд Аҳмад ва сипас писараш Наср сардори сулолаи Сомониро бар уҳда доштанд. Соли 874 охирин шаҳри бузург дар Моваруннаҳр – Бухоро ҳам ба ихтиёри Сомониён дода шуд. Соли 874 шаҳри Бухоро гирифтори ошӯбу фитна гардид, мардумони он маҳз ба намояндаи хонадони сомонӣ мурожиат карданд ва Наср бародараш Исмоилро ба ин нуқтаи нооором фиристод. Ба Исмоил зарур омад, ки дар муддати кӯтоҳ шаҳри ошӯбзадаро ором сохта, аъёну ашрофро ба ҷониби худ ҷалб созад.

Халифа соли 875 ба Наср ибни Аҳмад фармон фиристода, амалан ҳукумати Сомониён бар кулли Мовароуннаҳр расмият бахшид. Муаррихон ҳамин солро соли пурра тобеъ гаштани Мовароуннаҳр ба хилофат меноманд. Барои ба ислом ҷалб гардидани аҳолӣ Сомониён аз ин давра саъй мекарданд ва мавриди эътимоду пуштибонии халифаҳои аббосӣ буданд. Онҳо даст ба ҳеҷ гуна ислоҳоти куллӣ намезаданд, балки бо нигоҳ доштани оромӣ дар қаламрави худ заминаи тадриҷии мусулмоншавии аҳолӣ ва ба хилофат содиқ монданро меҷустанд. Яке аз тафовутҳои

аслӣ дар миёни Саффориён ва Сомониён он буд, ки қудрати Саффориён, чуноне ки аз ишораи Яъқуб бармеояд, ба зӯри шамшер вобаста буд. Сомониён бо иштирок дар пахши шӯриши Рофеъ ибни Лайс минбаъд ҳамаи фармонравоии худро пас аз гирифтани номаву фармони халифа ба роҳ мемонданд. Пас аз таъин шудан бошад, миёни раият чун намояндаи халифа нисбатан адлу додро пеша карда, миёни мардум низ маҳбубият пайдо мекарданд [10].

Бародарон тобеи Тоҳириён бошанд ҳам, аммо дар маҳаллҳо ҳокимони пурқувват буданд, ба номи худ фулуси мисин сикка мезаданд, лашкари халқӣ гирд оварда, ба вилоятҳои ҳамҷавор юришҳо ташкил мекарданд. Онҳо беш аз пеш нуфузу эътибор ва сарвату иқтидор пайдо мекарданд. Солҳои 839-840 Нуҳ ибни Асад ба муқобили ҳокими Исфиҳоб лашкар кашида, онро ба тасарруфи худ даровaward ва фармон дод, ки девори баланду мустаҳкаме бардоранд, то ки ин мулки обод аз ҳуҷуми ғоратгариҳои бодиянишинон эмин бошад. Қайд намудан лозим аст, ки дар ин давра ҳуҷуми бодиянишинон ба вилоятҳои ободи Осиёи Миёна зуд-зуд рӯй медоданд.

Баъд аз вафоти Нуҳ ибни Асад бо супориши Абдуллоҳи Тоҳир Самарқандро бародарони ӯ Аҳмад ибни Асад ва Яҳё ибни Асад ҳамроҳ идора мекарданд ва минбаъд волигӣ ба писари Аҳмад-Наср гузашт, ки ин комёбии калони Аҳмад буд. Пас аз вафоти Яҳё ибни Асад Чоч ва Истаравшан ба писари Аҳмад Яқуб расид, ки онҳоро ба муддати тулонӣ идора кард. Хулоса, дар миёнаи асри IX бори нахуст Мовароуннаҳр қисман муттаҳид гардид ва вилоятҳои асосии он зери ҳокимияти оли Аҳмад монданд. Вале баъд аз вафоти Илёс дар Ҳирот ҳокимият аз дасти Сомониён рафт. Дар солҳои 70-уми асри IX дар Мовароуннаҳр парокандагии сиёсӣ ва ногузир вобаста ба ин ҷангҳои байнихудии ашрофи феодалӣ пурзӯр гардид. Пас аз вафоти Аҳмад сардори нави хонадон, писари калонии ӯ Наср танҳо ҳокими Самарқанд буд, Фарғонаро писари дигари Аҳмад Абдулашъос идора мекард.

Ҷараёни иттиҳоди сиёсӣ баъди ба арсаи сиёсат баромадани бародари Наср, Исмоил ибни Аҳмад, ки одами ғаюру доно ва дурандеш буд, ба итмом расид. Фаъолияти Исмоил дар Бухоро оғоз ёфтааст [10].

Баъди пароканда шудани сулолаи Тоҳириён дар Бухоро ҳокимияти босуботе вуҷуд надошт. Дар ибтидои соли 874 Ҳусайн ибни Тоҳир бо дастаи лашкариёни Хоразм шаҳрро ба даст даровард. Шаҳр ғорат шуда, қисми зиёди он ба хок яксон гардид. Сокинони шаҳр, аз андозгириҳои ҳилагаронаи Ҳусайн ва бедодгариҳои дастаи ӯ ба дод омада буданд, дере нагузашта шӯриш бардоштанд ва қасри ҳокимро ба даст даровarda талаву тороҷ намуданд ва худи ӯро ронданд. Бо илтимоси ашрофи Бухоро Наср ба Бухоро Исмоилро чун волӣ фиристод, ки ӯро низ мардум пешвоз гирифтанд. Ба ӯ лозим омад, ки ба ҳар васила баъзе намояндагони аъёну ашрофи бухороиро фармонбардори худ гардонад ва дар айни замон муқобилати халқ, аз ҷумла шӯриши кишоварзон ва дигар табақаҳоро дар ноҳияи байни Баркад ва Ромитан пахш намояд.

Агар дар давраи аввал Сомониён тобеи Тоҳириён бошанд, баъди заволи он роҳи истиқлоли комилро пеш гирифтанд. Бо ин мақсад шароити мусоидро барои муттаҳид намудани тамоми Мовароуннаҳр ва таъсис додани давлати мустақили худ истифода бурданд. Ин иқдоми Насрро заҳматкашон дастгирӣ карданд, зеро умед доштанд, ки агар давлати ягона таъсис дода шавад, шояд аз тохтутози беамони кӯчманчиён халос шаванд ва шояд миқдори андози бешуморе, ки барои муҳофизати мамлакат гуфта аз онҳо меситонданд, камтар шавад ва тасодуфӣ нест, ки аввалин тадбири Наср ташкили юриш ба Шавган ба муқобили бодиянишинон буд [10, с. 38].

Пас аз он ки Бухоро ба ихтиёри Сомониён гузашт, Наср чун сардори хонадон аз тарафи халифа Муътамид барои идора намудани тамоми Мовароуннаҳр ҳуҷҷат гирифт. Исмоил, ки ба мансаби волии Бухоро қонеъ набуд, аз додани андозу хироҷ ба Самарқанд сар кашида, фаъолияти ҷудоихоҳиро пеш гирифт. Дар задухӯрди ҳарбие, ки соли 888 байни бародарон ба вуқуъ омад, қӯшуни Наср торумор гардид,

худаш бошад, ба Исмоил асир афтод. Исмоили дурандеш бародари калонии худро расман сардори сулола монд, аммо амалан тамоми ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Баъди вафоти Наср дере нагузашта салтанати ягонаи Исмоил оғоз ёфт [4, с. 451].

Баъди ҷорӣ гардидани ҳокимияти мутлақ ва барҳам хӯрдани ҷангҳои байнихудии дохилӣ Исмоил ба таъмин намудани бехатарии давлат аз ҳуҷуми душманони аҷнабӣ машғул шуд. Тохтутозҳои қабилаҳои бодиянишин ба воҳаҳои зироатӣ харобиҳои зиёд меоварданд. Исмоил соли 893 ба муқобили бодиянишинон юриши калон карда, Тирозро ба даст даровард, хони туркҳоро бо ҳазор лашкару надимонаш асир гирифт ва дар натиҷа ба муддати тулонӣ тохтутозҳо ба Мовароуннахр қатъ гардиданд. Исмоил ба водии Талас юриш карда, ба мақсади дуюмини муҳимаш ноил гардида[4] , конҳои нукраи Шелҷиро ба мулкҳои худ ҳамроҳ намуд. Дар худи ҳамон соли 893, Исмоил ҳокими Истаравшан Сайр ибни Абдуллоҳро сарнагун сохт, сулолаи афшинҳои Ковусро барҳам дод ва ин сарзаминро пурра ба давлати худ ҳамроҳ намуд.

Беш аз пеш пурзӯр гардонидани ҳокимияти Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Саффориён дар Хуросон дар маркази Хилофати Араб ба мақсади заиф гардонидани ҳардуи онҳо кӯшиши барангехтани Исмоили Сомонӣ ва Амри Саффорӣ карда шуд. Соли 898 халифа дар бораи аз вазифа озод намудани Исмоил ва волии Мовароуннаҳр таъин кардани Амр маншур фиристод. Ба Исмоил муяссар гардид, ки душмани худро пешдастӣ кунад ва амалиёти ҷангиро ба ҷанубтари дарёи Аму гузаронад. Ҳангоми муҳорибаи нахустин, тирамоҳи соли 899 қушуни лашкаркаши асосии Амр- Муҳаммад ибни Башоро мағлуб карда шуд. Бо мақсади моту маҳбут намудани душманон аз олиҳимматиаш, Исмоил тамоми асиронро озод кард, ки ин аъёну ашроф ва ҷанговарони Амрро ба ӯ хайрхоҳ гардонд. Ҳангоми муҳорибаи дуюму ҳалкунандае, ки баҳори соли 900 дар наздикии Балх рух дод, Исмоил моҳирона тадбир карда, қӯшуни Амрро ба муҳосира гирифт ва пурра торумор кард, худи ӯро асир карда, ба Бағдод фиристод. Амр ду сол дар ҳабс хобид ва баъд ба фармони Халифа Муътамид соли 901-902 кушта шуд. Дар ғалаба бар Саффориён дастгирии оммаи халқ накши ҳалкунанда бозид. Дар натиҷаи ин ғалаба Исмоили Сомонӣ ҳокимияти худро дар тамоми вилоятҳое, ки тобеи Саффориён буданд, пойдор кард.

Дар натиҷа давлати Сомониён дар шимол то дарёи Талас вусъат ёфт, дар ғарб Хуросон ва баъзе вилоятҳои шимолӣ ва шарқии Эронро ба худ ҳамроҳ кард. Мамлакат аз тохтутози бодиянишинони ҳамсоя наҷот ёфт. Дар ибтидои асри X Исмоили Сомонӣ имконият пайдо кард, ки ба таъсиси сохтори марказии давлатӣ ва ташкили қӯшуни пурқувват мусаллаҳ машғул шавад.

Дар асари Наршахӣ роҷеъ ба идоракунии Сомониён маълумоти муфассал оварда шудааст. Мазкур иброз медорад, ки аввали салотини Сомониён Исмоил аст ва ба ҳақиқат подшоҳи сазовори боистеҳқоқ буда, марди оқил, одил, мушфиқ, соҳиброй ва тадбир ва пайваста бо хулифо изҳори тоат кардӣ ва мутобаати эшон воҷиб ва лозим донистӣ. Дар рӯзи шанбеи соли 900 Амр ибни Лайсро ба Балх асир кард ва бар мамлакат муставлӣ гашт ва муддати ҳашт сол подшоҳӣ кард. Ва дар санаи 907 дар Бухоро ба ҷавори раҳмати Ҳақ пайваст [11].

Ҳамин тариқ, дар аҳди намояндаи барҷастаи сулолаи Сомониён-Исмоил бори нахуст баъди истилои араб тоҷикзамини аз ҷиҳати сиёсӣ пароканда муттаҳид карда, давлати муқтадиру мутамарказ ба вуҷуд оварда, ба ҷангҳои байнихудӣ ва тохтутозҳои аҷнабиён хотима дода шуд.

Давлати Сомониён аввалин давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар таъсиси он накши намояндагони ин хонадон, аз ҷумла Исмоил ва Насри Сомонӣ бузург буда, замони салтанати онҳоро давраи гул-гулшукуфӣ меноманд. Таҷрибаи давлатдории онҳоро сулолаҳои минбаъдаи минтақа истифода бурданд [18, с. 293].

Сиёсати нахустин намояндагони Сомониён барои ба халқ наздик гардидан, ба эҳёи анъанаҳои маҳаллӣ, муттаҳид намудани халқиятҳои пароканда ва ҳифзи мамлакат аз тохтутозҳои беруна нигаронида шуда буд. Бинобар ин, нахустин амирони Сомониён дар байни халқ обрую эътибори калон доштанд ва табақаҳои заҳматкаши халқ онҳоро дастгирӣ мекарданд. Сабаби асосии болоравии онҳо ҳам дар ҳамин аст.

Ин буд, ки тоҷикон дар аҳди салтанати Сомониён аз тобеияти маънавиёти араб берун баромада, бо таъсиси ҳукумати миллӣ ба эҳёи таърихи фарҳанги хеш соҳиб шуданд.

**Муқарриз: Расулиён Қ. – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аль – Фараб и развитие науки и культуры стран Востока. Тезисы докладов Международной научной конференции, посвященной 1100 – летию со дня рождения аль – Фараби. – Алма – Ата: Наука, 1975. -115 с.
2. Амиршоҳӣ Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV / Н. Амиршоҳӣ. -Душанбе: Амри илм, 1999.
3. Бируни. Сборник статей. Под редакцией С. П. Толстово. –М.-Л., 1950.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна / Б. Ғафуров. Китоби 1. -Душанбе: Ирфон, 1983. - 702 с.
5. Гардезӣ Абусаъид. Зайн-ул-ахбор. -Душанбе: Бухоро, 2014. -416 с.
6. Ибн – Сина. Материалы научной сессии АН Уз. ССР, посвященной 1000 – летнему юбилею Ибн Сины, - Ташкент, 1953.
7. История таджикского народа. Т. II. Эпоха формирования таджикского народа. -Душанбе: Дониш, 1999.
8. Лерх П. И. Монеты бухар – худатов / П. И. Лерх. – СПб., 1909. 161 с.
9. Марков А.К. Инвентарный каталог восточных монет им / А.К. Марков Эрмитажа. – СПб., 1896. - 872 с.
10. Мухторов А. Сомониён: замон ва макон / А.Мухторов. -Душанбе, 1999.
11. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. Мураттиб Н. Қосимов / А.Наршахӣ. -Душанбе, 1979.
12. Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе: Адиб, 1989. -200 с.
13. Неъматов Н. Государство Саманидов (Мавераннаҳр и Хорасан в IX-X вв.) / Н.Неъматов. -Душанбе, 1977. -279 с.
14. Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н.Неъматов. -Душанбе, 1989. -304 с.
15. Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X / Н.Неъматов. Душанбе, 1989. - 304 с.
16. Неъматов Н. Давлати тоҷикбунёди Сомониён / Н.Неъматов. -Душанбе: Ирфон, 1999. -40 с.
17. Ороели И. Шахнаме. Фердовси. 934-1934. Л.. -1934 г.
18. Ҳамза Камол. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён. -Душанбе, 2022. -324 с.


**НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ БА САРИ ҚУДРАТ ОМАДАНИ СОМОНИЁН ДАР МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН**


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси маъхазҳо ва хулосаи олимони ватанӣ таърихи ба сари қудрат расидани Сомониёнро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки Сомониён нахустин силсилаи намояндагони халқи тоҷик буданд, ки пас аз суқути Бармакиён мавриди эътимоду пуштибонии халифаҳои аббосӣ қарор доштанд. Яке аз хизматҳои бузургтарини онҳо бунёди давлати мутамарказ ва тавассути низоми идории қавӣ нигоҳ доштани он буд. Табиист, ки Сомониён низоми идории худро тавассути таҷрибаи давлатдории пешинаи аҷдодони тоҷик идома медоданд. Аммо бештари хонадонҳои минбаъдаи ҳукмрон, ки ин усули давлатдориро қабул кардаанд, онро бо номи Сомониён алоқаманд менамуданд. Давлати Сомониён аввалин давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар таъсиси он нақши намояндагони ин хонадон, аз ҷумла Исмоил ва Насри Сомонӣ бузург буда, замони салтанати онҳоро давраи гул-гулшукуфӣ меноманд. Таҷрибаи давлатдории онҳоро сулолаҳои минбаъдаи минтақа истифода бурданд.



**Калидвожаҳо:** Сомониён, хонадон, ҳокимият, қудрат, тоҷикон, сиёсат, давлат.


**ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ПРИХОДА К ВЛАСТИ САМАНИДОВ В МАВЕРАННАХРЕ И ХОРАСАНЕ**


В данной статье автор на основе источников и выводов отечественных ученых рассматривает историю прихода к власти Саманидов. Помимо прочего, автор отмечает, что Самандиды были первыми представителями таджикского народа, получившими доверие и поддержку аббасидских халифов после устранение Бармакидов. Одним из их величайших достижений было создание централизованного государства и его современной административной системы. Естественно, свою административную систему они взаимствовали из опыта прежних государств- предков таджикского народа. Однако большинство

последующих правящих династии, принявших этот метод правления, считали его связанным с именем Саманидов. Саманидское государство считается первым национальным государством таджиков, роль представителей этого рода, в том числе Исмаила и Насри Самани, была велика в его создании, а период их правления называют периодом расцвета таджикской культуры. Опыт их государственной мудрости был использован последующими династиями региона.

**Ключевые слова:** Саманиды, династия, власть, таджики, политика, государство.

## A LOOK AT THE HISTORIES OF THE SAMANID COMING TO POWER IN MOVERANAKHR AND KHORASAN

In this article, the author, based on the sources and conclusions of domestic scientists, examines the history of the coming to power of the Samanids. Among other things, the author notes that the Samandids were the first representatives of the Tajik people who received the trust and support of the Abbasid caliphs after the removal of the Barmakids. One of their greatest achievements was the creation of a centralized state and its modern administrative system. Naturally, they borrowed their administrative system from the experience of the former states of the ancestors of the Tajik people. However, most of the subsequent ruling dynasties who adopted this method of government considered it to be associated with the name of the Samanids. The Samanid state is considered the first national state of the Tajiks, the role of representatives of this kind, including Ismail and Nasri Samani, was great in its creation, and the period of their rule is called the heyday of Tajik culture. The experience of their state wisdom was used by the subsequent dynasties of the region.

**Key words:** Samanids, dynasties, power, Tajiks, politics, state.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Садиров Шарафҷон Аҳтамович* -** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, кӯчаи Э.Муҳиддин, 63. Телефон**: 908-00-30-10**

**Сведения об авторе:** ***Садиров Шарафджон Ахтамович*** -Таджикский педагогический институа в Раштском районе, старший преподаватель кафедры истории и методики ее преподавания. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Гарм, улица Э. Мухиддина, 63.Телефон**: 908-00-30-10**

**Information about the author:** ***Sadirov Sharafjon Akhtamovich*** **-** Tajik Pedagogical Institute in the Rasht region, senior lecturer of the Department of History and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street, 63. Phone: **908-00-30-10**

УДК: 930.25 (575.3)

# МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНИИ БОЙГОНИДОРӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ БОЙГОНӢ

*Аминзода Ш.И.*
**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**

Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи бойгонӣ атрофи ҳуҷҷати бойгонӣ давр мезанад. Ҳуҷҷати бойгонӣ – ин ҳомили моддии инъикоскунандаи иттилоот мебошад. Имрӯзҳо ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳамчун захираҳои иттилоотӣ фаҳмида мешаванд, аз ин лиҳоз ҳуқуқи бойгонӣ бо ҳуқуқи иттилоотӣ зич алоқамандӣ дорад. Ҳуқуқи бойгонӣ ба он соҳаи муносибатҳои иттилоотӣ нисбат дорад, ки ба масъалаҳои ташкили нигаҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дахл доранд.

Махсусияти меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ аз он иборат аст, ки онҳо гурӯҳҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятии хос дар фаъолияти бойгонидорӣ истифодашавандаро ба танзим медароранд. Меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ ҳамаи аломатҳои асосӣ, ки меъёрҳои низоми ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, дорост. Мисли меъёрҳои дигари соҳаҳои ҳуқуқ онҳо инъикоси қоидаҳои амалеро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби давлат бо тартиб ва шакли муайян муқаррар мегарданд ва дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузор дар амал татбиқ карда мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ мазмуни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳо – иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро дар назар дорад, ки иҷроишашон аз ҷониби давлат таъмин карда мешаванд. Фарқияти меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ аз меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар он аст, ки он муносибатҳои дар фаъолияти бойгонидорӣ бавуҷудомадаро ба танзим медарорад. Вобаста бо намуд ва шакли ҳуҷҷатҳо, субъектҳо дар соҳаи фаъолияти бойгонидорӣ, меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ метавонанд ба императивӣ ва диспозитивӣ ҷудо шаванд.

Меъёрҳои моддии ҳуқуқии бойгонӣ мазмуни сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти бойгонидорӣ муайян намуда, маҷмуи уҳдадорӣ, ҳуқуқ, ҳамчунин ҷавобгарии иштирокчиёни муносибатҳо дар фаъолияти бойгонидорӣ, аз ҷумла мазмуни моддии ҳуқуқҳои қонунӣ ва уҳдадориро мустаҳкам менамоянд. Ин меъёрҳо сатҳи ҳуқуқии субъектҳоро дар қисми уҳдадорӣ ва ҷавобгарӣ дар фаъолияти бойгонидорӣ дар самти ташкили нигаҳдорӣ, пур кардан, баҳисобгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар кишвар муқаррар менамоянд.

Меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқи бойгонӣ бошанд аз рӯйи моҳияти худ раванди (тартиб, қоидаи) амалигардонии уҳдадориҳо ва ҳуқуққоеро ба низом медароранд, ки бо меъёрҳои моддии бойгонӣ дар доираи муносибатҳои танзимшаванда дар фаъолияти бойгонӣ муқаррар гардидаанд. Ҳамин тавр, бо ин меъёрҳо тартиби нигаҳдорӣ, баҳисобгирӣ, пуркунӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар равандҳои танзимнамоии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи бойгонӣ муқаррар мегарданд.

Зери мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи бойгонӣ шаклҳои зоҳирии баёни меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ фаҳмида мешаванд. Асоси сарчашмаҳои ҳуқуқи бойгониро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории бойгонӣ ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ” аз 26 марти соли 2009, №506, тавсифи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро чунин баён намудааст: «Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ё бекор мекунад” [9]. Ба таври маъмул санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ – санади ҳуқуқиест, ки аз ҷониби ҳамон мақомоти ваколатдори қонунгузор қабул шудааст ва доимоамалкунанда буда, барои истифодаи бисёрдафъаина пешбинӣ гардидааст. Санадҳои меъёрӣ аз ҷониби мақомоти дорои салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, дар шакли муқарраротӣ қатъӣ нашр мегарданд. Санади меъёрӣ ҳуҷҷати расмии дорои иттилооти ҳуқуқии арзишнок ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи қувваи ҳуқуқӣ ҳамаи санадҳои меъёрӣ бо ду зергурӯҳи калон тақсим мешаванд: санадҳои қонунӣ ва санадҳои зерқонунӣ.

Қобили зикр аст, ки дар кишварҳои федеративӣ нисбат ба мамлакатҳои унитарӣ (ягона) намудҳои васеътари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ истеъмол мегарданд, ки баъзеи онҳо дар кишварҳои хурди унитарӣ амал намекунанд. Дар зер намудҳои санадҳои меъёрӣ оварда мешавад ва ба таври умумӣ шарҳ дода шудааст.

Намудҳои қонун:

1) Конститутсия – санади асосии таъсисдиҳандаи ҳуқуқӣ-сиёсӣ.

2) Қонуни конститутсионӣ (дар кишварҳои федеративӣ – қонунҳои конститутсионии федералӣ, А.Ш.) – ин санади меъёрии ҳуқуқиест, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим дароварда, мавзӯи танзим ва тартиби қабули он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

3) Қонун (дар кишварҳои федеративӣ – қонуни федералӣ, А.Ш.) – ин санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақоми қонунгузор қабул мегардад ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим мекунад. Он ҳамчун санади ҷории қонунгузорӣ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷамъият нигаронида шудааст. Ба ин ҷо кодексҳо низ шомиланд. Кодекс – ин қонуни ягона ва мураттабгаштаест, ки тавассути он соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, бевосита ва бонизом танзим карда мешавад. Он дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Тибқи қоидаи умумӣ кодекс ба соҳаи муайяни ҳуқуқ дахл дорад (масалан, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ.) ва одатан танҳо асоси массиви мутобиқи соҳаро дар бар гирифта, меъёрҳои боқимонда дар дигар санадҳои қонунӣ ва зерқонунӣ дарҷ мегарданд. Баъзе кодексҳо меъёрҳои соҳаҳои қонунгузорӣ (кодекси тиҷоратии дарёнавардӣ, кодекси манзил ва ғ.) ва ё зерқонунии ҳуқукро (андоз, кодекси буҷа) низ муттаҳид мегардонанд. Кодекси бойгонӣ ба мисли бисёре аз кишварҳои тараққикарда дар Тоҷикистон низ мавҷуд нест. Бинобар ин, муносибатҳо дар ин сатҳи қонунгузорӣ мутобиқи дигар кодексҳо ба танзим дароварда мешаванд. Дар ин росто таъкид менамоям, ки тадқиқоти пешинаи муаллиф дар мавзуи мазкур зери унвони «Мавқеи ҳуқуқи бойгонӣ дар миёни низоми ҳуқуқӣ ва фанҳои таълимӣ» аллакай нашр гардидааст ва хонанда метавонад ба он муроҷиат намояд [1].

4) *Қонунҳои субъектҳои Федератсия* (асосан хосси кишварҳои федеративӣ мебошад) низ аз ҷониби намояндагии мақомоти онҳо нашргардида ва танҳо ҳудуди муайян паҳн гардида мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ва воситаи амалисозии меъёрҳои қонунгузорӣ санадҳои зерқонунӣ ба ҳисоб меравaнд, ки меъёрҳои қонунҳоро аниқ менамоянд ва ё меъёрҳои нав муқаррар карда, дар баробари ин ба қонунҳо мутобиқат менамоянд ва ба онҳо зид нестанд. Санадҳои зерқонунӣ инҳо ба шумор меравaнд:

1) қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – аз рӯйи қувваи ҳуқуқӣ санади олии меъёрии зерқонунӣ ба ҳисоб меравaнд;

4) қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – санадҳои мақомоти иҷроияи давлат мебошанд;

5) фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*;

6) қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

7) қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

8) қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

9) қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

10) қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот [9].

Амр, дастурамал ва низомномаҳои вазоратҳо, ки чун қоида танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, онҳо низ дар доираи салоҳияти сохтории иҷроияи мазкур қарор доранд.

Сохтори қонунгузории бойгонӣ метавонад бо меъёрҳои асноди ҳуқуқӣ ва санадҳои қонунгузории бойгонӣ роҳандозӣ гардида бошад:

- меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 23, 25, 30, 40, 44);
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти қонунгузории бойгонӣ (Қонуни ҶТ, №705, аз 3 ноябри соли 1998 «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ»);
- меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ дар таркиби дигар соҳаҳои қонунгузорӣ;
- меъёрҳои ҳуқуқии бойгонӣ дар санадҳои байналмилалӣ.

Дар замони худ Андрей Николаевич Артизов, ки айни ҳол роҳбари Агентии федералии бойгонии Федератсияи Россия мебошад, таснифи санадҳои меъёрии қонунгузории бойгониро аз рӯйи нишонаи соҳавӣ пешниҳод намуда буд ва онҳоро шартан ба се гурӯҳи мустақил ҷудо кард:

1) санадҳои бунёдии мушаххас, ки тамоми масъалаҳои ба салоҳияти қонунгузории бойгонӣ дахлдорро танзим мекунад;

2) санадҳо аз рӯйи масъалаҳои пуркунӣ, нигаҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва баровардани хазинаҳои бойгонӣ;

3) санадҳо дар бораи дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва қоидаҳои истифодаи онҳо [19, с. 22].

Гузашта аз ин, таснифи гурӯҳи ҳуҷҷатҳоро метавон дар шакли зерин пешкаш намуд:

Гурӯҳи аввалро қонуни асосии бойгонии кишвар ташкил медиҳад. Масалан, дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 18 ноябри соли 1998, №705 «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ҳамчун қонуни асосӣ дар самти фаъолияти бойгонидорӣ қабул гардидааст [12]. Мутобиқи мазмуни худ дар кишварҳои федеративӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Ҳиндустон ё дар дигар кишварҳо ба он қонунҳои ҳамгуни субъектҳои кишвар дар бораи фаъолияти бойгонидорӣ дохил карда мешаванд, ки дар маҷмӯъ, сатҳи минтақавии қонунгузории бойгонии он кишварҳоро ташкил медиҳанд.

Дар гурӯҳи дуюм мавқеи асосиро санадҳо дар бораи фаъолияти ба истилоҳ хадамоти махсус ва як қатор вазорат ва идораҳои дигарро шомил мекунанд, ки дар санадҳояшон шароити кори бойгониҳои шахсии онҳо зикр карда мешавад (аввалан, ҳуқуқ ба нигаҳдории дарозмуддат ва амонатнигаҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ арз карда мешавад). Ба ин гурӯҳ дар ҷумҳурии мо Қонун «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 20 марти соли 2008, №362) [7], «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» (аз 26 декабри соли 2011, №792) [8], ҳамчунин Низомномаи Вазорати корҳои хориҷӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 декабри соли 2006, №593 Оинномаи Муассисаи давлатии «Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон» (бо қарори Ҳукумати ҶТ, аз 3 январи соли 2014, №23), Низомномаи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ аз 30 июли соли 2020, №428 қабул гардидааст. Ин гурӯҳро Қонун «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» (аз апрели соли 2019, №1593) [5], ки тартиби берун баровардани сарватҳои фарҳангиро дар хориҷ муқаррар мекунанд, пурра менамояд.

Хусусияти гурӯҳи сеюм дар он аст, ки асноди ба он шомилшаванда на танҳо дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва қоидаи истифодаи онҳоро ба танзим медароранд, балки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрванд, таъмини ошкорбаёнӣ, риояи сирри ҳаёти шахсӣ, сирри тиҷоратӣ ва давлатиро пешбинӣ менамоянд. Муҳимтарин асноди ин гурӯҳ ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (25 марти соли 2011, №687) [11], «Дар бораи сирри давлатӣ» (26 июли соли 2014, №1095) [10], «Дар бораи иттилоот» (10 майи соли 2002, №55) [6], «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2 декабри соли 2002, №71) [13], «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» (18 июни соли 2008, №411) [14] ва як қатор санадҳои меъёрии дигар ба ҳисоб мераванд. Тибқи банди 4-и моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, аз 30 майи соли 2017, №1414, ба ин гурӯҳ указит Президенти Федератсияи Россияро, аз 23 июни соли 1992 «Дар бораи бардоштани муҳрҳои маҳдудкунанда аз асноди қонунгузорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои таъқиботҳои оммавӣ ҳамчун асос хизмат менамуданд» шомил намудан

мумкин аст [20]. Дар асоси он муҳри маҳдудият аз парвандаи ходимони давлатии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ (инчунин ҶШС Тоҷикистон), ки дар солҳои 30-юми асри XX дучори таъқибот гардида буданд, бардошта шуд.

Яке аз олимони рус, номзади илмҳои ҳуқуқ Беликова Светлана Валентиновна таснифи зерини меъёрҳои ҳуқуқи қонунгузории бойгониро пешниҳод намудааст:

1) Қонунгузории конститутсионӣ. Ин сатҳ бо асноди зерин тавсиф мегардад: Конститутсияи Федератсияи Россия, қонунҳои конститутсионии федералӣ, қарорҳои Суди конститутсионии Федератсияи Россия.

2) Принсипҳои умумии қабулгардида ва меъёрҳои ҳуқуқи байалмилалӣ ва шартномаҳои байналхалқии Федератсияи Россия.

3) Қонунгузории Федератсияи Россия. Ин сатҳ чунин пешниҳод гардидааст:

а) қонунҳои Федератсияи Россия ва дигар санадҳои меъёрии Маҷлиси Федералӣ;

б) указ ва амрҳои Президенти Федератсияи Россия;

в) санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Федератсияи Россия;

г) санадҳои меъёрии дигар мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ;

ғ) қонунгузории ИҶШС ва ҶШФСР;

д) санадҳои меъёрии ташкилот ва муассисаҳои моликияти давлатӣ.

4) Қонунгузории субъектҳои Федератсияи Россия. Ин сатҳ пеш аз ҳама бо мавҷудияти Конститутсия ва Оинномаҳои ҷумҳуриҳо ва дигар субъектҳо (моддаи 2-и моддаи 5-и Конститутсияи Федератсияи Россия), қонунҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқии субъектҳои Федератсияи Россия тавсиф мегардад, ки аз ҷониби онҳо мустақилона истифода мешаванд.

5) Санадҳои меъёрии ҳуқуқии худидоракунии маҳаллӣ [19, с. 23].

Дар заминаи таснифи С.В. Беликова меъёрҳои ҳуқуқи қонунгузории бойгониро дар Тоҷикистон бо чунин низом дараҷабандӣ намудан мумкин аст:

1) Қонунгузории конститутсионӣ: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ.

2) Принсипҳои умумии қабулгардида ва меъёрҳои ҳуқуқи байалмилалӣ ва шартномаҳои байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст.

3) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо раддабандии зерин:

а) қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии Маҷлиси Олӣ;

б) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ;

ғ) санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

д) қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

4) қонунгузории ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон.

Низоми қонунгузорӣ дар самти бойгонӣ дар кишвари мо дар замима оварда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки низоми ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни ташаккулёбӣ қарор дорад. Бинобар ин баъзе қисматҳоро дар ин самт дар шароити кишвари ҳуқуқбунёд мебояд коркард намуд. Қабули санадҳои меъёрии дигари соҳа низ ба манфиати кор хоҳад буд. Дар ин замина, ба андешаи мо, мавҷудияти як таснифоти санадҳои ҳуқуқӣ, ки тавонад дар худ ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқиро дар бар

гирад, аз манфиат холӣ нест. Ин таҷриба дар аксар кишварҳои тараққиёфта истифода бурда мешавад.

**ЗАМИМА**

**НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ БОЙГОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИИСТОН**

| |
|---|
| *I-ум дараҷаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷиистон*<br>**Қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>• Конститутсия<br>• Қонунҳои конститутсионӣ |
| *II-юм дараҷаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷиистон*<br>**Принсип ва меъёрҳои байналмилалии умумиэътирофшуда ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст** |
| *III-юм дараҷаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷиистон*<br>**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>• Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Санадҳои меъёрии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ.<br>• Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе; |
| *IV-ум дараҷаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷиистон*<br>**Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мақомоти худидоракунӣ**<br>• қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. |

**Муқарриз: Шарофуддинов С.С. –н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аминзода Ш.И. Мавқеи ҳуқуқи бойгонӣ дар миёни низоми ҳуқуқӣ ва фанҳои таълимӣ. -Душанбе: Фарҳанг ва санъат, 2022. -№1. – С. 96-102.
2. Аминзода Ш.И. Понятие о государственном секрете и его хранение в государственных архивах // Международная научно-практическая конференция под названием «Современные проблемы социально-гуманитарных и юридических наук: теория, методология, практика», Вып. №X (апрель, 2022). – С. 19-29 (русӣ).
3. Аминзода Ш.И. Юридическая ответственность за нарушение архивного законодательства Республики Таджикистан // Международная научно-практическая конференция, Вып. №XI (апрель, 2022). – С. 332-339 (русӣ).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28.06.2011, №721.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ” аз апрели соли 2019 №1593.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот»: аз 10.05.2002 №55.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20.03.2008 №362.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо” аз 26.12.2011, №792.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30.05.2017, №1414.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри давлатӣ” аз 26.07.2014, № 1095.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 №687.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ” аз 13.11.1998, №705.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” аз 2.12.2002 №71.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” аз 18.06.2008 №411.
15. Кодекси маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 31.12.2008, №455.

16. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 21.05.1998, №574.
17. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 06.11.1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 22.05.2016).
18. В.А. Копылов. Информационное право: учебное пособие / Копылов В.А. М.: Юрист, 2005. -282 с.
19. Кузина И.Л. Архивное право: учебное пособие / И.Л. Кузина Комсомольск-на-Амуре: «КнАГТУ», 2011. – 136 с.
20. О снятии ограничительных грифов с законодательных и иных актов, служивших основанием для массовых репрессий: Указ Президента Российской Федерации от 23 июня 1992 года №658.

## МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНИИ БОЙГОНИДОРӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ БОЙГОНӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои меъёрҳои қонунии бойгонидорӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқи бойгонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои тараққиёфта мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар он санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ баён гардида, низоми ҳуқуқии кишвар мавриди таҳқиқ ва баррасии амиқ қарор гирифтааст. Диққати махсус ба низомҳои қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири мутақобилаи онҳо ба якдигар равона гардидааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи бойгонӣ атрофи ҳуҷҷати бойгонӣ давр мезананд. Имрӯзҳо ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳамчун захираҳои иттилоотӣ фаҳмида мешаванд, аз ин лиҳоз ҳуқуқи бойгонӣ бо ҳуқуқи иттилоотӣ зич алоқаманд аст. Ҳуқуқи бойгонӣ ба он соҳаи муносибатҳои иттилоотӣ нисбат дорад, ки ба масъалаҳои ташкили нигаҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дахл доранд. Аз ҷумла, низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти бойгонидорӣ таҳлил гардида, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Масъалаи мазкур дар кишвари мо кам омӯхта шудааст ва таҳқиқи минбаъдаро талаб менамояд. Мазмуни асосии таҳқиқотро таҳлили кори сарчашмаҳои ҳуқуқи бойгонӣ ва меъёрҳои он ташкил медиҳад. Ҳамчунин, муаллиф масъалаҳои низоми қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи бойгонӣ дар кишварро низ таҳлил менамояд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи бойгонӣ, низоми ҳуқуқӣ, бойгонӣ, фанни таълимӣ, муносибати ҳуқуқӣ, иттилоот, меъёрҳои ҳуқуқи бойгонӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқи бойгонӣ, сатҳҳои ҳуқуқ.

## АРХИВНО-ПРАВОВЫЕ НОРМЫ И ИСТОЧНИКИ АРХИВНОГО ПРАВА

В данной статье рассматриваются нормы архивного дела и источники архивного права в Республике Таджикистан и других развивающихся страах. В ней законодательные акты Республики Таджикистан описываются как источник права, а правовая система страны подвергается глубокому исследованию и рассмотрению. Особое внимание уделено уровням законодательства в Республике Таджикистан и их взаимоотношению. В статье отмечается, что правоотношения в области архивного права сосредоточены на архивных документах. Сегодня архивные документы понимаются как информационные ресурсы, в этом смысле право на архив тесно связано с правом на информацию. Право на архив относится к сфере информационных отношений, связанных с вопросами организации хранения, учета и использования архивных документов. В частности, проанализирована и обсуждена законодательная система Республики Таджикистан в сфере архивной деятельности. Данная проблема мало изучена в нашей стране и требует дальнейших исследований. Основное содержание исследования составляет анализ работы с источниками архивного права и их уровнями. А также автор дает обобщенную характеристику проблемам системы законодательства в области архивного права в стране.

**Ключевые слова:** архивное право, правовая система, архив, наука, учебная дисциплина, правоотношение, информация, нормы архивного права, источники архивного права, уровни права.

## ARCHIVAL LEGAL NORMS AND SOURCES OF ARCHIVAL LAW

This article discusses the norms of archiving and sources of archival law in the conditions of the Republic of Tajikistan and has been investigated by developing countries. It describes the legislative acts of the Republic of Tajikistan as a source of law, and the legal system of the country is subjected to in-depth research and consideration. Particular attention is paid to the levels of legislation in the Republic of Tajikistan and their relationship. The article notes that legal relations in the field of archival law revolve around archival documents. Today archival documents are understood as information resources; in this sense the right to archive is closely related to the right to information. The right to an archive refers to the sphere of information relations related to the organization of storage, accounting and use of archival documents. In particular, the legislative system of the Republic of Tajikistan in the field of archival activities was analyzed and discussed. This problem has been little studied in our country and requires further research. The main content of the study is the analysis of work with sources of archival law and their levels. And also, the author gives a generalized description of the problems of the system of legislation in the field of archival law in the country.

**Key words:** archival law, legal system, archive, science, academic discipline, legal relationship, information, archival law, sources of archival law, levels of law.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминзода Шамсулло Исматулло*** – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, ассистенти кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ 18. E-mail: **shamsullo.aminzoda@bk.ru.** Телефон: **+992 900 37 10 37**

**Сведения об авторе:** ***Аминзода Шамсулло Исматулло*** – Государственный институт культуры и искусств Таджикистана имени Мирзо Турсунзода, ассистент кафедры архивоведения факультета библиографоведения и информации. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Джами, 18. E-mail: **shamsullo.aminzoda@bk.ru**. Телефон: **+992 900 37 10 37**

**Information about the author:** ***Aminzoda Shamsullo Ismatullo*** **–**Institute of culture of Tajikistan and arts named after Mirzo Tursunzoda, assistant department of archival studies. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Jami street, 18. E-mail: **shamsullo.aminzoda@bk.ru.** Phone: **+992 900 37 10 37**

**УДК:93:389(575.3)**

# БАЪЗЕ МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ НИСБАТ БА МУАЙЯН КАРДАНИ ФУНКСИЯ ВА ВАЗИФАҲОИ ДИПЛОМАТИЯИ ПАРЛАМЕНТӢ ДАР ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛАМЕНТӢ ДАР МАРҲИЛАИ КУНУНӢ

***Самадов Ф.Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои байналмилалӣ, дар шароитҳое, ки раванди глобализатсия ва ҳамгироӣ дар дунё тақвият меёбанд, шаклҳои гуногун ва методҳои ҳамкориҳои дипломатӣ дар сатҳҳои гуногуни ҳамкориҳои давлатӣ аҳамияти калон касб мекунанд. Яке аз чунин падидаҳо арзи ҳастӣ кардани дипломатияи парламентӣ ба ҳайси механизми тавсеаи ҳамкориҳои байнипарламентӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, муайян кардани таносуби «ҳамкориҳои байнипарламентӣ» ва «дипломатияи парламентӣ» аз нуқтаи назари илмӣ хеле муҳим аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки мафҳуми «ҳамкориҳои байнипарламентӣ» бо мафҳуми «дипломатияи парламентӣ» алоқаи зич дорад. Мутобиқ ба Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2015), фаъолияти муштараки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон самаранокии дипломатияи Тоҷикистонро боло мебарад. Дар ин амр нақши Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба корҳои байналмилалӣ хеле калон аст.

Дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои байнипарламентӣ Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ бо тамоми давлатҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ доранд, ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба роҳ мондааст. Масъалаҳое, ки ҳамкориҳои байнипарламентӣ ҳаллу фасл менамоянд, ба он алоқаманд мебошанд, ки ҳамкориҳои байни парламентӣ дар ҳоли ҳозир қодир ба ҳаллу фасли масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ ва давлатӣ мебошад, ки ба онҳо масъалаҳои ҷиддии зерин мутааллиқ мебошанд: амнияти иқтисодӣ, амнияти гуманитарӣ, амнияти иттилоотӣ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, мубориза бо ҷинояткориҳои муташаккилона, масъалаҳои экологӣ ва амсоли инҳо.

Ба ғайр аз ин, мо метавонем, ба масъалаҳои ҳамкориҳои байнипарламентӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ишора кунем. Ҳамкориҳои байнипарламентӣ ва дипломатияи парламентӣ аз тарафи сиёсатшиносони зиёд ҳамчун шакли ҳамкорӣ дар намуди ташкилотҳои байналмилалӣ ва ассамблеяҳои парламентӣ, ба монанди ОБСЕ, ОДКБ, ШОС ва амсоли инҳо метавонанд мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гиранд. Ба дипломатияи муосири парламентӣ тақвияти иштироки парламентҳои давлатҳои ҳамкорикунанда дар қабули тасмимҳо дар ҳамаи сатҳҳо ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ хос мебошад. Масалан, Маҷлиси Олӣ ҳақ дорад, дар бораи ҳамкориҳои байнипарламентӣ бо парламентҳои дилхоҳ давлат қарордод ба имзо бирасонад. Дар доираи ин созишномаҳо парламент метавонад, барномаи ҳамкорӣ бо парламентҳои хориҷиро қабул намуда, ҳайати намояндагонро муайян карда, фаъолияти ҳайатҳоро ба танзим дарорад. Равияҳои ҷаҳонӣ ба тавсеаи фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии байнипарламентӣ равона карда шуда, таҳияи ҳамкориҳои танзикунандаи байнипарламентӣ, ҷалби ҳамешагии парламентҳои давлатҳои ҳамкорикунанда дар раванди қабули тасмимҳои глобалиро дар назар дорад.

Таъсири дипломатияи парламентӣ ба ҳамкориҳои байнипарламентӣ.

Дар ин робита дипломатия парламентӣ ба воситаи асосии баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ мубаддал мегардад. Дипломатияи парламентӣ – воситаи нодире барои бунёди муносибатҳои хубу эътимоднок дар байни ҳамкорони хориҷӣ ва ватанӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам, Кумитаи корҳои байналмилалӣ дар дилхоҳ парламенти ҷаҳон ниҳоди муҳимтарин маҳсуб меёбад.

Дипломатияи парламентӣ қодир аст, ки «боварию эътимодро дар байни мамлакатҳо тақвият бахшида, ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои доғи байналмилалӣ ва минтақавӣ, коҳиш додани ҷабҳагирӣ ва иқтидори муноқишабарангез, тақвияти боварӣ ва эътимод дар байни давлатҳо ва мардумон таъсири мусбат бирасонад. Истиқрор ва ташаккули низоми бисёрқутбӣ – раванди безбозгашт аст. Ва дар чунин шароит, ниёзмандӣ ба дипломатияи парламентӣ ва самаранокии он бемайлон меафзояд. Алоқаю ҳамкории намояндагон боқӣ мемонанд ва дар он ҷое, ки муносибатҳои хориҷӣ мутавақкиф мешаванд ва ба мушкилӣ мувоҷеҳ мешаванд, онҳо самараи хуб ба бор меоранд. Дар гузориши солонаи Вазорати корҳои хориҷӣ ва суханрониҳои мукаррари вазири корҳои хориҷаи Россия С. В. Лавров, намояндагони дипломатияи Федератсияи Россия бидуни тағйир қайд карда мешавад, ки дипломатияи парламентӣ – «захираи муҳим дар амри татбиқи самараноки хатти маши сиёсати хориҷии Россия мебошад» [18].

Сарфи назар аз таваҷҷӯҳи хеле зиёд ба падидаи дипломатияи парламентӣ, таҳқиқи моҳияти ин ниҳод, таҳлили назариявии амалияҳои беҳтарини он ба самтҳои кам таҳқиқ кардашуда дохил мешаванд. Дараҷаи илмии истилоҳ то ба ҳол ба таври мустақилонаи академӣ кор карда нашудааст.

Қабл аз ҳама, ин ба умри начандон тулонии «дипломатияи парламентӣ», ки мутобиқ ба ченакҳои таърихӣ, дар маҷмуъ ва ниҳодҳои ҷудогонаи парламентӣ, ки бисёре аз онҳо мақоми куҳансолтаринро касб кардаанд, вобаста мебошад (ниҳоди дастнорас, раванди қонунгузорӣ). Сониян, истилоҳи «парламентӣ» ва «дипломатия» хислати байнифаннии ин ниҳод мебошад, ки дар маҳалли атфи сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва конститусионӣ қарор дошта, ки дар навбати худ, таҳияи низоми ягонаи дарк ва таҳлили онро мушкил месозад.

Ба ғайр аз ин, ба дараҷаи омӯзиши масъала бидуни шакку тардид формати динамикаи диверсификатсияи муосири ҳамкориҳои байналмилалӣ, ки ба таври доимӣ ҷустуҷӯйи моделҳои нави дипломатияи парламентиро асоснок мекунад, таъсир мерасонад.

Мақолаҳое, ки перомуни дипломатияи парламентӣ ба нашр расидаанд, асосан мақолаҳои илмӣ буда, ба масъалаи асосӣ таҳлили равияи умумӣ, мубрамияти масъала ва ба бахши омӯзиши ҳуқуқи парламентӣ бахшида шудаанд. Дар ин робита мақолаҳои Н. С. Волкова, Д. Ю. Жука, В. Э. Камучева, В. Н. Лихачева, Н. Е. Наришкина, Т. Я. Хабриеваро қайд кардан ба мақсад мувофиқ мебошад [3;7;9;17;19].

Масъалаҳои муҳимме, ки онҳоро мо метавонем ба соҳаи дипломатияи парламентӣ нисбат диҳем, онҳо дар чаҳорчӯбаи мисолҳои ҷудогонаи ҳамкориҳои [5;6;11;22;24] интегратсионӣ, нақши парламент ҳамчун олоти «неруи нарм» [1;15;16], омӯзиши падидаи «андозагирии парламентӣ» [12;21] мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Инъикоси васеи дипломатияи парламентиро дар мақолаҳои ба нашр расондаи роҳбарони парламенти Россия, сарварони кумитаҳои палата оид ба корҳои байналмилалӣ, инчунин, намояндагони ҷудогонаи Думаи давлатӣ ва Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия дидан мумкин аст [4;8].

Қисмати бештари ин мақолаҳоро мақолаҳои хислати иттилоотидоштаи коршиносӣ доир ба тарҳҳои мушаххаси ҳамкориҳои парламентӣ ё инъикоскунандаи чорабиниҳои ҷудогонаи расмӣ, тарҳҳои гуманитарӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ниҳоди дипломатияи парламентӣ тадриҷан дар шакли соҳаи мустақилонаи тадқиқоти илмӣ ташаккул ёфта, таҳлили амиқи моҳият ва офаридаҳои консептуалиро тақозо менамояд.

Мафҳуми «дипломатияи парламентӣ» ба гардиши илмию сиёсӣ дар соли 1955 аз тарафи Д. Раский, ки вазифаи асосии онро тақвияти якдигарфаҳмӣ дар байни давлатҳо, беҳтар кардани назорат аз болои ҳукуматҳо, беҳтарин намояндагӣ аз кишвари худ ва баланд бардоштани қонунияти демократии ниҳодҳои байнидавлатӣ номида буд, ворид карда шудааст [26].

Соли 1956 донишманд ва олими маъруфи америкоӣ Ф. Ҷессап истилоҳи «дипломатияи парламентӣ»-ро ба дастгоҳи илмию категориалии ҳуқуқи байналмилалӣ ворид намуд. Мутобиқ ба андешаҳои Ф. Ҷессап, дипломатияи парламентӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад. Аввалан, барои он бунёди мақоми доимамалкунанда ё таашкилоте, ки ба он салоҳиятҳо дар доираи васеи масъалаҳо дохил мешаванд, хос мебошад. Дуюм, ҷаласа ва мулоқотҳое, ки чунин мақомҳо роҳандозӣ ва барпо мекунанд, хислати аланӣ доранд ва дар ҷаласоти онҳо рӯзноманигорон ва дигар намояндагони ВАО, ки моҳиятан ҷонибдори манофеи аҳли ҷомеа мебошанд, иштирок меварзанд. Регламенти аниқи кори ин мақом ва тартиби доир кардани ҷаласот, инчунин аз тарафи ҳамаи аъзои ин мақом бидуни чуну чаро риоя кардани он бахши ҷудонопазири дипломатияи парламентӣ маҳсуб мешавад. Мутобиқ ба натиҷаи ҷаласоти ин гуна мақомот санади муштарак (маъмулан қарор) тавассути овоздиҳии ҳамаи иштироккунандагон қабул карда мешавад [27].

Пас, дар шакли аввалияи худ дипломатияи парламентӣ ҳамчун олоти дипломатияи классикӣ, шакли иштироки парламентӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ бунёд карда шуда буд. Бо дарназардошти ҷараёнҳои рушдкунандаи байналмилалӣ дар кишварҳои мушаххас ва дар форматҳои байналмилалӣ дарки моҳият ва нақши дипломатияи парламентӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтааст. Дар пасманзари тавсеаи амалҳои интегратсионӣ ба хатти аввали ҳамкориҳои байнипарламентии хориҷӣ ғояи намояндаи мардумӣ ба ҳайси вазифаи намояндагии парламент ба пеш мебарояд.

Ҳамин тариқ, дипломатияи парламентӣ ба ҳайси самти сиёсати хориҷӣ, ки дар нуқтаи буриши дипломатияи касбӣ ва мардумӣ ташаккул меёбад, мавриди баррасӣ қарор гирифта истодааст [13].

Дар конференсияи раҳбарони парламентҳои миллӣ, ки соли 2000 дар шаҳри Ню-Йорк дар робита ба доир кардан маҷмааи ҳазорсола доир карда шуда буд, андозагирии ҷадидтарини парламентии ҳамкориҳои байналмилалӣ муайян карда шуд. Асоси он дар он зоҳир мегардад, ки «парламентҳо намоди истиқлолияти мардум буда ва бо қонунмандии худ метавонанд, ба раванди инъикоси иродаи давлат дар масъалаи байналмилалӣ таъсиргузор бошанд». Барои таъмини андозагирии парламентӣ, парламентҳо бояд масъулият дар соҳаи муносибатҳои байналмилалиро ба уҳда бигиранд ва дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нисбатан фаъолноктар нақш иҷро кунанд ва дар маҷмуъ ба тақвияти ҳамаҷонибаи дипломатияи парламентӣ мусоидат намоянд.

Раиси ПАСЕ Рене ван дер Линд дар суханронии худ ба муносибати 100-солагии Думаи давлатии Федератсияи Россия дар Конференсияи байналмилалӣ бо номи «Парламентаризми аврупоӣ: таърих ва замони муосир (солҳои 2005- 2008)» қайд карда буд, ки парламентҳо бояд нақши асосии худро дар муносибатҳои байналмилалӣ иҷро кунанд» [25].

Ҳамин тариқ, андозагирии парламентӣ ба ҳайси улгуи ҷадид дар сиёсати ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар бораи гуногуншаклии демократияи парламентӣ дар шароитҳои муосири рушди ҷаҳонӣ ва дар бораи тавсеаи истифодаи он барои мақсадҳои таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дипломатияи парламентӣ дигар ҳамчун бунёди корҳо ва амалкарди ташкилотҳои байналмилалӣ мутобиқ ба принсипҳои парламентаризм мавриди баррасӣ қарор намегирад, акнун ин унсури мустақили иштироки мақомҳои қонунгузор дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Федератсияи Россия дорои таърихи парламентии барои худаш хос мебошад ва дорои шиносномаи вижаи худ дар ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Анъанаҳои дипломатияи парламентии шуравӣ дар асоси пойгоҳи идеологӣ ва сиёсӣ шакл гирифта ва дар шароити муосир амалан нолозим шудаанд. Ниҳоди демократияи парламентӣ дар шакли классикии он то андозае камтар татбиқ шуд, он ҳам бошад, бо танаффусҳои назаррас, ки пайдарҳамии самаранокро мушкил мегардонид [14].

Дар поёни солҳои 1990 фаъолнокии парламент дар сиёсати хориҷӣ дар «чархаи» ҳокимияти иҷроия фаъолият карда, фақат дар доираи сиёсати хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Тағйиротҳое, ки дар марзи садсолаҳо дар чашмандози ҷаҳонии геополитикӣ рух доданд, боиси арзёбии назарраси нақши фаъолияти дипломатии парламентчиёни Россия гаштанд. Ба ҳайси натиҷаи қонунманд дар ин давра дипломатия танҳо мутааллиқ ба давлат набуд.

Дар ин ҷо мо аломатҳои назаррасу устувори унсурҳои дипломатияи парламентиро нишон медиҳем. Қабл аз ҳама, аломатҳои асосии устувори дипломатияи парламентӣ дорои пойгоҳи мустаҳками меъёрӣ мебошанд, ки дар унсурҳои миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳод карда шудаанд.

Имконоти ҳуқуқии иштироки Маҷлиси Федералӣ дар бастани қарордодҳои байналмилалӣ дар қонуни федералӣ аз 15 июли соли 1995 «Дар бораи қарордоҳои байналмилалии Федератсияи Росяия» зикр карда шудааст [23]. Масалан, соли 2016 56 адад қарордодҳои байналмилалӣ ва соли 2017 бошад, 44 адад қарордодҳои байналмилалӣ ба тасвиб расонида шуданд.

Ҳамчун унсури пойгоҳии дипломатияи парламентӣ дар фасли V Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Россия аз 30 ноябри соли 2016, Шурои Федератсия ва Думаи давлатӣ пешбинӣ карда шудааст, дар доираи салоҳиятҳои худ корҳоро доир ба иҷро намудани уҳдадориҳои Федератсияи Россия амалӣ менамояд, инчунин ба баланд бардоштани самаранокии дипломатияи парламентӣ мусоидат менамоянд. (банди 101).

Дар институтсионализатсияи дипломатияи парламентӣ аҳамияти калон ба қарори палатаи Маҷлиси Федералӣ дода мешавад, ки дар он омадааст, ки Федератсияи Россия ба анъанаҳои дипломатияи парламентӣ такя намуда, ба таври фаъолона олоти «неруи нарм»-ро мавриди истифода қарор медиҳад [20].

Фазои қонунии ҳамкориҳои парламентӣ дар интегратсияҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бо оиннома, қарордод, созишнома ва аз он ҷумла резолютсияҳои Ассамблеяи парламентии давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ, Оинномаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002 ва монанди инҳо тақвият карда мешавад.

Нишонаи дуюми дипломатияи парламентӣ табиати намояндагии он мебошад. Мақомотҳои намояндагиҳои мардумӣ звеноҳои асосии раванди демократии қонунии ҳокимият дар ҷомеаи муосир мебошанд.

Ба таври қонунӣ истифода намудани формати парламентӣ дар муносибатҳои парламентӣ аз табиати парламентаризм, хислати мандати депутатӣ, ки ба намояндагони мардум имкон медиҳад, бо такя ба дастгирӣ, ба андешаи иҷтимоӣ такя кунанд ва аз ном ва моҳияти он баромад карда, раъйи интихобкардаи худро амалӣ намоянд, сарчашма мегирад. «Ин чиз ба дипломатияи мардумӣ шабоҳат дорад», – гуфта буд, В. В. Путин дар мулоқот бо роҳбарони палатаи Маҷлиси Федералӣ [2].

Сеюм, дипломатияи парламентӣ зудамал мебошад, дар муқоиса нисбат ба олоти ҳокимияти иҷроия. Мустақилияти ҳокимияти қонунгузор, шомил набудани намояндагон ба низоми ҳокимияти иҷроия бо тобеияти зина ба зина имкон медиҳанд, ки онҳо дар муошират ва муносибатҳои байналмилалӣ нисбатан озоду роҳат бошанд. Парламент афзалан бо чаҳорчӯбаҳои расмии дипломатияи ташрифотӣ маҳдуд карда нашудааст ва ин чиз имкон медиҳад, ки ба таври фаъолона механизмҳои мадоро, мубоҳиса ва тавофуқ мавриди истифода қарор бигиранд.

Аз сӯйи дигар, мақоми баланди давлатии намояндагони мардум, дорои «ҳокимияти давлатӣ» будан ва доштани ҳаққи дастнорасӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ, имплементатсияи мустақими натиҷаҳои дипломатияи парламентиро дар ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таъмин мекунад. Дар айни ҳол меъёри муҳимтарини арзёбии сиёсӣ прогрессивият ва мақому манзалати фаъолияти парламент на танҳо татбиқи амалии тавофуқҳои бадастомада, балки такмили қонунгузорӣ, танзими масоили «муқобилияти мақомҳои қонунгузорӣ» мебошад.

Боз як сифати муҳимми дипломатияи парламентӣ дар чаҳорчӯбаи фаъолияти байналмилалии парламент «неруи нарм»-и он мебошад, ки инъикоси қонунии худро дар Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Россия ёфтааст. Дар он омадааст, ки дар сиёсати муосири байналмилалӣ истифодаи неруи нарм ҷузъи ҷудонопазири он гаштааст ва ин олот барои ҳаллу фасли вазифаҳои хориҷии сиёсӣ мавриди истифода қарор мегирад, аз он ҷумла имконоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, методҳои иттилоотию гуманитарӣ ва дигар методу технологияҳо ба иловаи методҳои анъанавии дипломатӣ (б.9).

Доираи истифодаи «неруи нарм»-и парламент хеле васеъ мебошад. Яъне, аз барқарору роҳандозии алоқаҳои ҳамкории парламентӣ бо парламентҳои давлатҳои хориҷӣ дар майдонҳои байналмилӣ гирифта, то васеъ кардани ҳузури гуманитарӣ дар дигар давлатҳо ва ҷалби ташкилотҳои ҳамватанон дар хориҷи кишвар ба ҳамкорӣ.

Дар сатҳи байналмилалӣ намояндагони мардум ба муҳокимаи ҳаводиси глобалӣ ва пайдо кардани посухҳои муносиб ба масъалаҳое, аз қабили «бетабаиятӣ»-и дастаҷамъӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, қочоқи маводи мухадир, экстремизм, миллатгароӣ, ғайритаҳаммулгароӣ, табъизи нажодӣ ҷалб карда мешаванд. Иштироки намояндагон дар форматҳои музокиравӣ, бавежа дар буҳронҳои Сирия, Ливия ва раванди Минск доир ба Украина хеле назаррас мебошад.

Ҳамин тариқ, дипломатияи парламентӣ ва хислатҳои он иштироки намояндагонро дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳам аз назари қонунӣ ва ҳам аз назари ҳадафҳои мавҷуда, мавҷудияти захираҳои лозима имконпазир мегардонад. Бо такя ба таҷрибаи солҳои охир ва равияи фаъолияти бисёрҷанба ва бисёрсатҳа, метавон хулоса кард, ки дипломатияи парламентӣ дар мақоми сиёсӣ ва институтсионалии хеш дорои механизмҳои мутааддиди таъсиррасонии сиёсии хориҷӣ мебошад.

Дар айни ҳол шаклҳои дипломатияи каммаҳсулу сермаҳсулро набояд якхела баҳогузорӣ кард. Дар майдонҳои гуногуни байналмилалӣ ба унсури дипломатияи парламентӣ накшҳои ҷадид ё вазифаҳои нав вогузор мекунанд. Масалан, вазифаҳои зерин: бунёди шароитҳои муносиб барои музокира то ҳамоҳанг кардани асноду мадорик, пеш бурдани ибтикорҳои интегратсионӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти қонунгузорӣ.

Имрӯзҳо Россия дар «дипломатикунонӣ»-и фаъолияти парламентӣ пешқадам аст, яъне вақте дипломатияи парламентӣ аксаран «шакли калидӣ дар музокира бо давлат» мешавад. Ин андеша дар маркази аксари таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст [15].

Таҳлили таҷрибаи амалии Маҷлиси Федералӣ тайи солҳои 2016-2017 ба таври аён равияи афзояндаи ҳузури парламент дар масири сиёсати хориҷии Россияро собит мекунад. Андозагирии парламентии дипломатия аз чаҳорчӯбаи протоколҳои расмии Думаи давлатӣ ва Шурои Федератсия ё кумитаҳои онҳо доир ба умури байналмилалӣ фаротар рафта, иштироки васеи роҳбарони палатаи Маҷлиси Федералӣ, намояндагони ҷудогона ва иттиҳодияҳои онҳоро нишон медиҳад.

Захоири ҷиддии дипломатияи парламентӣ ба ҳимояи мавқеи Федератсияи Россия дар майдонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои минтақавӣ ва ассамблеяҳои парламентӣ (Иттиҳоди байналмилалии парламентӣ, (МПС), ПА ОБСЕ, ПА НАТО, ПА Ҳамкориҳои иқтисодии бахри Сиёҳ, Форуми парламентии Осиёӣ ва уқёнуси Ором, Шурои шимолӣ, Конференсияи парламентии кишварҳои Балтика, МА провославия, КПС Россия – Иттиҳоди Аврупо, МПА СНГ) ба кор гирифта шудааст. Дар ҷаласаҳои ин ташкилотҳо намояндагони Федератсияи Россия ҳамасола бештар аз 10 маротиба ширкат меварзанд.

Дар моҳи апрели соли 2016 Россия ба ҳайси тарафи пазирандаи Машварати якуми роҳбарони парламентҳои кишварҳои АвруОсиё бо номи «Ҳамкории байнипарламентӣ ба хотири некуаҳволии муштараки минтақаи АвруОсиё дар қарни XXI» баромад кард. Дар тайи 128 соли мавҷудияташ ҷаласаи 137 Иттиҳоди

байнипарламентӣ, ки дар моҳи октябри соли 2017 дар шаҳри Санкт-Петербург доир шуд, ҷаласаи бонуфузтарин маҳсуб меёбад. Дар кори ин ҷаласа 160 нафар намоянда, 87 роҳбари парламент ва 71 нафар муовинони роҳбаронии парламентҳо, бештар аз 850 нафар намояндагони мардумӣ ширкат варзиданд.

Натиҷаи фаъолияти сиёсию дипломатии парламентро, маъмулан аз нуқтаи назари миқдорӣ ва ё арзишӣ баҳогузорӣ кардан ғайриимкон аст. Ба ҳайси меъёрҳои самаранок метавонанд, дараҷаи таъмини афзалиятҳои хориҷии Федератсияи Россия, ки ба сохтани шароити мусоид ҷиҳати рушди дохилии давлат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, тақвияти асосҳои конститусионии давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ нигаронида шудаанд, хизмат намоянд.

**Муқарриз: Саидов Ҳ.С. – д.и.с., профессори ДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Азис Н.М Интеграционные процессы и роль парламентаризма как «мягкой» силы / Н.М Азис // Научные труды Республиканского института высшей школы. -Минск, 2017. -№ 1 (17). -С. 3—10.
2. Встреча с руководством Совета Федерации и Государственной Думы ФС РФ, а также профильных комитетов обеих палат российского парламента 25 декабря 2017 г. // [Электронный ресурс] URL: http://www.kremlin.ru/events/ president/news/56495 (дата обращения: 25.10.2018).
3. Жук Д. Ю. Парламентская дипломатия в деятельности международных организаций / Д. Ю.Жук // Диалог: политика, право, экономика. -2017. -№ 3 (6). -С. 21—30.
4. Жиряков С. М. Парламентская дипломатия — народная дипломатия как важный ресурс внешнеполитической работы // Парламентаризм и развитие гражданского общества: региональные аспекты / С. М.Жиряков //Материалы Всерос. науч.-практ. конференции / отв. ред. Ю. Лупенко; Забайкальский государственный университет. -Чита, 2018. -С. 13—21.
5. Зайцева А. А. Парламентская дипломатия БРИКС / А. А. Зайцева // Международная жизнь. -2015. -№. 13. -С. 91—96.
6. Залесский Б. Беларусь — Казахстан: резерв парламентской дипломатии / Б. Залесский // News of Science and Education. -2017. -Т. 4. № 9. -С. 53—55.
7. Камучева В. Парламентская дипломатия и основы межпарламентского взаимодействия Федерального Собрания / В.Камучева // Научный альманах. -2016. -№ 4 (18). -С. 62—65.
8. Косачев К. И. Парламентская дипломатия в многополярном мире / К. И. Косачев //Диалог: политика, право, экономика. -2017. -№ 1 (4). -С. 26—31.
9. Лихачев В. Н. Парламентская дипломатия / В. Н. Лихачев // Международная жизнь. -2009. -№ 2. -С. 42-56.
10. Косачев К. И. Мягкая сила и жесткая сила — не сумма, но произведение / К. И. Косачев // Индекс безопасности. -2013. -Т. 19. -№ 4 (107). -С. 11—18.
11. Когут В. Г. Актуальные вопросы международной безопасности в русле парламентской дипломатии ОДКБ как фактор интеграции / В. Г. Когут // Управленческое консультирование. -2016. -№ 5 (89). -С. 42—52
12. Когут В. Г. Актуальные аспекты развития евразийской интеграции сквозь призму парламентского измерения содружества / В. Г. Когут // Национальная безопасность и стратегическое планирование. -2017. -№ 2 (18). -С. 8—13.
13. Косов Ю. В. Содружество Независимых Государств: Интеграция, парламентская дипломатия и конфликты / Ю. В. Косов, А. В.Торопыгин. - М.: Аспект Пресс, 2012. -С. 203.
14. Косачев К. Парламентская дипломатия / К.Косачев // Международная жизнь. -2004. -№ 7—8. -С. 130.
15. Косачев К. И. Парламентская дипломатия и ее роль в современном мире: аналитический доклад Международного аналитического центра Rethinking Russia // [Электронный ресурс] URL: https://www.politanalitika.ru/wp-content/uploads/2018/06/Razvitie parlamentarizma.pdf (дата обращения: 11.10.2018).
16. Лебедева М. М. Мягкая сила: понятие и подходы / М. М. Лебедева // Вестник МГИМО-Университета. -2017. -№ 3 (54). -С 212—223.
17. Нарышкин Н. Е. К новому парламентскому измерению евразийской интеграции / Н. Е.Нарышкин, Т. Я. Хабриева // Журнал российского права. -2012. -№ 8 (188). -С. 5—15.
18. Обзоры МИД России о внешнеполитической и дипломатической деятельности Российской Федерации в 2016 и 2017 годах // [Электронный ресурс] URL: http://www.mid.ru/foreign_policy/news/-/asset_publisher/cKNonkJE02Bw/ content/id/2610167 (санаи муроҷиат: 02.10.2018).
19. Парламентское право России: монография / А. И. Абрамова, В. А. Витушкин, Н. А. Власенко [и др.].
20. Постановление Совета Федерации ФС РФ от 26 декабря 2017 г. «Об актуальных вопросах внешней политики Российской Федерации»; постановление Совета Федерации ФС РФ от 19 июля 2017 г. «О заявлении Совета Федерации Федерального Собрания Российской Федерации о российском участии в деятельности Межпарламентского союза»; постановление Совета Федерации ФС РФ от 3 июня 2015 г. №

211-СФ «Об актуальных вопросах внешней политики Российской Федерации» // URL: http://www.pravo.gov.ru (дата обращения: 15.10.2018).
21. Сатвалдиев Н. А. Парламентское измерение Евразийского союза / Н. А. Сатвалдиев // Вестник Кыргызско-Российского (славянского) университета. -2013. -Т. 13. -№ 1. -С. 176—180.
22. Токаев К. Ж. Борьба за мир — миссия парламентской дипломатии в Евразии / К. Ж. Токаев // Вестник Дипломатической академии МИД России. Россия и мир. -2016. -№ 2 (8). -С. 22—25.
23. Федеральный закон от 15 июля 1995 г. «О международных договорах Российской Федерации», с изм. от 12 марта 2014 г. // [Электронный ресурс] URL: http://www.pravo.gov.ru (дата обращения: 15.10.2018).
24. Ягья В. С. Парламентская дипломатия в российско-корейском сотрудничестве / В. С. Ягья // Россия в глобальном мире. -2017. -№ 10 (33). -С. 419—470.
25. International Conference on European Parliamentarianism: Past and Present. Statement by Mr. Van der Linder, President of the Parliamentary Assembly. Saint-Peterburg, 2006. 28 April // URL: http://website-pace.net/web/apce/parliamentary-representation (дата обращения: 13.10.2018).
26. Rusk D. Parliamentary Diplomacy — Debate vs. Negotiation // World Affairs Interpreter. 1955. V. 26. № 2.Pp. 121—138
27. Recueil des Cours de l’Academie de droit international. La Have, 2019. V. 89. P. 234. № 7 (152).

## БАЪЗЕ МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ НИСБАТ БА МУАЙЯН КАРДАНИ ФУНКСИЯ ВА ВАЗИФАҲОИ ДИПЛОМАТИЯИ ПАРЛАМЕНТӢ ДАР ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛАМЕНТӢ ДАР МАРҲИЛАИ КУНУНӢ

Рушди сиёсати ҷаҳонии муосир ба дипломати қарни XXI, ки ба таври хеле босуръат ба низоми бисёрсатҳа ва мураккаб табдил ёфта истодааст, талаботҳои нав пеш мегузорад. Аломатҳои ҷолиб ва ҳамзамон императивии муносибатҳои дипломатӣ дар айни ҳол ҷаҳонишавӣ ва бисёрқутбӣ будан, ноороми ва бисёрмасир будани раванди сиёсати хориҷӣ, таҷаммуи хеле зуд ва коркарди иттилоот ва ҳамзамон минтақагароӣ, боло рафтани худшиносии миллии давлатҳо, ҳамкории васеъ ба субъектҳои ғайридавлатии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Дар ин шароити равияҳои дарозмуддат ҷойи аз ҳама муҳимтарин ба акторҳои нави раванди сиёсати хориҷӣ мутааллиқ аст, ки дар аксари мавридҳо дар форматҳои музокираи байналмилалӣ дар муқоиса бо механизмҳои расмию классикӣ нисбатан рақобатнокпазиртар мебошанд. Масалан, дар радифи амалҳои замони муосир боз дипломатияҳои зерин: аланӣ, иқтисодӣ, рақамӣ, варзишӣ, минтақавӣ, райъӣ ба таври фаъолона зуҳур пайдо мекунанд. Нақши умда дар амалӣ намудани вазифаҳо ва мақсадҳои сиёсати хориҷӣ ба ниҳоди дипломатияи парламентӣ тааллуқ дорад. Комёбии ин самти дипломатия дар он зоҳир мегардад, ки он ба таври маҳдуд дар худ нишонаҳои дипломатияи расмиро ҷой додааст, чунки парламентарийҳо ба намояндагони қонунии давлатҳои хеш, тавассути роҳҳои демократӣ интихоб шудаанд ва ифодакунандаи манфиатҳои интихобкунандагони худ мебошанд. Дар Федератсияи Россия дипломатияи парламентӣ формати ояндадори консептуалии муҳим эътироф шудааст.

**Калидвожаҳо:** парламент, дипломатия, намояндагӣ, парламентарий, давлат, ҳуқуқи байналмилалӣ, самаранокӣ, назорати парламентӣ, демократия, механизмҳо.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ ФУНКЦИИ И ЗАДАЧИ ПАРЛАМЕНТСКОЙ ДИПЛОМАТИИ В МЕЖГОСУДАРСТВЕННОМ СОТРУДНИЧЕСТВЕ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Развитие современной мировой политики предъявляет новые требования к дипломатии XXI веке, которая стремительно трансформировалась в многоуровневую и сложную систему. Примечательными чертами и одновременно императивами дипломатических отношений в настоящий момент являются глобализация и многополярность, турбулентность и многогранность внешнеполитического процесса, быстрая аккумуляция и обработка информации, интеграция и вместе с тем регионализация, возрастание национального самосознания государств, широкое взаимодействие с негосударственными субъектами международного права. В условиях этой долгосрочной тенденции важнейшее место принадлежит новым акторам внешнеполитического процесса, оказывающимся в форматах международного диалога нередко более конкурентоспособными по сравнению с официальными, классическими механизмами дипломатии. Так, в числе трендов в настоящее время активно проявляются публичная, экономическая, цифровая, спортивная, региональная, научная, электоральная дипломатии. Знаковая роль в осуществлении задач и целей внешней политики принадлежит институту парламентской дипломатии. Уникальность этого дипломатического направления проявляется в том, что оно органично сочетает в себе черты официальной дипломатии и дипломатии общественной, поскольку парламентарии выступают легитимными представителями своих стран, избранными путем демократических процедур и выражающими интересы своих избирателей. В Российской Федерации парламентская дипломатия признается концептуально важным, в высшей степени востребованным и перспективным форматом глобального взаимодействия, о чем неоднократно упоминалось на высоком государственном уровне.

**Ключевые слова:** парламент, дипломатия, представительство, парламентарий, государство, международное право, эффективность, парламентский контроль, демократия, механизмы.

**SOME THEORETICAL AND METHODOLOGICAL APPROACHES TO DETERMINING THE FUNCTION AND TASKS OF PARLIAMENTARY DIPLOMACY IN INTERSTATE COOPERATION AT THE PRESENT STAGE**

The development of modern world politics makes new demands on the diplomacy of the 21st century, which has rapidly transformed into a multi-level and complex system. Notable features and at the same time imperatives of diplomatic relations at the moment are globalization and multipolarity, turbulence and multifaceted nature of the foreign policy process, rapid accumulation and processing of information, integration and at the same time regionalization, the growth of national self-awareness of states, and extensive interaction with non-state subjects of international law. In the context of this long-term trend, the most important place belongs to the new actors of the foreign policy process, which often turn out to be more competitive in the formats of international dialogue compared to the official, classical mechanisms of diplomacy. Thus, public, economic, digital, sports, regional, scientific, electoral diplomacy are currently actively manifesting among the trends. A significant role in the implementation of the tasks and goals of foreign policy belongs to the institution of parliamentary diplomacy. The uniqueness of this diplomatic direction is manifested in the fact that it organically combines the features of official diplomacy and public diplomacy, since parliamentarians act as legitimate representatives of their countries, elected through democratic procedures and expressing the interests of their constituents. In the Russian Federation, parliamentary diplomacy is recognized as a conceptually important, highly demanded and promising format of global interaction, which has been repeatedly mentioned at a high state level.

**Key words:** parliament, diplomacy, representation, parliamentarian, state, international law, efficiency, parliamentary control, democracy, mechanisms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Самадов Фаридун Ҷумахонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айни, 67. Телефон: **902809664**

**Сведения об авторе**: ***Самадов Фаридун Джумахонович*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город. Бохтар, улица Айни, 67.Телефон: **902809664**

**Information about the author:** ***Samadov Faridun Dzhumakhonovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant of the Department of History of the Tajik people. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini str., 67.Phone: **902809664**

УДК:93:79(575.3)

# КОМЁБИҲОИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## (даҳсолаи аввал: солҳои 1993-2003)

*Маҳмарасулов М.С., Маҳмадрасулов Б.С.*

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ,**

**Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе**

.

Масоили инкишофу тақвиятбахшии соҳаи варзиш аз нахустин рӯзҳои барқарор шудани сохтори конститутсионӣ дар мадди назари роҳбарияти олии кишвар, бевосита Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Таърих гувоҳ аст, ки ҳанӯз дар давраи пуризтиробу пуртазоди эҳёи сохти навини давлатдории мамлакат соҳаи варзиш ниҳоят дар ҳоли ҳузновар қарор дошт.

Фақат баъди устувор гардидани ҳукумати қонунӣ қадамҳои аввалин барои ташаккули пояҳои боэътимоди ин соҳа гузошта шуданд.

Ҳанӯз 8 августи соли 2011 дар суханронии хеш дар маросими кушодашавии маҷмааи фарҳангӣ-фароғатӣ ва варзишии "Кули ҷавонон"-и ҷамоати деҳоти Кӯлоби шаҳри Кӯлоб Сарвари кишвар чунин қайд карда буданд "Дар ҷаҳони муосир мавқеи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун падидаи воқеияти иҷтимоӣ дар ҳаёти инсоният боло меравад. Аз ин лиҳоз ташаккули варзиши оммавӣ, беҳбуди сатҳи саломатии мардум ва дастовардҳои назарраси мусобиқоти байналмилалӣ ҳамчун нишондоди инкишофи маънавӣ ва ҷисмонии ҳар як халқу миллат баҳогузорӣ мегардад".

Аз ин лиҳоз чораандешии Ҳукумати мамлакат дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш", Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як зумра санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сол ба сол зиёдкунии ҳаҷми таъминоти молиявии соҳа шароити мусоиди тараққиёти ин самтро муҳайё месозанд, ки ин ҳама дар натиҷа омилҳои мусбии вусъати имконият ва инкишофи ин соҳаро дар радифи тарбияту татбиқи тарзи ҳаёти солими ҷомеа ва мардуми кишвар эҷод месозанд.

Сарчашмаҳои бойгонӣ бахшида ба фаъолияти ташкилотҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи онанд, ки рушди сифатан нави тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишвар аслан аз охирҳои соли 1993 ва аввалҳои соли 1994 вусъат мегирад. Амалан, дар ҷумҳурии мо фаъолияти мунтазаму собитқадамонаи рушди соҳаи варзиш оиди иҷрои Дурнамои давлатӣ эҳё гардид, ки он иҷрои нақшаҳои тақвимии чорабиниҳои варзишӣ – оммавӣ ва ҷисман солимгардонии аҳолӣ, инчунин иштироки варзишгарони тоҷикро дар мусобиқоти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар бар мегирифт. Ҳамзамон, ин Дурнамо омодасозӣ ва ташаккулу такмили варзишгарон, барпокунию устуворсозии таҳкурсии моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тақозо менамуд.

Барои иҷрои ҳадафҳои асосӣ, аслан, таъминоти молиявии доимию саривақтӣ лозим буд. Афсӯс, ки бо дарназардошти ҳаводиси маълуми солҳои 1991-1993, чунин фаъолияти мураттаби ҳаракати варзишӣ дар ҷумҳурӣ умуман ғайриимкон буд. Чорабиниҳои варзишӣ – оммавӣ номунтазам ва гоҳ-гоҳ дар баъзе шаҳру навоҳӣ бо ташаббусу дастгирии шахсони алоҳида гузаронида мешуданд.

Дар аввали соли 1994 нишондодҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ниҳоят ҳузнангез буданд. Ҳамчунин, дар зарфи се соли охир (1991-1993 с.) яку якбора шумораи шуғлварзони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш рӯ ба таназзул ниҳода буд.

Ба ҳар ҳол, ба айёми вазнин нигоҳ накарда, чорабиниҳои варзишӣ баргузор мешуданд. Чунончи: Тими мунтахаби Тоҷикистон "Помир" дар мусобиқоти ИДМ лигаи олии футбол бомуваффақият баромад менамуд.

Соли 1991 аз ҳайати 16 тими Иттиҳоди Шуравӣ "Помир" зинаи 10-умро ишғол намуд. Моҳи июни соли 1992 дар шаҳри Душанбе мусобиқоти байналмилалӣ барои Ҷоми Осиё байни тимҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон гузаронида шуд, ки натиҷааш дуранг (2:2) буд. Иштироки варзишгарони тоҷикистонӣ дар XXV бозиҳои олимпӣ дар шаҳри Барселона дар соли 1992 муваффақона буд. В. Шикарев (камонварӣ) новобаста аз он, ки ҷойи 5-ро ишғол намуд, ӯ дар масофаи 90 метр рекорди олимпӣ гузошт, А. Василев (тирпаронӣ) сазовори ҷойи 4-ум гашт, В.Соков (варзиши сабук ҷаҳиши секарата) ҷойи 8-умро ишғол кард, А.Абдувалиев (гурзпартоӣ) ғолиби бозиҳои олимпӣ гардид.

Дар ҳамон солҳои барои мардуми Тоҷикистони оғуштаи ҷанги шаҳрвандӣ ниҳоят мушкил як зумра варзишгарони кишвар дар мусобиқоти байналмилалӣ бо муваффақият қувваозмоӣ намуданд: И Ким аз ш. Хуҷанд дар чемпионати Фаронса оид ба "карате-до" дар шаҳри Миолузен сазовори медали биринҷӣ гардид; шоҳмотбози 15-сола аз ш. Душанбе Ф. Амонов дар чемпионати Осиё (Ҷумҳурии Қатар) ҷойи ифтихории аввалро (1-ум) сазовор гашта, нахустин шуда унвони меъёри устоди варзиши ФИДЭ-ро ҳифз намуд. Ҳамзамон, варзишгардухтарони тоҷикистонӣ маҳорати баланди варзишӣ худро нишон доданд.

Бо аъзо шудани Федератсияи футболи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти ФИФА барои гузаронидани силсилаи воҳӯриҳо бо футболбозони хориҷӣ шароит муҳайё гашт. Тими футболи Тоҷикистон Регар (ш. Турсунзода) ҳамчун пешқадам се воҳӯрии рафиқона бо пурқувваттарин дастаи Қатар гузаронда, ғолиби мутлақ гашт.

Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи тақвимии чорабиниҳои варзишӣ-оммавӣ, тандурустию ҷисмониро барои соли 1994 муҳокима ва тасдиқ намуд, ки дар он ба намудҳои афзалиятноки варзиш дар шароити Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешуд. Чунончи: аз 373 чорабинии оммавӣ 202-тои онҳо ба намудҳои ба Барномаҳои бозиҳои олимпӣ ворид шуда тааллуқ доштанд. Инчунин, дар 52 мусобиқоти оммавӣ таваҷҷуҳи махсус ба рушду нумӯи намудҳои миллии варзиш нигаронида шуда буд.

Бахшида ба ҷашни 50-солагии Ғалаба бар фашизм дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 Спартакиадаи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду давра бо воҳӯрии ниҳоӣ дар ш. Душанбе соли 1995, бо иштироки зиёде аз 300 варзишгар гузаронида шуд.

Ҳамзамон, мутобиқи Қарори Сарони Ҳукуматҳо ва президентони Кумитаҳои олимпии 5 давлати Осиёи Миёна (Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон) ва ташаббуси бевоситаи Президенти МОК (Кумитаи байналмилалии олимпӣ) Маркиз Хуан Антонио Самаранч аз 1-ум то 9-уми сентябри соли 1995 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон аввалин (якумин) бозиҳои варзишии Осиёи Марказӣ баргузор шуданд.

Тими мунтахаби Тоҷикистон 15 медал ба даст овард: 2 тилло, 2 нуқра ва 11 биринҷӣ. Абдуллоев (гурзпартоӣ) ҷойи аввал (натиҷаи 83м.10см); Х.Қурбонов медали тилло дар гӯштини юнонию румӣ; муштзан (боксёр) Р.Раҷабов дар вазни 51 кило ҷойи дуюм ва дигарон ҷойҳои ифтихориро сазовор гаштанд. Иштироки варзишгарони тоҷикистонӣ дар Бозиҳои Осиёи Марказӣ ба марҳилаи муҳимми омодагиҳо ба Бозиҳои олимпии соли 1996 дар Атланта ва чемпионатҳои ҷаҳону Осиё таҳкурсӣ гузошт.

Рушди минбаъдаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон вусъати ҳамаҷонибаи робитаҳои расмиро бо мамолики хориҷа тақозо менамуд. Зарурияти чунин муносибатҳо чандин маротиба дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди муҳокима қарор гирифта буд. Аз ин лиҳоз 16 сентябри соли 1996 дар шаҳри Пекин (ҶХХ) шартномаи тарафайни ҳамкориҳо оиди барпо намудани чорабиниҳои варзишӣ ва мубодилаи ҳайатҳои расмии варзишгарон ба имзо расонида шуд. Ҳамон сол, ҳамчунин, меморандум ва шартномаи ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ба расмият дароварда шуд. Ин шартнома иборат аз 7 банд мубодилаи ҳайатҳои расмӣ ва кормандони илмӣ, мураббиён ва варзишгарон, ҳамчунин таҳвили либосҳои варзишӣ ва таҷҳизоти соҳавӣ аз Ҷумҳурии Исломии Покистон ба кишвари моро дар бар мегирифт. Мутаассифона, ҳамаи ин дар амал ҷорӣ нашуданд.

Рӯйдоди бузург дар ҳаёти варзишгарони Тоҷикистон иштироки тими мунтахаби олимпии Тоҷикистон дар XXVI-умин Бозиҳои олимпӣ (ш. Атланта, ИМА с.1996) маҳсуб меёбад.

Якумин бор дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон дар ҳайати 9 варзишгар, давраи интихобиро сарбаландона гузашта, ба қисмати ниҳоии (финал) Бозиҳои XXVI-уми Олимпӣ роҳ ёфтанд. Агарчанде, онҳо натиҷаҳои дилхоҳро ба даст наоварданд, лекин худи воқеияти аслии иштирокашон дастовардҳои назарраси эҳёи варзиши бузурги Тоҷикистонро муаррифӣ менамуд.

Ду дафъа дар ш. Душанбе (солҳои 1994-1995) вохӯриҳои дӯстонаи байналмилалӣ оид ба гӯштини миллӣ бо варзишгарони Ҷумҳурии Исломии Эрон гузаронида шуд. Беҳтарин варзишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин бор дар сабқати маъмули байналмилалии “Ал-Тирмизӣ”-и ш. Тирмиз ширкат варзиданд.

Варзишгарони тоҷикистонӣ бо иштироки фаъолонаи худ дар дуюмин Бозиҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Алма-ато, Спартакиадаи Меҳнаткашони Федератсияи Россия дар шаҳри Москва соли 1997 сазовори дастовардҳои баланди варзишӣ гардиданд. Ин ва дигар мусобиқоти байналмилалӣ муаррифгари маҳорати варзишгарони кишвари мо мебошанд. Танҳо бо иштирок дар се мусобиқоти байналмилалӣ: (Спартакиадаи меҳнаткашони Федератсияи Россия дар ш. Москва, дуюмин Бозиҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Алма-ато ва Бозиҳои Осиёи Ғарбӣ дар Эрон) варзишгарони Тоҷикистон сазовори 5 медали тилло, 13 медали нуқра ва 46 медали биринҷӣ гардиданд.

Соли 1998 аввалин бор дар таърихи варзиши тоҷиқ дар шаҳри Душанбе бо сарпарастию дастгирии молиявии “Тоҷикбонкбизнес” сабқати байналмилалии шоҳмотбозӣ барои соҳиб шудан ба Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо

гашт. Зиёде аз 20 нафар шоҳмотбозони машҳур аз Ҳиндустон, Русия, Олмон, Булғористон, Молдова ва соир кишварҳои ҷаҳон дар ин мусобиқот ширкат варзиданду барои ғолибият сабқат намуданд. Пешсафи тими мунтахаби Тоҷикистон Мегерам Магомедов соҳиби холҳои аз ҳама зиёд гашта, соҳиби Ҷому туҳфаи қиматбаҳо гардид. Ҳамзамон, ба ӯ унвони фахрии "Гроссмейстер" сазовор дониста шуд. Инчунин, шоҳмотбозони тоҷик А. Назаров, Ф.Амонатов ва дигарон муваффақ гаштанд.

Солҳои 1998-1999 як зумра варзишгарони тоҷик дар зӯрозмоиҳои ҷаҳонӣ маҳорати баланд нишон дода, соҳиби зинаҳои пурифтихор гардиданд. Саидаҳтам Раҳимов соҳиби Ҷоми ҷаҳон оид ба САМБО Д.Сайфиддинов чемпиони ҷаҳон оид ба таэквандо дар байни ҷавонон (ИТФ), Талъат Холназаров чемпиони ҷаҳон оид ба Пауер-Лифтинг, М.Магомедов ғолиби Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ф.Амонатов ғолиби бозиҳои Осиёӣ оид ба шоҳмот, А.Каримов ғолиби мусобиқоти осиёӣ оид ба варзиши маъюбон шуданд. Чунин музаффарият беҳтарин ва нахустин дастовардҳои варзишии кишвари зиёндидаи мо баъди соҳибистиқлолӣ гардид.

Соҳибистиқол шудани кишвар, ташкили федератсияҳои варзишии гуногуннамуд, эътироф намудани онҳо аз ҷониби федератсияҳои ҷаҳонӣ, мусобиқоти интихобии пайдарпай барои тимҳои мунтахаби Тоҷикистон шароити мусоид муҳайё намуданд. Чунончи, аз 4 апрел то 25 майи соли 1999 барои иштирок намудан дар бозиҳои олимпии шаҳри Сиднеи Австралия, дар шаҳри Душанбе, миёни дастаҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистону Ӯзбекистон сабқатҳои интихобии футбол гузаронида шуд. Баъдан, аз 1 то 10-уми августи ҳамон сол миёни тимҳои мунтахаби Тоҷикистон, Уммон, Қирғизистон ва Ироқ сабқати байналмилалии Осиё баргузор шуданд. Ҳарчанд ки тими мунтахаби Тоҷикистон дар ин сабқатҳо соҳиби роҳхат ба даври оянда нагардид, лекин ин бозиҳо худ сабаби болоравии сатҳи таҷриба ва маҳорати касбии варзишгарони тоҷикистонӣ гардиданд.

Моҳи сентябри соли 1999 мардуми Тоҷикистон 1100-солагии давлати Сомониёнро пуршукӯҳ ҷашн гирифтанд. Ба ин муносибат нахустин Спартакиадаи бонувони Тоҷикистон гузаронида шуд. Баъди таваққуфи 14- сола, бо дастгирии шахсии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 1999 таҳти №135 барои ин Спартакиада 7 миллион рубл ҷудо карда шуд. Дар даври аввали он 12 ҳазор нафар ширкат намуданд. Дар даври ниҳоӣ (финал) бошад, 610 бонуи варзишгар, ки ғолибони мусобиқаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ буданд, сабқат намуданд. Бо касби 460 хол варзишгарбонувони ВМКБ ғолиби ин Спартакиада шуданд.

Дар соли 1999 3038 варзишгари Тоҷикистон дар 26 намуди варзиш дар 84 сабқати байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки 76%-и нақшаи солонаро ташкил менамуд, ширкат варзиданд.

Моҳи сентябри соли 2000 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори №392 "Оиди баргузории Спартакиадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 10-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро интишор намуд. Расман Спарткиадаро бояд дар се давр бо баргузории сабқати ниҳоӣ (финал) дар ш. Душанбе мегузарониданд. Бо ин мақсад Кумитаи ташкилӣ бо сарварии ҷонишини Сарвазир Н.Шаропова тасдиқ гардид. Ҳамзамон, Спартакиадаҳои мактаббачагону хонандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии ҷумҳурӣ ва дар шаҳри Турсунзода,

Олимпиадаи “Сепетсиал Олимпикс”-и Тоҷикистон миёни маъюбони наврасон барпо гардиданд. Зумраи ғолибони ин мусобиқот дар сабқатҳои байналмилалӣ баромад намуда, маҳорати баланди варзиши хешро намоиш доданд.

Дар соли 2000 дар 45 мусобиқоти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ 2818 варзишгари Тоҷикистон ширкат варзиданд, ки 7 нафари онҳо меъёри Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, 58 нафар Устоди варзиши ҷумҳурӣ ва 3 нафар унвони “Устоди хизматнишондодаи Тоҷикистон”-ро ҳифз намуданд. Барои саҳми арзанда дар ривоҷу равнақи соҳаи варзиш дар кишвар ба 14 корманд унвони “Корманди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ба 3 нафари дигар унвони фахрии “Мураббии хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро сазовор донистанд.

Бахшида ба 10-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари манотиқи кишвар соли 2001 аз рӯйи Барномаи ҷашнии Спартакиада, ки худ азназаргузаронии дастовардҳои фаъолияти варзишӣ дар маҳалҳо буд, ҷалби аҳолӣ ба ташаккули мунтазами тарбияи ҷисмонӣ, таблиғоти он ҳамчун яке аз омилҳои асосии тарбия, ки мусоидаткунандаи инкишофи мутаносибии шахсияти инсон ва устуворгардонии солимии тандурустию фаъолияти эҷодии аҳолӣ мебошад, чорабиниҳои варзиши оммавӣ авҷ гирифта буданд. Чунин чорабиниҳо сабаби маҳви хусумату кинаву адовати маҳалгароёна дар кишвар гардида буданд.

Дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ дар ин мусобиқот зиёда аз 422 ҳазор варзишгарон фаъолона ширкат варзиданд. Марҳалаҳои 1 ва 2-и ин Спартакиада дар ҳама манотиқи кишвар аз рӯйи намудҳои маъмули дастрас, ки омили бузурги илҳомбахшу қолиби машқҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошанд, ташкил карда шуда буданд.

Чунин мавқеи варзишгарон ба мубориза бо нашъамандӣ, гардиши ғайриқонунии он дар байни ҷавонону ҷамъият, қонунвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ умуман равона гардидааст. Дар ин самт, фаъолияти ҷамъиятҳои варзиши вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Турсунзода ва навоҳии Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳритусу Файзобод шоёни таҳсин мебошад. Чунки онҳо Спартакиадаро дар маҳалҳо дар сатҳи баланду муташаккилона гузаронида буданд, ки намунаи ибрати дигарон бояд бошад. Сабқати ниҳоии Спартакиада аз 26 апрел то 8 майи соли 2001 дар бошишгоҳҳои варзишии ш. Душанбе аз рӯйи 12 намуд (гурӯҳи 1) ва 7 намуд (гурӯҳи 2) тантанавор гузаронида шуданд.

Бо омодагии варзишӣ-техникӣ дар сабқатҳои ниҳоии мусобиқот 11 нафар устодони варзиши дараҷаи байналмилалии ҷумҳурӣ, устодони варзиши ҷумҳурӣ 115 нафар, номзадҳо ба устоди варзиши ҷумҳурӣ 202 нафар ва 315 нафар дорандаи дараҷаи 1 варзишӣ ширкат варзиданд. Қисмати ниҳоии сабқатҳоро 303 нафар доварони тахассусманди варзишии дорандагони дараҷаҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ, ки омодагии махсус дида буданд, доварӣ намуданд.

Дар ҷамъбасти ин мусобиқот аз рӯйи намудҳои варзишӣ 5 рекорди Тоҷикистон (аз вазнбардорӣ) ба қайд гирифта шуд, 53 нафар варзишгар меъёри унвони устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, 92 варзишгар меъёри номзад ба устоди варзиш ва 210 варзишгар дараҷаи аввали варзиширо ҳифз намуданд.

Таваҷҷуҳи хоса аз ҷониби роҳбарияти Федератсияи футболи Тоҷикистон ба рушди футболи кӯдакона зоҳир гардид. Бо мақсади интихоби дастаи мунтахаби

ҷавонони ҷумҳурӣ сабқати умумиҷумҳуриявии мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон (ДЮСШ) оид ба футбол баргузор шуд. Миёни макотиби варзишии вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе тими “Равшан”-и шаҳри Кӯлоб ғолиб омад.

Дар ҷумҳурӣ дар соли 2002 як зумра Спартакиадаҳои соҳавӣ дубора эҳё гардиданд. Баъди танаффуси дарозмуддат Спартакиадаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон аз рӯйи 4 намуди варзишу 200 иштирокчӣ барпо шуд. Ҳамчунин, клуби футболи “Локомотив” таъсис ёфт.

Дар ин солҳо бошишгоҳҳои доимамалкунандаи беҳдошти саломатии наврасону ҷавонон фаъол гардиданд. Танҳо соли 2002 дар доираи чорабиниҳои варзишию беҳдоштӣ зиёда аз 1,5 ҳазор мусобиқоти гуногуни оммавӣ бо иштироки 33639 варзишгар амалӣ карда шуданд. Фақат аз соҳаи Кумитаи варзиши ҷумҳурӣ дар чунин чорабиниҳо 2124 ҷавону наврас фаъолона иштирок намуданд.

Соли 2002 Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон силсилаи чорабиниҳои варзишӣ-беҳдоштии солимгардонӣ ва ташвиқотиро амалӣ намуд. Рӯзи 19 май дар 17 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ рӯзи дави олимпӣ зери шиори “Дави варзишӣ зидди нашъамандӣ” бахшида ба даҳсолагии Кумитаи миллии олимпии кишвар баргузор шуд. Дар саросари ҷумҳурӣ дар Рӯзи Дави олимпӣ 26867 нафар иштирок намуданд, ки нисбат ба соли 2001 ду маротиба зиёд мебошад.

Муҳимтарин рӯйдоди соли 2002 барои тими мунтахаби олимпии Тоҷикистон ин иштироки онҳо дар XIV-Бозиҳои Осиёӣ дар ш. Пусанаи Кореяи Ҷанубӣ аз 29 сентябр то 14 октябр ҳисоб мешавад.

Бо мақсади омодагии ҳамаҷониба ба ин мусобиқот Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон барои 26 нафар варзишгарони клуби “Олимп” ҷамъомади таълимӣ варзишии 2-сола ташкил намуда, ширкати онҳоро дар сабқатҳои байналмилалӣ таъмин намуд. Ғайр аз ин, бори аввал дар таърихи ҷаҳонии баргузории Бозиҳои Осиёӣ оташи олимпӣ дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе фурӯзон гашт, ҳамчуноне ки дар дигар пойтахтҳои иштироккунандагони XIV Бозиҳои Осиёӣ дар шаҳри Пусана.

Тими мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 65 нафар дар мусобиқот аз рӯйи 14 намуди варзиш ширкат намуд. Ҳамзамон, онҳо 6 медал (2 нуқра ва 4 биринҷӣ) ба даст оварданд, ки аз 43 кишвари Осиё варзишгарон сабқат намуданд. Аз варзишгарони тоҷикистонӣ Ю.Абдусаломов ва Л.Карамчакова медалҳои нуқра оид ба гӯштини тарзи озод, И.Исмоилов (карате таэквандо), Ш.Алиев (гӯштини тарзи озод), А.Ҳасанов ва М.Умаров (бокс) медалҳои биринҷиро соҳиб гаштанд.

Қувваозмоиҳои таэквандочиёни Тоҷикистон дар соли 2003 нисбатан бобарор буд, чунки дар XII-умин сабқати байналмилалӣ барои ба даст овардани ҷоми Пётри Бузург дар шаҳри Санкт-Петербург онҳо 4 медали тиллоӣ ва 1 медали биринҷиро ба даст оварданд.

Рӯйдоди бузурги таърихии ҳаракати варзишии ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолии он ин баргузории V-умин Бозиҳои Осиёимиёнагӣ дар Тоҷикистон аз 14 то 20 октябри соли 2003 ба ҳисоб меравад. Олимпиадаи хурди баргузидаи кишварҳои ба ҳам дӯсти Осиёи Миёна аз шоу-барномаи муҳташам оғоз шуд. Дар маросими оғоз Президенти кишвар Э.Ш.Раҳмонов ширкат варзида муҳиммияти ин

Бозиҳоро дар таърихи тақвияти дӯстию ҳамдигарфаҳмиҳои мардуми Осиёи Миёна махсусан қайд намуд.

Варзишгарони тоҷикистонӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои Барномаи мукаммали ин бозиҳо: дзюдо, бокс, гӯштинҳои тарзи озод, румӣ-юнонӣ, қураш, таэквандо ВТФ, баскетбол, волейбол, тирпаронӣ, тенниси саҳроӣ, варзиши сабук фаъолона сабқат намуда, муваффақ гаштанд. Махсусан аз гӯштини дзюдо (ҷойи аввали умумидаставӣ), қураш (ҷои дуюми даставӣ), бокс (ҷойи дуюми даставӣ), таэквандо ВТФ (ҷойи дуюми даставӣ), тенниси саҳроӣ (ҷойи дуюми даставӣ). Бо натиҷаи назаррас инҳо ғолибон гаштанд: Т.Собиров, Р.Боқиев, Ш.Бозоров (дзюдо), Ю.Абдусаломов, Ш.Алиев (гӯштини тарзи озод), М.Туйчиев (румӣ-юнонӣ), М.Бобоев, И.Фозилов, Д.Нарзуллоев (таэквандо ВТФ), К.Коробко, Л.Рубаева, С.Хазратова (таэквандо), Ш.Достиев, Х.Ҷӯраев (бокс), Д.Назаров, Е.Стаканов (варзиши сабук), М.Яҳёев, С.Макашин (тенниси саҳроӣ). Дар ҷамъбасти мусобиқот тими мунтахаби Тоҷикистон бо дастоварди 17 медали тиллоӣ, 22 нуқра ва 17 биринҷӣ бори аввалин дар таърихи Бозиҳои Осиёимиёнагӣ сазовори ҷойи сеюм гаштанд.

Бархе аз варзишгарони муваффақи Тоҷикистон мавсими соли 2003-ро бо дастовардҳои назаррас ҷамъбаст намуданд. Д.Назаров – гурзпартои умедбахши кишвар дар ҳайати мунтахаби Осиё дар якумин Бозиҳои Афро-Осиёӣ дар шаҳри Ҳайдарободи Ҳиндустон бо партофти гурз ба масофаи 69м.72 см.ҷойи дуюмро ишғол намуд.

Инак, агарчанде дар солҳои 1991-1993, бо сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар, варзиш рӯ ба таназзул ниҳода буд, лекин шуруъ аз соли 1994 рушди сифатии он ба назар мерасад. Муҳимтарин чорабиниҳои варзиши оммавӣ ва беҳдоштӣ-солимгардонии ин давра ба 1100-солагии давлати Сомониён ва даҳсолагии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буданд. Ҳамзамон, сабқатҳои кишвар ба иҷрои ҳамаҷонибаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” бахшида шуда буданд. Дастаи мунтахаби ҷумҳурӣ дар XXVII-умин Бозиҳои олимпӣ дар шаҳри Сиднеи Австралия (2000 с.), XIX-умин Бозиҳои олимпии зимистона дар ИМА (2000 с.) XIV Бозиҳои Осиёӣ дар шаҳри Пусанаи Кореяи Ҷанубӣ (2000 с.) ширкат варзиданд.

Ба туфайли амалӣ намудани чорабиниҳои ташвиқотӣ-тарбиявии мухталиф яку якбора сафи иштирокчиёни ҳаракати варзишии кишвар боло рафт. Танҳо дар соли 2000 дар ҷумҳурӣ шумораи варзишгарзанон ба 45 ҳазору 380 нафар мерасид, ки ин нисбат ба соли 1998 14 ҳазору 414 нафар зиёд буд. Ҳамзамон, сатҳи маҳорати варзишгардухтарон ташаккул меёфт. Акнун, 50 фоизи ширкаткунандагони тими мунтахаби олимпиро дар XXVII-умин Бозиҳои олимпии шаҳри Сиднеи Австралия (2000 с.) занҳо ташкил медоданд.

Дар ҳамин давраи таҳлилӣ 11 нафар устоди хизматнишондодаи варзиш, 49 устоди варзиши байналмилалӣ, 364 устоди варзиши Тоҷикистон ба воя расиданд. 10 варзишгари ватанӣ чемпиони ҷаҳон ва Аврупо, Осиё ва мусобиқоти байналмилалӣ гардиданд: С.Раҳимов, Х.Назриев, Р.Боқиев (дзюдо), Г.Дадобоева, Д.Назаров (варзиши сабук), Д.Сайфиддинов, Д.Тураев (таэквандо ИТФ), М.Магомедов (шоҳмот).

Чунин буд як зумра хотироти дастовардҳои варзишгарони тоҷикистонӣ дар давраи даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз эҳёи намудҳои мухталифи варзиш дар кишвар ва рушду нумӯи маҳорати варзишгарони он гувоҳӣ медиҳанд.

**Муқарриз: Ҳусейнзода М.О.- н.и.т., дотсенти Филиали ДДМ ба номиМ.В.Ломоносов дар ш.Душанбе**

## АДАБИЁТ


1. Бойгонии Давлатии Марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ганҷинаҳои Р-344, 404, 1515, 1550, 1552, 1553).
2. Бойгонии давлатии вилояти Суғд. Ганҷинаи Р-17, 123, 395.
3. Бойгонии фаръии Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон с.с.1991-2003.
4. Бойгонии фаръии Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон. с.с.1992-2003.
5. Бойгонии фаръии Федератсиони намудҳои миллии варзишу бозиҳои Тоҷикистон. с.с.2000-2003.
6. Бойгонии фаръии Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии ба номи С.Раҳимов. ш. Душанбе. с.с.1993-2003.
7. Бойгонии фаръии ҷамъияти варзиши "Динамо" с.с.1993-2003.
8. Бойгонии фаръии Кумитаи варзиши ш.Кӯлоб с.с.2000-2003.
9. Бабаджанов А. Спортивный век Таджикистана / А.Бабаджанов. - Душанбе, 1998. - С. 121.
10. Бабаджанов А.К. Развитие физической культуры и спорта в Таджикской ССР в период 1971 - 1985гг. / А.К. Бабаджанов. -Душанбе, 1990.
11. Мавлоназаров Б. История физической культуры и спорта в Горно-Бадахшанской автономной области (1950 - 1990гг.) / Б.Мавлоназаров. - Душанбе, 1999;
12. Махмадрасулов Б.С. Физическая культура таджикского народа в средние века / Б.С. Махмадрасулов. - Душанбе, 2002.
13. Суяркулов Т.М. Прошлое и настоящее таджикского спорта / Т.М. Суяркулов. - Душанбе, 1968. - С.33.
14. Текущий архив Комитета по делам физической культуры и спорта при правительстве Республики Таджикистан (постановления,указы правительства, статистические отчеты, справки спорткомитетов республики, советов ДСО за 1936-1997 гг.).


## КОМЁБИҲОИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(даҳсолаи аввал: солҳои 1993-2003)**


Мақолаи мазкур таҳлил ва баҳси таърихи рушди соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар даврони соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Масоили инкишофу тақвиятбахшии соҳаи варзиш аз нахустин рӯзҳои барқарор шудани сохтори конститутсионӣ дар мадди назари роҳбарияти олии кишвар, бевосита Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Таърих гувоҳ аст, ки ҳанӯз дар давраи пуризтиробу пуртазоди эҳёи сохти навини давлатдории мамлакат соҳаи варзиш ниҳоят дар ҳоли ҳузновар қарор дошт.Фақат баъди устувор гардидани ҳукумати қонунӣ қадамҳои аввалин барои ташаккули пояҳои боэътимоди ин соҳа гузошта шуданд.Кӯшиш карда шудааст, то саҳифаҳои номаълуми эҳё ва барқарорсозии марҳалаҳои муҳими рушду таҳкими ин самти сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷае аён гардад. Тадқиқот дар асоси миқдори зиёди маводи фактӣ оид ба тарҷумаи ҳоли варзишии варзишгарони барҷастаи Тоҷикистон, барандагони медалҳои тилло, нуқра ва биринҷии чемпионатҳои ҷаҳон ва бозиҳои Олимпӣ гузаронида шудааст.



**Калидвожаҳо:** даврони соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи рушди соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, ташаккули пояҳои боэътимоди соҳаи варзиш.


## ДОСТИЖЕНИЯ В СФЕРЕ СПОРТА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье анализируется история развития физической культуры и спорта в Республике Таджикистан в период государственной независимости. С первых дней восстановления конституционного строя вопросы развития и укрепления спортивной индустрии находились в поле зрения высшего руководства страны, непосредственно Главы государства Эмомали Рахмона. История показывает, что даже в бурный и конфликтный период возрождения нового государственного устройства страны сфера спорта находилась в состоянии растерянности. Только после установления законного правительства были предприняты первые шаги по формированию надежных основ в этой области.Сделана попытка осветить неизвестные страницы

возрождения и восстановления важных этапов развития и укрепления этой сферы социальной политики Республики Таджикистан. Исследование проведено на основании большого фактического материала, касающегося спортивной биографии выдающихся спортсменов Таджикистана, золотых, серебряных и бронзовых призеров чемпионатов Мира и Олимпийских игр.

**Ключевые слова**: независимая эпоха Республики Таджикистан, история развития сферы спорта и физической культуры, формирование надежных основ в сфере спорта.

**ACHIEVEMENTS IN THE FIELD OF SPORT DURING THE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article analyzes the history of the development of physical culture and sports in the Republic of Tajikistan during the period of state independence. From the first days of the restoration of the constitutional order, the issues of development and strengthening of the sports industry were in the field of view of the country's top leadership, directly the Head of State Emomali Rahmon. History shows that even in the turbulent and conflict period of the revival of the new state structure of the country, the sports sector was in a state of confusion. Only after the establishment of a legitimate government were the first steps taken to form a reliable foundation in this area. An attempt was made to highlight the unknown pages of the revival and restoration of important stages in the development and strengthening of this area of the social policy of the Republic of Tajikistan. The study was conducted on the basis of a large factual material regarding the sports biography of outstanding athletes of Tajikistan, gold, silver and bronze medalists of the World Championships and the Olympic Games.

**Key words**: independent era of the Republic of Tajikistan, history of the development of the sphere of sports and physical culture, formation of reliable foundations in the field of sports.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович*** **-** Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1. Телефон:**918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

***Махмарасулов Мухамед Саймахмудович*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ, ассистенти кафедраи итарбияи ҷисмонӣ, Устоди варзиши сатҳи байналмилалӣ аз рӯи муҳорибаи самбо. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10. Телефон: **908-22-88-34**.

**Сведения об авторах:** ***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович*** - Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры социально-гуманитарных дисциплин,Заслуженный тренер Республики Таджикистан. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Бохтар, 35/1.
Телефон:**918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

***Махмарасулов Мухамед Саймахмудович*** – Таджикский технический университет имени академика М. С. Осими, ассистент кафедры физического воспитания, Мастер спорта международного класса Республики Таджикистан по борьбе самбо**. Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Академиков Раджабовых, 10. Телефон: **908-22-88-34**.

**Information about the authors: Makhmadrasulov Bobojon Saimakhmudovich -** Branch of the Lomonosov Moscow State University in Dushanbe, Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Social and Humanitarian Disciplines, Honored Trainer of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Bokhtar street, 35/1. Phone: **918-80-84-84,** E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

***Makhmarasulov Mukhamed Saimahmudovich*** **-** Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, assistant of the Department of Physical Education, Master of Sports of the International Class of the Republic of Tajikistan in Sambo wrestling. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Academician Radjabov street, 10. Phone: **908-22-88-34.**.

УДК:316.1(575.3)

# СОЦИАЛЬНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ МИГРАЦИИ НЕКВАЛИФИЦИРОВАННЫХ РАБОТНИКОВ ИЗ ТАДЖИКИСТАНА

*Хаитов Ф.К.*
**Таджикский национальный университет**

Миграция как объективная закономерность является одним из тех уникальных по своей сложности социально-экономических явлений, которые выступают в качестве объекта исследования очень большого числа наук. В современных условиях развития таджикистанского общества, миграция и все то, что связано с этой проблемой, является актуальным вопросом для экономики, социологии, демографии и других наук. Сегодня формируются новые миграционные потоки, появление которых наряду с другими факторами и явлениями более всего связано не только с социально – экономической, а более всего с политической ситуацией многих стран мира. Политическая ситуация таких стран, как Сирия, Ирак, Ливия, Украина, заставила народы этих стран выбрать вынужденную миграцию. Особенно необходимо отметить тенденцию интенсивного влияния вынужденной миграции на социальную жизнь страны. Это говорит о том, что в настоящее время миграция не является перемещением, чтобы заработать деньги на разовые траты, скорее, направлена на то, чтобы начать вести другую жизнь [1]. Она, как и раньше, является одним из источников снижения экономической дифференциации и важным компонентом социальной жизни нашего государства.

Политическая нестабильность многих стран мира, низкий уровень заработной платы и безработица вынуждают население городов мигрировать в европейские страны. Исследуя и рассматривая возможности и особенности таджикской миграции в зарубежных странах необходимо отметить, что и сегодня Россия является основным миграционным партнером Таджикистана. Нынешнее экономическое положение свидетельствует о том, что миграционный поток год за годом увеличивается, и трудовые мигранты из Таджикистана становятся мишенью многих негосударственных и коммерческих организаций для осуществления своих целей.

С другой стороны, современные условия предъявляют особые требования к работникам умственного труду, в котором раскрывается творческий потенциал работника. Как и в некоторых странах Центральной Азии, в Таджикистане работники вне зависимости от своего потенциала, обречены на выполнение лишь низкоквалифицированной работы и страдают от перманентной недозанятости. На территорию Российской Федерации из Таджикистана каждый год пребывают свыше 1 млн. человек. Так, Министр труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан Амонзода Ш.Ш на пресс конференции с журналистами 9-го февраля 2022 года сказал что в 2021 году 373773 граждан Таджикистана мигрировали, из них 352 385 в Российскую Федерацию, а 9089 в Республику Казахстан **[2].** Из них только 9,5% трудовых мигрантов имеют высшее, 84,5% - школьное образование. Анализ структуры безработных по уровню образование также показывает, что безработице в Таджикистане подвержена больше всего та часть населения, которая не имеет профессионального образования. Так, на 01 января 2016 года из общего количества безработных 60,5% имеют неполное среднее образование, 17,0% имеют среднее общее образование и 15,5% - среднее профессиональное и всего лишь 8,0% - высшее **[3].** А за период 2020-2021 года в органах труда и занятости населения официально было зарегистрировано 116,3 тыс. человек которые не имеют работы. Для решения данной проблемы сегодня в Таджикистане существуют Центры обучении взрослых. В таких центрах по 47 видам разных профессий для женщин и мужчин (18 из них мужские профессии) проводят краткосрочные курсы

Бино ба ақидаи А.Ғ. Холиқов, издивоҷи эндогамӣ ҳамчун яке аз қадимтарин шаклҳои издивоҷ дар таърихи башарият дар байни ҳамаи халқҳои рӯйи Замин вуҷуд дошт. Издивоҷи эндогамӣ дар дараҷаҳои мухталиф, ҳам эндогамияи шадид ва ҳам эндогамияи одӣ дар миёни ниёгони эрониён ва тоҷикон низ мушоҳида шудааст. «Авесто» бевосита эндогамияро муқаррар накардааст, вале онро манъ низ накардааст. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ ба издивоҷи хешутаборӣ бартарӣ медиҳанд, ки ин ба қонунигардонии он баробар аст. Ба ин сарчашмаҳо «Ардавирофнома», «Менуи хирад», «Шояст-нашояст», «Бундаҳишн» ва ғайра дохил мешаванд [22, с. 179 – 180]. Ба андешаи мо, эҳтимолан дар зардуштия никоҳ бо зани падар раво ва ҷоиз буд. Баъдан аз рӯйи иштибоҳ паҳн шуда, ки зардуштиҳо бо модарони худ низ издивоҷ мекардаанд ва истилоҳи «издивоҷ бо уммаҳот» низ дар адабиёти исломӣ шояд аз ҳамин иштибоҳ сарчашма гирифта бошад.

Сарфи назар аз эҳтимолоту тахминҳо бояд таъкид намуд, ки аксари файласуфону муаррихон ҳатто муҳаққиқоне, ки ба мавҷудияти никоҳи эндогамияи шадид дар зардуштия муътақиданд, оини мазкурро дини яктопарастию тавҳидӣ ба қалам медиҳанд. Ва ин аз мантиқ дур аст, ки чунин догмаи ахлоқӣ – никоҳ бо маҳоримро ба як дини тавҳидӣ – зардуштия нисбат дод. Зеро динҳои яктопарастӣ аз чунин як амали нанговар муназзаҳанд. Ин навъи никоҳ дар натиҷаи таҳаввули таърихии оини зардуштия ва тағйири вожаву мафҳумҳо дар зеҳни инсоният ва сипас дар ҳаёти маишӣ-иҷтимоии он ба вуҷуд омадааст. Ақли солим тақозо мекунад, ки дар зардуштияи ибтидоӣ мафҳуми «никоҳи хешутаборӣ» мавҷуд буд, чӣ гунае ки шариати исломӣ низ онро манъ накардааст [12, с. 846]. Оҳиста – оҳиста вожаи мазкур аз ҷониби инсоният тағйири шакл кардааст, ки дар натиҷа мафҳуми «никоҳи маҳорим» ҷойгузини он мешавад. Муҳаққиқ А.Ғ. Холиқов барои исботи гуфтаҳои худ замони Одаму Ҳавворо мисол овардааст, ки ба андешаи ман ин далел шуда наметавонад. Зеро, замони Одаму Ҳавво давраи интишори насли башар ба шумор мерафт ва барои он зарурат мавҷуд буд, ки ба ин никоҳ чанг зананд. Аз тарафи дигар, дар ҳамин марҳила падидаи гузариш аз эндогамияи шадид ба эндогамияи одӣ ба вуҷуд омада буд, ки онро мо аз қиссаи фарзандони Одам – Ҳобил ва Қобил ба хубӣ мушоҳида мекунем.

Муаллифи китоби «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» дар бораи низоми хонаводагӣ дар асри Сосониён чунин менависад: «Асли тааддуди завҷот асоси ташкили хонавода ба шумор мерафт. Шумораи заноне, ки як марди зардуштӣ метавонист дар ихтиёри худ дошта бошад, аз лиҳози ҳуқуқи назарӣ маҳдуд набуд. Табиист, ки ихтиёри занони мутааддид бастагӣ ба майлу хоҳиш ва пеш аз ҳама бастагӣ ба иқтидори молии мард буд. Зоҳиран мардони камбизоат ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Дар сурате, ки ашроф метавонистанд теъдоди зиёди аз занонро дар ҳарамгоҳи худ гирд оваранд. Дар гузоришҳои юнониҳо мехонем, ки шумораи ин занҳо ҳатто аз сад ҳам мегузаштааст» [10, с. 51]. Ш.П. Бердиев ин масъаларо чунин баён намудааст: Бунёди

оила ва ҳузури фарзандон дар он вазифаи динии ҳар як маздояснӣ буд, ки бо усули якзанӣ ба он иқдом мекарданд. Усули мазкур имкон медод, ки аз инсон аз сироятҳои ҷинсӣ ҷилавгирӣ намуда, таваллуди муътадилро ба роҳ монад [9, с. 122]. Аммо теъдоди зиёди занону духтарони юнонӣ ба сифати маъшуқа ба мардони эронӣ-зардуштӣ омехтанд, баъзе аз ин занон ба сурати ақди муваққатӣ бо марди эронӣ-зардуштӣ умр ба сар мебурданд ва инчунин баъзе аз онҳо бо равобити озод бо мардони эронӣ-зардуштӣ муоширaт доштанд, ки дар ҳама сурат ин ба таври қатъӣ аз истеҳкоми бунёди хонаводаи эронӣ-зардуштӣ кост. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки баъд аз шикасти Ҳахоманишиён вазъи иҷтимоии зани эронӣ-зардуштӣ тағйир ёфт. Зеро дар замони Салавкиҳо занону духтарони зиёде аз Юнон ба Эронзамин омада, он ҷо зиндагӣ мекарданд ва чун дар Юнон занону духтарон аз баробарии ҳуқуқ бо мардон бархӯрдор набуданд, аз ҳамин сабаб ин нобаробарӣ дар вазъият ва сарнавишти зани эронӣ-зардуштӣ таъсир кард. Бояд қайд намуд, ки дар дини зардуштӣ издивоҷ бар пояи якҳамсарӣ устувор аст ва ҳеҷ марди зардуштӣ ҳақ надорад бо доштани як зан зани дигаре интихоб кунад.

Ба андешаи У.А. Азиззода, дар таълимоти зардуштӣ фиреб додани духтари ҳанӯз шавҳар накарда ва ҳомиладор кардани ӯ яке аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб меравад. Дигар ҷиноят муносибатҳои маҳрамонаи ғайриқонунии марду зан ба ҳисоб мерафт. Зеро таълимоти зардуштӣ оиларо муқаддас шуморида, хиёнатро дар муносибатҳои занушавҳарӣ, махсусан хиёнати занро ба мард бисёр вазнин баҳо медод. Ҳамзамон исқоти ҳамл аз никоҳи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ ҷинояти вазнин дониста мешуд [6, с. 50].

Дар замони Ашкониён бошад, гарчанде ки мавқеияти зани эронӣ-зардуштӣ то ҳадде мустаҳкам гардид, вале ҳукумати Салавкиҳо ва омилҳои ношӣ аз он таъсири худро гузоштанд. Аз тарафи дигар, дар даврони Портҳо ё Ашкониён ба сабаби густурдагии қаламрави Портҳо тоифаҳо, қавмҳо ва миллатҳои гуногун дар сарзамини васеи Ашкониён мезистанд, ки ҳар яке аз онҳо одоб, расму русум ва суннатҳои ба худ хос доштанд. Табиатан ин дигаргунӣ дар вазъияти зан ва хонаводаи эронӣ-зардуштӣ таъсири худро гузоштааст.

Хулоса, институти оила дар оини зардуштия дар ибтидо бо усули якзанӣ бунёд карда мешуд. Зеро, баробарии марду зан дар тамоми абъоди зиндагӣ ба назар гирифта мешуд. Чӣ гунае ки зани зардуштӣ дар як вақт беш аз як шавҳар надошт, мард низ дар як вақт бо усули якзанӣ умр ба сар мебурд. Зардушт низ ба унвони аввалин зардуштӣ бо чунин усул хонавода ташкил додааст. Мо ин сухани худро бо таҳқиқи муҳаққиқи тоҷик Ш.П. Бердиев тақвият медиҳем: “Зардушт ду маротиба издивоҷ намудааст, як маротиба бо бевазан маротибаи дуюм бо бокира. Аз издивоҷи аввалааш ду фарзанд ва аз издивоҷи дубораaш чаҳор фарзанд дошт, ки танҳо як фарзандаш писар буду боқимонда ҳама духтар [9, с. 25]. Аз ин иқтибос маълум гардид, ки Зардушт ду маротиба оиладор шуд, на ин ки ду ҳамсар дошт.

Дар дини зардуштия ҳувият ва ҳастии зан ҳамчун узви асосии оила ҷойгоҳи махсус дошта, он аз як тараф офаридаи Аҳуромаздо ва дорои сиришки пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст. Аз тарафи дигар, зан, бо далели баъзе нишонаҳо ва хислатҳояш, мавҷуде дониста мешавад, ки аз назари ақлонӣ ва ҷисмонӣ заифу нуқсонпазир аст ва нисбат ба мард пештару бештар зери нуфузи қувваҳои аҳриманӣ қарор мегирад. Таҳти таъсири ҳамин ақидаи

моҳиятан патриархалӣ ва занситезона, дар замони ҳукмронии Сосониён санаду меъёрҳое ба вуҷуд омаданд, ки ҳуқуқу озодиҳои занонро сахт маҳдуд ва поймол карданд. Масалан, зан ҳангоми даштон (одати моҳона, ҳайз) маҷбур буд, ки аз аҳлу пайвандони хеш фосила гирифта, то паси сар шудани давраи мазкур дур аз хонавода рӯзу шабро дар танҳоӣ ба сар барад. Масъалаи мазкурро Т.С. Шокиров низ зимни таҳқиқоти сатҳӣ ва овардани мафҳумҳои авестоӣ чунин баён намудааст: «Мувофиқи тълимоти талаботии оини зардуштия зани ҳоиза (ҳайздида) давраи нопокии худро дар макони алоҳида ва дур аз дигарон беҳаракат, нотавон, заиф, алил, ракид мегузарондааст. Чунин зан армешт ва маконаш армештгоҳ ё армешгос номгузорӣ шудааст. Муродифи ин мафҳумот даштон ва даштонистон хонда шудаанд. Даштон дар «Авесто» чун даҳшта аслан ба маъноҳои ҷанин, ҳайз, қоидагӣ, одати моҳонаи занон, хунрезии даврии занон ва моҳ дидан омадааст. Ин калима бо пасванди исми маконсози «истон» исми макон сохта шудааст, ки он даштонистон буда, ба маънои сохтмон, бино, ҳуҷра, манзил, иқоматгоҳ ё қисме аз он будааст, ки зани даштон (ҳоиза) рӯзҳои нопокиашро он ҷо мегузаронд» [25, с. 84].

Вожаи дигаре дар “Авесто” оиди ин масъала ба кор бурда шудааст, ки он даштонмарзӣ мебошад ва дар чунин сурат ба амал меояд: «Агар мард ва зани даштон (ҳайздида) ҳамхобагӣ кунанд ё бо ҳам даромезанд, ин амал гуноҳи сахт ҳисобида шуда, ҳарду шоистаи ҷазо мегардиданд, ки чунин равандро даштонмарзӣ меномидаанд» [5, с. 633]. Чунин дидгоҳ ва муносибат ба зан ҳамчун як мавҷуди осебпазир то ҳадде густариш ёфт, ки дар баъзе матнҳои зардуштӣ занро як мавҷуди туфайлӣ номида, далели офариниши ӯро танҳо бо зодани мард маҳдуд кардаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар қисматҳои қадимтарини «Авесто», аз ҷумла дар «Готҳо» – ниёишҳо ва мавъизаю хитобаҳои худи Зардушт, нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа, як навъ назари неку адолатхоҳона ба чашм мерасад. Аммо, бо фосила гирифтани дини зардуштӣ аз асосгузори он ва зиёд шудани каҷрафторӣ дар адабиёти дини зардуштӣ, дидгоҳи муъбадон нисбат ба зан низ ба ифрот гароида, хусусияти манфӣ касб намуд [7, с. 213]. Метавон гуфт, ки чунин нигариши манфӣ нисбат ба зан бештар хосси матнҳо ва санадҳои динӣ, аз ҷумла тафсирҳое мебошанд, ки дар замони Сосониён тартиб дода шудаанд.

К. Бортилма ба сарчашмаҳои асри Сосонӣ, бахусус «Модикони ҳазор додистон» такя карда, асаре таҳти унвони «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» таълиф намудааст. Номбурда дар он доир ба ҳуқуқ ва шахсияти зани зардуштӣ дар асри Сосонӣ чунин менависад, ки дар замони Сосонӣ зан шахсияти ҳуқуқӣ надошт, яъне, зан шахс фарз намешуд, балки як шайъ (чиз, матоъ) ба шумор мерафт. Ба ибораи дигар, ӯ шахсе, ки соҳиби ҳақ бошад ба ҳисоб намерафт, балки чизе ба шумор мерафт, ки метавонист моли касе бошад. Вай аз ҳар лиҳоз дар таҳти қаюмият ва сарпарастии раиси хонавода, ки ӯ кадхудой номида мешуд, қарор дошт. Ин раиси хонавода мумкин буд, ки падар ё шавҳар ва ё дар сурати марги онҳо ҷонишинашон бошад. Тамоми ҳадяҳое, ки ба зан ё ба кӯдакон дода мешуд ва ё он чи ки онҳо бар асари кор ва ғайри он ҳосил мекарданд, аёнан монанди даромадҳои иктисобии ғуломону канизон ҳама мутааллиқ ба раиси хонавода буд. Дар мавриди ихтиёроти падари хонавода сароҳатан зикр шудааст, ки вай метавонист кӯдакони худро аз хона биронад ва ё бифурӯшад, он ҳам ба унвони ғулом. Дар масоили ҳуқуқи башарӣ бар асоси дини Зардушт ғолибан душвор аст, ки тафовути ҳуқуқи миёни як зани озод ва

як ғулом, ё ин ки каниз гузорида шавад [10, с. 40].Албатта, дар фиқҳи зардуштӣ, ки ба замони Сосониён тааллуқ дорад, на танҳо интихоби дини нек ҳатмӣ ҳисобида мешавад ва тарк кардани он ҷазои марги арзон (қатл)-ро ба бор меорад, балки издивоҷи як зани зардуштӣ бо ғайризардуштӣ манъ аст ва сахт ҷазо дода мешавад [7, с. 215]. Назари мусбати «Авесто» нисбат ба зан ва ҷойгоҳи иҷтимоии ӯро бо чанд далел собит кардан мумкин аст. Аввалан, дар «Авесто» зани даврони Зардушт ҳамчун як инсони порсо ва пайрави дини зардуштӣ ба расмият шинохта ва эътироф карда шудааст. Зардушт занро даъват намудааст, ки ба василаи хиради худ дини некро интихоб намояд. Ба қавли ӯ: «Пас беҳтарин суханонро бо гӯшҳои худ бишнавед ва бо андешаи равшан бинед; Пас ҳар марду зани шумо бояд яке аз ин ду роҳи некиву бадиро интихоб кунад». Равшан аст, ки ин хитобаи Зардушт ҳам ба мардон ва ҳам ба занон нигаронида шудааст. Тибқи таълимоти Зардушт, виҷдони зан аз виҷдони мард тафовуте надорад ва метавонад озодона ҳар чизеро ки мехоҳад, интихоб кунад. Дувум ин ки, дар «Авесто» нақши муҳиму асосии зан дар таввлид ва парваришу тарбияи фарзандон, ки боиси идомаи насли инсоният мешавад, таъкид шудааст. Ин вазифа занро водор мекунад, бинобар сабаби зарурати зиндагӣ бо фарзандон ва тарбияи онҳо меъёрҳои иҷтимоиро қабул ва риоя кунад. Ҳамин вазифа ӯро ба наҷот мерасонад.

Қ. Машкур ба нақл аз қавли Страбон менависад, ки эрониён (зардуштиён) занони мутааддид (теъдоди зиёд) мегиранд. Бо вуҷуди ин занони ғайриақдӣ низ бисёр доранд ва манзурашон аз теъдоди завҷот доштани фарзандони зиёд аст [11, с. 198]. Тақсими ирс дар ҳуқуқи сосонӣ-зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб буд, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд, дар сурате ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд, нисфи саҳми писаронро мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд [21, с. 328]. Зеро зардуштия дорои қонуни баробарӣ буда, моли мерос низ мутобиқи он тақсим карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки таълимоти зардуштия аз ҷумлаи оинҳои таърихии халқи форсу тоҷик буда, дар як марҳалаи муайяни таърихӣ дар сарзамини тоҷикон амал кардааст. Дар ин марҳала таълимоти зардуштӣ ба як низоми таърихию динӣ табдил ёфта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонҳо, махсусан институти оиларо ҳаматарафа танзим намудааст.

**Муқарриз: Калонзода Ф.И.- н.и.ф., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода Ш. Таърихи динҳо. – Душанбе, 2007. – 147 с.
2. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Теҳрон, 1384ҳ. – 611 с.
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди VII. – Душанбе: Адиб, 2009. – 480 с.
4. Абуалӣ Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Теҳрон, 1380ҳ./2001м. – 817 с.
5. Авесто. Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳиягар Муаззами Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 900 с.
6. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография. [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
7. Амирбекова И. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. – С. 215.
8. Ардашери Озаргушасб. Маросим ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. – 281 с.
9. Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: Дисс. … канд. филос. наук / Ш.П. Бердиев. – Душанбе, 2011. – 145 с.

10. Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – 83 с.
11. Қаҳҳор Машкур. Ахлоқи эрониён. – Теҳрон, 1335 ҳ. – 210 с.
12. Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – 1226 с.
13. Мерий Бойс. Зараастрийцы. Верования и обычаи. – М.: Наука, 1988. – 303 с.
14. Меҳрдоди Меҳрин. Тамаддуни Эрони бостон. – Теҳрон, 1338 ҳ. – 98 с.
15. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма: Дисс. ... д-ра филос. наук / Х.Х. Муминджанов. – Душанбе, 2001. – 289 с.
16. Носируддин Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ. – 83 с.
17. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби аввал. Аз Ориён то Сомониён / Э.Ш.Раҳмонов. – Лондон, 1999. – С. 32.
18. Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: Дисс. ... док. филос. наук / С.Х. Раҳимов.– Душанбе, 2007. – 301 с.
19. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
20. Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан (фалсафаи Зардушт). – Теҳрон, 1374 ҳ. – 257 с.
21. Фарухмарди Баҳромон. Модкони ҳазор додистон (Китоби ҳазор ҳукми судӣ). – Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1393ҳ/2014м. – 736 с.
22. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: Дисс. … док. юрид. наук / А.Г. Халиков. – Душанбе, 2004. – 421 с.
23. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон / А.Ғ. Холиқов.– Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.
24. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 567 с.
25. Шокиров Т.С. Истилоҳвожаҳои ифодагари гуноҳу ҷазо дар “Авесто” / Т.С. Шокиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2009. – № 4 (52). – С. 84.
26. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.

## ТАҲАВВУЛИ ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ

Дар мақолаи мазкур оиди таҳаввули институти оила дар зардуштия сухан рафтааст. Бояд гуфт, ки баррасии таърихи зардуштия ҳолатҳои гуногунеро нисбат ба он нишон медиҳад, ки падидаи мазкур дар ин мақола тариқи вожаи “таҳаввул” ифода ёфтааст. Муаллифон дар ибтидо оиди замон ва макони зардуштия ақидаҳои гуногуни аз ҷониби олимон пешниҳодшударо пайгирӣ намуда, сипас, қайд карданд, ки оини зардуштия ҳамчун падидаи таърихӣ – фалсафӣ то кунун боқӣ монда, дар он ҳам аз паҳлуи онтологӣ ва ҳам аз паҳлуи гносеологӣ таҳаввулот рух додааст. Бино бар сабаби аз доираи объекти таҳқиқоти мо берун будани паҳлуҳои мазкур аз баёни тафсилии онҳо худдорӣ намуда, таҳаввули институти оила дар зардуштияро пайгирӣ менамоем. Институти оила дар зардуштия аз пайдоиш то ба имрӯз зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ – таърихӣ қарор гирифтааст. Таҳаввулоту дигаргуниҳое, ки тавассути сарчамаҳои соҳавӣ оиди ниҳоди оила ба назар мерасад, асосан атрофи чунин масъалаҳо баромад мекунанд: «издивоҷ бо маҳорим», «теъдоди завҷот», «муносибат бо занҳои дар одати моҳона қарор дошта». Муаллифон оиди масъалаҳои мазкур назарияҳои гуногуни мавҷудбударо объективона баён намуда, дар ин миён оиди ҳар як матлаб ақидиҳои хешро иброз намудаанд. Масъалаи дигаре, ки муаллифон баррасӣ намудаанд, тақсими моли мерос мебошад. Муаллифон онро мутобиқ бо замони Сосониён баён намуда, навиштаанд, ки тақсими ирс дар ҳуқуқи сосонӣ-зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб буд, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд, дар сурате, ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд нисфи саҳми писаронро мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд.

**Калидвожаҳо:** таҳаввул, институт, оила, зардуштия, Авесто, оин, издивоҷ, саҳм, эндогамияи шадид, эндогамияи одӣ, экзогамия.

## ЭВОЛЮЦИЯ ИНСТИТУТА СЕМЬИ В ЗОРОАСТРИЗМЕ

В данной статье говорится об эволюции института семьи в зороастризме. Следует сказать, что обзор истории зороастризма показывает разные мнения насчет того что названо, в данной статье словом «эволюция». Вначале авторы излагают различные представления ученых о времени и месте возникновения

зороастризма, а затем отмечают, что зороастризм как историко-философское явление сохраняется до сих пор, и в нем произошли изменения как со стороны онтологического, так и гносеологического аспектов. В связи с тем, что эти аспекты выходят за рамки данного исследования, авторы воздерживаются от их детализации и акцентируют свое внимание на эволюции института семьи в зороастризме. Институт семьи в зороастризме подвергался различным эволюционно-историческим трактовкам с момента своего зарождения и до наших дней. Изменения, которые можно видеть из отраслевых источников об институте семьи, в основном косались следующих вопросов: «брак с махарим», «количество браков», «отношения с женщинами в перид менструациии». Авторы показывают все существующие теории по этим вопросам и излагают свое мнение по ним. Еще одним вопросом, обсуждаемым авторами, являются правила распределения наследства, которые были во времена Сасанидов. Распределение наследства по сасанидско-зороастрийскому праву после смерти отца семейства происходило таким образом, что жена и сын имели равные доли в наследстве. А девушки, если они вышли замуж и взяли приданое из дома своего отца в дом своего мужа, получают половину доли сыновей. В если девушки не замужем, получают такую же долю, как и их братья.

**Ключевые слова:** эволюция, институт семьи, зороастризм, Авеста, религия, брак, доля, крайняя эндогамия, простая эндогамия, экзогамия.

**EVOLUTION OF THE INSTITUTION OF THE FAMILY IN ZOROASTRISM**

This article talks about the evolution of the institution of the family in Zoroastrianism. It should be said that a review of the history of Zoroastrianism shows different opinions about what is called in this article the word "evolution". First, the authors state the different ideas of scientists about the time and place of the emergence of Zoroastrianism, and then note that Zoroastrianism is understood as a historical and philosophical phenomenon to this day, and changes have taken place in it both from the ontological and epistemological aspects. Due to the fact that these aspects are beyond the scope of this study, the authors refrain from detailing them and focus their attention on the evolution of the family institution in Zoroastrianism. The institution of the family in Zoroastrianism has been subjected to various evolutionary and historical interpretations from the moment of its inception to the present day. The changes that can be seen from industry sources about the institution of the family mainly revolve around the following issues: "marriage with maharim", "number of marriages", "relationships with menstruating women". The authors show various existing theories on these issues. And express their opinion on them. Another issue discussed by the authors is the distribution of the inheritance, which was in the time of the Sassanids. The distribution of the inheritance according to the Sasanian-Zoroastrian law after the death of the father of the family took place in such a way that the wife and son had equal shares in the inheritance. And girls, if they married and took a dowry from their father's house to their husband's house, receive half the share of their sons. If the girls are not married, they receive the same share as their brothers.

**Key words:** evolution, institution, family, Zoroastrianism, Avesta, religion, ancient, people, Tajik, fact, marriage, part, father, mother, girl.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Худойдодзода Фаррух Бегиҷон*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: 985 – 25 – 66 – 99. E-mail: farukh1984@mail.ru**

***Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти доктори фалсафа Ph.D, кафедраи онтология ва назарияи маърифат. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: ***988-32-83-88.*** **E-mail:** bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Сведения об авторах:** ***Худойдодзода Фаррух Бегиджон*** - Таджикский национальный университет, доктор философских наук, профессор кафедры онтологии и теории образования философского факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 985 - 25 - 66 - 99. **E-mail: farukh1984@mail.ru**

***Одинаев Баходур Абдуджаборович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: ***988-32-83-88.*** **E-mail:** bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Information about the authors:** Khudoidodzoda Farrukh Begijan - National University of Tajikistan, Doctor of Philosophical Sciences, Professor of the Department of Ontology and Theory of Education of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. **Phone: 985 - 25 - 66 - 99. E-mail: farukh1984@mail.ru**

***Odinaev Bahodur Abdujaborovich*** - Tajik National University, Ph.D. doctoral student of the Department of Ontology and Theory of Knowledge. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-32-83-88. E-mail:** bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

УДК:170.4(575.3)
# АХЛОҚИ РОҲБАРӢ ВА ИДОРАКУНӢ АЗ НИГОҲИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

*Ҳайдарӣ С.С.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Омӯзиши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ - ин шоҳкории адабии тамоми асрҳо ва наслҳо оид ба масъалаи идоракунӣ, сарварӣ, роҳбарӣ нишон медиҳад, ки дар раванди идоракунӣ ва роҳбарӣ хирадманду накукор, адолатхоҳу адолатпеша, накухоҳу некандеша буданро шоир дар ҷойи аввал мегузорад.

Ба мисли дигар мутафаккирони гузашта Фирдавсӣ дар раванди роҳбарию идоракунӣ ақлу хирадро дар ҷойи аввал мегузорад ва чунин ақида дорад, ки хирад ҷавҳари ҳастии инсон буда, симои маънавии ӯро муайян мекунад. Дар боби “Гуфтор андар ситоиши хирад” хирадро беҳтарин ҳадяи худовандӣ ва роҳнамои инсон дар раванди ҳаёту фаъолияти ӯ меҳисобад.

*Хирад беҳтар аз ҳар чӣ Эзад-т дод,*
*Ситоиши хирадро беҳад роҳи дод.*
*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой [1,с.24].*

Ба ақидаи шоир хирадмандӣ дар самти идоракунӣ ва роҳбарӣ барои ҳокимон вазифаи – афсар, боигарӣ, номи зиндаю ҷовид ва асоси зиндагониро ташкил менамояд.

*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*
*Хирад зевари номдорон бувад.*
*Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,*
*Хирад мояи зиндагонӣ шинос! [1,с.24].*

Шоир муътақид аст, ки ҳар инсоне, ки аз ин доди Худованд дар раванди зиндагонӣ ва фаъолияти кории худ дуруст истифода намебарад, аз ин сармояи маънавии инсонӣ бархӯрдор нест, дар зиндагонӣ ба нокомию гумроҳӣ роҳ медиҳад, нафсро идора карда наметавонад ва ба худу наздиконаш ва инсонҳои дигар мушкилоти зиёдеро пеш меорад, аз он ҷумла дар раванди роҳбарию идоракунии шоҳон ва ҳокимон ин зарар бештар ба давлат ва инсонҳо мерасад. Агар ақлу хиради шахс тираву нуқсдор бошад, ҳеҷ гоҳ ӯ ба матлаб намерасад. Ба ақидаи мутафаккир, аз бехирадӣ, шахс доимо гирифтори ғаму андӯҳ аст, ҳеҷ вақт шодмону саодатманд нест:

*Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯят гам аст.*
*Аз ӯят фузунӣ, аз ӯят кам аст*

Ё ин ки

*Аз ӯ шодмонӣ в – аз ӯ хуррамист,*
*Аз ӯ ҳам фузуниву ҳам з-ӯ камист [1,с.25].*

Омӯзиши достонҳои “Шоҳнома” нишон медиҳад, ки дар масъалаи хирад дар фаъолияти роҳбарӣ ва идоракунӣ шоир таъкид менамояд, ки ҳар фаъолиятеро, ки бе раҳнамоии хирад пеша менамоӣ, ҳатман афсӯсу пушаймонӣ меорад.

*Касе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,*
*Дилаш гардад аз кардаи хеш реш [1,с.25].*

Фирдавсӣ хирадро дидаи ҷони инсон медонад, ки бе он инсон ба олам шодон ва хурсандона нигоҳ карда наметавонад.

*Хирад чашми ҷон аст чу бингарӣ,*
*Ту бечашм шодон ҷаҳон наспарӣ [1,с.25].*

Мутафаккир чунин меҳисобад, ки ҳар фарде, ки дар зиндагонии хеш бохирадиро дастурамали кору фаъолияти худ менамояд, ҷонаш роҳат менамояд ва аз ноорому носозиҳо эмин аст.

*Ҳамеша хирадро ту дастур дор,*
*Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор [1,с.26].*

Фирдавсӣ дар оғози “Шоҳнома” дар мавзуи “Гуфтор андар офариниши мардум” дар вақти шарҳи масъалаҳои офариниш, пайдоиши оламу одам нақши хирадро дар ташаккули инсон нишон дода, бартарии хирадро аз дигар офаридаҳои Худованд таъкид менамояд. Маҳз ба туфайли хирад инсон табиатро ба худ тобеъ намудааст, барои зиндагонии беҳтару шоями худ табиати дувум офаридааст.

*Чу з-ин бигзарӣ, мардум омад падид,*
*Шуд ин бандҳоро саросар калид,*
*Ба боло ба бар шуд чу сарви баланд,*
*Ба гуфтори хубу хирад корбанд.*
*Пазирандаи ҳушу рою хирад,*
*Мар ӯро даду дом фармон барад.*
*Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,*
*Ки мардум ба маънӣ чи бошад яке [1,с.28].*

Ба андешаи шоир, шоҳону ҳокимон дар раванди идоракунию роҳбарӣ танҳо ҳамон вақт муваффақ мешаванд, ки хиради худро бо омӯзиш ташаккул диҳанд, чунки қудрату тавоноии роҳбар, сарфарозиву воломақомии ӯ танҳо бо хиради фитрӣ муяссар намегардад.Роҳбар бояд дар зиндагӣ ва фаъолият хиради азалии худро бо омӯзиши дониш такмил диҳад, ки ин ба осонӣ ба даст намеояд. Омӯхтани дониш ранҷу азобҳо дорад, лекин василаи раҳоӣ аз ҳама зиштиву бадиҳо мебошад.

*Туро аз ду гетӣ баровардаанд,*
*Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд ...*
*Ба ранҷ андарорӣ танатро равост,*
*Ки худ ранҷ бурдан зи дониш сазост [1,с.29].*

Инсон ва хирад ин ду офаридаи Худованд дар “Шоҳнома” бо ҳам сахт алоқаманданд ва яке бе дигаре вуҷуд надорад. Инсон барои ташаккулу такомули худ аз хирад баҳра мебарад, аз тарафи дигар, вай барои рушду ташаккули хирад бояд доимо аз баҳри беканори дониш бархӯрдор бошад.

*...Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,*
*Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.*
*Зи ҳар дониште чун сухан бишнавӣ,*
*Зи омӯхтан як замон нағнавӣ.*
*Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун,*
*Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун [1,с.26].*

Ба андешаи шоир, ба даст овардани дониш ранҷу заҳмати зиёдеро талаб менамояд, лекин баъд сабаби эмин мондан аз ҳама зиштиву офат ва бадиҳо мегардад.

*Ба ранҷ андарорӣ танатро равост,*

*Ки худ ранҷ бурдан зи дониш сазост [1,с.29].*

Ба ақидаи шоир танҳо ба туфайли ақлу хирад ва дониш инсон метавонад аз амалҳои зишт даст кашад, некро аз бад ҷудо намояд ва ба адлу дод бирасад. Дониш аз назари мутафаккир ёвару мададгори хирад аст, доимо хирадро ғизову неру мебахшад. Фирдавсӣ низ ба мисли Рӯдакӣ донишро барои инсон ҷавшане медонад, ки ӯро аз хатар, бадӣ, зиштиву неруҳои зиштӣ эмин медорад. Ва дар фасли "Пурсиши мубадон аз Ҳурмузд ва посух додани ӯ" нақл мекунад, ки Ҳурмузд писари Нӯширавонро пеш аз ба тахт нишастан мубадон имтиҳон менамоянд ва аз ӯ мепурсанд, ки чӣ чиз ҳаст, ки аз ӯ ҷону хирад пок ва ҷисми ту равшан аст. Ҳурмузд ба ин саволи мубадон чунин ҷавоб медиҳад:

*Чунин дод посух,ки дониш беҳ аст,*
*Ки доно бари меҳтарон – бар меҳ аст.*
*Ба дониш бувад мардро эманӣ,*
*Бубандад зи бад дасти оҳарманӣ [3,с.239].*

Шахсе, ки барои дониш гирифтан саъю кӯшиш менамояд, аз ҳама қудратманд аст, яъне ба ақидаи мутафаккир дониш ин қувва аст.

*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад [3,с.248].*

Шоир панду андарзҳои худро ба шоҳону ҳокимон дар фаъолияти давлатдориашон аксар вақт аз забони файласуфону мубадон, ки дар "Шоҳнома" тимсоли хирадмандонанд, баён намуда, таъсир ва дарки пандҳоро бештару афзунтар гардонидааст. Ӯ аз "Пандномаи Бузургмеҳр" фаровон истифода намуда, аз забони Бузургмеҳри ҳаким дар бораи нақш ва мақоми донишу хирад дар ҳаёти инсон чунин мегӯяд:

*Зи дониш чу ҷони туро моя нест,*
*Беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пероя нест.*
*Чу бар дониши хеш меҳр оварӣ,*
*Хирадро зи ту бугсилад доварӣ...*
*Мадоро хирадро бародар бувад,*
*Хирад бар сари ҷон чу афсар бувад....*
*Фурӯтан бувад шоҳ,ки доно бувад,*
*Ба дониш бузургу тавоно бувад [4,с.52].*

Фирдавсӣ дар "Шоҳнома"-и худ бо андарзҳои ҳакимона қаноат накарда, ба воситаи қаҳрамонони асар низ шоҳонро панд медиҳад, роҳу равиши роҳбарӣ, идоракунӣ ва зиндагиро пешниҳод менамояд ва онҳоро барои иҷрои корҳои неку боадолатона раҳнамоӣ мекунад. Ӯ хирадмандиро бо накукорӣ баробар медонад ва дар андешаест, ки шахси хирадманд, роҳбари хирадманд ҳамеша аз рӯйи ақл амал менамояд ва накукору накухӯй аст.

*Ту чандон, ки бошӣ сухангӯй бош,*
*Хирадманд бошу накӯхӯй бош... [4,с.53].*

Фирдавсӣ асоси некиву бадии шаҳонро дар се чиз мебинад -гуҳар, нажод, ҳунар, ки он билохира ба хирад меоварад.

*Агар подшоҳи бувад дар гуҳар,*
*Бибояд, ки некӣ кунад тоҷвар [2,с.292].*

Мутафаккир чунин меандешад, ки дар ҳаёт барои некиву накукорӣ ҳамеша ҷой ҳаст ва инсон аз он ҷумла роҳбар бояд аз ин имкон ҳамеша истифода намуда, аз худ фақат номи неку кори нек боқӣ гузорад:

*Ҳама некият бояд огоз кард,*
*Чу бо некномӣ бувӣ ҳамнавард.*
*Накӯӣ чу ҳар ҷо чу ояд ба кор,*
*Накӯӣ гузин в-аз бадӣ шарм дор [4,с.60].*

Инсони оқил ҳатман мувофиқи аъмоли худ мукофот мегирад, мегӯяд, мутафаккир. Дар достони «Гурехтани Салм ва кушта шудани ӯ ба дасти Манучеҳр» ӯ таъкид менамояд, ки инсон дар зиндагонӣ он чиро ки кард, ҳамонро мебинад. Салм, ки барои тоҷу тахт шуда бародари худ Эраҷро кушта буд, аз дасти набераи Эраҷ - Манучеҳр кушта мешавад. Ва шоир мегӯяд:

*Дарахте, ки биншондӣ, омад ба бор,*
*Биёбӣ ҳам акнун бараш дар канор.*
*Гараш бор хор аст, худ киштаӣ,*
*В-агар парниён аст,худ риштаӣ [1,с.216].*

Ё ин ки

*Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,*
*Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ [4,с.53].*

Фирдавсӣ аз инсон танҳо гуфтори нек, рафтори нек боқӣ монданро таъкид намуда, ин хислатҳои ҳамидаи инсониро ёдгории асосии умр ва бақои зиндагии инсон, подшоҳон, роҳбарҳо ва шахсиятҳои идоракунанда медонад ва чунин мегӯяд:

*Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид бас,*
*Дигар ҳарчӣ бошад,намонад ба кас.*
*Сухан гуфтани нагзу кирдори нек,*
*Нагардад куҳан то ҷаҳон асту рек [4,с.63].*

Дар ҷойи дигар Фирдавсӣ некӣ ва накукориро дар самти роҳбарӣ ва идоракунӣ вазифаи аввалиндараҷа ҳисобида, чунин меандешад, ки аз ҳамаи шоҳони номдор ва дорою бузург танҳо онҳое, ки некӣ ва накӯкорӣ кардаанд ва аз худ номи нек гузоштаанд, аз тарафи ҷомеа дар ҳамаи давру замон ба некӣ ёдоварӣ карда мешаванд.

*Набошад ҷаҳон бар касе пойдор,*
*Ҳаме номи нек бувад ёдгор.*
*Куҷо Офаридуну Заҳҳоку Ҷам,*
*Меҳони араб,хусравони Аҷам?*
*Куҷо он бузургони Сосониён,*
*Зи Баҳромиён то ба Сомониён?*
*Накӯҳидатар шоҳ Заҳҳок буд,*
*Ки бедодгар буду нопок буд.*
*Фариддуни фаррух ситоиш бибурд,*
*Бимурд ӯву ҷовид номаш намурд [4,с.63].*

Шоир дар ҳама ҳолатҳо инсонҳо (шоҳу вазир, амиру қозӣ) - роҳбаронро ба некӣ ва накукорӣ кардану боқӣ гузоштани номи нек даъват менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки бузурги насиби инсонҳое мешавад, ки некиву накукориро дареғ намедоранд ва ба ивази некӣ ба онҳо албатта, хубӣ мерасад. Шоҳи одил Анӯшеравон ҳангоми супоридани тахти шоҳӣ ба фарзандаш Ҳурмузд ҳамеша некӣ карданро васият намуда, мегӯяд:

*Ба некӣ гирою ба некӣ бикӯш,*
*Ба ҳар неку бад панди доно нюош [3,с.249].*

Омӯзиши осори Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки дар масъалаи некӣ ва бадӣ мутафаккир ба ғояи «мукофоти амал» бовар дорад ва иддао мекунад, ки ҳар инсоне, ки амали нек намояд, некӣ мебинад, вале агар бадӣ кунад, оқибат бадӣ мебинад. Ин матлаби шоир бештар дар муроҷиат ба роҳбарон (ҳокимону шоҳон) баён шудааст:

*В-агар бад кунӣ,ҷуз бадӣ надравӣ,*
*Шабе дар ҷаҳон шодмон нагнавӣ.*
*Ба некӣ бувад шоҳро дастрас*
*Ба бад рӯзи некӣ наҷустааст кас [4,с.69].*

Шоири инсонпарвар саъй мекунад, ки ба воситаи панду насиҳати худ дар асарҳояш дасти шоҳону ҳокимонро аз зулму ситам, ки нишонаҳои бадист, нигоҳ дорад. Фирдавсӣ дар достонҳои «Шоҳнома» бештар симоҳои роҳбари некукор ва некандешро офарида, ба онҳо симоҳои бадиву аҳриманиро муқобил мегузорад.

Симоҳое, чун Тур, Кайковус, Гарсеваз, Афросиёб, Заҳҳок, ки неруи бадӣ ва сабаби ҷангу ҷидол ва вайронии давлатҳоянд, ба симоҳои Таҳмурас,Ҷамшед, Эраҷ,Сиёвуш,Фаридун барин шоҳоне, ки барои некӣ ва осоиштагии инсонҳо мубориза бурдаанд ва дар ин раванд аз болои бадӣ ғалаба намудаанд муқобил гузошта шудаанд. Ҳадафи асосии худро шоҳ Таҳмурас дар раванди шоҳигарии худ пок кардани дунё аз бадӣ ва иҷрои корҳои нек барои инсонҳо медонад.

*Ҷаҳон аз бадиҳо бишӯям ба рой,*
*Пас он гаҳ кунам дар кеҳӣ гирд пой …. [1,с.54*].

Писари Таҳмурас Ҷамшед низ баъди ба тахт нишастан мубориза ба муқобили бадиро шиори асосии худ қарор медиҳад:

*Равонро сӯи равшанӣ раҳ кунам,*
*Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам [1,с.54].*

Фаридун бошад, дар давоми ҳукмронии панҷсадсолаи худ адолату некиро барқарор намуда, бадиро аз байн мебарад ва некиро дар ҷаҳон пойдор месозад:

*Ба некӣ бубаст ӯ дару дасти бад,*
*Чунон, к-аз раҳи шаҳриёрон сазад [1,с.27].*

Шоҳ Кайхусрав пас аз ба тахт нишастан аз пайи решакан кардани бадиву бедодӣ шуда, кишварро ободу мардумро шод менамояд:

*Бигустурд гирди ҷаҳон додро,*
*Биканд аз замин бехи бедодро [2,с.293].*

Мутафаккир чунин меҳисобад, ки бадӣ оқибат надорад, инсони бад, дер ё зуд, албатта, сазои бадии худро мегирад. Дар “Шоҳнома” тимсоли асосии бадӣ ин шоҳи падаркуш Заҳҳок мебошад. Заҳҳок ва қувваҳои бадӣ атрофи ӯ бо ҳар роҳ мехостанд, ки пеши роҳи некиро бигиранд, торикиву зулмотро дар ҷаҳон пойдор созанд. Дар давоми ҳукмронӣ ва роҳбарии Заҳҳок, ки зиёда аз ҳазор солро дар бар мегирад, адолату мурувват, инсонгарой ва инсонпарварӣ, меҳру шафқат кам мегардад, бадӣ бар некӣ дастболо шуда, давраи тантанаи зиштиву бадӣ фаро мерасад:

*Ҳунар хор шуд,ҷодуи арҷманд,*
*Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.*
*Шуд бар бадӣ дасти девон дароз,*
*Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз [1,с.77].*

Лекин тантанаи бадӣ доимӣ нест, ҷабру зулм оқибат надорад. Ҳукмронию роҳбарӣ ва шоҳигарии шоҳи золиму ситамгар, танпарвару худхоҳ ва худписанду аз ғаму дарди мардум дур оқибат надорад, як рӯз не як рӯз завол меёбад. Аз ин ҷост, ки шоир дар симои Коваи оҳангару Фаридун ғалабаи қуввваи некиро аз боли қувваи бадӣ дар симои Заҳҳок нишон медиҳад. Ва аз номи Фаридун чунин иброз менамояд:

*Бибуррам паи аждаҳоро зи хок,*
*Бишӯям ҷаҳонро зи нопок пок [1,с.110].*

Дар достони “Банд кардани Фаридун Заҳҳокро” Фирдавсӣ кушта шудани Заҳҳоки падаркуш ва золимро аз тарафи Фаридун ғалабаи некӣ аз болои бадӣ медонад ва чунин мегӯяд:

*Аз ӯ номи Заҳҳок чун хок шуд,*
*Ҷаҳон аз бади ӯ ҳама пок шуд [1,с.121].*

Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” симои Фаридунро ҳамчун шоҳи одил, инсонпарвару инсондӯст, адолатпарвару нексиришт, меҳрубону накукор офарида, ба инсонҳо ва шоҳон, роҳбарону идоракунандаҳо (новобаста ба сохторҳои давлатӣ, шаклҳои идоракунӣ) муроҷиат намуда, аз ӯ ибрат гирифтан ва адолату накукориро пешаи фаъолияти худ карданро талаб менамояд.

*Фаридуни фаррух фаришта набуд,*
*Зи мушку зи анбар сиришта набуд.*
*Ба доду деҳиш ёфт он некӯӣ,*
*Ту доду деҳиш кун,Фаридун туӣ.*
*Фаридун зи коре, ки кард эзадӣ,*
*Нахустин ҷаҳонро бишуст аз бадӣ [1,с.122].*

Фаридун дар давоми ҳукмронии панҷсадсолаи худ адолат ва ободиро барқарор намуда, бадиро аз байн мебарад ва некиро дар ҷаҳон пойдор месозад:

*Ба некӣ бибаст ӯ дару дасти бад,*
*Чунон, к-аз раҳи шаҳриёрон сазад [1,с.127].*

Дар хотимаи "Достони Фаридун" Фирдавсӣ мақсади асосии худро дар масъалаи некӣ ва бадӣ чунин иброз менамояд:

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*
*Набошад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор [1,с.122].*

Фирдавсӣ бар он андеша аст, ки дар золиму хунхор, бадандешу бадкирдор, худхоҳу худписанд ва ҷоҳил гаштани ҳокимон атрофиёни онҳо низ гунаҳгоранд. Онҳо ба ҳама амалҳои бади ҳокимон бетарафона нигоҳ менамоянд, балегӯяк мешаванд ва ин сабаби ҳукмронии беадолатона ва оқибат сабаби шикаст хӯрдани ҳокимият ва хунрезиҳо мегардад. Дар достони "Коваи оҳангар ва Заҳҳок" аз бедодгариҳои ӯ огоҳ будан ва ҳамдаст будани атрофиёнаш ба ҳама ҷабру зулми ӯ нисбат ба халқро дида, Кова чунин нидо мекунад:

*Чу бархонд Кова ҳама маҳзараш,*
*Сабук сӯи пирони он кишвараш,*
*Хурӯшид, к- " Эй поймардони дев",*
*Бурида дил аз тарси кайҳонхидев,*
*Ҳама сӯи дузах ниҳодед рӯй,*
*Супурдед дилҳо ба гуфтори ӯй [1,с.97].*

Дар раванди идоракунӣ ва роҳбарӣ Фирдавсӣ масъалаи ба суханони неку некбинонаи душманон фирефта нашудани ҳокимонро мавриди таҳлил қарор дода, дар андешаест, ки инсони камхирад, бесавод ва дур аз дониш тез ба доми суханони зебову нағзи душман меафтад ва коре мекунад, ки оқибати он пушаймонист. Шоир ин андешаи худро дар достони "Заҳҳок" дар симои Заҳҳок нишон додааст. Заҳҳок се маротиба бо суханони зебову нарм, форам ва некбинонаи Аҳриман фирефта шуда аввал падарашро кушт ва ба худ номи падаркушро гирифт, пеши роҳи нафси шикампарвари худро гирифта натавониста, ба худ номи даҳшатноки Заҳҳоки моронро гирифт, барои халосӣ аз морони аждаҳопайкар душмани инсоният гардида ба худ номи қотилро гирифт.

*Фаровон сухан гуфт зебову нагз,*
*Ҷавонро зи дониш тиҳӣ буд магз [1,с.68].*

Хулоса, Фирдавсӣ бо истифода аз афкору андешаҳои ахлоқиву фалсафӣ ва ҳикмати рӯзгор хирад ва некиро дар раванди идоракунию роҳбарӣ чун сармояи аслии ҳаёти инсон ситоиш намуда, панд медиҳад, ки роҳбар бояд ҳамаи кирдору рафтори худро дар раванди идоракунию роҳбарӣ дар пояи хирад ва хирадмандӣ, некӣ ва некандешӣ анҷом диҳад. Фирдавсӣ ба ҷомеа аз миён бардоштани бадӣ ва коштани тухми некиро пешниҳод менамояд. Андешаҳои мутафаккир оиди хирад ва некӣ арзиши баланд дошта то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд. Ин нуктаҳо дар ҳама давру замон муҳим, зарур буда, бахусус имрӯз, ки ҷомеаи мо ниёзманди инсонҳои оқилу хирадманд аст, истифода аз ин андешаҳои мутафаккир аз аҳамият холӣ нест.

**Муқарриз: Калонзода Ф.И.- н.и.ф., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Фирдавсӣ.Шоҳнома.-Ҷ.1.-Душанбе: Адиб,2007.
2. Абулқосим Фирдавсӣ.Шоҳнома.-Ҷ.3.-Душанбе: Адиб,2008.
3. Абулқосим Фирдавсӣ.Шоҳнома.-Ҷ.9.-Душанбе: Адиб,2009.
4. Муллоаҳмад М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ. -Душанбе: Деваштич, 2003.
5. Раджабов М. Фирдоуси и современность (анализ мировоззрения) / М. Раджабов. - Душанбе: Ирфон,1976.
6. Достонҳои Шоҳнома.Китоби аввал. -Душанбе: Маориф,2016.

7. Достонҳои Шоҳнома.Китоби дуюм. -Душанбе: Маориф,2016.
8. Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ / А.А. Шамолов. - Душанбе, 1996.
9. Шамолов А.А. Абу Бакр ар-Рази.Духовная медицина / А.А. Шамолов //Известия АН РТ. Серия философии и прав. -№ 3.1991.
10. Шамолов А.А. Хикмати назми ниёгон / А.А. Шамолов. -Душанбе,1999.-94с.
11. Шамолов А.А.Сравнительный анализ этики Газали и Туси / А.А. Шамолов. – Душанбе: Ирфон, 1994.
12. Атоев А. Проблемы нравственности в «Шахнаме» Абулкосыма Фирдоуси: Автореф.канд.дисс. /А. Атоев. - Душанбе,1999.
13. Бобоев К. Социально-политические и этические взгляды Низамулмулька. Автореф.канд.дисс. / К.Бобоев. - Душанбе,1996.
14. Исаев М. Этическое учение Мискавейха и его роль в развитии этической мысли средневековья. - Автореф. канд. дисс. / М.Исаев. -Душанбе,1993.
15. Махмаджонова М. Этические взгляды Джалолуддина Руми. -Автореф. канд. дисс. / М. Махмаджонова. -Душанбе,1995.
16. Сайдуллаева Г. Этические взгляды Кайкавуса. Автореф. канд. дисс./ Г. Сайдуллаева. - Душанбе,2000.
17. Хушкадамов Д. Этическое учение Хусайна Воиза Кошифи.-Автореф. канд. дисс./ Д.Хушкадамов. - Душанбе,2004. -25с.

## АХЛОҚИ РОҲБАРӢ ВА ИДОРАКУНӢ АЗ НИГОҲИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Дар мақолаи мазкур нуқтаи назари Абулқосими Фирдавсӣ оид ба одоби роҳбарӣ ва идоракунӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Абулқосим Фирдавсӣ бо истифода аз афкору андешаҳои ахлоқиву фалсафӣ ва ҳикмати рӯзгор ақл, хирад, дониш, илм, адолат, фаросат ва некиро дар раванди идоракунию роҳбарӣ чун сармояи аслии ҳаёти инсон ситоиш намуда, дар достонҳои “Шоҳнома” панд медиҳад, ки роҳбар бояд ҳамаи кирдору рафтори худро дар раванди идоракунию роҳбарӣ дар пояи баланди ақл, илму дониш, хирад ва хирадмандӣ, некӣ ва некандешӣ, адолатнокию инсондӯстӣ анҷом диҳад. Абулқосим Фирдавсӣ ба ҷомеа аз миён бардоштани бадӣ ва коштани тухми некиро пешниҳод менамояд. Мутафаккир дар“Шоҳнома” ба воситаи образи қаҳрамонҳояш дар раванди идоракунию роҳбарӣ нишон медиҳад, ки роҳбар дар идоракунӣ ҳамон вақт муваффақ мегардад, ки агар дар ин раванд адолат ва некиро пешаи фаъолияти худ қарор диҳад. Андешаҳои мутафаккир оиди ақл, хирад, дониш, илм, адолат, фаросат, эҳтиром ва арзишҳои маънавии гузаштагон дар раванди идоракунию роҳбарӣ арзиши баланд дошта, то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд. Ин нуқтаҳо дар ҳама давру замон муҳим, зарур буда, бахусус имрӯз, ки ҷомеаи мо ниёзманди инсонҳои оқилу хирадманд аст, истифода аз ин андешаҳои мутафаккир дар ҷомеа, махсус дар фаъолияти кории хизматчиёни давлатӣ аз аҳамият холӣ нест. Фирдавсӣ муътақид аст, ки ҳар инсоне, ки дар раванди зиндагонӣ ва фаъолияти кории худ аз ақл дуруст истифода намебарад, аз ин сармояи маънавии инсонӣ бархӯрдор нест, дар зиндагонӣ ба нокомию гумроҳӣ роҳ медиҳад, нафсро идора карда наметавонад ва ба худу наздиконаш ва инсонҳои дигар мушкилоти зиёдеро пеш меорад. Ба андешаи муаллиф, Фирдавсӣ асоси баланд гардидани этикаи идоракунӣ ва роҳбариро дар тарбияи инсон мебинад.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, роҳбарӣ, нафс, ахлоқ, фазилат, разолат, ақл, адолат, некӣ, бадӣ.

## ЭТИКА РУКОВОДСТВА И УПРАВЛЕНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБУЛКАСЫМА ФИРДОУСИ

В этой статье анализируются взгляды Абулкасыма Фирдоуси на этику лидерства и управления. Он восхваляет реалии человечесой жизни, а в рассказах «Шахнаме» он советует руководителю вести все свои действия в процессе управления и лидерства на основе высокого интеллекта, науки, знаний, мудрости, доброты и доброжелательности, справедливости и человечности. Абулкасым Фирдоуси предлагает обществу искоренить зло и посеять семена добра. Его мысли о разуме, мудрости, знаниях, науке, справедливости, здравом смысле, уважении, духовных ценностях прошлого в процессе управления не утратили своей актуальности и по сей день. Эти моменты важны и необходимы во все времена. Особенно сегодня, когда нашему обществу нужны умные люди, использование этих идей в обществе, особенно в работе государственных служащих, очень важно. Фирдоуси уверен, что тот, кто не использует ум должным образом, не наслаждается этим духовным человеческим капиталом, совершает ошибки в жизни, не может контролирует себя и получит множество проблем для себя и других людей, в том числе в процессе управления этот ущерб будет больше для государства и людей. По мнению автора, Фирдоуси видит основу повышения этики управления и лидерства в воспитанности человека.

**Ключевые слова:** менеджмент, лидерство, личность, мораль, добродетель, праведность, интеллект, справедливость, добро, зло.

**ETHICS OF LEADERSHIP AND MANAGEMENT FROM THE POINT OF VIEW OF ABULKOSIM FIRDAVSI**

This article analyzes the views of Abul-Qasim Ferdowsi on the ethics of leadership and management. He praises the realities of human life, and in the stories "Shahnameh" he advises the leader to conduct all his actions in the process of management. Leadership based on high intelligence, science, knowledge, wisdom, kindness and benevolence, justice and humanity. Abul-Kasim Ferdowsi suggests that society should eradicate evil and sow the seeds of good. The thinker's thoughts about reason, wisdom, knowledge, science, justice, common sense, respect for the spiritual values of the past in the process of management and goodness have not lost their relevance to this day. These moments are important and necessary at all times. Especially today, when our society needs smart people, the use of these ideas in society, especially in the work of civil servants, is very important. Does not use it properly, does not enjoy this spiritual human capital, makes mistakes in life, cannot control oneself and will cause many problems for oneself and other people, including in the process of governing kings and rulers, this damage will be greater for the state and people. According to the author, Ferdowsi sees the basis for enhancing the ethics of management and leadership in human breeding.

**Key words:** management, leadership, personality, morality, virtue, righteousness, intellect, justice, good, evil.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳайдарӣ Сабоҳат Саид*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Телефон:**985-13-07-63.**

**Сведения об авторе:** ***Хайдарӣ Сабохат Саид*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат философских наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира 33, Телефон:**985-13-07-63.**

**Information about the author:** ***Haydari Sabohat Said*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir street 33, Phone: **985-13-07-63.**

УДК:008.15(575.3)

# РИСОЛАТИ ФАРҲАНГОФАРӢ ВА АНДЕШАИ ТАҲАММУЛГАРОИИ ТОҶИКОН ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАВСЕАИ МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГҲО


***Самиев Б.Ч., Бердиёрова Г.И.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Халқи тоҷикро таърихан ва имрӯз низ аз ҳамлаҳои мудҳиш ва ҷангҳои мудаввоми давлатҳои муқтадир, ҷаҳонишавии арзишҳо ва бархӯрди тамаддунҳо рисолати фарҳангофарӣ, амали таҳаммулгароӣ, ваҳдатгароӣ, ки меҳварашро ҳамзистӣ ва якдилии тамоми аҳолии кишвар ташкил медиҳанд, ҳимоя мекунад. Хусусан, баъд аз юнониён, арабҳо тавассути ҷангҳои беадолатонаи худ ба ҳастии моддиву маънавӣ, забон, фарҳанг, расму русум ва оину эътиқоди аҷдодони гузаштаи мо зарбаҳои басо мудҳиш расониданд. Дастовардҳои нодири фарҳангиро ба гӯшаи нобудӣ бурданд, донандагони забонҳои куҳанро ҷиҳати рушд накардан қатл намуданд, аммо фарҳанги ғанӣ ва забони фасеҳ ва ноби тоҷикӣ нагузошт, ки забони арабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ба сифати забони расмӣ-давлатдорӣ мақом гирифта, нуфузи забони тоҷикиро паст гузорад. Тоҷикон ҳарчанд дини исломро пазируфтанд, вале забони тоҷикӣ новобаста аз газанди истилои араб раҳоӣ ёфта, баъди гузашти ду аср ҷойи забони арабиро дар низоми давлатдорӣ, шеъру адабиёт ва фарҳанг ишғол намуд. Ин нуктаро метавон бо чанд далел асоснок кард:

1) бештари мардуми тоҷик забони арабиро намедонистанд, аз ин рӯ арабҳо иҷозат доданд, ки аз ҷониби сокинон намоз бо забони тоҷикӣ-форсӣ хонда шавад;

2) дар муҳити хонаводагӣ тоҷикон пурра ба забони модарии худ ҳарф мезаданд ва ин омил низ барои зинда мондани забони тоҷикӣ-форсӣ мусоидат кард;

3) гуфтори шифоҳӣ ва баёни шеър бо забони тоҷикӣ-форсӣ сурат мегирифт. Инчунин, шоирони тоҷиктаборе, ки дар дарбори Хилофати араб фаъолият мекарданд тоифаи дузабона буданд, ки бо ҳамҷаворони худ бо забони тоҷикӣ-форсӣ ҳарф мезаданд. Минбаъд онҳо дар рушду нумӯи адабиёт, фарҳанг саҳми назаррас гузоштанд;

4) сокинони Хилофати араб, ки аз мардуми тоҷик дар вақти истилои кишварашон ба асорат гирифта, ба кишварҳои Хилофат оварда шуданд, кам набуданд. Бино бар ин, дар кишварҳои дохили Хилофат низ онҳо ба забони тоҷикӣ сухан мегуфтанд ва ин омил низ барои доираи худро васеъ кардани забони тоҷикӣ мусоидат кард;

5) истилоҳоти зиёди тоҷикӣ ба таркиби луғавии забони арабӣ ворид шуд, ки ин омил ба ғанӣ гаштани таркиби луғавии забони онҳо мусоидат намуд.

Умуман, пирӯзиҳои араб дар кишварҳои аҷдодии тоҷикон - Мовароуннаҳру Хуросон ба онҳо имкон надод, ки забони тоҷикиро аз забони муоширати байни мардум бардошта, забони арабиро ба сифати забони гуфтугӯиву давлатдорӣ ҷорӣ намоянд. Баръакс, таъсири забони арабӣ ва нуфузи он дар кишварҳои Шарқ ба тоҷикон имконият дод, ки шеваи гӯйишҳо ва лаҳҷаҳои гуногуни минтақаҳои аҳолинишини худро аз байн бурда, забони фасеҳ ва шевои тоҷикиро ба вуҷуд оваранд, эътибори онро дар байни дигар қавму миллатҳо боз ҳам баландтар кунанд. Чи тавре дар ин маврид Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд мекунанд, нуфуз ва эътибори ин забон ба ҳадде буд, ки на танҳо дар ҳавзаи илму фарҳанг, балки дар сиёсат ва давлатдорӣ низ ҳеҷ забони дигар бо вай рақобат карда натавонист. Қавму миллатҳои мухталифе, ки асрҳо дар ин сарзамин ҳукмронӣ карданд, онҳо на танҳо забони тоҷикиро ҳамчун забони илму фарҳанг, балки ба ҳайси забони сиёсат ва давлату дарборҳои худ пазируфтанд. Баъдан нуфузи забони модарии мо аз ҳавзаҳои Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон берунтар рафта, ба минтақаҳои Қафқозу Осиёи Хурд, нимҷазираи Ҳиндустону Ироқ доман паҳн кард ва садҳо сол дар ин ҳавзаи бузурги ҷаҳонӣ нақши забони байналмилалиро ба уҳда дошт [7, с.18].

Ҳарчанд Яъқуби Лайс низ дар давраи Саффориён дар баробари забони арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ, форсигӯию форсигаройӣ роҳ боз намуд, вале авҷи забони тоҷикӣ ба сифати забони миллӣ дар давраи Сомониён нуфузи бештар пайдо кард. Бинобар ин, хизмати арзишманд ва мондагори амирони сомонӣ дар таърихи эҳёи давлатдории тоҷикон аз он иборат аст, ки онҳо барои аз як насл ба насли дигари худ интиқол додани забону арзишҳои фарҳанги пешиниён кӯшиши зиёд намуданд. Дар баробари эҳёи фарҳанги миллӣ арзишҳои динию фарҳанги исломиро ба фарҳанги худ мухолиф нагузоштанд, балки ҳангоми ба тобеияти худ даровардани сарзаминҳои зиёде давлати ягонаи мутамарказро таъсис дода, ба сокинони онҳо фарҳанги шаҳрдорию хоҷагидорӣ ва муносибатро омӯзониданд, ки ин амал боиси вусъат бахшидани муколамаи фарҳангҳо дар байни халқиятҳои ин давлати муқтадири миллӣ ба ҳисоб рафт.

Яъне, нақши забони тоҷикӣ дар ин арсаи муколамаи фарҳангҳо аз он лиҳоз бузург буд, ки намояндагони мардуми гуногуннажоду гуногунзабони ин қаламрави ҷуғрофӣ осори адабӣ ва фарҳангии худро бо забони тоҷикӣ таълиф мекарданд. Дар давраи шукӯҳи фарҳанги исломӣ нуфуз пайдо карда, ба сифати забони гуфтугӯйӣ ва навишт қарор гирифтани забони тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ низ аз эътироф ёфтани он аз ҷониби қишри зиёӣ ва амалдорони хилофати арабҳо далолат мекард.

Дар баробари ин, бо вуҷуди умумиятҳо байни ин ду забон ҷиҳати эътирофи байналмилалӣ касб кардан фарқиятҳо мавҷуд буданд.

1) забони арабӣ тавассути пирӯзиҳои лашкаркашони араб мақоми худро дар байни кишварҳои мухталиф баланд бардошт, аммо забони тоҷикӣ ба омилҳои ҳарбӣ, лашкаркашиҳо ниёз надошт ва ба таври сулҳомез вориди фарҳанги кишварҳои мухталиф гашт;

2) агар забони арабӣ боиси нобуд шудани забони модарии кишварҳои забткардаи арабҳо шуда бошад, пас забони тоҷикӣ ба он мусоидат кард, ки забонҳои кишварҳои ҳамсоя тараққиву такмил ёфта, истилоҳоти тоҷикӣ барои зиёд шудани фонди луғавии онҳо мусоидат намояд.

Дар баробари забони тоҷикӣ дар ин қаламрав «Забони бохтарӣ низ нақши бузург бозида, якҷоя бо забони суғдӣ барои интишор ва паҳн кардани тамаддун ва фарҳанги эронӣ саҳми бузурге доштанд. Дар иртибот ба робитаҳои байналмилалӣ вобаста ба «Роҳи абрешим» мақоми миёнҷии забони суғдӣ ва дигар забонҳои шарқии эронии ин минтақа хеле назаррас аст» [7, с.75].

Ин далел низ аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон аз қадим асолати таърихии худро нигоҳ дошта, ба дигар халқиятҳо фарҳанги давлатдорӣ, муносибатҳои оилавӣ, муошират, рушди тиҷорат, коркарди замин, парвариши зироат ва ғайраро омӯзонидаанд. Ё худ дараҷаи рушд ва вусъати тоза касб кардани «Роҳи Абрешим» ба давраи такомули тамаддуни Суғд иртибот дошт. Ба он хотир, ки забон ва хатти суғдӣ на танҳо ба забони муоширати мардумони ин минтақа табдил гардид, балки баробари забонҳои хитоӣ, тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ забони муоширати байни дигар халқиятҳо, ки онҳоро ин роҳ ба ҳамдилӣ ва ҳамкорӣ раҳнамун мекард, хизмат кард. Хусусан, қабул кардани хатти суғдӣ аз ҷониби уйғурҳо, монголҳо, манҷуриҳо ба он мусоидат кард, ки бо он адабиёти зиёди илмӣ, бадеӣ таълиф карда, ҳуҷҷатҳои конселярӣ муҳайё намоянд [9].

Ба ғайр аз ин, аз тамаддуни суғдӣ назария ва амалияи коркарди замин, истифодабарии об, санъати парвариши зироату растаниҳоро омӯзонд, ки аз саҳми тоҷикон дар тавсеа ёфтани муколамаи фарҳангҳо тавассути ин роҳи муттаҳидкунанда далолат мекунад.

Дар давраи Салҷуқиён, ки қаламрави он аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то ҳудуди Чин доман паҳн карда буд, забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) барои халқу қавмиятҳои мухталиф вазифаи забони байналмилалиро бар дӯш дошт ва ҳамон нақшеро иҷро намуд, ки забони арабӣ ҳангоми густариши ислом дар сарзаминҳои тобеи хилофат ва забони лотинӣ дар асрҳои миёна дар рушди фарҳангу тамаддуни Аврупо иҷро кард. Умуман, агар забони юнонӣ дар масири таърихи инсоният бо

тавоноии худ тавонист афкори ҳакимонаро корбаст намуда, ба вай руҳи фалсафӣ бахшад, забони арабӣ ҳам дар вақти ба сари қудрат омадани идеологияи ислом тавонист мероси фалсафии Юнонро дар худ ҳазм кунад ва вобаста ба фазои мусоиди таърихию фарҳангӣ ин меросро аз насл ба насл интиқол диҳад. Забони тоҷикиро бошад, «парваришгоҳи асосии он доманаи шеъру забони шоирона буда, имконоту тавонмандии дохилии ин забон ҳам аз ин сарчашмаи зоёву бой маншаъ мегирад» [7, с.362]. Баъдан, дар давраи подшоҳони туркӣ-муғулӣ ва манғитӣ ки забони тоҷикӣ забони расмӣ-давлатдорӣ боқӣ монд, доираи корбарии худро дар шарқу ҷануб то сарзамини Ҳинду Чин ва дар Ғарб то Осиёи Сағиру Сурия густариш дод, ки то оғози асри XX барои густариши муколамаи фарҳангҳо нақши калидӣ бозид.

Дар баробари забони тоҷикӣ дар ташаккули гуфтугӯйи тамаддунҳо саҳми шахсиятҳои миллӣ, аз ҷумла Куруши Кабир, Спитамен, Исмоили Сомонӣ ва чеҳраҳои баргузидаи илму ҳикмат бузург буд. Зеро онҳо на танҳо барои ташаккулу рушди фарҳанги миллӣ ҷаҳду талош кардаанд, балки барои густариши фарҳанги таҳаммулгаро ва инсонмеҳварии ҷомеаи инсонӣ хизмати бориз гузоштаанд. Масалан, Куруши Кабир нахустин империяи мутамаддини ориёиро бунёд гузошт, ки то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт [8, с.6].

Куруш дар пайи ҳарбҳо кӯшиш мекард, ки одамони бегуноҳ ҳалок нашаванд, шаҳрҳо хароб ва бозёфтҳои таърихиву фарҳангӣ несту нобуд нагарданд. Аз ин рӯ, сардорони лашкарҳои муқобилро ба он даъват мекард, ки бо роҳи мусолиматомез, гуфтушунид масъаларо ҳал кунанд. Масалан, вақте Куруши Кабир аз саркардаи лашкари юнониён Крез хоҳиш мекунад, ки бе ҷанг ба итоати ӯ дарояд, то озодиву имтиёзҳояш барояш нигоҳ дошта шавад, Крез саркашӣ намуда, даъвати Курушро қабул намекунад ва ҷангро пайгирӣ мекунад. Баръакс, вақте Куруш мехоҳад, ки бохтариҳоро, ки барои ба итоати худ даровардани сарзамини Осиёи Марказӣ ба ӯ монеа мекарданд, тариқи гуфтушунид, бе ҷанг ҳал намояд, онҳо моил шуданд.

Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз аз аҳди қадим бо роҳи гуфтушунид ҳал кардани низоъҳои пешомада як василаи бақои халқиятҳо ва маҳфуз мондани бозёфтҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мерафтааст, ки ин принсипро Куруши Кабир роҳандозӣ кардааст. Масалан, барои мустаҳкам кардани ҳокимияти Порсҳо дар Бобул ӯ маъбади Эсагиларо барқарор намуда, ба худои Мардук қурбонӣ кард ва ҳуқуқу имтиёзҳои руҳониёни ин худоро аз нав ба онҳо баргардонд. Эъломия интишор карда, ба ҳамаи халқҳо ҳуқуқ ва озодӣ дод, яҳудиёнро иҷозат дод ба ватани худ ва ё ба ҳар куҷое, ки хоҳанд, рафта зиндагӣ кунанд. Подшоҳии Бобул ва сохти маъмурӣ - идоравии онро тағйир надод. Ин ва дигар чорабиниҳои Куруш аз ҷониби сокинони Бобул хуш пазируфта шуда, мавқеи ӯро дар минтақа мустаҳкам намуданд [2, с.32-52].

Куруши Кабир ба ҳар кишваре мерафт, худоёни мазҳабҳои мухталифро ба расмият мешинохт, эътиқоду ақоид ва дини миллатҳои ғайрро эҳтиром мекард, аз рӯйи расму анъанаи онҳо низоми идоракуниро ба роҳ мемонд. Ин амалҳои нек боис шуданд, ки руҳониёни Бобул Курушро ба сифати писари Худои олитабори бобулиён шинохта, ба тахт нишастанашро истиқбол намоянд. Ба ибораи имрӯз, сиёсати давлатдории Куруши Кабир 2500 сол аз ин муқаддам ба тарзи давлатдории дунявӣ асос ёфта буд. Шояд яке аз сабабҳои шуҳрати ҷаҳонӣ ёфтану империяи абарқудрати замони худ шудани давлати Форс дар пеш бурдани ҳамин сиёсати давлатдории дунявӣ нуҳуфта бошад [8, с.19].

Бар хилофи шоҳони аҳди бостон, ки маъмулан ба куштору ғорат мепардохтанд, эъломияе интишор сохт, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд. Эъломияи Куруш, ки аз фарҳанги ориёӣ ва ақидаҳои инсондӯстӣ сарчашма мегирад, нахустин ҳуҷҷати таърихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, «ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми ҳуқуқи

шаҳрвандони гуногунмиллату мухталифоин шумурд, аз тамаддуни ориёӣ сарманшаъ гирифтааст. Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард" [8, с.21].

Баъдан, се арзиши демократӣ, ки аз ин нигошта мушаххас мегарданд: озодии дину мазҳаб, озодии интихоби ҷойи зист ва поймол накардани ҳуқуқи каси дигар дар таҳияи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки 10-уми декабри соли 1948 қабул шудааст, ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва роҳнамои ҳуқуқӣ нақши мондагор гузоштанд. Имрӯз як нусхаи «Устувонаи Куруш» дар идораи марказии СММ ҳамчун рамзи арзиши пойдории ҳуқуқи башар нигоҳдорӣ мешавад.

Куруш қабл аз оғози ҳама гуна ҷангҳо барои нарехтани хун ба рақибонаш бо кафолати амният, озодӣ ва бо шартҳои барои онҳо имтиёзнок бастани сулҳро пешниҳод мекард. Танҳо дар сурати аз ҷониби муқобил қабул нашудани пешниҳодҳояш даст ба ҷанг мезад. Баъди ғолиб баромадан кӯшиш мекард мағлубонро беҳуда озор надиҳад ва иззати нафси онҳоро паст назанад. Ӯ шахсони лаёқатмандеро, ки барояш содиқона хизмат мекарданд, қадр мекард ва ба онҳо мансабҳои калони давлатиро медод.

Ҳамзамон, подшоҳони мағлубшуда ва ба асирӣ афтодаро мебахшид. Шоҳи Лидия Крез, шоҳи Бобул Набонид ба ин мисол шуда метавонанд. Куруш дар ҳайати империяи худ қариб 70 қавму миллатҳои гуногунро муттаҳид карда, ба ҳамаи онҳо расман озодӣ ва баробарҳуқуқӣ ато намуд. Башарият метавонад имрӯз ҳам аз таҷрибаи инсондӯстӣ ва адолатпарварии ин шахсияти беназир истифода барад. Таҷрибаи давлатдории Куруши Кабир ибратомӯз аст, мо бояд онро ҳамаҷониба омӯзем, зеро сохтори давлатии Ҳахоманишиён яке аз муҳимтарин тарзи хукуматҳои императории аҳди бостон ба шумор меравад [8, с.21]. Ба маълумоти Б.Ғафуров, Куруши Кабир барои форсҳо ҷадди бузург, барои бобулиҳо расули худои Мадрук, барои юнониҳо раҷули бузурги давлат ва барои яҳудиён наҷотбахши худо Яҳва шинохта мешуд [3, с.72].

Баъди парокандашавии ҳукумати Дорои III муаррихон ба сари қудрат омадани Искандари Мақдуниро як гардиши ҷиддие дар низоми давлатдорӣ ва кишваркушоиҳо мешуморанд. Зеро ӯ расму анъанаҳои маъмулии ашрофони юнониро шикаста, анъанаҳои шоҳони Ҳахоманиширо пазируфтааст. Масалан, муқаррабону сарлашкаронашро водор намудааст, ки ба расми шарқиён дар ҳузури ӯ ба зону бизананд ва ҳатто замин бибӯсанд. Ин иқдом гурӯҳе аз сарлашкарону дӯстони наздикашро, ки дар руҳияи эллинӣ тарбия ёфта, аз оғози лашкаркашиҳо паҳлу ба паҳлу буданд ва фарқияте дар мақому мартаба намегузоштанд, дар ҳолати басо ногувор гузошт. Як гурӯҳи ҳамсафону дӯстони ӯ, аз ҷумла, Гефестион, Птоломей Лаг, Пердикка амри ӯро ночор писандида бошанд, гурӯҳи дигар - Филот, Клит, Аминта аз ин кирдори Искандар озурдахотир гашта, хостанд ба ҷони ӯ сӯиқасд намоянд. Сӯиқасд ошкор гашт ва Искандари Мақдунӣ аввал Филот, сипас падари ӯ Парменион ва дертар дигар ҳамсафони барошуфтаашро маҳкум ба қатл намуд.

Искандари Мақдунӣ бо ин зоҳирбозии худ мехост арзишҳои беҳтарини тамаддуни Ғарбу Шарқро бо ҳам омезиш дода, як империяи ҷаҳоние, ки фарогири халқҳои сершумори гуногунзабону гуногуноин бошад, таъсис диҳад. Давлати мутамарказ ва идеалие бунёд намояд, ки сокини Юнон худро дар қаламрави Форс ва сокинони Форс худро дар Мақдуния бегона напиндоранд. Ба ҳамин хотир ӯ расму оини форсҳо ва дигар халқиятҳои Осиёро пазируфта, азми ҷаҳонгирию кишваркушоиҳо намуд. Ногуфта намонад, ки ин ғоя парвардаву офаридаи нахустшоҳони Ҳахоманишӣ буда, аз аҳди Куруши Кабир ва Дорои I сар карда, дар миёни ҷаҳонгирону бунёдгузорони империяҳои бузург пайравони зиёде пайдо кардааст. Халқи тоҷик ва ниёгони ориёии ӯ баъди империяи ҷаҳонии Искандари Мақдунӣ боз, чи тавре қаблан зикр карда шуд, дар аҳди хилофати араб ва истилои

муғул ба ин ҳангомаи бузургдавлатии аҷнабиён гирифтор шуда, ҳувияти миллӣ ва орияти аҷдодии худро аз даст надоданд.

Тоҷикон бо вуҷуди ба тобеияти империяи Искандар даромадани бештари қаламрави аҷдодони худ сиёсати ӯро ҷонибдорӣ намекарданд ва барои ҳифзи якпорчагӣ ва ҳимояи арзишҳои фарҳангии худ мубориза мебурданд. Хусусан, ҷонфидоиҳои сарлашкари қавииродаи тоҷикон Спитамен ба муқобили лашакри юнониён дар Самарқанду Хуҷанд ва Истаравшан ба хотири ҳимояи мулки аҷдодӣ ва ҳифзи мероси арзишманди ниёгони худ аз ҷумлаи ин иқдомҳо буд. Маҳз ҷонбозию талошҳои пайдарпайи Спитамен ва садҳо фарзандони фидоӣ буд, ки тоҷикон тавонистанд дар тули ҳазорсолаҳо фарҳанги давлатдории хешро нигоҳ дошта, ин суннати ориёиро пушт ба пушт то ба рӯзгори мо бирасонанд ва давлати миллии соҳибистиқлол, ягона ва беҳамтои хешро, умри ҷовидона бахшанд [8, с.40].

Умуман, тавассути омӯзиш ва муқоисаи маводи сарчашмаҳо мо ошкоро таъсири мутақобилаи фарҳангу маданияти миллатҳои мағлубро ба тамаддуни миллати ғолиб - юнониҳо баръало мушоҳида мекунем. Ба назар чунин мерасад, ки оину андешаи ориёӣ ҳеҷ гоҳ ба пазириши фармонҳои юнонӣ тан надод ва фикру афкори ориёӣ юнонимаоб нашуд. Аммо то андозае Юнон ба ориёгароӣ сар фуровард ва дар натиҷа ориёиҳо вижагоҳ ва сохтори ҳокимияти ахлоқии худро дар баробари истиқлоли сиёсӣ эҳё карданд. Тавоноӣ, пойдории фарҳангу андешаи асили ориёӣ дар бархӯрд бо фарҳангу тамаддуни юнонӣ яке аз барҷастатарин нишонаҳои робитаи таърихи фарҳанги муштараки Осиёи Марказӣ мебошад. Фарҳанги рахнагару фарогири юнонӣ дар Аврупо, Ховари Миёна ва Миср чунон доман паҳн кард, ки замоне бо номи Ҳелинизм машҳур шуд ва дар натиҷа дар забону фарҳанг ва мазҳаби яҳудиёну масеҳиён нақши устувору побарҷо гузошта, қонуни динҳои онҳо ба забони юнонӣ ва дар фарҳанги юнонӣ гирдоварӣ шуданд. Аммо вай натавонист дар баробари фарҳанги ориёӣ пойдорӣ кунад, онро коҳиш диҳад ва андешаи ориёиро махлут созад. Баръакс, пас аз Искандар фарҳанги ориёӣ, андешаи ориёӣ тавонотар, бузургтар, қавитар ва пурғановаттар бар ғолибони худ гардид [6, с.46-47]. Бо вуҷуди ин андеша, равнақи бархӯрди тамаддунҳо дар ҷомеаи имрӯза ва ҳадафгирии онҳо далолат аз он мекунад, ки нишонаҳои аввалини он дар давраи Искандари Мақдунӣ гузошта шудаанд.

Арабҳо низ аз оғози пайдоиш, хусусан дар давраи ҷоҳилият (тоисломӣ) дорои осори хаттӣ набуданд. Дар миёни онҳо, асосан анъанаи шифоҳии суханварӣ, шеъргӯӣ ва достонсароӣ роиҷ буд. Аввалин осори хаттии онҳо китоби муқаддаси Қуръон ба ҳисоб мерафт. Дар китоби мазкур ояҳои осмонии Худованд, ривоятҳои динӣ, ҳикмату суханхои пандомез, аҳкому усулҳои идоракунии ҷомеа ва дар маҷмуъ, таълимоти дини ислом гирд омадааст. Баъдан бо ибтикори Зайд ибни Собит ва Салмони Форс барин босаводону аҳли хатту ҳирфаи давр онҳо китобат шуданд. Ҳатто дар байни арабшиносон фарзияе мавҷуд аст, ки «хатти форсӣ, ки ҳоло бештар бо номи хатти арабӣ шуҳрат дорад, аз ҷониби эрониён ихтироъ шудааст ва Салмони Порсӣ дар таҳияву такмили сарфу наҳви забони арабӣ саҳми арзанда гузоштааст» [8, с.133]. Масалан, бо маълумоти Ибни Халдун «Ҷумлаи улуми шаръия ва ақлия ва асҳоби фунун ва бадоеъ ҳамагӣ аз эрониҳо буданд ва бо собиқаи қадимӣ, ки онҳо дар тадвину таълифи улум ва китобҳо доштаанд, ихтирои ин хат (хатти арабӣ) аз тарафи онҳо шудааст. Дар замонҳои аввали ислом муаллифон гарчи забонашон арабист, вале насабашон эронитабор ва тарбияташон низ эронист. Арабҳо ба иллати ин ки мардумоне сода ва бадавӣ буданд, бад-ин ҷиҳат аз фунун ва саноеъ бебаҳра будаанд» [1, с.20-21].

Ислом дар раванди ташаккулу таҳаввулаш маҳз бо ҳидояти тоҷикон аз кеши қабилаҳои саҳронишину кӯчманчӣ ба дини ҷаҳонӣ ва тамаддуни арзишманди умумибашарӣ мубаддал гашт. Ё худ чи тавре Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: «Ду роҳи бузурги корвонгарде, ки аз қаламрави шарқию ғарбии Арабистон мегузашт, дертар ба зиндагии суннатии бадавиёни араб дигаргуниҳо ворид сохта, онҳоро нахуст ба роҳбаладию кашондани бори тоҷирону тавонгарони аҷнабӣ балад намуд.

Қофилаи корвони савдогарон, ки баъзан шумораашон аз ҳазор ҳам зиёд буд, ин мардуми саҳрогарду биёбоннавардро тадриҷан ба ҳунари тиҷоратӣ, доду ситади бозор, русуми шаҳрҳои дуру наздик ошно месохт. Чорводорони бадавии дирӯза аз ду роҳи асосии тиҷоратӣ - яке аз канораҳои баҳри Сурх, ки метавон онро роҳи корвонгарди ғарбӣ номид ва дигаре аз наздикии халиҷи Форс, саҳрои Шому Фаластин, яъне роҳи корвонгарди шарқӣ бору колои савдогаронро бо қофилаи уштурони хеш кашонида, тадриҷан ба олами тамаддун роҳ меёфтанд" [8, с.133-136].

Тоҷикон, ки дар давраи тоисломӣ дорои фарҳанги ғанӣ ва тамаддуни бой буданд, он дастовардҳоро барои тарбияи ахлоқию маънавии наслҳо истифода мебурданд. Дар баробари ташаккул ва рушд кардани фарҳанги исломӣ барои халқи тоҷик равзана ба ҷаҳони дигаре кушода шуд. Фарҳанги миллӣ бо фарҳанги исломӣ омезиш пайдо карда, арзишҳои таърихии халқи тоҷик фарҳанги исломиро боз ҳам ғанӣ гардониданд. Хусусан, барои ҳифзи арзишҳои пурғановати гузашта, ташаккул ва такомули фарҳанги миллӣ дар давраи рушди тамаддуни исломӣ ва ба дини ҷаҳонӣ табдил додани ислом Салмони Форс, Имом Исмоили Бухорӣ, Яъқуб ва Амри Лайси Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ ва Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, ки аз табори тоҷикон буданд, нақши беандоза бузург бозиданд.

Масалан, дар ибтидо манбаъҳои бунёдӣ ва асоситарини низоми фиқҳи исломӣ аҳкоми Қуръон, суннат, иҷмоъ маҳсуб меёфтанд. Дар баробари ин се манбаъ барои рушди фарҳанги исломӣ аввалан, Абуҳанифа қиёсро ба сифати сарчашмаи чаҳоруми низоми фиқҳи исломӣ ҷорӣ мекунад. Дуюм, Абуҳанифа мақоми забони модарии худ - точикиро ҳамчун забони дуюми ибодати динӣ, фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар давраи рушди тамаддуни исломӣ ба хотири ҳифзу нигаҳдошт ва таъмини асосҳои шаръӣ, баланд бардошт. Сеюмин хизмати бузурги Абуҳанифа таъсиси мазҳаби ҳанафӣ аст. Қобили таъкид аст, ки пайравии халқи тоҷик аз мазҳаби ҳанафӣ боиси таҳкими ваҳдат ва муттаҳидии мардум гардида, ба густариши ҷараёнҳои тундрав ва ифротӣ монеа шуд. Аз ин рӯ, соли 2009 дар Тоҷикистон эълон гаштани Соли бузургдошти Имоми Аъзам ва дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил кардани он аз ду ҷиҳат аҳамияти илмӣ-назариявӣ дошт. Аз як тараф, шинос намудани шаҳрвандони кишвар аз мероси арзишманд ва пурғановати Абуҳанифа, мазмун ва моҳияти мазҳаби ҳанафӣ ва аз тарафи дигар, дар заминаи андешаҳои таҳаммулгароёнаи фақеҳ ба ҷаҳониён нишон додани роҳи ҳалли низоъ ва муттаҳид кардани халқиятҳо тавассути гуфтугӯйи тамаддунҳо мебошад.

Дар баробари таълимоти арзишманди Абуҳанифа осори ҳакимона, инсонпарварона ва оламгири дигар нобиғагони тоҷик, бахусус Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар шинохт ва муаррифии тоҷикон, ба ҳамдилӣ ва ҳамзистӣ даъват кардани ҷомеаи инсонӣ, ки далолат аз муколамаи фарҳангҳо медиҳад, бузург аст. Ба маълумоти мавлавишиноси тоҷик Х.Зиёев, «инсон дар осори ӯ ба ҳайси маркази доираи фалак қарор дорад ва ҳалли ин ё он масъалаи фалсафӣ мутафаккирро ҳатман ба андеша дар бораи инсон меоварад» [5, с.28-42].

Баъдан дар таълимоти мутафаккирони Ғарб, аз ҷумла Иммануэл Кант (1724-1804) саволи «Рӯшанбинӣ чист?» ба масъалаи муҳимтарини илмҳои иҷтимоӣ мубаддал гашт.

Мавлоно бо намояндагони қавмҳои гуногун, ки бо забонҳои мухталиф ҳарф мезаданд, дар муносибати ҳамарӯза будааст. Худи ӯ бо забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ ва юнонӣ сухан мегуфт. Вале мавзуи ҳамзабониро ӯ ҳеҷ гоҳ маҳдуд нафаҳмида, ба масъалаи марказии таълимоташ мубаддал накардааст. Барои ӯ масъалаи ҳамдилӣ аз ҳама болотар мебошад. Вобаста ба ҳамдилӣ Мавлонои Балхӣ сухан гуфта, дар таълимоти худ масъалаи баробарии дину мазҳабҳои гуногун ва дар ин поя мавзуи таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмиро ба миён гузоштааст.

Ҷалолуддини Балхӣ тарғибгари ахлоқи ҳамидае, чун вафодорӣ, шафқат бар заифон, эҳтироми худ ва дигарон, ростӣ, эҳсон, хоксорӣ, саховату каромат ва ғайра буд. Ӯ ахлоқи бад - молу чоҳпарастӣ, ҳасад, ҳирсу тамаъ, ришвакорӣ ва амсоли онро мазаммат мекунад. Дар ҳалли тамоми масъалаҳо машваратро муҳим мешуморад.

Масалан, масъалаҳои ахлоқие, ки Мавлоно дар «Маҷолиси сабъа» баррасӣ ва ҳаллу фасл намудааст, то кунун аҳамияти амалии хешро гум накардаанд. Аз ҷумла, ҳирсу молу пул дар ин асар мавриди танқиди шадиди мутафаккир қарор гирифтааст: «Зару мол ҷодуи чашмбанд аст ва гӯшбанд аст. Қозиву ҳокиме, ки мӯй дар мӯй мебинад ба илму ҳунар, чун тамаи молу ришват кунад, чашми ӯ бибандад ва ба рӯзи равшан золимро аз мазлум нашиносад» [5, с.28-42].

Имрӯз раванди босуръати ҷаҳонишавӣ сабаби дар минтақаҳои гуногун паҳн шудани таҳдиду хатарҳои нав, аз қабили терроризму экстремизм, радикализму ҷудоиандозӣ, низоъу ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ гардид. Дар баробари коста кардани арзишҳои фарҳангӣ ва таъсири манфӣ расонидан ба ҳаёти маънавии аҳолии кишварҳои мухталиф барои ба вуҷуд омадани буҳрони шадиди молиявию иқтисодӣ низ мусоидат кард. Ҳамзамон, арзишу асолатҳои миллии халқу миллатҳои гуногунро таҳти хатари нобудӣ қарор дода, зуҳуроти бархӯрди фарҳангу тамаддунҳоро ба миён овард. Ҳамаи ин мушкилоти ба вуқуъомада боис мегардад, ки аҳолии сайёра аз оқибатҳои хатарноки бархӯрди тамаддунҳо огоҳ гашта, муколама ва гуфтугӯйи тамаддунҳоро ҷиҳати бартараф кардани ин падидаи номатлуб оқилона ба роҳ монанд.

Дар баробари шахсиятҳои таърихӣ, намояндагони мактабҳои гуногуни фалсафию динии гузаштагонамон имрӯз новобаста аз талошҳои сарони кишварҳои абарқудрат ва таъсири ҷаҳонишавӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сарварони сиёсӣ, тавсеадиҳандаи муколамаи фарҳангҳо баҳри таъмини амну субот ва рушди ҷомеаи инсонӣ дар арсаи бархӯрди тамаддунҳо мебошад. Аз ҷумла, нақши аввалиндараҷа ва хизмати барҷастаи Эмомалӣ Раҳмон дар саҳифаи таърихи даврони Истиқлолияти давлатӣ аз он иборат аст, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошт. Гурезагонро ба хоки диёр баргардонид, сулҳу субот ва ризоияти миллиро барқарор намуд, якпорчагию ваҳдати миллӣ, амнияти мардумро дар ҷумҳурӣ таъмин кард. Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ бо иқдомҳои бузургу созандааш муаррифӣ намуд.

Баъди дар амал татбиқ кардани ин идеали созандаю муттаҳидкунандаи мардум Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ намудани муносибатҳои ҳасана ва шарикии боэътимодро бо кишварҳои хориҷӣ дар заминаи манфиатҳои миллӣ муҳим шуморид. Бахусус, ба рағми тоҷикситезиҳои дохиливу хориҷӣ бо камоли ҷасорат Тоҷикистонро ба он ҳама сармояҳои бузурги фарҳангӣ ва тавонмандиҳои кунуниаш дар бунёди давлати демократӣ дар саросари дунё аз мақоми арҷманде бархӯрдор намуд… Дар ҳалли ин масъала роҳи дуруст ва мутобиқ ба манфиатҳои миллати тоҷикро интихоб кард, ки ин мавқеъгирии мутавозин, устувор ва одилона муҷиби эътимоди донишмандон, ватанпарастон ва саранҷом мардуми кишвар гардида, нақши ӯро ба унвони Пешвои миллат хеле барҷаста кардааст. Ҳамчун сиёсатмадори варзида нахуст аз минбарҳои баланд бо лаҳни зебо ва гуворои тоҷикӣ ҳарф зада, аз забони ноб будани он мардуми сайёраро баҳраманд гардонд. Оид ба мубориза бурдан алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, таассуби динӣ, хариду фурӯш ва истеъмоли маводи мухаддир, таҳдиду хатарҳои дигаре, ки хусусияти глобалӣ доранд, маъруза карда, бо ин васила Тоҷикистонро ҳамчун узви фаъоли кишварҳои ҷомеаи башарӣ муаррифӣ намуд ва имрӯз низ мавқеашро устувор нигоҳ медорад.

Иқдомҳо ва дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳаи маориф ва илми кишвар, бахусус, таъсис додани квотаи Президентӣ ҷиҳати фаро гирифтани духтарони деҳоти кӯҳистон ба таҳсил ва соҳибмаърифат кардани онҳо, бунёди мактабҳои ҳозиразамон ва аз ҳисоби буҷаи давлатӣ таъмин намудани онҳо бо воситаҳои навини технологияҳои муосир, бунёди китобхона ва осорхонаи миллӣ, ҷалб намудани ҷавонони соҳибмаърифат ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар аз муваффақиятҳои назарраси ҷомеаи соҳибистиқлоли мо ва мусоидатҳои Сарвари тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Воқеан, Пешвои миллат - равшангари таърихи тоҷикон дар охири асри XX ва ибтидои қарни XXI мебошад. Аввалан, бо модели сулҳофарӣ, таҳким ва устувории ваҳдати миллӣ халқи тоҷикро аз хатари парокандагӣ ва давлати тозаистиқлоли тоҷиконро аз вартаи нобудӣ раҳоӣ бахшид. Андешаи сулҳу ваҳдати миллиро ҳамчун бозёфти нодир, инъикосу ифодагари ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии тамоми шаҳрвандон, наслҳо ва ақидаҳо муаррифӣ намуд, ки он имрӯз ҳамчун як унсури муҳимтарини худшиносии миллӣ, ҷузъи ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ густариш пайдо кардааст. То ба амният ва ваҳдати миллии тоҷикон раванду рӯйдодҳои ҷаҳони пуртазоди имрӯза, аз ҷумла, вусъат гирифтани таҳдиди хатарҳои нав, аз қабили таассубу хурофот, ифротгароии динӣ, терроризм ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили трансмиллӣ, ки воситаи муҳимми таблиғи он шабакаҳои интернетӣ мебошанд, таъсир нарасонанд.

Эҳё кардани номҳо ва тағйир додани номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ, таҷлили ҷашну солгардҳо, рӯзҳои таърихӣ чеҳраи воқеӣ ва таърихи гузаштаи ҳар қавму миллат ба ҳисоб меравaнд, ки ин мавзуъ яке аз масъалаҳои меҳварии сиёсати маорифпарварона ва маънавиятгустарии Эмомалӣ Раҳмон дар араси бархӯрди тамаддунҳо ва аз байн рафтани арзишҳо мебошад. Аз ин мавқеъ барқарор кардани номҳои тоҷикии мавзеъҳои таърихию ҷуғрофӣ, таҳқиқи зиндагиномаи шахсиятҳои таърихӣ ва ҳидоят кардани мардум барои шиносоӣ бо осори мондагори онҳо аз ҷониби Пешвои миллат, ба зуҳур кардани як таҳаввулот дар шуури миллӣ, тафаккур ва фарҳанги даврони Истиқлолият мусоидат кард.

Инчунин, таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 3000-солагии шаҳри Ҳисор, таҷлили ҷашнҳои номварону нухбагон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Имоми Аъзам, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон, ки ҳар яке аз онҳо як мактаби хештаншиносӣ ба ҳисоб меравaнд, барои бедорию худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ нақши муассир гузошта, барои ташаккули тафаккур ва руҳияи миллии насли нави созандаю бунёдгар ба сифати маншаъ хизмат карда истодаанд, ки аз ташаббусҳои арзишманди Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Ниҳоят, ҳамзистӣ ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо қавму қабила ва халқҳои дигар маҳсули хирад ва хайрандешии мардуми тоҷик буд. Ин рисолатро аз давраи қадим баҳри ташаккул ва вусъат бахшидани муколамаи фарҳангҳо бозидаанд ва имрӯз низ саҳми онҳо ба тариқи муколама ҳаллу фасл кардани проблемаҳои дохилию берунаи давлат ва кишварҳои ҷомеаи инсонӣ бузург аст.

**Муқарриз: Маҳмадизода Н.Д.- д.иф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Афсаҳов А., Қаҳоров Х. Хат ва пайдоиши он / А.Афсаҳов, Х.Қаҳоров. - Душанбе, 1994.
2. Геродот. История. Кн. I. -М., 1972.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғафуров. - Душанбе: Дониш, 2008.
4. Дандамаев М.А. Политическая история Ахеменидской державы / М.А. Дандамаев. - М., 1985. -С. 32-52.
5. Зиёев Х. Мероси мансури Мавлоно ва аҳамияти он дар рушди илму фарҳанги тоҷик. Аз китоби «Вуруд ба шинохти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Мавлоно Шамси Табрезӣ» / Х.Зиёев. - Душанбе, 2020.- С.28-42.
6. Маҳмадов, А. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо – баҳси ҳамбастагии ҷомеа. Дар китоби “Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо”. [Матн]: /А.Маҳмадов. – Душанбе, 2015. – С. 249-255.
7. Одилов, Н. Роҳбаре бо хиради хусравонӣ. Дар китоби “Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо” [Матн]: /Н.Одилов. – Душанбе, 2015. – С. 132-140.
8. Самиев А. Андешаи миллӣ – фалсафаи Ваҳдат ва эҳёи Тоҷикистон. Дар китоби «Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ» / А.Самиев. - С. 46-47.
9. Раҳимов, М. Эмомалӣ Раҳмон - аз гуфтугӯи дилҳо ба гуфтугӯи тамаддунҳо. Дар китоби “Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо”. [Матн]: / М.Раҳимов. - Душанбе, 2015. - С. 303-311.
10. Раҳмон Э. Забони миллат-ҳастии миллат / Э.Раҳмон. –Д.: Эр-граф, 2016. -516 с.

11. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор / Э.Раҳмон. -Душанбе: ЭР-граф, 2016.
12. Шарипов, И. Омилҳо ва самтҳои асосии таъмину тақвияти ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон. Дар китоби «Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ». [Матн]: / И.Шарипов. - Душанбе, 2007. - С. 62-90.
13. Шарифов, Х. Вазъи тоҷикон дар гуфтугӯи тамаддунҳо. Аз китоби С.М.Хотамӣ. Гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳанги эронӣ. [Матн]: / Х.Шарифов. -Душанбе, 2002. - С.3-5.
14. Шозимов, П. Муттаҳидшавии миллии тоҷикон: масъалаи айниятёбӣ. Дар китоби «Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ». [Матн]: / П.Шозимов. - Душанбе, 2007. - С. 90-99.
15. [Манбаи электронӣ] https://ru.wikipedia.org/wiki Великий шёлковый путь.

## РИСОЛАТИ ФАРҲАНГОФАРӢ ВА АНДЕШАИ ТАҲАММУЛГАРОИИ ТОҶИКОН ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАВСЕАИ МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГҲО

Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки рисолати фарҳангӣ ва андешаи таҳаммулгароии тоҷиконро аз давраи қадим то ба имрӯз дар ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо таҳқиқ намоянд. Хусусан, қайд мекунанд, ки новобаста аз ҳодисаҳои мудҳиш, ки юнониёну арабҳо, қабилаҳои саҳроии турку муғулҳо ба сари мардуми тоҷик овارданд, вале фарҳанги ғанӣ, таҳаммулгароӣ ва забони нобии тоҷикӣ онҳоро нагузошт, ки мутеи фарҳанги бегона шаванд, асолати таърихии худро аз даст диҳанд. Ба андешаи муаллифон, забони тоҷикӣ дар ин арсаи муколамаи фарҳангҳо аз он лиҳоз бузург буд, ки намояндагони мардуми гуногуннажоду гуногунзабони ин қаламрави ҷуғрофӣ осори адабӣ ва фарҳангии худро бо забони тоҷикӣ таълиф мекарданд. Дар давраи шӯкуҳи фарҳанги исломӣ нуфуз пайдо карда, ба сифати забони гуфтугӯӣ ва навишт қарор гирифтани забони тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ низ аз эътироф ёфтани он аз ҷониби қишри зиёӣ ва амалдорони хилофати арабҳо далолат мекард. Ҳамзамон, дар баробари мушаххас кардани нақш ва ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо муаллиф ба нуктаи дигар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки саҳми шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ, Спитамен, Эмомалӣ Раҳмон ва чеҳраҳои намоёни фарҳанги исломӣ: Салмони Форс, Абуҳанифа, мутафаккирони мактабҳои гуногуни фалсафӣ: Ҷалолуддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, ки дар пояи фарҳанги таҳаммулгароӣ, ҳамзистӣ ва муколама равнақ гирифтааст, бузург мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҷомеа, фарҳанг, тамаддун, забон, фарҳанги таҳаммулгароӣ, муколамаи фарҳангҳо, бархӯрди тамаддунҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ҳувияти миллӣ.

## КУЛЬТУРНАЯ МИССИЯ И ИДЕЯ ТОЛЕРАНТНОСТИ ТАДЖИКОВ В ФОРМИРОВАНИИ И РАСШИРЕНИИ ДИАЛОГА КУЛЬТУР

В данной статье автор попытался изучить культурную миссию и идею толерантности таджиков с древнейших времен до наших дней в формировании и расширении культурного диалога. В частности, он отмечает, что, несмотря на ужасные события, которые принесли таджикскому народу греки, арабы, тюркские и монгольские племена, богатая культура, толерантность и благородный язык таджиков не позволили им стать немыми к чужой культуре и потерять свою историческую самобытность. По мнению автора, таджикский язык на этой арене межкультурного диалога был великолепен, потому что представители разных национальностей и языков этого географического региона писали свои литературные и культурные произведения на таджикском языке. В период расцвета исламской культуры использование таджикского языка в качестве разговорного и письменного, наряду с арабским языком, было признано интеллигенцией и официальными лицами Арабского халифата.Вместе с тем, наряду с определением роли и места таджикского языка в расширении диалога культур, автор обращает внимание на еще один момент, отмечая, что такие исторические личности: как Кир Великий, Исмоил Сомони, Спитамен, Эмомали Рахмон и видные деятели ислама: Салмон Форс, Абуханифа и выдающиеся мыслители разных философских школ: Джалолиддин Руми, Абдурахмона Джами и другие внесли весомый вклад в развитие мировой культуры, основанной на культуре толерантности, сосуществования и диалога.

**Ключевые слова:** общество, культура, цивилизация, язык, культура толерантности, диалог культур, столкновение цивилизаций, географическое положение, национальная идентичность.

## CULTURAL MISSION AND THE IDEA OF TOLERANCE OF TAJIKS IN THE FORMATION AND EXPANSION OF THE DIALOGUE OF CULTURES

In this article, the author tried to study the cultural mission and the idea of tolerance of Tajiks from ancient times to the present day in the formation and expansion of cultural dialogue. In particular, he notes that, despite the terrible events that the Greeks, Arabs, Turkic and Mongolian tribes brought to the Tajik people, the rich culture, tolerance and noble language of the Tajiks did not allow them to become dumb to a foreign culture, to lose their historical identity.According to the author, the Tajik language in this arena of intercultural dialogue was excellent, because representatives of different nationalities and languages of this geographical region wrote their literary and cultural works in the Tajik language. During the heyday of Islamic culture, the use of the Tajik language as a spoken and written language, along with Arabic, was recognized by the intelligentsia and officials of the Arab Caliphate.At the same time, along with defining the role and place of the Tajik language in expanding the dialogue of cultures,

the author draws attention to one more point, noting that the contribution of historical figures: Kurush Kabir, Ismoil Somoni, Spitamena, Emomali Rahmon and prominent figures of Islam: Salmon Force, Abuhanifa and outstanding thinkers of different philosophical schools: Jaloliddin Rumi, Abdurahmoni Jami and others made a lasting contribution to the development of a world culture based on a culture of tolerance, coexistence and dialogue.

**Key words:** society, culture, civilization, language, culture of tolerance, dialogue of cultures, clash of civilizations, geographical location, national identity.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Самиев Бобо Ҷӯраевич –*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа, декани факултети фалсафа.**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,131
***Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, унвонҷӯйи кафедраи фалсафа. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,131

**Сведения об авторах:** ***Самиев Бобо Джураевич –*** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доктор философских наук, профессор кафедры философии, декан. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,131
***Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, соискатель кафедры философии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,131

**Information about the authors*****: Samiev Bobo Juraevich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Philosophy, Dean**. Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 131
***Berdiyorova Gulbarg Ibodulloevna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, applicant for the Department of Philosophy. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 131

УДК: 130.3 (575.3)

# МАСЪАЛАИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ИЛОҲИЁТИ ИБНИ СИНО

*Юнусов Т.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ибни Сино дар шароити ҷомеаи динӣ, ки мафкураи ҳукмрони онро дини ислом ташкил медод, зиндагӣ кардааст. Аз ин рӯ фалсафаи ӯ ба андозаи зиёд ба таълимоти ислом, ки дар пояи аҳкоми ваҳйи илоҳӣ ва ваҳдонияти комил қарор гирифтааст, созгор аст. Ин ҳолат ба таври ошкоро, пеш аз ҳама, дар назарияи таснифи илмҳои фалсафӣ, ки аз тарафи мутафаккир эҷод гардидааст, мушоҳида мешавад: дар *"Шифо", "Наҷот", "Ишорот ва танбеҳот", "Донишнома", "Мабдаъ ва маод"* масоили илоҳиёт ҳамчун яке аз риштаҳои муҳимтарини мобаъдуттабиа (илоҳиёт) муаррифӣ мегардад. Дар ин асарҳои худ мутафаккир ба қатори масоили илоҳиёт масъалаҳои Воҷибулвуҷуд, ягонагии он, сифатҳои вай, ваҳй ва ҳомили он – пайғамбар, ҳаёти баъди марг, қиёмат ва ғайраҳоро дохил мекунад. Дар "Ҳикмат-ул-Машриқия" бошад, илоҳиёт ҳамчун қисми сеюми мустақили фалсафаи назарӣ ҷудо гардида, ба сифати таълимот дар бораи Холиқи Мутлақ ва баъзе навъҳои фариштаҳо баррасӣ мегардад. Шубҳае нест, ки бе таҳлили мухтасари асосҳои илоҳиёт баёни низоми фалсафии Ибни Сино нопурра хоҳад буд. Аз ин рӯ зарур аст, ки ба таври иҷмолӣ муҳимтарин аҳкоми илоҳиёти ӯро таҳлил ва моҳияти ҷаҳоншиносии онро муайян намоем.

Масъалаи аввалине, ки Ибни Сино дар илоҳиёташ баррасӣ кардааст, масъалаи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд мебошад. Асли нахустини илоҳиёти Ибни Сино таълимот дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд аст, ки асосҳои аввалияи ҷаҳонбинии ӯро муайян мекунад. Мувофиқи ин таълимот, "Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки аз фарзи набуданаш муҳол лозим ояд... Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки ҳастиаш зарурист. Воҷибулвуҷуд гоҳе ба зоти худ воҷиб аст ва гоҳе ба зоти худ воҷиб нест. Воҷибулвуҷуд ба зот он аст, ки ба хотири худаш, на ба хотири чизи дигаре, аз фарзи адамаш муҳол лозим ояд...» [7,с.282]. Ибни Сино дар мавриди тавсифи Воҷибулвуҷуд таъкид менамояд, ки он ба «ягон **ҷинс** дохил нест, ба ҳад ё исбот ниёз надорад, аз "чандӣ" "куҷоӣ" "кайӣ" ва ҳаракат барист; он бемисл аст ва зид надорад, аз ҳама ҷиҳат яктост, на билфеъл, на билқувва ва на дар ақл тақсимпазир нест, зеро вуҷудаш вуҷуди маънавист...", на ҷисм аст, на ҷисмонӣ, балки Хайри мутлақ, Ҳақиқати мутлақ ва Ақли мутлақ аст. Аз рӯйи ин сифатҳояш Воҷибулвуҷуди Ибни Сино аз як сӯ ба Воҳид (Хайр)-и Афлотун ва Афлутин (Плотин), аз сӯйи дигар, ба Муҳаррики аввали Арасту мутобиқ аст. Ин амр дар бораи асосҳои усулан ягонаи илоҳиёти онҳо дарак медиҳад. Воҷибулвуҷуди Ибни Сино тибқи ин сифот ба мафҳуми Аллоҳ дар дину илоҳиёти ислом низ мутобиқ аст. Ин гуна мутобиқат иборат аз он аст, ки ҳамаи сифатҳои ба Воҷибулвуҷуд нисбат додаи Ибни Сино ба тасаввуроти илоҳиётдонони мусулмон дар бораи сифоти Аллоҳ созгор мебошад. Ин ҳақоиқ далели он аст, ки андешаҳои илоҳиётшиносии ӯ аз арзишҳои исломӣ маншаъ мегиранд. Дар баробари ин бояд таъкид кард, ки Ибни Сино муноситабати Аллоҳ ва оламро на ҳамчун муносибати холиқу махлуқ, балки ҳамчун таносуби иллату маълул маънидод намудааст. Дар ин маврид андешаҳои ӯ аз тасаввуроти исломӣ нисбат ба қодиру олими мутлақ будани Аллоҳ андаке фарқ менамоянд, ки ин ҳолат сабаби аз ҷониби мутакаллимони исломӣ, бавижа Муҳаммади Ғазолӣ, нақд шудани онҳо гардидааст.

Ибни Сино мафҳуми "имконулвуҷуд"-ро ба тариқи зайл таъриф менамояд: "Имконулвуҷуд мавҷудест, ки на аз фарзи вуҷуд ва на аз фарзи адамаш муҳол лозим наояд.... Имконулвуҷуд мавҷудест, ки аз ягон ҷиҳат, яъне на аз ҷиҳати вуҷуд, на аз ҷиҳати адам зарурӣ нест» [7,с.283]. Ибни Сино ба ин навъи вуҷуд тамоми мавҷудоти аз Аллоҳ поёнтар, яъне аз Ақли Аввал то ҳаюло ва ҳастии ҳиссиро мансуб медонад. Сифати асосии имконулвуҷуд, ки ӯ онро аз Воҷибулвуҷуд ҷудо мекунад, аз ин иборат

аст, ки вай ***causa sui*** (худ сабаби худ) намебошад. Аз ин сабаб имконулвуҷуд метавонад дар ҳолати имкони абадӣ намонад, балки ҳатто ба ҳолати имтиноъ интиқол ёбад, агар ҳастии он аз ҷониби Воҷибулвуҷуд тақвият наёбад ва ба ҳолати Воҷибулвуҷуд ба ғайр оварда намешавад. Аммо ҳангоми тақвият ёфтан аз ҷониби Воҷибулвуҷуд ва пайдо будани сабабҳои муваллида ва муҳассила имконулвуҷуд метавонад Воҷибулвуҷуд ба ғайр гардад. Имконулвуҷуде, ки воҷибулвуҷуд ба ғайр гаштааст, барои тавқияти ҳастии худ (на барои тавлиди дубораи худ) ҳамеша ба Воҷибулвуҷуд биззот ниёзманд аст. Ибни Сино дар ин маврид чунин мешуморад, ки байни Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд на робитаи холику махлуқ, балки робитаи иллату маълул (сабаб ва мусаббаб) вуҷуд дорад. Воҷибулвуҷуд иллат аст ва имконулвуҷуд маълули он. Тибқи назарияи Ибни Сино, маълул барои ҳифзи ҳастии худ ҳамеша ба иллати фоилӣ ниёз дорад. Робитаи байни Воҷибулвуҷуд (ҳамчун иллат) ва имконулвуҷуд (ҳамчун маълул), низ ҳамин минвол аст. Мутафаккир дар "Ишорот ва танбеҳот" ва "Мабдаъ ва маод" ин андешаро чунин мудаллал месозад: Робитаи маълул ба иллати фаъол машрут ба он нест, ки адам ба маълул муқаддам аст, балки баста ба он аст, ки вай ба зоти худ воҷибулвуҷуд нест ва тавассути ғайр воҷибулвуҷуд мешавад. Маълул на танҳо дар лаҳзаи пайдоишаш, балки ҳамеша дорои чунин сифат аст. Заминаи робитаи иллат ва маълул аз ҳамин иборат аст. Пас ин робита – робитаи доимӣ ва ҳамешагист. Агар робитаи маълул ба иллат на куллӣ, балки ҷузъӣ бошад, набояд натиҷа гирифт, ки маълул аз иллати худ танҳо дар лаҳзаи пайдоишаш вобаста аст ва баъдан ба он ниёзе надорад. Баръакс, ин робита робитаи доимӣ аст [7, с.283].

Чаро Ибни Сино Воҷибулвуҷуд – Аллоҳро иллати аввали ҳастии олам мешуморад? Агар назарияи мазкури таносуби Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд ва ҳатмияти (детерминизми) Ибни Синоро ба эътибор бигирем, ду сабаби асосиро бояд нишон дод. Якум, Ибни Сино андешаи ҳаракати худ ба худи модда ва ҳастии худ ба худи оламро қабул надошт. Аз ин рӯ, ӯ сабаберо, ки тавассути он олам таҳаққуқ ёфтааст, ҷустуҷӯ мекард. Ин гуна иллат аз назари ӯ Аллоҳ - Воҷибулвуҷуд аст. Дувум, тасаввурот дар бораи Аллоҳ ҳамчун сабаби ниҳоии ҳастии олам натиҷаи назарияи ҳатмият (детерминизм)-и Ибни Сино мебошад, ки мувофиқи он силсилаи равобити иллату маълули моддӣ поёнпазир аст. Дар натиҷа мутафаккир ба ин натиҷа расидааст, ки силсилаи иллату махлули моддӣ наметавонад беинтиҳо давом ёбад: бояд чунин сабаби олие вуҷуд дошта бошад, ки ҳамаи сабабҳо ба он анҷом пазиранд. Аз назари Ибни Сино чунин сабаби олӣ ва ё сабаби сабабҳо бояд Воҷибулвуҷуд – Аллоҳ бошад.

Назарияи Ибни Сино дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд аз он дарак медиҳад, ки вай дар ҳалли масъалаи заминаҳои аввалини ҳастӣ дар мавқифи якгароии илоҳиётӣ (монизми илоҳиётӣ) ё яктопарастӣ (монотеизм-ваҳдоният) қарор дорад, ки ба мусулгароии айнӣ (идеализми объективӣ) қаробат дорад. Зеро, чуноне ки дар рафти таҳлили назарияи ӯ нишон дода хоҳад шуд, вай заминаи аввалин ва ниҳоии ҳастиро Воҷибулвуҷуди яктои муфориқ медонад, ки муродифи Аллоҳи дини мубини Ислом аст. Ин таълимоти ӯ бо бурҳонҳои зерин мудаллал сохта шудааст:

1. Ибни Сино боисрор собит мекунад, ки ду Воҷибулвуҷуд таҳаққуқ дошта наметавонад ва санавият аз ҳама ҷиҳат ҷаҳонбинии ботил аст. Вай навишта буд: «Ҷамоате гуфтанд, ки ин чизи маҳсус ба зоти хеш мавҷуд аст ва ба зоти худ воҷибулвуҷуд аст. Аммо чун ту он шароит, ки андар Воҷибулвуҷуд гуфтем, ёд дорӣ, ин маҳсусро воҷибулвуҷуд ба нафси худ надонӣ… Ва ҷамоате дигар гуфтанд, ки ин вуҷуди маҳсус маълул аст ва онҳо гурӯҳе чананд: гурӯҳе гуфтанд асл ва тинати ӯ на маълул аст, аммо сиғати ӯ маълул аст. Ва инҳо, ки ин мақолат доранд, ду воҷибулвуҷуди айнӣ исбот мекунанд ва ту донистӣ, ки ин мустаҳил аст. Ва гурӯҳе дигар вуҷибулвуҷуди ду зид ё чанд чизро исбот карданд ва гуфтанд, ки дигар чизҳо аз он [ҳо] падид ояд. Ва инҳо дар ҳукми ду гурӯҳи пешинанд» [11, с.188-189].

Илова бар ин, дар намати чаҳоруми «Ишорот ва танбеҳот», ки «Фӣ-л-вуҷуд ва илалҳо» (Андар вуҷуд ва сабабҳои он) ном дорад, таъкидан менигорад: «Воҷибулвуҷуд як зоти муайян [аст]. Агар таайюн мар ӯро аз он рӯй бошад, ки Воҷибулвуҷуд аст, пас ҳеҷ Воҷибулвуҷуд ба ҷуз аз вай набошад» [11,с.284].

2. Ибни Сино боисрор таъкид мекунад, ки Воҷибул-вуҷуд дар ҳастии худ зид, нид ва шарик надорад. «Бидон, ки – навишта буд ӯ, - «зид» ба наздики мардум чизеро гӯянд, ки баробари чизе бошад дар қувват ва вайро мамониат кунад. Ва ҳарчи ҷуз аз аввал аст, маълул аст ва маълул мусовии мабдаи воҷиб набошад. Пас лозим ояд, ки ӯро зид набошад аз ин ваҷҳ. Ва наздики хосса «зид» онро гӯянд, ки мушорики чизе бувад дар мавзуъ ва бо вай ҷамъ наояд андар он мавзуъ… Ва зоти Аввал Таоло ба ҳеҷ чизе тааллуқе надорад, на ба мавзуъ танҳо. Ва чун чунин бошад, Воҷибулвуҷудро зид набошад… Аввалро ҳамто нест… ва зид нест ва ӯро ҷинс ва фасл нест, пас вайро ҳад нест ва ишоратпазир нест, илло ба сареҳи ирфони ақлӣ» [11,с.286]. Ин андеша дар «Донишнома» низ таъкид шудааст: «Пас аз ин миқдор, ки гуфта омад, падид омад, ки Воҷибулвуҷудро ҷинс нест, пас ӯро фасл нест, пас ӯро ҳад нест ва падид омад, ки ӯро маҳал ва мавзуъ нест, пас ӯро зид нест ва падид омад, ки ӯро сабаб нест, пас варо гардиш ва баҳрапазириш нест» [10,с.79]. Аз ин ҷо натиҷа гирифта мешавад, ки Воҷибулвуҷуд якто ва танҳо яктост.

Вале сарфи назар аз ин ҳанӯз аз замони Муҳаммад Ғазолӣ одат шудааст, ки таълимоти фалсафии Ибни Синоро ҳамчун санавият қаламдод намоянд. Ин мавқифро баъзе олимони кунунӣ низ ҷонибдорӣ кардаанд [5,с.115-116]. Онҳо барои исботи санавияти ҷаҳонбинии мутафаккир, пеш аз ҳама, ақидаи ӯро дар бораи ҳамқадимии Аллоҳ ва олам далел меоваранд, ки ҷузъи назарияи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуди вай аст. Вале барои муқаррар кардани ҳақиқати чунин арзёбӣ кардани ҷаҳонбинии файласуф зарур аст, ки дар ҳусуси моҳияти худи санавия чанд сухан бигӯем ва аслҳои умдаи онро дар заминаи шаклҳои таърихии вай муайян намоем, зеро дар баъзе таҳқиқоти охирин (масалан, дар китоб ва мақолаи Р.Г.Содиқов – ниг.китобнома) санавия (дугарой) ба дуият баробар дониста мешавад, ки комилан нодуруст аст.

Яке аз шаклҳои таърихан аввалини санавия – санавияи ба ном форсӣ аст, ки дар таълимоти зартуштия, марқуния, дайсония, монавия ва маздакия зуҳур карда буд. Муҳаммад Шаҳристонӣ, ки дар асараш «Ал-милал ва-н-ниҳал» назариёти санавияи форсиро баррасӣ кардааст, моҳияти онро чунин таъин мекунад: «С**анавия** тоифаеанд, ки ду азалӣ собит кунанд, ки эшонро «**асҳоби иснайн**» гӯянд. Заъми эшон он аст, ки **«Нур»** ва **«Зулмат»** ду азалианд қадим. Ба хилофи **«Маҷус»,** ки ба худуси зулмат қоиланд ва сабаби ҳудуси онро меҷӯянд. Ва ин тоифа гӯянд, ки «Нур» ва «Зулмат» дар қадим будан бо ҳам мушориканд ва ихтилофи инҳо дар ҷавҳар ва табъ ва феъл ва ҳайиз ва макон ва аҷнос ва абдон ва арвоҳ мебошад» [5, с.409].

Шаҳристонӣ ин таърифи умумии санавияро дар заминаи баррасии санавияи Монӣ мушаххас менамоянд ва менависад: «Монии ҳакимро заъм он аст, ки олам сунъат ёфтааст аз ду асли қадим: яке «Нур» ва дигаре «Зулмат», ки ҳарду азалианд, ки азалан ва абадан бошанд ва инкор кунанд аз он, ки чизе на аз асли қадим мавҷуд тавонад буд. Ва заъми ӯ он аст, ки «Нур» ва «Зулмат» қавианд (қадиманд) ва ҳассос ва дарроканд (яъне ҳис ва идрок ва дарёфт доранд) ва шунаво ва бедоранд.

Инак, агар ин нукотро ба назар бигирем, бояд гуфт, ки санавия ба маънии том ва дақиқи ин истилоҳ такя ба аслҳои зерин дорад:

1. Мабдаи ҳастӣ ду ҷавҳари ҷовид ва азалию абадӣ мебошанд, ки якеаш руҳонӣ (Нур), дигараш – моддӣ (Зулмат) аст.

2. Чун ҷавҳар онҳо зимнан ҳам мутаодиланд ва ҳам зид.

3. Мутаодилияти ҷавҳарҳо ҳамқидамӣ, ҳастии зотӣ, мутлақият, ҳастии худ ба худ, худистиқлолӣ ва худмухтории онҳоро ифода менамояд.

4. Тазоди ҷавҳарҳо аввалан аз он иборат аст, ки онҳо аз рӯйи табиати худ фарқ мекунанд. Ин табиати онҳо тақозо мекунад, ки якеашон моддӣ ва дигарашон руҳонӣ

(муфориқ) аст. Дуюм, тазоди ҷавҳарҳо натиҷаи он аст, ки ҳар яки онҳо сифатҳои ба худ хос доранд. Масалан, сифати асосӣ ва умдаи ҷавҳари руҳонӣ тафаккур ва адами хосиятҳои моддӣ, сифати асосии ҷавҳари моддӣ имтидод ва ҷисмият аст.

Дар мавриди чунин таъбири санавия ва усули он таълимоти Ибни Синоро дар хусуси ҳамқидамии Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд ё Аллоҳ ва олам, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон чун таълимоти санавӣ маънидод кард. Зеро ҳарчанд Ибни Сино ҳамқидамии Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ) ва имконулвуҷуд (олам)-ро эътироф дорад, вале онҳоро мабдаъҳои номуодил ва нобаробари ҳастӣ мешуморад. Воҷибулвуҷуд аз назари ӯ мабдаи мутлақ, худистиқлол, худмухтор ва билфеъли ҳастӣ аст, ки ҳам сабаби ҳастии худ ва ҳам сабаби ҳастии тамоми мавҷудоти дигар аст. Вале имконулвуҷуд ё олам фақат мабдаи билқувваи ҳастӣ аст, ки танҳо тавассути ғайри худ, яъне Аллоҳ, воҷибулвуҷуд ба ғайр мегардад.

Инро низ бояд дар назар дошт, ки Ибни Сино гарчи Аллоҳ (Воҷибулвуҷуд) ва оламро дар замон ҳамқидам ҳисобад ҳам, вале дар айни ҳол собит мекард, ки аз рӯи зот, мартаба, мақом ва камол онҳо ҳамқидам, мутаодил ва баробар нестанд. Аз ин ҷиҳат Аллоҳ (Воҷибулвуҷуд) бартар ва муқаддамтар аз олам аст. Аз ҷумла, бартарӣ ва тақаддуми зотии Аллоҳ бар олам иборат аз он аст, ки вай ҳастии ба зоти худ мутлақ, мабдаи худистиқлолест, ки ҳам сабаби худаш ва ҳам сабаби ҳама мавҷудоти дигар аст. Вале олам *causa sui* нест, вай танҳо ҳастии билқувва, имконӣ ва маълули ҳамешагии Аллоҳ буда, тавассути он воҷибулвуҷуд мегардад. Воҷибулвуҷуди ба ғайр ба Воҷибулвуҷуди ба зот мутаодил ва баробар нест.

Инак, дар заминаи асли «Воҷибулвуҷуд – имконулвуҷуд» ва «ҳамқидамии Аллоҳ ва олам» ҳеҷ гуна имконе вуҷуд надорад, ки санавияти ҷаҳонбинии Ибни Сино ба исбот расонда шавад. Шояд аз ин сабаб бошад, ки баъзе муҳаққиқони кунунӣ кӯшиш доранд ё вазифаҳои ҷаҳонбинии ин аслҳои фалсафа ва илоҳиёти мутафаккирро беарзиш созанд, ё онҳоро аслан инкор кунанд. Баъзеи онҳо бо назардошти ин ҳадафи худ менависанд: «Агар ҷоиз дониста шавад, ки Ибни Сино барои эътирофи санавият (дуализм) маҷбур буд, ду Воҷибулвуҷудро эътироф намояд, пас дар ин ҷо, бешак, **мутаодилии** мабдаъҳои нахустин вуҷуд хоҳад дошт, вале зидди ҳамдигар будани онҳо ҷой нахоҳад дошт. Бинобар ин **ҳастии ду Воҷибулвуҷудро шарти санавияти фалсафаи Ибни Сино қарор додан маъние надорад**» [14,с.30].

**Дар илоҳиёти Ибни Сино назарияи илми илоҳӣ мақоми хос дорад.** Ин назария дар низоми илоҳиёти мутафаккир аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳоест, ки баҳсҳои шадидро барангехта ва аксаран боиси ба куфру илҳод муттаҳам кардани вай гардида буд. Барои он ки ҳақ аз ботил ҷудо карда шавад, моро зарур аст, ки ба суолҳои зерин ҷавоб бигӯем:

- Моҳияти назарияи илми илоҳии Ибни Сино аз чӣ иборат аст?
- Таносуби илми илоҳӣ ва инсонӣ дар илоҳиёти вай чӣ гуна аст?
- Оё дуруст аст, ки ин назарияи Ибни Сино ба куфр мунҷар мешавад ва илҳодро ба бор меоварад ва густариш медиҳад?

Ба ин суолҳо тавассути таҳлили назарияи ӯ дар «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома» ва «Мабдаъ ва маъод» ҷавоб бояд гуфт, зеро дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни назарияи мазкур муфассал ва равшан баррасӣ шудаанд:

- Илми Илоҳӣ чӣ маънӣ дорад ва ба кадом маънӣ бояд фаҳмида шавад?
- Аллоҳ (Воҷибулвуҷуд) чизҳои бисёрро чӣ гуна дарк мекунад, то ки дар зоти ӯ таксир пайдо нашавад?
- Аллоҳ ашёи тағйирпазирро чӣ гуна медонад, то ки дар худи ӯ ва зоти вай тағйир рух надиҳад? Танҳо дар заминаи таҳлили айнӣ, воқеъбинона ва беғаразонаи ҳамин масоил метавон моҳияти аслӣ ва арзиши ақидатии назарияи илми илоҳии Ибни Синоро барҳақ муайян кард.

Осори номбурдаи Ибни Сино нишон медиҳад, ки нуктаи асосии назарияи илми илоҳии ӯ аз он иборат аст, ки Аллоҳ ҳама чизро - аз хурдтарин ашё то аҷроми самовӣ

– медонад ва аз зоти ҳамабин ва ҳамадони Вай ҳеҷ чиз ниҳон намемонад. «Ҳамоно, - навишта буд ӯ, - Воҷибулвуҷуд ҳар як чизро ба таври кулли тааққул мекунад. Дар айни ҳол ягон чизи шахсӣ аз тааққули Вай пинҳон намемонад. Аз тааққули ӯ дар Осмонҳо ва Замин чизе пинҳон намемонад, агарчи мисқоли заррае бошад. Ин аз ҷумлаи он ҳаводиси аҷиб аст, ки тасаввури он ба лутфи кареҳа ниёзманд аст». Дар «Донишнома», ки дар охири умри муаллиф таълиф шудааст, низ ҳамин андеша таъкид мешавад: «Ва Воҷибулвуҷуд ҳамаи чизҳоро донад ба илме куллӣ, ки ҳеҷ хурд ва бузург аз илми вай ғоиб набувад» [9,с.93].

Ба ин муносибат Ибни Сино ин масъаларо низ баррасӣ кардааст, ки Аллоҳ чизҳои бисёрро чӣ гуна медонад, то дар зоти ӯ таксир пайдо нашавад. Дар натиҷаи таҳлили ин масъала вай дар ҳама асарҳояш таъкид мекунад, ки «Аввал чизе бибояд донист, ки Илми Воҷибулвуҷуд на чун илми мо бувад ва на дар қиёси илми мо. Дигар, ин ки андар мо ду гуна илм аст: яке бисёрӣ воҷиб кунад ва яке накунад. Он ки бисёрӣ воҷиб кунад, варо илми нафсонии ҳиссӣ хонанд ва он ки воҷиб накунад, варо илми ақлӣ хонанд» [9,с.82-83].

Ибни Сино вижагии маърифати ақлонии инсонро дар он медид, ки вай дар заминаи як андешаи ягона, ки мабдаъ ва сабаби суратҳои ақлонӣ аст, ба вуқуъ мепайвандад. Ҳамчун дониши марбут ба суратҳои бисёр, ки аз як сурат ҳосил мешаванд, таксирро ба миён намеоварад. Дар натиҷаи ин таҳлил Ибни Сино ба чунин натиҷа мерасад: « Пас падид омад, ки чӣ гуна шояд, ки олиме бувад ба чизҳои бисёр бе бисёрӣ. Ва ҳоли олимии Воҷибулвуҷуд ба ҳамаи чизҳо чун ҳоли он яке хотирдон ба чизҳои бисёр [бувад], балки аз он олитар ва ягонатар ва муҷаррадтар, ки он хотирро пазирое бувад, ки андар вай бувад он хотир. Ва он Воҷибулвуҷуди муҷаррад аст» [9,с.88].

Пас, маърифати ақлонии инсон – маърифати нисбист, зеро вай натиҷаи таъсири ашё, ҳодисаҳо, хосиятҳо, сифатҳо ва робитаҳои онҳо ба ҳисс ва ақли инсон аст. Шояд ибораи Ибни Синоро дар хусуси ин ки андешаҳои ақлонӣ маҳал доранд ва дар он мутамаккинанд, ба ҳамин маънӣ фаҳмид. Бар хилофи маърифати ақлонии инсон, **Илми Илоҳӣ – илми мутлақ аст, зеро ҷуз аз Зоти Аллоҳ ба чизе машрут ва муқайяд нест.**

Чуноне ки маълум аст, яке аз аҳкоми муҳимми дини мубини Ислом назарияи саботати Аллоҳ дар ҳама ҳолатҳо, мавридҳо ва замонҳо аст. Ин масъала мавриди таваҷҷуҳи файласуфони гуногунмашраб низ буд. Ибни Сино ин масъаларо, чунонки гуфтем, ҳангоми таҳлили масъалаи қадимат ва абадияти олам баррасӣ карда буд. Вай ин масъаларо ҳангоми таҳқиқи ин қазия, ки Воҷибулвуҷуд чизҳои мутағайиро чӣ гуна медонад, то худаш тағйир наёбад, низ баррасӣ мекунад. Натиҷаи ин таҳлил аз он иборат аст, ки ду навъ маърифат вуҷуд дорад: 1) маърифати замонии чизҳои ҷузъии мутағайир; 2) маърифате, ки маънии куллӣ дорад, ё маърифати куллӣ. Маърифати замонии чизҳои ҷузъии мутағайир ба навъи маърифати ҳиссӣ мутааллиқ аст. Чун дониши замонӣ, он фақат дар ҳудуди ҳамин замон яқинӣ буда метавонад. Берун аз ин замон вай яқинияти худро аз даст медиҳад ва ҳатто ба гумон ва дурӯғ табдил меёбад. Мисоли чунин дониш қазияи «Имрӯз Офтоб дучори хусуф мешавад» аст, ки дар ҳудуди «Имрӯз» қазияи яқинӣ аст, аммо чун фардо фаро расад, он қозиб хоҳад шуд. Вале илми иллоҳӣ чун илми собит ва мутлақан яқинӣ наметавонад нисбат ба ашёи мутағайир илми замонӣ ва ҷузъӣ бошад. Ба ин муносибат Ибни Сино чунин савол пеш меорад: **«Аммо чӣ гуна шояд, ки бувад?» ва ҷавоб мегӯяд, ки «Чунон шояд, ки бар вай куллӣ бувад, на ҷузвӣ»** [12, с.90]

Илми Илоҳӣ ё илми куллӣ, чуноне ки Ибни Сино, шарҳ медиҳад, дониши ақлоние аст, ки дар ҳама маврид ва ҳолатҳо яқинист ва бо мурури замон ҳақиқати худро аз даст намедиҳад. Намунаи чунин дониш – дониши ҳайатшинос дар хусуси ин ё он ситора ва ё ин ё он сайёра аст, ки на тавассути мушоҳида, балки аз роҳи

истифодаи усул ва қавоиди хосе ҳосил гардидааст. Ибни Сино фарқи байни маърифати замонии чизҳои ҷузвии мутағайирро муайян карда, менависад: «Воҷибул-вуҷуд ҳама чизҳоро донад ба илме куллӣ, ки ҳеҷ хурд ва бузург аз илми вай ғоиб набувад» [12, с.91].

Ин ақидаи Ибни Сино бори дигар андешаи ӯро дар бораи ҳамадонии Аллоҳ ва ҳаматавоноии ӯ дар мавриди идроки кулл ва ҷузъ тасдиқ ва тайид мекунад. Вале аз ин ақидаи ӯ ин натиҷа низ бармеояд, ки Аллоҳ на танҳо куллро, балки ҷузъро низ тавассути илми куллӣ медонад. Пас барои Ибни Сино илми Аллоҳ дар бораи ҷузъ на дониши ҷузъӣ, балки дониши куллӣ, на маърифати ҳиссӣ, балки маърифати ақлонӣ аст. Дар хусуси мантиқӣ ва бетанокуз будани ин ақидаи Ибни Сино ҳеҷ шакк ва тардиде нест, зеро Аллоҳ ба зоти худ ақли мутлақ аст ва аз ҳама гуна «чигунагӣ», «кайӣ» ва олати ҳис барӣ мебошад. Тафовути амиқи байни маърифати инсонӣ ва Илми Илоҳӣ аз ҳамин иборат аст.

Инак, дар таълимоти Ибни Сино дар хусуси илми илоҳӣ доираи васеи масъалаҳо баррасӣ шудаанд: мафҳуми илми иллоҳӣ; моҳияти илми иллоҳӣ; вижагиҳои илми иллоҳӣ; хусусиятҳои илми илоҳӣ; сифоти Аллоҳ ба ҳайси омили маърифат...

Вале ҳарифони назарияи илми иллоҳии Ибни Сино, хусусан Муҳаммад Ғаззолӣ ва пайравонй ӯ, тамоми қувваи нақди худро бар зидди ин нуктаи файласуф гирд овардаанд, ки «Воҷбулвуҷуд ҳама чизро ба тарзи куллӣ медонад». Агар мушаххастар бигӯем, онҳо ба муқобили хулосае, ки аз ин назария бармеояд, хуруҷ кардаанд: Аллоҳ ҷузъро ҳам ба таври куллӣ медонад. Муҳаммад Ғазолӣ ва пайравонаш айб ва нуқси асосии ин таълимоти Ибни Синоро дар он дидаанд, ки вай пояҳои ҳама шариатҳо ва динҳоро хароб мекунад, зеро ба ин натиҷа меанҷомад, ки Аллоҳ ҷузъро намедонад. Муҳаммад Ғазолӣ навишта буд: «Мазмуни он ин аст, ки агар, масалан, Зайд Худои Таолоро тоат ва ё исён варзида бошад, Худои Таоло ба он чи аз аҳвол дар ӯ падид меояд олим набошад, зеро ӯ Зайдро биайниҳи намешиносад, чун шахсе аст ва афъоли ӯ баъд аз он ки набуд ҳодис гашта. Ва вақте шахсро нашиносад, аҳвол ва афъоли вайро ҳам нашиносад, балки куфри Зайд ва исломи вайро ҳам нашиносад ва фақат куфри инсон ва исломи ӯро ба таври мутлақ мешиносад, яъне ба таври куллӣ, на махсус ба ашхос. Балки лозим меояд бигӯем, ки Муҳаммад ба нубувват қиём кард, дар ҳоле, ки Ӯ (Аллоҳ) намедонист, ки Муҳаммад дар он ҳол ба сӯйи вай даъват мекунад ва ҳамчунин аст ҳол бо ҳар паёмбари муайян. Ва фақат Ӯ медонад, ки аз мардум касе ба нубувват қиём намуда ва сифати ӯ чунин ва чунон аст. Ва аммо паёмбари махсусро ба танҳоӣ намешиносад, зеро ин амр ба ҳис шинохта мешавад. Ва аҳволи ношӣ аз ӯро низ намедонад, зеро онҳо аҳволе аст, ки дар мавриди шахси муайян ба инқисоми замон мунқасим мешавад ва идрок тағйир мегардад» [2,с.166]. Ба назардошти чунин мантиқи баён ва далелҳо Абуҳомид Ғазолӣ дар асарҳояш «Таҳофут-ул-фалосифа» ва «Ал-мунқиз мин аз-залол» Ибни Сино ва пайравони ӯро кофир ва мулҳид эълон мекунад ва ба қатли онҳо фатво медиҳад [2,с.264].

Оё даъвоҳои Ғазолӣ ва пайравонаш ба муқобили Ибни Сино саҳеҳ ва боварибахшанд? Оё далелҳои Ғаззолӣ ва пайравонаш дар нақди назарияи илми иллоҳии Ибни Сино ва ба куфру илҳод муттаҳам кардани вай, далелҳои айнӣ, мантиқӣ ва беғаразонаанд?

Бешак, назарияи Ибни Синоро дар бораи илми иллоҳӣ, ки мувофиқи он Аллоҳ ҳама чизро медонад, вале аз роҳи илми куллӣ, душвориҳое дорад. Яке аз онҳо таносуби илми куллӣ ва илми ҷузъӣ дар илми иллоҳӣ аст. Ибни Сино ин ва дигар душворихои назарияи мазкури худро хуб дарк мекард. Бинобар ин, чуноне ки пеш ёдовар шудем, худи ӯ таъкид карда буд: ин ки Аллоҳ тамоми мавҷудотро тавассути илми куллӣ медонад, «аз ҷумлаи ҳаводиси аҷибе аст, ки донистани онҳо ба фазл ва лутфи қареҳа ниёз дорад». Вале ҳарифони Ибни Сино бо сарварии Абуҳомид Ғазолӣ

ҳангоми баррасӣ ва арзёбии назарияи ӯ «фазл ва лутфи қареҳа» зоҳир наменамоянд. Онҳо ин назарияи Ибни Синоро чунин шарҳ медиҳанд, ки гӯё ба ақидаи вай Аллоҳ куллро медонад, вале ҷузъро намедонад. Аммо дар ягон асари ИбниСино ҳамчунин андеша тамоман вуҷуд надорад. Муҳаммад Ғазолӣ ва ғазолиён ин андешаро худ бофтаанд, то ки ба куфру илҳод муттаҳам кардани Сино ва синовиён барояшон осонтар гардад. Вале, агар хулосаҳои Ибни Сино ва ҳарифони ӯро ба таври таҳлили татбиқӣ ба тарозуи ақл баркашем ва бисанҷем, маълум мегардад, ки ҳарифони вай ҳадди ақал муғризона амал кардаанд ва ба кунҳи ҳақиқати фалсафӣ, мантиқӣ ва аслии назарияи илми иллоҳии ӯ нарасидаанд: 1. Ба ақидаи Ибни Сино, Воҷибулвуҷуд зоти худро медонад ва зоти ӯ сабаби вуҷуди ҳама ашёст ба он тартибе, ки вуҷуд доранд. Азбаски Воҷибулвуҷуд зоти худро медонад ва зоти ӯ сабаби ҳастии ҳама ашё, чи куллӣ ва чи ҷузъӣ аст, бинобар ин ҳама ашё, чи куллӣ ва чи ҷузъӣ ба ӯ тавассути зоташ маълуманд. Ба ибораи дигар, ашё сабабе нест, ки Аллоҳ тавассути онҳо мавҷудотро бидонад. Баръакс, илми Ӯ сабаби ҳастии ҳам ашёи куллӣ ва ҳам ашёи ҷузъист ба он наҳв, ки ҳастанд. Аз ин ҷо чунин хулосаи мантиқӣ бармеояд, ки чун илми иллоҳӣ сабаби ҳастии ҳам ашёи куллӣ ва ҳам ашёи ҷузъӣ аст ва ҳама ашё ба ӯ тавассути зоташ маълум аст, пас Воҷибулвуҷуд ҳам кулро медонад ва ҳам ҷузъро. 2. Андешаи Ибни Сино дар ин хусус, ки Аллоҳ ҳама мавҷудотро ба наҳви куллӣ медонад, мутакко ба ин назария аст, ки Аллоҳ Ақли маҳз аст. Чун Ақли маҳз Аллоҳ Таъоло аз эҳсос барӣ аст, то тавассути онҳо ашёи ҷузъиро бидонад. Бинобар ин вай чун Ақли маҳз чизҳои ҷузъиро ба шакли куллӣ медонад. Агар Муҳаммад Ғазолӣ дар атрофи ин масъала аз рӯйи ҳамин мантиқи баён мулоҳиза меронд, бегумон Ибни Синоро ба куфр ва илҳод айбдор намекард. 3. Ибни Сино илми иллоҳиро аз он сабаб илми куллӣ номидааст, ки вай илми замонӣ нест, хоҳ илм дар бораи ашёи куллӣ бошад, хоҳ дар бораи ашёи ҷузъӣ, хоҳ дар бораи ашёи мутағайир. Вай бо тағйири замон, макон, ашё ва ҳодиса тағйир намеёбад ва ба навъе худкифоя ва биайниҳӣ боқӣ мемонад.

Бо назардошти ҳамин далелҳо мо чунин мешуморем, ки Муҳаммад Ғазолӣ ва ғазолиён бидуни таҳлили амиқи назарияи илми иллоҳии Ибни Сино ӯро бе асоси кофӣ, муғризона, фурсатталабона, бе назардошти вижагиҳои Аллоҳ чун омили илм ва маърифат ба куфр ва илҳод муттаҳам кардаанд.

Илова бар ин, Муҳаммад Ғазолӣ ва ғазолиён Ибни Синоро бар ин асос ба куфр ва илҳод муттаҳам мекунанд, ки гӯё вай муътақид бошад, ки «Аллоҳ ҷузъро намедонад». Мо қотеона исрор медорем, ки дар ягон асари ӯ чунин ҷумла ба чашм намерасад ва ин сохтаву бофтаи худи Муҳаммад Ғазолӣ ва пайравони вай аст, то ки мутафаккири мутабаҳҳирро бадном кунанд ва нуфузашро дар ҷомеа ва доираҳои илмии замонаш ва давраҳои оянда бишкананд.

Назарияи илми иллоҳии Ибни Сино, хусусан он ҷузъи вай, ки Аллоҳ ҳама чизро ба наҳви куллӣ медонад, дар рӯзҳои мо ҳам мавзуи баҳс аст. Масалан, олими Покистон Саъид Шайх дар мақолааш «Ал-ғазолӣ: мобаъдуттабиа», ки барои «Таърихи фалсафа дар ислом» навишта шудааст, мутобиқати ақидаи мазкури мутафаккирро бо оятҳои Қуръони карим таъкид карда, менависад, ки аҷаб аст, ки Ғазолӣ бе ҳеҷ тардид дар ин масъала Ибни Синоро ба куфру илҳод айбдор мекунад. Вай исрор медорад, ки ин ақидаи Ибни Сино чунин маънӣ надорад, ки Аллоҳ ҷузъро намедонад, балки фақат собит менамояд, ки Аллоҳ нисбат ба ҷузъиёт илми (дониши) ҳиссӣ надорад. Саъид Шайх менависад: «Агар Худо оламро бо ҳамаи ҷузъиёти муайяни он намедонист, олам ҳаргиз ба вуҷуд намеомад. Дарвоқеъ ин назарияи бисёр асил ва мубтакиронае дар хусуси илми Худо ба ҷузъиёт аст. Ва аз сӯйи дигар тардиде наметавон кард, ки аз моҳияти таҳқиқии барҷаста бархӯрдор аст» [17, с.32].

Вале ҳамин муаллиф дар асараш «Мутолиоти татбиқӣ дар бораи фалсафаи

исломӣ» аслан ба дидгоҳи Муҳаммад Ғазолӣ ва ғазолиён бармегардад ва гумони онҳоро дар хусуси куфру илҳоди Ибни Сино ҷонибдорӣ менамояд. [16, с.172]. Ин ихтилофот дар бораи як мавзуъ дар таҳқиқоти як муаллиф аз он дарак медиҳад, ки масъала сахт ғомиз аст ва дар заминаи сарчашмаҳо тадқиқоти густурдатареро тақозо мекунад.

**Муқарриз: Давлатов П.- н.иф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино / М. Диноршоев. - Душанбе – 2012.
2. Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. -Теҳрон, 1333.
3. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии / А.М. Богоутдинов–Сталинабад, 1961.
4. Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ» Ҳамадон, 1383.
5. Муҳаммад Шаҳристонӣ. Тавзеҳи «Ал-Милал». Тарҷмаи «Ал-милал ва ниҳал». Ҷилди аввал. Чопи чаҳорум (Бе соли нашр)». –С.409.
6. Баратов М.Б. Мировоззрение Ибн Сны / М.Б. Баратов // Ибн Сина. Канон врачебной науки. – Кн.1. –Ташкент, 1981.
7. Садыков Р.Г. К оценке мировоззрения Ибн Сины / Р.Г.Садыков // Известия АН Таджикской ССР. Серия: философия, экономика, право, 1990. –№2.
8. Садыков Р.Г Концепция человека в философии Ибн Сины. Издательство С. – Петербургского университета, 2006.
9. Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». –Ҳамадон, 1383 ҳ.
10. Абуҳомид Ал-Ғазолӣ. Тахафут ал-фалосифа. –Бейрут, 1922.
11. Таърихи фалсафа дар ислом. -Ҷилди 2. –Теҳрон, 1365.
12. Саъид Шайх. Мутолиоти татбиқӣ дар бораи фалсафаи исломӣ. –Теҳрон, 1369. –С.172-173.
13. Диноршоев М. Ибн Сина и его философские воззрения. [Текст] / М. Диноршоев. - Душанбе, 1985. Т. 1.
14. Диноршоев М. Ратсионалистическая тенденция гносеологии Ибн Сины. [Текст] / М. Диноршоев. - Душанбе: Дониш, 1985.
15. Алӣ Асғари Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони ислом. [Матн] / Ҳ. А. Асғар. - Теҳрон: Асотир, 1373 ҳ.
16. Абуалӣ ибни Сино. Осор. [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 2009.
17. Муҳаммадризои Ноҷӣ.Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. [Матн] / Н. Муҳаммадризо. –Теҳрон, 1999.
18. Шарипов А. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. –Ҷ. 2. [Матн] / А.Шарипов. -Душанбе: Дониш, 2016. - 892 с.



**МАСЪАЛАИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ИЛОҲИЁТИ ИБНИ СИНО**

Мақола ба мавзуи хеле муҳим ва барои илми фалсафа дар шароити муосир зарурӣ – таҳлили масъалаи ҳастишиносӣ дар илоҳиёти Ибни Сино бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи мазкурро бо такя ба осори илмии Ибни Сино, аз ҷумла: *"Шифо", "Наҷот", "Ишорот ва танбеҳот", "Донишнома", "Мабдаъ ва маод"* ва ғайра мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳад. Ба андешаи муҳаққиқ, масъалаи аввалине, ки Ибни Сино дар илоҳиёташ баррасӣ кардааст, масъалаи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд мебошад. Назарияи Ибни Сино дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд аз он дарак медиҳад, ки вай дар ҳалли масъалаи заминаҳои аввалини ҳастӣ дар мавқифи якгароии илоҳиётӣ (монизми илоҳиётӣ) ё яктопарастӣ (монотеизм-ваҳдоният) қарор дорад, ки ба мусулгароии айнӣ (идеализми объективӣ) қаробат дорад. Муҳаққиқ дар мақола таъкид мекунад, ки дар илоҳиёти Ибни Сино назарияи илми иллоҳӣ мақоми хос дорад. Ин назария дар низоми илоҳиёти мутафаккир аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳоест, ки баҳсҳои шадидро барангехта ва аксаран боиси ба куфру илҳод муттаҳам кардани вай гардида буд.

**Калидвожаҳо:** Ибни Сино, ҳастишиносӣ, Воҷибулвуҷуд, имконулвуҷуд, илоҳиёт, худошиносӣ, калом, фалсафа, олам, офариниш, қадим, азалӣ, абадӣ, ҳастӣ.

**ПРОБЛЕМА ЭКЗИСТЕНЦИАЛИЗМА В БОГОСЛОВИИ ИБН СИНЫ**

Статья посвящена очень важной и необходимой для философской науки в современных условиях теме - анализу проблемы экзистенциализма в богословии Ибн Сины. Автор попытался изучить и исследовать этот вопрос, опираясь на научные труды Ибн Сины, в том числе: «Исцеление», «Спасение», «Намеки и порицания», «Донишнама», «Источник и материал» и другие. По мнению исследователя, первым

вопросом, который обсуждал Ибн Сина в своем богословии, является вопрос о необходимости и возможности. Теория Ибн Сины о необходимости и возможности показывает, что он стоит на позиции теологического единства или монотеизма в решении проблемы первых оснований бытия, что сходно с объективным идеализмом. В статье исследователь подчеркивает, что теория боговедения имеет особый статус в богословии Ибн Сины. Эта теория является одним из важнейших вопросов в богословской системе мыслителя, который вызывал острые споры и нередко становился причиной обвинений его в богохульстве.

**Ключевые слова:** Ибн Сина, экзистенциализм, бытие, возможность, теология, теология, слово, философия, мир, творение, древнее, вечное, вечное, бытие.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Юнусов Толибҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктoранти Ph.D кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ, 17. E-mail: **tolib-34@mail.ru** Телефон: **+992882238989.**

**Сведения об авторе:** ***Юнусов Толибджон*** – Таджикский национальный университет, доктoранти Ph.D кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистн, город Душанбе, проспект И. Сомони, 17. E-mail: **tolib-34@mail.ru** Телефон: **+992882238989.**

**Information about the author: Yunusov Tolibjon -** Tajik National University, doctoral Ph.D student of the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni avenue, 17. E-mail: **tolib-34@mail.ru** Phone: **+992882238989.**

УДК: 1+297(575.3)

# ЗУҲУРОТИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ - ПАДИДАИ НОМАТЛУБ ВА ХАРОБИОВАР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Саидзода Д.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ифротгароии динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз масъалаҳои ташвишовар ба ҳисоб меравад, ки омӯзиш ва баррасии амиқро талаб менамояд. Пас аз пошхӯрии идеологияи коммунистӣ, ки дар асоси сиёсати ягона манфиат ва талаботҳои миллату халқиятҳои давлати шуравиро муттаҳиду мувофиқ мегардонид, кӯшишу ҳаракатҳои аҳолии мусулмони собиқ ҷумҳуриҳои ин минтақа барои эҳёи арзишҳои динии худ зиёд гардид ва вусъат ёфт. Дар чунин вазъият идеологияи исломӣ, ки одамонро дар асоси миллат ва халқият ҷудо намекунад, ҳамчун қувваи муттаҳидкунандаи мусулмонони минтақаи Осиёи Марказӣ баромад менамуд.

Маълум аст, ки ба сатҳи ифротгароии динӣ дар ин кишварҳо фазои холии идеологӣ, дигаргуншавии ҷаҳонбинии ҷомеа ва буҳрони маънавӣ-идеологӣ таъсири амиқ мерасонад. Пас аз бӯҳрони идеологияи коммунистӣ, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фазои холии идеологӣ пайдо гардид, ки бо идеологияи диниву сиёсӣ пур карда шуд. Таъкид кардан зарур аст, ки буҳрони маънавӣ ва идеологӣ ҳамеша ба пайдо гардидани фазои холии ғоявӣ оварда мерасонад, ки эҳтимолияти пурра гардидани он бо ғояҳои ифротӣ ҷой дорад. Ин раванди мураккаб ва ногувори иҷтимоӣ сиёсӣ боиси он гардид, ки дар ҳар як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ дар марҳилаҳои гуногун бо самтҳои мухталифи муваффақият, ин фазои холии ғоявӣ, бо ғояҳои мазмуну мундариҷаи нав пур карда шудааст.

Ба сабабҳои обективии мавҷудаи болоравии ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ, метавон маҷмуи масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии дохилӣ, инчунин масъалаҳои таъсири беруна ба вазъияти минтақаро махсусан қайд намуд.

Масъалаҳои асосӣ, ки солҳои охир ба вазъияти амнияти кишварҳои минтақа таъсир мерасонанд, ифротгароии динӣ, вазъият дар Афғонистон ва дурнамои васеъ гардидани доираи ноустуворӣ дар фазои посошуравӣ ба ҳисоб мераванд. Чорабиниҳои ҳарбиву сиёсӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ ва дигар амалҳои роҳбарияти кишварҳои минтақа, пеш аз ҳама, барои ҳимояи намудани режимҳои сиёсии худ анҷом дода мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир, дар шароити имрӯза кишварҳои минтақа ба проблемаи давлати исломӣ, васеъ гардидани доираи фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи динӣ-ифротӣ диққати махсус равона менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз солҳои 2015-2016 шумораи ҷангиёни давлати Исломӣ дар ҳудуди Афғонистон рӯз ба рӯз зиёд мегардад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо, миқдори умумии ҷангиён имрӯз ба даҳ ҳазор наздик аст, ки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ фишори ҷиддӣ мерасонад ва боиси болоравии ифротгароии динӣ дар минтақа гардидааст.

Мувофиқи нишондоди далелҳои оморӣ, муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди Афғонистон ва Покистон қариб чор ҳазор ҷангиёни давлати исломӣ, баромадашон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор доранд [1, с.2016]. Илова бар ин, гурӯҳи террористии дииш дар Бадахшони Афғонистон, дар Фороб, Бодғис, Ҷузҷон, дар наздикии сарҳади Туркманистн ҷойгир шудаанд [2, с.2016]. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза гурӯҳи террористии дииш проблемаи ҷиддии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Элитаҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ проблемаи радикализатсияи исломиро дар қатори таҳдидҳо дар ҷойи аввал мегузоранд, зеро он метавонад вазъиятро дар ин кишварҳо куллан тағйир диҳад. Исломгароёнро дар вайрон кардани пояҳои дунявии ҳокимият ва озодии динӣ, нақшаҳои табдил додани ислом

ба алтернативаи самти дунявии рушди давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо ташкили давлати теократӣ дар минтақа айбдор мекунанд.

Нигаронии элитаҳои ҳукумрони кишварҳои Осиёи Марказӣ аз эҳтимолияти шиддатнок гардидани минтақа бо ёрии ифротгароии исломӣ асоснок аст, агар як қатор ҳолатҳо ба инобат гирифта шаванд:

-ин падидаи таърихӣ аст, ки бо омадани иттиҳоди исломиву демократӣ ба ҳокимият дар Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-ум алоқаманд аст, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар таъсир гузоштааст;

-ҷамъ гардидани миқдори зиёди проблемаҳои ҷиддӣ дар кишварҳои минтақа, аз он ҷумла, камбизотӣ, ришвахорӣ, дастгоҳи давлатии ғайрисамаранок, бекорӣ, вайрон гардидани инфрасохтори иҷтимоӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодиёт ва ғ.

-ҳамсоягии геополитикии кишварҳои минтақа бо фазои ноустувор ва нооромии Афғонистон, Покистон ва Синзяни Чин. Шиддатнок гардидани вазъият дар Афғонистон ба чунин ҳолат оварда мерасонад, ки ба кишварҳои минтақа мухолифат бо проблемаҳои пайдошуда ва бартараф намудани таҳдидҳои ифротгароии динӣ мушкил ва мураккаб мегардад;

-самараи намоишкоронаи "баҳори араб", ки аз оғоз ба тағйиротҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, демократикунонии ҳаёти сиёсӣ равона гардидааст, лекин дар натиҷа воридшавии ифротгароии диниро ба ҳокимият, ки пештар аз тарафи режимҳои авторитарии дунявӣ аз иштирок дар ҳаёти сиёсӣ маҳрум гардида буданд, содаву осон гардонид;

-боло рафтани сатҳи муҳоҷирати аҳолӣ дар тамоми кишварҳои минтақа, ки ба паҳн гардидани идеологияи ифротӣ дар байни муҳоҷирон мусоидат менамояд;

-таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои илмии кишварҳои исломӣ, ки дар ин муассисаҳо идеологияи ифротӣ дар доираи муайян таълим дода мешавад. Дуруст аст, ки ин масъала дар кишварҳои минтақа то андозае ҳалли худро ёфтааст, лекин то ҳанӯз таъсир ва нуфузи таҳсилкардагони он ва хавфу хатари иртиҷоии онҳо бармало ба мушоҳида мерасад.

Лекин қайд намудан зарур аст, ки нисбати имкониятҳои воқеии ифротгароии динӣ дар шиддатнок намудани вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор номуайяниҳо ҷой дорад. Зеро одатан ин таҳдид аз тарафи режимҳои ҳукмрони кишварҳои минтақа ҳамчун баҳонаи боз ҳам ҷиддиву қатъӣ намудани назорати сиёсӣ барои пайгирии сиёсии мухолифин ва чун анъана, барои ба даст овардани афзалиятҳои гуногун аз марказҳои ҷаҳонии қувва мавриди истифода қарор дода мешавад.

Сабаби асосии ба ифротгароӣ ва радикализм рӯй овардани одамон норозигӣ аст, ки роҳи наҷот меҷӯянд. Норозигӣ дар асоси маҷмуи омилҳои берунӣ ва дохилӣ ташаккул меёбад. Ба омилҳои берунӣ дохил мешаванд: равандҳои мухолифати глобалии ҷаҳонӣ; таъсиррасонии геополитикӣ аз берун; рушди вазъият дар худи кишварҳои минтақа; манфиати созмону ташкилотҳои шабакавӣ дар васеъ намудани базаи иҷтимоии худ; зиёдшавии беназорати сарчашмаҳои динӣ дар як қатор кишварҳои минтақа, ки экспертизаи мувофиқро намегузаранд; фаъолияти ҷалбкунандагон дар зери фаъолияти миссионерҳо, ки ба Осиёи Марказӣ барои кумак, сохтмон ва эҳёи биноҳои динӣ, маориф ва ғайраҳо омадаанд.

Таваҷҷуҳи афзалиятноки гурӯҳҳои радикаливу ифротӣ ба кишварҳои минтақа аз бисёр ҷиҳат аз мавқеи геополитикии он, ки дар маркази манфиатҳои Россия, ИМА ва Британияи Кабир қарор доранд, бармеояд. Пайдо шудани сарчашмаҳои ифротӣ дар дохили кишварҳои минтақа маҳз натиҷаи бевоситаи муқовимати ин кишварҳо дар минтақа мебошад. Равандҳои радикализатсия дар минтақа, албатта, бо ҳодисаву воқеаҳои Сурия, Туркия ва Афғонистон вобаста аст. Лекин ин робита на он қадар хусусияти идеологӣ, балки хусусияти геополитикӣ дорад. Дар шароити имрӯза

ифротгарой ва терроризм ба воситаҳои геополитикии таъсиррасонӣ мубаддал гардидаанд.

Омили дохилӣ, ки ба ташаккул ва устувор гардидани ангезаҳои ифротӣ таъсир мерасонад, вазъи экстремалии иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Буҳрони тулонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ дар якҷоягӣ бо он вазъияти фавқулодаи иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Яке аз омилҳои асосии ташаккули ангезаи ифротӣ норозигӣ аз вазъи иҷтимоии шахсӣ мебошад. Нобаробарии молумулкӣ, якбора паст шудани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мегардад.

Яке аз омилҳои боло рафтани ифротгароии динӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ геополитикаи Амрико ба ҳисоб меравад, ки ба хотири нигоҳ доштани ноустуворӣ дар минтақа ба хотири ҳимоя намудани манфиатҳои геополитикии худ аз радикализми динӣ истифода менамояд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ раванди шаклгирии сохтори дохилӣ ва ҷустуҷӯйи мавқеъ дар сохтори глобалӣ идома дорад, яъне минтақа то ба охир ҳамчун бунёди геополитикӣ ташаккул наёфтааст, ки боиси мавҷудияти проблемаҳои зиёд гардидааст. Воқеияти имрӯзаи минтақа талаб менамояд, ки ба “омили исломӣ”диққати ҷиддӣ равона карда шуда, дар қабул ва амалӣ намудани қарорҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба инобат гирифта шавад [3, с.3].

Дар хотир бояд дошт, ки ба ноустувории кишварҳои Осиёи Марказӣ аксарияти иштирокчиёни бузурги геополитикаи муосир манфиатдоранд. Барои ба даст овардани мақсадҳои худ, ин “бозингарон” ба минтақа неруи эътирозӣ ва ғояҳои исломи радикалиро ворид намуда, моҷароҳоро ба миён меоранд ва кӯшиш менамоянд, ки онҳоро идора намоянд.

Тамоми созмону ташкилотҳои радикаливу ифротгароии динӣ, аз он ҷумла, “Ҳизб-ут-таҳрир”, самти асосии фаъолияти худро дар корҳои идеологӣ байни ҷавонон мебинанд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ аз 50% то 80% таркиби созмону ташкилотҳои экстремистиро дар кишварҳои ҷаҳони ислом ҷавонони 17-28-сола ташкил менамоянд [4].

Созмону ташкилотҳои динӣ кӯшиш менамоянд, ки ҷавоноро аз байни зиёиён, кормандони илмӣ донишҷӯён ба сафҳои худ ҷалб намоянд. Мутобиқан, диққати махсус ба кор бо ҷавонон равона карда мешавад, зеро фаъолнокии ифротгароии динӣ дар ҳамон ҷое зиёд аст, ки кор бо ҷавонон самти аввалиндараҷаи фаъолияти ифротгароён ба ҳисоб меравад. Масалан, дар шароити имрӯза, миссионерҳои “Ҳизб-ут-таҳрир” дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ корҳои идеологӣ ва тарбиявиро дар байни насли наврас дар баъзе муассисаҳои таълимӣ фаъолона амалӣ менамоянд.

Барои ин доираи манфиатхоҳ дини ислом ҳамчун воситаи танзими муносибати байни миллату халқиятҳои минтақа баромад менамояд. Гарчанде дини ислом дар минтақа вазифаи муттаҳидкунандаро иҷро наменамуд ва омили бунёди давлату давлатдорӣ ҳисобида намешуд, лекин дар ин давра аз тарафи нерӯҳои мухталифи сиёсӣ барои ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор дода шуда буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои минтақа сиёсигардии ислом тариқи муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ, муносибатҳои ҳокимиятӣ-оппозитсионӣ ва тариқи ҷалб гардидан ба моҷарои беруна амалӣ гардидааст. Дар асоси муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ сиёсигардии ислом асосан дар Тоҷикистон паҳн гардида буд. Пойгоҳи асосии иҷтимоии сиёсигардии ислом дар Тоҷикистон элитаҳои як қатор минтақаҳо гардидаанд, ки пас аз бадастории соҳибистқлолӣ аз ҳокимият дур монда буданд. Чунин элитаҳои минтақавӣ бахри пеш бурдани ғояҳои худ, роҳ ёфтан ба низоми давлату давлатдорӣ аз руҳониёни исломӣ пайгирӣ менамуданд, зеро дар ин давра он неруи сиёсии ҷиддӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафт.

Ислом дар ин ҳолат на он қадар ба андозаи як низоми динӣ, балки ҳамчун як низоми муайяни ғояҳо оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои сохтори давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ки худро ҳамчун тарзи ҳаёти махсус нишон медиҳад, нақши муҳим мебозид ва аз ҷониби идеологҳои як қатор кишварҳои шарқӣ ҳамчун роҳи сеюми рушди ҷамъиятӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар ибтидо ҳаракати радикалии исломӣ дар водии Фарғонаи Ӯзбекистон ва солҳои 80-уми асри 20 дар водии Вахши Тоҷикистон пайдо шуд. Дарвоқеъ, ғояи исломгароӣ ба минтақа аз Миср таҳти таъсири пешвоёни Ихвон-ул-муслимин, алалхусус Ҳасан ал-Банно, Сайид ва Муҳаммад Қутб ворид гардидааст [5, с.224].

Дар доираи муносибати ҳокимият-оппозитсия сиёсигардии ислом ҳамчун яке аз намудҳои эҳсосоти зидди режим истифода мешавад. Ин ҳолат дар фаъолияти фавқулода мухолифи "Ҷунбиши исломии Ӯзбекистон, ки ҳадафи асосии он сарнагун кардани қудрати муқарраршуда дар ҷумҳурӣ мебошад, баръало намоён аст. Дар ин вазъ шиорҳои исломӣ ҳамчун воситаи мубориза сиёсӣ ба миён гузошта шуданд, аммо бо фишори шадиди мақомоти расмӣ дучор омада, онҳо маҷбур шуданд, ки ба фаъолияти пинҳонӣ гузаранд.

Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, ки ҳеҷ имкони ширкат дар муборизаи кушоди сиёсӣ барои қудратро надорад, роҳи хушунатомези муборизаи сиёсӣ - террорo интихоб кард. **Барои фаҳмидани ин раванд ба гузаштаи наздик назар андохтан лозим аст. Дар оғози ташаккул, мақомоти Ӯзбекистон раванди исломгардонии аҳолиро фаъолона дастгирӣ мекарданд.**

Мақомоти давлатӣ кушодани масҷидҳо, эҳёи маърифати динии мардумро дастгирӣ карданд; дар Фарғонаи Узбекистон ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии динӣ иҷозат дода шуд, ки аллакай ба раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳаллӣ дахолат мекарданд. Ташкилотҳое, аз қабили "Ислом Лашкарларӣ" (Ҷанговарони Ислом), "Товба" аз фурсат истифода бурда, "ба таъсиси воҳидҳои низомӣ барои кумак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ" шуруъ карданд.

Ин ташкилотҳо на танҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ, балки дар байни мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ низ эътимод пайдо карданд. Ба созмони воқеии сиёсӣ табдил ёфта, ин ташкилотҳо дигар бо нақши "ёрдамчӣ" қаноатманд набуданд. Онҳо такрор ба такрор талош мекарданд, ки ҳокимияти пурраро ба даст оранд, ҳолатҳое буданд, ки онҳо мақомоти маҳаллиро ошкоро корношоям мекарданд ва талаб менамуданд, ки тамоми ваколатҳо ба ихтиёри онҳо дода шаванд.

Чунин фаъолият бо интиқоди шадиди мақомоти расмӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар чунин вазъ, мақомот усулҳои шадидро истифода бурда, ҳама муассисаҳои диниро ба таври номуайян бастанд ва ҳамаи пешвоёни диниро таъқиб мекарданд. Набудани дигар усулҳои демократии мубориза барои ҳокимият, ҷунбиши диниро ҳукумати расмӣ ба доми ифротгароии шадид равона кард. Мисли Тоҷикистон, ислом заминаи муносиби идеологӣ барои оппозитсияи ғайрирасмӣ шуд ва террор ягона усули мубориза барои ҳокимият ба миён омад [6, с.45].

Дар даҳсолаи охир бо эҳёи ислом дар Осиёи Марказии пасошуравӣ пас аз 70 соли мунтазам несту нобуд кардани муассисаҳои динӣ аз ҷониби режимҳои Шуравӣ, марказҳои таълимӣ ва ҳувияти исломӣ тавассути истифодаи лоиҳаҳои ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ таъмин карда шуд.

арфи назар аз он ки хатари исломи радикалии сиёсиро дар Осиёи Марказӣ комилан инкор кардан ғайриимкон аст, мо набояд аз он сарфи назар кунем, ки ин таҳдидро баъзе гурӯҳҳо, инчунин баъзе намояндагони элитаи сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода бурда, тақвият додаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки исломи сиёсӣ ва эҳёи ислом дар Осиёи Марказӣ муфассалтар омӯхта шавад. Чунин ба назар мерасад, ки аксар вақт "исломгароии саркаш" ва "паҳн кардани радикализм" ба муқобили ҳама гуна таҳдид дар Осиёи Марказӣ истифода шудаанд. Таҳлили ба

масъалаҳои амният додашуда на танҳо қолабӣ, балки гумроҳкунанда мебошад, зеро он ба фаҳмиши мушкилоти воқеии минтақа халал мерасонад [7, с.2014].

Дар шароити бухронҳои амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи фазои идеологӣ шиддат гирифтааст, дар натиҷаи фурӯпошии идеологияи расмӣ, баъзе аз мусалмонони Осиёи Марказӣ исломро ҳамчун ягона алтернатива ба коммунизм ё ҳама гуна низоми сиёсӣ ё идеологияи дигар қабул карданд. “Исломи ибтидоии сиёсӣ” дар баъзе минтақаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, зери таъсири ин ҳолатҳо, дар ибтидои солҳои 90-ум дар муҳити ҷамъиятие ба вуҷуд омад, ки ба тариқи “фарҳангӣ мусалмон” муайян карда шуд, аммо дар тули 70 соли охир аз дастрасӣ ба таҳсилоти расмии исломи сиёсӣ, хоҳ як ҷунбиши маъмул ё равияи идеологӣ, заминаи ҷиддитари зеҳнӣ ва иҷтимоиро тақозо мекунад [8, с.6-7].

Минтақаи Осиёи Марказии пас аз шӯравӣ ҳамчун давраи пас аз атеистӣ тавсиф карда мешавад. Гузашта аз ин, дар натиҷаи давраи 70-солаи Шуравӣ, зиндагии мусулмонони Осиёи Марказиро метавон ҳамчун “амнезияи”динӣ тавсиф кард. Дониши гумшуда ё фаромушӣ, ки даврони “Шӯравӣ ба вуҷуд овардааст, дар фаҳмиши мардум дар бораи ислом, аниқтараш, дар ташаккули ҷомеаи “мусулмонӣ” нақши муҳим бозидааст” [9, с.2]. Аз ин рӯ, падидаи пайдоиши исломӣ сиёсӣ дар Осиёи Миёна дар аввали солҳои 90-умро “исломи ибтидоии сиёсӣ” номидан дурусттар хоҳад буд.

Исломи ибтидоии сиёсиро метавон ҳамчун посух ба бухрони қонунияти ҳукумати кунунӣ тасаввур кард. Аз ҷумла, дар Ӯзбекистон бад шудани вазъи иқтисодӣ, фасод, рушди нобаробарии минтақаҳо ва намояндагони ночизи вилояти Фарғона дар иерархияи болоии ҳокимият метавонистанд хоҳиши баъзе гурӯҳҳои мазҳабиро ба баланд бардоштани садоҳояшон алайҳи нобаробарӣ дар бар гиранд. Аммо маълум мешавад, ки бисёр одамон исломро аз рӯйи табъи эҳсосӣ, на донистани пояҳои асосии ислом пайравӣ менамоянд [10, с.28].

Дар ин масъала, мо наметавонем таъсири мубориза барои ҳокимиятро байни қавмҳои ҷангкунанда (сиёсати қавмӣ) ба назар нагирем. Бояд қайд кард, ки вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон ба яке аз чунин маҳалҳо, аз ҷумла ҳизби оппозитсионии “Бирлик” мубаддал гардид. Сарфи назар аз он ки мо ба омезиши омилҳое, ки боиси пайдоиши исломи сиёсӣ бо хусусияти оппозитсионии бартаридошта дар минтақаи Фарғона дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон гардиданд, ишора мекунем ва то ҳол баҳс мекунем, ки сабаби асосӣ бухрони умумӣ ё ҳадди ақал набудани қонунияти ҳукумати мавҷуда буд.

Азбаски исломи сиёсии оппозитсионӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ хеле маҳдуд буд, дар бораи табиати ҳамаҷонибаи исломи сиёсӣ ё инқилоби густариши исломӣ ҳатто дар сатҳи минтақаи Фарғона изҳори тасввур кардан мумкин буд.

Оқибатҳои пайдоиши исломи ибтидоии сиёсӣ дар солҳои 90-умро метавон ҳамчун “идоракунии нодуруст” ё “аз ҳад зиёд”- и ҳокимияти Ӯзбекистон дар робита бо фаъолияти аз ҷиҳати ҷуғрофии исломи сиёсии мухолиф хулоса кард. Дар натиҷа, демократикунонӣ дар Ӯзбекистон ба таъхир афтод. Гузашта аз ин, равандҳои сиёсии оғозкардаи бозсозӣ коҳиш ёфтанд ва амалияҳои тоталитарӣ эҳё ва ба шароити нав мутобиқ карда шуданд. Аз тарафи дигар, хатогиҳои пешвоёни маҳаллии мусалмонро, алалхусус дар саркаштарин минтақаи Намангон, ки элитаҳои дунявиро ба ҳарос оварданд ва воқеиятҳои ҷомеаи посошуравӣ ва пас аз атеистиро ба назар нагирифтанд, чашм пӯшидан мумкин нест. Бо мурури замон, вокуниши фавқулода ба исломи сиёсии оппозитсионӣ боиси “дунявигарди”-и пурраи исломи сиёсӣ ва тамоми шохаҳои ислом таҳти назорати давлат гардиданд. Оппозитсия, пеш аз ҳама, мазҳабӣ, ҳамачун “фитнаи ҷиноӣ”, “воридотӣ” эътироф карда шуд ва ба бесубот кардани давлат ва тамоми минтақа нигаронида шуда буд [11, с.2001] .

Ҳамаи режимҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бинобар заифии худ, ба “дунявият” пеш аз ҳама, гурӯҳҳои сиёсии этникӣ ва динӣ майл доранд. Ғайр аз ин,

элитаҳои маҳаллӣ аксар вақт амнияти худро ҳамчун амнияти миллӣ баррасӣ менамоянд. Дар маҷмуъ, секюритизатсия маҳсули вобастаи рақобат барои қудрат аст ва онро гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ё ниҳодҳои ҳокимият даъват карда метавонанд. Аз ин рӯ, муайян аст, ки режимҳои худкома ва сиёсатмадорони ҳозира метавонанд маҳдудиятҳоро барои гурӯҳҳои динӣ эҷод ва таҳким диҳанд, то рақобати сиёсӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои идеология ва ҳифзи ҳокимияти сиёсӣ худро заиф гардонанд. Дар ҳолатҳое, ки сиёсатмадорон аз эҷоди оппозитсия муассир ба ҳукмронии худ ё аз ҷониби гурӯҳҳои муайян ба даст овардани қудрати худ метарсанд, онҳо метавонанд саркӯби онҳоро оғоз кунанд [12, с.2].

Масъалаи табиат, паҳн гардидан ва хусусиятҳои дастгирии ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза бо проблемаҳои амният, маданияти сиёсӣ ва ҳатто интихоби тарҳи муайяни инкишоф алоқаманд аст. Баррасии паҳн шудани шудани ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ, аз бисёр ҷиҳат, муҳим буда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар кишварҳои Осиёи Марказӣ зуҳуроти ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва баррасии зуҳуроти ифротгароии динӣ аз он иборат аст, ки он дар шароити муосир ба амният ва субот, ягонагии ҳудуди давлатҳои минтақа таҳдид мекунад. Мақсади асосии ифротгароии динӣ барангехтани кина ва адоват, фаъолияти динии шакли пӯшида аст, ки ба ғасби ҳокимият равона гардида, ба тағйири сохти давлатдорӣ, суверенитет ва ягонагии ҳудудӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, ифротгароии динӣ ҳамчун як шакли амалҳои харобиовари иҷтимоӣ, ба амнияти давлат ва асосҳои рушди устувори ҷомеа таҳдид менамояд.

Проблемаи ифротгароии динӣ дар ҷаҳон аз ҷониби бисёр олимон, муҳаққиқон, коршиносон омӯхта мешавад, лекин то ба имрӯз мавқеъ ва ақидаи ягона нисбати ин падида ҷой надорад. Зуҳурот, навъҳо, дурнамои рушд, фарқият, мундариҷа, ҳавасманднамоиҳо вобаста ба омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, минтақавӣ ва ғайра хусусиятҳои хосси худро доранд.

Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдиди амнияти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз проблемаҳои аввалиндараҷаи муосир ба ҳисоб меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои минтақа аз фаъолияти чунин созмону ташкилотҳои ифротӣ зарари назаррас дидаанд. Тамоми созмону ташкилотҳои ифротӣ-динӣ, ки дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он фаъолият менамоянд, дар шароити имрӯза қисми таркибии давлати исломӣ ба ҳисоб мераванд [13, с.451-460]. Гарчанде фаъолияти аксарияти созмону ташкилотҳои ифротгароии динӣ дар ҳудуди кишварҳои минтақа манъ карда шудааст, онҳо то ба имрӯз дар ҳудуди кишварҳои минтақа фаъолона амал менамоянд.

Оғози раванди паҳнгардии идеяи ифротгароии динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо давраи оғози “бозсозӣ” ва сипас пошхӯрии Давлати шуравӣ ва пайдо гардидани давлатҳои тозаистиқлол дар минтақа алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мактабҳои пинҳонии омӯзиши ислом, ки як қатор аз онҳо идеяи исломи фундаменталиро таълим медоданд, дар давраи шуравӣ мавҷуд буданд.

Маҳз аъзоёни чунин ҷамоаҳои динӣ дар бунёди гурӯҳҳои диниву сиёсӣ, ки аз тарафи элитаҳои минтақавӣ баҳри ба даст овардани ҳокимият истифода мегардиданд, фаъолона ширкат намудаанд. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият аз тарафи ҷумҳуриҳои минтақа, барои фундаменталистони маҳаллӣ зарурат пеш омад, ки бо намояндагони “исломи покиза”, ки солҳои 90-ум ба минтақа ворид гардида буданд, рақобат намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин рақобат фундаменталистони маҳаллӣ одатан номуваффақ буданд [14, с.8].

Ҳамин тариқ, зери таъсири ваҳҳобизм дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷамоатҳо-гурӯҳҳо бо “имони воқеӣ” ташаккул ёфтаанд, ки баргаштро ба меъёрҳои ҷамоаҳои мусулмонии замони Муҳаммад пайғамбар талаб менамуданд. Сарварони руҳонии ин

ҷамоаҳо тарафдори риояи ҷиддии ахлоқ ва маънавиёти исломӣ буда, ҳокимияти дунявиро эътироф намекарданд, мусулмонони дигарро дар “маслакфӯрушӣ” ва “боэътиқодӣ” гунаҳкор менамуданд.

Дар баъзе ҳолатҳо аъзоёни чунин ҷамоаҳои ваҳҳобӣ дар фаъолияти ҳарбии гурӯҳҳои алоҳида фаъолона ширкат варзиданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ваҳҳобиён дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дастгирии молиявӣ, ташкилӣ ва иттилоотии доираҳои ҳукмрони кишварҳои мусулмонӣ, ки дар бунёд ва мустаҳакам намудани мавқеи идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодии худ дар минтақа мафиатдоранд, таъмин карда мешавад.

Экстремистони маҳаллӣ қисми асосии оппозитсияи ҳарбии исломӣ дар шакли Ҳаракати Исломии Ӯзбекистонро ташкил менамоянд, ки мақсади асосии онҳо сарнагун намудани ҳокимони аз ислом дуршуда ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳаракатҳои диниву ифротӣ, ки дар шароити имрӯза дар кишварҳои гуногун амал менамоянд, ба созмону ҳаракатҳои мухталифи ифротии динии минтақаи Осиёи Марказӣ кумаки молиявӣ, техникӣ ва ташкилиро пешниҳод менамоянд.

Таҳдиди воқеӣ барои Осиёи Марказӣ дар солҳои 1979-1990 танҳо гурӯҳҳои яроқнок, ки бар зидди артиши шуравӣ дар Афғонистон амал менамуданд, ба ҳисоб мерафтанд. Маҳз дар Афғонистон гурӯҳҳои сершумори яроқноки исломӣ, ки аз тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо таркиб ёфта буданд, фаъолият доштанд. Гурӯҳҳои пароканда баъдтар ба ҳаракати “Толибон” ва “Ал-қоида” муттаҳид гардиданд, лекин дар ниҳояти кор, натавонистанд таъсири худ, фаолияти ифротӣ ва террористии худро дар ҳудуди Осиёи Марказӣ паҳн намоянд. Метавон қайд намуд, ки ҳузури дивизияи 201 Федератсияи Россия дар Тоҷикистон, то андозае ин хавфро бартараф намудааст.

Маҳз исломизм яке аз сабабҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид. Ӯзбекистон дар аввали соҳибистиқлолӣ таҳдиди ифротгароии сиёсиро эҳсос менамуд. Дар ин давра гурӯҳҳои яроқноки “Адолати ислом” ва гурӯҳи нисбатан хурди ба он ҳамроҳшуда “Ҷанговарони ислом” қариб ба пуррагӣ дар яке аз шаҳрҳои Фарғона – Намангон назоратро ба дасти худ гирифтанд.

То воқеаҳои сентябри соли 1991 аксарияти кишварҳои минтақа нисбат ба омили исломӣ муносибати духӯра доштанд. Аз як тараф, мавҷудияти озодиҳои динӣ ва созмонҳои гуногуни динӣ ҳамчун зуҳуроти табиӣ роҳи нави демократии инкишоф эълон карда мешуд. Чунин мавқеъ аз тарафи Амрико ва дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дастгирӣ карда мешуд, зеро онҳо чунин меҳисобиданд, ки риояи принсипҳои демократӣ ва озодиҳои динӣ дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳдории устуворӣ ва амнияти минтақа муҳимтар аст.

Солҳои 90-ум ҳамкориҳои кишварҳои минтақа бо кишварҳои мухталифи арабиву мусулмонӣ, аз он ҷумла Туркия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Қувейт, Миср ба роҳ монда шуд. Ба минтақа созмонҳои сершумори хайриявӣ ва фарҳангиву маърифатӣ ворид гардиданд. Ин созмонҳо кӯшиш менамуданд, ки фаъолияти худро дар кишварҳои минтақа ба таври зарурӣ инкишоф диҳанд.

Аз тарафи дигар, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, воқеаҳо дар водии Фарғона дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон, воқеаҳои фоҷиавӣ дар Андиҷон, амалҳои террористӣ дар Тошкент шаҳодати он буданд, ки омили исломӣ ва исломизм метавонад таҳдиди ҷиддӣ барои устувории тамоми минтақа бошад. Озодии дин, ки яку якбора ба миён омад, ба ғайр аз омилҳои мусбӣ, ҷанбаҳои манфиро низ доро буд [15, с.239].

Солҳои 90-ум дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ “Ҳизб-ут-Таҳрир” васеъ паҳн гардид, ки мақсади асосии он тағйири сохтори конститутсионӣ ва характери дунявии давлатдории кишварҳои минтақа мебошад. Мақсади асосии ҳизби мазкур бунёди хилофат ва ба роҳ мондани қонунгузории (шариат) мусулмонӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро (сиёсат, иқтисодиёт, маънавиёт, фарҳанг) танзим менамояд, ба ҳисоб меравад. Ба ин мақсад ҳизби мазкур дар самти ҷалби аъзоёни нав дар байни

кормандони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони руҳониёни исломӣ, инчунин нафароне, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, ба монанди шоирону нависандагон, роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаёти омӯзгорону профессорон фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза "Ҳизб-ут-Таҳрир", аз он ҷумла созмонҳои ҷамъиятии тобеи он ба дигар нерӯҳои ифротии минтақа рақобати ҷиддӣ нишон дода, таҳдиди воқеиро барои сохторҳои дунявии тамоми кишварҳои минтақа ба миён овардааст. Маркази ин ҳизб дар Лондон ҷойгир буда, сарчашмаҳои асосии маблағгузории он то ба имрӯз ошкор нагардидааст. Шакли ташкили ҳизб бештар ба сохтори созмони ифротӣ-исломии "Бародарони мусулмон" дар Миср монандӣ дорад [16, с.9-10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти "Ҳизб-ут-Таҳрир" соли 2001 манъ гардидааст. Соли 2008 ин созмон ба номгӯйи созмону ташкилотҳои террористӣ ворид карда шуда, фаъолони он пайгирӣ карда мешаванд.

Объекти диққати ҷиддии ҳукуматдорон фаъолияти салафиҳо ба ҳисоб меравад, ки дар Тоҷикистон соли 2009 манъ гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки якумин тарафдорони ҳаракати салафия дар Тоҷикистон соли 2005 пайдо шудаанд. Имрӯз миқдори онҳо хеле зиёд гардидааст. Тарафдорони ин ҳаракат асосан ҷавонон ба ҳисоб меравед, ки дар Покистон, Яман ва Арабистони Саудӣ таҳсил намудаанд. Таҳсили донишҷӯёни тоҷикро созмонҳои мухталифи кишварҳои араб маблағгузорӣ намудаанд.

Хатари салафия дар он аст, ки ба ақидаи ҷонибдорни он, дин бояд на танҳо кори шахсии инсон, балки асоси сохтори ҷомеа бошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, ба хотири ба ҳокимият омадани мусалмонони "воқеӣ" ба амалҳои фаъолона ва зӯроварона даъват мекунанд.

Ба сатҳи ифротгароии динӣ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ фазои холии идеологӣ, тағйири ҷаҳонбинии ҷомеа ва бухрони бузурги маънавӣ-идеологӣ таъсир мерасонанд.

Созмону ҳаракат ва гурӯҳҳо, аз қабили "Ал-Қоида", "Ҷундуллоҳ", "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон", Ҷиҳоди ислом", "Ҳаракати Толибон", "Ансоруллоҳ", "Ҳизб-ут-Таҳрир", "ҲНИ" ва амсоли инҳо, ки аз ҷониби як қатор давлатҳо ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-ифротӣ дониста шудаанд, бо густурда намудани фаъолияти худ ва анҷом додани амалу кирдори ҷиноёткорона мехоҳанд нуфузу эътибори худро боло баранд. Нагирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ метавонад боз ҳазорҳо мардуми осоиштаро аз ҳаёт маҳрум созад, зеро дар қалбу вуҷуди онҳое, ки чунин зулму ситам ва афкору андешаи ҷоҳилона ҷой гирифтааст, ба ҷуз бадбахтӣ ва маҳрумият, дигар андешаи солиме вуҷуд надорад. Харобу валангор гардидани садҳо бинову иншоот, ҷон бохтани мардуми осоишта, фирор намудани аҳолӣ аз макони зист подоши расидан ба ҳадафҳои ҷиноёткоронаи ин гурӯҳҳо аст.

Имрӯз ҳазорҳо нафар мардуми кишварҳои ҷангзада ба умеди амният ва осудагӣ роҳ ҷониби кишварҳои Аврупо мегиранд ва он ҷо низ онҳоро мушкилоти зиёде пеш меояд. Ягона роҳи ҳалли ин масъала ҳамкорӣ ва мусоидат кардан ба мақомоти қудратӣ дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ мебошад, то суботу оромӣ таъмин ва ҳар як фард дар ватани хеш зиндагии осишта ба сар барад.

Таъсири омили беруна, ки бо фаъолияти миссонерони хориҷии исломӣ, устодони ислом, ки баъзе аз онҳо ғояҳои ифротиву радикалиро ташвиқ менамуданд, алоқаманд аст. Аз оғози солҳои 90-ум дар кишварҳои минтақа намояндагони ташкилотҳои байналмилалии исломӣ, ба монанди Ислоҳ, Тайиба, Кумитаи мусулмонони Осиё ва ғайра ба қайд гирифта шуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти чунин созмону ташкилотҳои миссионерӣ ба паҳн кардани ғояҳои ифротиву радикалӣ машғул буданд [17, с.121].

Бо вуҷуди ҳамаи ин гуфтаҳо, гурӯҳбандии ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ғайриимкон ба назар мерасад. Режимҳои сиёсии мавҷуда дараҷаҳои мухталифи

авторитаризмро ифода мекунанд. Баҳо додан ба моделҳои сиёсӣ аз миқиёси авторитаризми мулоим ё омехта то дараҷаи шадиди авторитаризм ва ҳатто "давлати полис" дурусттар хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, метавон хулосагирӣ намуд, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардидани идеологияи ифротгароии динӣ ба пошхӯрии Давлати шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои минтақа алоқаманд аст. Гарчанде то пошхӯрии Давлати шуравӣ дар кишварҳои минтақа ба таври пинҳонӣ идеяҳои радикалии исломӣ таълим дода мешуд, лекин маҳз сиёсати "бозсозӣ" ва сипас пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ омили муҳимми паҳн гардидани идеяҳои ифротӣ дар минтақа гардидааст.

Паҳн гардидани идеяи ифротгароии динӣ дар минтақа дар қатори омилҳои беруна аз маҷмуи омилҳои дохилӣ низ вобаста аст, ки дар ин самт чунин сабабҳо, ба монанди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳи пасти шуури динии аҳолӣ, махсусан ҷавонон, шикасти идеологияи коммунистӣ ва пайдо шудани фазои холии идеологӣ дар минтақа, таҳсили ҷавонони минтақа дар муассисаҳои таълимии кишварҳои исломӣ, ҷой надоштани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм, сиёсати элитаҳои сиёсии кишварҳои минтақаро метавон махсусан қайд намуд.

Дар шароити имрӯза ифротгарони маҳаллӣ ба шабакаҳои байналмилалии созмону ҳаракатҳои ифротӣ пайваст гардиданд, ки ба маблағгузории фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Таҳлилу баррасии мухтасари мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ нишон медиҳад, ки ифротгароии динӣ яке аз падидаҳои хатарзои мураккаби муосир дар минтақа ба ҳисоб меравад ва диққати махсусро талаб менамояд.

**Муқарриз:Маҳмадизода Н.Д.- д.и.ф., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Королев О. Центральная Азия – новая горячая точка на карте мира. Ликвидация угроз дестабилизации Центральной Азии становится приоритетом для России / О. Королев // Федеральное агентство политических новостей. -2016. -3 марта
2. Искандаров К. Афганский вопрос и безопасность региона Центральной Азии / К. Искандаров // CABAP.asia. -2016. -31мая.
3. Добаев И.П. Иламский радикализм: социально-философский анализ / И.П. Добаев. -Ростов-н/Д: Изд-во СКНЦВШ, 2002. -С.3
4. Central Asia: Terrorist, Religious Extremism, and Regional Stability URL: https://www.brookings.edu/testimonies/central-asia
5. Назиров Д.Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане. Монография / Д.Н. Назиров. -Душанбе, 2015. -С.224.
6. Lewis, David "Understanding the Authoritarian State: Neopatrimonialism in Central Asia", Brown Journal of World A airs,19 (1). -2012. -P.45.
7. Jocelyne Cesari, "e Awakening of Muslim Democracy". -NY: Cambrige University Press, 2014.
8. John Esposito, "Islamist and US Foreign Polcy", ISIM Review, 18/- 2006.-P.6-7.
9. Louw M.E. "Everyday islam in Post-Soviet Central Asia", Routledge. - 2007.-P.2.
10. Olcott, Martha B. Roots of Radical Islam in Central Asia, Carnegie Papers. - 2007.- Number 77.- P.28.
11. Alisher Ilkhamov, "Uzbek Islamist Imported Ideoiogy or Grassroots Movement?", Middie East Report, Winter. - 2001.- №221.
12. Ani Sarkissian, "Government Regulation of Religion and Authoritarian Durability in PostCommunist Eurasia", Conference Proceeding, International Symposium "Post-Atheism: Religion and Society in Postcommunist Eastern Europe and Eurasia", Melikian Center, Arizona State University. - 2013.- 7-9 February. - P.2.
13. Jocelyne Cesari, "Awakening of Muslim Democracy". - NY: Cambridge University Press, 2014.
14. Аламанов С.К. Анклавы в Центральной Азии: история вопроса и современные проблемы / С.К. Аламанов // Постсоветские исследования. - 2018. -Т.1. -№5. -С.451-460.
15. Поляков К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии. - М.: Институт востоковедения РАН, 2014. - С.8.
16. Россия – Средняя Азии: Политика и ислам в 20 – начале 21 вв.- М ЛЕНАНД, 2011. -Т.2. - С.239.
17. Поляков К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии. -М.: Институт востоковедения РАН, 2014. - С.9-10.

18. Жусупов С. Ислам в Казахстане: прошлое, будущее во взаимоотношениях государства и религии / С. Жусупов // Ислам на постсоветском пространтве: взгляд изнутри Московский центр Карнеги. - М., 2001. - С.121.

## ЗУҲУРОТИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ - ПАДИДАИ НОМАТЛУБ ВА ХАРОБИОВАР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Албатта, бо мурури замон татбиқи методи лоиҳаҳо таҳаввулро аз сар гузаронид, аммо моҳияти он чун пешина боқӣ мемонад. Дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии олам ба туфайли он, ки ҳангоми ҳалли муаммоҳо ва ҳамгироии донишҳои хонандагон аз соҳаҳои гуногун, ба таври табиӣ имкон медод ва дар ин маврид ғояҳои навро тавлид менамуд, ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт. Методи лоиҳаҳо дар ИМА, Британиёи Кабир, Белгия, Исроил, Финландия, Олмон, Италия, Бразилия, Нидерландия ва бисёр кишварҳои дигар бомуваффақият ривоҷ ёфт, ки бо сабаби баҳамоии оқилонаи донишҳои назариявӣ ва истифодаи амалии онҳо барои ҳалли муаммоҳои мушаххаси воқеияти атроф дар фаъолияти якҷояи хонандагон шуҳрат пайдо карда буд.

Олими рус Б.С.Безруков вобаста ба масъалаи методи лоиҳаҳо чунин таъкид карда буд: «Методи лоиҳаҳо имконияти баҳамоии методҳои таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ, муаммовиро бо принсипҳои омӯзиши якҷоя пешбинӣ менамояд. Имрӯз методи лоиҳаҳо мавлуди дигарро аз сар мегузаронад, зеро бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (яъне ТИК), ба монанди: телекоммуникатсияи компютерӣ, пояи санадҳои электронӣ, китобҳои виртуалӣ, воситаҳои мултимедиявӣ, аудио ва видеоконфронсҳо ва монанди ин имкониятҳои нав кушода мешаванд. Дар ин маврид ҳамгироии омӯзиши лоиҳавӣ бо технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ ва методҳои дигар самарабахшии методҳои ҳамфаъоли таълимро баланд мекунад» [6, с.90].

Олими тоҷик А.М.Миралиев чунин таъкид намудаанд: «Муваффақияти фаъолияти лоиҳавӣ ва дараҷаи баланд ба ташкили кор дар дохили гурӯҳ, аз тақсимот, дақиқӣ, уҳдадориҳо ва муайян кардани шакли масъулият барои қисмати иҷрои кори худ вобастагӣ дорад. Татбиқи методи лоиҳаҳо дар амалия ба тағйир ёфтани мавқеи омӯзгор оварда мерасонад, ки аз барандаи дониши тайёр ба ташкилкунандаи фаъолияти маърифатии хонандагон табдил меёбад. Муҳити психологӣ дар синф тағйир меёбад, зеро омӯзгор нақши ёвар, мушовирро дар ҷараёни фаъолияти таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯйӣ ва эҷодии хонандагон иҷро мекунад. Лоиҳаҳоро метавон аз рӯйи ҳайати иштирокчиён, мақсадгузорӣ, мавзуъ, муҳлати татбиқ тасниф кард» [10, с.54].

Мафҳуми «лоиҳаи эҷодӣ» кори мустақилонаи хонандагон буда, он аз офариниши маснуоте иборат аст, ки дар давоми соли хониш бо роҳбарии омӯзгор гузаронида мешавад.

Дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат) оид ба мафҳуми «кори лоиҳавӣ» чунин омадааст: «кори лоиҳавӣ-ин дарси мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси муайян ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад» [14, с.9]

Олими тоҷик А.А.Азизов вобаста ба масъалаи мавриди назар чунин иброз намудааст: «Лоиҳаи эҷодӣ-кори мустақилонаи ҷамъбастӣ мебошад, ки сифати иҷрояш аз дараҷаи азхудкунии мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонанда, то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малакаю маҳорати онҳо дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобастагӣ дорад» [1, с.10].

Муаллифони раҳнамои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат) М.Д.Рӯзиева ва М.Н.Алиева чунин қайд кардаанд: «Супоришҳои лоиҳакашӣ-методи маъмули омӯзиш марбут ба дарси меҳнат ва техника буда, принсипи методии он дар баръакс гардонидани объект ва низомҳои техникӣ ба супориш дар бораи ихтироъкорӣ ифода меёбад. Хонандагон аз рӯйи принсипи ихтироъкорӣ дар ягон раванд дар бораи ҳаллу фасли муаммо кор мекунанд. Дар хонандагон қобилияти техникӣ, амалӣ ва лоиҳакашӣ рушд меёбад. Онҳо то ҳадди имкон маҳдуд кардани муаммо, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила ҳадафнок омода кардани ҳалли умумиро меомӯзанд» [14, с.32].

Ҳадаф аз истифодаи методи лоиҳавӣ рушди тафаккури эҷодии хонандагон, пайдо шудани маҳорати таҳлилкунӣ ва мушоҳидакорӣ, ташаккул ёфтани эҷодкории техникӣ, рушди тасаввуроти фазоӣ, рушди тарбияи иқтисодӣ ва зебопарастӣ мебошад.

Донистани гурӯҳбандии муқоисавии (яъне типологӣ) лоиҳаҳо, ки дар ҷараёни дарс истифода мешаванд, метавонанд ба омӯзгорон ҳангоми таҳияи лоиҳаҳо, сохтори онҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти хонандагон дар гурӯҳ ёрӣ мерасонад.

Тибқи характери алоқа бо ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: дохилӣ ва минтақавӣ- ин намуди лоиҳа дар дохили як синф, мактаб, ноҳия минтақа ва ё як давлат гузаронида мешавад; байналмилалӣ-ин намуди лоиҳа намояндагони якчанд давлатро дар бар мегирад. Хонандагони якчанд давлат як лоиҳаро дар якҷоягӣ иҷро менамоянд.

Аз рӯйи шумораи иштирокчиён лоиҳаҳоро ба тарзи зайл тақсимбандӣ кардан мумкин аст: фардӣ (шахсӣ) дар байни ду шахсе, ки аз мактабҳо, минтақа ва давлатҳои гуногун мебошад, сурат мегирад; ҷуфтӣ - дар байни ду нафар иштирокчии лоиҳа; гурӯҳӣ- дар байни гурӯҳҳои иштирокчиён.

Аз рӯи мӯҳлат лоиҳаҳо тақсим карда мешаванд, ба лоиҳаи кӯтоҳмуддат, ки аз 4-6 дарсро дар бар мегиранд; лоиҳаи миёна - дар давоми як чоряк амалӣ карда мешаванд; дарозмуддат –дар давоми якчанд моҳ ё сол иҷро карда мешавад.

**Марҳилаҳои кор бо лоиҳа**. Методи лоиҳа ҳамчун яке аз технологияҳои педагогӣ алгоритми ҷиддии фаъолиятро дар бар нагирад ҳам, вале рафтори дурусти мантиқиро тавассути фаъолияти лоиҳавӣ талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, кори лоиҳавиро ба 6 марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Ҳар як марҳила ба марҳилаҳои фаъолиятҳои самараноки дарки намоӣ мувофиқат менамояд. Биёед дида мебароем, ки ҳар як марҳила аз чӣ иборат аст ва кадом фаъолиятҳоро дар бар мегирад.

1. **Марҳилаи тайёрӣ:** муайян намудани роҳбари лоиҳа, ҷустуҷӯйи муаммо, интихоби мавзуъ ва мушаххас намудани он; ташкил намудани гурӯҳи лоиҳавӣ.
2. **Марҳилаи ҷустуҷӯйӣ**: аниқ намудани заминаи мавзуи лоиҳа; муайян намудани муаммо ва таҳлили он; гузориши мақсади лоиҳа.
3. **Марҳилаи таҳлилӣ:** таҳлили ахбороти вуҷуд дошта; ҷустуҷӯйи ахборот; ҷамъоварӣ ва омӯзиши ахбор; дарёфт намудани роҳи дурусти расидан ба мақсади лоиҳа (таҳлили қарорҳои алтернативӣ), тартиб додани алгоритми фаъолият, тартиб додани нақшаи амалӣ намудани лоиҳа, банақшагирии қадамҳои кор; таҳлили захираҳо.
4. **Марҳилаи амалия:** иҷро намудани корҳои технологии банақшагирифташуда; санҷиши навбатии сифат; дохил намудани дигаргуниҳо (дар зарурият) ба конструксия ва технология.
5. **Марҳилаи муаррифӣ:** тайёр намудани маводҳои муаррифӣ (презинтатсия); муаррифии лоиҳа; омӯзиши имкониятҳои истифода намудани натиҷаҳои лоиҳа (намоиш, фурӯш, дохил намудан ба махзани (бонки) лоиҳаҳо, интишор).
6. **Марҳилаи санҷишӣ:** таҳлили натиҷаҳои иҷро намудани лоиҳа; баҳогузорӣ ба сифати иҷрои лоиҳа.

Чи хеле ки маълум аст, ҳангоми таҳияи лоиҳа мақсад ва вазифаҳои онро дақиқ донистан ва тасаввур кардан, ки ҳар як омӯзгор барои худ худаш муайян мекунад, ниҳоят муҳим аст. Ба ибораи дигар, пеш аз оғози таҳияи лоиҳа омӯзгор ба саволҳои зерин бояд ҷавоб гӯяд: Ҳамаи ин барои хонандагони ман ва худи ман чӣ лозиманд? Ин технологияро истифода карда, кадом муаммоҳои касбиро ҳал карда метавонам? Хонандагони ман кадом дониш, малака ва маҳоратро соҳиб мегарданд? Оё ба ҳамон дастовардҳо бе истифодаи ҳамин гуна технологияи мураккаб комёб шудан мумкин нест?

Мувофиқи нақшаи таълимии ихтисоси технология, шуъбаи ғоибона барои донишҷӯёни зинаи бакалавр 2 маротиба гузаштан аз таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ҳатмӣ арзёбӣ гардида, мутобиқи Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2017 таҳти №1/16 ва тибқи нақшаи таълимӣ ба донишҷӯёни курси 4-уми ихтисоси технологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои гузаронидани таҷрибаи омӯзгорӣ ба муҳлати 4 ҳафта аз 4-уми октябр то 30-юми октябри соли 2021 дар таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ қарор доштем.

Дар раванди таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ, яъне 4 ҳафта ба духтарони синфи вобасташуда аз фанни технология (таълими меҳнат) дарс гузашта, инчунин ба аҳли синф соатҳои тарбиявӣ гузаронида шуд.

Барои намуна нақшаи дарсии яксоата (ба шакли маҳдуд) аз синфи 6 «В» фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дарси 29, мавзӯи «Лоиҳаи эҷодӣ. Дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак» оварда шудааст:

**Барнома**: Асосноккунии номгӯйи маснуоти сохташуда. Тартиб додани ангора, расми техникӣ ё нақшаи он. Тартиб додани харитаи технологии маснуоти сохташуда. Лоиҳаи таблиғотӣ. Ҳисобкунии иқтисодӣ

**Салоҳиятҳо**:

- баъзе воситаи технологиро истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзуъҳои маҳдуд ғояи навро эҷод карда метавонад;
- доир ба баъзе касбҳо маълумот дода метавонад;
- хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- дар бораи дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак маълумот дода метавонад;
- қоидаҳои дурусти дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонакро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад;
- ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;
- эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
- ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро ба таври сода риоя карда, ҳисоби иқтисодии маснуотро муайян карда метавонад;
- бо маснуотҳои гуногун маҳсулот эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад;
- урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онҳоро баҳогузорӣ карда метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, раҳнамо барои омӯзгор, овезаҳои таълимӣ, маводҳои зарурӣ барои дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1.Ташкили дарс: Дар ин марҳила корҳои зерин ба роҳ монда мешавад: тайёр намудани маводи хониш; ҳозиру ғоиб намудан; омода намудани аҳли синф ба дарс.

2. **Такрори дарси гузашта:** Дарс аз гузоштани масъала оғоз карда мешавад. Бо саволҳо вобаста ба мавзуи гузашта ба хонандагон муроҷиат карда мешавад.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзуъ:** Суҳбат дар бораи дӯхтани чойникмонак ва чойникпӯшак. Омӯзгор ба хонандагон дар бораи ҳадафи истифода бурдани чойникпӯшак ва чойникмонак дар рӯзгор, нақши омӯзиши мероси бойи санъати ороишӣ-амалӣ, ҷиҳози ошхона, интихоби матоъ барои дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак, чойникпӯшак бо намуди гурбача, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ, тартиби дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак, таҷҳизоти зарурӣ барои дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак маълумот медиҳад.



*Расми 1.Намунаи чойнакпӯшакҳо*

Баъд аз интихоби намунаи шакли маснуоти дӯхташаванда накша ва тартиби дӯхтани маснуот муҳокима карда мешавад.

4.Истифодаи методи “Кластери сода”

Намуна: Технологияи дӯхтани чойникпӯшак




*Расми 2. Намунаи истифодаи методи «Кластери сода»*

**5.Истифодаи «Лоиҳаи эҷодӣ»:** Тартиби дӯхтани чойникпӯшак [14, с.148-151].

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ назорат карда шуда, аз тарафи хонандагон бояд риоя карда шавад.

Таҷҳизот: Барои дӯхтани чойнакпӯшаки «Гурбача» чунин қисмҳо бояд омода шавад: тана - 2 ҷузъ, астар - 2 ҷузъ, дум- 2 ҷузъ, дастак- 4 ҷузъ, гӯш- 2 ҷузъ, бинича- 1 ҷузъ ва қайчӣ, сарсӯзан, матоъ, бӯр, ченактасма, сӯзан, ришта, мошини дарздӯзӣ лозим аст.

**Қадамҳои иҷрои «Лоиҳаи эҷодӣ»:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани чойникмонак ва чойникпӯшак маводҳои зарурӣ омода карда шаванд.

2.Супориш дода мешавад, ки қолаби чойникмонак ва чойникпӯшакро тайёр кунанд.

3. Қолаб ба матоъ бо сӯзанчаҳо маҳкам карда шавад;

4. Хатти гирди қолабро бо қалам, бӯр ё собун гузаронида, қисмҳои тайёршуда бурида шаванд.

4. Қисмҳои чойникмонак ва чойникпӯшак бо методи сӯзан ба пеш дӯхта шаванд.

5. Қисмҳои чойникмонак ва чойникпӯшак, матоъҳои абраю астар аввал дастӣ баъд бо мошинаи дарздӯзӣ дӯхта мешаванд.

6.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки дурустии пайвасти қисмҳо аз назар гузаронида шавад.

7. Гирди чойникмонак ва чойникпӯшак бо чоки гирддавонӣ дӯхтан шавад.

8.Баъди чоки гирддавонӣ ба дохили он мувофиқи талабот пахта ё паралон гузошта шавад.

9.Баъди дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак мувофиқи табъи хонанда оро дода мешавад. Мисол: чин-чин, тӯрҳои ороишӣ.

10.Бо ҳамин пайдарпайӣ дастпӯшак барои даст гирифтани зарфҳои гарм ва ғайраро дӯхтан шавад.

11.Баъди дӯхта шудан сифати дӯхт ва ороиш аз назар гузаронида шавад.

12.Баъди пурра тайёр шудани чойникпӯшак ва чойникмонак асосноккунии маснуот ва ҳисоби иқтисодӣ бояд ҳисоб карда шавад.

13. сифати кори амалии иҷрошудаи хонандагон аз тарафи омӯзгор арзёбӣ карда мешавад.




**Расми 3.Раванди омода кардани чойникмонак «Гурбача»**

**Ҳисоби иқтисодӣ.** Матои интихобкардаи мо матои пахтагин мебошад. Ин ба матои наххои табиӣ дохил шуда, шустанаш осон мебошад. Матои пахтагин барои буридани маснуоти чойникпӯшак 1,40 см-ро мегирем.

Нархи 1 м матоъ 8 сомон барои чойникпӯшак 50 см кифоя мебошад.

1.$S_1$=50 см х8 сомон =4 сомонӣ; $S_1$=4 сомон;

2.$S_2$=1 м тасмаи ороишӣ 0,50 дирам; $S_2$=2 сомонӣ;

3.$S_3$=1 ғалтак =5 сомонӣ барои дӯхтани чойникпӯшак 60 м кифоя аст; $S_3$=4 сомонӣ

4.$S_4$=нархи пахта-1 кг =10 сомон; $S_4$=150 грамм х-1,50 дирам; $S_4$=1,50 дирам; $S_5$=ватин; $S_6$=матои пахтагин 1 метр, матои пахта 2 сомонӣ ба мо 25 см сарф шуд; $S_6$=25 смх2 сомонӣ =0,50 дирам; $S_6$=0,50 дирам

**Ҷадвали №1.Асосноккунии маснуот ва ҳисоби иқтисодӣ**

| № р/т | Номгӯйи маводи истифодашаванда | Нарх бо сомонӣ | Сарфи матоъ барои маснуот | Хароҷоти маснуот бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Матои пахтагин (асос) | 8 | 50 см | 4,00 |
| 2. | Тасмаи ороишӣ | 0,50 | 4 метр | 2,00 |
| 3. | Матои пахтагин (барои дохил) | 7,0 | 0,5 см | 3,5 |
| 4. | Ғалтак | 5 | 60 м | 4 |
| 5. | Пахта | 10 с. | 150 гр | 1,50 |

Чойникпӯшак бо мошинаи дарздӯзии дастӣ дӯхта, равшании табиӣ истифода бурда мешавад. Бинобар ҳамин, қувваи барқ ба ҳисоб гирифта нашудааст, нархи аслии чойникпӯшак:

$S=S_1+S_2+S_3+S_4+S_5+S_6$=4с+2с+3,50д+4с+1,50д=15 сомонӣ

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7. Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гардидани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин баҳогузорӣ карда метавонед (мувофиқи натиҷаи баҳогузории мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).

Ҳамин тариқ, дар охири иҷрои лоиҳаи эҷодӣ оид ба дӯхтани чойникпӯшак ба намуди гурбача маълум гардид, ки ҳангоми дар хона омода намудани он арзиши аслияш ба 15 сомонӣ баробар аст. Ҳол он ки чунин намуди чойникпӯшакҳо дар бозору мағозаҳо аз 50 сомонӣ боло нархгузорӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, қайд кардан мумкин аст, ки ҳар як хонанда дар раванди иҷрои лоиҳаи эҷодӣ бояд ягон намуди ҷиҳози зарурӣ барои рӯзгорро омода намояд. Ҳангоми омода намудани лоиҳаҳои эҷодӣ хонанда саравал ба корҳои ғайричашмдошт даст намезанад, зеро вақти зиёди холӣ надорад, дигар ин ки ба иқтисодиёти оилааш фоида меоварад, инчунин қобилияти эҷодиаш ташаккул ва инкишоф ёфта, ба эҷоди корҳои ороишӣ-амалӣ рӯй меоварад.

**Муқарриз: Азизов А.А.- профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов А.А. Барнома ва модули намунавии таълимии курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба муносибати салоҳиятмандӣ ба таълим [Текст]: /А.А.Азизов, М.Д.Рӯзиева, Ш.Ю.Азизов, М.Насимӣ, А.Риоев. -Душанбе: Маориф, 2017.-140 с.
2. Алиева, М.Н. Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият: дисс...докт. (PhD) 6D010700 [Текст]: /М.Н.Алиева. - Хуҷанд, 2019.-343 с.
3. **Ашурова Т.А.** Педагогические условия организации проектной деятельности будущего специалиста как средство формирования социальной компетентности: дис...канд. пед. наук: 13.00.01 [Текст]: /Т.А. Ашурова. -Душанбе, 2012. -176 с.
4. Бабанский Ю.К. Методы обучения в современной школе [Текст]: / Ю.К. Бабанский. – М.: Просвещение, 1985. -208 с.
5. Барномаи касбу ҳунар (барои синфҳои 5-11), [Текст]: /А.А.Азизов, С.Раҳимов, С.Исломов. – Душанб,.2003. -226 с.
6. Безруков В.С. Педагогика / В.С. Безруков. -Екатеринбург: Свердловского нж. -пед. ин-та,1993. -С. 89-212.

7. Голуб Г.Б. Метод проектов технология компетентностно ориентированного образования [Текст]: Методическое пособие для педагогов-руководителей проектов учащихся основной школы /Г.Б. Голуб, Е.А. Перелыгина, О.В. Чуракова. -Самара: Федоров, 2006. -176 с.
8. Зеер Э.Ф. Психология личносто- ориентированного профессионального образования. -Екатеринбург: Изд-во Уральскогогос. проф .-пед.ун-та, 2003. –С.72-122.
9. Луғати русӣ-тоҷикӣ [Текст]: /С.Д.Арзуманов, Х.А.Ахрорӣ, М.Бегбудӣ в.ғ. Зери таҳрири М.С.Осимӣ.-М.: Рус.яз., 1985.-1280 с.
10. Миралиев А.М. Педагогика ва психология. -Душанбе: Ирфон, 2007. -329с.
11. Неъматов Л.Х. Муносибати босалоҳият ба таълим дар зинаи ибтидоии таҳсил ва зарурати тағйири он /Л.Х.Неъматов, М.Н.Алиева, А.Н.Шамсиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар №-1/2 (74), Бохтар: ҶДММ «Матбаа», 2020.- С. 125-127
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26 январи соли 2021 http:jumhuriyat.tj
13. Рустамова, Р.А. Моҳияти мафҳуми салоҳияти дизайнерӣ ва унсурҳои сохтории он /Р.А.Рустамова, М.Н.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №-9. -Душанбе, 2020. -С. 297-301.
14. Рӯзиева М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 6-ум [Текст]: /М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ.- Душанбе: Маориф, 2017.-180 с.
15. Рӯзиева М.Д. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 6, нашри 2 [Текст]: /М.Д.Рӯзиева, К.Ҳ.Обидова, С.Исломов.- Душанбе: Маориф, 2016. -128 с.

## ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ БА ТАЪЛИМ

Усули лоиҳа дар технология (таълими мехнат) самти нав нест. Дар амалияи муосири мактаб технологияҳои гуногуни педагогӣ барои таъмини фаъолсозии қобилиятҳои эҷодии хонандагон истифода мешаванд. Дар соҳаи таълим технологияи дарс (таълими меҳнат технологияҳои омӯзиши эҷодӣ дар асоси лоиҳа ) самаранок арзёбӣ мегардад. Дар ҷараёни фаъолияти лоиҳавӣ хонандагон иқтидори эҷодии худро инкишоф дода, намунаҳои бунёдии технологияҳои муосирро меомӯзанд. Методи лоиҳаи эҷодӣ самаранок баҳогузорӣ шуда, иҷрои супоришҳои лоиҳавӣ ва иштирок дар лоиҳа ба хонандагон имкон медиҳад, ки манфиатҳои амалии омӯзиши технология (таълими меҳнат)-ро бубинанд ва шавқу рағбат ба ин фан, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар раванди азхудкунии донишҳо ва истифодаи бошууронаи онҳо зиёд мешавад ва дар ҳолатҳои гуногуни нутқи забони хориҷӣ ба баланд шудани салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён, ҳавасмандии баланди донишҷӯён мусоидат мекунад. Самаранокии кори лоиҳавӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки ҳангоми банақшагирии лоиҳа аз ҷониби омӯзгор бояд назорат карда шавад. Донистани хусусиятҳои асосии типологияи лоиҳа шарти зарурии татбиқи бомуваффақияти лоиҳа мебошад, ки маънои татбиқи фаъолияти пурсамари нутқи забони хориҷии хонандагонро дар раванди таълими технология (таълими меҳнат) дорад.

**Калидвожаҳо**: татбиқ, усули интерактивӣ, лоиҳа, лоиҳаи эҷодӣ, технология (омӯзиши меҳнат), равиши салоҳият.

## РЕАЛИЗАЦИЯ ТВОРЧЕСКОГО ПРОЕКТА В ПРОЦЕССЕ УРОКА ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОГО ОБУЧЕНИЯ) С УЧЕТОМ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ

Метод проектов не является новым направлением в технологии (трудового обучения). В современной школьной практике используются различные педагогические технологии, обеспечивающие активизацию творческих способностей учащихся. В образовательной области урок технология (трудовое обучение) наиболее продуктивными являются проектные творческие технологии обучения. В процессе проектной деятельности учащиеся развивают свой творческий потенциал и усваивают основополагающие закономерности построения современных технологий. Наиболее эффективным в образовательном смысле является метод «творческий проект». Выполнение проектных заданий и участие в проекте позволяет учащимся видеть практическую пользу от изучения технологии (трудовое обучение), следствием чего является повышение интереса к учебному предмету, исследовательской работе в процессе «добывания знаний» и их сознательного применения в различных иноязычных речевых ситуациях, а значит, способствует возрастанию коммуникативной компетенции учащихся, высокой мотивированности обучаемых. Результативность проектной работы зависит от множества факторов, которые должны отслеживаться учителем при планировании того или иного проекта. Знание основных особенностей типологии проекта является необходимым условием успешной реализации проекта, а значит, осуществление продуктивной иноязычной речевой деятельности учащихся в процессе обучения технологии (трудовое обучение).

**Ключевые слова:** реализация, интерактивный метод, проект, творческий проект, технология (трудового обучения), компетентностный подход.

**IMPLEMENTATION OF A CREATIVE PROJECT IN THE PROCESS OF A TECHNOLOGY LESSON (LABOR TRAINING), TAKING INTO ACCOUNT THE COMPETENCE-BASED APPROACH TO LEARNING**

The project method is not a new direction in technology (labor training). In modern school practice, various pedagogical technologies are used to ensure the activation of the creative abilities of students. In the educational field, lesson technology (labor training), the most productive are project-based creative learning technologies.In the process of project activities, students develop their creative potential and learn the fundamental patterns of building modern technologies. The most effective in the educational sense are the "creative project" method.The fulfillment of project tasks and participation in the project allows students to see the practical benefits of studying technology (labor training), which results in an increase in interest in the subject, research work in the process of “acquiring knowledge” and their conscious application in various foreign language speech situations, which means contributes to the increase in the communicative competence of students, high motivation of students. The effectiveness of project work depends on many factors that should be monitored by the teacher when planning a project. Knowledge of the main features of the typology of the project is a necessary condition for the successful implementation of the project, which means the implementation of productive foreign language speech activity of students in the process of teaching technology (labor training).

**Key words:** implementation, interactive method, project, creative project, technology (labor training), competency-based approach.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Алиева Мунзифахон Насимовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **m.alieva-92@mail.ru**.Телефон: **(+992) 92-980-74-36**.

***Шамсиева Азиза Набиҷоновна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи технология ва методикаи таълими он. . **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **(+992) 92-818-32-28.**

**Сведения об авторах:** ***Алиева Мунзифахон Насимовна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: m.**alieva-92@mail.ru**.Телефон: **(+992) 92-980-74-36.**

***Шамсиева Азиза Набичоновна*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.Телефон: **(+992) 92-818-32-28.**

**Information about authors:** ***Aliyeva Munzifakhon Nasimovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Associate Professor of the Department of Technology and Teaching Methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **m.alieva-92@mail.ru**. Phone: **(+992) 92-980-74-36.**

***Shamsieva Aziza Nabichonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Senior Lecturer of the Department of Technology and Teaching Methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.Phone: **(+992) 92-818-32-28.**

УДК:371.34.15

# ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТӢ-ГАНҶИНАИ МАДАНИЯТ ВА САНЪАТИ ҶАҲОНӢ

*Шарипова Ф.М.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.

Масъалаи интихоби дурусти касб ва ҳунаромӯзӣ дар меҳвари сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, мунтазам дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониву маърузаҳояшон бобати масоили мазкур ибрози назар менамоянд.

Аз ҷумла, Пешвои муаззами миллат, зимни суханронии хеш дар маросими ифтитоҳи мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор 22 сентябри соли 2015 чунин баён дошта буданд: “Бо мақсади назорати пайгирона ва мунтазами донишомӯзии наврасону ҷавонон бори дигар таъкид менамоям, ки падару модарон на дар давраи омодагӣ ба имтиҳоноти дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, балки аз овони хурдсолии фарзандонашон ба таълиму тарбияи онҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд, барои дуруст ба камол расонидани онҳо шароит фароҳам оваранд, асбобу ашёи таълимиашонро таъмин намоянд ва завқи онҳоро барои интихоби бошууронаи касб бедор кунанд”.

Ҳамзамон, зимни ироаи Паёми хеш 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми мардуми шарифи мамлакат мурочиат намуда, иброз доштанд, ки “ба раванди созандагии Ватан ҳар як шаҳрванди бонангу номус бояд саҳмгузор бошад ва ҳар фарди ҷомеа бояд касбу ҳунаре дошта бошад, ки бо истифода аз он зиндагии худро пеш барад” [15].

Дар соҳаи таълиму тадрис низ дигаргуниҳо, фикру мулоҳизаҳо, муносибатҳои нави педагогӣ пайдо шуданд. Имрӯз омӯзгор ва талабаи мо ба тарзи куллӣ тағйир ёфтаанд. Аз он шогирде, ки имрӯз тарбия карда мешавад ояндаи Ватани мо ва пешрафти он вобастагӣ дорад. Дар ин ҷода омӯзгорони мо кӯшишу ғайратҳои зиёде карда истодаанд. Барои ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан онҳо методҳои гуногуни таълимиро истифода мебаранд ва дар якҷоягӣ кӯшиши ҷорӣ намудани муносибатҳои нави таълимиро мекунанд.

Дар ҷараёни таълиму тарбия ва дар рафти аз худ намудани асосҳои илм ва дар баробари бой гардонидану васеъ шудани ҷаҳонбинӣ шавқу ҳаваси наврасон, пеш аз ҳама, ба соҳаи гуногуни илм, техника ва санъат ташаккул меёбад. Мактаби муосир истеҳсоли лоиҳаҳоро аз ашёи гуногуни табиӣ меомӯзад. Кор бо маводҳои табиӣ ба мо имкон медиҳад, ки шахси фаъолеро тарбия намоем, ки ба эҷодиёти бадеӣ ва хоҳиши кор кардан таваҷҷуҳ зоҳир кунад; ба мушоҳида, диққат ва тасаввуроти донишҷӯёнро фаъол сохтан кумак мерасонад, ҳисси шакл, дарки чашм ва рангро инкишоф медиҳад, малакаҳои хуби моторикаи дастҳоро инкишоф дода, инчунин ба ташаккули назари ҳамаҷониба ба ҷаҳони атроф ёрӣ медиҳад.

Талаботи ҷомеа ба навъи нави шахсият - эҷодкору фаъол ва озодандеш, бешубҳа, меафзояд. Аз ин рӯ, мактабҳое ҳастанд, ки омӯзиши амиқи мавзӯъҳои давраи бадеӣ ва завқи зебоипарастиро доранд, ки барои онҳо барномаҳои ҷолиб таҳия шудаанд, масалан, барномаи Т.Я. Шпикалова. Ин барнома дар як курси муттаҳидшуда чунин фанҳоро, ба монанди санъати тасвирӣ ва кори бадеӣ, санъати сухан ва сурудхонӣ (мусиқӣ)-ро муттаҳид мекунад. Аммо ин барнома барои

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз сабаби набудани соат барои ҳамаи корҳои дар барнома пешниҳодшуда мувофиқ нест. Ҳадафи асосии барномаи таълимии «Технология» омода сохтани хонандагон ба ҳаёти мустақили меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад [14, с.65].

Масъалаи тарбияи зебоипарастии насли наврас, ки дорои таърихи қадима аст, имрӯз ҳам зарурат ва муҳиммияти худро гум накардааст. Ин масъаларо мутафаккирони давраи қадим - Суқрот, Арасту, Афлотун ва дигарон низ баррасӣ намуд. Ҳанӯз аз давраҳои қадим асосҳои назариявии фаҳмиши бисёре аз навъҳои зебоипарастӣ ҷой доштанд, ки ба инкишофи санъат ва зебоипарастии онҳо таъсири хосса бахшидаанд ва олимони муосир имрӯзҳо ҳам аз он истифода мебаранд.

Дар Тоҷикистон педагогикаи ватании муосир дорои таҷрибаи бою ғанӣ дар самти тарбияи зебоипарастии хонандагон мебошад ва машғулиятҳои санъати ороишӣ-амалӣ ҳамчун яке аз равандҳои пешбарандаи санъат шинохта шудааст.

Бинобар ин, барои давом додани кори худ дар ин самт ва ҳалли душвориҳои мавҷуда чун ҳамеша истифода аз сарчашмаҳои маданияти халқӣ, анъанаҳои бадеиву зебоипарастӣ ба ташаккулёбӣ ва инкишофи шахсият (руҳӣ-ахлоқӣ, бадеӣ-зебоипарастӣ, меҳнатӣ ва ватанпарастӣ) таъсири мусбат мерасонад.

Ба сифатҳои пешбарандаи тарбияи зебоипарастии мутахассисони оянда, ба ақидаи Е.Ю Чудина, инҳо бояд таъсир расонанд:

-салоҳияти касбӣ ҳамчун шарти татбиқи муносибати зебоипарастӣ ба касби оянда;

- тафаккури таҳлилӣ, ҳамчун қобилияти таҳлили ғояҳо ва технологияҳои нави зебоипарастии соҳаи муайяни фаъолият;

- қобилиятҳои техникӣ ҳамчун қобилияти лоиҳасозӣ тибқи қонунҳои зебоӣ;

- ҷомеашиносӣ ҳамчун қобилияти амалӣ намудани вазифаҳои зебоипарастии муошират дар коллектив;

-самти зебоипарастии шахс ҳамчун ташаккули системаи манфиатҳо ва арзишҳои зебоипарастӣ;

- хислатҳои эҷодкорӣ ҳамчун қобилияти аз худ кардани услубҳо ва технологияҳои нав ва қобилияти бозомӯзӣ;

- мустақилияти касбӣ ҳамчун қобилияти мустақилона тавлиди ақидаҳо ва қабули қарорҳои касбӣ;

- тамоюли умумии фарҳангӣ ба соҳиби арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ [13, с. 20].

Истилоҳи тарбияи зебоипарстӣ бо мафҳуми эстетика (аз юнонӣ aistesis - эҳсос, эҳсос) алоқаманд буда, илми фалсафии зебоиро ифода мекунад. Моҳияти тарбияи зебоипарастӣ ташкили фаъолияти гуногуни бадеӣ ва зебоипарстии донишҷӯён мебошад, ки ба ташаккули қобилияти пурра дарк кардан ва дуруст дарк намудани зебоии онҳо дар санъат ва зиндагӣ, ташаккули афкор, мафҳум, завқ ва эътиқоди зебоипарастӣ равона карда шудааст. Инчунин, майлу истеъдоди эҷодӣ дар соҳаҳои санъат инкишоф дода мешавад [11, с. 214].

Тарбияи зебоипарастии шахс аз рӯзи таваллуд оғоз меёбад. Дар ташаккули он муҳите, ки кӯдак дар он тарбия меёбад, нақши муҳим дорад. Тарбияи зебоипарастиро дар ҳамаи давраҳои синнусолӣ, махсусан дар синни томактабӣ ва ибтидоӣ мақсаднок ба роҳ мондан муҳим аст. Тарбияи зебоипарастӣ ба донишҷӯён низ зарур аст. Тарбияи зебоипарастӣ ба ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта хизмат карда, ба худшиносии ахлоқӣ ва зеҳнии шахсияти донишҷӯ мусоидат мекунад. Дар раванди ташаккули муносибати зебоипарастӣ ба воқеият дар донишҷӯён шуури зебоипарастӣ ташаккул меёбад, ки ин имкон медиҳад, ки дараҷаи маданияти зебоипарастии шахс баҳо дода шавад.

Маданияти зебоипарастӣ ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи инкишоф ва тарбияи зебоипарастии донишҷӯ хизмат мекунад. Аслан, шахсро ба воситаи фарҳанги зебоипарастӣ ба эҷоди зебоӣ ва дарки худ даъват мекунанд. Дар мафҳуми маданияти

зебоипарастии шахс бояд дарачаи муайяни имконият, ғанӣ ва мақсаднок будани таҷрибаи эҳсосию ҳиссиётӣ ва лаззати маънавӣ, шодии инсон аз тамоми намудҳои фаъолияти ҳаётии ӯ дарк карда шавад [5, с. 312].

Имрӯз дар муассисаҳои таълимии олӣ масъалаи ташкили тарбияи зебоипарастии донишҷӯён ба миён меояд, бинобар ин вазифаҳои асосии муассисаҳои таълимии олӣ дар ташаккули муносибати зебоипарастии донишҷӯён ба воқеият аз инҳо иборат хоҳанд буд:

- ташаккули қобилияти дарк кардан, эҳсос кардан, дуруст дарк кардан ва баҳо додан ба зебоии воқеият ва бадеии атроф, ташаккули малакаи истифодаи воситаҳои санъат барои дарки ҳаёти одамон ва худи табиат;

- ташаккул додани дарки амиқ дар бораи зебоии табиат, қобилияти ҳифзи ин зебоӣ;

- бо дониш мусаллаҳ намудан, инчунин дар соҳаи санъат ҷорӣ намудани маҳорат ва малака;

- инкишоф додани қобилияти эҷодӣ, маҳорат ва малакаи донишҷӯён барои эҳсос кардан ва эҷод кардани зебоӣ дар ҳаёти атроф, дар синф, хона, дар ҳаёти рӯзмарра;

- инкишоф додани фаҳмиши зебоӣ дар муносибатҳои одамон, хоҳиш ва қобилияти ба ҳаёти ҳаррӯза ворид кардани зебоӣ.

Дар раванди таълим омӯзгор бояд ташаккули чунин шахсияти донишҷӯро таъмин намояд, ки сарвати маънавӣ, сифатҳои ҳақиқии зебоипарастӣ, покии ахлоқӣ ва неруи баланди зеҳниро дар бар гирад.

Воситаи тарбияи зебоипарастӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ метавонад ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳо бошад:

- боздид аз театр;
- экскурсияҳо ба музейҳо;
- сайругашт дар табиат;
- озмунҳои аксҳо, реклама;
- чорабиниҳои донишҷӯён;
- конференсияҳои илмию амалӣ;
-лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок оид ба муаммоҳои актуалии замони мо.

Бо арзёбии нақши тарбияи зебоипарастӣ дар ташаккули донишҷӯён, дар маҷмуъ метавон гуфт, ки он ба ташаккули нерӯи эҷодии онҳо мусоидат намуда, ба ташаккули хосиятҳои гуногун, ки ҷузъи маҷмуи эҷодии донишҷӯён мебошанд, таъсири гуногуни мусбат мерасонад. Тарбияи зебоипарастӣ дар тарбияи одами бомаърифат, маданиятнок ва ахлоқӣ нақши калон мебозад, муносибати маҷмуиро ба ташаккули шахсият таъмин менамояд ва ин дар муносибати ӯ ба одамон, ба меҳнат, ба санъат ва умуман ба ҳаёт зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, тарбияи зебоипарастӣ таъсири мақсаднок ва мунтазам ба инсон бо мақсади инкишофи зебоипарастии ӯ мебошад, яъне ташаккули шахсияти фаъоли эҷодкор, ки қобилияти дарк ва баҳо додан ба зебоии табиат, меҳнат, муносибатҳои иҷтимоиро дорад.

Д.С. Лихачёв дар китоби худ «Назарияи тарбияи зебоипарастии мактаббачагон» ба таърифи К.Маркс такя карда, чунин иброз доштааст: «Тарбияи зебоипарастӣ раванди мақсадноки ташаккули шахсияти фаъоли эҷодкор мебошад, ки вай қодир аст дарк ва баҳодиҳии зебоӣ, фоҷиавӣ, мазҳакавӣ, зишт дар ҳаёт ва санъат, «мувофиқи қонунҳои зебоӣ» зиндагӣ ва эҷод кунад". Муаллиф нақши пешбарандаи таъсири мақсадноки педагогиро дар инкишофи зебоипарастии шахс таъкид кардааст. Масалан, ташаккули муносибати зебоипарастии донишҷӯ ба воқеият ва санъат, инкишофи хиради ӯ ҳамчун раванди беназорат имконпазир аст. Алоқа бо ҳодисаҳои зебоипарастии ҳаёт ва санъат донишҷӯ ин ё он тарз, аз ҷиҳати зебоипарастӣ инкишоф меёбад. Аммо дар айни замон, донишҷӯ моҳияти зебоипарастии предметҳоро дарк намекунад ва инкишоф аксар вақт аз шавқу завқи дилхушӣ ба

амал меояд, ғайр аз ин, бе дахолати беруна дар донишҷӯ тасаввуроти тахрибшуда дар бораи ҳаёт, арзишҳо, идеалҳо пайдо мешавад.

Д.С. Лихачёв, инчунин бисёр педагогҳо ва равоншиносони дигар чунин мешуморанд, ки танҳо таъсири мақсадноки педагогӣ ва тарбиявӣ, ҷалби донишҷӯён ба фаъолиятҳои гуногуни эҷодии бадеӣ метавонад доираи эҳсосии онҳоро инкишоф диҳад, дарки амиқи падидаҳои зебоипарастиро таъмин намояд, онҳоро ба дарки санъати ҳақиқӣ, зебоӣ тарбия намояд [8, с. 9].

Ба гуфтаи К.Ю. Бабанский: "Зебоипарастӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои предметҳои олами атроф ба таври объективӣ баҳо дода шаванд" [2, с. 558].

Н.И.Кияшенко чунин мешуморад, ки "ҷузъи таркибии қобилияти умумии зебоипарастӣ, аз ҷумла эҳсоси эстетикӣ, назарҳо, таҷрибаи зебоипарастӣ ва лаззат мебошад" [5, с. 303].

Ю.Б.Борев чунин мешуморад, ки: "забони зебоипарастӣ системаи афзалият ва самтҳои эстетикӣ мебошад, ки ба фарҳанги фард ва ба коркарди эҷодии таассуроти эстетикӣ асос ёфтааст" [3, с.496].

Аз нуқтаи назари Л.Н.Коган: "забони зебоипарастӣ системаи устувори баҳодиҳии аҳамияти эстетикии ҳодисаҳои олами атроф мувофиқи ақидаҳои зебоипарастӣ, ҳиссиёт ва идеали инсон мебошад" [6, с. 212].

А.В.Сардже тарбияи зебоипарастро чунин таъриф мекунад: "Қобилияти муносибати интихобӣ ва баҳодиҳӣ ба ашёи эстетикӣ, қобилияти фарқ кардани зебо аз зишт дар асоси донистани амиқи қонунҳои эстетика"[12, с. 20].

Тарбияи зебоипарастӣ дар ҳамаи давраҳои инкишофи синнусолии шахс ба амал бароварда мешавад. Ҳар қадаре ки шахс ба доираи таъсири мақсадноки зебоипарастӣ ворид шавад, ҳамон қадар сабаб барои умед ба самаранокии он зиёд мешавад. Кӯдак аз хурдсолӣ тавассути фаъолиятҳои бозӣ ба дониши олами атрофаш пайваста, ба воситаи тақлид унсурҳои фарҳанги амал ва муоширот бо одамонро аз худ мекунад. Бозӣ роҳи ибтидоӣ ва хеле пурмаҳсули бедории неруҳои эҷодӣ, инкишоф додани тасаввуроти кӯдак ва таассуроти аввалини зебоипарастӣ мебошад. Таҷрибае, ки тавассути муошират ва фаъолият ҳосил шудааст, дар кӯдакони синни томактабӣ муносибати ибтидоии зебоипарастиро ба воқеият ва санъат ташаккул медиҳад.

Б.М.Неменский барои он ки ин низом ба донишҷӯ бештар таъсир расонад ва ба мақсадаш ноил шавад, хусусиятҳои зерини онро ҷудо кардааст: "Низоми тарбияи зебоипарастӣ бояд, пеш аз ҳама, ягона бошад, ҳамаи фанҳо, ҳамаи чорабиниҳои беруназсинфӣ, таълимро муттаҳид созад. Тамоми ҳаёти ҷамъиятии донишҷӯ, ки дар он ҳар як фан, ҳар як намуди машғулият дар ташаккули маданияти зебоипарастӣ ва шахсияти донишҷӯ вазифаи мушаххаси худро дорад" [10, с. 312]. Аммо ҳар як низом як асос, пояе дорад, ки ба он такя мекунад. Мо метавонем санъатро дар низоми тарбияи зебоипарастӣ: мусиқӣ, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, рақс, кино, театр ва дигар навъҳои эҷодиёти бадеӣ ҳамчун асос ҳисоб кунем.

Категорияи дигари тарбияи зебоипарастӣ тарбияи маҷмуи иҷтимоию ипсихологӣ - завқи зебоипарастӣ мебошад. А.К. Дремов чунин қайд намудааст: "Таъсири зебоипарастӣ - ин қобилияти бевосита, бо таассурот, бе таҳлили зиёд ҳис кардан, фарқ кардани хислатҳои ҳақиқатан зебо, зебоии ҳақиқии ҳодисаҳои табиат, ҳаёти ҷамъиятӣ ва санъат мебошад"[4, с. 312].

Тамоми низоми тарбияи зебоипарастӣ ба инкишофи ҳаматарафаи донишҷӯ, чи аз ҷиҳати зебоипарастӣ ва чи аз ҷиҳати маънавӣ, ахлоқӣ ва интеллектуалӣ, нигаронида шудааст. Ин бо роҳи ҳалли вазифаҳои зерин ба даст меояд: азхудкунии дониши фарҳанги бадеӣ ва зебоипарастии донишҷӯ, ташаккул додани қобилияти эҷодиёти бадеӣ ва зебоипарастӣ ва ташаккули сифатҳои зебоипарастии шахс, ки бо дарки зебоипарастӣ, эҳсосот, қадршиносӣ, завқ ва дигар категорияҳои психологии тарбияи зебоипарастӣ ба амал оварда мешавад.

Тарбияи зебоипарастии шахс аз қадамҳои аввалини одами хурдсол, аз гуфтор ва рафтори аввалини ӯ ба вуҷуд меояд.

Тарбияи зебоипарастӣ ба маънои васеъ ҳамчун ташаккули мақсадноки муносибати зебоипарастӣ ба воқеият дар шахс фаҳмида мешавад. Ин як намуди мушаххаси фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнокест, ки аз ҷониби субъект (ҷомеа ва муассисаҳои махсуси он) нисбат ба объект (шахс, шахсият, гурӯҳ, коллектив, ҷомеа) бо мақсади ташаккул додани низоми арзишҳои зебоипарастӣ ва бадеӣ амалӣ карда мепшавад. Дар ин асос қобилияти дарки зебоӣ, завқи зебоипарастии ӯ ташаккул ва инкишоф меёбад.

Ҳамин тавр, қайд кардан зарур аст, ки тамоми низоми тарбияи зебоипарастӣ ба инкишофи ҳаматарафаи донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ нигаронида шудааст.

**Муқарриз: Азизов А.А.- профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**


**АДАБИЁТ**

1. Азизов А.А. Эстетическое воспитание специальности “Дизайни швейных изделий” / А.А.Азизов, М.М.Таирова // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2018. - №8. -С. 247-251 ISSN 2074-1847.
2. Бабанский Ю.К. Избранные педагогические труды / Ю.К. Бабанский. -М., 1989. – 558 с.
3. Борев Ю.Б. Эстетика / Ю.Б.Борев. -М.: Политиздат, 1988. - 496 с.
4. Дремов А.К. В современном мире проблема *эстетического* воспитания, развития личности, становления ее *эстетической культуры*-одна из главных задач: дисс… д-ра пед. наук / А.К. Дремов. –М.: 2007.-366с.
5. Киященко Н.И. Эстетическая культура и эстетическое воспитание / Н.И.Киященко, Н.Л. Лейзеров, М.С. Каган М., 1983. – 303 с.
6. Коган Л.Н. Социология культуры: Учеб. пособие / Л. Н. Коган. — Екатеринбург: Урал. ун-та, 1992. - 212 с.
7. Куренкова Р.А. Эстетика: Учеб. для студ. высш. учеб. Заведений / Р.А. Куренкова. - М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС, 2003. - 368 с.
8. Лихачёв Д.С. Воспоминания . -2-е изд. Учебное пособие / Д.С.Лихачёв. - СПб. : LOGOS, 1997. - 608с.
9. Маркс К. Большая советская энциклопедия [в 30 т.] / под ред / К. Маркс. -М.: Советская энциклопедия, 1969.
10. Неменский Б.М. Познание искусством. Учебник / Б.М. Неменский. - М.: Изд-во УРАО, 2000.
11. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка: 80000 слов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. Российская академия наук. Институт русского языка им. В.В. Виноградова. - 4-е изд., дополненное. - М.: Азбуковник, 1999. - 944 с.
12. Сарже А.В. Становление эстетического вкуса в трудовой подготовке учениц 5-8 классов современной школы: автореф. дисс... канд. пед. наук / А.В. Сарже. – СПб., 1997.
13. Чудина Е.Ю. Эстетическое воспитание будущих инженеров строителей в высших технических учебных заведениях: автореф. дисс... канд. пенд. наук: 13.00.08 / Е.Ю.Чудина. –Донецк, 2016. -29с.
14. Шпикалова Т.Я. Технология. Художественный труд. 3 класс Методическое пособее / Т.Я. Шпикалова. - М.: Просвещение, 2007. - 96 с.
15. Эмомали Рахмон. Послание от 22 декабря 2017 года.


## ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТӢ-ГАНҶИНАИ МАДАНИЯТ ВА САНЪАТИ ҶАҲОНӢ


Дар назди аҳли маориф як қатор вазифаҳои мушаххас гузошта шудаанд, аз ҷумла тарбияи зебоипарастии донишҷӯён, ташаккули худшиносию худогоҳии онҳо, ҳар чӣ бештар фаро гирифтани донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои дақиқу бунёдӣ, густариш бахшидани завқи зебоипарастӣ, ихтироъкорӣ, эҷодкорӣ дар вуҷуди донишҷӯён. Камолоти воқеии ҳар як фард танҳо тавассути тарбияи матлуб таъмин гардида, ҷавҳари ҳақиқии одамияту самимиятро дар вуҷуди вай таҷаллӣ мекунад. Аз ин ҷиҳат баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои эҷодӣ, зебоипарастӣ аз ҷумлаи вазифаҳои ҷонии омӯзгорони оянда ба шумор меравад. Масъалаи тарбияи зебоипарастии донишҷӯён, ки дорои таърихи қадима аст, имрӯз ҳам зарурат ва муҳиммияти худро гум накардааст. Бинобар ин, барои давом додани кори худ дар ин самт ва ҳалли душвориҳои мавҷуда чун ҳамеша истифода аз сарчашмаҳои фарҳанги миллӣ, анъанаҳои бадеиву зебоипарастӣ ба ташаккулёбӣ ва инкишофи шахсият таъсири мусбат мерасонад. Аз ин лиҳоз, донишгоҳҳое, ки мутахассисонро барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тайёр менамоянд, бояд доимо дар пайи ҷустуҷӯйи шаклу восита, усулҳои таърихӣ ва нави омодасозии таълиму тарбияи донишҷӯён - омӯзгорони оянда бошанд.



**Калидвожаҳо:** тарбияи зебоипарастӣ, шахсият, эҳсосот, завқ, санъат, тарбияи ахлоқӣ, қобилият, қобилияти эҷодӣ, фарҳанг, таълим.

**ВОСПИТАНИЕ КРАСОТЫ – СОКРОВИЩЕ МИРОВОЙ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВА**

Перед педагогами поставлен ряд конкретных задач по повышению уровня любви студентов к прекрасному, развитию у них самосознания и творчества, все большему вовлечению студентов в изучение точных и фундаментальных наук, развитию вкуса, красоты, изобретательности и творчества студентов. Настоящее совершенство каждого человека обеспечивается только правильным воспитанием, и в его существе заложена истинная сущность человечности и искренности. С этой точки зрения повышение уровня и качества творчества, красоты является одной из жизненно важных обязанностей наших будущих учителей. Проблема воспитания идеалов красоты у студенческой молодежи, имеющая давнюю историю, не утратила своей необходимости и важности и сегодня.Поэтому для продолжения работы в этом направлении и решения имеющихся трудностей, как всегда, необходимо использование источников народной культуры, художественно-эстетических традиций, что положительно сказывается на формировании и развитии личности (духовно-нравственном, художественно- эстетическом, трудовом и патриотическом). С этой точки зрения вузы, готовящие специалистов для учреждений общего среднего образования всегда должны находиться в поиске форм и средств, исторических и новых методов обучения и воспитания студентов - будущих учителей.

**Ключевые слова:** эстетическое воспитание, личность, эмоции, вкус, искусство, нравственное воспитание, способность, творческие способности, культура, образование

**THE EDUCATION OF BEAUTY IS A TREASURE OF WORLD CULTURE AND ART**

A number of specific tasks have been set for teachers to increase the level of student love for beauty, develop their self-awareness and creativity, increasingly involve students in the study of exact and fundamental sciences, develop taste, beauty, ingenuity and creativity among students. The real perfection of each person is ensured only by correct education, and the true essence of humanity and sincerity shines in his being. From this point of view, raising the level and quality of creativity and beauty is one of the vital duties of our future teachers.The problem of educating the beauty of student youth, which has a long history, has not lost its necessity and importance today.Therefore, in order to continue work in this direction and solve existing difficulties, as always, the use of sources of folk culture, artistic and aesthetic traditions has a positive effect on the formation and development of the individual (spiritual and moral, artistic and aesthetic, labor and patriotic).From this point of view, universities that train specialists for institutions of general secondary education should always be in search of forms and means, historical and new methods of teaching and educating students - future teachers.

**Key words:** aesthetic education, personality, emotions, taste, art, moral education, ability, creativity, culture, education

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипова Фарангис Мирзосултоновна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докоранти Ph.D. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторе:** ***Шарипова Фарангис Мирзосултоновна*** - Худжанский государственного университета имени академика Б. Гафурова, докторант Ph.D. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the author:** ***Farangis Mirzosultonovna Sharipova*** **-** Khujand State University named after Academician B.Gafurov, Associate Professor Ph.D. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

**УДК:37.15.1**

# ТАВСИФИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОӢ

***Юнусова Н. М., Неъматов Р.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Имрӯзҳо дар ҷамъияти муосири тоҷикистонӣ вазъияте ба вуҷуд омадааст, ки онро ҳамчун ҳолати холигии ғоявӣ- ҷаҳонбинӣ арзёбӣ кардан мумкин аст - вақте навъе арзишҳои иҷтимоӣ ва идеалҳо ба гузашта тааллуқмандӣ пайдо кардаанду арзишу идеалҳои дигаре ҳанӯз ташаккул наёфтаанд. Дар вазъияти бавуҷудомада омӯзиши дигаргуниҳои дар шуури ҷавонони имрӯза рухдиҳанда муҳиммият ва мубрамияти бештар касб кардааст. Мафҳуми "ҷавонон" ба гардиши ҳаётӣ дар радифи категорияҳое, аз қабили "тамаддун", "демократия", фарҳанг" бидуни ихтиёр ворид гардид ва ҳамоно ба таври абадӣ ба ба рамз ва сарчашмаи ҳаёт, дигаргуниҳои тамаддунӣ ва некбинии иҷтимоӣ табдил ёфт [15, с. 117].

Таҳқиқи мафҳуми мазкур тавсифи мушаххаси худи истилоҳ - "ҷавонон", инчунин, вазъиятеро, ки дар он насли наврас зиндагӣ дорад, тақозо менамояд.

Қайд кардан мумкин аст, ки ба тафсиру шарҳи таъбири мазкур, муайян намудани меъёрҳои ба гурӯҳи мустақил ҷудо кардани он, инчунин, сарҳадҳои синнусолии он аз мавқеи педагогика, сотсиология, равоншиносӣ, физиология, фалсафа, демография ва дигар илмҳои гуманитарӣ муҳаққиқон ба таври гуногун иқдом кардаанд.

Ҷавонони Тоҷикистон ҷузъи насли Y ҳисобида мешаванд, яъне касоне, ки солҳои 1981-1999 таваллуд шудаанд ва дар муҳити тағйирёбандаи доимии ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, геосиёсӣ ва технологӣ ба воя мерасанд. Ғайр аз ин, ҷавонони тоҷик – ин насли давраи пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравианд, насли давраи ҷангӣ ва баъдиҷангӣ, ки ҷангро дидаасту ҳамроҳ бо волидайни худ хоҷагӣ барпо намудааст ва дар бунёди давлати соҳибистиқлол саҳм гузоштааст.

Коркарди илмии масъалаи ҷавонон аз асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ: К. Маннгейм, У. Миллер, В. Райх, С. Холл, С. Эйзенштадт, Э. Эриксон ва дигарон ибтидо мегирад.

Асоси сотсиологияи ҷавонон ҳамчун соҳаи илми сотсиологии шуравӣ ва минбаъд русиягӣ бо кӯшишҳои Л. Я. Рубинина, М. Н. Руткевич, Ф. Р. Филиппов, В. Н. Шубкин ва дигарон бунёд карда шуда буд.

Омӯзиши муаммои ҷавонон дар асарҳои муҳаққиқони рус Ю. А. Зубок, В. И. Чупров инкишоф ёфт, ки онҳо ба мавзуи рушди иҷтимоии ҷавонон дар ҷамъияти хатарнок бахшида шудаанд.

Бо масъалаи таъсири байниҳамдигарии ҷавонон ва маориф Д.Л. Константиновский машғул мебошад [5].

Ба маънои фарох таърифҳои зерини гуногуни ҷавонон бартарӣ доранд, ки баъзе аз онҳоро мо мавриди омӯзишу таҳлил қарор додем.

Аз ҷониби олими шуравӣ В. Т. Лисовский соли 1968 яке аз нахустин тавсифоти мафҳуми мазкур ба таври зерин пешниҳод гардида буд: "Ҷавонон он насли одамоне маҳсуб мешаванд, ки давраи иҷтимоишавии муқарраршударо аз сар гузаронида, дар синну соли нисбатан баркамол аллакай вазифаҳои маълумотнокӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва заруроти дигари иҷтимоиро аз худ кардаанд; вобаста аз шароитҳои мушаххаси таърихӣ меъёрҳои синнусолии ҷавонон аз 16 то 30 сол аст" [6, с. 32].

Дертар тавсифи нисбатан пурратари ин мафҳумро мо дар таҳқиқоти дигар олими шуравӣ И. С. Кон дучор мешавем, ки ба ин тариқа аст: "Ҷавонон гурӯҳи иҷтимоӣ- демографие мебошанд, ки дар асоси пайвастагии хислатҳои синнусолӣ ва хусуситяҳои вазъияти иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Ҷавонӣ ҳамчун фосила - айёми муайяни давраи ҳаётӣ аз ҷиҳати биологӣ универсалӣ аст, аммо, чаҳорчӯбаҳои мушаххаси синнусолии он, мақоми иҷтимоии бо он алоқаманд ва махсусияти

иҷтимоию психологӣ табиати иҷтимоӣ- таърихӣ дорад ва аз сохти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоишавии ба ҷамъияти мазкур хосбуда вобаста мебошад" [4].

Дар китоби "Ҷавонон ва сиёсати ҷавонон", ки ба қалами доктори илмҳои фалсафа И. М. Илинский тааллуқ дорад, масъалаҳои хеле муҳим ҳаматарафа матраҳ карда шудаанд. Мавсуф таъкид менамояд, фурсат расидааст, ки дар бобати кашфи комилан нави ҷавонон ошкоро сухан ронда, ба онҳо "чун ба давраи муҳимтарин ва қиматтарини ҳаёти инсонӣ" назар намоем, ки "дар он насли ҷавон бештар аз ҳамаи давраҳои пешина барои олами нав боз аст, пойбанди куҳна нест, барои худсобиткунӣ ва худамалисозӣ фаъолона ҷидду ҷаҳд менамояд. Ин сифатҳоро ба таври фавқулода қадр кардан зарур аст, ин чунин маънӣ дорад, ки ҷавонон боигарианд ва ин боигарии иҷтимоии ба худ хосе аст" [3, с. 75].

Таҳти истилоҳи "ҷавонон" инчунин, мақоми иҷтимоие фаҳмида мешавад, ки тавассути синну сол муайян карда мешавад, чунки он бевосита бо намудҳои асосии фаъолияти насли ҷавон (таҳсил, кор, машғулияти дуюм), бо сохторҳои нақшии шахсият, ҳамчунин, бо тасаввурот ва тақлиду пайравӣ, ки дар ҷамъият нисбат ба намояндагони насли наврас ба вуҷуд омадааст, пайванди ногусастанӣ касб кардааст.

Ҷанбаи фарҳангии мафҳуми "ҷавонон" ба аҳамияти зерфарҳанги ҷавонӣ таъкид менамояд ва баробари ин, шакли махсуси созмони насли ҷавон қайд карда мешавад, ки он услуби ҳаёт ва тафаккури ҷавононро муайян месозад, ки бо арзишҳои хосса ва намунаҳои рафтор аз дигарон фарқ мекунанд [14, с. 274].

Дар таҳқиқоти олими рус Ю. А. Зубок моҳияти иҷтимоии ҷавонон аз нуқтаи назари нақш ва мақоми он дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ошкор карда мешавад [2].

Мафҳуми "ҷавонон" одатан дар афкори мо бо мафҳуми "тарбия" тавъам аст. Илова бар ин, ҷавонон на танҳо объекти тарбия, балки гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ, фарҳангӣ ва психологии дорои бисёр масъалаҳои махсуси худ низ ҳаст. Инчунин, зери мафҳумҳои "иҷтимоиёт" ва "тарбия" муносибатҳои тарбиятгар ва тарбиягиранда: тарбиятгар ҳамчун субъект ва ё ҷосус, тарбиягиранда чун объект ва донори мутобиқ ба таъсир, ахборот ва ғайра фаҳмида мешавад.

Мафҳуми ҷавононро дар маънои нисбатан маҳдудтар ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ-демографие, ки дар асоси хусусиятҳои иҷтимоӣ вазъияти наслҳои ҷавон, ҷой ва вазифаҳои онҳо дар сохтори иҷтимоии ҷамъият, манфиатҳо ва арзишҳои хоссае шарҳ додан мумкин аст, ки ҳамагӣ бо талабот ва шартҳои синнусолӣ имконпазир хоҳанд буд. Бархе олимон бар он назаранд, ки чаҳорчӯбаҳои синнусолии давраҳои ҷавонӣ шартӣ мебошанд ва онҳоро дар фосилаи аз 13- 14- солагӣ то 29- 30-солагӣ муқаррар кардан ҷоиз аст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", ҷавонон гурӯҳҳои синнусолии 14-30-ро дар бар мегиранд. Дар асоси маълумотҳои оморӣ, синни миёнаи ҷавонони Тоҷикистон 24,7-соларо ташкил медиҳад. "Ҷавонон 70%-и аҳолии ҷумҳуририро ташкил медиҳанд – ин қувваи бузургест, ки ҳангоми дуруст истифодабарӣ, он метавонад воситаи асосии рушди ҷамъият гардад ва ё баръакс, қувваи ҷавононро ба маҷрои вайронкорӣ равона намуд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ ҳайати демографии кишвар ҳарсола ба 2,5%- 1,6 маротиба зиёд мегардад, яъне аз 5,5 млн ба 8 млн 700 ҳазор расидааст, ки аз он 5 млн (70%-и аҳолӣ)-ро синни то 30-сола ташкил медиҳанд. Шаҳрванди миёнаоморӣ дар ҷамъияти тоҷикистонӣ дар синни 24-сола қарор дорад, тақрибан 2,8 млн (35,5% аҳолӣ) синни то 15-сола ва 3,1 млн (38% аҳолӣ) синни аз 14 то 30-солаанд.

Имрӯз дар кишвар зиёда аз 400 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ амал мекунанд, аз ҷумла: 63 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 78 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 41 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ. Дар муассисаҳои мазкур 361149 нафар ҷавонон таҳсил мегиранд, ки аз он 208786 писарон ва 152363 нафарро духтарон ташкил медиҳанд.

Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоию демографӣ ҳамеша дар раванди рушду камолот қарор доранд; ба онҳо бемайлон ташаккул бахшидани арзишҳои нав ва ориентирҳои ҷадиди арзишӣ хос буда, таъкид кардан зарур меояд, ки ин гуна

табиати шӯрангез дар давраи муайяни мушаххаси таърихии инкишофи ҷамъият идома меёбаду халос, ки онро айёми ҷавонӣ - даврони гулшукуфии умри инсон арзёбӣ мекунанд [9, с. 31-40].

Ба андешаи Романенко Н. М., ҷавонон гурӯҳи иҷтимоӣ- синнусолие мебошанд, ки дар раванди камолоти касбию иҷтимоӣ қарор гирифтаанд. Вобаста ба шароитҳои касбӣ, иҷтимоӣ, минтақавӣ ва миллӣ сарҳадҳои шартии синнусолии ҷавононро ба андозаи назаррас аз ҳамдигар фарқ кардан мумкин аст. Шартан ба ҳайси сарҳади поёнӣ 15- 18- солагӣ, давраи ба итмом расидани таҳсил дар мактабҳои миёна ва ба сифати сарҳади болоӣ 30-солагӣ- давраи сохтори иҷтимоию касбии ҷамъият ба пуррагӣ пайваст шудани насли ҷавонро пазируфтан қобили қабул мебошад [13, с. 164].

Ҷавонон хориқа- муъҷизаи гаронбаҳои иҷтимоӣ, таркиби ҳаққонӣ зарурии сохтори босуботи ҷамъиятӣ маҳсуб мешаванд. Насли ҷавон рӯй ба фардо,ояндаи дурахшон ниҳодааст ва дар айни замон, ба дӯши худ мероси наслҳои калонро гирифтааст, имрӯз бо тақозои сарнавишт дар шароитҳои барқароршавии ҷамъияти шаҳрвандӣ ва иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ва камол ёфтанаш рост омадааст. Ҷавонон дорои имконоти зиёд ва навоварона мебошанд, ки онҳо дар шароитҳои муайяне ва бо таъсири неруҳои сиёсӣ ҳам бо шоҳроҳи созандагию бунёдкорӣ ва ҳам ҷодаҳои номатлуб қадам заданашон имконпазир хоҳад буд.

Дарки қонунияти рушди ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ бевосита бо муайян намудани нақш ва мақоми шоистаи онҳо дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ иртиботи қавӣ дорад, зеро насли ҷавон худ субъекти ҳамин раванди такрористеҳсол ба шумор меравад. Дар натиҷаи иваз гардидани наслҳо такрористеҳсоли сода ва ё фароху доманадори сохтори иҷтимоӣ ба амал оварда мешавад, ки дар раванди он моҳияти иҷтимоии худи ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ошкор гардида, вазифаҳои асосии иҷтимоии онҳо муқаррар карда мешаванд.

Дар сохтор ва паҳнои синнусолии ин гурӯҳ тибқи меъёрҳои сотсиологӣ якчанд зергурӯҳи иҷтимоӣ-демографие ҷудо карда мешаванд, ки онҳо бо дараҷаи фаъолнокии иҷтимоӣ, талаботу супоришоти иҷтимоӣ, нақшаҳои ҳаётӣ ва имконоти амалишавии онҳо муайян карда мешаванд [12].

Ҷавонони муосири тоҷикистонӣ ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ аз ҷихати ҳайат якранг нестанд. Дар сохтори ҷавонон мақоми алоҳидаеро донишҷӯён ишғол менамоянд, ки фаъолияти онҳо дар фазои таҳсилотӣ сипарӣ мешавад.

Фарқияти мактаби олӣ (аввалан донишгоҳ) аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо дар мӯҳлати таҳсил аст, инчунин ҳалли масъалаҳои муҳим: имкониятҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи сифатҳои зарурии мушаххаси шахсият, аз ҷумла қобилияти тасаввурот, маҳорати оламро зебо дидан ва шунидан, ташаккули маҷмуаи гуногунҷанбаи сифатҳои ахлоқиро низ таъмин менамояд.

Донишҷӯён – гурӯҳи мушаххаси ҷамъиятии ҷавонон аст, ки тағйиротҳои гуногун дар ахлоқ, образ ва дастурҳои ҷавононро нишон медиҳад. Инчунин, ногузирии табодул ва таҳаввулоти аслии одатҳои шуури ҷавонон ва рафтор дар раванди тағйироти ҷамъияти муосири тоҷикистонӣ.

Дар, насли ҷавон маълумот ба даст оварда ва дар муассисаҳои таълимии мухталиф таҳсил намуда, соҳиби шаҳодатнома (диплом)-и дараҷаҳои гуногун мегардад. Вобаста ба ин, Д. Константиновский қайд менамояд, ки «дар ин ҷо тафриқаи калони дар ҷамъият пайдошуда инъикос мегардад», яъне «шаҳодатномаҳои гуногун (диплом) - сарнавиштҳои гуногунанд».

Имкониятҳои ба мактаби олӣ дохил шудани ҷавонон вобаста аз дараҷаи таҳсил дар мактаби миёна, вазъи моддӣ, ҷойи истиқомат, ҳолати саломатӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва маълумотнокии волидайн тақсим карда мешаванд. Вале ҷанбаи муҳимми дохилшавии ҷавонон ба мактаби олӣ дар Тоҷикистон ба масъалаҳои гендерӣ низ алоқаманд аст, яъне дар ҳайати донишҷӯён кам ба назар расидани теъдоди ҷавондухтарон. Бо мақсади ҳалли масъалаи мазкур тибқи фармоиши Президенти кишвар оғоз аз соли 2001 лоиҳаи «Квотаи президентӣ» барои духатрон аз

минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ амал мекунад, ки дар дохил шудани духтарон аз ҳисоби давлат ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ кумак мерасонад.

Донишҷӯёни тоҷикистонӣ захираи бузурги маънавӣ ва зеҳнии ҷамъияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор мераванд. Ба шарофати маълумоти академикие, ки сарчашмаи донишҳои бунёдӣ мебошад, тамоми хотираи фарҳангии мардуми кишвар абадӣ маҳфуз дошта мешавад. Дар раванди иҷтимоишавии насли ҷавони мамлакат солҳои донишҷӯйӣ давраи муҳим хоҳад буд, ки бо бемайлон ва пайгирона афзун гардидани фаъолнокии иҷтимоӣ, тариқи танқидӣ азхудкунӣ ва ҳазм намудани таҷрибаи наслҳои пешина ва бознигарии арзишҳо идома меёбад.

Донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи мустақил, дар як қатор навиштаҳои сотсиологҳо, аз қабили Б. Насурова, Ш. Шоисматуллоев Ш., Е. Б. Палховская, А. И. Запесотский, А. А. Козлов, Ю.С. Колесников, И. С. Кон, Т. Э. Петрова, Б. Г. Рубин, А. Н. Семашко, Е. Г. Слутский ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Ҷавонони донишҷӯ зина ва ё гурӯҳи махсуси аҳолӣ буда, бо сохтори муайяни ҷинсию синннусолӣ, вазъияти махсуси ҷамъиятӣ, нақш ва мақоми алоҳида тавсиф карда мешаванд; онҳо вазифаҳои махсуси хешро дар ҷамъият доро мебошанд, бо ягон гурӯҳи дигари иҷтимоӣ- демографӣ иваз карда намешаванд ва ҷойи онҳоро пур кардан мутлақо ғайриимкон аст. Маҳз ин давраи синнусолӣ бо худмуайякунии иҷтимоӣ ва шахсиятӣ пайвастагии қавӣ дорад.

Вазъияти бесуботӣ ва ноормиҳои даҳшатборе, ки мутаассифона, солҳои 90-уми асри гузашта ҷамъияти тоҷикистониро фаро гирифта буд, бе шакку шубҳа, ба вазъъ ва руҳияи донишҷӯёни кишвар таъсири амиқи манфӣ гузошт. Ба шарофати хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ ва фароҳам гардидани сулҳи пойдор пас аз солҳои 2000-ум ҳаракати донишҷӯёни тоҷикистонӣ бо суръати беназир ва гӯшношуниде суръат гирифт.

Тибқи таснифи П. А. Сорокин донишҷӯиро, бидуни шакку шубҳа, ба муҳимтарин гурӯҳҳои иҷтимоие мутааллиқ донистан лозим аст, ки дар вақт ва фазо такрор меёбад, ба доираи васеъ: афродҳо, дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва умуман ба ҷаҳони иҷтимоию фарҳангӣ таъсири назарраси сабабию мундариҷавӣ мерасонад [10, с. 18-26].

Мафҳуми “донишҷӯӣ”, ки дар китоби сотсиологҳо Б. Рубин ва Ю. Колесников “Донишҷӯ бо чашмони сотсиолог”дода шудааст, ба тариқи зерин тавсиф гардидааст: “Донишҷӯён гурӯҳи мутаҳаррики иҷтимоие мебошанд, ки ҳадафи мавҷудияташ тайёрии муташаккилона аз рӯйи барномаи муайян ба хотири ба иҷро расонидани нақшҳои баланди касбӣ ва иҷтимоӣ дар истеҳсолоти моддию маънавӣ ба ҳисоб меравад” [11].

Муаллифон ба хулосае меоянд, ки донишҷӯёнро ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ, гурӯҳи дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақсимкунанда баррасӣ кардан лозим аст, ки онҳо дорои ҳадафи худ, хусусиятҳои хосси худ мебошанд.

С. Власенко чунин менависад: “Донишҷӯён гурӯҳи махсус ва гурӯҳи иҷтимоие мебошанд, ки аз созмонҳои гуногуни ҷамъият ташаккул ёфта, бо шароитҳои махсуси ҳаёт, меҳнат ва маишат, рафтор ва психологияи ҷамъиятӣ шинохта мешаванд. Барои онҳо аз худ намудани дониш ва худро барои кори оянда дар илм, истеҳсолот ва фарҳанг омода сохтан рисолати аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад ва дар аксарияти ҳолат маҳз иҷрои ҳадафҳои номбурда барояшон ягона мебошад”.

Т. В. Ишенко бошад, ба ин назар аст, ки донишҷӯён гурӯҳи махсуси ҷамъият, захираи зиёиён буда, дар сафҳои худ шахсони ҷавони тақрибан синнусоли ягона, қишри сатҳи таълимгиранда - намояндагони ҳамаи синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро муттаҳид менамояд.

Хусусиятҳои фарққунандаи донишҷӯён, ҳамчун гурӯҳи ҷамъиятӣ инҳо мебошанд: хислати меҳнати донишҷӯён аз андӯхтани дониши системавӣ, илму таҷриба, фаро гирифтани доираи ҳар чӣ васеътари маърифат ва нақши асосии иҷтимоии он бо вазъияти муайяни донишҷӯён, ҳамчун захираи аҳли зиё ва тааллуқмандии он ба насли наврас - ҷавонон иборат мебошанд”.

Дар солҳои охир талабот ба омӯзиши мукаммали ҷавонон ҳамчун субъекти рушду пешрафти ҷамъият мубрамияти хосса касб намудааст.

**Муқарриз: Худойқулова Қ.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Зидер Р. Социальная история семьи в Западной и Центральной Европе (конец XVIII-XX вв.). / Р. Зидер [Текст]. -М., 1997.
2. Зубок Ю.А. Феномен риска в социологии: опыт исследования молодежи/ Ю.А. Зубок [Текст]. – М: Мысль, 2007.
3. Ильинский И.М. Молодежь и молодежная политика. Философия. История. Теория/ И.М. Ильинский [Текст].- М.:Голос, 2001.- С. 75.
4. Кон И.С. Молодежь/ И.С. Кон [Текст]. Большая советская энциклопедия. 3- е издание. Т. 16.
5. Константиновский Д.Л. Молодежь 90- х: самоопределение в новой реальности/ Д.Л. Константиновский [Текст]. - М.: Мысль, 2000.
6. Лисовский В.Т. Советское студенчество. Социологические очерки/ В.Т. Лисовский [Текст]. - М.: Высшая школа, 1990.
7. Развитие социальной инициативности детей и молодежи: Монография / Под общ. ред. Т. С. Борисовой [Текст]. - М.: ИСП РАО, 2008.
8. Рахимзода Х. Влияние социальных институтов воспитания на подготовку старшеклассников к семейной жизни/Х.Рахимзода [Текст]: автореф: дис.… канд. пед. наук. - Душанбе, 2002- 43 с.
9. Романенко Н.М. Программа. Коммуникации в сфере детско- родительских отношений. Как «разрулить» конфликты с родителями (пособие родителям и детям)/ Н.М. Романенко [Текст]. - М., 2010.
10. Румянцев В.А. К вопросу о ценностях и ценностных ориентациях молодежи // СОТИС - социальные технологии исследования, 2009. - № 3./ В.А. Румянцев [Текст]. - С. 31- 41.
11. Семья и формирование личности. /Под ред. А.А.Бодалева[Текст].- М., 1989
12. Сорокин П.А. Система социологии. Т. 1/ П.А. Сорокин [Текст]. -М.: Наука, 1993.
13. Социальная психология: Учебное пособие для студ. высш. учеб. заведений / А.Н. Сухов, А. Бодалев, В.Н. Казанцев и др.; //Под ред. А.Н. Сухова, А.А. Деркача [Текст]. -М.: Издательский центр «Академия», 2001. - 600 с.
14. Худоёрова Н.М. Ценностно - целевые приоритеты патриотического воспитания студентов средних профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан /Н.М. Худоёрова [Текст]: автореф: дис. канд. пед. наук. Д., 2013 - 27 с.
15. Шарипов. А.А. Асосҳои педагогии ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила /А.А.Шарипов [Матн]: автореф. рис. … ном. илм. пед. -Д., 2019. - 47 с.


**ТАВСИФИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОӢ**


Мақолаи мазкур маълумотҳоро дар бораи тавсифи ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ шарҳ дода, дар ин бора коркарди илмии масъалаи ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ аз асарҳои муҳаққиқони дохилию хориҷӣ дида баромада мешавад. Ба андешаи муаллифон, зери мафҳуми "ҷавонон" на як гурӯҳи ками донишҷӯёнро, балки ҳама он гурӯҳҳои синнусолии аз 14 то 30–ро дар назар дошта бошем. Муаалифон қайд мекунанд, ки дар солҳои охир талабот ба ба омӯзиши мукаммали ҷавонон ҳамчун субъекти рушду пешрафти ҷамъият мубрамияти хосса касб намудааст. Зеро ҷомеаи солим аз ҷавонони солим вобастагӣ дорад.



**Калидвожаҳо:** ҷавонон, муосир, тавсиф, волидайн, арзишҳо, оила, ҷомеа, падар, модар, муносибат, муҳассилин.


**ХАРАКТЕРИСТИКА МОЛОДЕЖИ КАК СОЦИАЛЬНОЙ ГРУППЫ**


В данной статье рассматривается проблема молодежи как социальной группы и в связи с этим анализируется научная трактовка вопроса о молодежи как социальной группе по работам отечественных и зарубежных исследователей. По мнению авторов, под понятием «молодежь» следует понимать не небольшую группу студентов, а все возрастные группы от 14 до 30 лет. Авторы отмечают, что в последние годы все более серьезной становится потребность в комплексном подходе к изучению того, что связано с общими отношениями и закономерностями подрастающего поколения, а молодежь рассматривается как естественный субъект развития и прогресса общества. Потому что здоровое общество зависит от здоровых молодых людей.



**Ключевые слова:** молодежь, современность, описание, родители, ценности, семья, общество, отец, мать, отношения, педагоги.


**CHARACTERISTICS OF YOUTH AS A SOCIAL GROUP**


This article explains the information about the description of youth as a social group and, in this regard, analyzes the scientific interpretation of the issue of youth as a social group from the works of domestic and foreign

researchers. According to the authors, the concept of "youth" should be understood not as a small group of students, but as all age groups from 14 to 30 years old. The authors note that in recent years, the need for an integrated approach to the study of what is connected with the general relations and patterns of the younger generation has become more and more serious, and youth is considered as a natural subject of the development and progress of society. Because a healthy society depends on healthy young people.

**Key words:** youth, modernity, description, parents, values, family, society, father, mother, relationships, teachers.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Юнусова Нафиса Муродовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогика.**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.** E-mail: **nafisa48@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-97-48-07.**
***Неъматов Рамазон Ҳусниддинович*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи Психология. **Суроға:** 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, кӯчаи Э. Муҳиддинов, 63 E-mail: **nematov-ramazon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-591-91-44.**

**Сведения об авторах:** ***Юнусова Нафиса Муродовна*** – Таджикский национальный университет, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики. E-mail: **nafisa48@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-97-48-07.**
***Неъматов Рамазон Хусниддинович*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель кафедры психологии. **Адрес:** 735450, Республика Таджикистан, Раштский район, улица. Э. Мухидинова, 63. E-mail: **nematov-ramazon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-591-91-44**.

**Information about author:** ***Yunusova Nafisa Murodovna*** - Tajik National University, Professor of the All-University Department of Pedagogy. E-mail: **nafisa48@mail.ru**. Phone: **(+992) 907-97-48-07.**
***Nematov Ramazon Khusniddinovich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, senior lecturer at the Department of Psychology. Address: 735450, Republic of Tajikistan, Rasht district, st. E. Mukhidinova, 63. E-mail: nematov-ramazon@mail.ru. Phone: **(+992) 93-591-91-44..**

УДК:374.15

# УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

*Раҷабова Ф.О.*
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода**

Дар ҷаҳони муосир маориф ҳамчун омили асосии субот ва рушди ҷомеа арзёбӣ мешавад. Дар модели нави рушди инноватсионии ҷомеа омили пешбаранда қонуни баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ (дониш, касбият, ахлоқ, фарҳанг), инчунин сифати системаи таълим ба шумор меравад.

Дар марҳалаи муосири рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи сифати таълим яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва асосӣ ба шумор меравад. Ҳалли ин масъала ҷараёни дурудароз ва пайдарпайро дар бар гирифта, асоси онро ислоҳот ва ҷорӣ намудани ҷараёнҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф ташкил менамояд. Яке аз вазифаҳои асосии ин ислоҳот баланд бардоштани сифати таълим аст, ки ба қонеъ гардондани талаботи ҷомеа ва тайёр намудани мутахассисони ба талаботи марҳалаи муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, вазифаҳои асосии раванди муосири таълим ташкили системаи самарабахши сифати таълим, системаи маҷмуӣ ва объективии баҳодиҳии сифати таълим, баланд бардоштан ва беҳтар намудани сифати таълим мебошанд.

Сифат категорияи заминавӣ буда, тамоми ҷанбаҳои олам, омилҳои сохтори иҷтимоӣ ва фаъолияти одамонро муайян мекунад. Сифати таълим ҳамчун ҷараён марҳилаҳо ва сатҳи хизматрасониҳои таълимиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар бар мегирад. Таълими босифат бояд ба ҳар як шахс имкон диҳад, ки таҳсилро мувофиқи манфиатҳои худ идома диҳад.

Аз нуқтаи назари С.Э. Шишов, сифати таълим - «дараҷаи қонеъ гардонидани интизориҳои иштирокчиёни гуногуни ҷараёни таълим аз хизматрасониҳои муассисаи таълимӣ» ё «дараҷаи ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои дар соҳаи маориф муайяншуда» мебошад [12, с.124] . А.М. Моисеев сифати таълимро ҳамчун «маҷмуи нишонаҳо ва хусусиятҳои асосии натиҷаҳои таълим, ки метавонад талаботи худи донишҷӯён, ҷомеа, муштариёнро ба таълим қонеъ гардонад», муайян кардааст [4, с.118].

В.П. Панасюк сифати таълимро маҷмуи амалҳое мешуморад, ки дар ташаккул ва инкишофи шахсият нақши муҳим дорад [6, с.154].

Ба ақидаи В.А. Болотов, сифати таълим ҳамчун хусусияти таркибии системаи маориф фаҳмида мешавад, ки дараҷаи мутобиқати натиҷаҳои воқеии бадастомадаи таълимро ба талаботи меъёрӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос мекунад [2, с. 8].

Ба андешаи мо, натиҷаҳои асосие, ки сатҳи баланди сифати таълимро таъмин мекунанд инҳо мебошанд: донишҳои академӣ, салоҳиятҳои иҷтимоӣ, таҷрибаи иҷтимоии донишҷӯ, ки дар рафти аз худ намудани барномаи таълимӣ ба даст оварда шудааст.

Дар сатҳи давлатӣ сифати таҳсилот имрӯз мувофиқати натиҷаҳои бадастовардаи донишҷӯён ба талаботи иҷтимоӣ ва меъёрҳои дар доктринаи таълимӣ қабулгардида мебошад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” омадааст, ки «сифати таълим - тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад» [1, с. 82].

Содиқзода Х.С. қайд кардааст, ки таъмини сифати таҳсилот - раванди фаъолияти мақсадноки муассисаи таҳсилоти олӣ барои рушди сиёсати соҳаи маориф

ва вазифаҳои сифат, банақшагирии сифат, идоракунии сифат, арзёбии сифат ва баланд бардоштани сифати таълим ба шумор меравАнд [5, с.38].

Аз нигоҳи мо, сифати таълим на танҳо мутобиқати дониши донишҷӯён ба стандартҳои давлатии таълимӣ, балки фаъолияти бомуваффақияти худи муассисаи таълимӣ, фаъолияти ҳар як омӯзгор ва роҳбар дар самти таъмини сифати таълим мебошад.

Ба андешаи мо, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳодиҳии сифати таълим ҳамчун воситаи назорат ва мониторинг ба ҳисоб рафта, низоми идоракунии сифат яке аз марҳилаҳои ҷараёни таъмини сифати таълим буда, аз як тараф, ҳамчун раванди назорати беруна, аз тарафи дигар, ҳамчун механизми беҳбуди сифат амал мекунад.

Омилҳои асосии ба сифати таълим таъсиркунанда инҳо мебошанд:

- захираҳои моддӣ ва молиявии муассисаҳои таълимӣ;
- сифати баланди барномаҳои таълимӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба сифати таълим вобастабуда;
- шумораи омӯзгороне, ки соҳиби дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд;
- сатҳи омодагии касбии омӯзгорон;
- номгӯйи фанҳои таълимии ҳатмӣ ва интихобӣ, ки дар модули таълимӣ дарҷ гардидаанд;
- миқдори соатҳои дарсӣ аз фанҳои таълимӣ;
- мавҷудияти таҷҳизот ва дигар воситаҳои муосири таълим.

Ба андешаи мо, ҷиҳатҳои асосии фаъолияти таълимӣ, ки ба сифати таълим бештар таъсир мерасонанд, инҳо ба шумор мераванд:

- дараҷаи тахассус ва сатҳи касбияти ҳайати профессорону омӯзгорон, инчунин ҳайати роҳбарикунанда;
- сифати барномаҳои таълимӣ, ки бояд сатҳи таълим ва технологияҳои инноватсиониро ҳамоҳанг карда, ба фармоишҳои давлатӣ ва талаботи ҷамъиятӣ мувофиқ ва ҷавобгӯ бошанд;
- сифати омодасозии хатмкунандагон дар асоси диверсификатсияи барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани нақши механизмҳои таълимӣ- касбӣ ва ҳавасмандии ҷавонон;
- фаъолияти самараноки инфрасохтори муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла шабакаҳои компютерӣ, китобхонаҳо, майдончаҳои варзишӣ, ҷойҳои хӯрокхӯрӣ ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки баҳодиҳии сифати таълим дар баробари арзёбии дониши донишҷӯён бояд маҷмуи нишондиҳандаҳои дигарро низ дар бар гирад, аз ҷумла, хӯроки умумӣ ва истироҳати донишҷӯён, таъмини таълимию методии раванди таълим ва ғайра.

Ба андешаи мо, баҳодиҳии сифати таълим унсури таркибии системаи маориф буда, дараҷаи мутобиқати натиҷаҳои воқеии таҳсилоти бадастомадаро ба талаботи меъёрҳои давлатӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос мекунад. Баҳодиҳии сифати таълим дар ду самт амалӣ карда мешавад:

- баҳодиҳии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ (донишҷӯён ва волидайни онҳо; мақомоти дахлдори давлатӣ ва маҳаллӣ; корфармоён ва ғайра);
- баҳодиҳии дохилии сифати таълим дар сатҳи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва системаи маориф.

Унсури таркибии ҷудонашавандаи фаъолияти пурсамари системаи таҳсилоти олии касбӣ баҳодиҳии доимии сифати таълим мебошад, ки имкон медиҳад на танҳо камбудию норасоиҳои дар ин самт мавҷуд буда ошкор ва бартараф карда шаванд, балки усулҳои комилан наву муосир ва интерактивии таълим ҷорӣ карда шуда, самарабахшии онҳо муайян карда шавад [9, с.304].

Марҳилаи муосири ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои зерини ба ҳам зич алоқамандро дар бар мегирад:

- дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба таври васеъ паҳн намудани корҳо оид ба таъсис, татбиқ ва сертификатсияи системаҳои идоракунии сифати дохилимуассисавӣ мутобиқи талабот ва тавсияҳои стандартҳои байналмилалии идоракунии сифати таълим, «Стандартҳо ва тавсияҳо оид ба кафолати сифат дар таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо», ки аз ҷониби ENQA - Ассотсиатсияи Аврупо оид ба кафолати сифат дар таҳсилоти олӣ таҳия шудааст;
- гузариш ба баҳодиҳии маҷмуии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба таъмини ҳамбастагии расмиёти иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ, дар асоси номгӯйи тасдиқшудаи нишондиҳандаҳои фаъолияти муассисаҳои мазкур, аз ҷумла, нишондиҳандаҳои мавҷудият ва самаранокии системаҳои идоракунии сифати таҳсилоти дохилимуассисавӣ;
- пурзӯршавии рақобат байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар бозори меҳнат;
- байналмилаликунонии маориф ва зарурати ҳамгироии системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, вобаста ба сифати таълим бо дигар системаҳои маориф (дар доираи эъломияи Болония) бо мақсади ҷалби истеъмолкунандагони иловагии дохилӣ ва ворид шудан ба фазои таҳсилоти байналмилалӣ.

Ҳангоми интихоби усулҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии сифати таълим, инчунин омодасозии мутахассисон, пеш аз ҳама, ба талаботи давлатии сифат диққат додан зарур аст. Дар сатҳи давлатӣ сифати тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи меъёрҳои мутобиқати зерин баҳо дода мешавад [10, с.454]:

- шароити раванди таълим - талаботи иҷозатномадиҳӣ (ба ҳисоби миёна дар минтақа);
- мазмун, сатҳ ва сифати таълим - талабот оид ба гузаронидани аттестатсия (стандартҳои давлатии таҳсилот);
- мақсад, шароит, мазмун ва натиҷаҳои (самаранокии) раванди таълим - нишондиҳандаҳои аккредитатсияи муассисаи таълимӣ аз рӯи шаклҳо ва намудҳои пешниҳодшуда.

Меъёрҳои мавҷудаи баҳодиҳии сифати таълимро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якум нишонаҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад. Риояи ин талабот ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкони амалӣ намудани фаъолияти таълимиро фароҳам меорад. Гурӯҳи дуюми меъёрҳои баҳодиҳии сифати таълим ҳамон нишондиҳандаҳои сифатро дар бар мегирад, ки аз ҷониби коршиносон дар асоси пурсиши довталабон ва корфармоён муайян карда мешаванд [3, с.180].

Ҳангоми таъсиси системаҳои таъмин ва баҳодиҳии сифати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равишҳои гуногуни идоракунии сифат, инчунин усулҳо ва меъёрҳои мухталиф истифода мешаванд. Дар таҷрибаи байналхалқӣ се усули асосии баҳодиҳии сифати таълим вуҷуд дорад, ки онҳо то андозае наздиканд, вале аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

- усули баҳодиҳии идоракунии сифати фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (SWOT-таҳлил);
- усули баҳодиҳӣ, ки ба принсипҳои умумии идоракунии сифат - Total Quality Management (TQM) асос ёфтааст;
- усули баҳодиҳӣ, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ оид ба сифати таълим асос ёфтааст.

Мувофиқи шартҳои усули баҳодиҳии идоракунии сифати фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (SWOT-таҳлил) баҳодиҳии фаъолият дар асоси маълумоти оморие, ки аз хадамоти марказонидашудаи муассиса (шуъбаи банақшагирӣ-молиявӣ,

муҳосибот, шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, шуъбаи кадрҳо ва ғайра), ҳисоботи солонаи кафедраҳо ва факултетҳо гирифта мешавад, амалӣ карда мешавад. Дар асоси ин маълумотҳо нишондиҳандаҳои нисбӣ (ба як омӯзгор, корманди илмӣ, донишҷӯ), барои ҳар як факултет дар алоҳидагӣ ва барои донишгоҳ дар маҷмуъ ҳисоб карда мешаванд.

Омилҳои муҳимтарини татбиқи бомуваффақияти усули баҳодиҳӣ, ки ба принсипҳои умумии идоракунии сифат - Total Quality Management асос ёфтаанд, инҳо мебошанд: - ҷалби кормандон ба фаъолияти дастаҷамъӣ;- ба муштариён ва қаноатмандии онҳо нигаронидани диққат; - уҳдадории роҳбарияти муассиса ба ҷараёни таълим ва сифати он;- мониторинги сифати таълим.

Дар самти баҳодиҳии сифати таълим дар зери мафҳуми мониторинг ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи низоми таълим ё ҷузъҳои алоҳидаи он, ки ба таъмини иттилоотии идоракунӣ нигаронида шудааст ва имкон медиҳад, ки ҳолати объект дар ҳар лаҳза баҳо дода шавад, фаҳмида мешавад. Маълумоти дар натиҷаи мониторинг гирифташударо барои пешгӯйии рушди системаи таълим истифода бурдан мумкин аст.

Унсурҳои асосии системаи мониторинги сифати таълим инҳо мебошанд:

- муқаррар намудани стандартҳо ва амалиёт оид ба сифати таълим;

- ҷамъоварӣ ва баҳодҳии маълумот;

- андешидани чораҳои дахлдор, баҳодиҳии натиҷаҳои чораҳои андешидашуда дар доираи стандартҳои амалкунанда [8, с.48].

Самаранокии сифати таълим ҳамон қадар баландтар хоҳад буд, агар роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ принсипҳои умумии идоракунии сифат (TQM)-ро, ки маблағгузории иштироки омӯзгоронро дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ оид ба масъалаҳои сифати омодасозии мутахассисон ва ташкили замирнаи меъёрии худии сифат дар бар мегирад, омӯзад ва амалӣ гардонад.

Дар доираи усули баҳодиҳӣ, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ оид ба сифати таълим асос ёфтааст, системаҳои гуногуни таъмини сифати таълим истифода мешаванд.

Барои идоракунии самараноки таълим, қабули қарорҳои асоснок, муқоиса ва баҳодиҳии ҳолати муосири сифати тайёр кардани мутахассисон баҳодиҳии мунтазами сифати таълим зарур аст. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки мутаассифона, то имрӯз тафсири ягонаи мафҳуми «сифати таълим» вуҷуд надорад ва механизмҳои мувофиқашудаи мониторинги татбиқи он таҳия карда нашудаанд.

Масалан, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо системаҳои гуногуни таъмини сифати таълим истифода мешаванд, ки он системаҳо дар асоси талаботи истифодабарандагони бевоситаи хизматрасониҳои таълимӣ – унвонҷӯён, олимон, соҳибкорон, ҷомеа ташкил шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади мусоидат ба фаҳмиши ягонаи сифати таълим ва омӯзиш, бо назардошти фарқияти андешаҳо байни ҳамаи стейкхолдерҳо (ҷонибҳои манфиатдор), соли 2015 дар конференсия дар шаҳри Ереван стандартҳо ва тавсияҳо оид ба кафолати сифат дар минтақаи таҳсилоти олии Аврупо (ESG) ) тасдиқ карда шуданд.

Бояд гуфт, ки чор ҷиҳати асосии баҳодиҳии сифати таълимро, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, ҷудо кардан мумкин аст:

- риояи кафолатноки стандартҳо ва барномаҳои асосӣ;

- ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар ҳамаи марҳилаҳои раванди таълим;

- қобилияти қонеъ гардонидани талабот ва интизориҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ, инчунин иштирокчиёни бозори меҳнат;

- кӯшиши такмил додани раванди таълим.

Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки барои баҳодиҳии сифати таълим истифодаи меъёрҳо дар асоси мониторинги натиҷаҳои маърифатии раванди таълим

оқилона аст, зеро ҳадафи асосии мактаби антропосентрӣ тарбияи зеҳнӣ мебошад [11, с.24]. Инчунин, дар шароити муосир баҳодиҳии экспертии сифати таълим хеле васеъ паҳн шудааст. Барои баҳодиҳии экспертӣ роҳбарони корхонаҳо, хатмкунандагон, донишҷӯён, кормандони муассисаҳои таълимӣ ва роҳбарияти онҳо, экспертҳову таҳлилгарони мустақил, ҷомеаи илмии байналмилалӣ ва ғайраҳоро ҷалб кардан мумкин аст. Усули баҳодиҳии экспертӣ имкон медиҳад он ҷанбаҳое, ки вобаста ба ҷамъоварии маълумоти миқдорӣ душвор ё ғайриимкон аст, баҳогузорӣ карда шаванд.

Нишондиҳандаҳои таҳиякардаи Л.С. Панченкова дар раванди баҳодиҳии сифати таълим сатҳи баланди объективӣ доранд: муаллиф пешниҳод мекунад, ки раванди педагогӣ ва натиҷаҳои он дар асоси маҷмуи меъёрҳои самаранокӣ назорат ва таҳлил карда шаванд. Ҷузъҳои таркибии нишондиҳандаи маҷмуӣ меъёрҳои психологӣ, сотсиологӣ, фарҳангию тарбиявӣ, ахлоқӣ ва рушд мебошанд [7, с.46].

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки меъёрҳои баҳодиҳии сифати таълим дар мамлакатҳои хориҷӣ, дар муқоиса бо меъёрҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда, якчанд бахшҳои муҳимро дар бар мегиранд, ки тавассути онҳо самтҳо ва динамикаи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инъикос карда мешаванд, аз ҷумла:- таҳлили муҳит ва мавқеъ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ;- биниш, вазифа, ҳадафҳои стратегӣ ва имкониятҳои татбиқи онҳо.

Ба андешаи мо, азбаски раванди таълим яке аз ҷараёнҳои асосии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аст, баҳодиҳии сифати таълимро дар се самт гузаронидан самараноктар мебошад:- таҳлили шароити пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ;- баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҷорӣ оид ба татбиқи раванди таълим;- баҳодиҳии натиҷаҳои раванди таълим.

Меъёрҳои баҳодиҳии сифати натиҷаҳои раванди таълим имкон медиҳанд, ки сатҳи омодагии мутахассисони оянда барои фаъолияти амалӣ муайян карда шуда, меъёрҳои сифати шароит ва раванди таълим - ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи субъектҳои ҷараёни таълим барои амалӣ намудани таъсири мақсаднок ба ҷараёни мазкур амалӣ карда шавад.

Бо назардошти гуногунҷиҳатии мониторинги раванди таълим, барои таъмини маҷмуӣ ва ҳамаҷонибаи баҳодиҳии сифати таълим, ҷудо намудани меъёрҳои асосӣ, асоснок кардани маҷмуи нишондиҳандаҳои муносиби ҳар яки онҳо зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, маҷмуи меъёрҳо се гурӯҳро дар бар мегирад, ки дар онҳо нишондиҳандаҳои муҳимтарин мушаххасан инъикос шудаанд. Меъёрҳои сифати шароити дарсдиҳӣ баҳодиҳии нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегиранд: - иқтидори донишҷӯён; - иқтидори ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;- сатҳи таъмини маводҳои таълимӣ-методӣ ва дидактикии раванди таълим ва нақшаҳои таълимӣ;- фонди китобхона ва захираҳои иттилоотӣ;- қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён ва кормандон бо шароити мусоиди иҷтимоӣ;- таъмини моддӣ-техникӣ;- неруи илмӣ ва инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

Меъёрҳои баҳодиҳии сифати татбиқи раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- таъмини нақши пешбари роҳбарият дар масъалаҳои сифати таълим ва такмили пайвастаи тамоми ҷанбаҳои фаъолияти муассиса;
- таъмини мутобиқати миссия, биниш, арзишҳои асосии сиёсат ва стратегия ба ҳадафҳои гузошташуда;
- амалисозии барномаҳои таълимӣ ва ҳаракати академӣ;
- самаранок гузаронидани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ;
- ташкили намудҳои гуногуни фаъолиятҳои амалӣ барои донишҷӯён;

- амалисозии идоракунии умумӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла идоракунии кадрҳо, инфрасохтор, захираҳои моддию иттилоотӣ, технологияҳо ва ғайра;

- риояи кафолати дохилии сифати таълим.

Меъёрҳои баҳодиҳии сифати натиҷаҳои раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ:

- натиҷаҳои қабули донишҷӯён;

- муваффақият, дараҷаи омодагии онҳо ба идомаи таҳсил;

- сатҳи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ;

- қонеъ гардонидани дархостҳои корфармоён.

Гузариш ба худидоракунӣ ва худбаҳодиҳӣ талаб мекунад, ки донишҷӯён малакаҳои муайяни фаъолиятҳои назорат ва баҳодиҳӣ дошта бошанд. Вобаста ба ин, кори мақсаднокро дар самти дар вуҷуди донишҷӯён ташаккул додани усулҳои худназоратӣ ва худбаҳодиҳӣ ба роҳ мондан зарур аст, аз ҷумла:

- кам кардани санҷишҳои назоратӣ ва гузариш ба баҳодиҳии натиҷаҳои хотираи донишҷӯён ва сатҳи салоҳиятҳои онҳо;

- нигаронидани диққат на ба баҳои мутлақ, балки ба нишондиҳандаҳои нисбии муваффақияти донишҷӯён, ба муқоисаи дастовардҳои имрӯзаи донишҷӯ бо дастовардҳои дирӯзи ӯ;

- тағйир додани таҷрибаи санҷиши интихобӣ барои пайгирии суръати тағйирот дар дастовардҳои шахсии ҳар як донишҷӯ, гузариш ба системаи ҷамъбастии баҳогузорӣ.

Ба андешаи мо, дар ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис додани системаи ягонаи баҳодиҳӣ, ки ба намуди фаъолияти муассиса, барномаҳои таълимии татбиқшаванда мувофиқ аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Инчунин, ба инобат гирифтани тамоюлҳои муосири рушди амалияи баҳодиҳии дастовардҳои донишҷӯён зарур аст. Чунончи: - афзалияти шакли шифоҳии баҳодиҳии дониши донишҷӯён нисбат ба шакли хаттӣ;- ҷамъбасти натиҷаҳои назорати ҷорӣ (санҷиши фосилавӣ) ва назорати имтиҳонӣ дар баҳодиҳии ҷамъбастӣ;- истифодаи рейтинги инфиродӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муваффақияти донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиш;- истифодаи санҷиши компютерӣ ҳамчун воситаи ёрирасон;

- истифодаи зинаҳои бисёрхолии баҳодиҳӣ дар баробари нигоҳ доштани ҷадвали классикии 5-холӣ ҳамчун асос.

Системаи баҳодиҳие, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешавад, бояд ҳадди ақал барои сатҳи назорати дохилӣ бонки маводи баҳодиҳӣ дошта бошад. Барои ҳар як марҳила бояд маводҳо барои арзёбии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои асосии донишҷӯ, ки ба сатҳи муайяни назорат хосанд, омода карда шаванд.

Дар ҳаёти воқеӣ ҳангоми баҳодиҳии ҷараёни идоракунии сифати таълим дар ҳама сатҳҳо як қатор ихтилофҳо ба назар мерасанд:

- байни талаботи муосири бозори меҳнат ба сифати таълим ва қобилияти маҳдуди қонеъ кардани онҳо дар асоси равишҳои анъанавии идоракунии раванди таълим;

- байни равандҳои инноватсионӣ дар таълим ва мавҷуд набудани механизми таъмини таъсири пайгирона ва мусбати онҳо ба сифати таълим;

- байни зарурати таъмин намудани сифати таълими додашуда ва нокифоя будани воситаҳои методӣ барои ноил шудан ба он;

- байни дараҷаи инкишофи назария ва амалияи ҷорӣ намудани системаҳои таъмини сифат дар системаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва дараҷаи инкишофи ин самт дар амалияи таълим.

Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи идоракунии сифати таълим имкон медиҳад, ки на танҳо маълумот ва дигар ихтилофҳо ба қайд гирифта шаванд, балки роҳу имкониятҳои бартараф кардани онҳо нишон дода шуда, бо ин васила сифати таълим беҳтар карда шавад. Воситаи таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии системаи идоракунии сифати таълим бояд маҷмуи меъёрҳо ва маводи баҳодиҳӣ барои ҳар як раванд/зерраванди фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бошад.

Натиҷаҳои баҳодиҳии мустақили объективии сифати таълим ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои муайян кардани самтҳои беҳтарини рушди он мусоидат карда, барои истифодаи самараноки захираҳои моддӣ-техникӣ ва молиявӣ замина фароҳам меорад.

Гузаронидани экспертизаи мустақили беруна, пеш аз ҳама, ба таҳкими рақобатпазирии барномаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, таҳкими обрӯи муассисаи мазкур дар байни истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ нигаронида шудааст.

Дар асоси таҳқиқи гузаронидашуда, мо ҳадафҳои зерини ташкили системаи баҳодиҳии сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудем:

- таъмини риояи принсипҳои объективият ва боадолатӣ дар қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- таъмини фазои ягонаи таълимӣ;
- баланд бардоштани сатҳи огоҳии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ барои қабули қарорҳои ҳаётан муҳим (дар бораи давом додани таҳсил ё таъмин шудан бо ҷойи кор);
- аз тарафи мақомоти соҳаи маориф қабул намудани қарорҳои асосноки идоракунӣ;
- омодасозии экспертҳои миллӣ дар самти баҳодиҳии сифати таълим;
- ташкили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи баҳодиҳии сифати таълим.

Ба андешаи мо, баҳодиҳии сифати таълим бояд дар асоси натиҷаҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун объекти назоратшаванда амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбаст қайд кардан ҷоиз аст, ки дар шароити муосир доираи васеи усулҳои баҳодиҳии сифати таълим, вобаста ба вазифаҳо ва фаҳмиши он, вуҷуд доранд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки аз усулҳои зерин ба таври васеъ истифода бурда, барои баланд бардоштани сифати таълим чораҳои зарурӣ андешанд. Ташкили системаи мустақили баҳодиҳии сифати таълим ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳад кард.

**Муқарриз: Ахмедова М.А.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон. - №7. соли 2013.
2. Болотов В.А. О построении системы качества образования / В.А.Болотов // Вопросы образования. - №1. - 2015. - С. 5-11.
3. Данильченко С.Л. Комплексная система оценки качества образования как совокупность организационной структуры, методик, процессов и ресурсов / С.Л.Данильченко // Международный журнал экспериментального образования. - 2017. - №3-2. - С.179-184.
4. Как создать управляющий совет вуза: учебно-методические материалы / под. ред.: Моисеева А.М. - М.: Вердана. - 2017. - 239 с.
5. Содиқзода Х.С. Механизми ташкилию иқтисодии таъмини сифати хизматрасониҳои таълимӣ (дар мисоли низоми таҳсилоти олии касбӣ): автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Х.С. Содиқзода.– Душанбе, 2018. - 52 с.
6. Панасюк В.П. Информационно-методическое обеспечение управления качеством образования на муниципальном уровне / В.П.Панасюк, Г.В. Головичер - СПб. - 2019. - 257 с.

7. Панченкова Л.С. Маркетинговые исследования достоверности ожиданий абитуриентов при поступлении в ВУЗ / Л.С.Панченкова // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. - 2021. - №1(36). - С. 40-48.
8. Подковко Е.Н. Студенческий мониторинг качества высшего образования как условие обеспечения качества образовательных услуг / Е.Н. Подковко // Современная высшая школа: инновационный аспект. - 2021. - Т. 11. - №1(43). - С. 45-50.
9. Сысоева Е.Ю. Инновационные методы обучения в системе профессионального образования / Е.Ю.Сысоева // Балтийский гуманитарный журнал. - 2018. Т.7. - №1(22). - С. 299-307.
10. Терзи Н.В. Конкурентоспособность образовательной услуги и пути ее повышения в современных условиях / Н.В. Терзи // XXI век: итоги прошлого и проблемы настоящего плюс. - 2018. - №4(20). - С. 451-457.
11. Тюриков А.Г. Новые практики социологической диагностики востребованности и качества образовательных услуг вузов: методологические и методические проблемы / А.Г. Тюриков // Инновации в образовании. - 2022. - №2. - С. 21-33.
12. Шишов С.Е. Мониторинг качества образования в ВУЗЕ / С.Е.Шишов. - М.: Вердана. - 2015. - 321 с.

## УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур зарурати баҳодиҳии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асоснок карда шуда, қайд шудааст, ки вазифаҳои асосии раванди муосири таълим ташкили системаи самарабахши сифати таълим, системаи маҷмуӣ ва объективии баҳодиҳии сифати таълим, баланд бардоштан ва беҳтар намудани сифати таълим мебошанд. Равишҳои гуногун оид ба моҳият ва мазмуни мафҳуми «сифати таълим» таҳқиқ карда шуда, таърифи мафҳуми мазкур аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст. Қайд шудааст, ки сифати таълим на танҳо мутобиқати дониши донишҷӯён ба стандартҳои давлатии таълимӣ, балки фаъолияти бомуваффақияти худи муассисаи таълимӣ, фаъолияти ҳар як омӯзгор ва роҳбар дар самти таъмини сифати таълим мебошад. Муаллиф зинаҳои раванди таъмини сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян кардааст. Омилҳои асосии ба сифати таълим таъсиркунанда ҷудо карда шудаанд. Таъкид гардидааст, ки баҳодиҳии сифати таълим унсури таркибии системаи маориф буда, дараҷаи мутобиқати натиҷаҳои воқеии таҳсилоти бадастомадаро ба талаботи меъёрҳои давлатӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос мекунад. Равандҳои ба ҳам зич алоқаманд, ки марҳилаи муосири ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, муайян карда шудаанд. Се усули асосии баҳодиҳии сифати таълим, ки дар таҷрибаи байналхалқӣ мавҷуданд, муайян ва тавсиф карда шудаанд. Ҷиҳатҳои асосии баҳодиҳии сифати таълим, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, ҷудо карда шудаанд. Қайд шудааст, ки дар ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис додани системаи ягонаи баҳодиҳӣ, ки ба намуди фаъолияти муассиса, барномаҳои таълимии татбиқшаванда мувофиқ аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Муаллиф ҳадафҳои асосии ташкили системаи баҳодиҳии сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

**Калидвожаҳо:** соҳаи маориф, сифати таълим, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, баҳодиҳӣ, ҷараёни таълим, донишҷӯён, стандартҳои давлатии таълим, мониторинги сифати таълим, истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ, фазои таҳсилот.

## МЕТОДЫ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В данной статье обосновывается необходимость оценки качества образования в высших профессиональных учебных заведениях, а также отмечается, что основными задачами современного образовательного процесса являются создание эффективной системы качества образования, комплексная и объективная система оценки качества образования, повышение и улучшение качества образования. Исследованы различные подходы к сущности и содержанию понятия «качество образования», автором предложено определение этого понятия. Отмечается, что качество образования - это не только соответствие знаний обучающихся государственным образовательным стандартам, но и успешная деятельность самого образовательного учреждения, деятельность каждого преподавателя и руководителя в направлении обеспечения качества образования. Автор определил этапы процесса обеспечения качества образования в высших профессиональных учебных заведениях. Выявлены основные факторы, влияющие на качество образования. Подчеркивается, что оценка качества образования является составным элементом системы образования и отражает степень соответствия фактических результатов образования требованиям государственных стандартов, общественным и личным ожиданиям. Выявлены тесно связанные процессы, составляющие современный этап реформы образования в Республике Таджикистан. Определены и описаны три основных метода оценки качества образования, имеющиеся в мировой практике. Выделены основные аспекты оценки качества образования, которые дополняют друг друга. Отмечена целесообразность установления в каждом высшем профессиональным учебном заведении единой системы оценивания, которая соответствует виду деятельности учреждения, реализуемым образовательном программам. Автор

определил основные цели организации системы оценки качества образования в высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** сфера образования, качество образования, высшее профессиональное учебное заведение, оценка, образовательный процесс, студенты, государственные образовательные стандарты, мониторинг качества образования, потребители образовательных услуг, образовательное пространство.

**METHODS FOR ASSESSING THE QUALITY OF EDUCATION IN HIGHER PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS**

This article substantiates the need to assess the quality of education in higher professional educational institutions, and also notes that the main tasks of the modern educational process are the creation of an effective education quality system, a comprehensive and objective system for assessing the quality of education, and improving the quality of education. Various approaches to the essence and content of the concept of "education quality" have been studied, the author has proposed a definition of this concept. It is noted that the quality of education is not only the compliance of students' knowledge with state educational standards, but also the successful activity of the educational institution itself, the activities of each teacher and leader in the direction of ensuring the quality of education. The author defined the stages of the process of ensuring the quality of education in higher professional educational institutions. The main factors influencing the quality of education are identified. It is emphasized that the assessment of the quality of education is an integral element of the education system and reflects the degree of compliance of the actual results of education with the requirements of state standards, public and personal expectations. Closely related processes that make up the current stage of the education reform in the Republic of Tajikistan are identified. Three main methods for assessing the quality of education available in world practice are defined and described. The main aspects of assessing the quality of education, which complement each other, are highlighted. The expediency of establishing a unified assessment system in each higher professional educational institution, which corresponds to the type of activity of the institution, implemented educational programs, is noted. The author determined the main goals of organizing a system for assessing the quality of education in higher professional educational institutions of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** sphere of education, quality of education, higher professional educational institution, assessment, educational process, students, state educational standards, monitoring of the quality of education, consumers of educational services, educational space.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Фирӯза Олмаҳмадовна*** **-** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Телефон: **93-567-10-8**4. E-mail: **f.o.rajabova@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Раджабова Фируза Олмахмадовна*** - Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзаде, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан ,город Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6 Телефон.: **93-567-10-84**. E-mail: **f.o.rajabova@mail.ru**

**Information about author:** ***Rajabova Firuza Olmahmadovna*** - Tajik international university of foreign languages of the name S. Ulugzade, candidate of the pedagogical sciences, assistant professor of the pulpit pedagogical and psychologies. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev street, 17/6.
Phone:: **93-567-10-84**. E-mail: **f.o.rajabova@mail.ru**

УДК:371.15.14

# ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ БО ИСТИФОДА АЗ УРФУ ОДАТ ВА АФКОРИ МУТАФАККИРОН

***Шарифов М.Ғ., Шарифов Ш.М.***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

**Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

Масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас дар ҳамаи давру замон, яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Дар бораи чӣ тавр ба роҳ мондани тарбияи насли ҷавон файласуфон, психологҳо, педагогҳо, мувофиқи талаби замонҳои мухталиф, фикру андешаҳои хеле ҷолиброо баён кардаанд, ки то имрӯз аҳамияти тарбиявии худро гум накардааст.

Тарбияи насли наврас имрӯз мазмуни нав пайдо карда, шакл ва методҳои он низ то андозае тағйир ёфтаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа изҳори нигаронӣ доир ба то андозае коста гардидани одобу ахлоқи наврасону ҷавонон менамоянд.

Омилҳои суст шудани пояи тарбияи ахлоқии насли наврас гуногун мебошанд. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои паст рафтани тарбияи ахлоқии насли наврас, ин дар тарбия то андозае ҳамфикр набудани мактаб, оила ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Сабаби дигари паст рафтани ахлоқи наврасону ҷавонон, то андозае фаромӯш сохтани анъанаҳои неку пешқадами мардумӣ мебошад. Мутаассифона, бисёре аз урфу одатҳои пешқадами аҷдодон, ки дар таълиму тарбияи наслҳои ҷавон қимати арзишманд доранд, то замони соҳибистиқлолии кишвар, қариб аз байн рафта буданд.

Воқеан, омӯзиши урфу одат ва анъанаҳои пешқадами халқӣ ва истифодаи он дар раванди тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас, ин фазои холӣ, яъне костагии ахлоқро пур карда метавонад.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз истиқлолияти давлатӣ имконияти васеъ фароҳам овардааст, ки ба таври амиқ ва ҳаматарафа арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик омӯхта шаванд ва дар тарбияи ахлоқии насли наврас истифода бурда шаванд. Дар ин самт халқи тоҷик тавонист, ки таърихи қадима ва пурғановати фарҳангии хешро солҳои охир дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ, яке аз дастовардҳои маънавии миллати мо ба шумор рафта, воқеан барои рушду камоли насли ҷавон, хизмати беандоза судманд менамояд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъанаҳои пешқадамаш дар тамаддуни башар шинохта мешавад. Аслан, миллати соҳибтамаддуни мо, дар тули қарнҳо, дар шароити борояш сангин, тавонист суннат ва анъанаҳои миллии хешро ҳифз намояд. Омӯзиш ва таҳқиқи урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ, касро ба гузаштаи дур, ба шаклҳои қадимтарини маданият, ахлоқ ва ҷаҳонбинӣ ошно месозад.

Сароғоз урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ ҳанӯз ба замони Зардушт рост меояд, ки дар китоби муқаддаси «Авасто» зикр ёфтааст. Зардуштиён насли кӯчаки худро аз туфулият дар руҳияи илмдӯстӣ, ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми

бузургсолон, тарбия менамуданд. Эшон каломи хуш ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд. Аҷдоди куҳанбунёди мо, дар тарбияи насли ҷавон, ҳамеша бо мактаб, омӯзгор ва аҳли ҷомеа ҳамкори қарин буданд ва кӯдаконро таълим медоданд, ки қадри омӯзгорро донанд ва аз гуфтаҳои ӯ сар напечанд.

Тибқи таълимоти Зардушт, барои инсони нек ва комил дар «Авасто» як қатор сифатҳо пешниҳод шудаанд. Аввалан, пайрави оини зардуштӣ бояд ҳамеша дар бораи ваъдаи худ фикр карда, барои иҷрои он кӯшиш намояд. Баъдан, ӯ сарфи назар аз мавҷудияти камбудию душвориҳо, бояд хонад ва дониш омӯзад. Сониян, бояд дорои се хусусияти ахлоқӣ: гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек бошад. Дини Зардушт ҳамчун оини ақлу хирад, оини некию ростӣ ва ростқорӣ дар ҷаҳон эътироф шудааст.

Ҳамин тавр, агар мо бодиққат ба мазмуни сурудаҳо аз "Готҳо", "Яштҳо" ва ниёишҳои «Авасто» назар афканем, боварӣ ҳосил менамоем, ки табиат ва ҷамъият аз нуқтаи назари некӣ-бадӣ, ростию ҳақиқат, дурӯғу беадолатӣ, зебоию зиштӣ, яъне вобаста ба мафҳумҳои ахлоқӣ асос ёфтааст.

Анъанаҳои қадимаи халқи тоҷик, аҳамияти бузурги итҷимоӣ-таърихиро дар худ доро мебошанд. Омӯхтану ба шароити муосир мутобиқ намудани анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик, вазифаи таъхирнопазири мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад, чунки дар шароити имрӯза, мубрамияти тарбиявии анъанаҳои мардумӣ, урфу одат ва расму оинҳои халқӣ торафт зиёд мегардад. Ҳамчунин, қимати тарбиявии анъанаҳои халқӣ он вақт меафзояд, ки агар мактаб, оила ва ҷомеа онҳоро бо анъанаҳои имрӯза дар алоқамандӣ бо мақсади тарбияи насли наврас, истифода барад, зеро қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ вобаста ба ҳаёти имрӯза то андозае тағйир ва ташаккул меёбанд.

Бояд зикр намуд, ки урфу одат ва анъанаҳои нек ва арзишҳои ахлоқии дар замони зардуштиён бамиёномада баъдтар дар замони Ҳахоманишҳо, Сосониён, Кушониён ва минбаъд ҳамчун меъёри тарбияи арзишҳои ахлоқӣ хизмат кардаанд.

Хусусан, дар асоси арзёбии расм ва оинҳои пешин дар давраи Сосониён, ба масъалаи тарбияи инсони комил, аз худ намудани илму дониш ва дар асоси анъанаи нек тарбия намудани насли наврас, аҳамияти хосса дода мешуд. Аз ҳамин лиҳоз, ҳадаф ва мазмуни тарбия дар замони Сосониён чунин буд:

1. Инкишофи тарбияи оилавӣ бо ҳадафи идома додани наслҳо.

2. Пурзӯр намудани тарбияи қавмӣ барои мустаҳкам намудани нажод ва миллат.

3. Рушди тарбияи мазҳабӣ ва ахлоқӣ.

4. Ривоҷ додани тарбияи завқу шавқ ба шуғлҳои мухталиф.

5. Пурзӯр намудани камолоти ҷисмонӣ ва тарбияи гигиенӣ.

6. Баровардани хату савод ва ҳисоб агарчи барои ҳама зарурат надошт, вале барои руҳониён ва дабирон зарур буд ва навъе аз он мавриди эҳтиёҷи савдогарон ва бозаргонон буд.

7.Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва тайёрии ҳарбӣ барои ҳифзи ватан.

8. Мубориза ба муқобили бекорӣ ва танбалӣ, чунки шахси бекор даст ба гуноҳ мезанад.

Бояд иқрор намуд, ки анъанаҳои нек имрӯз низ қимати ахлоқии худро гум накардаанд. Олимон ва зиёиёни тоҷик, барои эҳтиёткорона муносибат намудан ба дурдонаҳои мероси маънавии халқ, кӯшиши зиёд намуда, барои омӯхтану тарғиб намудани анъанаҳои пешқадам, корҳои шоёнро ба сомон расонида истодаанд. Зеро омӯхтан ва дастраси умум намудани мероси бойи гузашта, аз ҷумла анъанаҳои пешқадами мардумӣ, ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷараёни сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд, мусоидат намуда, дар тарбияи ахлоқии мардумон ва ташаккули насли ояндасоз кумаки амалӣ мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки дар рӯзнома ва маҷаллаҳои оммавии даврӣ, алъон, роҷеъ ба истифодаи урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар тарбияи насли наврас, маводҳои ҷолиб ба нашр мерасанд, вале фикр мекунам он ҳамоно кам аст. Ба ақидаи мо, имрӯз вақти он расидааст, ки дар бораи укдаҳои нокушодаи анъанаҳои халқӣ, рисола, дастуру васоити тарбиявӣ таълиф намоем, ки он дар тарбияи насли наврас мавриди истифода қарор гирад. Аз сӯйи дигар мактаб, оила ва аҳли ҷомеаро лозим аст, ки барои аз нав эҳё намудани анъанаҳои неки мардумӣ, ки дар тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас кумаки босамар расонида метавонад, кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Ҳам дар вақти дарс ва ҳам ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ аз анъанаҳои мардумӣ истифода бояд бурд. Ҳамзамон, оид ба анъанаҳои неки халқӣ, ташкили намоишномаҳо, мунтазам доир намудани вохӯрӣ бо оилаҳое, ки дар тарбияи кӯдакон муваффақиятҳо ба даст овардаанд, ба мақсад мувофиқ мебошад ва ин амал, бешак, дар тарбияи ахлоқии кӯдакон нақши муассир мегузорад.

Мутаассифона, чунин анъанаҳои нек, ба монанди ҳурмати падару модар, меҳнатдӯстӣ, фурӯтанӣ, инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон, ҳурмати устод, ростӣ ва ростгӯйӣ, хоксорӣ, некӣ ва накукорӣ, бо ҳам тифоқ будан, ҳунар ва ҳунармандӣ, дӯстӣ ва одамият барин анъанаҳо на дар ҳамаи оилаҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд, дар ҳоле ки, хушбахтона, дар муассисаҳои таълимӣ аз тарафи омӯзгорон, қариб ҳамарӯза мавриди истифода қарор мегиранд.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар ҷомеа низ аз анъанаҳои неки халқӣ хеле кам истифода мебаранд. Ҳол он ки анъанаҳои пешқадами мардуми тоҷик, ки солҳои сол дар ақлу дили одамон ҷо гирифтаанд, имконияти васеи дар насли наврас ташаккул додани сифатҳои беҳтарини ахлоқи шоистаро доро мебошанд. Махсусан, аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, бо мақсади тарбиявӣ истифода бурдани анъанаҳои халқӣ бисёр муҳим аст, зеро мактаббачагони хурдсол зуд зери таассуроти масъалаҳои тарбиявӣ қарор мегиранд.

Мувофиқи таҳқиқоти психологию педагогӣ ва мушоҳидаҳои мо, синну соли хурди мактабӣ, барои тарбия хеле қулай мебошад. Аз тарафи дигар, дар корҳои таълиму тарбия истифода бурдани анъанаҳои халқӣ, неру ва вақти камтари омӯзгорону волидонро талаб мекунад.

Аз қадимулайём, бузургсолони миллати мо, кӯшиш менамуданд, ки насли ҷавон хислатҳои неки инсониро аз синни хурдӣ ба худ қабул намояд. Як бартарии зисту зиндагонӣ ва ҳаёти мардуми тоҷик аз он иборат буд, ки пеш аз ҳама, насли ҷавонро аз хурдӣ ба меҳнатдӯстӣ одат мекунонданд ва дар ин бора худи калонсолон барои фарзандон намунаи ибрат буданд. Масалан, дар гузашта ҳамсояҳо медиданд, ки кӯдаки 6-7 сола досро гирифта, алаф медаравад, онҳо досро аз дасти кӯдак

мегирифтанд ва онро ба гардани падари бача монда ӯро мекашиданд. То замоне падар ташкил намудани як зиёфатро ба уҳда намегирифт, досро аз гардани ӯ раҳо намекарданд. Ҳамин тавр, падар як зиёфати хоксоронаро ташкил мекарду ҳамсояҳоро даъват менамуд ва баъди хӯрдани таом, кӯдакро ба назди худ хонда, фотеҳаи нек медоданд, ки акнун ту марди хона шудаӣ ва минбаъд дар корҳои хоҷагӣ ва рӯзгор ба падарат ёрӣ мерасонӣ. Аз ҳамин рӯз эътиборан кӯдак худро шахси дар оила даркорию зарурӣ меҳисобид. Ин анъана воқеан кори неку буда, дар тарбияи инсон бетаъсир намемонад. Дар ин хусус Муҳаммади Ғазолӣ - файласуф ва фақеҳи маъруф гуфта буд: "Ҳамаи тифлони навзод бо софию беолоиш ба дунё меоянд ва танҳо пас аз он волидайн аз онҳо ё иброниӣ, ё масеҳӣ, ё коҳин месозанд" [8, с. 348].

Яке аз анъанаҳои дигари қадимаи мардуми тоҷик ин эҳтироми падару модар ва бузургсолон мебошад. Ба ҷо овардани иззату эҳтироми падару модар барои фарзанд шарафи бузург буд. Ҳурмати падару модарро ба ҷо овардан, онҳоро эҳтиром намудан ва ба хизматашон тайёр будан аз сифатҳои волои инсонист. Кӯдак ҳар субҳ, баъд аз бархостан аз хоб ва адои шустушӯй бо тавозуъ ва бо забони нарм ба падару модар бояд салом диҳад. Баҳри иҷрои супориши онҳо бояд саркашӣ накунад ва бо нигоҳи дурушт ба дидаҳои пурмеҳри онҳо нанигарад. Ё ба хона даромадани калонсолон, аҳли дар хона нишаста ба пешвози калонсолон аз ҷойи худ хеста, ду даст пеши бар гирифта, таъзим намудан ва ҷойи нишаст нишон додан, яке аз рукнҳои эҳтироми падару модар ва калонсолон ба шумор меравад [10, с. 275-276].

Дар байни мардуми мо одати хубе вуҷуд дорад, ки ҳангоми бо шахси калонсол дучор омадан, қатъи назар аз он ки ӯ шинос аст ё не, аввалин шуда салом додан, ҳамчун як шакли эҳтироми калонсолон аз ҷониби хурдсолон мебошад. Вақте ки одати эҳтироми калонсолон дар байни ҷавонон хеле зиёд аст, дар навбати худ, бузургсолон ҳам нисбат ба бачагон ғамхору дидадаро бояд бошанд. Одатан, дар байни мардуми мо ақидае мавҷуд аст, ки "Ғамхорӣ дар бораи ҳама, вазифаи калонсолон аст, вале ҳурмат намудани калонсолон вазифаи хурдсолон мебошад" [10, с. 277].

Пирони рӯзгордида ҳамеша панд медоданд, ки дар айёми пирӣ хизмати падару модарро ба ҷо овардан, ба қомати хамида ва ба дастони аз камоли пирӣ бемадори онҳо асо шудан, шарафи ҷавонист. Ҳар кас, ки падару модарро эҳтиром мекунаду ба қадри онҳо мерасад, азизи дигарон хоҳад буд. Эҳтироми пирон қарзи фарзии ҳар фарди солимақл аст. Чи гунае ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мефармояд:

*Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,*
*К-аз ин шева донам ба пирӣ расӣ [1, с.125].*

Анъанаи дигари қадима, эҳтироми устод ба шумор мерафт. Меъморе, ки нахустин хишти илму дониш, фазлу адаб, маънию маърифатро дар бинои муҳташами маънавии фард мениҳад, устод аст. Ҳамин тавр устод баҳри рушди шахсияти шогирдаш, чун шамъ месӯзад ва гоҳ чун мум об ва нарму мулоим мешавад, гоҳ чун пӯлоди сахту матин сахтгирӣ мекунад. Аз ин рӯ, ба дараҷаи камолот расидану соҳиби илму дониш ва фазлу адаб гардидани ҳар як шогирд, ифтихор ва мақсади бузурги устод мебошад. Устод дар симои шогирд самараи меҳнат ва ранҷу машаққати тулонии хешро мебинад. Вақте ки кас номи устодро ба забон мегирад, дар пеши назар симои шахси маҳбуб, азизу муҳтарам ва парваришгари чун меҳр

пурзиё таҷассум мегардад. Дар ин бора муаллими ахлоқи башар Мавлоно Ҷомӣ ҳам бамаврид гуфтааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор [6, с. 322].*

Вақте ки ҳар рӯз шогирд ба мактаб меравад, баробари ба устод вохӯрдан, бояд ба ӯ бо эҳтиром салом диҳад ва ҳурмати ӯро ба ҷо орад. Дар кӯчаву бозор ва дар мактабу ҷода аз пеши устод гузаштан аз рӯйи одоб нест. Хешро бояд ба канор гирифт ва ба ӯ роҳ дода, бо эҳтиром гуселаш бояд намуд. Дар иҷрои супоришҳои устод шогирдро ҷидду ҷаҳд мебояд. Дар иҷрои супоришҳо набояд коҳилӣ ва саркашӣ кард, ки ҷавони саркаш «сар накашад» гуфтаанд, бузургон. Гуфтор ва панду таълими устодро бо хушнудӣ қабул намудан ба шогирд хурсандӣ меорад ва ҳамзамон устод низ хушҳолу мамнун мегардад. Шогирд бояд саъй намояд, ки ба боварии устод сазовор гардад. Дар ин маврид Соиби Табрезӣ абёте дорад ба ин маънӣ, ки хеле ҷолиб гуфтааст:

*Соиб, ба пои хеш занад теша бехабар,*
*Он беадаб, ки ханда ба устод мезанад [2, с.77].*

Анъанаи дигари халқи мо ин ростӣ ва ростгӯӣ мебошад. Ростӣ ва ростиро дар ҳаёт ҳаргиз завол набувад ва инсон ба муроди дил бо ин роҳ мерасад. Бузургон гуфтаанд, ки инсонҳо аз роҳи рост суди зиёде бо худ бурдаанд. Бояд донист, ки ростӣ ва ростгӯӣ беҳтарин сифат ва аз накутарин хислатҳои одамӣ буда, ғунчаи ин бӯстон ҳамеша шукуфон ва бехазон аст. Ростӣ қотили ақраби пурзаҳри дурӯғгӯй ва каззобест, ки дар арсаи зиндагонӣ ростӣ аз болои каҷии пурзаҳр ғалаба менамояд ва боби адлу адолат ба рӯйи кас мекушояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар ҳаёт ва дар олами ҳастӣ, бадтар аз каҷӣ ва беҳтару накутар аз ростӣ чизе нест. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ аст, ки мефармояд:

*Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пешае нест,*
*Зи каҷӣ бадтар ҳеҷ андешае нест.*

Ростиро завол набувад ва ростгӯйро пой бо дили каҷ ҳаргиз банд нашавад ва аз фалокатҳои рӯйдиҳандаи каҷӣ як умр эмин бошад. Панди Носири Хусрав дар ин маврид кобили таваҷҷуҳ мебошад, ки фармудааст:

*Дилатро рост кун дар росткорӣ,*
*Ки ҳаст аз росткорӣ растагорӣ.*

Боз як анъанаи дигари мардуми мо ин ҳунар ва ҳунармандӣ мебошад. Бузургон ҳунарро аз накутарин пешаи одамӣ, аз беҳтарин фазилатҳои мавҷудоти бошууру соҳибхиради одамӣ пиндоштаанд ва онро ба қимати илму адаб баробар шумурдаанд.

Ҳунар ва ҳунармандӣ таҷассум ва омили тамаддун ва маърифатнокии одамист, ки бо он истеъдод, қобилият ва маҳорати соҳибҳунар муайян мешавад ва ин ҳол шарафи шахс мегардад. Агар ҳунар ва ҳунармандӣ намебуд, ҷаҳон чун водии урён боқӣ мемонд. Ҳунар ва ҳунармандӣ пешаи пурқиматест, ки боиси таҳсин ва ситоиши умум мегардад. Ҳунарманд ҳаргиз хор нагардад ва ҳунар ӯро роҳати афзун орад. Ҳунар чашмаи зоянда ва давлати поянда аст ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад. Беҳунар луқма чинаду хорӣ бинад. Дар ин бора мутафаккири қарни XVI-и тоҷик Бадриддин Ҳилолӣ хеле хуб гуфтааст:

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст,
Дар мавсими қудрати ҷавонӣ,
Нақде ба каф ор, то тавонӣ! [7, с. 432]

Дар зарбулмасалу мақолҳои халқӣ чунин омадааст: «Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст». Бале, ҳунар ганҷи бебаҳост, ки бо пулу мол харида намешавад. Саъй бар он бояд намуд, ки шогирдон бештар ҳунар омӯзанд ва чашми донишу хирад ба ин гавҳари пурбаҳо дӯзанд, зеро ҳунар болобарандаи исми ҳунарманд аст.

Дӯстию рафоқат ва одаму одамгарӣ, яке аз анъанаҳои дигари мардуми мо мебошад. Пӯшида нест, ки дӯстӣ, рафоқат ва меҳрубонию одамият дар ҳаёт аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ ба шумор меравад. Байти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ баёнгари ин матлаб аст:

Дарахти дӯсти биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад [12, с.128].

Ҳамин тавр, анъанаҳои халқи тоҷик, ки решаҳои хело амиқ доранд, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ дошта, асрҳои аср ҳазорҳо насли наврасро тарбия намудааст ва имрӯз низ ин анъанаҳо ҳамчун як воситаи тавонои таълиму тарбияи ҷавонон хизмати босазое менамоянд. Аз ҳамин лиҳоз, зарур аст, ки дар мактаб ва оила муаллимон ва падару модарон, роҳҳо ва усулҳои истифодабарии анъанаҳои халқиро ҷустуҷӯ намоянд ва ҳангоми дарс ва корҳои беруназсинфӣ аз онҳо фаровон истифода баранд.

Ҷиҳати самаранок гардидани тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас ва ҷавонон зарур мешуморем, ки дар муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зерин пурқувват ва амалӣ карда шаванд:

1. Такмили омӯзиши ашъор ва панду андарзҳои мутафаккирони аҷдодӣ доир ба хислатҳои олии инсон.
2. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ зери унвони “Ахлоқи ҳамида”.
3. Ташкили намоиш ва таҳлили асарҳои пандуахлоқии мутафаккирони классик ва муосир.
4. Гузаронидани суҳбат ва вохӯрӣ бо олимон, пирони рӯзгордида ва оилаҳои намунавӣ.
5. Ҷалби васеи хонандагон ба тамошои мунтазами барномаҳои телевизионии мазмуни пандуахлоқӣ дошта.

**Муқарриз: Қодиров К.-д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо. - Душанбе: Ирфон, 1989. -С. 148.
1. Абдусамади Мулло. Ту бар хилофи бадон тухми некӣ кор, (андарз ва ҳикматҳои Соиби Табрезӣ).- Душанбе, 2011. -С. 80.
2. Абдуллаева Р.Х. Совместные усилия семьи и школы, направленные на достойное воспитание подрастающего поколения / Р.Х.Абдуллаева, Козими Растагар //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - № 1(37), 2011.- С. 228.
3. Асомуддинов Т. Сарчашма ва манбаъҳои таълимоти ирфонӣ - фалсафаи Ҷалолуддини Балхӣ оид ба инсон / Т.Асомуддинов // Паёми ДМТ. - № 3-4 (205), 2016. -С.95.
4. Афзалов Х. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик / Х.Афзалов, Б.Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1994. -С. 190.

5. Аълохон Афсаҳзод. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ-адиб ва мутафаккири номӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. -С. 464.
6. Бадриддин Ҳилолӣ. Девон. – Душанбе: Адиб, 2016. -С. 480.
7. Лавский В.В. Суфийская мудрост. –М., 2002. -С. 348.
8. Нуров А. Мақоми анъана ва расму одат ҳамчун арзишҳои миллии маънавӣ дар тарбияи насли наврас / А. Нуров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 3(46). -2013. -С. 149.
9. Раҳимов Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик / Б.Раҳимов, А. Нуров. - Душанбе, 2008. -С. 294.
10. Сатторов А. Тарбияи наврасон – масъулияти муқаддас //Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир / А. Сатторов. - Душанбе 2013. -С. 244.
11. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2015. -С. 480.
12. Ҳақризо Эйвазӣ, Зубайдов У. Таълим ва тарбия дар асри Сосониён дар Эрон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - № 3(46). -2013. -С. 95.

## ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ БО ИСТИФОДА АЗ УРФУ ОДАТ ВА АФКОРИ МУТАФАККИРОН

Тарбияи ахлоқии насли ҷавон дар ҳамаи давру замон яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Дар масъалаи чӣ тавр ба роҳ мондани тарбияи насли ҷавон файласуфон, психологҳо, педагогҳо мувофиқи талаби замонҳои мухталиф фикру андешаҳои хеле ҷолиброи баён карданд, ки то имрӯз аз аҳамияти вижа бархӯрдор аст. Тарбияи ахлоқӣ имрӯз мазмуни нав пайдо карда, шакл ва методҳои роҳандозии он то андозае тағйир низ ёфтааст. Таҳқиқото баёнгари онанд, ки дар ин авохир омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа изҳор менамоянд, ки пояи тарбия то андозае коҳиш ёфтааст, одобу ахлоқи наврасону ҷавонон коста гардидааст.Омилҳои суст гардидани пояи тарбияи ахлоқии насли наврас гуногун буда, ба андешаи муаллифон, яке аз сабабҳои паст рафтани тарбияи ахлоқии насли наврас ин дар тарбия то андозае ҳамфикр набудани мактаб, оила ва ҷомеа ба шумор меравад. Сабаби дигари чунин вазъ то андозае фаромӯш намудани анъанаҳои неку пешқадами мардумӣ дар риштаи таълими муосир мебошад. Боиси таассуф аст, ки бисёре аз урфу одатҳои пешқадами аҷдодӣ, ки дар таълиму тарбияи наслҳои ҷавон қимати арзишманд доранд, то замони соҳибистиқлолии кишвар анқариб аз байн рафта буданд. Муаллифон қайд менамоянд, ки воқеан омӯзиши урфу одат ва русуми пешқадами мардумӣ ва истифодаи он дар раванди тарбия фазои холӣ, яъне костагии ахлоқро пур карда метавонад. Илова бар ин, муаллифон қайд намудаанд, ки омӯхтану ба шароити муосир мутобиқ намудани анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик вазифаи таъхирнопазири мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад. Муаллифон дар таҳияи мақола ба адабиётҳои таърихӣ, бадеӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва андешаҳои муҳаққиқони гуногун такя намуда, иброз қайд намудаанд, ки муштарак сохтани тарбияи ахлоқии насли наврас бо расму анъанаҳои мардумӣ дар шароити муосир зарур буда, воқеан метавонад фазои костагии ахлоқиро дар ҷомеаи имрӯза бартараф созад".

**Калидвожаҳо**: ахлоқ, афкор, фалсафа, мутафаккир, худогоҳӣ, анъана, оин, мардумӣ, оила, дӯстӣ.

## ВОСПИТАНИЕ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ОБЫЧАЕВ И ПРЕДСТАВЛЕНИЙ МЫСЛИТЕЛЕЙ ПРОШЛОГО

Нравственное воспитание подрастающего поколения во все времена считалось одной из важнейших социальных проблем. Философы, психологи, педагоги высказали очень интересные мысли по вопросу о том, как воспитывать молодое поколение в соответствии с потребностями разных времен, что имеет особое значение в нынешнее время. Сегодня нравственное воспитание приобрело новый смысл, а также в некоторой степени изменились формы и методы его проведения. Исследования показали, что в последнее время учителя, родители и члены общества говорят о том, что воспитание несколько ослабло, а нравственность подростков и молодежи снизилась. Причины ослабления фундамента нравственного воспитания подрастающего поколения различны, и, по мнению авторов, одной из причин упадка нравственного воспитания подрастающего поколения является отсутствие связи между школой, семьей и обществом в образовании. Другая причина такого положения – в некоторой степени забвение добрых и передовых традиций народа в области современного образования. К сожалению, многие ведущие традиции предков, имеющие неоценимую ценность в воспитании подрастающих поколений, к моменту обретения страной независимости были практически утрачены. В статье авторы придерживаются мнения о том, что изучение передовых народных традиций и обычаев и использование их в процессе воспитания может восполнить пробел, то есть отсутствие нравственности. Кроме того, авторы отмечают, что изучение и адаптация ведущих традиций таджикского народа к современным условиям является актуальной задачей

школы, семьи и общества.При подготовке статьи авторы опираются на историческую, художественную, научно-исследовательскую литературу и мнения различных исследователей и высказывают следующее мнение: «…нужно сочетать нравственное воспитание подрастающего поколения с народными обычаями и традиции в современных условиях, и на самом деле можно создать пространство для воспитания нравственности в современном обществе». По мнению авторов, именно на основе изучения, показывая исследования разных мыслителей об обрядах предков, мы можем подготовить подрастающее поколение в вопросах познания Бога, самосознания, любви к народу и Родине, человечеству и другие аспекты нравственного воспитания.

**Ключевые слова:** мораль, мысль, философия, мыслитель, самосознание, традиции, обычаи, народ, семья, дружба.

**EDUCATION OF SPIRITUAL AND MORAL VALUES USING THE CUSTOMS AND REPRESENTATIONS OF ANCIENT THINKERS**

The moral education of the younger generation has always been considered one of the most important social problems. Philosophers, psychologists, teachers have expressed very interesting thoughts on how to educate the younger generation in accordance with the needs of different times, which is of particular importance at the present time. Today, moral education has acquired a new meaning, and the forms and methods of its implementation have also changed to some extent. Studies have shown that teachers, parents and members of society have recently said that education has weakened somewhat, and the morality of adolescents and young people has declined. The reasons for the weakening of the foundation of the moral education of the younger generation are different, and, according to the authors, one of the reasons for the decline in the moral education of the younger generation is the lack of communication between the school, family and society in education. Another reason for this situation is, to some extent, the oblivion of the good and advanced traditions of the people in the field of modern education. Unfortunately, many of the leading traditions of the ancestors, which are of inestimable value in the upbringing of the younger generations, were practically lost by the time the country gained independence. In the article, the authors are of the opinion that the study of advanced folk traditions and customs and their use in the process of education can fill the gap, that is, the lack of morality. In addition, the authors note that the study and adaptation of the leading traditions of the Tajik people to modern conditions is an urgent task of the school, family and society.In preparing the article, the authors rely on historical, artistic, research literature and the opinions of various researchers and express the following opinion: “... it is necessary to combine the moral education of the younger generation with folk customs and traditions in modern conditions, and in fact, you can create space for the elimination of morality in modern society". According to the authors, it is on the basis of study, showing the studies of various thinkers about the rites of ancestors, that we can prepare the younger generation in matters of knowledge of God, self-awareness, love for the people and the Motherland, humanity and other aspects of moral education.

**Key words:** morality, thought, philosophy, thinker, self-consciousness, tradition, custom, folk, family, friendship.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарифов Муҳсин Ғаффорович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Телефон**: (+992) 003333880**. E-mail: **charifov63@inbox.ru**

***Шарифов Шодон*** **-** Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.Телефон: **(+992) 987873008.** E-mail: **tajikistan502084807@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Шарифов Мухсин Гаффорович*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзаде, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан ,город Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6 Телефон: **(+992) 003333880**. E-mail: **charifov63@inbox.ru**

***Шарифов Шодон*** – Республиканский институте повышения квалификации работников образования, специалист отдела международных отношений. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан ,город Душанбе, улица Нисормухаммада, 15. Телефон: **(+992) 987873008**. E-mail: **tajikistan502084807@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Sharifov Mukhsin Gafforovich*** - Tajik international university of foreign languages of the name S. Ulugzade, candidate of the pedagogical sciences, assistant professor of the pulpit pedagogical and psychologies. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev street, 17/6. **(+992) 003333880**. E-mail: **charifov63@inbox.ru**

***Sharifov Shodon*** - Republican Institute for Advanced Studies of Educators, Specialist of the Department of International Relations. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nisormuhammad street, 15. Phone: **(+992) 987873008**. E-mail: **tajikistan502084807@gmail.com**

УДК:37.0

# НАҚШИ ЭКСПЕДИТСИЯ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ГЕОГРАФӢ

*Сабурӣ Х.М., Ҳайдарова М. М.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Экспедитсияи географӣ як намуди сайёҳати сатҳи мураккабу мушкил нисбат ба экскурсия ва таҷрибаомӯзии таълимӣ - саҳроӣ маҳсуб меёбад. Аз ҳамин лиҳоз, ба ҳайси иштироккунандагони экспедитсияҳо донишҷӯёни курсҳои болоӣ ҷалб карда мешаванд, ки онҳо таҷрибаи иштирок дар саёҳати экскурсионӣ, таҷрибаи таълимии саҳроӣ ва шавқи баланди таҳқиқотӣ доранд.

Вазифаи асосии экспедитсияи кишваршиносӣ – ҷустуҷӯву навовариҳо дар таҳқиқоти илмӣ, инкишофи ташаббусу эҷодкорӣ ва худфаъолиятӣ дар донишҷӯён мебошад. Ҳамзамон, тавассути экспедитсияҳои географӣ донишҷӯёнро ба фаъолияти мақсадноку фоидаовари ҷамъиятӣ ҷалб намудан мумкин аст.

Мусаллам аст, ки муаллим ва кафедраи пешбар пеш аз оғози экспедитсия барномаи таълимӣ ва кориро мураттабу тасдиқ намуда, донишҷӯёнро бо мақсад ва муҳтавои он шинос мекунад. Мавзуи экспедитсия метавонад гуногун, вале дар доираи стандарти давлатӣ ва барномаи таълимӣ бошад. Ҳар як саёҳати экспедитсионӣ таҷрибаро бой мегардонад, шавқи донишҷӯёнро баланд мебардорад, ҳини омӯзиши табиати кишвар ҳисси ватандӯстиро дар онҳо бедор менамояд.

Ҳангоми таҳқиқоти экспедитсионӣ донишҷӯён маълумотҳоро ба ҷуз адабиётҳои лозимӣ аз ҳар гуна объектҳои табиӣ ба даст меоранд, алоқамандии ҳодисаҳои табиатро меомӯзанд. Хусусияти таҳқиқотӣ имкон медиҳад, ки дар хотираи донишҷӯён дониши гирифтаашон муддати дурудароз боқӣ монад.

Доир ба масоили омӯзиши кишваршиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ асарҳои олимони хариташинос ва методистони шуравӣ: А.С. Барков, Н.Н. Баранский, В.П. Буданов, В.А. Кондаков, А.А. Половинкин нақши муассир доранд. А.С. Барков [3] олим - географ, ки тамоми умрашро сарфи мактаби шуравӣ кардааст, ба кори кишваршиносӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир менамуд. Бо ташаббуси ӯ соли 1946 дар назди АИП РСФСР комиссия оид ба кишваршиносии мактабӣ ташкил шуд.

Ба уҳдаи ин комиссияи илмӣ тайёр кардани мундариҷаи илмӣ - методӣ, ташкили корҳои кишваршиносӣ ва ҷамъбасти он вогузор гардида буд.

А.С. Барков дар бораи аҳамияти калони таълиму тарбиявии кишваршиносӣ қайд карда буд, ки танҳо он вақт босамар инкишоф меёбад, ки ба дониши илмӣ такя карда, ба вазифаю эҳтиёҷоти оянда марбут гардад. Кишваршиносӣ чун география усули омӯзишу маърифати ҳудуд аз ошкор сохтани робитаи мутақобилаи байни предмету ҳодиса иборат аст. Вай аҳамияти калони омӯзиши кишвари худро эътироф намуда, омӯзгоронро даъват мекард, ба фаъолияти кишваршиносон ҳамроҳ шаванд.

А.А. Половинкин чунин зикр менамояд: ки «Мо бояд географияи табиии кишварамонро омӯзем. Аввалан барои он ки атрофиёнамонро бидонем ва бифаҳмем, дуюм барои он ки тавассути омӯзиши объектҳои географии кишвари худ географияи табиии ҳар мамлакати дигар ва тамоми рӯйи Заминро хубтар фаҳмем» [7, с.14].

Н.Н. Баранский навишта буд: «Ба асоси кишваршиносӣ ҳамин мафҳум мавҷуд аст, ки ҳамаи чизи худӣ чи дар табиат ва чи дар ҳаёти шахсӣ – фаҳмотар, содатар ва

аниқтар нисбати бегона ва дур аст» [1, с. 67 ].

Шиносоии наздик бо ландшафти иҳотакарда, омӯзиши қонунҳои ҳаракат, сабабу натиҷаҳои алоқаи табиат дар хонандагон шавқу ҳавасро нисбати корҳои саҳрой - тадқиқотӣ зиёд мегардонад.

Дар аввал аъзоёни экспедитсия кори худро аз мавзуъҳои сода оғоз менамоянд. Ба монанди омӯзиши растаниҳои шифобахш, обҳои маъданӣ, ҷинсҳои кӯҳӣ, минералҳо ва ғайра. Аз рӯйи дараҷаи донишҳои назариявӣ ва заминаи таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ бо оҳистагӣ мавзуъҳоро мушкил менамоянд. Масалан, омӯхтани чарогоҳҳои кӯҳӣ, таҳқиқоти дарёҳои хурд, истифодабарии онҳо ва ғайра. Экспедитсия роҳбар - методисти таҷрибадорро талаб менамояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки экспедитсия шавқу завқи маърифатии донишҷӯёнро афзун месозад. Пеш аз ҳама, ҳар як иштирокчӣ бояд мақсад ва вазифаҳои экспедитсияро дарк намояд, аҳамияти илмӣ – таҳқиқотии онро донад.

Тайёрӣ ба экспедитсия се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад:а) ташкилӣ;б) моддӣ; в) таълимӣ.

Зимни омодагӣ ба экспедитсия муаллим донишҷӯёнро бо мундариҷаи экспедитсия шинос намуда, мақсадҳои таҳқиқотиро мегузорад. Ҳангоми тайёрӣ ба экспедитсия вазъи саломатии донишҷӯён ба инобат гирифта мешавад. Иштирокчиёни экспедитсияро муайян карда, вазифаҳоро байни аъзоён ва ё зергурӯҳҳо тақсим мекунанд. Масъалаи таъминоти иқтисодии экспедитсия низ хеле муҳим аст, зеро проблемаи озуқа, ташкили фонди маблағ, таҷҳизоту лавозимоти зарурира пешбинӣ менамояд.

Омодагӣ ба экспедитсия - ин аз худ намудани харита - схемаи сафар, муайян намудани нуқтаҳои бошишгоҳӣ, аз куҷо бояд экспедитсия сар шавад, муайян намудани объектҳои муҳим барои экспедитсия: чашма, наҳр, дарё, кӯл, роҳ, пайроҳа, кӯҳ, дашт, иншоотҳои иқтисодӣ, объектҳои табиӣ, таърихиву муқаддас ва ғайра мебошад. Инчунин, дар экспедитсия машварату роҳбаладии роҳбар - мушовир доир ба методикаи гузаронидани мушоҳида, ченкунӣ, расмгирӣ, ҷамъ намудани маводҳо барои коллексия, гербарий муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ин ҷо донишҷӯён бо тарзи ҳаётгузаронӣ дар шароити бошишгоҳии сайёҳат шинос мешаванд, аз ҷумла чӣ хел ва дар куҷо рост кардани хайма, гиронидани оташ, тайёр кардани хӯрок, ёрии аввалини тиббӣ ва ғайра.

Дар интиҳои экспедитсия ба роҳбалад – мушовир лозим аст, ки вазъи иҷроиши нақшаи таълимии ҳар як дастаи экспедитсиониро бодиққат аз назар гузаронида, ба омӯзишу пайгирии адабиётҳо, маводи экспедитсия ва объекти тадқиқот диққати худро равона созад.

Дар ин замина экспедитсияи илмӣ - тадқиқотӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои геоэкология, профессор Абдураҳимов С.Я. бо хатсайри Хуҷанд – Истаравшан – Айнӣ -Душанбе – Файзобод – Роғун – Ҳоит – Тоҷикобод – Лахш – Мук – Сариосиёб - Ҳавзаи дарёи Муксу - қисми шимолии қаторкӯҳи Пётри I – Душанбе - Хуҷанд бо фарогирии ду гурӯҳи донишҷӯёни ихтисосҳои география, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат барои аз худ кардани тадқиқоти комплексии географӣ истифодаи методи муқоисавӣ-географӣ, таҳлили маводҳои оморӣ, тартиб додани харитаҳо дар асоси маълумотҳои саҳрой гузаронида шуд. Ҳайати экспедитсияро 16 нафар ташкил мекарданд ва ба онҳо муяссар гардид, то аз манзараҳои кӯҳии қисми шимолии

қаторкӯҳи Пётри I, ки дар байни мутахассисон ҳамчун макони туристӣ нуфуз пайдо кардааст, боздид ба амал оваранд ва бо қонуниятҳои ҷойгиршавии сарватҳои табиӣ, таъсири муносибати инсон ва техника ба олами зинда, ҳудудҳои муҳофизаткунанда, ёдгориҳои ландшафтӣ, гидрологӣ, биологӣ, зоологӣ, минерологӣ, петрографӣ, геоморфологӣ ва ғайра аз наздик ошноӣ пайдо намоянд.

Донишҷӯёни курси 3-юми ихтисосҳои "экология" ва "агроэкология" барои тақвияти донишҳои назариявӣ ва бо амалия алоқаманд намудани он ба хатсайри "Хуҷанд – Шаҳристон – Душанбе – Норак - Данғара – Фархор – Васеъ – Кӯлоб – Дашти Ҷум – Хуҷанд" равона гардиданд. Таҷрибаомӯзиҳои зикршуда дар ҳалли масъалаҳои омӯзиши қонуниятҳои табиат, нигоҳдории баробарвазнии табиӣ, сарфакорона истифодабарии сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити атроф, рушди соҳаи сайёҳӣ, бахусус сайёҳии экологӣ, фарҳангӣ кумак мерасонанд. Зеро дарк кардан, аз худ намудани усулҳои сарфакорона истифодабарии сарватҳои табиии қаламрави кишвар вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди диёри азизамон, кишвари кӯҳҳои осмонбӯс - Тоҷикистон мебошад. Зимни таҷрибаомӯзӣ таъсири амалиётҳои бисёрсолаи геоэкологии гуногуннамудии сарватҳои табиӣ омӯхта шуд. Ҷараёнҳои геодинамикӣ ва фишори табиию техногенӣ, ки дар ҳар як сатҳи гуногуннамудии сарватҳои табиии ҳудуди вилояти Суғд пуршиддат ва гуногун мегардад, таҳлил гардид. Омӯзиши ҷараёнҳои геодинамикӣ нишон дод, ки тағйирёбии иқлим, оқибгардии пиряххо ва фаъолияти техногении инсон ба ҳамдигар зич алоқаманд аст. Аз ин нуктаи назар ҳалли проблемаҳои инноватсионии истифодабарии гуногуннамудии сарватҳои табиӣ, идоракунӣ ва пешгӯйии он дар ҳудуди вилояти Суғд ва дигар ноҳияҳои Тоҷикистон муайян ва муқаррар карда шуд. Асосҳои топографии маҳал, баҳои сифатӣ ба сарватҳои табиии Қаромазори Ғарбӣ ва Қаромазори Шарқӣ, экспедитсияҳои илмӣ, мониторинги маълумотдиҳӣ дар водии Зарафшон, таҳлили идоракунии сарватҳои табиӣ дар ҳудуди маҳал - шаҳри Хуҷанд ва кӯҳи Мевағул, истифодаи маводҳои саҳроӣ барои сохтани каталоги офатҳои табиӣ, муайян кардан ва таҳлили заминҳои вайроншуда нишон дода шуд.

Ин натиҷаҳо аҳамияти фундаменталӣ ва амалӣ доранд. Дар ин замина илми геоэкология дар зери омилҳои идоракунии манбаи маълумотдиҳии асосию ибтидоӣ, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии офатҳои табиӣ ва техногенӣ; паҳншавии сарватҳои техногенӣ - партовҳои саноати кӯҳӣ, мигратсияи металлҳои вазнин, имкон медиҳад, ки натиҷаи самаранокии истифодаи он дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва истифодаи он дар муассисаҳои олӣ амалӣ гардад ва дар раванди таълим пешниҳод шавад.




**Хатсайри таҷрибаомӯзии таълимии комплексӣ тавассути Хуҷанд – Шаҳристон – Душанбе – Норак- Данғара – Фархор – Восеъ – Кӯлоб – Дашти Ҷум – Хуҷанд**

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки донишҷӯён дар шароити таҷрибаомӯзиҳи таълимӣ – саҳроии наздик методи қабулкуниро аз худ менамоянд. Лекин дар бештари ҳолатҳо дар раванди экспедитсия ҳангоми мушоҳидаҳоро дар рӯзномаи экспедитсионӣ инъикос намудан дар шароити саҳро донишҷӯён душворӣ мекашанд. Бояд гуфт, ки мувофиқи матлаб ба роҳ мондани қайди рӯзномаҳои экспедитсионӣ дар аввал сода намояд ҳам, вале дар асл кори хеле мушкил аст. Рӯзномае, ки донишҷӯён дар экскурсияҳои одӣ менависанд, аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз рӯйи мазмуну сохт аз рӯзномаҳое, ки дар экспедитсия навишта мешаванд, фарқ мекунанд. Агар дар саёҳати экскурсионӣ навиштани рӯзномаҳо бо шакли ҳикояи бадеӣ – географӣ сурат гирад, яъне аз мушоҳидаҳо, ҳиссиётҳои шахсӣ ва ҳодисаҳои шавқовар иборат бошанд, пас дар рӯзномаҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни экспедитсия бурда мешаванд, бо мақсади илмӣ - тадқиқотӣ ҷавоб ба саволу супоришҳо, хулоса, натиҷаи мушоҳида ва дигар навиштаҳо иборатанд, ки тариқи харитаву ангора, схема ва расмҳо акс меёбанд. Ба андешаи мо, мушкилии корбарӣ бо рӯзномаро ба ҳисоб гирифта, ташкили кори амалии аъзоёни экспедитсияро дар машғулиятҳои амалии фанҳои бунёдӣ (вобаста ба кафедраи пойгоҳӣ ва ихтисоси донишҷӯ) ба инобат гирифтан лозим аст.

Аз рӯйи маводҳои таҳлилии андешаҳои донишҷӯён ба саволи “Шумо ҳамчун географ ташкили экспедитсияро ба кадом минтақаҳои кишвар, объектҳои табииву иқтисодӣ самарабахш меҳисобед?” донишҷӯён аксарият, яъне 80% ба қаторкӯҳи Туркистон, Искандаркӯл, қаторкӯҳи Ҳисор, Ромит, Бешаи палангон, Дашти Ҷум, кӯҳҳои Помир, кӯли Сарез, НБО Роғун, комбинати электрохимиявии Ёвон ва ғайраҳоро номбар намуданд. Ҷавобҳои донишҷӯён ба саволи “Оё аз бардошти худ аз таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроиву комплексӣ ва ё экспедтисияи географӣ дар навиштани кори курсӣ, рисолаҳои хатм, маърузаҳо дар маҳфилҳои илмӣ истифода мекунед?” имкон доданд, ки тамоюлҳоро ҷиҳати истифодаи маводи экспедитсионӣ

дар навиштани корҳои хаттӣ муайян намоем. Агар дар марҳалаи санҷишӣ ҷавобҳо номуайян бошанд, 27% - и донишҷӯён ҷавоб дода натавониста бошанд, дар марҳалаи баҳодиҳӣ аллакай 67% ҷавоби мусбӣ доданд. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи моро андешаҳои донишҷӯён бобати “Муносибати Шумо ба таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ чӣ гуна аст? Чиро тағйир додан мехоҳед?” ҷалб намуд: “таҷрибаомӯзиву экспедитсияҳо бояд бо лавозимоти зарурӣ, аз ҷумла камераҳои аксбардорӣ, палаткаҳо, халтаи нарми хоб муҷаҳҳаз бошанд”; “таҷрибаомӯзӣ ва экспедитсияҳо бештар ба мавзеъҳои дорои ёдгориҳои табиӣ, объектҳои таърихиву муқаддас ташкил карда шаванд”, “ба мавзеъҳои пиряхӣ экспедитсия ташкил карда шуда, ҷараёни обшавии онҳо аз наздик омӯхта шавад”.

Динамикаи мусбати натиҷаҳои таҳқиқот собит менамояд, ки фарзияи пешниҳодшуда тасдиқ шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтанд ва ҳадафҳо ба даст омаданд.

**Экспедитсияи илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён**




Дар давраи гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ба донишҷӯён муаррифии кишвари худ, ки сарзамини ниҳоят қадима буда, дорои табиати беназир, маданияту таърихи чандинҳазорсола аст. Табиати нотакрори вилояти Суғдро бисёр сайёҳону донишмандон ҳанӯз аз замони Шоҳроҳи бузурги Абрешим ва минбаъд аз сафари сайёҳи венетсиягӣ Марко Поло то иштирокчиёни экспедитсияҳои олимони рус, аъзоёни ҷамъияти географии Россия омӯхтаю тадқиқ намуда, фикрҳои ҷолиб иброз намудаанд. Ҳоло бошад, захираҳои афзуни табиию рекреатсионӣ, дарёҳою кӯлҳо, обанбору чашмаҳои шифобахш, мавҷудияти ёдгориҳои таърихию бостонӣ хусусияти ба худ хосси рушди туризмро дар вилоят муайян мекунанд. Дар замони муосир туризм ба яке аз соҳаҳои тараққикарда табдил ёфта истодааст. Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нигоҳи туризм ба кишварҳое равона гардидааст, ки дорои сарвати беназири табиӣ, мероси бою пурғановати табиӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва инфрасохтори рушдкардаистодаи туристӣ мебошанд. Дар шароити вилояти Суғд рушду равнақи соҳаи туризм метавонад, миқдори зиёди ҷойҳои холии кориро ба вуҷуд оварда, теъдоди бештари бекоронро ба кори доимӣ таъмин намояд. Ҳамзамон, дар сурати амалӣ гаштани нақшаҳои пешбинишуда ҳаҷми даромаднокӣ, аз ин соҳа метавонад даҳҳо маротиба боло равад, ки ин, албатта, боиси баланд гаштани ҳолати некуаҳволии халқ мегардад.

Зимнан, Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 аз қатори ҳамин заминаҳо ва воситаҳои расидан ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар мебошад. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2019) иброз намуданд, «... мо бояд суръати ободонӣ ва бунёдкориро боз ҳам вусъат бахшем, мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созем ва барои рушди деҳот, сайёҳӣ ва тақвияти омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоем. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ беш аз як миллион нафар сайёҳон аз мавзеъҳои нодири кишвари мо дидан кардаанд, ки нисбат ба соли гузашта 20 фоиз зиёд мебошад».

**Ташкили экскурсияҳо б**о мақсади шиносоӣ ба мавзеъҳои истироҳатии шаҳри Хуҷанд яке аз самтҳои асосии фаъолият дар солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ба ҳисоб мерафт. Дар таърихи 15-уми июни соли 2021 дотсент Саидова Д.Н. ҳамроҳи донишҷӯёни курси 2, 3-юми ихтисоси географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат ба “Наврӯзгоҳ”-и шаҳри Хуҷанд экскурсия ташкил намуданд.

М.И. Калинин чунин навишта буд: “Тарбияи ахлоқӣ ба дӯст доштани кишвари худ бояд на дар мафҳуми вазифа, балки дар мавзуъҳои мушаххасе, ки омӯзиши онҳо дар хонанда дарки боигарии моро таъмин менамояд, асос ёбад”. Ӯ зикр менамояд, ки замини мо, ҷангал, кӯҳ, дарё, баҳру кӯл, марказҳои саноатӣ, яъне ҳамаи он чизҳое, ки дар маҷмуъ мундариҷаи географияро ташкил мекунанд, бояд барои тарбия равона карда шавад. Ҳамзамон тавсия медиҳад, ки омӯзиши «географияи маҳал» - и шаҳри худ, ноҳия, дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шавад. Ба андешаи М.И. Калинин, бо омӯзиши «географияи маҳал» фаҳмиши амиқи кишваршиносӣ оғоз мешавад ва дар география тартиб додани харитаи ноҳия - асоси омӯзиши географияи маҳалли худ мегардад.

Суханони олими барҷаста Калининро иқтибос меорем: “Фарз кардем, агар муассисаи таълимӣ дар ноҳияи Фрунзеи шаҳри Москва ҷойгир бошад, бигзор талабаҳо географияи ин ноҳияро хуб омӯхта, харитаи онро кашанд: хонаҳои атроф, кӯчаҳои наздиктарин, майдонҳо ва ғайраро дар харита сабт намоянд. Ҳамаи мо оиди тарбияи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ суханони зиёд мегӯем. Вале ин тарбия аз омӯзиши амиқи Ватани худ оғоз меёбад. Бинобар ин, аз рӯйи ин мулоҳиза низ географияи маҳаллро омӯхтан лозим аст ва ғайр аз ин, мақсади омӯхтани географияи маҳалл он аст, ки хонандагон ва донишҷӯён дар маҳал мавқеи худро хуб муайян карда тавонанд. Онҳо ба ин кор шавқи калон зоҳир мекунанд. Ягон теппа, ҷӯйча, сой аз мадди назарашон дур намемонад. Ҳамаи инро онҳо муфассал дар харита сабт мекунанд”.

Дар **хулоса** метавон гуфт, ки ташкили экскурсияҳо ва экспедитсияҳои илмӣ барои хонандагону донишҷӯён дар самти сайёҳии дохилӣ ба мавзеъҳои сайёҳии минтақаи мазкур барои такомул ва тақвияти ҷаҳонбиниву ватандӯстӣ мусоидат хоҳад кард. Дар васоити ахбори омма кишварҳои хориҷӣ ва шабакаҳои интернетӣ ҷойгир намудани манзараҳои зебо ва обу кӯлҳои софу хушманзараи Тоҷикистонамон бо муаррифии хатсайрҳои сайёҳӣ, қабули меҳмононро зиёд менамояд.

Бояд қайд намуд, ки омилҳое мавҷуданд, ки барои рушди соҳа дар ин мавзеъ беҳбудиву такмил мехоҳанд:

1. инфрасохтори начандон рушдкардаи саноати сайёҳии минтақа;

2. истифода нашудани имконниятҳои фазои иттилоотӣ барои рекламаи мавзеъҳои сайёҳӣ;

3. маблағгузории нокифоя;

4. сатҳи нисбат ба меъёрҳои байналмилалӣ пасти хизматрасонӣ дар ҳамаи бахшҳои саноати сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, нақлиёт, муассисаҳои хӯроки умумӣ;

5. беҳтар намудани сифати роҳҳо;

6. нашри буклетҳо, плакатҳо, харитаҳо ва дигар маводи нашрии таблиғотӣ – иттилоотӣ роҷеъ ба мавзеи сайёҳӣ;

7. ташкил ва баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ дар минтақаҳои сайёҳӣ;

8. ҷалби рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ ба мавзеъҳои ҷолиби сайёҳии минтақа;

9. таъмини шароити зарурӣ барои соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати бунёди иншоотҳои сайёҳӣ;

10. дӯст доштани табиат ва эҳтиёткорона муносибат кардан ба он, яъне нигоҳдорӣ ва ҳифз намудани табиа;

**Муқарриз: Аминов М.Ҳ.- н.и.г., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Баранский, Н.Н. Избранные труды. Становление советской экономической географии / Н.Н. Баранский. — М.: Мысль, 1980.
2. Барков, А. С. Задачи курса физико-географического страноведения в высшей школе / А. С.Барков // Учёные записки МГУ. География, кн. 2, вып. 119. -1946. – 254с.
3. Барков, А.С. О научном краеведении: В кн.: Вопросы методики и истории географии /А.С. Барков. - М.: Изд-во АПН РСФСР, 1961. - С.77.
4. Дадобоева Н.Н. Нақши таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексии географӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстии донишҷӯён Н.Н.Дадобоева, М.М.Ҳайдарова // Маҷаллаи илмии “Номаи донишгоҳ” (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ), №1 (66) – Хуҷанд, 2021. - С. 203. – 210.
5. Душина, И.В. Отражение страноведческого подхода в содержании регионального курса географии /Географическое краеведение / И.В. Душина //Материалы IV Всерос. науч.-практ. конф. по географическому краеведению /ВГПУ. -Владимир, 2002. -С.34-35.
6. Ефремов Ю.К. Краеведение и география. В кн.: Советская география/ Ю.К. Ефремов. -М.: Географгиз, 1960. -С.115-118.
7. Кондаков, В.А. Краеведческий принцип в преподавании географии // В.А. Кондаков. -М.: Изд-во АПН РСФСР, вып. 24. -1950.- 121 с.
8. Кусков А.С. Основы туризма / А.С.Кусков, Ю.А. Джаладян. -М., 2010.-390с.
9. Мороз, В. В. Развитие креативности студентов: монография / В. В. Мороз. - Оренбург: ООО ИПК «Университет», 2011. - 187 с.
10. Москвина, А. В. Интеллектуальное творчество старшеклассников: становление в системе педагогического взаимодействия: монография / А. В. Москвина. - Оренбург: Орлит-А, 2005. - 352 с.
11. Оценка специалистов ВТО туристских возможностях стран СНГ. Режим доступа: https://www.world-tourism.org. /дата обращения 21.06.2016.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 26-уми январи соли 2021.
13. Половинкин, А.А. География и родная природа. А.А. Половинкин. - М.- Л., 1949. – 139 с.
14. Шароит ва сарватҳои рекреатсионии кӯҳистони Зарафшон. Рисолаи хатми Мӯминова Дилфуза Асобидинова таҳти роҳбарии дотсент Саидова Д.Н. - Хуҷанд, 2016. – 57 саҳ.


## НАҚШИ ЭКСПЕДИТСИЯ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ГЕОГРАФӢ


Дар мақола нақши экспедитсия дар таҳқиқоти географӣ арзёбӣ шудааст. Муаллиф экспедитсияи географиро ҳамчун саёҳати сатҳи мураккабу мушкил нисбат ба экскурсия ва таҷрибаомузии таълимӣ - саҳроӣ ҳисобида, таъкид менамояд, ки ба ҳайси иштироккунандагони

экспедитсияҳо бояд донишҷӯёни курсҳои болоӣ ҷалб карда шаванд, зеро онҳо таҷрибаи иштирок дар саёҳати экскурсионӣ, таҷрибаи таълимии саҳроӣ ва шавқи баланди таҳқиқотӣ доранд. Ба андешаи муаллиф, вазифаи асосии экспедитсияи кишваршиносӣ – ҷустуҷӯву навовариҳо дар таҳқиқоти илмӣ, инкишофи ташаббусу эҷодкорӣ ва худфаъолиятӣ дар донишҷӯён мебошад. Ҳамзамон, тавассути экспедитсияҳои географӣ донишҷӯёнро ба фаъолияти мақсадноку фоидаовари ҷамъиятӣ ҷалб намудан мумкин аст. Муаллиф роҳу усулҳои самарабахши ташкили экспедитсияи географӣ пешниҳод намуда, зикр менамояд, ки муаллим ва кафедраи пешбар пеш аз оғози экспедитсия барномаи таълимӣ ва кориро мураттабу тасдиқ намуда, донишҷӯёнро бо мақсад ва муҳтавои он шинос мекунад. Мавзуи экспедитсия метавонад гуногун, вале дар доираи стандарти давлатӣ ва барномаи таълимӣ бошад. Ҳар як саёҳати экспедитсионӣ таҷрибаро бой мегардонад, шавқи донишҷӯёнро баланд мебардорад, ҳини омӯзиши табиати кишвар ҳисси ватандӯстиро дар онҳо бедор менамояд. Аз рӯйи маводи таҳлилии андешаҳои донишҷӯён, тамоюлҳо ҷиҳати истифодаи маводҳои тарибаомӯзӣ ва экспедитсияи географӣ дар навиштани корҳои хаттӣ (кори курсӣ, рисолаи хатм) муайян карда шудаанд. Динамикаи мусбати натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф собит менамояд, ки фарзияи пешниҳодшуда тасдиқ шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтанд ва ҳадафҳо ба даст омаданд.

**Калидвожаҳо:** таъсири байниҳамдигарии ташкили раванди таълим ва экспедитсияву таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ҳамчун механизми иҷтимоӣ, маърифативу фарҳангӣ, донишҳои географӣ ва тадқиқотӣ, ҷустуҷӯву навовариҳо дар таҳқиқоти илмӣ.

## РОЛЬ ЭКСПЕДИЦИИ В ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ

В статье дается оценка роли экспедиций в географических исследованиях. Автор рассматривает географическую экспедицию с позиций сложности и трудности по сравнению с учебно – полевой практикой. При этом подчеркивает, что в экспедиции должны участвовать студенты старших курсов, так как у них есть опыт полевых практик и высокие исследовательские интересы. По мнению автора, основной задачей географической экспедиции является поиск и новаторство в научных исследованиях, развитие инициативы, творческих способностей и дилетантства среди студентов. В то же время с помощью географических экспедиций студенты могут быть вовлечены в целенаправленную и полезную общественную деятельность. При этом автор описывает эффективные способы организации географической экспедиции, особенно от начала до конца, отмечая, что преподаватель и ведущая кафедра перед началом экспедиции формулируют и утверждают учебный план и знакомят студентов с его целью и содержанием. Тематика экспедиции может быть разной, но в рамках государственного стандарта и учебного плана. Каждая экспедиция обогащает впечатления, повышает интерес студентов, а изучение природы страны пробуждает в них чувство патриотизма. На основе анализа мнений студентов выявлены тенденции использования учебных материалов и географических экспедиций при выполнении письменных работ (курсовых, дипломных). Положительная динамика результатов авторского исследования свидетельствует о том, что выдвинутая гипотеза подтвердилась, поставленные задачи были решены, а цели достигнуты.

**Ключевые слова:** взаимодействие учебного процесса и комплексно - полевой практики как социальный, образовательный и культурный механизм, географические знания и исследования, новаторство в научных исследованиях,.

## THE ROLE OF EXPEDITIONS IN GEOGRAPHICAL RESEARCH

The article assesses the role of expeditions in geographical research. The author examines a geographic expedition from the standpoint of complexity and difficulty in comparison with educational field practice. At the same time, he emphasizes that senior students should participate in the expedition, since they have experience in field practice and high research interests. According to the author, the main task of a geographical expedition is to search for and innovate in scientific research, develop initiative, creativity and amateurism among students. At the same time, with the help of geographical expeditions, students can be involved in purposeful and rewarding social activities. At the same time, the author describes effective ways of organizing a geographical expedition, especially from start to finish, noting that the teacher and the leading department, before the start of the expedition, formulate and approve the curriculum and acquaint students with its purpose and content. The subject matter of the expedition may be different, but within the framework of the state standard and curriculum. Each expedition enriches the experience, increases the interest of students, and the study of the nature of the country awakens in them a sense of patriotism. Based on the analysis of students' opinions, trends in the use of educational materials and geographical expeditions in the performance of written work (term papers, diploma theses) have been revealed. The positive dynamics of the results of the author's research indicates that the hypothesis put forward was confirmed, the tasks were solved, and the goals were achieved.

**Key - words:** interaction of the educational process and integrated field practice as a social, educational and cultural mechanism, geographical knowledge and research, innovation in scientific research.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сабурӣ Хайрулло Мирзозода*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогика, профессор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1.
***Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, омӯзгори калони кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология ва туризм. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1.

**Сведения об авторах:** ***Сабури Хайрулло Мирзозода*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, городХуджанд, проспект Мавлонбекова 1.
***Хайдарова Мавзуна Махмуджановна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры экологии и охраны природы факультета геоэкологии и туризма. . **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, городХуджанд, проспект Мавлонбекова 1.

**Information about the authors:** ***Saburi Khairullo Mirzozoda*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue 1.
***Haydarova Mavzuna Makhmudzhanovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Senior Lecturer of the Department of Ecology and Nature Protection, Faculty of Geoecology and Tourism. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue 1.

УДК:37.14.3

# ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР ШАРОИТИ ТАЪЛИМИ ИНКЛЮЗИВӢ

***Рамазонова Р.С.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар шароити имрӯза фаъолияти гуногунсоҳаи касбии эҷодиёти техникии хонандагони имконияташон маҳдудро дар мактаб-интернатҳо вусъат додан лозим меояд, то ки барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, шароити арзандаи зиндагонӣ фароҳам оварда шаванд. Дар баробари ҳадафҳо, механизмҳои пешниҳодшудаи ин роҳ дар ҳар як ҷомеаи мушаххас аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар дар баъзе ҷамъиятҳо омили асосии ба даст овардани сифати баланди зиндагонии аҳолӣ танҳо дар хонандагони солим дар тараққиёти истеҳсолоти моддӣ, ба амал баровардани тадбирҳои татбиқи муносибатҳои бозоргонӣ дида шавад, пас дар баъзе ҷамъиятҳо хонандагони имконияташон маҳдуд унсурҳо, инчунин дар зарурати рушди неруи зеҳнӣ, сармояи инсонӣ омили асосии муваффақият низ дида мешавад. Унсури асосии сармояи хонандагони имконияташон маҳдудро неруи тарбиявӣ ташкил медиҳад ва аз ин рӯ ҷомеае, ки дар назди худ чунин вазифа гузоштааст, саъй мекунад, ки тавассути системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди чунин неру саҳм гузорад.

Дар хонандагони имконияташон маҳдуд ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ ба муаллим, роҳбари маҳфил ва волидайн имкон медиҳад, ки раванди корҳои беруназдарс ба таври объективӣ ба роҳ монда шавад. Вазифаи онҳо на танҳо аз он иборат аст, ки хусусиятҳои хонандагонро ба ҳисоб гирифта, ҷиҳатҳои пурқимати шахсияти онҳоро муайян кунанд, балки хусусиятҳои номатлубро пешгирӣ кунанд, тағйир диҳад ва аз нав тарбия намоянд. Дар баъзе ҳолатҳо чунин ба назара мерасад, ки ноуҳдабароии хонандагони имконияташон маҳдуд нисбат ба ягон фанни таълимӣ дар нокифоя будани дониш ва малакаҳо зоҳир мешавад ва инро на ҳама вақт ба осонӣ ошкор кардан мумкин аст. Баъзе хонандагони имконияташон маҳдуд ҳангоми гузаштан ба иҷрои фаъолияти боз ҳам мураккабтар ҳоло бо тарзҳои нави иҷрои кор мусаллаҳ нестанд, вале дар ибтидо тавассути тарзу усулҳои пеш азхудкардашуда ба натиҷаҳои дилхоҳ бо дастгирии калонсолон ноил мешаванд ва ба фазли ин муваққатан уҳдабаро метобанд.

Имрӯз ҷомеаҳои муосир бештар механизмҳои муассиртарин барои фаъол кардани неруи эҷодии техникӣ, махсусан дар байни хонандагони имконияташон маҳдуди мактаб-интернатҳоро ҷустуҷӯ мекунанд.

Ҷараёни педагогии мактаб-интернатҳо танҳо ба омӯзиш маҳдуд карда намешавад. Ҳамаи он чорабиниҳое, ки баҳри ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар мактаб гузаронида мешаванд, корҳои тарбиявии беруназдарсӣ ба ҳисоб мераванд. Дар дигар сарчашмаҳо дар баробари корҳои тарбиявии беруназдарсӣ ба монанди, маҳфилҳои фаннӣ, сексияҳо, олимпиадаҳо, корҳои эҷодӣ ва ғайраҳо баргузор карда мешавад. Ба корҳои ғайри беруназдарсӣ корҳое дохил мешаванд, ки аз тарафи роҳбари китобхонаи мактаб ва дигар коргарони мактаб гузаронида мешаванд, ки танҳо дар ҳолати беруназдарсӣ ҷараён мегиранд ва омӯзиши ягон фанни алоҳидаро ифода намекунанд. Чунин корҳо дар мактаб гузаронида мешаванд, лекин аз тарафи коргарони мактаб ба роҳ монда мешаванд, (ҷамъомадҳо, соатҳои фаннӣ, рӯзҳои истироҳатӣ ҳамоишҳо, экскурсияҳо ва ғайраҳо).

Дар замони муосир, дар мактаб-интернатҳое, ки дар тамоми соҳаҳо тараққиёти илмиву техникӣ дида мешавад, талабот ба хонандагони имконияташон маҳдуд барои такмил додани навоварию эҷодкорӣ рӯз ба рӯз меафзояд. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии мактаб-интернатҳо баландбардории сатҳи маърифати хонандагони имконияташон маҳдуд, ташаккули фаъолияти фикрӣ ва эҷодии онҳо мебошад. Масъалаи ташаккули

қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва замонавист, зеро яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва нишондиҳандаи шукуфоии миллат маҳз ташаккули қобилияти эҷодии шахсони маъюб мебошад, ки онро дар корҳои беруназдарсӣ барои касбинтихобкунӣ инкишоф ва такмил додан бамаврид аст.

Имрӯз ба омӯзгорони мактаб-интернатҳо тасаввур кардани он, ки ҷаҳони барқосо рушдкунанда дар миёнаҳои асри XXI чӣ гуна хоҳад буд, ниҳоят душвор аст. Бинобар ин зарур аст, ки мактаб-интернатҳои муосир хонандагони худро ба инкишоф додани чунин сифатҳо, ба мисли зудҳаракатӣ, серамалӣ ва асоснокӣ тайёр намоянд. Мақсади асосии омӯзгорон дар мактаб-интернат ташаккули мувофиққунонии иҷтимоии хонандагон, омода кардани онҳо ба ҳаёт аз таҳсилоти ибтидоӣ то хатми муассисаҳои миёна мебошад. Аз ҳама бештар дар солҳои охир проблемаи то ба ҳар як хонандагони имконияташон маҳдуд бурда расонидан, ба вуҷуд овардани шароити ба мактаб омадани ӯ ба миён омадааст, то ин ки дар вай хоҳиши хондан пайдо шавад, бо хушнудӣ ба коллективи мактаб-интернат ворид гардад ва имконияти инкишофи воқеии зеҳнӣ, эҳсосӣ ва муҳити иродавии шахсиятро ба даст орад.

Президенти кишвар дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 чунин иброз дошта буд: «…бинобар он имрӯз вазифаи муҳимми соҳаи маориф аз он иборат аст, ки дар баробари инкишофи илмҳои гуманитарӣ, тамоми қувват ва имкониятро ба рушди илмҳои техникӣ ва дақиқ, такмили тафаккури техникӣ ва иқтисодии ҷомеа, ташаккули қобилияти эҷодии ҷавонон равона созад» [5; 9]

Дар мактаб-интернат, пеш аз ҳама, бояд инсони мустақил, озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Аз ин ҷост, ки дар макотиби кунунӣ ҳамзамон ба таълим ва тарбия низ аҳамияти калон дода мешавад. Дар баробари фаҳмондадиҳии маводҳои таълимӣ омӯзгор вазифадор аст, ки дар ҷараёни дарс қобилияти эҷодии хонандагонро ташаккул дода, дар онҳо ростиву росткорӣ, некиву накукорӣ, нисбати шахсони калонсол ғамхору меҳрубон будан ва ҳамчунин гиромидошти беҳтарин ганҷинаи умр - падару модарро тарбия намояд ва барои ифшо намудани қобилияти эҷодӣ дар корҳои беруназдарсӣ тавсияҳо пешниҳод намояд.

Фаъолсозии эҷодиёти техникии хонандагони имконияташон маҳдуд дар раванди корҳои беруназдарсӣ дар мактаб-интернатҳо ҷараёни педагогии аз ҷиҳати методӣ таҳияшуда ба ҳисоб меравад, ки ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонандагонро ҳамчун мустақилона аз худ намудани донишҳои техникии хонандагон дар ин раванд таъмин менамояд.

Тавассути ин амалия имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фаъолияти иттиҳодияҳои беруназдарсӣ барои баланд бардоштани эҷодиёти техникии хонандагони имконияташон маҳдуд, баҳо додан ва муайян намудани иттилооти ташхиси хонандагон ва маълумоти хонандагон, инчунин ба воқеият табдил додани эҷодиёти техникии онҳо ҳисоб карда шавад. Яке аз дастовардҳои асосии ин мавод муайян кардани роҳҳои нави ташкили фаъолияти маҳфилҳои эҷодии техникӣ дар асоси ҳалли масъалаҳо ва мисолҳо бо ёрии фаъолсозии проблемавӣ дар соҳаи эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мебошад.

Мақсади асосии маҳфилҳои техникӣ, пеш аз ҳама, инкишофи хонандагони имконияташон маҳдуд, муайян намудани имкониятҳои эҷодӣ ва нигоҳ доштани саломатии ҷисмониву руҳии хонандагон маҳсуб меёбад. Дар корҳои эҷодии беруназдарсӣ дар маҳфилҳои технологияи муосир пешравиҳои мусбӣ бештар рӯйи кор омада, вариантнокии равияҳои педагогӣ, мустақилият дар ҷустуҷӯйи эҷодии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон ба назар мерасад.

Дар корҳои беруназдарсӣ маҳфили фанни технология баргузор мегардад, ки дар он фаъолияти хонандагони имконияташон маҳдуд, хусусияти ҷустуҷӯйӣ - тадқиқотӣ мегирад. Вазифаи асосии муаллим ва ё роҳбари маҳфил на фақат додани маълумот,

балки ҷалби хонандагони имконияташон маҳдуд ба ихтироъкорӣ мебошад. Дар ҳамкорӣ бо роҳбари маҳфил хонандагони имконияташон маҳдуд, барои худ дониши нав гирифта, хусусиятҳои амалии фанни технологияро аз худ мекунанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар чунин таъкид намуданд: «Тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот, баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ ва густариши тафаккури техникии ҷомеа ва қабл аз ҳама ҷавонон, аз ҷумлаи масъалаҳои мубраме мебошанд, ки рушди имрӯзу фардои иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз ҳалли онҳо вобаста мебошад. Ташаккули неруи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва рақобатпазир гардонидани тафаккури шахсият аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз боғчаи кӯдакон ва мактаби миёна, мактаб-интернантҳо, хонаи бачагону наврасон дар маҳфилҳои эҷодии беруназдарсӣ оғоз гардида, дар мактабҳои олӣ ва марказҳои илмӣ тақвият меёбад» [24; 18].

Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моҳи декабри соли 2006) тасдиқ шудааст, бо эътирофи он ки маъюбӣ ин мафҳуми таҳаввулкунанда аст ва маъюбӣ натиҷаи таъсири мутақобилаест, ки дар байни нуқсонҳои мавҷудаи саломатии одамон ва монеаҳои муносибатию муҳитӣ ба вуҷуд омада, бахри иштироки пурра ва босамари онҳо, дар қатори шахсони дигар, дар ҳаёти ҷомеа садди роҳи онҳо мегардад [20, с.36].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” (соли 2010, №2, моддаи 834) асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро фароҳам меорад. Дар ин қонун имкониятҳои маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ -пурра ё қисман гум шудани қобилият ё имконияти шахс ба худхизматрасонӣ, мустақилона ҳаракат ва муомила кардан, сарфаҳм рафтан, рафтори худро назорат намудан, таълим гирифтан ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудан ба таври васеъ пешниҳод гардидааст. Бештар фаъолияти меҳнатӣ барои хонандагони имконияташон маҳдуд дар корҳои беруназдарсӣ омӯзонида, онҳо ба худхизматрасонӣ равона карда шаванд [21; 79].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011 таҳти №228 “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир” (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, ки дар муқаддимаи он чунин қайд пешниҳод карда шудааст: “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир” самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогирро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дар баробари ин ворид шудан ба коллективи корҳои беруназдарсӣ мусоидат намояд. Барои хонандагони имконияташон маҳдуд, пеш аз ҳама, истифода бурдани корҳои эҷодии техникӣ бамаврид аст, зеро дар ҷараёни корҳои эҷодии техникӣ хонандагони имконияташон маҳдуд ба ҳаёт омода мегарданд” [27; 123].

Дар ҳама гуна фаъолият ду қисмати созандаи онро ҷудо мекунанд. Якум, фаъолияте, ки тибқи тартибу низоми муайяни аз тарафи шахсе ё муассисае пешбинишуда ба роҳ монда мешавад ва дар рафти ин гуна фаъолият ягон навоварӣ дохил карда намешавад. Фаъолияти дигаре вуҷуд дорад, ки барои офаридани неъматҳои моддиву маънавӣ ва усулҳои наву замонавии истеҳсолот равона карда мешавад ва онро фаъолияти эҷодӣ ном мебаранд. Бино бар ин, фаъолияти ихтироъкорон, олимон, шоирону нависандагон, санъаткорон, рассомон, роҳбари маҳфилону меъморон, ташкилотчиёну соҳибкорон фаъолияти эҷодӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии мо ба роҳ мондани ба роҳ мондани воситаҳои аз худ намудани фаъолияти эҷодии илмҳои техникӣ барои хонандагони имконияташон маҳдуд мебошад.

Эҷодиёт фаъолиятест, ки дар натиҷаи он чизи наву аҷоиб ва нотакрор тавлид меёбад. Он маҳсули фаъолияти фикрӣ буда, маънии аз имкониятҳои вуҷуддошта берун баромаданро ифода мекунад. Эҷодиёти техникӣ дар худ муқовимати махсуси

тафаккури эҷодиро таҷассум менамояд, яъне қобилияти доимо сари масъалаи нав андеша намудан, маҳорату малакаи андӯхтаро ба таври бояду шояд истифода бурдан, ғояҳои навро пешниҳод сохтан, чизи наву нотакрорро истеҳсол кардан мебошад.

Барои ба роҳ мондани ин низом зарур аст, ки хонандагони имконияташон маҳдуд ғайр аз ҷараёни дарсҳо дар корҳои беруназдарсӣ фаъолона иштирок варзанд. Тамоми шароит барои гирифтани таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи хонандагони имконияташон маҳдуд фароҳам оварда шавад.

Барои татбиқи модели корҳои эҷодии беруназдарсӣ ва сифатнокии таҳсилоти фарогир бояд ҳашт принсипи таҳсилоти фарогир риоя карда шавад.

1. Арзиши шахс аз қобилият ва дастовардҳои ӯ вобаста нест.
2. Ҳар як инсон қобилияти эҳсос ва тафаккур дорад.
3. Ҳар як шахс ҳуқуқи муоширати кардан ва шуниданро дорад.
4. Ҳама одамон ба ҳамдигар ниёз доранд.
5. Тарбияи ҳақиқӣ танҳо дар заминаи муносибатҳои воқеӣ сурат мегирад.
6. Ҳама одамон ба дастгирӣ ва дӯстии ҳамсолони худ ниёз доранд;
7. Барои ҳамаи донишомӯзон пешрафт дар он чизе, ки онҳо карда метавонанд, бештар аз он чизест, ки онҳо наметавонанд.
8. Гуногунӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонро беҳтар мекунад. Муассисаҳои таълимӣ, ки таҳсилоти фарогириро амалӣ мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки кори худро тавре созанд, ки хонандагони имконияташон маҳдуд ва хонандагони солим, пеш аз ҳама, ҳамчун шахсони дорои ниёзҳои гуногуни таълим қабул карда шаванд [13; 198].

Хусусиятҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдудро ошкор мекунад. Ба ин муносибат мафҳумҳои «эҷодкорӣ», «қобилият», «қобилияти эҷодӣ», ошкор карда, дараҷаҳои эҷодкориро ҷудо карда, шароити инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдудро муайян мекунем.

Дар корҳои беруназдарсӣ, пеш аз ҳама, бояд хонандагони имконияташон маҳдуд, инсони баробарҳуқуқ, мустақил, озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расанд. Аз хурдӣ корҳои эҷодӣ дар дарсҳои таълими меҳнат омӯзонида мешаванд. Сипас, дар маҳфилҳои фанни технология идома меёбад. Аз ин ҷост, ки дар корҳои беруназдарсӣ ҳамзамон ба таълим ва тарбия низ аҳамияти калон дода мешавад.

Зиндагӣ дар ҷомеаи зуд тағйирёбанда муносибати эҷодии хонандагони имконияташон маҳдудро тақозо менамояд. Дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият, аз ҷумла дар маҳфилҳои фанни технология талабот ба шахсияти эҷодкор рӯз ба рӯз меафзояд. Талабот ба инсони муосир он аст, ки вай бояд барои фаъолияти эҷодии мустақилона пурра омода бошад, маҳсулотҳои нав ба нав барорад, мошинаву технологияҳои навро ҷорӣ намояд, методҳои нави коркарди маҳсулотро кор карда барояд.

Роҳ, усули омӯзиши фаъол ва воситаҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд, дар корҳои беруназсинфӣ хеле зиёд ҳастанд, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни таълим аз чунин усулҳои таъсирбахш хеле кам истифода бурда мешавад (масалан, бар ивази дарси санъат ва меҳнат баъзе аз муаллимони синфҳои ибтидоӣ дарси забони модарӣ ё математика мегузаранд, ҳол он ки қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол бештар дар дарсҳои санъат ва меҳнат, мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ ташаккул меёбад). Ғайр аз ин, дарси таълими меҳнат хонандагони имконияташон маҳдудро бакасбинтихобкунӣ равона месозад [13; 240].

Хонандагони имконияташон маҳдуд, дар тайёрӣ ва коркарди чунин машғулиятҳо бо камоли мамнуният ва масъулият иштирок мекунанд ва илова бар ин, дар онҳо руҳияи ҳамкорӣ ҳукмфармо гашта, муколамаи муаллим-талаба, талаб бо талаба ташкил мегардад.

Равоншиносон Л. С. Виготский., Б. М. Теплов., Л. И. Рувинский қайд менамоянд, ки дар корҳои беруназдарсӣ истифодаи усули ғайрианъанавӣ дар таълим дараҷаи баланди фаъолияти ақлӣ, тафаккури эҷодӣ, идрокӣ ва ахлоқии хонандагони имконияташон маҳдудро таъмин менамояд. Ба раванди тақвияти хотира, эҳсосот, нутқ ва тасаввур мусоидат менамояд. Масалан, бозиҳои дидактикӣ имконият медиҳанд, ки малака ва маҳоратҳои амалӣ кор карда такмил дода шаванд. Дар раванди бозиҳои нақшӣ бошад, иҷро кардани мақоми ғайриичтимоӣ ворид гардидан ба тақдири ғайр гузориш меёбад, ки дар натиҷа хонандагони имконияташон маҳдуд, дар тасаввур ба он ворид мешаванд, ки дар ҳаёти воқеӣ онро аз сар намегузаронанд. Ҳамаи ин асоси тарбияи ахлоқии хонандагони имконияташон маҳдуд дар корҳои беруназдарсӣ маҳсуб меёбад. На ҳамаи олимону методистон истифодаи шаклҳои таълим-бозиро дар корҳои беруназдарсӣ мепазиранд [8, с.248].

Ғояи корҳои беруназдарсии ғайрианъанавиро профессор Д.Белл. зери шубҳа мегузарад. Вай дар мақолаи худ "Анъанаҳо ва навоварӣ" мафҳуми "ғайрианъанавиро" мафҳуми беасоси ба луғатномаи илмӣ аз ҷониби хабарнигорон ворид карда шуда баррасӣ менамояд. Ба андешаи Д.Белл, истифодаи шаклҳои шавқоваркунандаи раванди таълим (дарс, муколама, маҳзар ва ғайра) дар дидактика нав нестанд ва мутаассифона, онҳоро муаллимон на танҳо номи махсус надода буданд, балки кам истифода мебурданд [6, с. 70].

Албатта, имкониятҳои педагогии корҳои эҷодии беруназдарсӣ анъанавӣ пурра аз худ карда нашудаанд. Даст кашидан дар минбаъда аз ин шакли классикии корҳои беруназдарсӣ, ки таърихи бештар аз сесадсола дорад комилан беақлӣ мебуд.

Ҳамин тавр, дар бораи мақоми корҳои эҷодии беруназдарсии ғайрианъанавӣ дар раванди таълим сухан ронда, қайд кардан лозим аст, ки корҳои беруназдарсии ғайрианъанавӣ инкишофи рағбат ба таълим, омӯзиш ва идроки мантиқии ҳаводиси табиӣ ва иҷтимоӣ ва зимни онҳо шахсияти хонандагони имконияташон маҳдудро инкишоф медиҳанд, хотираро мустаҳкам мегардонанд. Корҳои беруназдарсии ғайрианъанавӣ дараҷаи баланди фаъолияти донишандӯзиро дар хонандагони имконияташон маҳдуд таъмин менамояд.

Дар корҳои беруназдарсӣ маҳфили фанни технология баргузор мегардад, ки дар он фаъолияти хонандагони имконияташон маҳдуд, хусусияти ҷустуҷӯӣ - тадқиқотӣ мегирад. Вазифаи асосии муаллим ва ё роҳбари маҳфил на фақат додани маълумот, балки ҷалби хонандагони имконияташон маҳдуд ба ихтироъкорӣ мебошад. Дар ҳамкорӣ бо роҳбари маҳфил хонандагони имконияташон маҳдуд, барои худ дониши нав гирифта, хусусиятҳои амалии фанни технологияро аз худ мекунанд.

Хулоса, барои дар хонандагони имконияташон маҳдуд ташаккул додани қобилияти эҷодӣ дар корҳои беруназдарсӣ аз усулҳои махсуси ташаккули тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оиди раванди эҷодиёт ва раванди таълим сухан ронда, муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агар оиди эҷодиёт дар раванди корҳои беруназдарсӣ сухан ронем, ин ҷо бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагони имконияташон маҳдуд ба инобат гирифта шавад, зеро зимни гузоронидашудани машғулиятҳо омӯзгор бояд ҳамеша аз усулҳои наву фаъоли таълим истифода барад ва шавқи хонандагонро ба таҳсилу эҷодиёт дучанд гардонад.

**Муқарриз: Дадобоева М.С.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллаев А.В. Система формирования производственно- технического творчества учащейся молодежи: дис.д- ра пед. наук в форме науч. Доклада / А.В.Абдуллаев. Ин-т сред. спец. образования. -Казань, 1994.
2. Актуалные проблемы технологического образования в сельской школе и в вузе. Межвузовский сборник научных трудов. -Новокузнецк. Из во НГПИ. - 153с.

3. Банников В.А. Техническое творчество как средство формирования профессиональной компетентности будущих учителей технологии в процессе их подготовки в педагогическом вузе: дис....кан.пед.наук /В.А.Банников. – Тула, 2008,- 198 с.
4. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохури бо зиёйёни кишвар аз санаи 20.03.2013.
5. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо зиёйёни кишвар аз санаи 20.03.2013.
6. Белл Д. Социальные рамки информационного общества / Д.Белл. -В кн.: Новая технократическая волна на Западе. -М., 1986. -С.330-342.
7. Волков И.П. Учим творчеству. Педагогический поиск / И.П.Волков. Сост. Баженова И.Н. -М.: Педагогика, 1988. - 94с.
8. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте / Л.С. Выготский. - М.: Просвещение, 1991. - 90с.
9. Джалолова З.С. Повышение эффективности процессуальной стороны технологической подготовки школьников / З.С.Джалолова // Вестник педагогического университета. -Душанбе, 2000. №3. -С.7.
10. Диагностика способностей и личностных черт учащихся в учебной деятельности. Под ред. В.Д. Шадрикова. - Саратов: Изд- во Саратовского ун-та, 1989. - 218с.
11. Дурандина Т.В. Дополнительное техническое образование учащихся в условиях инновационного образовательного учреждения «лицей»: автореферат дисс. на соискание уч. степ, к.п.н / Т.В.Дурандина. Новгород, 2002.
12. Душков. Б.А. Индустриально- педагогическая психология / Б.А.Душков. - М.: Просвещение, 1981. - 191с.
13. Епишина Л.В. Использование дистанционных образовательных технологий при обучении младших школьников / Л.В. Епишина // Вестник Государственного гуманитарно-технологического университета. -Орехово Зуево: Редакционно-издательский отдел ГГТУ, 2015. - №2. -С. 47-50. © Т.И. Авдеева, Л.В. Епишин.
14. Зеер П.Ф. Комплексные технологические задания как средство повышения эффективности трудовой подготовки учащихся 1У-У1 классов: автореф. дис. канд пед наук / П.Ф. Зеер. - М., 1981. - 18с.
15. Иванов Д.А. Компетентности и компетентностный подход в современном образовании / Д.А. Иванов. -М.: Чистые пруды, 2007. Инклюзивное образование: состояние, проблемы, перспективы. - МН.: Четыре четверти, 2007.
16. Ратнер Ф.Л. Интегрированное обучение детей с ограниченными возможностями в обществе здоровых детей / Ф.Л. Ратнер, А.Ю. Юсупов. - М.: Гуманитар. изд. центр ВЛАДОС, 2006. - 175с.
17. Калицкий Э.М. Формирование общеотраслевых технологических знаний и умений у учащихся средних ПТУ: автореф. дис… канд. пед. наук / Э.М. Калицкий. - М., 1978. - 24с.
18. Калмыкова З.И. Продуктивное мышление как основа обучаемости / З.И. Калмыкова. - М.: Педагогика, 2001, -200 с.
19. Кальней В.А. Политехническая подготовка школьников в процессе обучения их радиоэлектронным специальностям: автореф. дис. кан. пед. наук / В.А. Кальней. - М., 1980. - 18с.
20. Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон. –Душанбе, 2006.
21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”. –Душанбе, 2010.
22. Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир. –Душанбе, 2011.
23. Моляко В.А. Психология творческой деятельности / В.А. Моляко. –М.: Высшая школа, 1978. -28 с.
24. Рахмон Э. Правительство Таджикистана заинтересовано в интеллектуальной мощи страны / Э.Рахмон. Джумхурият, №108-109 (21 769-770), 2 сентября 2010 г.
25. Формирования профессиональной компетентности будущих учителей технологии в процессе их подготовки в педагогическом вузе: дисс. канд. пед. наук. - Тула, 2008. -197 с.
26. Якиманская И.С. Развивающее обучение / И.С. Якиманская. -М.: Педагогика. 1979. - 144с.

## ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР ШАРОИТИ ТАЪЛИМИ ИНКЛЮЗИВӢ

Эҷодиёти техникӣ ҳамчун маҷмуи малакаҳо, донишҳо, ангезаҳо ва муносибатҳои гуногун фаҳмида мешавад, ки хонандагони имкониятшон маҳдуд барои арзёбии ғояҳои гуногуни воридшуда дар дурнамо ва андозаҳои гуногун барои эҷодиёти техникӣ дар таълими иловагӣ, ғояҳо ё маҳсулоти нав, арзишманд ва аслӣ истифода мешаванд. Аз тарафи дигар, як самти дигари тадқиқот вуҷуд дорад, ки эҷодиёти техникиро дар назарияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян мекунад ва ба муҳити фарҳангӣ ва иҷтимоие, ки дар он эҷодкорӣ инкишоф меёбад, таъкид мекунад. Дар робита ба ин, хонандагони имкониятшон маҳдуд торафт бештар меомӯзанд, ки чӣ гуна эҷодкорӣ дар гурӯҳ ё ҷомеа, ки якҷоя ба таълими иловагӣ табдил меёбад ва чӣ гуна созмонҳо ва гурӯҳҳо метавонанд ба мушкилоти нави иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҷавобҳои техникии эҷодӣ пешниҳод кунанд.Дар мақола гуфта мешавад, ки як хатти нави тадқиқот мафҳумҳоеро ба мисли эҷодиёти иҷтимоӣ, эҷодкории муштарак, эҷодкории гурӯҳӣ ё эҷодиёти тақсимшуда таҳия кардааст.Бояд иброз намуд, ки онҳо замоне ҳастанд, ки дастовардҳои эҷодӣ ва техникии хонандагони имкониятшон маҳдуд як давраи томро дар ҳаёти ҷомеа ва рушди фарҳангу башарият ташкил медиҳанд. Дараҷаи баланди истеъдод, ки ба нобиға хос аст, бо муваффакияти назаррас дар як қатор фаъолиятҳо алоқаманд аст.Хонандагони имкониятшон маҳдуд

дар раванди эҷодӣ баъзе имконият҇оеро, ки бо амалиёти меҳнатӣ ё хулосаи мантиқӣ кам кардан мумкин нест, ба мавод гузошта, дар натиҷа баъзе ҷанбаҳои шахсияти худро ифода мекунанд. Маҳз ҳамин факт дар таълими иловагӣ ба маҳсулоти эҷодии техникӣ нисбат ба маҳсулоти саноат қимати бештар медиҳад.

**Калидвожаҳо:** технология, роҳбари маҳфил, хонандагони имконияташон маҳдуд, маъюбон, мутахассисон, мактаб-интернат, замонавӣ, эҷодкорӣ, таҳсилоти фарогир.

## РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ В УСЛОВИЯХ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Техническое творчество понимается как совокупность различных навыков, знаний, мотиваций и установок, которые учащиеся с ограниченными возможностями используют для оценки различных новых ценных и оригинальных идей в различных ракурсах и измерениях для технического творчества во внеучебной деятельности. С другой стороны, есть еще одно направление исследований, которое определяет техническое творчество в социокультурной теории и подчеркивает культурную и социальную среду, в которой развивается творчество. В связи с этим учащихся с ограниченными возможностями все чаще исследуют в направлении, как креативность развивается в группе или сообществе, которое развивается вместе во внеаудитория деятельности, и как организации и группы могут дать творческие технические ответы на новые социальные и экономические вызовы.В статье говорится, что новое направление исследований развило такие понятия, как социальное творчество, совместное творчество, групповое творчество или распределенное творчество. О них говорят, что творческие и технические достижения учащихся с ограниченными возможностями образуют целый период в жизни общества и развитии культуры и человечества. Высокий уровень таланта, характеризующий гения, связан со значительными успехами в ряде видов деятельности.Учащиеся с ограниченными возможностями в творческом процессе закладывают в материал некоторые возможности, которые не могут быть сведены трудовыми операциями или логическим выводом, и выражают в конечном результате некоторые стороны своей личности. Именно этот факт придает дополнительную ценность технической творческой продукции во внеучебной деятельности, по сравнению с производственной продукцией.

**Ключевые слова**: технология, руководитель кружка, учащиеся, ограниченные возможности, специалисты, школа-интернат, современный, творчество, инклюзивное образование

## DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF STUDENTS WITH DISABILITIES IN THE CONTEXT OF INCLUSIVE EDUCATION

Technical creativity is understood as a set of different skills, knowledge, motivations and attitudes that students with disabilities use to evaluate various incoming ideas in various perspectives and dimensions for technical creativity in extracurricular activities, new, valuable and original ideas or products. On the other hand, there is another line of research that defines technical creativity in sociocultural theory and emphasizes the cultural and social environment in which creativity develops. In this regard, students with disabilities are increasingly exploring how creativity develops in a group or community that develops together into an out-of-class activity, and how organizations and groups can provide creative technical responses to new social and economic challenges. The article states that a new line of research has developed concepts such as social creativity, collaborative creativity, group creativity or distributed creativity. They are said to be when the creative and technical achievements of students with disabilities form a whole period in the life of society and the development of culture and humanity. The high level of talent that characterizes a genius is associated with significant success in a number of activities. Students with disabilities in the creative process put into the material some possibilities that cannot be reduced by labor operations or logical conclusion, and in the end result they express some aspects of their personality. It is this fact that gives additional value to technical creative products in extracurricular activities in comparison with industrial products.

**Key words:** defect, children, stuttering, correctional work, father, mother, parents, cooperation; letter, language.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна* –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **918230146.**

**Сведения об авторе: *Рамазонова Раджабгуль Сулаймоновна* -** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент кафедры специальной педагогика и инклюзивного образования. **Адрес:** 734003, Республики Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **918230146.**

**Information about the author: *Ramazonova Rajabgul Sulaimonovna* -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Associate Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone: **918230146.**

УДК:37.8:15

# ИМКОНИЯТ ВА РОҲҲОИ БА ОМӮЗИШ ФАРОГИРИИ БАЧАГОНИ АҚЛАН АҚИБМОНДА

*Усмонов М.Ғ.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

"Нуқсоншиносӣ" (дефектология) илме мебошад, ки дар замони Шуравӣ дар асоси он бачагон аз рӯйи аломатҳои гуногуни маъюбӣ (масалан, нуқсонҳои шунавоӣ, биноӣ, ақлӣ ва нутқ) тасниф карда шуда дар мактабҳои махсуси дорои барномаҳои хосси таълим нигоҳ дошта мешуданд ва асоси таҳсилоти махсусро ташкил медод. Чунин усули кор имконият медиҳад, ки бачагони гирифтори навъҳои вазнини маъюбӣ ошкор карда шаванд, аммо дар амал бачагони гирифтори навъҳои сабуки маъюбиро ошкор намекард ва ба талаботи бачагони гирифтори шаклҳои сабуки маъюбӣ, ки ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷ доштанд, ҷавобгӯ набуд. Худи истилоҳи "нуқсоншиносӣ" соли 1920 аз ҷониби Л. С. Виготский пешниҳод шуда буд ва ба чунин фалсафае асос мeёфт, ки маъюбӣ "нуқсон" аст ва он бояд тавассути расонидани хизматҳои дахлдор ислоҳ карда шавад. Маҳз ҳамин гуна муносибат, ки аз модели тиббии фаҳмиши маъюбӣ маншаъ мегирад, ба рушди системаи таҳсилоти махсус мусоидат намуд.

Асоси истилоҳи "таҳсилоти фарогир"-ро модели иҷтимоии фаҳмиши маъюбӣ ташкил медиҳад. Он чун мафҳуме маънидод мешавад, ки доимо дар таҳаввул аст ва натиҷаи таъсири якдигарии байни одамони дорои нуқсонҳои инкишоф ва монеаҳои муҳити берунае мебошад, ки ба онҳо имкон намедиҳанд, дар баробари дигарон дар ҳаёти ҷомеа фаъолона ва самаранок иштирок кунанд. Модели иҷтимоии фаҳмиши маъюбӣ алтернативаи модели тиббие гардид, ки, пеш аз ҳама, ба ислоҳ намудани нуқсонҳои инкишофи одамони дорои иллатҳои ҷисмонию руҳӣ ё дорои эҳтиёҷоти махсус равона гардидааст.

Инчунин, асоси таҳсилоти фарогирро идеологияе ташкил медиҳад, ки ҳама гуна табъи зи бачагони эҳтиёҷмандро истисно намуда, барои онҳо дар гирифтани маълумоти босифат шароитҳои зарурӣ муҳайё мекунад. Таҳсилоти фарогир эътироф менамояд, ки ҳамаи бачагон метавонанд пурра таҳсил кунанд, онҳо сазовори эҳтироманд ва барои ҳамаи иштирокдорони раванди таълиму тарбия манбаи таҷрибаи таълимӣ ба ҳисоб меравaнд.

ЮНЕСКО таҳсилоти фарогирро раванди доимоинкишофёбандае медонад, ки гуногунии бачагонро дар дараҷаи таълим ва дарки шахсияти инфиродии онҳоро на ҳамчун проблема, балки ҳамчун имконият барои инкишоф арзёбӣ менамояд. Бинобар ин, пешравӣ ба сӯйи таҳсилоти фарогир, дигаргунии техникӣ ё ташкилӣ набуда, балки фалсафаи муайянест дар соҳаи маориф.

Таҳсилоти фарогир имрӯз дар бисёр мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Канада як қисми фарҳанг ва сиёсати маориф ба шумор меравад ва ба ҷанбаҳои гуногуни таҳсилот таъсир мерасонад. Ин мафҳум ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои махсус, хулосаҳо дар бораи вуҷуд доштани эҳтиёҷоти махсус ба таҳсил ҳангоми муайян кардани мушкилоти инфиродӣ, инчунин вуҷуд доштани захираҳои иловагии зарурӣ ва ғайра истифода бурда мешавад. Истилоҳи "бачагони ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд" инчунин ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимии инфиродӣ ва пешниҳод намудани он иттилооте истифода мешавад, ки муассисаи таълимӣ вазифадор аст дар ҳисоботҳо оид ба хароҷоти молиявӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти иловагии бачагон ба таҳсил, инчунин ҳангоми додани маълумотҳои оморӣ ва ғайра пешниҳод кунад.

Якҷоя бо мафҳуми таҳсилоти фарогир онро мафҳуми нави хусусиятҳои мактаби фарогир низ ном мебаранд. Он хоҳ ташкилотҳои таълимии томактабӣ бошаду хоҳ

муассисаи таҳсилоти умумӣ, хоҳ муассисаи касбию техникӣ бошаду хоҳ мактаби олӣ. Мактаби фарогир, пеш аз ҳама, чунин мактаби демократист, ки эҳтироми одамон ва эҳтироми тарзи зиндагии онҳоро талқин менамояд. Дар чунин мактаб бачагон ва омӯзгорон эҷодкорона кор карда, проблемаҳои таҳсилотро якҷоя ҳал менамоянд.

Дар бачагони синни томактабии ақлан ақибмонда, ки аз таълими ислоҳӣ маҳруманд, пурра инкишоф наёфтани намудҳои ба ҳамин синну сол хосси фаъолият - бозӣ, расмкашӣ, сохтан ва меҳнати одии маишӣ мушоҳида мешавад.

Бачаи ақлан ақибмонда ба муҳити атроф хеле кам диққат медиҳад, дурудароз ба бозичаҳо даст намерасонад, ба онҳо наздик намешавад ва барои бо онҳо бозӣ кардан кӯшиш намекунад. Дар синни 3-4 солагӣ, вақте ки бачагони солим фаъолона ва мақсаднок ба амалҳои калонсолон тақлид мекунанд, барои бачагони синни томактабии ақлан ақибмонда бошад, давраи шиносшавӣ бо бозичаҳо оғоз меёбад. Аввалин амалҳои бозӣ бо ашё дар онҳо (бе таълими махсус) танҳо то мобайни синни томактабӣ зоҳир мешаванд.

Аксарияти бачагони ақлан ақибмонда, ки ба муассисаҳои таълимӣ барои корҳои ислоҳӣ намераванд, дар хона бо мутахассисони дефектолог ё бо волидони ғамхору одил тамос надоранд, фаъолияти графикӣ то охири синни томактабӣ дар сатҳи бемақсад, кӯтоҳмуддат ва бетартиб қарор дорад, албатта онҳо дар ҳаёт ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд.Яке аз шартҳои барои ҷараёни дарккунӣ зарур қобилияти бодиққат будани бача ҳангоми иҷрои вазифаҳо ва ягон фаъолияти муайян аст. Синни томактабӣ давраи дарки муҳити атроф буда, он дар бачагони ақлан ақибмонда бе таъсири махсуси ислоҳӣ суст инкишоф меёбад. Инкишофи сенсории ин гурӯҳи бачагон аз рӯйи муддатҳои ташаккул хеле ақиб мемонад. Онҳо бетартибона амал карда, хосиятҳои предметҳоро ба назар намегиранд ё бо тарзи пештар азхудкарда амал мекунанд, ки он ба вазъияти нав мувофиқ нест. Дарки бачагони ақланақимонда бо бетафровутӣ ва маҳдуд будан тавсиф меёбад. Дарк кардани тасвирҳо барои онҳо душвор аст. Дар бачагони ақлан ақимонда номукаммалии дағали тасаввурот мушоҳида мешавад, ки ин, бешубҳа ба инкишофи нутқи онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Баъзан намунаҳои биниши онҳо бо ифодаҳои шифоҳӣ мувофиқат надоранд. Калима бо мазмуни яктарафа танҳо дар шароитҳои муайян ва нисбат ба предметҳои муайян фаҳмида мешавад. Дар ҳамаи бачагони ақланақибмонда тамоюлҳо дар фаъолияти нутқ мушоҳида мешаванд, ки онҳоро то қадри имкон ислоҳ кардан мумкин аст.

Инкишофи шунавоии нутқ (фонетика) дар бачагони ақлан ақибмонда бо таъхири зиёд ва тамоюлҳо ҷараён мегирад. Дар натиҷаи ин дар онҳо набудани нутқи номуайян ва дер пайдо шудани он мушоҳида мешавад. Барои бачагони ақлан ақибмонда таъхири ташаккули нутқ хос буда, он дар фаҳмиши дертари нутқи ба ӯ нигаронидашуда (нисбат ба меъёр) ва дар нуқсонҳои истифодаи мустақилонаи он ошкор мешавад. Дар баъзе аз бачагони ақлан ақибмонда бошад, набудани нутқ ҳатто то 4-5 - солагӣ ҳам ба назар мерасад. Захираи луғавии чунин бачагон кам буда, бештар дар ҷараёни талаффуз мушкилӣ мекашанд. Маънои калимаҳоро ба таври кофӣ тафриқабандӣ карда наметавонанд. Ҷумлаҳои истифодамебурдаи онҳо аз рӯйи сохт сода буда, нуқсонҳои зиёди нутқ ва ғалатҳо ҷой доранд. Бачагони ақланақибмонда барои суҳбат хеле кам ташаббус нишон медиҳанд ва барои азхудкунии нутқи монологӣ душвории зиёд мекашанд. Дар ин дараҷаи бачагони дорои тамоюлҳо дар инкишоф функсияи танзими нутқ пурра инкишоф наёфтааст. Онҳо дастурҳои шахси калонсолро аниқ дарк намекунанд ва на ҳамеша мувофиқи ин дастурҳо амал мекунанд, ҳатто дар ҳолатҳое, ки ин дастурҳоро хуб дар хотир доранд.

Бачагони ақлан ақибмонда ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки фикррониии аёну намунавиро талаб мекунанд, ба душвориҳои зиёд дучор мешаванд, яъне мувофиқи намунаҳои тасаввуроти худ боадлона амал карда наметавонанд. Бачагони синни томактабии ақлан ақибмонда бисёр вақт тасвирро чун вазъияти воқеӣ дарк карда,

дар он амал кардан мехоҳанд. Барои чунин бачагон дарки матнҳои одӣ, ки вобастагии сабаб ё вақтро дар бар гирифта, фикрронии шифоҳию мантиқиро талаб мекунанд, бисёр душвор аст. Ашё ё падидаҳоро ҷамъбаст карда, бачагони ақлан ақибмонда бисёр вақт дар асоси нишонаҳои вуҷуднадошта ва тасодуфӣ амал мекунанд. Хулосабарории онҳо аз рӯйи ҳаҷм бениҳоят васеъ аст. Тағйири принсипи як маротиба муайяншудаи ҷамъбаст ва аз сари нав муттаҳид намудани объектҳо барои чунин бачагон махсусан душвор аст. Ин сустии патологии хосси бачагони ақлан ақибмонда, мутаҳаррикии сусти ҷараёнҳои асаб ва қолабӣ будани фикрронии онҳоро нишон медиҳад.Хотираи онҳо бо ҳаҷми хурд, дақиқии кам ва устувории нокифояи маводи шифоҳии азёдшаванда ва аёнӣ тавсиф меёбад. Бачагони ақлан ақибмонда одатан азёдкунии ғайриихтиёронаро истифода мебаранд, яъне падидаҳои равшану ғайриодиро, ки диққати онҳоро ҷалб менамоянд, ба хотир мегиранд. Азёдкунии ихтиёрона дар онҳо хеле дертар, дар охири синни томактабӣ ва дар аввали давраи мактабии ҳаёт ташаккул меёбад.

Тамоюлҳои зиёд на танҳо дар фаъолияти дарккунӣ, балки дар падидаҳои шахсии бачагони ақлан ақибмонда ҳам мавҷуданд. Дар онҳо инкишофи сусти ҷараёнҳои ирода мушоҳида мешавад. Ин бачагон бисёр вақт беташаббус, номустақил ва ҳардамхаёл буда, муқобилият кардан ба иродаи шахси дигар барои онҳо душвор аст. Дар баробари ин, баъзе бачагон метавонанд истодагарӣ ва мақсаднокӣ нишон дода, ҳилаҳои одиро истифода баранд ва барои расидан ба натиҷаи зарурӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.Ба онҳо норасидани ҳиссӣ, тафриқаи нокифоя ва ноустувории эҳсосот, маҳдудияти доираи ҳиссиёт, хусусияти ниҳоии зуҳуроти шодмонӣ, алам ва хушнудӣ хос аст. Барои бачагони синни томактабӣ ва бачагони синни хурди мактабии ақлан ақибмонда фаҳмиши имою ишора ва ҳаракатҳои баёнии одамон, ки дар расм тасвир шудаанд, душвор аст. Дар ин категорияи бачагони дорои тамоюлҳо дар инкишоф баёни суст ва майли кӯтоҳмуддат ба фаъолият мушоҳида мешавад. Худбаҳодиҳӣ ва сатҳи кӯшишҳои бачагони ақлан ақибмонда бисёр вақт номутобиқ аст. Чунин бачагон имкониятҳои худро аз будаш зиёд нишон додан мехоҳанд.

Хусусиятҳои номбаршудаи фаъолияти психикӣ на танҳо ба бачагони ақлан ақибмонда хосанд. Аксарияти хислатҳои зикршуда дар дигар гурӯҳҳои бачагони дорои тамоюлҳо дар инкишоф мушоҳида мешаванд. Масалан, пурра инкишоф наёфтани нутқ дар бачагони дорои нуқсони инкишофи психикӣ, нуқсонҳои хосси нутқ, нуқсони пастшунавоӣ, бачагони бо таълиму тарбия фарогирифтанашуда, бачагон аз оилаҳои камфарҳангу дузабона ва монанди ин ба назар мерасад. Тамоси начандон аниқ дар бачагони аутист ва бачагони дарки шунавоияшон паст равшан намоён аст. Бинобар ин, танҳо дар бача мавҷуд будани маҷмуи тамоюлҳои ба худ хос ҳудуд медиҳад, ки дар ӯ мавҷуд будани нуқсони ақлӣ масъалагузорӣ карда шавад.

Барои инкишофи умумии бачаи ақлан ақибмонда ва аз тарафи ӯ аз худ кардани донишу маҳорат ва малакаҳо кори махсуси ташкилшудаи таълиму тарбияи самти ислоҳӣ зарур аст, ки он бо назардошти имкониятҳои мусбати чунин бача ба роҳ монда мешавад. Барои чунин бачагон дар кишвари мо муассисаҳои махсуси таълиму тарбия ташкил карда шудаанд: кӯдакистон (танҳо барои бачаҳои дорои нуқсони нутқ, кӯдакистони №51), мактабҳо (ки дар он синфҳои махсус мавҷуд аст), мактаб-интернатҳо, муассисаҳои таълимию ислоҳотӣ, ки дар онҳо одатан бачагон бо ташхиси олигофренияи дараҷаи сабук бо таҳсил фаро гирифта мешаванд. Як қисми бачагон дар шароитҳои хона таълиму тарбия мегиранд, ки ин меҳнати зиёд ва хароҷоти калони моддиро талаб мекунад.

Дар муассисаҳои махсуси бачагона, ки бачагони дорои дараҷаи сабуки нуқсони ақлӣ суст таҳсил мекунанд, ҷараёни таълим аз рӯйи барномаҳои махсус таҳияшуда, методикаҳо ва китобҳои дарсӣ дар гурӯҳҳо ё синфҳо бо шумораи ками бачагон ба роҳ монда мешавад.Дар муассисаҳои махсус мазмун ва методҳои кори ислоҳию тарбиявӣ аз татбиқи маҷмуи чорабиниҳое иборатанд, ки ба инкишофи бача ва

бартараф намудани норасоиҳои психикаи онҳо равона шудаанд, зеро ин норасоиҳо диққати вобастагии зеҳнӣ, ҷисмонию иҷтимоӣ ва ҳиссиёту иродаи онҳоро дучанд мегардонанд. Мувофиқи қувват аз худ кардани намудҳои асосии фаъолият (бозӣ, расмкашӣ, сохтан, худхизматрасонии одӣ ва меҳнат) аз тарафи бачагони синни томактабӣ пешбинӣ шудааст, ки ин барои гузариш ба фаъолияти таълими заминаро фароҳам меорад. Агар бача дар шароитҳои хона зиндагӣ карда, тарбия гирад, он гоҳ самтҳои асосии кори ислоҳӣ бо ӯ бояд нигоҳ дошта шуда, ба таври доимӣ аз тарафи волидон ё шахсони бо ҳамин мақсад даъватнамудаи онҳо татбиқ карда шаванд.

Дар муассисаҳои махсус машғулиятҳои мунтазам бо логопед ҳам ба таври рӯ ба рӯ ва ҳам ба таври инфиродӣ гузаронда мешаванд. Малакаҳои нутқ дар машғулиятҳо бо муаллимон ва мураббиён тақвият меёбанд. Чунин кор ҳангоми тарбияи бача дар шароитҳои хона ҳам бояд амалӣ карда шавад.Бача дар ҳамон ҳолат дар инкишофи умумӣ пеш рафта, маҳорату малакаҳои зарурирро аз худ карда метавонад, ки агар аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим бошад. Дар муассисаҳои махсус саломатии тарбиягирандагонро духтур назорат карда, мушоҳидаҳои доимӣ ва муоинаҳои гуногун мегузаронад, доруҳои зарурии табобатиро истифода мебарад, ба муаллимон ва мураббиён вобаста ба тартиботи махсуси рӯз барои баъзе тарбиягирандагон маслиҳатҳо медиҳад. Бачагони дар хона тарбиягирандаро аз хизматрасонии тиббӣ маҳрум кардан лозим нест.

Дар мактабҳои махсус, мактаб-интернатҳо ва синфҳое, ки бачагони ақлан ақибмонда таҳсил мекунанд, дар баробари гузаштани барномаҳои муайян аз рӯйи фанҳои умумӣ (забони русӣ, тоҷикӣ, математика, география ва ғайра) ва ташаккули маҳорату малакаҳои муайяни чунин бачагон, ба омодагии меҳнатӣ, инчунин ба роҳнамоии иҷтимоию маишии онҳо диққати зиёд дода мешавад. Дар ҳар як дарс масъалаҳои мушаххаси ислоҳӣ ҳатман гузошта ва ҳал карда мешаванд, аммо машғулиятҳои махсусе ҳам пешбинӣ шудаанд, ки самти ислоҳӣ доранд. Масалан, машғулиятҳои логопедӣ, тарбияи ҷисмонии табобатӣ ва ғайра.

Дар шароити мактаб баъзе маҳоратҳои касбӣ ва малакаҳои муайяни меҳнатиро аз худ карда, ба кори иҷрошаванда ҳавасманд шуда, имкониятҳои худро эҳсос намуда, натиҷаҳои фаъолияти худро дида, талабаҳо ба қувваи худ боварӣ ҳосил мекунанд. Мактабро хатм карда, онҳо дар ҷамъият ва ҳаёти мустақилона аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқ шуда метавонад. Аммо барои ин ба онҳо шароитҳои мусоид - муҳити солим дар коллективи меҳнатӣ заруранд.

Бачаро дар оила тарбия карда, ба волидон зарур аст, ки дар бораи ояндаи ӯ фикр кунанд. Агар пешбинӣ шавад, ки бача тамоми ҳаёти худро танҳо дар оила мегузаронад ва дар ягон ҷо кор намекунад, пас ба ӯ доштани малакаҳои худхизматрасонӣ ва меҳнати одии маишӣ басанда аст. Агар дурнамо дигар бошад, пас бачаи ақлан ақибмондаро пешакӣ ба он омода кардан лозим аст.

Тавре дар боло гардид, сустақлӣ давраҳои гуногуни инкишофи бачаро фаро гирифта метавонад. Дар баъзе ҳолатҳо волидон дарҳол баъди таваллуди тифл медонанд, ки дар оила бачаи дорои тамоюлҳо дар инкишоф пайдо шудааст. Аллакай аз рӯзҳои нахустини ҳаёти чунин бача волидони ӯ ҳам бояд бо ёрии тахассусӣ ва машварати духтурони мутахассис таъмин карда шаванд. Дар ҳолатҳои дигар дарҳол шинохтани ақланақибмондагӣ ғайриимкон аст (махсусан, ҳангоми мавҷуд будани баъзе тамоюлҳои генетикӣ). Он гоҳ амалан танҳо волидон, пеш аз ҳама, модар мушоҳида карда метавонад, ки бача тамоюлҳои муайян дорад. Модарро зарур аст ба духтур (духтури бачагона ва асабшинос) муроҷиат намуда, ба ӯ дар бораи ҳамон хусусиятҳое нақл кунад, ки дар бачаи худ мушоҳида кардааст. Ҳар қадар барвақтар ба чунин бача ташхиси аниқ гузошта, кори ислоҳӣ бо ӯ гузаронда шавад, ҳамон қадар дар инкишофи бачаи ақлан ақибмонда пешравиро ба даст овардан мумкин аст.

Яке аз самтҳои асосии кори ислоҳӣ бо бачагони ақлан ақибмондаи синни томактабӣ ва бачагони синфҳои ибтидоӣ дар онҳо ташаккул додани муносибати

мусбат барои тамос бо калонсолон ва ҳамсолон аст. Ба бача имкон додан лозим аст, ки ӯ дӯстдорӣ, хурсанд будан ва танҳо набудани худро эҳсос намояд. Волидон бояд нисбат ба бачаи худ меҳрубон, хайрхоҳ, пуртоқат ва ҳангоми зарурат серталаб ва ҷиддӣ бошанд.

Барои тарбия ва мутобиқшавии бачаи ақлан ақибмонда дар ӯ инкишоф додани малакаҳои фарҳангию гигиенӣ, худхизматрасонӣ ва меҳнати одии маишӣ хеле муҳим аст. Бачаро таъриф кардан лозим аст, агар ӯ барои покиза будан кӯшиш кунад, вале агар бача бо ягон сабаб малакаро аз даст диҳад, на танбеҳ, балки ёрӣ додан лозим аст.Ҳангоми кор бо бачаи ақлан ақибмонда ба волидон зарур аст, ки ӯро ба муҳити атроф ва ҳодисаҳои рӯйдиҳанда тарбия карда, ҳавасмандӣ ба машғулиятҳо ва кори мақсаднокро ба ӯ омӯзонанд. Ҳавасмандгардонии инкишофи сенсории бача, ки барои ташаккули нутқ, инкишофи ташаббускорӣ, фаъолияти мақсаднок ва аксуламалҳои ҳиссӣ асос мегардад, дар тарбияи бача ҷанбаи муҳим ба шумор меравад. Барои ин волидон бо бача бозиҳоеро, ки ба шиносшавӣ бо шаклу андоза ва ранги ашё равона шудаанд, бояд гузаронанд ва амалҳои одиро ба онҳо ёд диҳанд. Тавсия дода мешавад, ки ба бача калимаҳои “квадрат”, “доира”, “шакл”, “сурх”, “кабуд”, “ранг”, “якхела”, “калон”, “хурд” ва монанди ин омӯзонда шаванд. Илова бар ин, дар давраҳои аввал аз бача азёдкунӣ ва мустақилона истифода бурдани ин калимаҳоро талаб кардан лозим нест.Намудҳои асосии фаъолияти бачагони синни томактабӣ бозӣ аст ва волидон бояд кӯшиш намоянд, ки таваҷҷуҳи бачаро ба амалҳои бозӣ ҷалб созанд. Ба бача ҳавасмандии калонсолонро барои бозӣ бо ӯ нишон додан лозим аст. Агар бача бозичаҳои гуногун - лухтак, мошинча, пирамидача, кубик, мозайка ва бозичаҳои ба ин монанд дошта бошад, мувофиқи мақсад аст.Инчунин, ба бачаи синни томактабӣ мушоҳидаи фаъолияти калонсолонро омӯзонидан зарур аст, чӣ хел модар зарфҳоро мешӯяд, хонаро рӯбучин мекунад ва ғайраҳо. Ӯро ба иҷрои супоришҳои осон ҷалб кардан лозим аст, ки ба иҷрои ин ё он кор кумак расонад, зеро ҳамаи ин ба инкишофи бача ва ташаккули хислатҳои мусбати ӯ мусоидат мекунад.Бачагони ақлан ақибмонда набояд аз ҳамсолони солими худ ҷудо бошанд, чунки бо онҳо муошират карда, чунин бачагон таҷрибаи иҷтимоии худро зиёд мекунанд ва дар онҳо ҳисси дӯстӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, хайрхоҳӣ пайдо мешавад. Муошират бо бачагони солим яке аз дараҷаҳои мутобиқгардонии иҷтимоии бачаи дорои тамоюлҳо дар инкишоф аст. Волидон вазифадоранд, ки муошарати бачаро ҳаматарафа инкишоф диҳанд, захираи луғавии ӯро такмил диҳанд, ба истиснои муошират бо бачагоне, ки рафтори ношоиста доранд. Бояд гуфт, ки барои бачагони солим муошират бо бачаи ақлан ақибмонда зарар надорад, баръакс он ба ташаккули муносибати нек ва хоҳиши ёрӣ расондан ба рафиқ мусоидат мекунад.

Масъалаи муошрати бачаи ақлан ақибмонда бо бачагони солим ва ба гурӯҳи ҳамсолон дохил кардани ӯ дар шароитҳои махсус ё мактаби махсус ба осонӣ ҳал карда мешавад. Агар бача дар оила таълиму тарбия гирад, он гоҳ ба волидон зарур аст, ки дар бораи пешгирӣ намудани ҷудоии ӯ аз бачагони дигар фикр кунанд. Дар шароитҳои таъсири методию педагогии барои инкишофи ҳаматарафа мусоид қарордошта баъзе бачагони мактаби махсус дар инкишофи ақлӣ ва иҷтимоишавӣ аз рафиқони худ хеле пеш мегузаранд. Мактабро хатм карда, онҳо аз рафиқони худ ба таври назаррас аз ҳама ҷиҳат фарқ мекунанд, чунин ҳолатҳо, албатта, чандон зиёд нестанд.Вобаста ба ин таснифоти зиёд мавҷуд буда, ин таснифот, одатан, ба принсипи клиникию патогенезӣ асос ёфтаанд. Масалан, таснифи маъмултарин миёни дефектологҳои Россия таснифи пешниҳоднамудаи М.С. Певзнер аз соли 1959 аст. Мавсуф панҷ шакли асосии олигофренияро муайян намудааст: номураккаб, бо афзалияти ҷараёнҳои барангезиш ё боздорӣ; бо пастшавии вазифаҳои анализатор ё тамоюлҳои нутқ; бо рафтори девонамонанд; бо норасоии намоёни пешонӣ.Ҳар

кадоми ин панҷ шаклро муфассал шарҳ дода, гуфтан бамаврид аст, ки ду шакли якум бештар паҳн шудаанд, диққати асосиро ба ин ду шакл ҷалб мекунем.

Дар шакли номураккаби олигофрения бача бо баробарвазнии ҷараёнҳои асаб тавсиф меёбад. Доираи ҳиссиёту иродаи ӯ нисбатан ҳифз шудааст, дар баробари ин, ӯ аз ҳамсолони муътадил инкишофёбандаи худ аз синни барвақтӣ хеле фарқ мекунад, дараҷаҳои ӯ суст ташаккул меёбанд. Ӯ нишастан, истодан, ҳаракат кардан, истифодаи қошуқ ва аз пиёла об нӯшиданро дертар ёд мегирад. Ҳаракату роҳгардии ӯ лаванд аст. Барои бачаи 6-7-сола мустақилона либос пӯшидан, махсусан гузарондани тугмаҳо ва бастани бандҳои пойафзол хеле душвор аст, бо душворӣ фаъолияти ашёгӣ - амалӣ ва амалҳои одии бозиро ёд мегирад.

Чунин бача ба нутқи ба ӯ нигарондашуда аксуламал нишон доданро дер ёд мегирад ва одатан танҳо овози шахси гӯяндаро мефаҳмаду халос. Дар муҳлатҳои аз меъёр дертар ӯ танҳо калимаю ибораҳои нахустину ба ҳам наздикро талаффуз мекунад (бисёр вақт дар 3-4 солагӣ, бо мушкилӣ дар суҳбати муқаррарӣ иштирок мекунад).

Агар нуқсон начандон намоён бошад, чунин бачагон одатан ба бачаи солим одат мекунанд, аз мураббӣ танбеҳ намешунаванд. Албатта, либосҳои онҳоро пӯшонида, гусел кардан лозим аст, вале онҳо фармонбардор буда, дӯстони худро озор намедиҳанд, бо камоли майл ба онҳо итоат карда, дар ҳама гуна бозӣ нақшҳои одӣ ва ғайримарказиро иҷро мекунанд. Албатта, бачагони ақлан ақибмонда барномаи таҳсилоти ҳамагониро аз худ карда наметавонанд, ба китобҳо ҳавас надоранд, шеърҳои бачагонаро ба хотир намегиранд, вале бо завқи баланд барномаҳои телевизионро тамошо мекунанд, ҳарчанд фаҳмиши кам дошта бошанд ҳам, вале симоҳои ҳаракаткунандаро назорат мекунанд. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки нуқсони бача аён аст, волидон қариб ҳама вақт маъмурияти муассисаро розӣ карда метавонанд, ки бачаи онҳоро аз мактаб ва ё аз муассиса хориҷ накунанд.

Агар бачаи ақлан ақибмонда бо рафтори ҳифзшуда дар хона тарбия гирад, ӯ волидон ва бародарону хоҳарони худро безор намекунад. Ба андозаи муайян фармонбардор ва гапдаро аст, ҳарчанд ноуҳдабаро ва беадолат бошад ҳам, вале барои оила қобили қабул аст. Баъзе волидон бо ягон сабаб аз диққати ҳаракат, нутқ, хотира, фикрронӣ ақиб мондани бачаро нодида гирифта, ӯро бачаи солим меҳисобанд. Танҳо қисми ками волидон кӯшиш мекунанд чунин бачаро ба мактабҳои махсус монанд (чунин мактаб-интернатҳо хеле каманду асосан дертар аз шаҳр фаъолият доранд) ва барои ёрӣ ба духтурону дефектологҳо муроҷиат кунанд.

Тааҷҷубовар нест, ки чунин бачагон барои таҳсил дар мактаб комилан омода нестанд. Аз ин рӯ, ногувориҳои асосии ҳаёт барои онҳо аз рӯзи мактабравӣ оғоз меёбанд, зуд ба бачагони ақлан ақибмонда табдил меёбанд. Бисёр вақт муаллимони мактаби таҳсилоти умумӣ ба чунин бача начандон одилона муносибат мекунанд. Муаллим ӯро дар ҳузури хонандаҳои дигар “тарбия карда”, ҳамеша аз ӯ ба волидонаш шикоят мекунад. Ҳамсинфон рафиқи худро таънаю тамасхур мекунанд ва озор медиҳанд, бо ин сабаб мактаб барои бачаҳо нафратангез мегардад.

Агар бачаи ақлан ақибмондаро бо рафтори ҳифзшуда ва дорои нуқсони начандон намоён бо ҷидду ҷаҳд ва ба таври зарурӣ ба мактаб омода карда бошанд, дар аввал ӯ таассуроти хонандаи муваффақро ба вуҷуд меорад. Бо мураккабшавии маводи таълимӣ бача тадридан аз ҳамсинфони худ ақиб мемонанд.Ба мактаби махсус ё синфи махсус гузарондани бачаи ақлан ақибмонда ба ӯ имкон медиҳад, ки худро миёни дигарон баробар эҳсос кунад. Дар ҳолати муқаррарӣ рафтори ӯ комилан мутобиқ аст, ӯ боинтизом ва фармонбардор аст. Барномаи таълимиро хуб аз худ мекунад, китобу дафтарҳояшро тозаю озода нигоҳ медорад ва дар чорабиниҳои синфӣ ва мактабӣ иштирок мекунад. Бо шавқу завқ дар устохона кор мекунад, пешгӯии инкишоф ва мутобиқшавии иҷтимоии ӯ хушбинона аст ва маҳз чунин наврасон бештар кӯшиш мекунанд, ки аз ташхиси ақлан ақибмондагӣ халос шаванд.

Агар онҳо ин корро ба воситаи комиссия иҷро карда натавонанд, пас баъзеи онҳо ба мактабҳои шабона дохил шуда, дар бораи таҳсилашон дар синфи муайян маълумотнома мегиранд. Албатта, бо бачаҳои ақлан ақибмонда бо тарзҳои гуногун ташкил кардани дарс ба мақсад мувофиқ аст. Бояд гуфт, ки таълими махсус на мутобиқшавӣ ба нуқсони хосси ин ё гурӯҳи бачагони дорои тамоюлҳо дар инкишоф, балки ислоҳи он ва агар имконпазир бошад, бартараф намудани ин нуқсонро мақсади худ меҳисобад.

**Муқарриз: Рамазонова Р.С.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Актуальные проблемы олигофренопедагогики: Сб. науч. трудов. АПН СССР; Отв. ред. В.В. Воронкова. - М.: АПН СССР, 1988. - 168 с.
2. Воронкова В.В. Социально-бытовая ориентировка учащихся 5-9 классов в специальной (коррекционной) общеобразовательной школе VIII вида / В.В. Воронкова, С.А. Казакова. - М.: Владос, 2011. - 248 с.
3. Гладкая И.В. Диагностические методики предпрофильной подготовки / И.В. Гладкая. - М.: КАРО, 2007. - 176 с.
4. Девяткова Т.А. Социально-бытовая ориентировка в специальных (коррекционных) образовательных учреждениях VIII вида / Т.А. Девяткова, Л.Л. Кочетова, А.Г. Пертикова, Н.М. Платонова, А.М. Щербакова. - М.: Владос, 2008. – 304 с.
5.
6. Дмитриева Л. И. Формирование словаря у учащихся специальных (коррекционных) школ VIII вида. (Начальные классы): учеб. Пособие / Л. И. Дмитриева; РАО, МПСИ. - М.: МПСИ, 2002. - 128 с.
7. Забрамная С. Д. Психолого-педагогическая диагностика умственного развития детей: учеб. для студентов дефектол. фак. педвузов и ун-тов / С.Д. Забрамная. - 2-е изд., перераб. - М.: Просвещение, 1995. - 112 с.
8. Коррекционно-воспитательная работа в подготовительных группах специальных дошкольных учреждений для детей с нарушением слуха и интеллекта. Под ред. Л.П. Носковой. - М.: 1990.
9. Коняева Н.П. Воспитание детей с нарушениями интеллектуального развития / Н.П. Коняева, Т.С. Никандрова. - М.: Владос, 2010. - 200 с.
10. Красноперова Н.А. Возрастная анатомия и физиология / Н.А. Красноперова. - М.: Владос, 2012. - 216 с.
11. Лебединская К.С. Нарушения психического развития в детском и подростковом возрасте / К.С. Лебединская, В.В. Лебединский. -М.: Академический проект; Трикста, 2011. - 303 с.
12. Старобина Е.М. Профессиональная подготовка лиц с умственной отсталостью / Е.М. Старобина. - М.: НЦ ЭНАС, 2007. - 120 с.
13. Петрова В.Г. Практическая и умственная деятельность детей-олигофренов [Текст] / В.Г. Петрова- М.: 1969.
14. Резапкина Г.В. Психология и выбор профессии. Рабочая тетрадь учащегося / Г.В. Резапкина. - М.: Генезис, 2012. - 144 с.
15. Профессионально-трудовое обучение учащихся специальных (коррекционных) образовательных учреждений VIII вида (для детей с нарушением интеллекта).
16. Перелетов А.Н. Столярное дело. 10-11 классы. Специальная (коррекционная) школа VIII вида / А.Н. Перелетов, П.М. Лебедев, Л.С. Сековец. - М.: Владос, 2010. - 368 с.
17. Профессиональная ориентация, профессиональная подготовка и трудоустройство при умственной отсталости: Методическое пособие. М.В. Агрба, И.П. Бородулина, Е.О. Гордиевская. Под ред. Е.М. Старобиной. - М.: Форум, ИНФРА-М, 2007. – 304 с.


## ИМКОНИЯТ ВА РОҲҲОИ БА ОМӮЗИШ ФАРОГИРИИ БАЧАГОНИ АҚЛАН АҚИБМОНДА

Дар мактаб-интернатҳо бачагони дарачаи сабуки сустақлӣ таълим дода мешаванд. Хонандагони ақлан ақибмонда бештар ба дарс халал мерасонанд, аз ҷумла дар зери миз хазида, хам мешаванд, дод мезананд, бо бачаҳои дигар ҷанҷол мекунанд ва албатта, тамоман намехонанд, зеро муҳити синфро намефаҳманд. Онҳо фавран ба комиссияи психологию тиббию педагогӣ фиристода мешаванд, ки дар он ҷо ба мактаби махсус ё синфи махсус фиристода мешаванд. Дар мактаб-интернатҳо аз таъсири таълими ислоҳӣ-мақсаднок, ки дар асоси муносибати инфиродӣ сурат мегирад, бача то ҳадди имкон ором мешавад, рафтори хуб мекунад, талаботи омӯзгоронро мешунавад, барномаи таълимро меомӯзад, вале номунтазам кор мекунад. Ин аз навиштаҳои ӯ маълум мешавад, албатта, аввалҳо ӯ бехато менависад, вале дере нагузашта супоришҳоро нисфӣ иҷро мекунад, аз иҷрои дастурҳо саркашӣ мекунад, китобу дафтарҳоро хок мекунад, беинтизом мешавад. Хонандагони ақлан ақибмонда бо шавқу ҳаваси зиёд ба кор шуруъ мекунанд, вале зуд дилгир мешаванд. Саросемавор, бе андеша ва бепарво кор мекунанд. Аксар вакт рафтори онҳо тағйир меёбад, ки ин боиси оқибатҳои ногувор мегардад. Пас аз хатми мактаб барои хонандагони ақлан ақибмонда пайдо кардани кор ва дар ҷойи худ мондан кори осон нест. Онҳо аксар вакт бо ҳамкорон барои кори майда-ҷуйда ҷанҷол

мекунанд, тартибу интизомро риоя намекунанд, зеро ба онҳо муҳити ором ва фаъолияти гуногун лозим аст. Чунин кӯдаконро тарбия кардану нигоҳубин кардан барои оила душвор аст. Онҳо на танҳо дар мактаб-интернат, балки дар ҳамаи гурӯҳҳои бачагона ҳам беқароранд, ҳамеша ба кори бачаҳои дигар халал мерасонанд, ба муаллимон душворӣ меоваранд, зеро идоранашаванда мебошанд.

**Калидвожаҳо:** маъюбӣ, ношунаво, визуалӣ, зеҳнӣ, нутқ, таҳсилоти фарогир, эҳтиёҷоти махсус, инфиродӣ, томактабӣ, бозӣ, лексикӣ, мутобиқшавӣ.

## ВОЗМОЖНОСТИ И СПОСОБЫ ВКЛЮЧЕНИЯ УМСТВЕННО ОТСТАЛЫХ ДЕТЕЙ В ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБУЧЕНИЕ

В интернатах ребенок с легкой степенью умственной отсталости (дебил) ведет себя беспорядочно. На уроке он лезет под стол, наклоняется, кричит, ссорится с другими детьми, и, конечно же, совсем не учится, потому что не понимает классную обстановку. Его сразу направляют на психолого-медико-педагогическую комиссию, где его направляют в спецшколу или спецкласс. В школах-интернатах благодаря воздействию коррекционно-целевого воспитания, которое происходит на основе индивидуального подхода, ребенок максимально успокаивается, лучше себя ведет, слушает требования педагогов, усваивает учебный план, но работает нерегулярно. Это видно из его сочинений. Сначала пишет аккуратно и без ошибок, но вскоре выполняет задания наполовину, отказывается выполнять инструкции, пачкает книги и тетради, становится недисциплинированным.Дети с легкой степенью умственной отсталости (дебилы) с большим энтузиазмом начинают работать в мастерской, но вскоре им становится скучно. Работают в спешке, не задумываясь и небрежно. Часто их поведение меняется, что приводит к неприятным последствиям.После окончания школы умственно отсталым выпускникам непросто найти работу и остаться на своём месте. Они часто ссорятся с коллегами из-за мелкой работы и не соблюдают порядок и дисциплину, так как нуждаются в спокойной обстановке и разных занятиях.Воспитывать и заботиться о таком ребенке для семьи сложно. Он неугомонен не только в интернате, но и во всех детских коллективах, всегда мешает другим детям и создает трудности учителям, потому что неуправляем и болтлив.

**Ключевые слова:** инвалидность, слух, зрительный, интеллектуальный, речевой, инклюзивное образование, специальные потребности, индивидуальный, дошкольный, игровой, лексический, адаптивный.

## OPPORTUNITIES AND WAYS OF STUDYING THE COVERAGE OF MENTALLY RETARDED CHILDREN

In boarding schools, a child with a mild degree of mental retardation (debilitated) behaves erratically. In class, he crawls under the table, bends down, screams, quarrels with other children, and, of course, does not study at all, because he does not understand the classroom environment. He is immediately sent to the psychological-medical-pedagogical commission, where he is sent to a special school or special class.In boarding schools, due to the impact of correctional-targeted education, which takes place on the basis of an individual approach, the child calms down as much as possible, behaves better, obeys the requirements of teachers, learns the curriculum, but works irregularly. This is evident from his writings. At first he writes neatly and without errors, but soon he completes tasks halfway, refuses to follow instructions, soils books and notebooks, and becomes undisciplined.Children with a mild degree of mental retardation start working in the workshop with great enthusiasm, but soon become bored. They work in a hurry, without thinking and carelessly. Often their behavior changes, which leads to unpleasant consequences.After leaving school, it is not easy for mentally retarded graduates to find a job and stay in such a place. They often quarrel with colleagues over petty work and do not keep order and discipline, as they need a calm environment and different activities.It is difficult for a family to raise and take care of such a child. He is restless not only in the boarding school, but in all schools, he always interferes with other children and creates difficulties for teachers, because he is uncontrollable and talkative.

**Key words:** Disability, hearing, visual, intellectual, speech, inclusive education, special needs, individual, preschool, game, lexical, adaptive.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Усмонов Меҳроч Ғаюрович* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефон: **911147078.**

**Сведения об авторе:** ***Усманов Мехроч Гаюрович*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования. **Адрес:** 734003, Республики Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **911147078.**

**Information about the author:** ***Usmanov Mehroch Gayurovich* -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, assistant of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education. **Address: 734003,** Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone: **911147078.**

УДК:372.862

# ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

*Махкамов Дастам,* **Ҳасанова Х.А.**
**Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат чунин омадааст: "*Дар ин марҳилаи муҳим мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ,инчунин, дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад*".

Барои ҷавононе, ки дар шароити муосири тез тағйирёбандаи ахбор ба ҳаёти мустақилона ворид мегарданд, бояд фаъолияташон самараноку рақобатпазир бошад. Онҳо бояд эҷодкор, мустақил, масъулиятшинос, шахси муоширатӣ ва дорои қобилияти ҳал намудани масъалаҳои шахсӣ ва коллективӣ бошанд. Онҳо бояд барои аз бар намудани донишҳои нав талош варзанд, забондон буда, маҳорати пайдо намудан ва хоста гирифтани ахбори заруриро дошта бошанд.

Ҳамаи ин сифатҳоро дар шахс бобарор ташаккул додан мумкин аст, то ки шахс муносибатҳои босалоҳиятро дар омӯзиши фанни таълимӣ истифода бурда, яке аз мазмунҳои шахсӣ ва иҷтимоии таълимро ташаккул диҳад. Дар шароити муосир натиҷаи асосии таълим на танҳо ноил шудан ба дониш, маҳорат, малака, балки ташаккул додани иқтидори таҳлил ва ҳалли минбаъдаи мушкилоти бамиёномада мебошад. Дар ин раванд дониш аз тамоми фанҳои таълимӣ захира гардиданаш мушоҳида мегардад. Натиҷаи нави таълим, ки донишҷӯ дар муассиса аз бар менамояд, номи «салоҳият»- ро дар худ мегирад.

Мафҳуми «салоҳият» аз дониш, маҳорат ва малака васеътар буда, тамоми паҳлуҳои фаъолиятро фаро мегирад.

Салоҳият омодагӣ (тавонои)-и донишҷӯ ба истифода бурдан аз дониш, маҳорат ва малакаи ҳосилнамуда, инчунин тарзи фаъолият дар ҳаёт, баҳри ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Дар робита бо тамоили амалии таҳсилоти муосир фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ на бояд танҳо ба додани дониш, маҳорат ва малакаи системавӣ равона гардад, баръакс ба интихоби салоҳиятнокӣ дар чунин шакл равона карда мешавад:

1. омодагии қиматнокӣ - моҳиятӣ ба дидан ва дарк намудани олами атроф, худро дар он мутобиқ сохтан, дарк намудани мавқеъ ва таъиноти худ, интихоб карда тавонистани мақсад ва мазмуни фаъолияти хеш ва қабул намудани қарори дилхоҳ;
2. маданияти умумӣ – баланд бардоштани огоҳии донишҷӯён аз хусусиятҳои миллӣ ва маданияти умумибашарӣ. Тавассути асосҳои маънавӣ- ахлоқии ҳаёти инсон. Аз маданияти халқҳои ҷудогона, асосҳои маданияти оилавӣ, иҷтимоӣ, зуҳурот ва анъанаҳои ҷамъиятӣ, мавқеи илм ва дин дар ҳаёти одамон, таъсири онҳо ба олами маънавии насли наврас, тарзҳои самаранок ташкил намудаи вақти холӣ мебошад;
3. омодагии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ: мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, таҳлил, одаткунӣ, худбаҳодиҳӣ ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, маҳорати фарқ карда тавонистани далелҳо аз бофтаҳо, ноил шудан ба маҳорати қиёскунӣ, истифода бурда тавонистан аз таваккал, омор ва дигар методҳои маърифат;
4. омодагии ахборӣ– омодагии донишҷӯён барои мустақилона кор кардан бо ахбору сарчашмаҳои гуногун, ҷустуҷӯ, таҳлил ва коркарди ахбори зарурӣ, ташкил додан, навсозӣ кардан, нигоҳ доштан ва расонидани он;
5. коммуникативӣ – донистани забонҳои зарурӣ, тарзи хамкорӣ бо атрофиён ва фаҳмидани ҳодисаҳо, малакаи кор бо гурӯҳро пешниҳод намуда, якчанд нақшро дар

коллектив бозиданро тавсия медиҳад. Донишҷӯён бояд тасаввур карда тавонанд, ки мактуб, анкета, ариза навиштан ва аз уҳдаи савол додан, баҳс оростан мебароянд;

6. иҷтимоӣ- меҳнатӣ – дар фаъолияти шаҳрвандӣ- ҷамъиятӣ соҳиби дониш ва таҷриба будан (иҷро намудани нақши шаҳрванд, мушоҳидачӣ, назоратчӣ, интихобкунанда, намоянда), дар фазои иҷтимоӣ меҳнатӣ (ҳуқуқи истеъмолкунанда, харидор, истеҳсолкунанда, муштарӣ), дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва уҳдадориҳо, дар масъалаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, дар худмуайянкунии касбӣ;

7. шахсиятӣ (худташаккулдиҳӣ) – омодагии амалӣ намудани имкониятҳои ҷисмонӣ, худинкишофи маънавӣ ва интеллектуалӣ, танзим намуда тавонистани хеш дар ҳолатҳои қаҳру ғазаб.

*Дар баробари салоҳиятҳои калидӣ, ки барои тамоми фаннҳо умумӣ мебошанд, салоҳиятҳои фаннӣ низ вуҷуд доранд.*

Салоҳиятҳои забонӣ, таърихӣ ё фалсафӣ, пеш аз ҳама, иқтидори таркиби сохтани маводҳо (ҳолату вазъият), тақсим намудани муносибати фанни таълимӣ, ташкил додани тамсилаи вазъият, таҳлил намудан, навсозӣ гузаронидан ва муҳокимаи натиҷаи бадастомада мебошад. Ба ибораи дигар, салоҳияти математикии донишҷӯ иқтидори дар оянда истифода бурдани донишҳои математикиро дар ҳаёти ҳаррӯза барои ҳалли масъалаҳо талаб менамояд.

Ҳар як донишҷӯ ва омӯзгор бояд донад, ки салоҳияти математикӣ ба се зина тақсим мешавад: аз навистеҳсолкунӣ, робитамандӣ, таффакурофарӣ.

Дараҷаи якум (дараҷаи азнавистеҳсолкунӣ) — ин истифодабарии бевосита дар ҳолати ошно гардидан бо далелҳои маълум, усулҳои стандартӣ, аз нав ба хотир овардани хосият ва объектҳои математикӣ, иҷро намудани амалиётҳои стандартӣ, истифодаи алгаритмҳои маълум ва малакаҳои техникӣ, кор бо стандартҳо, ифодаҳои маълуму формулаҳо, иҷрои бевоситаи ҳисоббарориҳо мебошад.

Дараҷаи дуюм (дараҷаи барқарор намудани робитаҳо) дар мавриди фаъолияти самараноки ҳалли масъала сохта мешавад, ки ҳатто чандон муҳим намебошад, аммо ба донишҷӯён ошноянд. Мазмуни супоришҳо ишора бар он менамоянд, ки хонанда аз кадом боби математика ва кадом метод метавонад истифода барад. Одатан, дар ин супоришҳо талаботи баланд ба намоиш додани роҳу усулҳои ҳалли масъала равона гардида, аз иҷрокунанда талаб менамояд, ки робитаҳоро вобаста ба талаботи супориш барқарор намоянд.

Дараҷаи сеюм (дараҷаи муҳокима) ҳамчун инкишофи дараҷаи пешина сохта мешавад. Барои ҳалли вазифаҳои ин дараҷа ноил будан ба миқдори муайяни ҳиссиёт, фикррронӣ ва эҷодкорӣ дар интихоби маводҳои зарурӣ ва роҳҳои ҳалли математикии онҳо муҳим мебошад. Дар ин ҷо тафриқаи дониш аз қисматҳои курси математика, коркарди мустақилонаи алгаритми фаъолият ниҳоят муҳим ва манфиатбахш мебошад.

Супориш, чун қоида, бисёр маълумотҳоро дар худ фаро мегирад, ки аз хонанда ё донишҷӯ доштани дониши васеъро талаб менамояд. Дар асоси он донишҷӯ бояд қонуниятҳоро ёфта тавонад, умумигардонӣ гузаронад ва натиҷаи бадастовардаро асоснок намуда, фаҳмонида тавонанд.

**Муносибати босалоҳият** – ин муносибатест, ки диққатро ба натиҷаи таҳсилот ҷалб намуда, ҳамчун сифати натиҷаи маҷмуи азбарнамудаи ахбор ва фаъолияти инсон дар ҳолатҳои гуногун баромад менамояд.

Муносибати босалоҳият ҳангоми омӯзиши фанни математика фаъолияти маҳоратҳои гуногуни донишҷӯёнро дар назар дорад, ки имконият медиҳад онҳо дар оянда дар вазъияти касбӣ, шахсӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ самаранок фаъолият намоянд, салоҳияти хешро намоиш ва инкишоф диҳанд.

Сиёсати мазкур яке аз омилҳои ҷаҳонишавии таҳсилот маҳсуб ёфта, талаб менамояд, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд, пас салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсияти донишҷӯёнро фаро гиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ

ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода мешаванд. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи тадриси фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.Вазифаи ҳар як фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди низоми дониш, малака ва маҳорати фанни таълимӣ, ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ ва фаннӣ низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода щудаанд.

Аз ҷумла: ***1.Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ:***

– истифода бурда тавонистан аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълим;

– таҳлили ақида, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;

– дарк намудани он, ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;

– фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;

– таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо ба ҳамдигар ва сохтани чизи том;

– аз ягон нуқтаи назар таҳлил намудани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо, таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

***2. Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ:***

– ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи маърифатии донишҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам;

– ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводҳои нав ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;

– пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;

– ёд гирифтани роҳҳои таҳқиқи низомҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб

– ёд гирифтани сохтан ё бозсозии ашё, пешниҳоди ақидаҳо тавассути тағйир додан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.

Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ инҳоянд:

– тавоноии таҳлил ва баҳогузорӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;

– дарёфти фарқияти байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;

– истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;

– бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун;

– таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилиятҳои фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

***Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахс инҳоянд:***

– донишҷӯ эътироф намояд, боварӣ ҳосил кунад, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷриба ба худшиносӣ, ба арзиш ва рафтори шахс таъсир мерасонанд;

– ташаккул додани малака, фаҳмиш ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносӣ мусоидат менамоянд;

– муҳокима, таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият;

– бедор намудани боварии донишҷӯён ба иқтидору қобилияти хеш;

– фаъолияти муташаккилонаи мақомоти худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан;

– ташаккули шахсияти донишҷӯён ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

*Дарки қадру қимати хеш ва ҳифз намудани дигарон:*

– равшанфикр ва озодандешу озодбаён будан;

– омӯхтани маданият ва фарҳанги халқҳои гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба он;

– эътироф ва қадр кардани арзишҳои гуногун, ки на ҳамеша ба ақидаи шумо рост меоянд.

*Дарк ва қадр кардани истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангӣ:*

– таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқ ва омӯзиши вобастагии рушди устувор аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ;

– ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ашёҳои зинда ва ғайризинда чӣ тавр таъсир расонда метавонад;

– таҳқиқ ва таҳлили амалҳои шахс ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор чӣ таъсире расонида метавонад;

– нишон дода тавонистан, ки рафторҳои одамон чӣ тавр ба некуаҳволии ҷомеа, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбат ё манфӣ расонида метавонанд.

*Ташаккули савияи маърифат. Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни таълим:*

– дарки муҳиммияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;

– таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг ва арзишҳо арзёбӣ мегардад;

– аз бар намудани ақидаҳо ва маълумотҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд (масалан, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

– истифода аз технологияҳои гуногун бо мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

*Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои олам тавассути донишҳои муайян:*

– ҷустуҷӯйи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

– интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои иттилоотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;

– истифода аз дониш дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

– таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумотҳои хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷамъ оварда шудаанд;

– истифода аз ақидаҳо, технологияи муосир бо мақсади эҷоди чизи нав.

*Баёни натиҷаҳои фаҳмиш ва маън намудани донишҳои муайян:*

– дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо ба мақсади баён кардан, сохтан, ҳисоб кардан ва муошират карда тавонистан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;

– истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузоранд;

– пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбори фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;

– интихоб ва истифодаи технологияи мувофиқ барои муошırати самаранок ва боодобона.

Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ аз инҳо иборатанд:таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас;ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароитҳои дигар;риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;нишон додани қатъият дар масъалаҳои ахлоқӣ; таҳқиқи он, ки арзиш ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида

баён гардида дар бой гардонидани ахлоқи башар васеъ истифодашаванда мебошанд ё не.

*Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаҳо:*нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан дар вақти зарурӣ;ба таври эътимоднок ва созанда пешниҳод намуда тавонистани ақидаҳои гуногуни манфиатовар;истифода аз усулу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матраҳшаванда;зоҳир намудани эҳтиром ба хеш ва дигарон ҳангоми муҳокима ва баҳс.Салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ифодакунандаи эҳтироми бепоён ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ, муҳайё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳо дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа мебошад.

Донишҷӯйи босалоҳият ба атрофиён ёрӣ расонида, дорои мустақилияти баланд буда, фарҳангу маданияти баланд дошта, донишу қобилияти дигаронро ба эътибор мегирад. Барои ба мақсади гузошташуда расидани дигарон ёрию мадад менамояд, муносибатҳои ғаразнок ва ноодилонаро нисбат ба худ ва дигарон раво намебинад.

**Муқарриз: Котибова Ш. - н.и.п., дотсенти ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Байденко В.И. Концептуальная модель государственных образовательных стандартов в компетентностном формате / В.И.Байденко // Материалы к методологическому семинару. -М.: Исследовательский центр качества подготовки специалиста МИСИС. - -2005.
2. Башарина А.В. Влияние процессов глобализации на образовательное пространство России / А.В. Башарина [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.naukapro.ru/konf2008/bash.htm.
3. Бермус А. Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образования / А. Г. Бермус [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.bestreferat.ru/referat-78164.html.
4. Веселовская Н.С. Компетентностный подход в образовании – основа подготовки высококвалифицированного специалиста / Н.С. Веселовская. –Омск, 2004.
5. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования / И.А. Зимняя [Электронный ресурс] //Интернет-журнал "Эйдос". -2006. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2006/0505.htm.
6. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании / О.Е. Лебедев. [Электронный ресурс] // Школьные технологии. -2004. -№5. -С.3-12. - Режим доступа: http://www.orenipk.ru/seminar/ lebedev.htm.
7. Матушанский Г.У. Моделирование повышения квалификации преподавателя высшей школы на траекторрии ассистент -ст. преподаватель – доцент / Г.У.Матушанский, Г.В. Завада //Alma mater. 2011. -С. 40-42.
8. Романова Л.М. Компоненты профессиональной деятельности преподавателя вуза на должностных уровнях ассистента, и старшего преподавателя / Л.М.Романова, А.Г.Фролов // Вестник Казан.гос. энергет. ун-та. 2009. -№1. -С 136-142.
9. Романова Л.М. Компетентностная модель преподавателя высшей школы / Л.М.Романова, Г.У.Матушанский // Инновационная образовательная среда как фактор развития учебного заведения. Казань: Изд-во МОиН РТ, 2010. -С. 133 -134.
10. Селевко Г.К. Компетентности и их классификация / Г.К. Селевко // Народное образование, 2008. -№ 4.
11. Серякова С.Б. Компетентностный подход как направление модернизации российского образования / С.Б. Серякова // Пед. образование и наука: науч.-метод. журн. - 2004. - №1.
12. Фролов Ю.В. Компетентностная модель как основа качества подготовки специалистов / Ю.В.Фролов, Д.А.Махотин // Высшее образование сегодня. 2010. -№ 12. -С. 34-41.
13. Хуторской А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты / А.В. Хуторской [Электронный ресурс] Интернет-журнал "Эйдос". 2002.


## ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ


Мақола ба баррасии мавзӯи омӯзиши фанҳои таълимӣ ва муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки барои ҷавононе, ки дар шароити муосири тез тағйирёбандаи ахбор ба ҳаёти мустақилона ворид мегарданд, бояд фаъолияташон самараноку рақобатпазир бошад. Онҳо бояд эҷодкор, мустақил, масъулиятшинос, шахси муоширатӣ ва дорои қобилияти ҳал намудани масъалаҳои шахсӣ ва коллективӣ бошанд. Онҳо бояд барои аз бар намудани донишҳои нав талош варзанд, забондон буда, маҳорати пайдо намудан ва хоста гирифтани ахбори зарурйро дошта бошанд. Ҳамаи ин сифатҳоро дар шахс бобарор ташаккул додан мумкин аст, то ки шахс муносибатҳои босалоҳиятро дар омӯзиши фанни таълимӣ истифода бурда, яке аз мазмунҳои шахсӣ ва иҷтимоии таълимро ташаккул диҳад. Дар шароити муосир натиҷаи

асосии таълим на танҳо ноил шудан ба дониш, маҳорат, малака, балки ташаккул додани иқтидори таҳлил ва ҳалли минбаъдаи мушкилоти бамиёномада мебошад. Дар ин раванд дониш аз тамоми фанҳои таълимӣ захира гардиданаш мушоҳида мегардад. Натиҷаи нави таълим, ки донишҷӯ дар муассиса аз бар менамояд, номи «салоҳият»- ро дар худ мегирад.

Калидвожаҳо: мафҳуми «салоҳият», дониш, маҳорат ва малака, ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалӣ, тамоили амалии таҳсилоти муосир, фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ.

**ИЗУЧЕНИЕ УЧЕБНЫХ ПРЕДМЕТОВ И КОМПЕТЕНЦИОННОЕ ОТНОШЕНИЕ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ**

Статья посвящена изучению учебных предметов и компетентностного отношения в учреждениях среднего профессионального образования. Авторы отмечают, что для молодых людей, вступающих в самостоятельную жизнь в быстро меняющихся современных новостных условиях, их деятельность должна быть эффективной и конкурентоспособной. Они должны быть творческими, независимыми, ответственными, коммуникабельными и иметь возможность решать личные и коллективные проблемы. Они должны стремиться к получению новых знаний, свободно владеть языками, иметь возможность находить и получать необходимую информацию. Все эти качества могут быть успешно сформированы у человека, благодаря чему он использует компетентностные установки в изучении учебного предмета и формирует одно из личностно-социальных содержаний образования. В современных условиях главным результатом образования является не только получение знаний, умений и навыков, но и формирование способности к анализу и дальнейшему решению имеющихся проблем. В этом процессе наблюдается, что знания сохраняются по всем учебным предметам. Новый образовательный результат, которого достигает студент в учреждении, называется «компетенцией».

**Ключевые слова**: понятие «компетентность», знания, умения и навыки, решение теоретических и практических задач, практическое направление современного образования, практическая деятельность образовательных учреждений.

**SUBJECT STUDY AND COMPETENCE RELATIONSHIP IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF SECONDARY PROFESSIONAL EDUCATION**

The article is devoted to the study of academic subjects and competency-based attitudes in institutions of secondary vocational education. The authors note that for young people entering an independent life in a rapidly changing modern news environment, their activities must be effective and competitive. They must be creative, independent, responsible, communicative and able to solve personal and collective problems. They should strive to acquire new knowledge, be fluent in languages, be able to find and receive the necessary information. All these qualities can be successfully formed in a person, thanks to which he uses competency-based attitudes in the study of a subject and forms one of the personal and social contents of education. In modern conditions, the main result of education is not only the acquisition of knowledge, skills and abilities, but also the formation of the ability to analyze and further solve existing problems. In this process, it is observed that knowledge is retained in all academic subjects. The new educational outcome that a student achieves in an institution is called "competence".

**Key words**: the concept of "competence", knowledge, skills and abilities, the solution of theoretical and practical problems, the practical direction of modern education, the practical activities of educational institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Махкамов Дастам*** – Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45.
***Ҳасанова Холбибӣ Авазовна*** **-** Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, унвонҷӯй**. Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45. Телефон: **900-00-82-27**

**Сведения об авторах:** ***Махкамов Дастам*** **-** Институт развития образования имени А.Джами Академии образования Таджикистана, кандидат педагогических наук, доцент, заведующий отделом начального и среднего образования**. Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45.
***Хасанова Холбиби Авазовна*** **-** Институт развития образования имени А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45. Телефон: **900-00-82-27**

**Information about the authors:** ***Mahkamov Dastam*** - Institute for the Development of Education named after A.Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Primary and Secondary Education**. Address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45.
***Khasanova Kholbibi Avazovna*** - Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45. Phone: **900-00-82-27**

УДК:891.550

# БОЗГӮ ВА ТАШАККУЛИ ПАНДУ ҲИКМАТ ВА АНДАРЗНОМАҲО ДАР “ШОҲНОМА”-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ

*Муминов А.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Яке аз дастовардҳои бузурги мероси фарҳангии мардуми Аҷам дар ҷаҳон асари безаволи Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ “Шоҳнома” шинохта шудааст. Ин кохи хираду фарҳанг бо вуҷуди дар тули қарнҳои мухталиф вазидани “бодҳои номусоид” чун “Кохи бегазанд” устувор ва қавӣ ҳамоно ба бани башар панду андарзи аҷдодону бобоён ва ҳамеша дар зиндагӣ ва маънавиёти инсон ғизои маънавию нерую тавоноӣ мебахшад. Ҳаким Фирдавсӣ, бешак худованди каломи бедеъ буда, асари ҷовидонаи ӯ арзиши баланди умумиинсониро молик аст. “Шоҳнома” – бузургтарин ҳамосаи соф миллии мардуми Аҷам буда, дарунмояи онро афкору орои адабию таърихӣ, илмию фалсафӣ, сиёсиву иҷтимоӣ, панду андарз, оламу одамшиносӣ ва амсоли он ташкил медиҳад.

“Шоҳнома” уқёнуси панду ҳикмат буда, шоир дар он андешаҳои фалсафии хешро аз роҳи насиҳату мавъиза тарҳрезӣ кардааст. Панду андарзҳои Фирдавсӣ, ки аз таҷрибаю вақоеи зиндагӣ рӯидаанд, дар тарбия ва камолоти ахлоқии насли башар басо судманданд. Шайх Саъдии Шерозӣ, ки дар панду насиҳат “ягонаи даврон” аст, дар “Бӯстон”- аш дар боби Ҳаким Фирдавсӣ чунин сатрҳои заррин дорад:

*Чӣ хуш гуфт Фирдавсии покзод,*
*Ки раҳмат бар он турбати пок бод:*
*“Маёзор мӯре, ки донакаш аст,*
*Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст”[1,с.19].*

Дар ин асар ҳар калима, ифода, ибораву таркиб ва ҷумлаҳою сатрҳо бомавқеъ, пурмаънӣ, маҷозӣ ва дорои сухани ноби дариянд. Интихобу истифодаи бомаврид аз ташбеҳу тавсиф, муболиға, истиора бар он ҳусну таровати тоза бахшидаанд. Маҳз ҳамин нерую ҷаззобияти суханварии ӯст, ки удабою фузало ва шуаро пайгири панду андарзаш мешаванд, тазмин менамоянд. Чуноне ки Соҳиби Шерозӣ ба ин ишора дорад:

*Нигаҳ кун, ки Фирдавсии ҳушманд,*
*Ба “Шоҳнома” андар чӣ гуфтаст* ***панд:***
*“Агар мушки холис ту дорӣ, магӯй,*
*Ки гар ҳаст, худ фош гардад ба бӯй” [2, с.24].*

Аз ин манзар, адиб дар мавридҳои мухталиф чун ҳаким панду ҳикматҳои дилангезу дилошӯб ба миён меоварад, ки барои ҳама ва ҳамеша намунаи ибратанд. Баҳо додану эҳсосу дарк ва маърифат намудани хираду дониш, илму фарҳанг ва панду андарзу насиҳат, руҷуъҳои лирикӣ, саҳнаоройии табиати афсункор аз қудрату тавоноии ин суханвар башорат медиҳад. Ва дигар ин ки рух ва ҳарфи панду ҳикматнигориро, ки аз айёми Паҳлавӣ маншаъ мегирад, аз нав бозгӯ ва таҷдиди назар кардааст. Панду андарзҳои адиб бо самимитарин вожаҳо, бо дилпазиртарин тахайюлот ва таркибот, жарфтарин эҳсосоти қалбию руҳӣ, ниёиш ва ситоиш корбар гардидааст. Ҳаким Фирдавсӣ дар ағлаби фурсатҳо хислатҳои ҳамида ва шоистаи инсониро ҳамду сано мегӯяд. Инсоне, ки аз ҳама ғуборҳо беолоиш буда, руҳан ва ҷисман комилу солим аст.

Мусаллам аст, ки “Шоҳнома” на танҳо асари размӣ ва ҳарбу зарб, бархӯрдҳои шадиду хунрезиҳои мадид, балки як асари таълимию тарбиявӣ, ҳикмативу андарзӣ ва насиҳатӣ талаққӣ мешавад. Дар ин шоҳкории адабиёти Аҷам ҷанбаҳои равоншиносӣ ва унсурҳои фарҳангии парвариши инсон тарҳрезӣ гардида, масоили бештари соҳаи педагогӣ ҷой дорад, ки моҳияти бузурги ҳикмати амалӣ доранд ва дар бунёди кохи

имрӯза ва ояндаи соҳаи педагогикаи миллӣ ба ҳайси манобеи муҳим хизмат хоҳад кард. Ҳаким Фирдавсӣ дар бисёр мавридҳои муфид руҷуъ ба тарбия мекунад ва ба масобаи як устод, руҳшинос ва мураббии пурмоя ба волидайн , ки яке аз вазоифи умдаи онҳо низ тарбияи фарзандон аст, панд ва дастуру маншур медиҳад, ки атфоли хешро ба баҳравар аз ҳунару касби дониш бархӯрдор намоянд, авқоти хешро масрафи амалҳои беҳуда накунанд. Чунон ки мегӯяд:

*Чу фарзанд бошад, ба фарҳанг дор,*
*Замона зи бозӣ бад – ӯ танг дор [1, с.267].*

Нависандаи маъруфи Эрон Ҷоҳиз ба ашъори пандомӯзи Фирдавсӣ такя намуда, менависад: “ **Фарзандро бо шаҳди дониш парвариш кунед ва ӯро ба эҳтироми хираду панду ҳикмат ва андарз омӯхта кунед, то дар зеҳни ӯ андӯхтани дониш бар андӯхтани сарват афзал бошад” [6]**. Ва воқеан, Ҳаким Фирдавсӣ волоият ва бартарияти касби донишро аз симу зар дониста мегӯяд:

*Дари дониш аз ганҷ номитар аст,*
*Ҳамон назди доно гиромитар аст.*
*Сухан монад аз мо ҳаме ёдгор,*
*Ту бо ганҷ дониш баробар мадор [1,с.287].*

Ҳаким Фирдавсӣ дар радифи мадҳу ситоиши шоҳони додхоҳ, онҳоро панду андарз низ медиҳад ва ба некномиву мадоро ва муросо, бахшандагиву раиятпарварӣ, пандпазириву мардумӣ ва фарҳанггароӣ ҳидоят менамояд. Адиб дар базмҳои мутантани Анӯшервон нуктаҳои нозуктарини ахлоқу одоби хуҷастаи инсонӣ ва рамзу розҳое аз ҳикмати амалро баён дошта ва ҳамеша бар чунин раҳовардҳо ва андарзҳои омӯзанда ҷонибдорӣ менамояд. Чунонки мегӯяд:

*Нахустин сухан гуфт Бузарҷмеҳр,*
*Ки “Эй шоҳи некахтару хубчеҳр.*
*Чӣ донӣ, к-аз ӯ пок ҷону хирад,*
*Шавад равшану колбад бархӯрад?”.*
*Чунин дод посух, ки “дониш беҳ аст,*
*Ки доно бари меҳтарон – бар меҳ аст”[1,с.162].*

Биноан, дар панду андарзномаҳое, ки дар “Шоҳнома” зери унвони “Панд додани Зол Ковусро”, “ Андарз кардани Ардашер мардумонро”, “Бар тахт нишастани Қубод ва андарз кардан ба меҳон” ва соирин ҷой дода шудаанд, Фирдавсӣ ҳамеша аз донишу ҳунар ҳарф мезанад. Чунонки дар “Панд додани Нӯшервон писари худ Ҳурмуздро” мегӯяд:

*Ба дониш физою ба Яздон гарой,*
*Ки ӯ бод ҷони туро раҳнамой.*
*Ба дониш бувад шоҳ зебои тахт,*
*Ки донанда бошиву пирӯзабахт”[1,с.365].*

**Мероси бузурги ҳакимонае, ки Фирдавӣ дар боби панду андарз ва насиҳат тарсим кардааст, шабоҳатҳои зиёде ба осори пешиниён дорад.**

Дар фарҷом бояд зикр намуд, ки “Шоҳнома” ба ҳайси як манбаъ ва махзани панду ҳикмат ва андарз дар тули дарозои таърих ҳамеша мавриди пайравӣ ва назари гӯяндагони хурду бузург, бахусус, достонсароён қарор доштааст. Ин **асари мамлуъ аз афкори панду ҳикмат мебошад**. Аз ин лиҳоз, набояд чунин пиндошт, ки “Шоҳнома” соф асари размию майдондорист, балки як хизонаи фононашавандаи панду ҳикмати воло низ дар олами ашъори форсӣ шинохта мешавад.

Дар бисёр панду андарзҳои “Шоҳнома” масъалаи ростгӯйӣ ва сифатҳои писандидаи он ва парҳез аз фаҳшу кизб бар миён омада. Адиб ростгӯиро обуруйи инсон, шарафу эътибор, зебу фарр, растагориву пирӯзӣ мешуморад. Аз ин ҷост, ки Ҳакими Тӯс ба ҳайси як муҳандис ва меъмори кохи волои бегазанди ҳикмату андарз дар олами адаби форсист. Чунончи, дар яке аз пандҳояш нигошта:

*Сухан ҳар чӣ пурсам, ҳама рост гӯй,*

*Ба кажжӣ макун рою чора маҷӯй.*
*Ҳар он ҷо ки равшан шавад ростӣ,*
*Фурӯғи дурӯғ оварад костӣ.*
*Бузург он касе, к – ӯ ба гуфтори рост,*
*Забонро биёросту кажжӣ нахост [1,с.64).*

Мусаллам аст, ки афроди оқилу фозил аз мардони ҳарзагӯй ва пургӯ парҳез доранд ва худ суханро дар тарозуи хирад баркашида ҳарф мезананд ва онро санҷидаву фишурда мегӯянд. Донишманди бузурги Юнони қадим Фисоғурас (Пифагор) чунин андеша меронад: “ Нокасӣ ва пастии мардумро аз ду чиз метавон шинохт: яке он ки дар корҳои беарзишу бефоида ҳарфи бисёр занад, дигар он ки аз ӯ чизе напурсанд, худ ба худ огоҳ намояду гуфтугӣ кунад”.

Ҳаким Фирдавсӣ низ дар ҳамин маънӣ панде дорад:

*Набояд, ки бошӣ фаровонсахун,*
*Ба рӯйи касон порсоӣ макун.*
*Чунон дон, ки бешарму бисёргӯй,*
*Надорад ба наздики касон обрӯй .*
*Забонро нигаҳдор бояд будан,*
*Набояд забонро ба заҳр ожадан.*
*Ки бар анҷуман марди бисёргӯй,*
*Бикоҳад зи гуфтори хеш обрӯй [1,с.50].*

Ағлаби шоҳномашиносон ва шоҳномапарастон басо хуб медонанд, ки дар ин каломи бадеъ адиб бештар ва такрор ба такрор дар боби ситоиши хирад панду андарз мегӯяд ва мардумонро борӣ аз ин фазилати хуҷастаи одамӣ медонад. Фирдавсӣ дар зери вожаи “хирад” чандин маъниҳо ва розу рамзҳоро ҷой додааст. Зеро дидаи инсон қудрату неруи дарк кардану донистани асрори ниҳону мармуз набуда, ин олами розу ниёзро танҳо бо роҳи хирад метавон шикофт:

*Хирад ҷӯяд оганда рози ҷаҳон,*
*Ки чашми сари мо набинад ниҳон.*
*Бидонад баду нек марди хирад,*
*Бикӯшад зи доду бипечад зи бад [1,с.56].*

Дар панду андарзҳои Фирдавсӣ ҳамаи хулқу атвори ҳамида ва шоистаи инсон ба хирад вобаста аст. Агар инсон соҳибхирад аст, пас ӯ ростгӯю бовафо, парҳезгор, собитқадам, бомеҳр, накукору беозор,оқилу зираку доност.

Чуноне ки мегӯяд:

*Хирад дорад, эй писар, бисёр ном,*
*Расонад хирад порсоро ба ком.*
*Яке меҳр хонадаш, дигар вафо,*
*Хирад дур шуд, монд ҷабру ҷафо.*
*Забоноваре ростӣ хонадаш,*
*Баландахтаре зиракӣ хонадаш.*
*Гаҳе бурдбору гаҳе роздор,*
*Ки бошад сухан назди ӯ устувор [1,с.56].*

Ва аз гузаштаи дур бояд ёдовар шуд, ки ситоиши хирад, ки дар “Шоҳнома” ба такрор ва вирду зикр омада, таҷрибаи рӯзгори пешин ва дерин дорад ва онро ҳанӯз дар осори паҳлавӣ, аз он ҷумла, осори панду андарзномаҳои “Пандномаи Бузарҷмеҳр”, “Пандномаи Анӯшервон”, “Андарзи Хусрави Қубодон”, “Аҳди Ардашери Бобакон”, “Минуи хирад” мушоҳида кардан мумкин аст. Бахусус, таъсири асари “Корномаи Ардашери Бобакон” ба панду андарзу насиҳатномаҳои “Шоҳнома” таъсири бештар ва манбаи илҳоми адиби нуктапардоз гардидааст. Чунончи, Ардашер дар яке аз андарзҳояш ба мардуми кишвар эълом медорад, ки ҳар касе, ки соҳиби фазлу дониш аст, ҳатман дониши худро ба каси дигар омӯзонад, ё ин ки баҳравар гардонад. Чуноне ки мегӯяд:

*Ҳар он кас, ки бо доду равшандилед,*
*Зи омӯзиши якдигар магсилед [3,с.267].*

Дар ин бобат руҷуъҳои муҳаққиқони соҳаи адабиёти ватанӣ ва бурунмарзӣ далелу бурҳони қотеанд. Масалан, шарқшиноси маъруфи англис Эдуард Браун, ки бархе аз панду андарзҳои “Шоҳнома”–ро ба панҷаи қиёс гирифта, муътақид бар он аст, ки ин панду андарзҳои ниёгон ба адиб таъсири бештаре доштааст. Бешак, ҳадафи Ҳаким Фирдавсӣ низ эҳё кардани осори тарбиявии фарҳангии куҳан ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани он буда.

Адабиётшиноси маъруфи Эрон Муҳаммадамини Раёҳӣ дар боби арзишманд будани ин асари Ҳаким Фирдавсӣ чунин менигорад: “Агар аз ман бихоҳанд, ки аз дарёи бекарони адабу фарҳанги Эрон ганҷинае баргирам ва аз миёни он ҳама мутуну шоҳкориҳои забони форсӣ як китобро баргузинаму хондани онро барои ҳамагон, хосса ҷавонон, тавсия кунам, мегӯям: “Шоҳнома” – и Фирдавсӣ” [6,с.280].

Ва Раёҳӣ дар хусуси арзиши панду андарзҳои “Шоҳнома” чунин нигорида: “Тардиде нест, ки **Фирдавсӣ порае панду андарзҳои Сосонӣ ва хитобаҳои пандомези шоҳонро** ба ҳангоми ҷулус аз тариқи “Шоҳнома”- и Абумансурӣ ё матнҳои мунфариде чун “Пандномаи Бузарҷмеҳр”- ро, ки чакидаи фарҳанги эронии асри Сосонӣ аст, дар даст дошта ва онҳоро ба назм даровардааст. Аммо аз онҳо муҳимтар он чи офаридаи андешаи жарфу руҳи волои шоир аст, қитаоте мутазамини **ҳикмату андарзу ибрат** дар оғозу анҷоми достонҳо ё дар гуфтугӯйи паҳлавонон бо якдигар аст” [6,с.280].

Албатта, дар ин қазовати Муҳаммадамини Раёҳӣ шакку шубҳае нест, зеро ки бунёду бунлоди “Шоҳнома”–ро осори куҳантаърихи ориёитаборон ташкил медиҳад. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки Ҳаким Фирдавсӣ маводи тайёрро ба риштаи назм кашидааст. Нановарӣ, навҷӯйӣ ва тозакориҳо, эҷоду эъҷози ин суханофаринро аҳли фазлу фарҳангу хирад медонад ва қадр мекунад. Чуноне ки гуфтори мардумист:

*Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист,*
*Зарби дасти кӯҳканро теша медонад, ки чист.*

Адиби маъруфи олмонӣ – Йоҳан Волфганг Ҳуте ҳини таваҷҷуҳ ба “Шоҳнома” андешаҳои хешро оиди таркиб ва сохтори он чунин иброз дошта: “Достони “Шоҳнома” асари муҳим ва ҷиддии миллӣ буда, ҷанбаи асотирӣ ва таърихӣ дорад. Дар он пайдоиши ҳаёт дар рӯйи замин, корнамоии қаҳрамонони бостонӣ гирдоварӣ шудааст. Достон роҷеъ ба гузаштаи қадимтарин ва қадими Эрон навишта шудааст, аз ин рӯ, маводи таърихӣ дар он бештар дида мешавад. Инчунин, шоир қиссаву масалҳо ва расму оинҳои бостониро дар силки назм кашидааст. Ба назар чунин мерасад, ки Фирдавсӣ барои навиштани чунин хамоса басе дониш андӯхтааст”.

Ҳакими Тӯс дар пандномаҳояш тариқи суолу ҷавоб сарвату молу мулкро бо фарҳанг ва хиради инсон ба панҷаи қиёс мекашад ва афзалияти фарҳангро бо далелу аснод собит месозад:

*Зи доно бипурсид пас додгар,*
*Ки “Фарҳанг беҳтар бувад ё гуҳар?*
*Чунин дод посух бад – ӯ раҳнамун,*
*Ки фарҳанг бошад зи гавҳар фузун.*
*Ки фарҳанг ороиши ҷон бувад,*
*Зи гавҳар сухан гуфтан осон бувад.*
*Гуҳар беҳунар зору хор асту суст,*
*Ба фарҳанг бошад равон тандуруст” [1, с.281].*

Аз ин лиҳоз, аҳли пажуҳандагони рӯзгори нахуст аз ин асари ҷовидонӣ санаду далоили таърихӣ, ҷашнвораҳои бостонӣ, расму оин ва анъанаҳои ниёгон, марзу буми кишвар, рӯду дарёву кӯҳу дашт, шаҳру биёбону кӯшку аржанг ва соиринро ба ҳангоми зарурат чун манбаъ ва маъхази боэътимод дастрас менамоянд. Масалан, муҳаққиқи фарҳанги куҳани олами ҳунар ва мусиқӣ аз ин асар метавонад таърихи

онро ба осонӣ дастрас намояд. На ҳамаи ин асари бузург устура аст, балки шахсиятҳои таърихӣ ва воқеӣ, ки дигар муаррихони куҳан ба он ишора кардаанд, дар ин асар таҷаллӣ ва мунъакис гардидаанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар таълиф ва таснифи ин асар панду андарз ва эъҷози андешаҳои ҳакимонаи хешро дар маврид ва фурсатҳои мухталиф нигоштааст. Нахуст, дар қитаъҳои алоҳида ва зери унвонҳои махсус; сониян, ҳангоми рӯ ба рӯ омадани размгарон; солисан, мувофиқи мақсаду маром ва ҷою мавқеи мувофиқ. Дар маҷмуъ, ин шоҳкории адабиёт аз оғоз то анҷом бо панду андарзу насиҳат сиришта ва бофта шудааст, ки хонандаи закӣ ва тезҳушро афсун ва мафтун хоҳад кард.

Нависандаи забардасти тоҷик Сотим Улуғзода дар романи машҳури хеш "Фирдавсӣ" дар бобати навоварӣ ва ворид намудани андешаҳои панду ҳикматҳои Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" чунин муколамаеро ба хонанда баррасӣ намудааст: "Ҳакими Тӯс Ҳусайн Қутайба, ки Шоҳномахонии ровӣ Абдудулафро гӯш карда буд, боре бегоҳӣ ба зиёрати шоир омада, зимни суҳбат мегӯяд: "Ман "Шоҳнома"–и Мансурро хонда будам, дар вай "Панднома"- и Нӯшервон набуд. Ин пандҳои судманд аз худи Шумост. "Андарзнома"- и Баҳроми Гӯр ҳам дар " Шоҳнома"-и Мансур дигаргуна аст. Шумо дар назм онро жарфтар бурда, ба вай чандин нуктаҳои ҳакимона афзудаед" [8,с.140].

Ин ва дигар нукоти шоҳномапажуҳон аз он башорат медиҳад, ки Ҳаким Фирдавсӣ нақлу ривоятҳо ва қиссаҳои пешинро на айнан, балки мазмунан, дар либоси навин ва мазмуну ғояҳои олӣ, пандуахлоқӣ, ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу буми он, андӯхтани ҳунару ҳунармандӣ ва омӯхтани он ба дигарон аз забони Ардашери Бобакон ва дигар саромадон моҳирона ба риштаи назм кашида, як асари оригиналӣ ва барои оламиён безавол офаридааст.

Ҳатто баъзе панду насиҳатҳо дар раванди паёму муколамаву мактубот ва нишастҳою анҷуманҳо бо услубу равишҳои хос эҷод гардидаанд. Чунончи, ҳангоми "Паём бурдани Гев аз Гударз назди "Пирон" чунин тарзу шеваи баёнро мушоҳида карда метавонем. Шоир дар баъзе мавридҳо вожаи "паём" –ро бо "панд" ҳамрадиф намудааст. Дар саҳнаи "Андарз кардани Зол Кайхусравро," ки аз 51 байт иборат аст, Зол масоили меҳанпарастиву пок доштани марзу буми кишварро роҳандозӣ намудааст. Дар бахше аз пандҳо роҳу равиши давлатдорӣ ва тартибу низоми раиятпарварӣ, додхоҳӣ ва бахшиш ба дарвешону сипоҳон ва амсоли он аст. Чунончи дар қитъаи зайл:

*Ба се чиз ҳар кор неку шавад,*
*К- аз он тахти шоҳӣ беоҳу шавад.*
*Ба ганҷу ба ранҷу ба мардони мард,*
*Ҷуз ин нест оини нангу набард [1,ҷ.5.443].*

Ҳаким Фирдавсӣ дар боби тасвири ҷилваҳои табиат ва саҳнаороиҳои он: дашту чаману кӯҳу ҳомун маҳорати беҳамто дорад. Ӯ рангомезиҳои афсункори табиатро бо дарку эҳсос ва кайфияти анбӯҳи мардуми Эрон ҷӯр ва ҳамнаво месозад:

*Ба ҳомун кашиданд Эрониён,*
*Ба фармон бубастанд яксар миён.*
*Замин, кӯҳ то кӯҳ пурхайма буд,*
*Сапеду сиёҳу бунафшу кабуд [3,454].*

Дар миёни пандҳои шоҳон андарзҳои Шопур ва писари ӯ Урмузд моҳияти волои тарбиявӣ – ахлоқӣ доранд:

*Ба ҷуз доду некӣ макун дар ҷаҳон,*
*Паноҳи кеҳон бошу фарри меҳон.*
*Ба динор кам нозу бахшанда бош,*
*Ҳамон доддеҳ бошу фархунда бош.*
***Ҳама панди мансарбасар ёд гир,***
***Чунон ҳам ки ман дорам аз Ардашер [1****,с. 287].*

Ҳамин тариқ, “Шоҳнома”–ро бо итминони комил метавон **махзани панду андарз ва афкору андешаҳои олии ҳакимона номид**. Дар тули дарозои таърих фузалою удабо ва кулли хирадмандони Аҷаму порсидонони олам ба ин ганҷинаи маърифат ва ахлоқи шоиставу писандида рӯйи ниёз оварда ва аз дурдонаҳои маънӣ ва ҳикмати Ҳаким Фирдавӣ чошнӣ бардоштаанд. Аз ин **чашмаи хушкнашавандаи панду андарз ва насиҳату мавъиза** на танҳо адибону уламои мо, балки адибони бурунмарзӣ низ баҳрабардорӣ кардаанд. Масалан, Муҳаммад Тақӣ Баҳор нисбат ба асари безаволи Фирдавсӣ меҳрнома ва ситоишномаҳои зиёде дорад. Ва на танҳо Баҳор, бал садҳо аҳли қаламу хирад ин асарро пазируфтаанд, ки ин таъсирпазирии “Шоҳнома” ба адибони минбаъда пажуҳиши алоҳида ва жарфтареро тақозо дорад.

“Шоҳнома” ки як асари қарнҳо боз такрорнопазир ва бегазанду ҷовидонист ва дастоварди бузурги фарҳангии мардуми Аҷам дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ мегардад, на танҳо аз қиссаҳои разму набард ва тохтутозу задухӯрдҳои шадид, балки ба масобаи асари сирф педагогист ва саросар аз парваришу тарбия ва таъбияи инсон аст. Афкори хештаншиносӣ ва меҳанпарастӣ, панду андарзу рой, паёму мактубу пайғомҳои ибратпазир ва хислатҳои хуҷаста ва шоистаи инсон тарҳрезӣ мегардад. Фазлу хирад, қадри сухан ва маҳорати суханварӣ, бархӯрдорӣ аз илму фарҳанг, ҳифзи марзу буми кишвар, дӯст доштани инсон, накукориву некномӣ, диловарию шуҷоату зиракиву оқилӣ, арҷу эҳтироми волидайн, парастиши аҳли меҳнату заҳмат, сулҳу тафоҳум ва мадоро, саховатмандиву озу ниёз, тараҳҳум бар дарвешону ғарибону бенавоёну бечорагон, сабру таҳаммул ва парҳез аз тундиву шитобзадагӣ ва амсоли он **мазмуну муҳтавои панду андарзу насиҳат ва васиятҳои ҳакимонаи ин нобиғаи ҳама давронҳоро фарогир аст.**

**Аз пажуҳиши аркони панду андарз ва афкори ҳакимона дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ ва саҳми он дар олами таърихи педагогикаи мардуми Шарқ ба хулоса ва натиҷаҳои зайл омадан мумкин аст:**

1.Ҳаким Фирдавсӣ панду андарзу ҳикматҳои давраи кӯҳанро айнан наоварда, балки ҳар як сатру маънии бикри онҳоро дар либоси назм дароварда, шарҳу тафсил дода, андешаҳои хирадмандонаи хешро аз таҷрибаи тулонии эҷоду иршод бар он зам намуда, ба масобаи манзумаҳои волои панду ҳикмати инсонӣ ба хонанда муаррифӣ намудааст.

2.Пажуҳиш, омӯзиш ва маърифат намудани панду ҳикмату андарзҳо ва нукоти ҳакимонаи асари “Шоҳнома” бо мақсаду ҳадафи як осори муҳимму арзишманди педагогӣ дар ҳамаи самтҳои таълиму тарбия ва равиши зиндагӣ.

3. Ба кор гирифтани ҳадафҳои муҳимми панду ҳикмату андарзҳо: аз қабили моҳияти тарбиявӣ – ахлоқӣ доштану таърихан арзи ҳастӣ намудани онҳо – чун дастуру маншури ҳаёти ҳаррӯзаи ҳар як инсони фозил ва худогоҳ.

4. Дарку эҳсос намудани маонии бикр ва пандпазирии чунин сатрҳои заррин – ба масобаи доиратулмаорифи андеша ва орои инсонӣ, хазинаи сухуни ҳакимона. Чуноне ки: “Або панду андарзу гуфтори нағз, Бузургони Эрон покизамағз [1,ҷ.5.104].

5. Ба барномаи тадрисии шогирдони макотиби ҳамагонӣ ва олии касбӣ шомил намудану омӯзонидани панду андарзҳо ва силсилабандии онҳо, маҳорати маъниофариниши адиб, вожаҳо, таркибу ибораҳо ва истифодаи зарбулмасалу мақолҳо ва гуфторҳои мардумӣ дар андарзҳо.

6.Мавриди омӯзиш ва парвариш, таълиму тарбия қарор додани ғояҳо, мазмуну моҳияти панду андарзҳо чун манбаъ ва сарчашмаи ғизои маънавӣ ва фарҳангу таъриху ҷашну расму оинҳои арзишманди ақвоми эронӣ.

7. Дар барномаи таълимии фунуни инсоншиносии макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва олии касбию дигар зинаҳои таълим шомил намудани қитъаҳо, чакидаҳо ва сатрҳои пандомӯз.

8. Таваҷҷуҳи жарфтар ба умқи нукоти муҳимми панду андарзҳои воло ва лоло: маҳфуз ва гиромӣ доштани урфу одат, расму русуми миллии муқаддами аҷдодӣ, сулҳу салоҳ ва мавриди бахрабардории шогирдон қарор додани онҳо.

9. Маърифат намудани панду ҳикмату андарзҳои "Шоҳнома" ба масобаи як қомуси зиндагӣ ва роҳнамои инсон, шаҳодатномаи миллат, арзиши волои фасоҳат ва каломи бадеъ.

10. Пазируфтани андешаҳои олии панду андарзҳо: ватандӯстӣ ва ҳифз намудани марзу буми он, хештаншиносӣ, мардию фарзонагӣ, некиву накукорӣ, ростгӯӣ, шикебоӣ ва сабру таҳаммул, зиракиву чусту чолокӣ, ҳушёрӣ ва парҳез аз кажживу кизбу дурӯғ ва аз танбаливу кавданӣ, шитобзадагӣ ва садҳо хисоли ношоистаи инсонӣ.

11. Мавриди баҳрабардорӣ қарор додани панду андарзҳо ва истифодаи онҳо зимни мушоираҳо ва муколамаву байтбаракҳову суханҳои минбарӣ ва мизҳои мудаввар.

12. Муҷаҳҳаз намудани воситаҳои манзурӣ ва аёнӣ аз панду андарзҳои воло ва интихобии асарҳои "Шоҳнома" дар шакли баннер, овезаҳо, шоҳбайтҳо, лавҳаҳо ва ашколи дигар.

13. Истифода бурдани панду андарзҳо ҳангоми шоҳномахонӣ, ҷашнҳо, анҷуманҳо, навиштани эссе ва иншоҳо дар боби ватандӯстӣ ва ҳуввияти миллӣ, хештаншиносӣ, ҳифзи марзу буми кишвар ва мавридҳои муносиби сухангустарию суханварӣ.

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома: Иборат аз 9 ҷилд. -Душанбе: Адиб, 1987.
2. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI / А. Абдуллоев. - Душанбе: Дониш, 1979.- 283 с.
3. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х.Афзалов, Б. Раҳимов. –Душанбе: Маориф, 1994.- 185с.
4. Андарзномаи Фирдавсӣ. Таҳия ва тадвин аз Зокир Аҳрорӣ ва Камол Айнӣ. -Душанбе: Ирфон, 1992.
5. Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Сухан ва суханварон. –Теҳрон: Хоразмӣ. 1380.
6. Муҳаммадамини Раиёҳӣ. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). -Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 338 с.
7. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт: Иборат аз чаҳор ҷилд. -Душанбе: Адиб, 1988,- 432 с.
8. Улуғзода Сотим. Фирдавсӣ (роман). - Душанбе, 2014. – 280 с.
9. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо М.Фозилов. -Душанбе: Дониш, 1973.- 158с.
10. Худоӣ Шарифзода. Достонҳои бузурги "Шоҳнома"- и Фирдавсӣ.- Душанбе: Эр –граф, 2018.-400 с.
11. Худоӣ Шарифзода, М. Нарзиқул. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). - Душанбе: Торус, 2017.- 416 с.
12. Ҷамолиддин Саидзода. Нақши Рӯдакӣ дар шеъри замони Сомониён. –Душанбе, 2011. - 92 с.
13. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. –Теҳрон: Замон, 2001.- 728с.


**БОЗГӮ ВА ТАШАККУЛИ ПАНДУ ҲИКМАТ ВА АНДАРЗНОМАҲО ДАР "ШОҲНОМА"-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ**


Мақола ба таҳлилу баррасии омӯзиш ва маърифат намудани панду ҳикмату андарзҳо ва нукоти ҳакимонаи асари "Шоҳнома" ҳамчун осори муҳимму арзишманди педагогӣ дар ҳамаи самтҳои таълиму тарбия ва равиши зиндагӣ бахшида шудааст. Аз нигоҳи муаллифи мақола, мавриди омӯзиш қарор додани ғояҳо, мазмуну моҳияти панду андарзҳо чун манбаъ ва сарчашмаи ғизои маънавӣ ва фарҳангӣ, баёнгари таъриху ҷашну расму оинҳои арзишманди ақвоми эронӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз нигоҳи муаллиф, панду андарзҳо бояд зимни мушоираҳо ва муколамаву байтбаракҳову суханҳои минбарӣ ва мизҳои мудаввар мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шаванд. Ҳамаи ин омилҳо муаллифро водор намудааст, ки панду ҳикмату андарзҳои "Шоҳнома"-ро ба масобаи як қомуси зиндагӣ ва роҳнамои инсон, шаҳодатномаи миллат, арзиши волои фасоҳат ва каломи бадеъ ба панҷаи таҳлил ва пажуҳиш бигирад. Яке аз дастовардҳои бузурги мероси фарҳангии мардуми Аҷам дар ҷаҳон асари безаволи Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ "Шоҳнома" шинохта шудааст. Ин кохи хираду фарҳанг бо вуҷуди дар тули қарнҳои мухталиф вазидани "бодҳои номусоид" чун "Кохи бегазанд" устувор ва қавӣ ҳамоно ба бани башар панду андарзи аҷдодону бобоён ва ҳамеша дар зиндагӣ ва маънавиёти инсон ғизои

маънавию нерую тавоной мебахшад. Ҳаким Фирдавсӣ, бешак худованди каломи бадеъ буда, асари ҷовидонаи ӯ арзиши баланди умумиинсониро молик аст.

**Калидвожаҳо:** “Шоҳнома”, ҳикмат, панд, андарз, насиҳату мавъиза, мадоро ва муросо, хиради инсон, ғоя, такрорнопазир, бегазанд, безавол, раъиятпарварӣ, эҳё, ориёитаборон, ҳифзи марзу бум.

## ОТРАЖЕНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ НРАВОУЧЕНИЙ И НАСТАВЛЕНИЙ В "ШАХНАМЕ" ХАКИМА ФИРДОУСИ

Статья посвящена анализу и рассмотрению формирования культуры воспитания и просвещения, нравственного воспитания произведения «Шахнаме» как важного и ценного педагогического труда во всех областях воспитания и жизненного подхода. С точки зрения автора статьи целесообразно изучение представлений, содержания сущности обычаев и традиций как источника духовной и культурной пищи, выражения ценностной истории, праздников и обрядов иранских народов. С точки зрения автора, советы и подсказки следует использовать во время проведения занятий, выступлений, проведения встреч и круглых столов. Все эти факторы заставили автора подвергать изучению и рассмотрению наставления и нравучения «Шахнаме» как путеводитель в жизни, как свидетельствование нации, высокое значение красноречия и творческого слова, как одно из великих достижений культурного наследия персидского народа. Этот венец мудрости и культуры, несмотря на дующие веками «неблагоприятные ветры» стабилен и крепок. Хаким Фирдоуси, безусловно, мастер слова, и его бессмертный труд имеет высокую ценность для человечества..

**Ключевые слова:** «Шахнома», мудрость, увещевание, увещевание, совет и проповедь, терпимость и примирение, человеческая мудрость, идея, неповторимый, безазан, безавол, цивилизованность, возрождение, охрана границ и бонов.

## REFLECTION AND FORMATION OF MORALS AND INSTRUCTIONS IN "SHAKHNAM" OF HAKIM FIRDOWSI

The article is devoted to the analysis and consideration of the formation of a culture of education and enlightenment, the moral education of the work "Shahnameh" as an important and valuable pedagogical work in all areas of education and life approach. From the point of view of the author of the article, it is advisable to study the ideas, the content of the essence of customs and traditions as a source of spiritual and cultural food, the expression of valuable history, holidays and rituals of the Iranian peoples. From the author's point of view, tips and tricks should be used during classes, speeches, meetings and round tables. All these factors forced the author to study and consider the teachings and moralizing of the Shahnameh as a guide in life, as a witness to the nation, the high value of eloquence and creative speech, as one of the great achievements of the cultural heritage of the Persian people. This crown of wisdom and culture, despite the "unfavorable winds" blowing for centuries, is stable and strong. Hakim Ferdowsi is certainly a master of words, and his immortal work is of high value to humanity..

**Key words:** "Shakhnoma", wisdom, exhortation, exhortation, advice and preaching, tolerance and reconciliation, human wisdom, idea, unique, bezazan, bezavol, civilization, revival, protection of borders and bonds.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминов Асатуло Холмуродович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи география.**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон**: 93-784-26-00**

**Сведения об авторе:** ***Муминов Асатуло Холмуродович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры географии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67Телефон**: 93-784-26-00**

**Information about the author:** ***Muminov Asatulo Kholmurodovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Geography. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67 Phone**: 93-784-26-00**

УДК:378.853

# МАШҒУЛИЯТИ ЭКСПЕРИМЕНТАЛӢ АЗ ФИЗИКА ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ҲАНГОМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

*Қодирова Д.Т.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҷамъияти муосир хеле серҳаракат мебошад, рушди онро доимо табдилёбиҳо, ки муттасил дар раванди инноватсионӣ пайдо мешавад, мушоиат мекунад ва аз инсон дарк, таҳлили амиқ, пешгӯйии илмӣ, саҳеҳ асоснок кардани ҳалҳои қабулшударо талаб мекунад.

Босуръат аз нав кардан ва рушд додани техника, доимо такмил ва тағйир додани технологияҳо – ҳамаи ин далелҳо ба он оварда мерасонад, ки ба мактаббачаи синфи болоӣ дар хотир нигоҳ доштани миқдори муайяни донишҳо нокифоя мебошад, барои тезтар мутобиқ шудан нисбат ба ҳақиқати муосир фикр кардан зарур аст, сатҳи рушди маърифатии зарурӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ доштан лозим аст, то ки аз вазъиятҳои бегона баромада тавонистан мумкин бошад. Бомаврид аст, ки суханони физики немис Макс фон Лауэро ба хотир орем: «Таълим – дар он сурат боқӣ мемонад, вақте ки ҳамаи он чизе ки аз худ карда шудааст, аллакай фаромӯш шудааст».

Маҳорати ҳал кардани масъалаҳои физикӣ меъёри муҳимми баҳо додани муваффақиятҳои натиҷаҳои таълим мебошад. Методҳо ва қоидаҳои ҳалли масъала инъикоси худро дар бисёр корҳои олимон, методистон ва муаллимони муассисаҳои таълимӣ ёфтаанд.

Барномаи асосии маърифатии таҳсилоти миёнаи умумӣ барои дар сатҳи амиқ омӯхтани физика барои мактаббачагони синфҳои болоӣ тахминан дар назар дорад:

- Фаъолияти фаъоли эксперименталӣ бо ёрии мустақилона ба нақша гирифтан ва гузаронидани эксперименти физикӣ, ки дар рафти он таълимгирандагон дастгоҳро барои санҷиши фарзияи пешниҳодшуда месозанд, маълумотҳои ҳосилкардашударо тавсиф ва таҳлил мекунанд, эътимоднокии онро муайян мекунанд, хулосаҳо мебароранд.
- Ҷиддӣ ҳал кардани масъала бо ёрии ҳалли масъалаҳои физикии сифатан амалӣ-тамоюлӣ ва ҳисобӣ бо такягоҳи чи барои қонунҳои физикии маъмул [1], қонуниятҳо ва амсилаҳо [4] ва инчунин барои матнҳо бо маълумотҳои иловагӣ; ҳалли масъалаҳои сатҳи мураккабӣ олимпиадавӣ.
- Интихоб намудани таълимдиҳандагон амсилаҳои масъалаҳои физикии комилан мувофиқ пешниҳод кардашуда ва маънидод кардани шароитҳои татбиқ кардани амсилаҳои мазкур; ҳал кардани проблемаҳо аз рӯйи амсилаҳои интихоб кардашуда чи дар асоси донишҳои мавҷуда ва чи бо ёрии методҳои баҳогузорӣ [18].

Ҳамин тариқ, чи тавре ки таҷрибаи педагогӣ, таҳлили методӣ, адабиётҳои психологӣ-педагогӣ, ҳуҷҷатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд, машғулиятҳо аз рӯйи масъалаҳо ва таҷрибаҳои лаборатории физикӣ шаклҳои мубрами фаъолияти таълимии мактаббачагони синфҳои болоӣ ҳангоми дар сатҳи амиқ омӯхтани физика дар доираи талаботҳои Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд, ки на фақат ба рушди ҳаматарафаи таълимгирандагон, балки инчунин ба тарви воқеӣ татбиқ намудани донишҳо ва маҳоратҳои онҳо мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, маҳорати ҳал кардани масъалаҳо омилҳои бомуваффақият супоридани аттестатсияи давлатӣ аз фанни физика, имконияти дар оянда ҳосил кардани таҳсилоти касбӣ мебошад.

Корҳои таҳқиқотии бисёрсола, таҷрибаи шахсии таълими физика дар мактаб, иштироки солона дар аттестатсияи давлатӣ аз фанни физика ба сифати эксперт, таҳлили адабиёти методӣ, адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ошкор карданд, ки маҳз

ҳангоми ҳалли масъалаҳо аз фанни физика ва иҷро кардани корҳои таҷрибаҳои физикӣ аз ҳама бештар мушкилии таълимгирандагони синфҳои болоиро ба вуҷуд меорад [19; 20].

Ҳамин тариқ, дар шароитҳои муосир мухолифати байни зарурияти объективии ба таври амалӣ татбиқ намудани донишҳои мактаббачагони синфҳои болоӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимии физикӣ дар дарк кардани таълимгирандагон ҳодисаҳои физикии масъалаҳо бо мушкилоти воқеӣ, дар шароитҳое, ки масъалаҳо ба забони физикӣ тарҷума карда мешаванд, дар иваз кардани объект ба амсилаи физикӣ, дар татбиқ намудани зарурияти методҳои ҳалли математикӣ душвориҳои ҳақиқӣ мавҷуд аст.

Мухолифати нишон додашуда ба таҳқиқоти проблемаи мо асос мегузорад: чӣ тавр раванди таълими физика ташкил карда шавад (сатҳи амиқ омӯхтан), ки маҳорати рушд ёфтаистодаи мактаббачагони синфҳои болоӣ ҳалли масъалаҳоро аз фанни физика ва маҳз: дарк кардани ҳодисаҳои физикие, ки дар масъалаҳо тавсиф дода шудаанд; амсиласозии равандҳои воқеӣ; комилан мувофиқ татбиқ намудани қонунҳои физикӣ ва методҳои математикӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳоро эътироф намоянд.

Дар методикаи таълими физика машғулиятҳои лабораторӣ ва ҳалли масъалаҳо умуман новобаста аз якдигар вуҷуд доранд.

Аз тарафи мо методикаи таълими физика дар синфҳои болоӣ (сатҳи амиқ омӯхтан), ки машғулияти экспериментали (машғулияти лабораторӣ ва таҳқиқ намудани равандҳои физикӣ дар асоси амсиласозии компютерӣ) ва ҳалли масъалаҳои физикиро якҷоя мекунад, кор карда баромада шудааст. Машғулияти экспериментали ва ҳалли масъалаҳо бо кумаки дарсҳои мувофиқ амалӣ карда мешаванд, ки дар мувофиқа бо муносибатҳои мунтазамӣ-фаъолиятӣ, ҳамчун талаботи нави Стандартҳои давлатии таҳсилот сохта шудааст. Аз нуқтаи назари мақсадҳо, донишҳо ва маҳоратҳои назариявӣ ва амалии мактаббачагони синфҳои болоӣ ба фарқияти дарсҳо нигоҳ накарда, ҳамаи дарсҳо методикаи ягонаи гузаронидани онҳоро дар асоси методи илмии идрок муттаҳид мекунад. Нақшаи дарсҳо-машғулиятҳо аз рӯйи физика ва методикаи гузаронидани онҳо дар интишорот инъикос ёфтаанд [19, 20, 23, 24].

Машғулияти экспериментали на дар охири сол, ё ин ки курси нимсола, ҳамчун такрори ҷамъбастӣ, балки дар раванди омӯзиши мавзуи нав иҷро карда мешавад ва ба дарк ва аз худ кардани ҳодисаҳои физикӣ аз тарафи таълимгирандагон мусоидат мекунад, ки ба татбиқ намудани қонунҳо ва муодилаҳо асос карда шудааст. Дар раванди амалӣ кардани машғулиятҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ тарафҳои гуногуни ҳодисаҳои физикӣ омӯхта мешаванд, ки методҳои таҳлили миқдорӣ ва сифатиро дар бар мегиранд. Баъди иҷро кардани машғулияти экспериментали таълимгирандагон ба тавсифи назариявии он – ҳалли масъалаҳои физикӣ мегузаранд. Ҳамин тариқ, машғулияти экспериментали, аз нигоҳи мо, асос, ядрои методикаи таълими ҳалли масъалаҳои физикӣ мебошад.

Машғулиятҳои лабораториро дар маводи таълимӣ «бар илова менависем», шарҳу эзоҳи ҳар як мавзуи навро аз кори таҷриба оғоз мекунем, зеро ки ҳангоми иҷро кардан марҳилаҳои нақшаҳои методи илмии идрокро ба инобат мегирем. Машғулиятҳои лабораторӣ фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии мактаббачагони синфҳои болоиро амалӣ мекунад. Машғулияти лабораторӣ функсияи асосиро дар таълими физика иҷро мекунад: таълимгирандагон дар асоси методи илмии идрок мустақилона ҳодисаҳои физикиро таҳқиқ мекунанд. Мунтазам истифода бурдани методи илмии идрок асоси рушди маҳорати таълимӣ-таҳқиқотии мактаббачагони синфҳои болоӣ мебошад.

Машғулиятҳои лабораторӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

- мустақилона гузоштани мақсади таҳқиқот аз тарафи таълимгирандагон;

- мустақилона кор карда баромадани нақшаи корҳое, ки иҷро карданаш зарур аст;
- шартан мавҷуд будани асбобҳои «барзиёдатӣ» дар маҷмаа, ки барои таълими гузориши мақсадҳои таҳқиқот умумӣ мебошад.

**Қисми амалӣ**. Ҳангоми омода кардани машғулияти лабораторӣ таҷҳизотро аз дилхоҳ маҷмааи таҷҳизотҳо ҷудо мекунем: Стандартҳои давлатии таҳсилот-лабораторияҳо [16], аз маҷмааи «L-микро», ё ин ки дилхоҳ дигараш. Дар мувофиқа бо принсипи муносиби якҷояи воситаҳои рақамӣ, шабеҳият ва компютерӣ [17], дар маҷмаа бақайдгирандаҳои компютерӣ, планшет бо системаи ченкунанда дар дохилаш, компютери муқаррарӣ, ё ин ки ноутбук дохил кардан зарур аст. Татбиқ намудани бақайдгирандаҳои компютерӣ ҳангоми гузаронидани эксперимент як қатор афзалият меорад, ки дар байни онҳо тез, бо саҳеҳии калон, бо такрор кардани якчанд маротибаи чен кардани бузургӣ; имконияти яку якбора пайваст кардани якчанд бақайдгирандаҳо ва чен кардани параметрҳо дар як вақт; дохил шудани маълумотҳо ба планшет, ки дар он системаи ченкунанда барқарор карда шудааст ва ҳамаи ин имконият медиҳад, ки ба таври автоматӣ параметрҳои дохилшавандаи баромад коркарда шаванд. Маълумот оид ба натиҷаҳои эксперименти лабораторӣ дар экран дар намуди ҷадвал, диаграмма, вобастагиҳои графикӣ бароварда мешавад.

Мактаббачагони синфҳои болоӣ маълумотҳои рақамии ҳосилшударо таҳлил мекунанд, бузургиҳои заруриро ҳисоб мекунанд, вобастагиҳои бузургиҳои физикиро аппроксиматсия мекунанд, андозаҳои тарзи сохтани графикҳоро тағйир медиҳанд, қитъаҳои алоҳидаро дида мебароянд. Маълумотҳоро оид ба эксперимент дар компютер нусхабардорӣ мекунанд, нигоҳ медоранд, кор карда мебароянд, файлҳои заруриро ба тартиб меоранд. Ҳисоботро оид ба кор дар намуди электронӣ ташаккул медиҳанд, ҳангоми зарурият, маводро чоп мекунанд [19].

Мисол, омӯзиши мавзуи «Лаппишҳои электромагнитӣ» тавассути машғулияти лабораторӣ бо ёрии иҷро кардани сикли кори «Таҳқиқ кардани лаппишҳои электромагнитӣ» ба амал меояд.

1. «Таҳқиқ кардани ҳолати конденсатори заряднок ва безаряд».

Контуреро ки аз конденсатор, манбаи ҷараён, калид иборат аст ҷамъ намуда, таълимгирандагон дар планшет вобастагии безарядшавии конденсаторро мушоҳида мекунанд ва мебинем, ки лаппиш пайдо намешавад. Оид ба имконнопазир будани ҳосил кардани лаппишҳои электромагнитӣ дар CR- контур хулоса мебароранд.

2. «Таҳқиқ кардани пайдо шудани лаппишҳои электромагнитӣ дар контур».

Дар контур ғалтаки индуктивнокиро илова карда, дар экрани планшет пайдо шудани лаппишҳои электромагнитиро, илова бар ин лаппиши хомӯшшавандаро мушоҳида кардан лозим аст. Хулосаҳо оид ба имкониятҳои ҳосил кардани лаппишҳои электромагнитии озод дар CLR- контур ва нақши ғалтаки индуктивнокӣ дар контури лаппишро муҳокима мекунем. Кори мазкур аёнӣ мебошад ва барои дарк кардани равандҳои физикӣ аз тарафи таълимгирандагон дар контури лаппиш мусоидат мекунад.

3. «Таҳқиқ намудани лаппишҳои электромагнитии маҷбурӣ».

Дар контури пештар ҷамъ кардашуда генератори шиддаташ тағйирёбанда ва оссиллографи электрониро илова мекунем. Пайдо шудани лаппишҳои электромагнитии хомӯшнашавандаро мушоҳида мекунем, таълимгирандагон оид ба имконияти ҳосил кардани лаппишҳои электромагнитии хомӯшнашаванда дар CLR-контур хулоса мебароранд.

4. «Таҳқиқ намудани резонанс дар контури лаппиши пайдарпай».

Параметрҳои контури лаппишро тағйир дода, таълимгирандагон ҳодисаи резонансро бо ёрии USB- оссиллограф мушоҳида мекунанд, бо вуҷуди ин басомади резонансиро чен мекунанд.

5. «Омӯзиши таносубҳои фазавии қувваи ҷараён ва шиддат дар контури лаппиши пайдарпай».

Барои ин лозим аст, ки контури лаппиши пайдарпай ҷамъ карда шавад ва баъд контури лаппиш ба генератори шиддаташ тағйирёбанда пайваст карда мешавад. Ба сарбории фаъол ва индуктивнокӣ USB- оссиллографи ду каналаро пайваст мекунем ва таносуби фазавии лаппишҳои қувваи ҷараён ва шиддатро мушоҳида мекунем ва хулоса мебарорем. Таносуби фазавии лаппишҳои қувваи ҷараён ва шиддатро дар сарбории фаъол ва ғунҷоишӣ, сарбории индуктивӣ ва ғунҷоишӣ мушоҳида мекунем ва дар ҳолати охирин фаро расидани резонансро ба қайд мегирем. Оид ба таносубҳои фазавии лаппишҳои электромагнитии маҷбурӣ дар CLR- контур хулоса мебарорем.

6. «Таҳқиқ намудани вобастагии к.к.ф.- и трансформатор аз сарборӣ».

Ба генератори шиддаташ тағйирёбанда трансформаторро пайваст мекунем. Бо ёрии мултиметр таълимгирандагон шиддат ва қувваи ҷараёнро барои печакҳои якум ва дуюм ҳангоми рафти холиси реҷаи трансформатор чен мекунанд ва коэффитсиенти трансформатсияро ҳисоб мекунанд. Ба трансформатор бор илова мекунем, барои ин муқовиматро дар печаки дуюм тағйир медиҳем, шиддат ва қуваи ҷараёнро дар печаки якум ва дуюм дар реҷаи кории трансформатор чен мекунад, мегузорем ва к.к.ф.- и трансформаторро вобаста аз сарборӣ ҳисоб мекунем ва хулоса мебароранд.

Акнун муфассал дар кори (мисол, дар кори №4) машғулияти лаборатории «Омӯзиши резонанс дар контури лаппиши пайдарпай» истода мегузарем.

Таҷҳизотҳо: генератори баландбасомади функсионалии ФГ-100, оссиллограф, компютер, калид, мултиметр, тахтаи металлӣ барои барқарор кардани конденсаторҳо, конденсатори $4{,}7\,мкФ$, конденсаторҳои $1\,мкФ - 6$ дона, ғалтаки индуктивнокиаш 1,2 $Гн$, муқовиматҳои 68 $Ом$, 360 $Ом$.

Роҳи 1-уми иҷро кардани кор. Контури лаппиши пайдарпайро хонандагон ба баромади генератори шиддаташ тағйирёбандаи басомадаш $50-60$ Ҳтс пайваст мекунанд. Ғунҷоиши контур конденсатори 1$мкФ$- и дар сӯрохии тахтаи металлӣ параллел пайвастро тағйир медиҳад, барои ин басомади контур тағйир дода мешавад. Бо ёрии мултиметр шиддатро дар муқовимат чен мекунанд. Дар ҷадвал хонандагон чунин бузургиҳоро ворид мекунанд: ғунҷоиши батареяҳои конденсаторҳо, шиддат, қувваи ҷараён дар муқовимат, муқовимати ғунҷоишӣ ва индуктивии контур, басомадҳои хусусии контур ҳангоми қиматҳои гуногуни ғунҷоиш. Баъд хонандагон хатти каҷи резонансро месозанд ва басомади резонансро муайян мекунанд. Онро бо басомади шиддати беруна муқоиса мекунанд. Агар вақт имконият диҳад, хатти каҷи резонансро барои муқовимати калони фаъол месозанд. Хулосаҳо мебароранд.

Роҳи 2- юми иҷро кардани кор. Хонандагон контури лаппиши пайдарпайро ба баромади генератори ҷараёни тағйирёбанда пайваст мекунанд, ки дар он басомади 5 Ҳтс гузошта шудааст. Ғунҷоиши контурро ихтиёрӣ бо пайваст кардани конденсаторҳои $4{,}7\,мкФ$ ва дилхоҳ шумораи конденсаторҳои $1\,мкФ$ дар сӯрохии тахтаи металлӣ барқарор мекунанд, илова бар ин басомади хусусии контур дода мешавад. Генераторро истифода бурда, хонандагон басомади берунаи шиддати тағйирёбандаро, ки бо ёрии USB- оссиллограф ба қайд гирифта мешавад, тағйир медиҳанд. Ба воситаи мултимер шиддатро дар муқовимат чен мекунанд. Дар ҷадвал хонандагон бузургиҳоро ворид мекунанд: ғунҷоиши батареяҳои конденсаторҳо, шиддат, қувваи ҷараён дар муқовимат, муқовимати ғунҷоишӣ ва индуктивнокии контур, басомадҳои шиддати беруна. Хатти каҷи резонансро месозанд, басомади резонансро муайян мекунанд. Онро бо басомади хусусии контур муқоиса мекунанд. Муқовимати ғунҷоишӣ ва индуктивии контурро ҳангоми резонанс муқоиса мекунанд, дар як системаи координат графики вобастагии муқовиматҳои реактивиро аз басомадҳо месозанд, басомади резонансро муайян мекунанд. Агар вақт имконият диҳад, ченкуниҳои иловагӣ мегузаронанд ва хатти каҷи резонансро барои муқовимати фаъоли калон, ё ин ки хурд, барои ғунҷоиши конденсатори калон, ё ин ки хурд месозанд. Хулосаҳо мебароранд.

Дар раванди иҷро кардани машғулияти лабораторӣ мактаббачагони синфҳои болоӣ чунин амалиётҳоро иҷро мекунанд:

- гузориши мақсадҳои таҳқиқот;
- тасвияи масъалаҳои маърифатӣ;
- ҳалли масъалаҳои маърифатӣ бо роҳи муҳокимаҳои назариявӣ бо пешниҳод кардани фарзияҳо;
- гузориши саволҳо ва ҳалли онҳо;
- кор карда баромадани ғояҳои эксперимент ва ба лоиҳа даровардани дастгоҳҳои экспериментали;
- ба нақша гирифтанӣ амалиёт бо дастгоҳҳои лабораторӣ;
- гузаронидани экспериментҳои лабораторӣ ва компютерии ҳосил кардани натиҷаҳои эксперимент ва коркарди онҳо.

Бисёр ҳолатҳо мактаббачагони синфҳои болоӣ роҳҳои гуногуни иҷро кардани корҳоро пешниҳод мекунанд, барои он ки машғулияти лабораториро бе дастурҳои муфассал иҷро мекунанд.

Ҳамаи ин ба дарк кардани хонандагон моҳияти ҳодисаҳо ва қонунҳои физикӣ, ба ҳосил кардани донишҳои ҷамъбастшуда оид ба ҳодисаҳо, бошуурона татбиқ намудани формула ва дарк кардани робитаи байни бузургиҳои физикӣ мусоидат мекунад. Ҳаҷми калони маводро таълимгирандагон мустақилона аз худ мекунанд, ба худ, ба ҳамсабаконаш, ба муаллим саволҳо медиҳанд, ки ин асос дар раванди идрок мебошад. Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, корҳо аз тарафи мактаббачагони синфҳои болоӣ бо шавқу рағбати калон иҷро карда мешаванд. Ба таври амалӣ татбиқ намудани методи илмии идрок ҳангоми иҷро кардани кор ба мактаббачагони синфҳои болоӣ кумак мерасонад, ки методҳои дарк кардани олам дар фаъолияти маърифатии мустақилонаи хонандагон «ҳамчун лавозимот барои мулоҳизаи мустақилона дар таълим ва зиндагӣ» аз худ карда шавад [25, с. 26], ки ин барои рушди маҳорати ҳалли масъалаҳои физикӣ мубрам мебошад. Машғулиятҳои лабораторӣ ин ядро мебошад, ки гурӯҳи пурраи масъалаҳои муайяни мавзуъҳо, воситаҳоро муттаҳид мекунад, ки бо истифода бурдани онҳо хонандагон инчунин ҳалли масъалаҳоро меомӯзанд, ва худи онҳо дар раванди иҷрои таҷриба иштирок мекунанд. Ташкилдиҳандаи дуюми машғулиятҳои экспериментали – ин таҳқиқ намудани равандҳои физикӣ дар асоси амсиласозии компютерӣ мебошад, ки дар дарсҳои информатика баъди омӯзиши мавзуъҳои мувофиқ дар дарсҳои физика иҷро карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, дар ин дарсҳо-таҷрибаҳо мактаббачагони синфҳои болоӣ ҷудо кардани аломатҳои муҳимми ҳодисаҳои физикӣ, дар таҷриба татбиқ намудани амсиласозиро ҳамчун методи илмии идрок меомӯзанд. Таълимгирандагон амсилаи графикии ба худ хосро дар муҳити компютерӣ месозанд; эксперимент аз рӯйи таҳқиқ намудани раванд мегузаронанд; бо амсилаи компютерӣ дар реҷаи фаъол кор мекунанд ва маълумоти навро оид ба ҳодисаҳо дастрас мекунанд.

Дарси таҳқиқ намудани равандҳои физикӣ дар асоси амсиласозии компютерӣ чунин хусусиятҳои худро дорад:

- мустақилона гузоштани мақсадҳои таҳқиқот;
- татбиқ намудани амсиласозӣ ҳамчун методи илмии идроки табиат:
- иҷро кардани корҳо бе пешниҳод кардани дастурамал;
- эҷод кардани мактаббачагони синфҳои болоӣ барномаҳои компютерӣ;
- гузаронидани эксперименти компютерӣ, таҳқиқ намудани равандҳои физикӣ бо ёрии амсилаҳои компютерӣ;
- муқоиса ва таҳлил кардани натиҷаҳои экспериментҳои лабораторӣ ва компютерӣ.

Ҳангоми таҳқиқ кардани равандҳои физикӣ дар асоси амсиласозии компютерӣ таълимгирандагон амсилаи идеалии махсусро эҷод мекунанд, хосиятҳои онҳоро меомӯзанд, бо амсилаҳо ҳамчун бо объекти воқеӣ кор мекунанд, ба таври

экспериментал̣ӣ дурустии фарзияҳоро санҷида мебинанд, таҷрибаҳои махсусро эҷод мекунанд ва онҳоро дар таҷриба амалӣ мекунанд. Ҳамаи ин ба рушди мактаббачагон дар раванди таълим мусоидат мекунад. Дар дарсҳои таҳқиқ кардани равандҳои физикӣ дар асоси амсиласозии компютрӣ ба чунин марҳилаҳо диққат бояд диҳем:

1. Гузориши масъалаҳо дар асоси омӯзиши раванди физикии воқеӣ (мисол, ошкор кардани вобастагии амплитудаҳои қувваи ҷараён дар контури пайдарпайи лаппиш аз басомадҳои ҷараёни тағйирёбанда).

2. Сохтани амсилаҳои математикӣ бо роҳи интихоб намудани бузургиҳои физикии зарурӣ барои ҳалли масъалаҳо, барои тартиб додани системаҳои муодилаҳо дар асоси қонунҳои физикӣ, ки барои таҳқиқ кардани равандҳо ва дода шудани параметрҳое, ки дар муодила ва шартҳои иловагӣ барои муайян кардани ҳалли яккиматаи ин системаҳои муодилаҳо зарур аст, дохил карда мешаванд.

3. Ҳалли системаҳои муодилаҳо ва маънидод кардани шумораи параметрҳои доимӣ ва тағйирёбанда, диапазони чен кардани онҳо.

4. Кор карда баромадани алгоритми ҳалл: асосан алгоритми ҳисоб кардани параметрҳо аз рӯйи муодилаҳои муайян, ки дар натиҷаи ҳалли системаҳои муодилаҳои аввала ҳосил карда шудааст; дар баъзе ҳолатҳо алгоритми ҳалли миқдории системаи муодилаҳо истифода бурда мешавад.

5. Кор карда баромадани барномаҳо ва дуруст кардани он. Амсилаҳои компютерӣ дар муҳити барномасозии Visual Basic, Pascal, ё ин ки замимаи Excel вобаста аз имкониятҳои хонандагони синфи мазкур кор карда мебароем.

6. Эксперименти компютерӣ ва таҳлили натиҷаҳои он. Эксперимент якчанд маротиба ҳангоми қиматҳои гуногуни параметрҳо такрор карда мешавад ва натиҷаҳоро таҳлил ва ҷамъбаст мекунем, нигоҳ медорем ва хатогиҳои экспериментро баҳо медиҳем. Натиҷаҳо ва хулосаҳои ҳосилкардашударо бо натиҷаҳои эксперименти лабораторӣ муқоиса мекунем [26].

Ба таври амалӣ ба вуҷуд овардани масъала ва натиҷаҳо.

Қайд кардан зарур аст, ки истифода бурдани технологияҳои компютерӣ ҳангоми таҳқиқ кардани равандҳои физикӣ баъди ба итмом расидани эксперименти физикии воқеӣ дуруст шуморида мешавад, барои он ки дар машғулиятҳои лабораторӣ мактаббачагони синфҳои болоӣ экспериментро дар асбобҳои воқеӣ мегузаронанд ва дар дарсҳои таҳқиқ кардани равандҳои физикӣ – эксперименти компютерӣ бо ёрии амсилаҳо амалӣ карда мешаванд (амсиласозии равандҳо ва ҳодисаҳои физикӣ).

Мисол, ҳангоми омӯзиши мавзуи «Лаппишҳои электромагнитӣ» чунин сикли амсилаҳои компютериро месозем «Таҳқиқ намудани лаппишҳои электромагнитӣ».

1. «Таҳқиқ кардани ҳолати заряднок ва безаряд кардани конденсаторҳо».
2. «Таҳқиқ кардани амсилаи лаппишҳои электромагнитии озод дар контур».
3. «Таҳқиқ кардани амсилаи лаппишҳои электромагнитии маҷбурӣ дар контур».
4. «Таҳқиқ кардани амсилаи резонанс дар контури лаппиши пайдарпай».
5. «Омӯзиши амсилаи таносубҳои фазавии қувваи ҷараён ва шиддат дар контури лаппиши пайдарпай».
6. «Таҳқиқ кардани амсилаи вобастагии к.к.ф.- и трансформатор аз сарборӣ».

Муфассал дар кори №4- и таҷриба «Таҳқиқ кардани амсилаи резонанс дар контури лаппиши пайдарпай» истода мегузарем.

- барои эҷод кардани амсилаи графикӣ занҷири электрикии пайдарпайи ҷараёни тағйирёбандаро дида мебароем, ки аз муқовимат, конденсатор ва ғалтак иборат аст;
- аломатҳои муҳимми ҳодисаро ҷудо мекунем: ҳангоми басомади резонансӣ $\omega$ муқовимати индуктивии ғалтак ба муқовимати ғунҷоишии конденсатор баробар мешавад;
- амплитудаи қувваи ҷараён максималӣ мешавад;

• барои ба расмият даровардани амсила қонуни Омро барои занҷири пайдарпайи ҷараёни тағйирёбанда истифода мебарем;

• муодиларо таҳлил мекунем, бузургиҳои доимӣ ва тағйирёбандаҳоро муайян мекунем, графики вобастагии Im(Um)- ро ҳамчун хатти каҷи ибтидоӣ месозем, мисол, дар муҳити барномасозии Pascal;

• параметрҳои R, L, C- ро тағйир дода, вобастагии амплитудаҳои қувваи ҷараёнро аз ин параметрҳо таҳқиқ мекунем.

Амсиласозии компютерӣ, ҳамчун машғулияти эксперименталӣ мактаббачагони синфҳои болоиро машқ медиҳад, ки аломатҳои муҳимми ҳодисаҳои физикӣ ҷудо карда шаванд, равандҳои воқеӣ амсиласозӣ карда шаванд, қонунҳои физикӣ ва методҳои математикӣ дар таҷриба татбиқ карда шаванд, маълумотҳо дар намудҳои нишона ва графикӣ пешниҳод карда шаванд. Ҳамаи ин ба таълимгирандагон барои амиқ дарк кардани мавзуи курсҳои физика, ки барои ҳал кардани масъалаҳои назариявии физика зарур аст, имконият медиҳад.

Ҳодисаро ба таври эксперименталӣ таҳқиқ намуда, бузургиҳои физикии зарурирo ҳисоб карда, графики вобастагиҳоро аз рӯйи натиҷаҳои экспериментҳои лабораторӣ ва компютерӣ сохта, мактаббачагони синфҳои болоӣ натиҷаҳои корҳои худро ҳангоми ҳисобот ба муаллим омода намуда ва ҳимоя мекунанд. Онҳо ҳодиса, қонунҳо, муодиларо дар таҷриба – мафҳумҳои базавиро барои аз худ кардани «вазъиятҳои калидӣ» - бошуурона коркард ва аз худ мекунанд.

Машғулияти эксперименталӣ аз фанни физика (машғулияти лабораторӣ ва таҳқиқ кардани равандҳои физикӣ бо ёрии амсиласозии компютерӣ) барои аз худ кардани донишҳои ҷамъбастӣ мусоидат мекунад, ба дарк кардани моҳияти ҳодисаҳои физикӣ, татбиқ намудани донишҳои предметӣ дар вазъиятҳои ғайристандартӣ, мусоидат мекунад.

**Муқарриз: Тошматов А.Д.- н.и.ф.-м., дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Федеральный государственный образовательный стандарт среднего общего образования (10-11 кл.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: – http://миноб-рнауки.рф/документы/2365
2. Каменецкий, С.Е. Методика решения задач по физике в средней школе / С.Е. Каменецкий, В.П. Орехов. – М.: Просвещение, 1987. – 336с.
3. Ларченкова, Л.А. Образовательный потенциал учебных физических задач в современной школе: дисс. докт. пед. Наук / С.Е.Каменецкий. – СПб.: РГПУ им. А.И. Герцена, 2014. – 387 с.
4. Генденштейн, Л.Э. Как научить решать задачи по физике (основная школа). Подготовка и ГИА / Л.Э. Генденштейн,В.А. Орлов, Г.Г.Никифоров // Первое сентября. – 2010. – №16, -С. 28−32.
5. Гельфгат, И. М. Решения ключевых задач по физике для профильной школы. 10-11 классы / И.М. Гельфгат, Л.Э. Генденштейн, Л.А. Кирик. – М.: Илекса, 2016. – 288 с.
6. Тишкова, С.А. Применение метода построения физической модели ситуации задачи при подготовке школьников к ЕГЭ по физике / С.А. Тишкова, Г.П. Стефанова// Научное обозрение. Педагогические науки. – 2015. – № 3. – С. 126. –[Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://pedagogy.science-review.ru/ru/article/view?id=1327 (Дата обращения: 15.05.2017).
7. Петросян, В.Г. Решение физических задач с помощью компьютера как составляющая физического образования: автореф. дисс. докт. пед. Наук / В.Г. Петросян. – М.: МГПУ, 2009. – 29 с.
8. Вишнякова, Е.А. Отличник ЕГЭ. Физика. Решение сложных задач / Е.А. Вишнякова, В.А. Макаров, М.В. Семенов [и др.]. – М.: Интеллект-Центр, 2015. – 368 с.
9. Семёнов, М.В. Методические рекомендации по подготовке учащизхся к участию в олимпиадах высокого уровня по физике / М.В. Семёнов, Ю.В. Старокуров, А.А. Якута. – М.: МГУ, 2007. — 60 с.
10. Анциферов, Л.И. Практикум по физике в средней школе / Л.И. Анциферов, В.А. Буров, Ю.И. Дик [и др.]. –М.: Просвещение, – 1987. – 159 с.
11. Деева, Е.П. Физический практикум в физико–математическом лицее в условиях введения ФГОС / Е.П. Деева, О.В. Лебедева // Вестник Нижегородского университета. – 2015. – №4, С. 175−181.
12. Первышина, Н.В. Методика проведения физи-Тищенко Людмила Викторовна ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНЫЙ ПРАКТИКУМ ... Azimuth of Scientific Research: Pedagogy and Psychology. 2018. Т. 7. № 2(23) 286pedagogical sciencesческого практикума в классах с углублённым изучением физики с учетом уровневой дифференциации: дисс. канд. пед. наук. – Архангельск: ПГУ им. М.В. Ломоносова, 2006. – 230 с.

13. Дмитриева О.А. Инновационный подход к решению задач и лабораторному практикуму в курсе физики средней школы: автореф. дисс. канд. пед. Наук / О.А. Дмитриева.– СПб.: РПГУ им. А.И. Герцена, 2005. – 18 с.
14. Тарчевский, А.Е. Успешний практикум по физике / А.Е. Тарчевский // Учебный физический эксперимент: Актуальные проблемы, современные решения: Программа и материалы 19-й Вссероссийской научно-практ. конференции. – Глазов: ГГПИ, 2014. – С. 12–14.
15. Петрова, Е.Б. Роль учебного эксперимента при профильном обучении / Е.Б. Петрова // Физика в школе. – 2009. – №6, С. 39−44.
16. Королева, Л.Б. ФГОС-лаборатория: физика в самостоятельных исследованиях / Л.Б. Королева, Е.А. Нарыжная, Г.Г. Никифоров // Физика в школе. – 2016. – №1. -С. 19−21.
17. Никифоров, Г.Г. Лабораторный физический практикум на базе ноутбука [Электронный ресурс] / Г.Г. Никифоров, И.С. Царьков, П.Н. Чеботарёв – Режим доступа: http://fiz.1september.ru›Журнал Физика›2009/16/05.
18. Реестр примерных основных образовательных программ: Примерная основная образовательная программа среднего общего образования [Электронный ресурс]. –Режим доступа: http://mosmetod.ru/files/dokumenty/.
19. Тищенко, Л.В. Уроки−практикумы по физике (углублённый уровень) как способ организации учебно−исследовательской деятельности обучающихся / Л.В. Тищенко // Азимут научных исследований. – 2016. − №4. -С. 266 – 271.
20. Тищенко Л.В. Экспериментальный практикум и практикум по решению задач по физике как средство развития позиции субъекта учения старшеклассника / Л. В. Тищенко // Балтийский гуманитарный журнал. – 2017. – Т.6. – №3 (20) – С. 290–296.
21. Эльконин, Д.Б. Избранные психологические труды / Д.Б. Эльконин. – М.: Педагогика, 1989. – 560 с.
22. Демидова, М.Ю. Методические рекомендации, подготовленные на основе анализа типичных ошибок участников ЕГЭ 2016 по физике / М.Ю. Демидова [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://multiurok.ru/files/mietodichieskiie-riekomiendatsii-dliauchitielie-2.html
23. Тищенко, Л.В. Уроки–практикумы по физике в профильной школе. Деятельностный подход / Л.В.Тищенко// Физика в школе. − №6. − 2011. − С. 54−62.
24. Тищенко, Л.В. Уроки–практикумы по физике в профильной школе // Учебный физический эксперимент. Современные технологии: 7 – 11 классы: методическое пособие / Под ред. Г.Г. Никифорова. – М.: ВЕНТАНА–ГРАФ, 2015. – С. 94−105.
25. Разумовский, В.Г. Научный метод познания и обучение / В.Г. Разумовский, В.В. Майер. –М.: Владос, 2004. – 464 с.
26. Тищенко, Л.В. Информационные технологии на уроках−практикумах по физике (углублённый уровень) / Л.В. Тищенко // Проблемы учебного физического эксперимента: Сборник научных трудов. Выпуск 27.– М.:ИСРО РАО, 2017. – 123 – 125.
27. ЕГЭ – 2017. Физика: типовые экзаменационные варианты: 30 вариантов / под ред. М.Ю. Демидовой. – М.: Национальное образование, 2017. – 352 с

## МАШҒУЛИЯТИ ЭКСПЕРИМЕНТАЛӢ АЗ ФИЗИКА ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ҲАНГОМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

Омӯзиши дарк кардани ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз физика тавассути дарси экспериментали дар айни замон барои мактаббачагони синфҳои болоӣ мубрам мебошад. Маҳорати татбиқ намудани дониш дар шароитҳои ношинос, мустақилона ба нақша гирифтан ва гузаронидани таҳқиқоти физикӣ, математикӣ, амсилаҳои компютерии ҳодисаҳо, бартараф кардани мушкилиҳои маърифатӣ асоси омодагии хатмкунанда нисбат ба таҳсилоти бефосила ва худомӯзӣ мебошад, ки барои мувофиқ гардонидани он нисбат ба амалиёти ҳаёти муосир зарур аст. Дар методикаи таълими физика шаклҳои ташкил кардани фаъолияти фаъоли таълимӣ-маърифатии мактаббачагони синфҳои болоӣ мавҷуд аст, ки барои аз худ кардани дониш то сатҳи амалӣ мусоидат мекунад. Яке аз онҳо, дарс аз рӯйи ҳалли масъалаҳо – шакли раванди таълим, ки ба фаъолияти фаъоли фикрии таълимгирандагон асос ёфтааст ва имконият медиҳад, ки донишҳои назариявӣ нисбат ба ҳалли проблемаҳои таълимӣ татбиқ карда шаванд. Дигараш, машғулияти экспериментали аз фанни физика мебошад, ки шакли самаранок мебошад ва ба хонандагони синфҳои болоӣ имконият медиҳад, ки мустақилона ҳодисаҳои физикиро таҳқиқ кунанд, дар раванди ичрои иштирок намоянд, бо ҳамсинфон ва муаллимон ҳодисаи омӯхта, қонунҳои физикиеро, ки ин ҳодисаро тавсиф медиҳанд, муҳокима намоянд. Мақола ба проблемаи таълими хонандагони синфҳои болоӣ барои дарк кардани ҳалли масъалаҳои таълимии физикӣ тавассути машғулиятҳои экспериментали – ҳамчун машғулияти экспериментали аз рӯйи физика (тачрибаи лабораторӣ ва тачрибаи таҳқиқ намудани равандҳои физикӣ бо кумаки амсиласозии компютерӣ), ки ба ҷамъбаст кардани донишҳои таълимгирандагон мусоидат мекунад ва ба дарк кардани моҳияти ҳодисаҳо ва қонунҳои ба амал омада, татбиқ намудани донишҳои предметӣ дар вазъиятҳои ғайристандартӣ, омӯзиши хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунад бахшида шудааст.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар дарсҳои физика, машғулиятҳои экспименталӣ, машғулият аз рӯйи ҳалли масъалаҳои физикӣ, методикаи таълими физика, амсиласозии компютерӣ.

## ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНЫЙ ПРАКТИКУМ ПО ФИЗИКЕ КАК СРЕДСТВО ОБУЧЕНИЯ СТАРШЕКЛАССНИКОВ РЕШЕНИЮ ЗАДАЧ

Обучение старшеклассников осознанному решению учебных физических задач посредством экспериментального практикума актуально в настоящее время. Умение применять знания в незнакомых условиях, самостоятельно планировать и проводить исследование физических, математических, компьютерных моделей явлений, преодолевать познавательные затруднения является основой готовности выпускника к непрерывному образованию и самообразованию, что необходимо для его адаптации к динамике современной жизни. В методике преподавания физики существуют формы организации активной учебно-познавательной деятельности старшеклассников, способствующие освоению знаний до уровня практического применения. Одна из них, практикум по решению задач как форма учебного процесса, основанная на активной мыслительной деятельности обучающихся, позволяющая применить теоретические знания к решению учебных проблем. Другая, физический практикум − эффективная форма, позволяющая старшеклассникам самостоятельно исследовать физические явления, принять участие в их развитии, обсудить с одноклассниками и учителем изучаемые явления, физические законы, описывающие явления. В этом аспекте статья посвящена проблеме обучения старшеклассников осознанному решению учебных физических задач посредством экспериментального практикума – как экспериментального практикума по физике (лабораторный практикум и практикум исследования физических процессов при помощи компьютерного моделирования), который способствует обобщеннию знаний обучающихся, приводящих к пониманию сущности происходящих физических явлений и законов, применению предметных знаний в нестандартных ситуациях, умению старшеклассников самостоятельно ставить цели своей деятельности.

**Ключевые слова:** учебно-познавательная деятельность на уроках физики, экспериментальный практикум, практикум по решению физических задач, методика обучения физике, компьютерное моделирование.

## EXPERIMENTAL PRACTICAL WORK ON PHYSICS AS A MEANS OF TEACHING HIGH SCHOOL STUDENTS TO SOLVE PROBLEMS (ADVANCED LEVEL)

Abstract. The training of high school students by the informed decision of the training courses in the experimental workshop is actual at the present time. Skills to apply knowledge in unfamiliar conditions, independently plan and conduct research of physical, mathematical, computer models of phenomena, overcome cognitive difficulties that can be achieved if it is necessary for its introduction to the dynamics of modern life. In the methodology of teaching physics, there are forms of organizing active learning and cognitive activities of high school students, helping to master knowledge to the level of practical application. One of them, a workshop on problem solving, is a form of educational process based on active thinking activity of students, which allows applying theoretical knowledge to the solution of educational problems. Another physical practice is an effective form that allows high school students to independently investigate physical phenomena, take part in their development, discuss with classmates and the teacher the phenomena studied, physical laws describing phenomena.
In this aspect, the article is devoted to the problem of teaching high school students an informed decision of educational physical problems through an experimental workshop - as an experimental practical work on physics (laboratory practice and practical work on the study of physical processes by computer simulation) contributes to mastering the generalized knowledge of the students, leading to an understanding of the essence of the occurring physical phenomena and laws, the application of subject knowledge in non-standard situations and how to teach high school students to independently set the goals of their activities.

**Key word**: educational cognitive activity at physics lessons, an experimental practical work, a workshop on the solution of physical tasks, a technique of training in physics, computer modeling.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодирова Дилафрӯз Толибовна*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон: **988-45-51-47**, E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

**Калидвожаҳо:** ифротгароӣ, муҳити иҷтимоӣ – фарҳангӣ, ҷавонон, радикализм, фундаментализм, фанатизм, терроризм, гурӯҳҳои динӣ – ифротӣ, шаклҳои ифротгароӣ.


### ЭКСТРЕМИЗМ В МОЛОДЕЖНОЙ СРЕДЕ КАК СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЙ ФЕНОМЕН


В статье автор подробно рассмотрел историко-философские аспекты развития факторов экстремизма в обществе, этимологию термина, подробно разъяснил направления политического и религиозного экстремизма. На основе анализа содержания многочисленной литературы, посвященной вопросам экстремизма, дана классификация наиболее популярных несоциальных (асоциальных) групп и показаны основные положения их программы. Обсуждаются социально-психологические характеристики деструктивных молодежных организаций, основные государственные программы профилактики экстремизма и терроризма, на основе которых показаны оптимальные способы противодействия экстремистским группировкам. Сегодня можно констатировать, что деятельность ряда экстремистских группировок развивается в таджикском обществе и принимает жестокие формы, что проявляется в

межрелигиозной вражде и ксенофобии. Согласно опросу, проведенному автором в рамках научного исследования, потенциальными участниками различных групп являются в основном, молодые люди.

**Ключевые слова:** экстремизм, социокультурная среда, молодежь, радикализм, фундаментализм, фанатизм, терроризм, религиозно-экстремистские группы, формы экстремизма.

**EXTREMISM IN YOUTH ENVIRONMENT - AS A SOCIAL AND CULTURAL PHENOMENON**

In the article, the author discussed in detail the historical and philosophical aspects of the development of the factors of extremism in society, the etymology of the term, and explained the directions of political and religious extremism in detail. Based on the analysis of the content of numerous literature devoted to extremism issues, the classification of the most popular non-social (asocial) groups is given, and the main provisions of their program are shown. The socio-psychological characteristics of destructive youth organizations, the main state programs for the prevention of extremism and terrorism, based on which the best ways to resist extremist groups are shown, are discussed. Today, it can be said that the activity of a number of extremist groups is developing in the Tajik society and is taking a cruel form, which is manifested in inter-religious hostility and xenophobia. According to the survey conducted by the author as part of scientific research, the potential participants of various groups are, first of all, young people.

**Key words.** extremism, socio-cultural environment, youth, radicalism, fundamentalism, fanaticism, terrorism, religious extremist groups, forms of extremism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика.**.** **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **900-21-26-28.**

***Худойқулова Қизларгул Ҷурақуловна* -**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 009224030**

**Сведения об авторах:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович-*** Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес** 734025, РеспубликаТаджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: 900-21-26-28.**

***Худойкулова Кизлархон Джуракуловна* -** Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес** 734025, РеспубликаТаджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: 009224030**

**Information about the authors:** ***Ashurov Romish Sherafganovich* -** Tajik National University, Applicant of the University-wide Department of Pedagogy. **Address** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **900-21-26-28.**

***Khudoykulova Kizlarkhon Dzhurakulovna* -** Tajik National University, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the All-University Department of Pedagogy. **Address** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **009224030**

**УДК:37.15:008**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ТАНДУРУСТӢ ВА ТАҲСИЛОТ

***Сафаров Ш.Қ.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Масъалаҳои марбут ба рушди ғояҳои фалсафӣ, педагогӣ ва тиббӣ дар бораи арзиши тандурустӣ ва роҳҳои ҳифзи он дар адабиёти илмӣ ба қадри кофӣ фаро гирифта нашудаанд. Равиши таблиғотию ташвиқотӣ нисбати ташаккули тарзи ҳаёти солими гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ дар таълифоти муҳаққиқони ватанӣ Б.Ашурова, Б. Боев, Л.А.Губанов, А.К.Бобоҷонов, И. Бобоев, И.Х. Каримова, Б.Р.Қодиров, Д.Каримова, Ф.Қурбонов, Ф., Партовов, Ш.А.Сафаров, М.Суяркулов ва дигарон мавҷуд аст.

Пажуҳишҳои муҳаққиқони тоҷик Д.Каримова [8] ва Ф.Партовов [13] ба масъалаҳои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ-истироҳатӣ дар мактаб-интернатҳо, ҳамчунин ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дахл доранд. Дар кори илмии муҳаққиқ Ш.А.Сафаров мушкилоти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои миллӣ тибқи талаботи педагогӣ таҳқиқ карда шудаанд [15].

Таҳқиқоти илмии муҳаққиқи тоҷик Т.Б.Намозов [11; 12] ба асосҳои иҷтимоӣ-педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҶТ бахшида шудааст. Аммо, дар ҳар сурат, бояд зикр кард, ки дар ҶТ масъалаи ҳамкориҳои оила ва мактаб дар ташаккули тарзи ҳаёти солим байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳаллу фасл нагаштааст. Имконоти курсҳои омӯзишии мактаби миёна дар ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тадқиқ нашудаанд. Мақсаднокии педагогӣ дар истифодаи технологияҳои ҳифзи тандурустӣ дар оила ва мактаб асоснок карда нашудааст.

Масъалаҳои вобаста ба ташаккул ва рушди тандурустӣ дар замони муосир хеле мубрам гаштаанд. Дар «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» фарҳанги тандурустӣ ва ё маданияти беҳдошт чунин маънидод шудааст: «маданияти беҳдошт - Маданияти беҳдоштии фард, ки донишҳои мушаххас, маҳорат, малака, арзишҳои саломатӣ, нуқтаи назар, андеша, эътиқод, шаклҳои ахлоқи ба саломатӣ дахлдорро дар худ таҷассум намуда, ҷузъи маданияти умумии шахсият мебошад ва дар ҷараёни таъсири маърифати тарбиявӣ ташаккул меёбад» [1,с.2].

Бояд зикр кард, ки гурӯҳи калони муаллифон бо дарназардошти фаъолиятҳо дар соҳаи тандурустӣ истилоҳи «валеология»-ро фаъолона истифода мекунанд. Дар асри XX олимону муҳаққиқон ҷанбаҳои гуногуни раванди ташаккули «фарҳанги арзишӣ», «маърифати арзишӣ» ва ғайраро таҳқиқ намудаанд (Е.Л.Александров, Е.Н.Алексеева, И.Г.Бердников, С.В.Василев, М.А.Гаврилова, О.Б.Дворникова, А.Л.Дорошенко, И.В. Илина, Л.Г.Качан, И.А.Лавричева, А.Г.Маджуга, Э.Р.Маргиева, Л.В.Мешерякова, Н.М.Полетаева ва дигарон).

Ҳамин тариқ, дар рисолаи муҳаққиқ И.Г.Бердников асосҳои назариявии ташаккули фарҳанги арзишии шахсияти муҳаққиқ, А.Л.Дорошенко - масъалаҳои салоҳияти арзишии донишҷӯёни донишгоҳ, И.В.Илина - ҷараёни ташаккули фарҳанги арзишии шахс дар раванди гирифтани маълумоти олии касбӣ,

И.Лавричева - ташаккули фарҳанги арзишии донишҷӯён, С.М.Симоненко - мундариҷа ва усулҳои ташаккули фарҳанги арзишноки омӯзгори оянда дар таълими донишгоҳҳо баррасӣ шудаанд.

Муҳаққиқи тоҷик Ш.А.Сафаров чунин зикр кардааст: «Муносибати муҳассил нисбати худ, нисбати рушди ҷисмонии худ тавассути муҳити наздики худ муайян карда мешавад, биноан, шахсияти омӯзгор як ҷузъи муайянкунанда дар ташаккули муқаррароти ба тарзи ҳаёти солим ва рушди талаботи ангезавӣ маҳз аз синни хурди мактабхонӣ мебошад» [8, с.12].

Муҳаққиқи рус Т.С.Тюмасева муносибат ба валеологияро ҳамчун як риштаи ҷавони илм, ноустувор ва ҳоло ташаккулёбанда, хеле номуайян арзёбӣ кардааст: аз рад кардани пурраи он ҳамчун илми мустақил ва баррасӣ танҳо ҳамчун яке аз бахшҳои тиб, гигиена ё психология ва ғайра. Гузашта аз ин, мавзуъ ва методологияи валеология аксар вақт дар шакли ғайримуқаррарӣ пешниҳод карда мешавад [9, с.7].

Нишондиҳандаи маъруфияти ин истилоҳи нав васеътарин ҳудуди тезисҳои дар боло номбаршуда мебошад, яъне соҳаи таҳқиқотие, ки бо истилоҳи «валеология» номбар шудааст, барои муҳаққиқоне, ки ҷанбаҳои гуногуни воқеияти таълимиро дар минтақаҳои гуногун меомӯзанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин далел, асосан, аз он вобаста аст, ки илм дер боз зарурати ҳамгиро кардани донишҳои илмӣ, бартараф кардани редуксионизмро, ки донишро дар «чаҳорчӯбаи илмии ҷудогона» ба вуҷуд меорад, эҳсос кардааст. Ба ибораи дигар, «валеология» дар худ хоҳиши муҳаққиқонро дар ҳамҷоя кардани чунин соҳаҳо, аз қабили гигиена, соҳаҳои гуногуни тиб, аз як тараф, педагогика, психология, аз тарафи дигар, ба манфиати ҳифз, тақвият ва рушди тандурустии ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавӣ-ахлоқии шахс муттаҳид кардааст.

Ҳамин тариқ, дар охири асри гузашта, дар муддати нисбатан кӯтоҳ (бист сол) як қатор асарҳои калони илмӣ ва дастурҳои таълимӣ ба табъ расиданд, марказҳои дахлдори илмию методӣ пайдо шуданд.

Бояд зикр намуд, ки талабот ба омӯзгорону муҳаққиқон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар ин самту соҳа зиёд аст. Дар оғоз ба номи «маърифати фарҳанги арзишманд», навишта буд муҳаққиқи рус И.И.Мечников, таконе барои муҳокимаи васеи ин масъалаҳо, таҷзия кардани соҳаи проблемаҳои таҳқиқот, нашриёҳо дар солҳои 80-уми асри гузашта вуҷуд доштанд. Асри XX таълифоти илмии муҳаққиқи машҳур И.И.Брехман «Муқаддима ба валеология - илми тандурустӣ» ба нашр расид. Он касе буд, ки истилоҳи «валеология»-ро ба гардиш ва муомилаи илмӣ ворид карда, бо ин роҳ самти илмии дар чорроҳаи тиб, экология, педагогика ва антропология ҷойгиршударо ба вуҷуд овард, аммо, болоравии нашриёҳо, ки бо категорияи «фарҳанги арзишӣ» муттаҳид шудаанд, эҳтиёткорона нисбати арзёбӣ боздошта шуданд, ки як қисми ҷомеа (аз ҷумла ҷамоаи педагогӣ) нишон додаанд [4].Ҳамин тариқ, дар доираҳои алоҳида, онҳо ба истилоҳи «валеология» хеле эҳтиёткорона муносибат карданд. Ин мавқеъ дар маҷмуаи «Валеология: ҷанбаҳои фалсафӣ, илмӣ ва динӣ», ки соли 2000 нашр шудааст, ифода ёфт [5].Ҳамзамон, ҷамоаҳои алоҳида нисбати нақшаи пешбинишудаи ин фан дар барномаи таҳсилоти миёнаи умумӣ изҳори нигаронӣ кардаанд. Истифодаи китобҳои дарсӣ оид ба валеология дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, ба гуфтаи муаллифони русӣ, аз мушкилоти воқеии мубрами оила, таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи

арзишҳои анъанавии маънавӣ ва ахлоқӣ дур шудааст.

Чунин ба назар мерасад, ки ин муносибат ба валеология бо муносибати бесамари баъзе олимону муҳаққиқон ва омӯзгорон ба таҳаввулоти илмии илмҳои Ғарб шарҳ дода нашудааст. Дар ҳар сурат, валеология, ҳамчун як соҳаи тандурустӣ ба номи он мувофиқат намекунад. Ин метавонад боиси нигаронии шадид шавад. Дар бисёр марказҳои валеологӣ оккултизм, сеҳри шифо ва дигар масъалаҳоро таълим медиҳанд.

Бо дарки мавҷудияти асосҳои хатарнок дар байни муаллифони зикршуда, метавон гуфт, ки истилоҳи «валеология» на тавсияҳои ҷонибдорони «метакогнита»-и илмии нави муосир», балки «илми ҳамгироии тандурустӣ, усулҳои нигоҳдорӣ ва мустаҳкам кардани он» мебошад, ки объекти он амалан саломатӣ аст, аммо ҳамчунин шахс дар ҳолати пеш аз беморӣ қарор дорад ва мавзуъ тандурустии инфиродӣ ва захираҳои тандурустии инсон ва ҳамчунин тарзи ҳаёти солим мебошад.

Дар бисёр мавридҳо, зери таъсири танқидҳо боз як самти дигар дар таҳқиқоти педагогии муосир ташаккул ёфт, ки онро категорияҳои «фаъолиятҳои солимгардонӣ» ва «маълумоти педагогии солим» муттаҳид карданд. Ин гурӯҳи таълифоту таҳқиқот (Д.Е.Глушко, С.Н.Горбушин, Л.С.Елкова, А.М.Маджуга, И.Л.Платонова), ба назари мо, як қатор равишҳои педагогӣ ҷамъ овардаанд ва ба таҳқиқот дар соҳаи тандурустӣ (аз ҷумла, донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ) ба сатҳи нав баромаданд.Муаллифони таҳқиқоти педагогӣ нишон доданд, ки ҷомеаи муосир ба тарбияи омӯзгороне эҳтиёҷ дорад, ки ҷавобгӯйи вазифаҳои давраи нав мебошанд ва дар қатори дигар салоҳият дар соҳаи тандурустӣ, дониш, малака ва қобилияти фаъолияти солими педагогӣ бояд дошта бошанд.

Барои ин зарур аст, ки мафҳуми «фаъолияти тандурустии педагогӣ» бо категорияи васеътари «фаъолият» ва чунин ҳосилаҳои охирини ҳамчун «фаъолияти педагогӣ» ва «фаъолияти тандурустӣ» алоқаманд карда шавад. Илова бар ин, бояд ба назар гирифт, ки чӣ тавр адабиёти илмии педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва тиббӣ мундариҷаи категорияҳои «тандурустӣ» ва «эҷодкорӣ»-ро» муайян мекунад.

Дар илм масъалаҳои марбут ба фаъолият фаъолона муҳокима ва таҳқиқ карда мешаванд. Ақидае собит гаштааст, ки предмет худро танҳо тавассути эҷоди ашёе муайян мекунад, ки аз берун ба он мухолиф аст ва ҳамзамон роҳи ягонаи ташкили он мебошад. Ба ибораи дигар, раванди эҷоди худпойдорӣ танҳо маънои зоҳирии воқеии худро дорад, зеро ин кумак менамояд, ки дар бораи худ инъикос вуҷуд дошта бошад. Дар асоси ин, метавон гуфт, ки шуур (аз ҷумла ҷузъҳои педагогӣ ва тандурустии он), ҳамчунин худи субъект, танҳо дар натиҷаи фаъолият барои сохтани объекти беруна пайдо мешавад ва вуҷуд дорад.

Вижагии хос он аст, ки ин ғоя дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарии асри гузаша таҳия шудааст. Фард худро танҳо тавассути насли лоиҳаҳо ва татбиқи онҳо, яъне тавассути фаъолият эҷод мекунад. Ҳамчунин маълум аст, ки равиши ба фаъолият нигаронидашуда дар психология чӣ гуна самаранок рушд мекунад.

Онҳо, воқеан, дар ғояҳои фалсафаи классикии Олмон, К.Маркс ва дигар соҳаҳои фалсафаи асрҳои гузашта, ки ғояҳои фаъолиятро таҳия мекарданд, ҳаёти нав пайдо карданд. Чунин мавқеъро дар доираи назарияи психологии фаъолияти дастаҷамъӣ ташаккул додан мумкин аст. Маҳз далели он ки фаъолияти дастаҷамъӣ ногузир фаъолияти мутақобиларо фаро мегирад, биноан муколама, полилогияро

ифода мекунад, ки аз ин сабаб одамон қобилияти дарк кардани мавқеи ҳамдигарро меомӯзанд, на дар бораи сифати худбинӣ (қобилияти ба худ нигоҳ кардан бо чашмони дигарон). Аз ин бармеояд, ки танҳо дар фаъолияти муштараки сохторҳои баробар, ки дар ин раванд озодона иштирок мекунанд, онҳо ҳамаро дарк мекунанд.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолият бояд на ҳамчун фаъолияти огоҳонаи шахси ифодагар, балки ҳамкории шарикони баробарҳуқуқи озод, ки «ҳар кадоми онҳо бо дигаре ҳисоб мешаванд ва дар натиҷа ҳарду тағйир меёбанд.

Албатта, дар байни ҳамаи намудҳои фаъолият мо, пеш аз ҳама, ба фаъолияти педагогӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Ин тафсири анъанаи ғании илмӣ дорад ва аз ин рӯ наметавонад дар таҳқиқоти мо мавзуи махсус қарор гирад. Мо бо андешаи муҳаққиқи рус Г.Б.Корнетов мувофиқем ва ин ягона шакли фаъолияти инсонист, ки «ба тавлид кардани ҳама намудҳои дигари фаъолияти инсон ҳамчун субъекти ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавӣ, ҳамчун як фард, шахсият нигаронида шудааст» [9,с.6] . Яъне, фаъолияти таълимию омӯзишӣ ҳадафмандона буда, раванди бошуурона ва ба таври касбӣ амалишудаи ташкили рушди фарҳанги шахсии худро ифода мекунад.

Мутаносибан, доираи мафҳуми «фаъолияти педагогии тандурустӣ» бояд дар чорроҳаи самтҳое, ки бо мафҳумҳои «фаъолияти педагогӣ» ва «фаъолияти тандурустӣ» муқаррар шудаанд, асос ёбад. Азбаски истилоҳи дуюми мафҳумҳои дар боло номбаршуда аз ҷанбаи этимологӣ ба мафҳуми «эҷодкорӣ» бармегарданд, пеш аз ҳама, дар бораи фаҳмиши охирин ба мувофиқа омадан лозим аст.

Таҳлили адабиёти фалсафӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо бо эҷоди нав маҳдуд мешавад, балки дар навбати аввал аз қобилияти объекти фаъолият, тавсеа ва амиқтар кардани қобилиятҳои дар табиат гузошташуда иборат аст. Бояд ёдовар шуд, ки миқёси мушаххаси эҷодкорӣ, дараҷаи далерӣ, шуҷоат дар фарҳангҳои мухталиф дар замонҳои гуногун фарқ мекунад. Яъне, «қадами навоварӣ, ҳамеша барои ҳар фарҳанг дар маҷмуъ ва фарҳанги педагогӣ хос аст.

Хусусияти дигари муҳимми эҷодкорӣ ангезаи он аст. Ба ақидаи мо, эҷодкорӣ ин як амали ҳадафманди огоҳона мебошад, ки на бо омили беруна (манфиати иқтисодӣ, анъана, андешаи дигарон ва ғайра), балки бо як нияти дохилӣ ташаккул меёбад. Маҳз дар ҳамин хислат ҳиссиёт аломати таркибии эҷодкорӣ дар он аст, ки он аз дигар намудҳои фаъолият фарқ мекунад. Ба ибораи дигар, эҷодкорӣ худ як ҳадаф аст. Он, албатта, метавонад касб карда шавад, яъне бо «фаъолияте, ки барои гирифтани манфиат муайян карда мешавад, миқдори фоидае, ки муаллиф бояд қабл аз худ ва баъдан эҳтиёҷоти инсонро қонеъ кунад», муайян шудааст [5,с.34]. Аммо эҷодкорӣ вижагии худро дар замоне муайян мекунад, ки шахс ба интихоби он мувоҷеҳ мегардад: иҷро кардани шароитҳои беруна аз ӯ (фишор аз муҳити атроф, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра) ё ҳамчун эътиқоди дохилӣ аз ӯ талаб менамояд.

Фарҳанги тандурустии донишҷӯ, ки аз ҷониби мо пешниҳод шудааст, ҳамчунин як барномаи такрористеҳсолӣ дар донишгоҳ, ҳамчун фазои таҳсилоти тиббӣ мебошад. Дар таълифоту таҳқиқоти илмӣ тафсирҳои гуногуни ин падида оварда шудаанд. Одатан, муаллифон истилоҳи «муҳити таълимии солим»-ро истифода мебаранд. Мо чунин мешуморем, ки азбаски мафҳуми мавриди таваҷҷуҳ барои мо ҳосили категорияи васеъ аст («фазои таълимӣ»), пеш аз ҳама, муайян кардани мундариҷаи он зарур аст. Ин мафҳум хеле мураккаб ва мушкилфаҳм аст. Баъзе муаллифон онро ҳамчун маҷоз, дигарон ҳамчун муродифи истилоҳи «муҳити

таълимӣ» ва баъзан - ба маънои яке аз сатҳҳои фазои иҷтимоӣ ва ғайра истифода мебаранд. Фазои таълимӣ «худро дар лаҳзаҳо»-и омезиши «ҳаёт ва таҳсилоти инсонӣ» эълом мекунад ва дар ин замина он пешниҳод мекунад, ки ҳамчун «ҳамзистии донишҷӯён», ки дар он сифати нави (қаблан эълом нашудааст) бисёрҷанбаи шахс дарк карда мешавад.

Дар баробари мавқеи дар боло зикршуда, мо ҷустуҷӯйи мафҳуми «фазои солими таълимӣ»-ро, ки дар асарҳои муҳаққиқон фаҳмиши вобастагии категорияҳо, ба монанди «фазои таълимӣ» ва «муҳити педагогӣ» зикр шудаанд, идома медиҳем.

Мо «фазои маърифатии тандурустӣ»-ро «ҳамчун муҳити махсуси муташаккили омӯхташуда муайян менамоем, ки аз омилҳо ва шартҳои педагогӣ ба вуҷуд омадааст, то зарурати шахсони воқеӣ барои амалӣ кардани идеали тандурустӣ ҳамчун як низоме, ки рушди арзишҳоеро фароҳам меорад, ки афродро аз табиати худ болотар гузоранд. Бо назардошти ин, мо таъйид менамоем, ки фарҳанги тандурустии донишҷӯён на танҳо фазои солими таълимро таҷдиди назар мекунад, балки онро ба як навъ «майдони магнитӣ», ки амалҳои рафтори донишҷӯро дар атрофи идеали кори солим муттаҳид мекунад, талаб менамояд.

Умуман, таҳлили таҳқиқоти илмӣ, ки дар заминаи он гузаронида мешавад, ҷомеаи муосири Тоҷикистонро ба хулосае овард, ки фарҳанги солими донишҷӯён барномаи фаъолиятест, ки на танҳо ба нигоҳдорӣ ва рушди зарфияти тандурустии субъектҳои он нигаронида шудааст, балки ба асоси стратегияи огоҳонаи интихобшуда табдил додани фард ба шахсият - инсоне, ки бар асоси табиати худ эҳё шудааст ва озодона дарк кардани тамоми ғановати истеъдодҳои худро медонад.

Хулоса, аввалан стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи таълим пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи ҳамкориҳои педагогӣ, донишҷӯ бояд сифатҳои шахсии худро, ки бо мафҳуми «фарҳанги тандурустӣ» инъикос ёфтааст, ташаккул ва рушд диҳад. Унсурҳои сохтори фарҳанги тандурустии донишҷӯён дар амалияи иҷтимоӣ тавассути амалӣ намудани ду вазифаҳои асосӣ «таҷассум» мешаванд: таҷдиди меъёрҳо, стандартҳо ва амалияи тандурустии муқарраршуда ва бунёди минбаъдаи онҳо бо мақсади наздик кардани мавзуъ ба идеали интихобкардаи ӯ.

Дуюм, фаъолияти омӯзгорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ки бо дарназардошти фарҳанги тандурустии донишҷӯён «барномарезӣ мешавад», бояд на танҳо ба азхудкунии технологияҳои тиббӣ, балки азхудкунии маънои он бо риояи идеалии калокагатия равона карда шавад. Он бояд ба донишҷӯён имкон диҳад, ки стратегияи ҳаётро интихоб кунанд, ки дар доираи он «муваффақияти ҳаёт» бидуни шахсе, ки барои рушди худ, тандурустии маънавӣ ва ҷисмонӣ интихоб мекунад, номумкин аст.

Динамикаи ташаккули фарҳанги тандурустии донишҷӯ дар ҳама сатҳҳо бо як қатор принсипҳо муайян карда мешавад, аз ҷумла: нигоҳ доштани фаҳмиши фарҳанги тандурустӣ ҳамчун падидаи ҷудонашавандаи рушди шахсият аз ҷониби ягон сохтори мушаххас; муносибат ба фарҳанги тиббӣ ва тандурустӣ ҳамчун низом - падидае, ки барои ҷамъбасти одии унсурҳои таркибёфтааш номумкин аст; муаррифӣ кардан дар шуур мавзуи тандурустии ин фаъолият ҳамчун сохтори зинанизоми муташаккилона; самтгирии фаъолияти тандурустӣ на ба қисмат, балки ба шахси «калокагативӣ»; додани хислати антропосентрӣ ба фаъолиятҳои тандурустӣ.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ

1. Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.-Душанбе, 2011.
2. Борытко, Н.М. Моделирование в психолого-педагогических исследованиях/Н.М.Борытко//Известия Волгоградского государственного педагогического университета.-2006.-1(14) (серия «педагогические науки»).-С.11-15
3. Брехман, И.И. Валеология наука о здоровье.2-ое изд., доп., перераб./И.И.Брехман.-М.:Физкультура и спорт,1990.-208с.
4. Брехман, И.И. Введение в валеологию науку о здоровье. 2-ое изд., перер и доп./И.И.Брехман.-М.:Ф и С,1990.
5. Брехман, И.И. Философско-методологические аспекты проблемы здоровья человека/И.И.Брехман //Вопросы философии.-1982.-№ 2.-С.48-53.
6. Вайнер, Э.Н. Валеология: учебник для вузов/Э.Н.Вайнер. -М.:Флинта; Наука,2011
7. Вашлаева, Л.П.Формирование здоровьесберегающей стратегии педагога:монография/Л.П.Вашлаева.-Кемерово,2004.-320с.
8. Каримова, Д.М.Дидактические возможности профилактики вредных привычек дошкольников средствами коллективного гуманного воспитания: автореф. дисс. канд. пед.наук/Д.М.Каримова.-Душанбе,2019.-21с.
9. Корнетов, Г.Б. Педагогика: учебн. пособ./Г.Б.Корнетов.-М.:Изд-во УРАО,2003.-184с.
10. Лекторский, В.А. Наследие деятельностного подхода и современность/В.А.Лектрский. URL: http://www.situation.ru/app/index.htm
11. Намозов, Т.Б.Формирование здорового образа жизни у учащихся старших классов в условиях семьи и школы. Период д независимости/Т.Б.Гамозов.-Душанбе: «Ирфон», 2019.- 100с.
12. Намозов, Т.Б.Социально-педагогические основы формирования здорового образа жизни у учащихся старших классов общеобразовательных школ Таджикистана: АКД/Т.Б.Намозов.-Душанбе,2012.-26с.
13. Партовов, Ф. Педагогические условия формирования основ здорового образа жизни у воспитанников интерната:дисс. на соискание учёной степени канд.пед.наук/Ф.Партовов.-Д.,2010.-175с.
14. Петленко, В.П. Основы валеологии/В.П.Петренко.-1998.-433с.
15. Сафаров, Ш.А.Педагогические основы формирования здорового образа жизни младших школьников средствами таджикских национальных подвижных игр. АКД/Ш.А.Сафаров. - Душанбе, 20027.
16. Тюмасева, З.И. Валеология и образование/З.И.Тюмасева, Б.Ф.Кваша.- СПб.: МАНЭБ, 2012.-380с.
17. Тюмасева, З.И. К вопросу об актуальности конвергенции валеологии и экологии/З.И. Тюмасева, А.А. Цыганков//Валеология.-2012. -№1. -С.7-13.
18. Уколова, О.Н.Интерпретация понятия «здоровье» применительно к людям с инвалидностью/О.Н. Уколова//Альманах современной науки и образования.-2013.-№ 5 (72).-С.130-133.
19. Ушакова, Я.В. Здоровье студентов и факторы его формирования/Я.В.Ушакова//Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского.-№ 4.- Н.Новгород:Изд-во ННГУ, 2007.-С.197-202.
20. Ушакова, Я.В. Практики самосохранительного поведения студенческой молодёжи социологический анализ: автореферат дис..канд. социол. наук/Я.В.Ушакова.-Н. Новгород, 2010.-29с.
21. Факторович, А.А. Сущность педагогической технологии/А.А. Факторович//Педагогика.-2008.-№2.-С.19-27.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ТАНДУРУСТӢ ВА ТАҲСИЛОТ


Мақола ба баррасии баъзе масъалаҳои ташаккули фарҳанги тандурустӣ ва таҳсилот бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, гурӯҳи калони муҳаққиқон, бо дарназардошти фаъолиятҳои соҳаи тандурустӣ, истилоҳи «валеология»-ро фаъолона истифода мекарданд. Онҳо гурӯҳи навбатии таҳқиқотро анҷом доданд, ки дар асри XX пайдо шудаанд ва ҷанбаҳои гуногуни раванди ташаккули «фарҳанги арзишӣ», «маърифати арзишӣ» ва ғайраро таҳқиқ намуданд. Онҳо самараи омӯзиши назариявӣ ва педагогии мушкилоти ташаккули тарзи ҳаёти солим байни насли ҷавон, аз ҷумла донишҷӯён гардиданд.Муаллиф зикр мекунад, ки дар илм масъалаҳои марбут ба фаъолияти фаъолона муҳокима ва таҳқиқ карда мешаванд. Муҳаққиқ И.Г.Фихте ақидаеро исбот кардааст, ки предмет худро танҳо тавассути эҷоди ашёе муайян мекунад, ки аз берун ба он мухолиф аст ва ҳамзамон роҳи ягонаи ташкили он мебошад. Ба ибораи дигар, ба қавли И.Г.Фихте, ҷараёни эҷоди худпойдорӣ танҳо маънои зоҳирии воқеии худро дорад. Дар асоси ин метавон гуфт, ки шуур (аз ҷумла ҷузъҳои педагогӣ ва тандурустии он), ҳамчунин худи субъект, танҳо дар натиҷаи фаъолият барои сохтани объекти беруна пайдо мешавад ва вуҷуд дорад. Дар ҷамъбаст муаллиф таъйид мекунад, ки таҳлили адабиёти фалсафӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо бо эҷоди нав маҳдуд мешавад, балки, дар навбати аввал, аз қобилияти объекти фаъолият, тавсеа ва амиқтар кардани қобилиятҳои дар табиат гузошташуда иборат аст. Муаллиф қайд менамояд, ки миқёси мушаххаси эҷодкорӣ, дараҷаи далерӣ дар фарҳангҳои мухталиф дар замонҳои гуногун фарқ мекунад. Яъне, «қадами навоварӣ», ки

муҳаққиқ А.С.Ахиезер ин падидаи равониро номид, ҳамеша барои ҳар фарҳанг дар маҷмуъ ва фарҳанги педагогӣ хос аст.

**Калидвожаҳо:** ташаккули фарҳанги тандурустӣ, падидаи равонӣ, масъалаҳо, қобилиятҳо, табиат, фалсафа, педагогика, фарҳанги педагогӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти фаъолона, фарҳангҳои мухталиф, омӯзиши назариявӣ, объекти беруна.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ КУЛЬТУРЫ ЗДОРОВЬЯ И ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются некоторые вопросы культуры здоровья и образования. По словам автора, большая группа исследователей с учетом деятельности сектора здравоохранения активно использовала термин «валеология». Они провели следующую группу исследований, появившуюся в XX веке. Исследованы различные аспекты процесса формирования «ценностной культуры», «ценностного воспитания» и так далее. Они явились результатом теоретико-педагогического исследования проблем формирования здорового образа жизни у подрастающего поколения, в том числе студентов. Автор отмечает, что в науке обсуждаются и исследуются вопросы, связанные с активной деятельностью. Большинство исследователей доказали идею И.Г.Фихте, что объект определяет себя только через создание вещей, противостоящих ему извне, и в то же время является единственным способом его организовать. Другими словами, согласно И.Г. Фихте, процесс создания самодостаточности означает лишь ее реальное проявление, потому что он помогает размышлять о себе. Исходя из этого, можно сказать, что сознание (включая его педагогический и оздоровительный компоненты), как и сам субъект, возникает и существует только в результате деятельности по созданию внешнего объекта. В заключение автор подтверждает, что анализ философской и педагогической литературы показывает, что творчество не ограничивается новыми творениями, а в первую очередь состоит в умении расширять и углублять возможности объекта деятельности. Подчеркнем, что конкретный масштаб творчества, степень смелости варьируется в разных культурах в разное время, то есть «шаг новаторства», как назвал это психологическое явление исследователь А.С.Ахиезер, всегда специфичен для каждой культуры в целом и педагогической культуры.

**Ключевые слова:** формирование культуры здоровья, психологический феномен, проблемы, способности, природа, философия, педагогика, педагогическая культура, творчество, активная деятельность, разные культуры, теоретическое исследование, внешний объект.

## SOME QUESTIONS OF THE FORMATION OF A CULTURE OF HEALTH AND EDUCATION

The article deals with some issues of the culture of health and education. According to the author, a large group of researchers, taking into account the activities of the health sector, actively used the term "valeology". They conducted the following group of studies that appeared in the twentieth century. Various aspects of the process of the formation of "value culture", "value education" and so on are investigated. They were the result of a theoretical and pedagogical study of the problems of forming a healthy lifestyle among the younger generation, including students. The author notes that in science issues related to vigorous activity are discussed and investigated. Most researchers have proved the idea of J.G. Fichte that an object defines itself only through the creation of things that oppose it from the outside, and at the same time is the only way to organize it. In other words, according to I.G. Fichte, the process of creating self-sufficiency means only its real manifestation, because it helps to reflect on oneself. Based on this, we can say that consciousness (including its pedagogical and health-improving components), like the subject itself, arises and exists only as a result of activities to create an external object. In conclusion, the author confirms that the analysis of philosophical and pedagogical literature shows that creativity is not limited to new creations, but primarily consists in the ability to expand and deepen the capabilities of the object of activity. Let us emphasize that the specific scale of creativity, the degree of courage varies in different cultures at different times, that is, the "step of innovation", as the researcher A.S.Akhiezer called this psychological phenomenon, is always specific to each culture as a whole and pedagogical culture.

**Key words:** formation of a culture of health, psychological phenomenon, problems, abilities, nature, philosophy, pedagogy, pedagogical culture, creativity, active activity, different cultures, theoretical research, external object.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Ширинҷон Қувваталиевич*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16.Телефон**.:985243069**

**Сведения об авторе**: ***Сафаров Ширинджон Кувваталиевич*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова-16. Телефон.:**985243069**

**Information about the author:** ***Safarov Shirinjon Kuvvatalievich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street-16. Phone:.**985243069**

УДК:371.41.01

# МУНОСИБАТИ ВОЛИДАЙН БО ФАРЗАНД ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ МУОШИРАТ

*Маҷидов П.И., Дадобоева М. С.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Илми психология дар раванди инкишофи худ ба таҳқиқи ташаккули инсон ҳамчун шахсият машғул шуда, омилҳои ба оянда муваффақи кӯдак таъсиррасонро меомӯзад. Аксарияти мактабҳои психологӣ масъалаи муносибат дар байни наслҳо ва таъсири волидон ба роҳи ҳаётии кӯдакро аввалиндараҷа мешуморанд. Тамоюлҳои волидон хеле пеш аз таваллуди кӯдак ташаккул ёфта, системаи таркибҳои ба ҳам вобастаи муайянкунандаи механизми инкишофи онҳоро дар бар мегиранд: интизориҳои волидон – ҳиссиёти волидон – баҳогузории волидон–муносибатҳои волидон. Ҳамин тавр, муносибатҳои волидон шакли зоҳиршавии тамоюлҳои волидон буда, ба интизориҳо, ҳиссиёт ва баҳогузории волидон асос меёбад. Таркибҳои номбаршуда, инчунин тамоюлҳои волидон дар маҷмуъ, аз рӯйи дараҷаи даркшавӣ (бошуурона, бешуурона), модалнокӣ (мусбат, манфӣ), хусусияти таъсир (асоснок, зиёновар) фарқ карда мешаванд. Намудҳои асосии муносибати волидон ба фарзандро баррасӣ мекунем. Дар асарҳои психологҳои хориҷӣ намудҳои зерини муносибати волидон ба фарзанд номбар мешаванд: қабул кардан –қабул накардан; назорати психологӣ - мустақилияти психологӣ, Э.С.Шефер; муносибати мусбат - бадбинӣ;дастурдиҳӣ -мустақил, С.Шлудерман, Е.Шлудерман; алоқаи ҳиссии мутобиқ - фосилаи аз ҳад зиёди ҳиссӣ-таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба кӯдак, Е.С.Шефер, Р.К.Белл. Типологияи муносибати дар назария ва амалияи психология бештар паҳншудаи волидон ба кӯдакон типологияи пешниҳодкардаи А.Я.Варга аст [3]:

1. Қабул кардан. Ин намуди муносибати ҳиссии мусбат ба фарзанд аст: кӯдак ба волидон, ҳамон тавре ки ҳаст, писанд аст. Волидон мустақилияти кӯдакро эҳтиром мекунанд, ба ӯ диққат медиҳанд. Волидон кӯшиш мекунанд, ки бо кӯдак бештар вақт гузаронда, ҳавасҳо ва нақшаҳои ӯро писанд шуморанд.

2. Инкор кардан. Ин намуди муносибати манфии волидон ба кӯдак аст: волидон фарзанди худро бад, ноуҳдабаро ва бетолеъ қабул мекунанд. Ба назари онҳо чунин менамояд, ки кӯдак дар ҳаёт ба сабаби қобилиятҳои нокифоя, ақли кам ва тамоюлҳои бад муваффақ намешавад. Бисёр вақт волидон ба фарзанд бадбинӣ, таассуф, хашмгинӣ ва озурдагӣ ҳис мекунанд. Онҳо ба кӯдак бовар надоранд ва ӯро эҳтиром намекунанд.

Намудҳои номбаршудаи муносибати ҳиссӣ дар самтҳои гуногун қарор доранд: манфӣ ва мусбат. Дар байни онҳо вариантҳои гуногуни муносибати мусбат (ҳамкорӣ, зиндагии якҷоя) ва манфӣ (“бетолеи хурдакак” ва иҷтимоишавии аз ҳад зиёди авторитарӣ) ҳастанд.

3.“Ҳамкорӣ” – ба андешаи [3], намуди мувофиқи иҷтимоии муносибати волидон: волидон ба корҳои кӯдак диққат медиҳанд, кӯшиш мекунанд, ки ба кӯдак ёрӣ диҳанд, нисбат ба ӯ хайрхоҳанд. Ба қобилиятҳои зеҳнию эҷодии кӯдак баҳои баланд гузошта, бо ӯ ифтихор мекунанд. Ташаббускорӣ ва соҳибихтиёрии кӯдакро ҳавасманд мегардонанд. Кӯшиш мекунанд, ки бо ӯ муносибати баробар дошта

бошанд. Ба фарзанд боварӣ доранд ва кӯшиш мекунанд, ки дар масъалаҳои баҳснок тарафдори нуқтаи назари ӯ бошанд.

4.“Симбиоз” фосилаи байнишахсиро дар муошират бо кӯдак инъикос мекунад. Волидон кӯшиш мекунанд, ки бо фарзанд муносибатҳои симбиозӣ дошта бошанд. Мазмунан ин тамоюл ба таври зерин тавсиф мешавад: волидон худро бо кӯдак яклухт мешуморанд ва кӯшиш мекунанд, ки ҳамаи талаботи ӯро қонеъ гардонда, аз мушкилиҳои зиндагӣ ӯро эмин нигоҳ доранд. Волидон ҳамеша барои кӯдак хавотиранд, кӯдак дар назари онҳо хурду бепушту паноҳ аст. Хавотирии волидон меафзояд, вақте ки кӯдак соҳибихтиёр мешавад, чунки бо ихтиёри худ волидон ҳеҷ гоҳ ба кӯдак соҳибихтиёрӣ намедиҳанд.

4.“Иҷтимоишавии аз ҳад зиёди авторитарӣ” шакл ва самти назорати рафтори кӯдакро инъикос мекунад. Дар муносибати волидон авторитаризм равшан ба назар мерасад. Волидон аз кӯдак итоаткорӣ ва интизоми бечунучароро талаб мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки кӯдакро пурра ба иродаи худ тобеъ намоянд ва нуқтаи назари ӯро ҷонибдорӣ намекунанд. Волидон бодиққат дастовардҳои иҷтимоии кӯдак, хусусиятҳои инфиродӣ, одатҳо, фикрҳо ва ҳиссиёти ӯро назорат мекунанд.

5. “Бетолеи хурдакак” хусусиятҳои аз тарафи волидон дарк шудани кӯдакро инъикос мекунад. Дар муносибатҳои волидон кӯшиши ноуҳдабаро нишон додани кӯдак ва ба ӯ нисбат додани мушкилоти шахсӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад. Волидон кӯдакро аз синни воқеии ӯ хурдтар мешуморанд. Шавқу ҳавас, машғулиятҳо ва фикру ҳиссиёти фарзанд дар назари волидон кӯдакона ва беаҳамият менамоянд. Кӯдак корношоям, номуваффақ ва аз омилҳои манфӣ таъсирпазир ба назар мерасад. Волидон ба фарзанди худ боварӣ надоранд, аз бемуваффақиятӣ ва ноуҳдабароии ӯ афсӯс мехӯранд. Бинобар ин, кӯшиш мекунанд, ки кӯдакро аз мушкилиҳои ҳаёт дур нигоҳ дошта, амалҳои ӯро қатъӣ назорат кунанд.

Психологҳои америкоӣ Е.С. Шефер ва Р.К.Белл[9] типологияи муфассали муносибатҳои кӯдакону волидонро таҳия карда, 23 нишонаи муайянкунандаи ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои волидон ба кӯдаконро ҷудо намуданд. Ин нишонаҳо дар се синфи муносибатҳо гурӯҳбандӣ шуданд:

1. Алоқаи ҳиссии мутобиқ, ки барангехтани баёни шифоҳӣ ва инкишофи фаъолнокии кӯдак; муносибатҳои шарикона ва баробар дар байни волидон ва кӯдакро дар бар мегирад.

2. Фосилаи аз ҳад зиёди ҳиссӣ аз кӯдак, ки дар хашмгинӣ ва зудранҷӣ; дағалӣ ва сахтгирии аз ҳад зиёд; канорагирӣ аз алоқа бо кӯдак зоҳир мешавад.

3. Таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба кӯдак, ки дар ғамхории аз ҳад зиёд ва муносибатҳои вобаста; бартараф кардани муқовимат ва пахш намудани ирода; таъмини бехатарӣ ва хавотирӣ аз ранҷондан; истисно кардани таъсирҳои берун аз оила; фурӯ нишондани бадҷаҳлӣ; дахолати аз ҳад зиёд ба ҷаҳони кӯдак; кӯшиши тезондани инкишофи кӯдак зоҳир мешавад.

ПсихологҳоБезруких М., Ефимова С, Круглое Б.[2], Кряжева Н. [6] намудҳои зерини муносибати манфии волидонро фарқ мекунанд:

1.Нофаҳмӣ. Волидон камбудиҳоро ба танбалӣ ва бемайлӣ нисбат медиҳанд. Яке аз ин сабабҳо аз сатҳи баланди ҳавобаландӣ иборат аст. Сабаби дигар ғалати паҳншудаи волидон аст, ки кӯдак мавҷудоти нодон ва содаю одӣ мебошад.

2. Номутобиқати талаботу интизориҳои волидон ба имконияту талаботи фарзандон. Ниятҳои неки волидон барои якбора омӯзондани ҳама чиз ба мушкилиҳои кӯдак оварда мерасонанд. Тавре И.Фридман қайд мекунад, бисёр вақт дар паси чунин хоҳиши амиқ меистад, ки кӯдак тезтар калон шавад.

Ба мисли ҳама гуна объект, муносибати кӯдакону волидон на танҳо тавсифҳои мазмунӣ ("Ин чист, он чӣ гуна аст?"), балки тавсифҳои амалӣ ("Бо ин чӣ кор кардан лозим аст?") ҳам дорад. Дар фаъолияти амалӣ ин масъала ба фаҳмидани он вобаста аст, ки дар ҷараёни ҳамкорӣ бо волидон маҳз ба чӣ такя кардан лозим, агар зарурати ислоҳи психологию педагогӣ пайдо шавад. Аз ин рӯ, зарурати андешидани чораҳои мушаххас ба миён меояд, ки бо ёрии ин чораҳо ҳолатҳои гуногуни сабабгори вайрон шудани муносибатҳои дуруст дар байни кӯдаконро пешгирӣ ё бартараф намудан мумкин аст.

Барои ба роҳ мондани муносибатҳои мусбат бо кӯдак чӣ хел амалӣ кардани онро донистан муҳим аст. Муошират ва ҳамдигарфаҳмиро ёд гирифта, дар сатҳи муносибатҳо ба беҳбудии назаррас ноил шудан мумкин аст.

Аксарияти волидон ба камбудиҳои тарбияи худ хуб сарфаҳм мераванд, вале бисёр вақт ба онҳо саводи одии психологӣ намерасад. Таҳлили вазъиятҳои оилавӣ дар гурӯҳ ба волидон имкон медиҳад, ки аз канор ба худ нигоҳ кунанд, бо "чашмони дигарон" худро бинанд ва бо ин роҳ рафтори худро инъикос намоянд. Волидон қолабҳои тарбияи худро, ки одатан бошуурона интихоб накарда, ё аз волидонашон "мерос" мегиранд ё натиҷаи тасаввурот дар бораи муносибатҳо, ки аз муҳити наздики иҷтимоӣ, васоити ахбори омма гирифта шудаанд, ба шумор мераванд, беҳтар мефаҳманд.

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти ташхиси психологии оилаҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ба ислоҳи психологӣ ҳам кӯдакон ва ҳам волидони онҳо ниёз доранд: ба онҳо барои аз худ кардани малакаҳои ба инкишофи муносибатҳои мусбати кӯдакону волидон мусоидаткунанда ёрӣ расондан лозим аст.

Таҳлили омӯзиши ин масъала нишон дод, ки дар маҷмуъ андешаю консепсияҳои мавҷуда ба се нуқтаи сарфи қувва нисбат ба объекти муносибатҳои кӯдакону волидон ё се ҷанбаи ҳамкорӣ: функсионалӣ, шахсӣ ва маъноӣ ишора мекунанд [7].

Ҷанбаи функсионалии ҳамкорӣ бо волидон таҳлили муносибатҳои волидону кӯдаконро аз нуқтаи назари амал пешбинӣ менамояд; волидон (модар, падар) ба фаъолияти ҳамоҳангу пайиҳам (тарбияи фарзанд) дохил шудаанд, ки бошуурона ё бешуурона ба мақсаде тобеъ гардида, ба он ноил шудан натиҷаи муайян медиҳад (иҷтимоикунонии кӯдак). Беҳтар гардондани натиҷаҳои тарбия баланд бардоштани самаранокии амалҳои волидонро пешбинӣ менамояд. Яъне, нуқтаи сарфи қувва дар таъсири ислоҳи ҳамон услуби тарбия аст, ки волидон онро нисбат ба кӯдак татбиқ мекунанд. Ин усули аён ва дастраси ҳамкории муассисаи таълимӣ бо волидон аст, ки дар он баёни ҷамъбастии муносибатҳои кӯдакону волидон аз ҳама муҳим буда, диққати асосӣ ба инкишофи шаклҳои тамоюли ба иҷрои функсияи тарбиявии оила монеашаванда равона мегардад.

Бинобар ин, қайд кардан лозим аст, ки қатори яклухти консепсияҳои мавҷуда шаклҳои чунин тамоюлро баррасӣ мекунанд. Чунончи, Э.Г. Эйдемиллер [11] тавсифи намудҳои тарбияи кӯдак; дараҷаи ҳимояи аз ҳад зиёд; қонеъгардонии эҳтиёҷот; талабот ба кӯдак; маҳдудиятҳо нисбат ба ӯ; нобоварии тарбиявии волидонро фарқ

мекунад. Дар асоси ин тавсифҳо тавсифи расмии услубҳои тарбия дода мешавад: ҳимояи аз ҳад зиёди бепарвоёна, ҳимояи аз ҳад зиёди бартаридошта, инкори ҳиссӣ, масъулияти баланди маънавӣ ва ҳимояи аз ҳад зиёд. А.Я.Варга [3] чунин типологияи кӯдакону волидонро фарқ мекунад: қабулкунандаю авторитарӣ, инкоркунанда бо падидаҳои ақибмонӣ, муносибати симбиозӣ ва симбиозию авторитарӣ, ки аз шакли пештара бо мавҷудияти назорати аз ҳад зиёд фарқ мекунад.

Саволи асосии таҳқиқотро, ки барои он дар доираи ҳамин усул ҷустуҷӯ сурат мегирад, ба таври зерин баён кардан мумкин аст: "Муносибатҳои кӯдакону волидон бояд чӣ гуна бошанд, то ин ки ба инкишофи кӯдак бештар мусоидат карда, ба мақсадҳои тарбияи ӯ ноил шуданро таъмин намоянд?" Идеяи асосии ёрии психологӣ ба тамоюли волидон ба системаи донишҳо дар бораи қонуниятҳои инкишофи синнусолии кӯдак, васеъ гардондани доираи таъсирҳои тарбиявӣ, омӯзондани усулҳои мутобиқи ҳамкорӣ бо кӯдак вобаста аст.

Ба камбудиҳои ин усули ҳамкорӣ бо волидон якхела будани онро нисбат додан мумкин аст. Дар педагогҳо васвасаи тасдиқи қолаби муайяни рафтори волидон пайдо мешавад. Дар ин ҷанбаи муҳокима ягонагии ҳар як шахси калонсол дар муносибат ба фарзанди худ, инчунин такрорнашавандагии муносибатҳои оилавӣ дар маҷмуъ ба назар гирифта намешавад. Аз ҳама муҳим, усули функсионалӣ имкониятҳои ислоҳии кор бо волидонеро, ки барои онҳо кӯдак ва муносибат бо ӯ аз ҳудуди ноил шудан ба мақсадҳои тарбия берун мебароянд, хеле маҳдуд мекунад. Ин ҳангоми канда шудани муносибатҳои заношӯӣ, бемории вазнини кӯдак, аз даст додани яке аз волидон ё яккаволидӣ мушоҳида мешавад.

Ҷанбаи шахсии ҳамкорӣ бо волидон ба он вобаста аст, ки бо пайдо шудани кӯдак дар оила ҳамсарон бошуурона ё бешуурона нақши асосӣ - нақши волидонро соҳиб мешаванд. Қобилияти биологии волид будан на ҳамеша ба омодагии психологӣ ба волид шудан мутобиқ аст. Дар ин усул эътироф мешавад, ки сифати тарбияи кӯдакон, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки волидон ба фарзанд таъсири психологӣ расондани худро то куҷо дарк мекунанд [5]. Яъне, нуқтаи сарфи қувва дар таъсири ислоҳӣ ташаккули омодагии шахси калонсолон ба муносибатҳои кӯдакону волидон аст. Ба дастоварди ҷиддии ин усули омӯзиши муносибатҳои кӯдакону волидон ошкор намудани мафҳуми волид шуданро нисбат додан мумкин аст.

Волид шудан дарки субъективии ягонагии маънавӣ бо ҷуфти никоҳӣ нисбат ба кӯдакони худ ва фарзандхоншудагон буда, сохтори умумии психологиро дар бар мегирад, ки ҳам дар сатҳи шахс ва ҳам дар сатҳи баландтар аз шахс зоҳир мешавад. Алоқаи таркибҳо дар сохтори волид шудан тавассути вобастагии ҷанбаҳои когнитивӣ, ҳиссӣ ва рафторӣ, ки шаклҳои психологии зоҳиршавии волид шудан мебошанд, сурат мегирад. Ташаккули волид шудан сарчашмаи мақсадҳои педагогӣ ва воситаи дар як вақт ба онҳо ноил шудан зимни баррасии оила ҳамчун системаи педагогӣ аст. Ташаккули психологию педагогии волид шудан дар системаи таҳқиқшаванда ба иқтидори педагогии оила асос меёбад ва ду ҷанбаро дар бар мегирад: ташаккули волид шудан ҳамчун воситаи тарбияи кӯдак ва ҳамчун падидаи ҷузъии иҷтимоикунонии кӯдак дар ҷанбаи баёни тасаввурот дар бораи нақшҳои оилавӣ, функсияҳои волидон ва зану шавҳар. Саволи асосии таҳқиқот дар доираи ҳамин усул чунин аст: "Хусусиятҳои инфиродию шахсии волидон бояд чӣ гуна

бошанд, то ин ки бошуурона ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамоҳанги кӯдакону волидон ва услуби шахсии тарбияи кӯдак дар оиларо таъмин карда тавонанд?” Идеяи асосии ёрии психологӣ ба оила ба ташаккули омодагии калонсолон ба муносибатҳои кӯдакону волидон, инкишофи сарфаҳмравӣ ба иҷрои нақши волидон, мувофиқати тасаввурот ва нишонаҳои рафтории волид шудан якҷоя бо ҷуфти никоҳӣ ба воситаи технологияҳои махсуси психологию педагогӣ, омӯзишҳо оид ба ин масъала дар асоси ҳамкории мутақобилаи падару модар вобаста аст. Ин ҷанбаи ҳамкорӣ бо волидон имкон медиҳад, ки хусусиятҳои инфиродии волидон ба назар гирифта шуда, бо таъсиррасонии мунтазам ба муносибатҳои кӯдакону волидон ҳамоҳангии онҳо таъмин карда шавад. Агар дар ҷанбаи функсионалӣ андешаи мутахассисони муассисаи таълимӣ дар бораи мавқеи кӯдак дар оила бештар зоҳирӣ бошад, дар ҷанбаи шахсӣ таъсири берунӣ (услуби таъсири тарбиявӣ) дар таносуб бо таъсири дохилӣ (сарфаҳмравӣ ба таъсири тарбиявӣ) баррасӣ карда мешавад. Агар дар ҷанбаи функсионалии ҳамкорӣ бо оила диққати асосии волидон ба мақсади ниҳоии тарбия, яъне ба сабаби татбиқи иқтидори муносибатҳои худ бо кӯдак равона шуда бошад, дар ҷанбаи шахсӣ ба чӣ гуна татбиқ шудани ин иқтидор диққат дода мешавад.

Ҷанбаҳои баррасишудаи ҳамкорӣ бо волидон, функсионалӣ ва шахсӣ, дар маҷмуъ имкон медиҳанд, ки вазифаҳои ислоҳӣ ва инкишофдиҳанда ҳал карда шаванд. Дар доираи ин усулҳо маҷмуи барномаҳои психологию педагогӣ ва технологияҳои кор бо волидон таҳия шуд, аз ҷумла, намудҳои гуногуни омӯзишҳо алоҳида барои калонсолон ва якҷоя бо кӯдакон. Ба камбудиҳои ин кор ҳолатҳои мураккабе дохил мешаванд, ки мутахассисон дар системаи маориф бештар дучор меоянд. Дар ҷаҳони имрӯза волид будан беш аз пеш душвор мегардад. Дар муносибатҳои волидону кӯдакон душвориҳое пайдо мешаванд, ки дар таҷрибаи кӯдакии калонсолони имрӯза набуданд.

Ин дар доираи мавзуи баррасии ҳамин боб чунин маъно дорад, ки ҷанбаи дохилии муносибатҳои кӯдакону волидон аҳамияти бештар касб мекунад ва усули маъноӣ ба ошкор намудани он равона шудааст. К.А.Абулханова-Славская [1] дар асоси идеяҳои С.Л.Рубинштейн ду намуди муносибатҳоро фарқ мекунад: муносибатҳои функсионалӣ ва муносибатҳое, ки дар тасдиқи арзиши шахси дигар асос ёфтаанд. Дар ҳолати якум шахси дигар ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботи муайян баррасӣ шуда, муносибат танҳо дар сатҳи рафтор амалӣ мешавад. Дар ҳолати дуюм яке аз шарикон ба шарики дигар ҳамчун ба шахсият муносибат мекунад, яъне ба хотири ӯ ҳамаи маҷмуи ҳуқуқу сифатҳои инсон эътироф мешавад, аз ҷумла, ҳуқуқи ба дигарон монанд набудан, мувофиқи манфиатҳои худ амал кардан, ҳуқуқи интихоби роҳи ҳаёти худ. Дар муносибатҳои кӯдакону волидон ҳарду намуди муносибатҳо татбиқ мешаванд. Кӯдак барои волидон ва волидон барои кӯдак, аз як тараф, ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботи худ баррасӣ мегарданд. Аз ин рӯ, дар бораи ҷиҳати моддии муносибатҳо сухан гуфтан мумкин аст. Аз тарафи дигар, таркиби маънавии муносибатҳои кӯдакону волидон вуҷуд дорад, ки дар он муоширати кушодаи шахсӣ дар байни волидон ва кӯдак мавҷуд буда, мақсади он пурра ошкор намудан ва инкишофи хусусиятҳои инфиродии ҳамдигар аст. Дар доираи ин усул масъалаи дарки муносибати волидон аз тарафи кӯдакон низ омӯхта мешавад: аввал аз нуқтаи назари таҳлили психологӣ тавассути мафҳуми “imago”

(А.Фрейд, З Фрейд), таҳқиқотҳои минбаъда дар маълумоти методикаҳои лоиҳа асос ёфтаанд (“Расми оила”, тести Р.Жиле ва ғ.).

Дар психологияи муосир баъди мутобиқгардонии саволномаи “Наврасон дар бораи волидон”-и Л.И. Вассерман ва И.А. Горкова [4, с.] ва таҳияи варианти кӯдаконаи методикаи “Ҳамкории волидон бо кӯдак”-и И.М. Марковская [8] ин таҳлил хусусияти аниқтар касб кард. Саволи асосии таҳқиқотии ин усул чунин аст: “Муносибатҳои кӯдакону волидон дар ҳаёти шахси мушаххас кадом нақшро мебозанд ва вобаста ба мавқеи иштирокчиён кадом маъноро ба худ мегиранд?” Ҳангоми расондани ёрии психологӣ ба волидон пешниҳод карда мешавад, ки ба ташаккули таҷрибаи мусбати худҳаммонандкунӣ дар нақши волидон мусоидат намуда, муносибатҳои кӯдакону волидонро дар лаҳзаҳои буҳронии инкишофи онҳо ҳамроҳӣ кунанд.

Ҳамин тавр, муносибатҳои кӯдакону волидонро аз нуқтаи назари гуногуни методологӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Ҷанбаи функсионалӣ имкон медиҳад, ки ин падида аз нуқтаи назари гирифтани натиҷаи муфиду мувофиқ таҳлил карда шуда, баланд бардоштани самаранокии онро пешбинӣ менамояд. Ҷанбаи шахсӣ ба мувофиқати таркибҳои когнитивӣ, ҳиссӣ ва рафторӣ диққат дода, ташаккули ҳамоҳангиро дар муносибатҳои кӯдакону волидон пешбинӣ менамояд. Нуқтаи назари падидашиносӣ ба ҷанбаи арзишию маъноии ин муносибатҳо диққат дода, таъмини такмили муайянро пешбинӣ менамояд.

**Муқарриз: Рамазонова Р.С.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абульханова-Славская К.А. Стратегия жизни / К.А. Абульханова-Славская. – М.: Мысль, 1991. - 298 с.
2. Безруких М.М. Как помочь первокласснику хорошо учиться: Для учащихся 1-4 классов / М.М.Безруких, С.П.Ефимова, Б.С.Круглов. -М.: Педагогика, 2003. – 192 с. (2)
3. Варга А.Я. Роль родительского отношения в стабилизации детской невротической реакции (на примере энуреза) / А.Я.Варга // Вестник МГУ. Психология. 1985. -№4.
4. Вассерман Л.И., Горьковая И.А., Ромицына Е.Е. Психологическая методика «Подростки о родителях» и ее практическое применение / Л.И.Вассерман, И.А.Горьковая, Е.Е.Ромицына. -М.: Фолиум, 1994. 56 с. Л.И. Вассерман и И.А. Горьковой.
5. Девятых, Сергей Юрьевич Особенности представлений о родительстве в юношеском возрасте: Анализ гендерных различий: диссертация... кандидата психологических наук: 19.00.07 Смоленск, 2006.
6. Кряжева Н.Л. Развитие эмоционального мира детей. Популярное пособие для родителей и педагогов. - Ярославль: Академия развития, 1996. - 208 с.
7. Мальтиникова Н.П. Методологические приоритеты рассмотрения детско-родительских отношений в системе взаимодействия образовательного учреждения с семьёй / Н.П. Мальтиникова // Методология педагогики: актуальные проблемы и перспективы. – Челябинск. – 2009. – С. 122–125.
8. Марковская И. М. Тренинг взаимодействия родителей с детьми/ И. М.Марковская. -СПб.: ООО Издательство «Речь», 2000. - 150 с.
9. Психологические тесты. Ред. А.А.Карелин – М., 2001, Т.2., С.130-143 Е.С.Шефер, Р.К.Белл, 1985
10. Савонько Е. И. Возрастные особенности соотношения ориентации школьников на самооценку и на оценку другими людьми. автореф. канд. дис / Е. И. Савонько. -М., 1970. – 81-111 с.
11. Эйдемиллер Э. Г. Методы семейной диагностики и психотерапии / Э. Г. Эйдемиллер. - М.: Международная пед. академия, 1996. - 228 с.


## МУНОСИБАТИ ВОЛИДАЙН БО ФАРЗАНДОН ЯКЕ АЗ МАСОИЛИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ МУОШИРАТ

Тавре ки тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, (муносибати волидайн яке аз нишондиҳандаҳои муносибати волидайн ба фарзандон мебошад, ки бо инҳо тавсиф мешавад: дараҷаи сарпарастӣ (ҳаҷми кӯшиш, таваҷҷӯҳ ва вақти барои таълим сарфшуда); дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи кӯдак; миқдор ва сифати талабот нисбат ба кӯдак дар оила (дараҷаи талабот – вазифаҳо, талабот – мамнӯиятҳо, инчунин вазнинии муҷозот). Дар робита ба ин, ҳам равоншиносон ва ҳам омӯзгорон розӣ ҳастанд, ки муносибати мувофиқи волидайн нисбат ба кӯдак бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад:

мувофиқат (баҳодиҳии воқеии хислатҳо, амали кӯдак, қобилияти дидан, фаҳмидан ва фаҳмидан. дастгирии шахсияти ӯ); чандирӣ (хохиш ва қобилияти тағйир додани услуби муошират, роҳҳои таъсиррасонӣ ба кӯдак баробари калон шудан, тағйир додани шароити зиндагӣ ва ғ.); пешгӯӣ кардан (ба вазифаҳои фардо бо назардошти пешомадҳои инкишофи кӯдак). Талаби дигари муҳим ҳамоҳангсозии амалиёти калонсолони аз ҷиҳати иҷтимоӣ (падар, модар, модаркалон ва ғайра) дар татбиқи таъсири тарбиявӣ ба кӯдак, ташкили ҳаёти ӯ мебошад. Инчунин, асоси микроиқлими оилавӣ муносибатҳои байнишахсӣ мебошанд, ки сатҳи муошират волидайн бо фарзанд, дар маҷмӯъ услуби тарбияи фарзандонро ифода мекунанд. Донистани навъҳои тарбия, хусусиятҳои тавсифии ҳар яки онҳо ҳам барои мутахассисон ва хам барои волидони кӯдакон хеле муҳим аст. Таснифи маъмултарин дар илм чунин аст: авторитарӣ, демократӣ, иҷозатдиҳӣ. Имрӯз аҳамияти фарҳанги педагогии волидайн дар нерӯи тарбиявии оила, ташаккули муносибати мусбати онҳо нисбат ба фарзандон меафзояд, вале таҳлили таҷрибаи мавҷудаи тарбияи оилавӣ нишон медиҳад, ки аксари волидон синну солро намедонанд. ва хусусиятҳои психологии фарзандонашон хуб буда, онҳо на ҳама вақт мушкилиҳоеро, ки дар муошират бо онҳо ба миён меоянд, равшан баён карда наметавонанд, дар муайян кардани афзалиятҳои тарбия ва инкишофи шахсияти кудак душворӣ мекашанд.

**Калидвожаҳо:** ташаккули шахсият, муносибати волидайн, иҷтимоӣ, рушди равонӣ, ёрии равонӣ, муассисаи таълимӣ.

## РОДИТЕЛЬСКОЕ ОТНОШЕНИЕ С ДЕТЬМИ КАК ОДНА ИЗ ОСНОВНЫХ ПРОБЛЕМ ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕНИЯ

Как показывают научные исследования, родительская позиция (установка) является одним из показателей родительского отношения к детям, для которого характерны: уровень протекции (количество сил, внимания и времени, затраченных на воспитание); степень удовлетворения потребностей ребенка; количество и качество требований к ребенку в семье (степень требований-обязанностей, требований-запретов, а также строгость санкций). В связи с этим и психологи, и педагоги едины в том, что оптимальная родительская установка (позиция) по отношению к ребенку должна соответствовать ряду требований: адекватность (реальная оценка особенностей, действий ребенка, умение увидеть, понять и поддержать его индивидуальность); гибкость (готовность и способность изменить стиль общения, способы воздействия на ребенка по мере его взросления, изменение условий жизни и т.п.); прогностичность (ориентация на задачи завтрашнего дня с учетом перспектив развития ребенка). Важно и такое требование, как согласованность действий социально ответственных взрослых (отец, мать, бабушка и др.) при осуществлении воспитательного воздействия на ребенка, организации его жизнедеятельности. Также основой семейного микроклимата являются межличностные отношения, которые выражают уровень детско-родительского общения, в целом стиль воспитания детей. Как специалистам, так и родителям детей очень важно знать типы воспитания, характерологические особенности каждого из них. Наиболее распространенной классификацией в науке является следующая: авторитарный, демократический, попустительский. Сегодня значимость педагогической культуры родителей в воспитательном потенциале семьи, в формировании их позитивного отношения к детям возрастает, тем не менее, анализ сложившегося опыта семейного воспитания показывает, что многие родители плохо знают возрастные и психологические особенности своих детей, не всегда могут четко сформулировать возникающие проблемы в общении с ними, затрудняются в определении приоритетов воспитания и развития личности ребенка.

**Ключевые слова:** развитие личности**,** родительское отношение, социализация, психологическое развитие, психологическая помощь, образовательное учреждение**.**

## PARENTAL RELATIONSHIP WITH CHILDREN AS ONE OF THE MAIN PROBLEMS OF FORMING COMMUNICATION

As scientific studies show, parental position (attitude) is one of the indicators of parental attitude towards children, which is characterized by: the level of patronage (the amount of effort, attention and time spent on education); degree of satisfaction of the needs of the child; the quantity and quality of requirements for a child in the family (the degree of requirements-duties, requirements-prohibitions, as well as the severity of sanctions). In this regard, both psychologists and teachers agree that the optimal parental attitude (position) in relation to the child must meet a number of requirements: adequacy (a real assessment of the characteristics, actions of the child, the ability to see, understand and support his personality); flexibility (willingness and ability to change the style of communication, ways of influencing the child as he grows up, changing living conditions, etc.); predictability (orientation to the tasks of tomorrow, taking into account the prospects for the development of the child). Another important requirement is the coordination of the actions of socially responsible adults (father, mother, grandmother, etc.) in the implementation of the educational impact on the child, the organization of his life. Also, the basis of the family microclimate is interpersonal relationships that express the level of parent-child communication, in general, the style of raising children. It is very important for both specialists and parents of children to know the types of upbringing, the characterological features of each of them. The most common classification in science is the following: authoritarian, democratic, permissive. Today, the importance of the pedagogical culture of parents in the educational potential of the family, in the formation of their positive attitude towards children is increasing,

however, the analysis of the existing experience of family education shows that many parents do not know the age and psychological characteristics of their children well, they cannot always clearly articulate the problems that arise in communicating with them, find it difficult to determine the priorities for the upbringing and development of the child's personality.

**Key words**: personality development, parental attitude, socialization, psychological development, psychological assistance, educational institution.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Маҷидов Парвизҷон Имомназарович* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти Ph.D кафедраи умумидонишгоҳии психология. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
***Дадобоева Мадина Солибоевна* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.

**Сведения об авторах:** ***Маджидов Парвизджон Имомназарович*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант Ph.D общеуниверситетской кафедры психологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.

**Information about the authors:** ***Majidov Parvizjon Imomnazarovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Ph.D student of the University Department of Psychology. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121.
***Dadoboeva Madina Soliboevna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121.

**УДК:371.851**

# АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ ҲАМЧУН РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА

***Алимухамедов М.Р.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Раванди дигаргуниҳои амиқе, ки дар соҳаи маорифи муосир ба амал меоянд, масъалаи эҷодкорӣ, рушди тафаккури эҷодро, ки ба ташаккули иқтидори эҷодии шахсият мусоидат мекунад ва бо асолат, аслӣ будан фарқ мекунад, инчунин равишҳои навро тақозо мекунад дар авлавияти раванди таълим қарор медиҳад.

Аз ин нуқтаи назар, меҳвари консепсияи имрӯзаи соҳаи маорифи Тоҷикистонро масъалаи тарбияи шахсияти мутахассиси оянда ташкил медиҳад. Дар ин ҷода натиҷаи худомӯзӣ ва такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ метавонад омӯзгорро ба шароитҳои тағйирпазири иҷтимоӣ мутобиқ гардонад.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии таҳсилот ба омӯзгорони оянда омӯзонидани роҳу усулҳои таълим ва бедор кардани шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии онҳо мебошад, ки ин ҳама бевосита ба инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорони оянда иртибот хоҳад дошт.

Ҷорикунии технологияҳои иттилоотӣ тавассути воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мешавад, ки барои бедор кардани салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ таъсир хоҳад расонд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба воридкунии технологияҳои иловагии интерактивӣ мусоидат мекунад. Афзалияти технологияҳои интерактивии таълим аз баланд намудани сифати омӯзиши маводҳои таълимӣ, бедоркунии шавқ ба таълим, ташкили муносибати боваринок иборат аст. Алалхусус, ҷорикунии технологияҳои интерактивӣ дар раванди таълим ба ташаккулёбии эҷодкорӣ, қобилияти пешниҳоди нуқтаи назар ва ба ташкили фаъолияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд.

Мавзуе, ки мо рӯйи он кор карда истодаем, асосҳои дидактикии ташаккули фаъолияти маърифатӣ ҳамчун рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён дар дарсҳои математика ва соатҳои беруназсинфӣ тавассути ҷорӣ намудани унсурҳои технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Аҳамияти масъалаи ташаккули эҷодии шахсияти донишҷӯро талаботи муосир ба мазмуни таълим муайян мекунад. Донишҷӯ дар раванди таълим бояд на танҳо дониш ва малакаҳои зарурирo аз худ кунад, балки таҷрибаи муносибати эҳсосӣ ва арзишӣ ба раванди шинохти худ ва таҷрибаи фаъолияти мустақили эҷодиро инкишоф диҳад. Омӯзиш раванди мураккаб буда, он, пеш аз ҳама, фаъолияти омӯзгор ва фаъолияти донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Ҳангоми кор дар ин масъала мушоҳида кардем, ки дар адабиёти муосири педагогӣ аксар вақт дар бораи зарурати фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии донишҷӯён, дар бораи зарурати инкишофи тафаккури эҷодӣ менависанд, вале дар айни замон мафҳумҳои фаъолият ва тафаккури эҷодӣ абстрактӣ дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти эҷодӣ, чуноне ки равоншиносон қайд мекунанд, ба раванд ва натиҷаи омӯзиш, инчунин ба тафаккур, тасаввурот, хотира, таваҷҷуҳ таъсири мусбат мерасонад, ки дар зери таъсири эҷодкорӣ фаъолият ва самти махсус пайдо мекунанд.

Ба назари мо, математика барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён қулайтарин фан аст. Тарбияи тафаккури эҷодӣ дар донишҷӯён дар давоми тамоми давраи таҳсил пайваста сурат мегирад ва ба маҳорати пурра баҳогузорӣ кардан, нишон додани чизи асосӣ ва муҳим, қобилияти мулоҳиза кардан, исбот кардан, пайдо кардани роҳҳои оқилонаи иҷрои супоришҳо, хулосаҳои дахлдор баровардан, ҷамъбаст кардан асос меёбад ва ҳангоми ҳалли масъалаҳои мушахасс мусоидат мекунад.

Даркккунӣ раванди иҷтимоию таърихии фаъолияти инсон буда, ба инъикоси воқеияти объективӣ дар шуури инсон, муносибати ҷовидонӣ, беохири тафаккур ба объект нигаронида шудааст. Фаъолият як намуди мушаххаси шахси фаъол мебошад, ки ба дониш ва тағйир додани олами атроф, аз ҷумла худ ва шароити ҳастии ӯ нигаронида шудааст. Фаъолият робитаи фаъоли байни воқеияти атроф ва таъсири он ба инсон мебошад.

Тадқиқоти А.Леонтев, Б.Теплов, С.Рубинштейн нишон доданд, ки равандҳои равонӣ дар фаъолият инкишоф ёфта, сифатҳои равонӣ, ихтиёрӣ ва эмотсионалӣ ташаккул ёфта, қобилият ва характери шахс такмил меёбанд [9].

Фаъолияти маърифатӣ омӯзиши фаъоли воқеияти атроф аз ҷониби шахс мебошад, ки дар рафти он фард дониш андӯхта, қонунҳои мавҷудияти олами атрофро меомӯзад ва на танҳо муошират бо он, балки ба таври мақсаднок таъсир расониданро низ меомӯзад.

А.Г. Литвак, А.Р. Лурия, В.И. Селиверстов, М. Певзнер ва дигарон фаъолияти маърифатиро майлу хоҳиши табиии бачагони синни томактабӣ ба дониш дониста, чунин мешуморанд, ки инсон майли донишро дорад ва ин хоҳиш дар кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳаёт зуҳур мекунад.

Фаъолияти маърифатӣ бо фаъолияти маърифатии донишҷӯ, мавқеи фаъоли дигаргунсозандаи ӯ ҳамчун субъекти ин фаъолият хос аст, ки қобилияти дидан ва мустақилона гузоштани вазифаҳои маърифатӣ; нақшаи чорабиниҳоро муайян кардан; интихоби роҳҳои ҳалли мушкилот; ба натиҷаҳо ноил гардиданд ва таҳлил кардани онҳоро фаро мегирад.

Ба гуфтаи Т.И. Шамова, фаъолияти маърифатӣ ба як саъю кӯшиши одии неруҳои интеллектуалӣ ва ҷисмонии донишҷӯён кам карда намешавад. Сифати фаъолияти шахс ба ҳисоб меравад, ки дар муносибати донишҷӯ ба мундариҷа ва раванди фаъолият, дар кӯшиши ӯ барои азхудкунии самараноки дониш ва усулҳои фаъолияти муносиб, сафарбар намудани ҳисси ахлоқӣ ва маънавӣ зоҳир гашта, кӯшишҳои ихтиёрӣ ба ҳадафҳои таълимӣ ва маърифатӣ ноил шуданро дар назар дорад [13, с. 14].

Я.А. Коменский, И.Г. Песталотсий, И.П. Подласий қайд мекунанд, ки инкишофи фаъолияти маърифатӣ ба раванди мураккаб, ҳаракат аз сода ба мураккаб, аз нокомил ба комил ишора мекунад. Инкишофи фаъолияти маърифатӣ воситаи васеъ намудани ҷаҳонбинии шахс ва ташаккули шахс, имкони муоширати бомуваффақият ӯ бо ҷомеа мебошад. Фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ, ба қавли В.Окон, агар донишҷӯ дар мушкилот ғӯта занад, ба ҳалли он муваффақ мешавад.

Ҳангоми истифодаи бозиҳои маърифатӣ дар синф мо метавонем ба натиҷаҳои баланд ноил гардем.

Сабаби фаъолияти маърифатӣ дар донишҷӯён бо ниёзҳои фаъолият, пеш аз ҳама, бозӣ муайян карда мешавад. Дар бозӣ фаъолияти маърифатӣ бештар дар донишҷӯён зоҳир мешавад. Ба гуфтаи Н.И. Новиков ва А.С. Макаренко, усулҳои методиро барои ҳавасмандгардонии раванди фаъолияти маърифатӣ ба вуҷуд овардани фарзияҳо, гузоштани саволи ҷолиб, муаррифии маводи нав, дидани тасвирҳое, ки саволҳоро ба вуҷуд меоранд ва ғайра истифода бурдан лозим аст. Онҳо чунин мешумориданд, ки ҳаёт ва кори донишҷӯён бояд ҳама бо шавқу завқ фаро гирифта шаванд, мазмуни кори тарбиявиро шавқу завқи донишҷӯ муайян мекунад.

Принсипи асосии фаъолияти маърифатӣ огоҳӣ ва фаъолият дар раванди азхудкунии дониш мебошад. Вазифаи асосии фаъолияти маърифатии донишҷӯ ин ташаккули дурусти эҳтиёҷот ва қобилияти фаъолона бартараф намудани душвориҳо, фикр кардан ва ҳалли масъалаҳои гуногун мебошад.

Донишҷӯён захираҳои назарраси рушд доранд, ки ба гуфтаи В. Мухин, ба рушди ҳамаҷонибаи донишҷӯ имкон медиҳад, ки ба раванди таълим бомуваффақият ворид шавад ва бо ҷаҳони беруна муошират кунад. Дар ин синну сол дар раванди инкишофи хотира ва нутқ қолабҳои вобаста ба синну сол ташаккул меёбанд. П.П. Блонский ва А. Смирнов қайд мекунанд, ки хотира дар ин давра ғайриихтиёрӣ аст, донишҷӯ ба ёд меорад, ки ӯ ба чӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мутаассир мешавад [3, с. 144].

Дар донишҷӯ оид ба фаъолияти амалӣ таҷрибаи зиёд андӯхта мешавад, сатҳи дарк, хотира, тафаккур кифоя аст, ҳисси боварӣ ба худ баланд мешавад. Ин дар гузоштани мақсадҳои мураккабтар ифода меёбад.

Л.В. Занков навишта буд: «...равандҳои тафаккур бевосита ба шинохти эҳсосии воқеият асос ёфта, танҳо таҳлил ва синтези ибтидоии маълумотҳои таҷрибаи эҳсосиро ифода мекунанд» [7, с. 56].

Дар донишҷӯ фаъолияти маърифатӣ бо як падидаи мураккаб тавсиф мешавад, ки инкишофи тамоми равандҳои маърифатиро (тафаккур, дарк, тасаввурот, хотира) дар бар мегирад.

Муҳим аст, ки донишҷӯ ҳангоми анҷом додани фаъолияти маърифатӣ ҳавасманд гардад, ки ба рушди зеҳн мусоидат кунад. Хусусиятҳо ё хосиятҳои ашё барои донишҷӯ объекти таваҷҷуҳи махсус мегарданд ва ба категорияҳои фаъолияти маърифатӣ табдил меёбанд.

Л И. Божович, А.В. Запорожетс қайд мекунад, ки муносибати донишҷӯ ба фаъолияти маърифатӣ бо асолати муайян хос аст, ҳалли масъалаи зеҳнӣ дар доираи фаъолияти махсуси маърифатӣ ба амал намеояд, аммо ин фаъолият бо сабабҳои амалӣ ва бозигарӣ бармеангезад [8, с. 96].

Донишҷӯ вазифаҳои махсуси маърифатӣ дорад ва вазифаи омӯзгорон аз он иборат аст, ки ба кӯшишҳои донишҷӯ барои гузаронидани фаъолияти маърифатӣ бодиққат муносибат кунанд. Яке аз роҳҳои асосии инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯ васеъ ва ғанӣ гардондани таҷрибаи ӯ, инкишофи шавқу ҳавас мебошад. Дар ин бобат саёҳатҳо, шаклҳои гуногуни таҷрибаи донишҷӯён самараи калон медиҳанд.

Дар ин давра кунҷковӣ низ арзишманд аст. А.И. Сорокина кунҷковиро чун «...тамоюли умумӣ, муносибати мусбат ба доираи васеи падидаҳо» муайян мекунад.

Кунҷковӣ бо майли донишҷӯ ба фаротар аз он чизе, ки дидааст, бевосита дарк мекунад, хос аст.

Шарти асосие, ки сатҳи баланди фаъолияти маърифатиро таъмин мекунад, муҳити пур аз иттилоот, аз ҷумла имкони фаъолияти ҷисмонӣ дар он мебошад ба фаъолияти маърифатии донишҷӯёни курсҳои боло инҳо хос аст: хоҳиши ноил шудан ва ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ; шавқ оид ба омӯзиши усули пешниҳодшудаи амал; таҷрибаи мусбати эмотсионалӣ.

Донишҷӯёни курсҳои боло мустақилона ҷойи худро муайян мекунанд ва фаъолияти худро ба шинохт, таҳияи усулҳои махсуси моделсозӣ равона мекунанд. Донишҷӯ ҳангоми гузаронидани фаъолияти маърифатӣ таҷрибаҳо мегузаронад, ашё ва падидаҳоро амалан табдил дода, малакаҳои эҷодӣ нишон медиҳад, хосиятҳо, робитаҳо ва вобастагии навро ошкор мекунад. Донишҷӯ қобилияти зина ба зина амал карданро дар вазъияти додашуда пайдо мекунад, пас аз ҳар марҳила таҳлили ҳодисаҳои рухдода ва хулосабарорӣ мекунад, ки ӯ бояд қадами ояндаро гузорад [11].

Аз нуқтаи назари С.Л. Рубинштейн ва Б.Г. Ананев равандҳои психологие, ки ба шавқи маърифатӣ дохил мешаванд, на маҷмуи истилоҳот, балки алоқаҳои махсус, муносибатҳои хос мебошанд. Шавқ «хӯлаи»-и бисёр равандҳои равонӣ мебошад, ки оҳанги махсуси фаъолият, ҳолатҳои махсуси шахсиятро ташкил медиҳанд (шодӣ аз раванди таълим, хоҳиши фаро гирифтани мавзуъ, фаъолияти маърифатӣ, таҷрибаҳои ноком ва саъю кӯшиш барои рафъи онҳо) [11, с. 89].

Г.И. Щукина, онро чунин таъриф пешниҳод мекунад: «Шавқу рағбати маърифатӣ дар назди мо ҳамчун самти интихобии шахсият пайдо шуда, ба соҳаи маърифат, ба ҷанбаи субъектиаш ва худи раванди аз худ намудани дониш рӯ овардааст» [14, с. 36].

Шумилова Н.С. чунин таъкид мекунад: "Фаъолиятҳои тазаккурӣ-тақлидӣ, ҷустуҷӯйӣ-иҷрокунанда ва эҷодкорӣ, бо ин васила заминаи методологиро барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён фароҳам меорад" [15, с. 209] .

Дар ин ҷо тақсимоти сатҳҳои фаъолияти маърифатӣ ба таснифоти усулҳои таълим мувофиқат мекунад. Т.И. Шамова низ се сатҳи фаъолияти маърифатиро муайян карда, вале онҳоро на аз рӯйи усулҳои таълим, балки аз рӯйи қолаби амал: бозсозӣ, тафсирӣ ва фаъолияти эҷодӣ муайян мекунад [13, с. 18].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил метавон гуфт, ки фаъолияти маърифатӣ фаъолияти фаъоли азхудкунии дониш ва малака мебошад. Донишҷӯ аз овони хурдсолӣ фаъолияти маърифатиро анҷом дода, барои ташаккули шахсияте замина мегузорад, ки мустақилона фикр мекунад, вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал мекунад, ғояҳои нав пешниҳод карда, онҳоро дар ҳаёт самаранок татбиқ менамояд.

Ба туфайли фаъолияти маърифатӣ донишҷӯ донишу малакаҳоеро, ки дар ҷараёни бозӣ ва донишу малакаҳоеро, ки дар ҷараёни таълими махсус аз худ кардан мумкин аст, ба даст меорад.

Дар рафти фаъолияти маърифатӣ донишҷӯён дар шароити пешниҳодшуда мавқеи муайянеро ишғол намуда, амалҳо ва вариантҳои гуногуни ҳалли масъаларо такмил мекунанд. Натиҷаи инкишофи фаъолияти маърифатӣ омодагии донишҷӯёнро ба муассисаҳои таълимии олӣ, нишон медиҳад ва ба ташаккули фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад.

Эҷодкорӣ ба тафаккури дивергентӣ, яъне тафаккуре асос ёфтааст, ки бо чанд роҳ ҷудо мешавад. Вақте ки як масъала бо зиёда аз як роҳ ҳал мешавад, он фаъол

мешавад, ки ҳар яки онҳо метавонанд дуруст бошанд. Маҳз бисёр будани қарорҳо имкони дарёфти ғояҳои аслиро ба вуҷуд меорад. Ташаккули тафаккури эҷодии донишҷӯён дар раванди омӯзиши математика низ яке аз вазифаҳои муҳим мебошад.

Инкишофи тафаккур марҳилаи муҳимтарини онтогенези инкишофи инсон ва алалхусус дар фаъолияти тарбиявии ӯ ба ҳисоб меравад, зеро хусусияти тафаккур васеъ намудани ҳудуди дониши мо, кушодани моҳияти падидаҳои аз берун иқдомшаванда мебошад. Тафаккур робитаи байни ашё ва ҳодисаҳо, муносибати онҳо бо ҳамдигар, хосият ва моҳияти онҳо, ҳамаи он чизеро, ки бевосита дар эҳсос ва дарк дода нашудааст, инъикос менамояд. Аллакай дар дарки воқеият, хосиятҳо ва предметҳо дар муносибатҳо, комбинатсияҳо, робитаҳои муайян дода мешаванд, вале онҳо дар як ягонагии ҷудонашаванда вуҷуд доранд.

Майна на танҳо узвест, ки таҷрибаи пештараи моро нигоҳ медорад ва такрор мекунад, он инчунин узвест, ки аз унсурҳои ин таҷрибаи пештара мавқеъ ва рафтори навро ба ҳам мепайвандад, эҷодкорона коркард ба вуҷуд меорад [5 с. 5]. П.П.Блонский дар пажуҳишаш ба хулосае меояд, ки эҷодкорӣ, албатта, раванди бошууронаест, ки пеш аз кори бешууронаи тахайюлот сурат гирифта, боиси образҳои равшану эҳсосотӣ мегардад, ки онро илҳом, фаҳмиш, интуисияи эҷодӣ меноманд [6, с. 80].

Тафаккури эҷодӣ бевосита ба сифати иттилооти гирифташуда ва дарки он вобаста аст. Р.Арнхайм менависад: «Унсурҳои тафаккур дар дарк ва дар тафаккур якдигарро пурра мекунанд. Онҳо шинохти инсонро ба як раванди ягона табдил медиҳанд, ки ногусастанӣ аз ба даст овардани иттилооти элементарӣ ҳиссиётӣ ба ақидаҳои назариявии умумишуда мебарад» [2, с. 98].

Ҳангоми таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ якчанд нуқтаи назарро дар бораи мафҳуми «эҷодкорӣ» ҷудо кардан мумкин аст, аммо мо таърифи В.Н. Пушкинро ҷонибдорем: «Эҷодкорӣ фаъолияти мақсаднокест, ки хосси ҳар як шахс аст, ки бо асолат, самт, тафаккури қолабӣ ифода карда нашудааст ва барои ба даст овардани хосиятҳои нав, муҳим, сифатҳо аз расму равандҳои шинос, инчунин амалӣ намудани имкониятҳои худ дар зеҳни эмотсионалӣ, нигаронида шудааст”.

Тафаккури эҷодии донишҷӯён ҳамчун тафаккуре муайян карда мешавад, ки барои интиқоли дониш ва малака ба ҳолатҳои нав ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ нигаронида шудааст. Шумораи вазифаҳое, ки асбобҳои офаридашуда ба онҳо татбиқ карда мешаванд, ҳар қадар зиёд бошад ва дараҷаи тафаккури эҷодӣ ҳамон қадар баланд мешавад.

Сарфи назар аз тадқиқот ва корҳои зиёд, яке аз саволҳои асосӣ ҳалношуда мемонад: Оё ташаккули тафаккури эҷодӣ имконпазир аст? Оё ин раванди маърифатӣ аз ҷиҳати ирсӣ муайян шудааст ё ба муҳити атроф вобаста аст? Оё истеъдодро «аз сифр» тарбия кардан мумкин аст? Оё тафаккури эҷодӣ, истеҳсоли шакли олии тафаккур, синтези ҳама навъҳои он аст ё ин як намуди тафаккури алоҳида аст? Дар айни замон саволи баҳсбарангез боқӣ мемонад, ки оё раванди эҷодӣ барои ҳама “меъёрӣ” аст, ин ки дар ҳар як фард зуҳуроти қавитар ё заифтар дорад ё танҳо дар лаҳзаҳои муайяни вақт, вақте ки шароитҳои муайян мувофиқат мекунанд, барои шахсони алоҳида дастрас аст.

Усули назорат ва «омӯзонидани» раванди эҷодӣ вуҷуд дорад. Раванди таълими фанҳои аёнӣ дар таҳсилоти муосир як системаи бисёрҷанба ва марҳилавӣ буда, на танҳо шумораи зиёди мавзуъҳои омӯзишӣ, балки усулҳои таълими онҳоро дар ҳама

сатҳҳо, аз қабили муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, муаммои тафаккури эҷодӣ таърихи дурудароз ва баҳсталаб дорад ва боиси мубоҳисаҳои зиёд гардидааст. Диққати мутафаккирони ҳамаи давраҳои инкишофи маданияти ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Таърихи омӯзиши он беш аз ду ҳазор сол дорад. Таваҷҷуҳи амиқ ба ин мавзуъро аз рӯйи хоҳиши эҷод кардани «назарияи эҷодкорӣ», дурусттараш, кӯшиши чандинкаратаи сохтани он, баҳо додан мумкин аст. Ин кӯшишҳо ба таври қатъӣ аз нав истеҳсоли илмии қонунҳои воқеияти объективӣ набуданд, онхо низоми аз ҷиҳати мантиқӣ мукаммали донишро ифода намекарданд. Дар аксари мавридҳо онҳо воқеиятро дар сатҳи падидаҳо фаро мегирифтанд, тавсиф мекарданд. Ҷовидонии ин муаммо дар худи иқтидори ташаккули қобилиятҳои ҳақиқии инсон, дар шаклҳои беохир, зуҳурот ва татбиқи онҳост. Аз ин ҷост, ки эҷодкориро ҷузъи таркибии муаммоҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии тараққиёти ҷамъият донистан лозим аст.

Дар натиҷаи ҳамаи ин зарурати дарёфт намудани воситаҳои инкишофи тафаккури эҷодӣ - қобилияте, ки ҳарчанд ба дараҷаҳои гуногун бошад. Ҳангоми таҳлили сатҳҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён метавон ба хулосае омад, ки гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба рушди фаъолияти маърифатӣ тамоюли мусбат дорад.

**Муқарриз: Раҷабова С.Ҷ.- н.и.п., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Ананьев Б. Г. Познавательные потребности и интерес. Учебник / Б.Г. Ананьев. - Ленинград. 1959.-150с.
2. Арнхейм Р. Визуальное мышление. Учебное пособие/ Р. Арнхейм. -М.: 1981. -98с.
3. Блонский П.П. Избранные педагогические произведения. Учебное пособие / П.П. Блонский. -М.: Изд. А.П.Н., 2007. -615 с.
4. Герд А.Я. Избранные педагогические труды. Учебник / А.Я. Герд. -М.: Академия педагогических наук, 2007. -206 с.
5. Глебова М.В. Система дидактических условий развития продуктивного мышления учащихся. Учебное пособие / М.В. Глебова. –М.: 2011. –160с.
6. Ермакова Ж.Е. Становление и развитие проблемы творческого мышления в отечественной и зарубежной науке/ Ж.Е Ермакова // Вестник ЧГПУ 6. 2009.
7. Занков Л.В. Избранные педагогические труды. Учебное пособие / Л.В. Занков. -М.: Альянс, 2010. -215 с.
8. Запорожец А.В. Современная наука о детях. Учебное пособие. - М.: Центр «Дошкольное детство», 2005. -172 с.
9. Рубинштейн С. Л. Основы общей психологии. Учебное пособие. -СПб.: Питер, 2002. -712с.
10. Тишук Я.В. Особенности использования современных педагогических технологий для активизации познавательной деятельности учащихся / Я.В. Тишук // Конструирование оптимального образовательного пространства «учащийся — преподаватель»: проблемы и находки: материалы науч. практ. конф., Лида, 14 ноября 2007г / ГрГУ им. Я.Купалы; отв. ред. А. В. Богданович. – Гродно: ГрГУ, 2008. - С. 185-190.
11. Федеральный государственный образовательный стандарт начальной школы (от 06.10. 2009 № 373). [Электронный ресурс]: Официальный сайт министерства образования РФ. Режим доступа: http://www.pravo.gov.ru/news/2014.08/news_0608. html/ (дата обращения: 25.03.2017).
12. Федеральный закон «Об образовании в Российской Федерации» (от 29 декабря 2012 г. № 273-ФЗ. [Электронный ресурс]: Правовая навигационная система «Кодексы и законы РФ». Режим доступа: http://www.zakonrf.info/zakon-ob-obrazovanii-v-rf/, свободный/ (дата обращения: 25.03.2017).
13. Шамова Т.А. Активизация учения школьников. Учебное пособие /Т.А. Шамова. - М.; Педагогика, 1982. -170с.
14. Щукина Г.И. Активизация познавательной деятельности учащихся в учебной деятельности. Учебное пособие / Г.И. Щукина. -М.: Просвещение, 1971. -123с.
15. Шумилова Н.С. Научно-исследовательская деятельность как средство развития творческого потенциала будущих учителей технологии и предпринимательства: дисс… канд. пед. наук: 13.00.08 / Н.С. Шумилова. -Армавир, 2006 -213с.

## АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ ҲАМЧУН РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА

Ба танзимдарории ҷараёни таълим ба, донишҷӯ имкон медиҳад, ки на танҳо мазмуни таълимиро «мувофиқ» мекунад, балки онро бо таҷрибаи худ алоқаманд кунад; фаъолияти маърифатии худро дар асоси инъикоси раванд ва натиҷаҳои он танзим кунад. Зиёда аз ин, вай ин корро бошуурона ва мақсаднок карда, манфиати шахсӣ дорад. Ба ибораи дигар, донишҷӯ дарк мекунад ва мефаҳмад, ки барои чӣ чизи омӯхтааш ба ӯ лозим аст ва ин ба муносибати ӯ бо ҷаҳон таъсир мерасонад. Инкишофи фаъолияти маърифатӣ ба донишҷӯйи мо имкон медиҳад, ки ба сӯйи дарки симои худ, ҳадафҳои таълимии худ ҳаракат кунад, таҳсилоти худро тибқи траекторияи инфиродӣ созад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки усулҳои дар марҳилаи ташаккулёбӣ истифодашавандаи мо барои рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён самаранок мебошанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили сатҳҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён метавон ба хулосае омад, ки гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ба рушди фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад.

**калидвожаҳо:** қобилият, фаъолияти маърифатӣ, тамоюл, эҷодиёт, донишҷӯ, таълим, таҳлил, сатҳи дониш.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ АКТИВНОСТИ И РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ МАТЕМАТИКИ

Регулирование образовательного процесса способствует тому, что студенты не только «вписываются» в содержание образования, но и соотносят его со своим опытом, регулируют свою познавательную деятельность на основе отражения процесса и его результатов. Причем делают они это сознательно и целенаправленно, имея личную заинтересованность. Другими словами, студенты понимают и чувствуют, зачем им нужно то, что они изучают, и как это влияет на их отношения с миром. Развитие познавательной деятельности позволяет студенту продвигаться к пониманию своего образа, своих целей и своего образования, осуществлять свое образование по индивидуальной траектории. Результат данного исследования показывает, что методы, использованные нами на этапе формирования, эффективны для развития познавательной активности студентов. Таким образом, при анализе уровней познавательной активности студентов можно сделать вывод, что проведение научно-исследовательской деятельности, которая заключается в развитии познавательной активности, имеет положительную динамику, поэтому мы планируем продолжить работу по развитию познавательной активности.

**Ключевые слова:** способность, познавательная деятельность, склонность, творчество, студент, образование, анализ, уровень знаний.

## DIDACTIC FOUNDATIONS FOR THE FORMATION OF COGNITIVE ACTIVITY AS THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' CREATIVE ABILITIES IN MATHEMATICS LESSONS

Thus, students not only "fit" into the content of education, but also correlate it with the content of their experience; regulates its cognitive activity based on the reflection of the process and its results; wants and has the ability to regulate the educational process. And he does it consciously and purposefully, having a personal interest. In other words, the student understands and feels why he needs what he is studying and how it affects his relationship with the world. The development of cognitive activity allows our student to move towards understanding his image, his goals and his education, to carry out his education along an individual trajectory. The result of this study shows that the methods used by us at the stage of formation are effective for the development of students' cognitive activity.Thus, when analyzing the levels of cognitive activity of students, we can conclude that the conduct of research activities, which consists in the development of cognitive activity, has a positive trend, so we plan to continue work on the development of cognitive activity. helps students in the learning process.

**Key words:** ability, cognitive activity, inclination, creativity, student, education, analysis, level of knowledge.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алимухамедов Муродҷон Равшанович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика ва технологияҳои иттилоотӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1

**Сведения об авторе:** ***Алимухамедов Муроджон Равшанович*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры методики обучения математики и информационных технологий. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1

**Information about the author:** ***Alimukhamedov Murodjon Ravshanovich*** **-** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Senior Lecturer at the Department of Methods of Teaching Mathematics and Information Technology. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1

УДК:371.851

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ АЛГОРИТМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 7-9 ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ АЛГЕБРАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Каримзода Т.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Инсоният ба давраи ҷамъияти иҷтимоӣ ворид гашта истодааст, ки дар он намуди асосии фаъолияти истеҳсолӣ ин истифодаи иттилоот мебошад ва компютеркунонӣ як қисми таркибии ин ҷараён ба шумор меравад. Иттилоот дар инкишофи илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ҳамчун сарчашма ба ҳисоб рафта, дар рушди бемайлони илм, техника ва соҳаҳои мухталифи хоҷагӣ сабабгор мегарданд ва дар равандҳои таълим, тарбияи насли наврас, робитаи мадании байни одамон таъсир мерасонад.

Истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба таълими фанҳои гуногун дар муҳите, ки ба таъмини иҷрои талаботи психологию-педагогӣ ва методӣ, ки ба мусоидати раванди воқеии таҳсилот имкон медиҳад, шароит фароҳам меорад.

Дар ҳамин замина Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас тавассути омузиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф» эълон кард. Яъне, ҳамаи имкониятҳои фанҳои дақиқро барои рушди шахсият бояд равона кард.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло зикр гардида, математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз воситаҳои асосии самаранокии тарбияю рушди насли наврас мебошад.

Яке аз ҷанбаҳои тамоюли амалисозии таълими математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ин ташаккулдиҳии фарҳанги алгоритмии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Зери мафҳуми «фарҳанги алгоритмӣ» дарки маҷмӯи тасаввуротҳои хусусии алгоритмӣ, маҳорат ва малакаҳое, ки дар марҳилаи замони муосир яке аз қисматҳои таркибии фарҳангӣ ҳар як фарди ҷомеа мебошад, фаҳмидан мумкин аст. Мо бояд муайян намоем, ки «фарҳанги алгоритмӣ» аз диди илмӣ-назариявӣ ба кадом мафҳумҳо ва истилоҳҳо робита дорад.

Масъалаи ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагон дар раванди таълим ҳамеша мубарам буд ва боқӣ мемонад.

А. Александров қайд мекунад, ки зери мафҳуми «фарҳанги алгоритмӣ» одатан маҷмӯи ақидаҳо, маҳорат ва қобилиятҳои мушаххаси «алгоритмӣ»-ро мефаҳманд, ки дар марҳилаҳои ҳозираи тараққиёти ҷамъият бояд як қисми маданияти умумии ҳар як одамро ташкил диҳанд ва аз ин рӯ, «Маҷмӯи ақидаҳо, маҳорат ва малакаҳои мушаххаси алгоритмӣ» қисмати мақсадноки таълими умумии мактабиро муайян менамояд» [1].

Мафҳуми «алгоритм» як мафҳуми умумии илмӣ мебошад. Бо таҳлили амиқи таърихи амалисозии он бояд гуфт, ки он чӣ дар барномасозии кибернетикӣ ва чӣ дар забоншиносӣ, техникӣ ва дигар илмҳо истифода мешаванд, ки аҳамияти бузурги дидактикии онро муайян мекунад.

Ғояи алгоритм яке аз муҳимтаринҳост, ки ташаккули он бояд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирад. Зарурати ин корро олимони маъруф Б.В. Гнеденко [7], В.А. Успенский [14] ва дигарон иброз намудаанд, ки «Дар фаъолияти инсон маҳорати истифодабарии алгоритмҳо аҳамияти ниҳоят муҳим доранд: маҳорати таҳияи алгоритмҳо барои одам камтар зарур аст. Ғайр аз ин, вақтҳои охир

дар бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон ва махсусан дар фаъолиятҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои ғайриқолабӣ вобастаанд, алгоритмҳои эвристикӣ ба ном истифода мешаванд. Аз ин рӯ, кор бо алгоритмҳои гуногун (муайянкунӣ, таҳия, иҷро кардани онҳо) барои одамон ниҳоят заруранд. Маҳорати ин кор бояд ҳарчи барвақтар ташаккул дода шавад [13].

В.П. Беспалко таърифро чунин пешниҳод менамояд, ки зери «алгоритмдорӣ» тавсифи дақиқ, ба таври умум гуворотар зимни пайдарпаии муайяни иҷрои амалҳои сатҳи фикрӣ мансуб буда, барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки ба синфи муайян таалluқ доранд, зарур ва кофӣ мебошанд» [4]. Дар ҳамин радиф аз диди математикӣ таърифи С.В. Степанова [11], ки алгоритм «реҷаи дақиқест, ки раванди ҳисоббарориро муайян мекунад, ки аз иттиллооти воридшавандаи тағйирёбанда ба натиҷаи дилхоҳ мебарад» қабул гардидааст.

Л.Н. Ланда алгоритмро чун «қоидае мефаҳмад, ки пайдарҳамии иҷрои амалиётҳои (амалҳои) элементариро муқаррар намуда, аз сабаби сода буданашон аз ҷониби ҳама якхел дарк ва иҷро карда мешаванд. Алгоритм системаи дастурҳо (фармоишҳо) дар бораи ин амалиётҳо, дар бораи кадоме аз онҳо ва чӣ гуна иҷро кардани онҳо мебошад» [9, саҳ.42].

Яке аз ҷанбаҳои муваффақонаи амалисозии тамоми амалиёти математикӣ дар таълим ин баландбардории фарҳанги алгоритмии хонандагон бо дарназардошти раванди истифодаи технологияи иттилоотии ҷомеаи муосир мебошад. Фарҳанги алгоритмӣ яке аз қисматҳои таркибии фарҳанги математикӣ буда, боиси ташаккул ва рушди тасаввуротҳои махсуси алоқаманди мафҳуми алгоритм мебошад [2].

А.Д. Александров мегӯяд, ки “Нақши пешбаранда дар ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагон ба предмети математика таалluқ дорад, ки дар ҷараёни омӯзиши он амалиётҳои алгоритмӣ ва гуногун, ташаккули малакаи аз рӯи ин алгоритм амал кардан ва тартиб додани алгоритмҳои нав аз муҳимтарин ҷузъҳои сохтори фаъолияти математикӣ дар таълим мебошад” [1, саҳ.14]. Аз ин рӯ, яке аз ҷанбаи пешбарандаи – самтҳои методии таълими математика ин алгоритмӣ мебошад. Дар ҳақиқат ин ҳолат дар таълими математика ба хонандагон низ бояд таъсири мустақим дошта бошад. Аммо, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, дар барномаҳои математика ва китобҳои дарсӣ барои хонандагон, воситаҳои таълимӣ барои муаллимон, мушаххасан дар ин ҷода кӯшишҳо ниҳоят кам мебошанд.

Чунончӣ масъалаи ташаккул ва заминаи воридсозии элементҳои асосии фарҳанги алгоритмии хонандагон ба қадри кифоя инъикос наёфтаанд».

Зимни чунин андешаҳо, хулоса баровардан мумкин аст, ки сатҳи паст дар хонандагони синфҳои болоӣ ошкоршудаи фарҳанги алгоритмӣ ин натиҷаи набудани системаи мушаххаси ташаккули унсурҳои фарҳанги алгоритмӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Л.С. Юнева ба ин мафҳум такя карда онро ин тавр маънидод мекунад: “Алгоритм (калимаи лотинӣ). Алгоритм аз номи математики асримиёнагии тоҷик ал-Хоразмӣ” – метод (тарз, усул) барои ҳалли масъалаҳои ҳисобкунӣ ва дигар масъалаҳое, ки дақиқ нишон медиҳанд, ки чӣ тавр ва бо кадом пайдарпаӣ ба даст овардани натиҷае, ки аз рӯи маълумоти ибтидоии ягона муайян карда мешавад» [17, саҳ.23].

З.А. Анипченко «Хосиятҳои асосии алгоритми»-ро баррасӣ карда ба чунин андеша меояд:

-дискретӣ – алгоритм ин раванди ҳалли масъала ҳамчун пайдарҳамии қадамҳои элементарӣ (ё қаблан муайяншуда) ва амалиётҳои паи якдигар мебошад. Ҳар як амалиёти пешбинишуда амалиёти пешинаро идома мебахшад;

- детерминизм - ҳар як амали алгоритм дақиқ, ягона буда ба иҷрокунанда интихобро имконият намедиҳанд;

- натиҷанокӣ – алгоритм бояд ба ҳалли ягон масъала аз синфи додашудаи масъалаҳо дар миқдори марҳилаи ниҳоӣ оварда расонад;

- умумият – алгоритм на барои ҳалли як масъалаи мушаххас, балки барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳо аз гурӯҳи додашудаи масъалаҳои як намуд пешбинӣ шудааст» [2, саҳ.15].

Ба ғайр аз алгоритмҳо барои ҷустуҷӯи тарзи умумии ҳалли масъалаи гурӯҳи додашуда воқеан қоидаҳое истифода мешаванд, ки ба алгоритмҳои печ дар печ шабоҳат доранд. Одатан, қоидаҳо қадамҳои алгоритмро махсус қайд намекунанд ё онҳо бо пайдарпайии қатъӣ пешниҳод карда намешаванд, ки дар ҳалли мушкилот кӯмак кунанд (ба ин маъно, онҳо хосиятҳои детерминизм ва дискретиро надоранд).

Ба ҳама маълум аст, ки ҳар як алгоритмро қоида ҳисоб кардан мумкин аст, аммо на ҳар як қоида алгоритм шуда метавонад.

М.Ю. Шуба қайд мекунад: «Дар курси ибтидоии математика бисёр алгоритмҳо дар шакли мухтасар дар шакли қоидаҳо, бе нишон додани пайдарпайии қадамҳо ва амалҳо тартиб дода мешаванд. Аз ин рӯ, хонандагон қоидаро бехато шарҳ медиҳанд, аксар вақт дар татбиқи он мавридҳои гуногуни таълимӣ душворӣ мекашанд» [16, саҳ.31].Ба ин муносибат нақшаи масъалаи тайёр кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба рушди қобилияти пайдо кардани усулҳои элементарии амал ба миён меояд. Л.С. Юнева нишон медиҳад, ки «ин боиси ташаккули пайдарпайии алгоритми амалҳо ва қадамҳои иҷрошуда дар кӯдакон ва ба ташаккули босуръати малакаҳои иҷрои амалҳои мувофиқ, мусоидат мекунанд» [17, саҳ.24].

Далелҳои дар боло зикршуда бори дигар аз зарурати ба мақсад мувофиқ тайёр намудани хонандагон барои аз рӯи алгоритми додашуда амал кардан, тартиб додани онҳо шаҳодат медиҳанд. Ин амалҳо ба шароити муҳими ташаккули асосҳои фарҳанги алгоритмӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ марбутанд.

Ҳангоми тавсифи фарҳанги алгоритмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мо ба ақидаи И.И. Аргинская, ки онро ба таври зайл шарҳ медиҳанд: «Фарҳанги алгоритмии хонандагон маҳорати таҳлил, намунаи ҳодиса ва ҳодисаҳо, тафсир намудани ҳолатҳои гуногунро ҳамчун маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд, тартиб додани реҷа, ки иҷрои онҳо боиси ҳалли масъала он мегардад, хос аст» [3, саҳ. 36] ҳамфикрем. Ба ақидаи А. Александров «Муайян кардани робитаҳои сабабу натиҷа аз ҷониби кӯдакон, ҳамчун як ҷузъи муайяни математикӣ, муайян кардани пайдарпайии мантиқии амали онҳо аз рӯи параметрҳои вақт, қобилияти амалисозии фаврӣ, фаъолият дар нақшаи иҷроиш мебошад. Масъалаи математикӣ моҳияти фарҳанги алгоритмӣ аст» [1, саҳ. 14] дида баромада шудааст.

Бо дар назардошти гуфтаҳои болоӣ ба фарҳанги алгоритмӣ ва хосиятҳои асосии он сухан ронда, бояд ба малакаҳое, ки ба ин мафҳум шомиланд, диққат дод (гуфтаи Г.Г. Шмырева):

1) маҳорати амал кардан аз рӯи алгоритми дақиқ;
2) маҳорати эҷод кардани алгоритм;
3) дарк ва тасвири аёнии алгоритмҳо;
4) аз амалиётҳои васеъ ба амалиётҳои мухтасар гузаштан ва баръакс;
5) дарёфти алгоритмҳои ратсионалӣ;
6) ҷудокунии масъалаҳои мураккаб ба зермасъалаҳо;
7) маҳорати асосноккунии алгоритми пайдошуда;
8) дарки робитаи байни алгоритмҳо [15].

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ шабоҳат медиҳанд, ки мо ба яке аз назарияҳои пешбар такя намоем, ки дар маркази ташаккули фарҳанги алгоритмӣ мақом дошта бошад. Мо назарияи марҳилаҳои ташаккули амалиётҳои фикрии коркардашудаи П.Я. Галперин, Н.Ф. Талызина ва дигаронро ҳамчун асос қабул менамоем. Дар ҳамин замина мо бояд марҳилаҳои ташаккули фарҳанги алгоритмиро дар хонандагон, ки З.А. Анипченко пешниҳод намуд, ба инобат гирем.

Марҳилаи 1 – ангеза барои «кашф» кардани алгоритм. Мақсади асосии ин марҳила мубарамияти донишҳои зарурӣ ва кофии хонандагон барои таҳияи алгоритми баррасишаванда асосноккунии зарурати ҷорӣ намудани он барои ҳалли масъалаҳои амалӣ;

Марҳилаи 2 – воридсозии алгоритм. Мақсади марҳила аз он иборат аст, ки хонандагон барои «кашф»-и алгоритми зарурӣ ва таҳияи он омодагӣ гиранд;

Марҳилаи 3 – азбаркунии алгоритм. Мақсади асосии ин марҳила аз коркарди амалиётҳое иборат аст, ки он ифодакунии алгоритм ва инчунин пайдарпайии онҳо мебошад ва ба ҳалли иҷрои онҳо мусоидат менамояд.

Марҳилаи 4 – татбиқи алгоритм. Мақсад такмил додани алгоритм дар ҳолатҳои шинос ва ношинос аст [2].

Дар методикаи таълими математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ якчанд ҷузъиётҳои фарҳанги алгоритмии хонандагон чунин ошкор мегардад:

I. Дарки моҳияти алгоритм ва хосиятҳои он: фаҳмиши моҳияти забон ва воситаҳои навишти алгоритм;

II. Тавонистани иҷрои усул ва воситаҳо барои навишти алгоритм.

III. Дарки хусусиятҳои алгоритмии методҳои математикӣ ва татбиқи он: азбаркунии алгоритмҳои курси математикаи мактабӣ.

IV. Дарки асосҳои элементарии барномасозӣ барои МЭҲ.

Чӣ хеле ки маълум аст, аз ин ҷузъиётҳои боло фақат ҷузъи III мушаххасан математикӣ буда, ҷузъи I ва II ҷузъиёти умумии фарҳанги алгоритмӣ мебошанд. Ҳамзамон ба ҷузъиёти умумӣ ҷузъи IV ҳам ворид мешавад, чунки натиҷаи ниҳоии рушди ҷузъи II мебошад.

Ҷузъиёти дар боло зикршуда тавассути ташаккули тасаввуротҳои зерин амалӣ мешаванд:

1) оид ба алгоритм ва хосиятҳои он;

2) оид ба воситаҳои забонии навишти алгоритм (навишти шакли муфассал, схемаҳои ҳисобкунӣ, граф-схема, блок-схема);

3) оид ба равандҳои алгоритмӣ (хаттӣ, шохадор, сиклӣ).

Барои ташаккули самаранокии фарҳанги алгоритмии хонандагон дар раванди таълими алгебраи синфҳои 7-9 таҳияи намудҳои зерини машқҳо пеш меоянд:

1. Машқҳое, ки ба ташаккули маҳорати батартибоварии амалиётҳои ҷудошуда мусоидат менамояд.

Дар ин машқҳо номгӯи амалиёти элементариро пешниҳод мекунанд. Талаб карда мешавад, ки ин амалиёт бо кадом тартиб барои масъалаи додашуда иҷро карда шудааст.

2. Машқҳое, ки ташаккули маҳорати муқоисаи тартиби иҷрои амалиётро мавриди ҳалли масъала бо дар назардошти пайдарҳамии иҷрои онҳо ифода мекунанд.

Дар ин машқҳо пайдарҳамии иҷрои амалиётҳои элементарӣ дода шудаанд. Ҳалли масъала дода шудааст, ки он истифодаи ин амалиёти элементариро дарбар мегирад. Талаб карда мешавад, ки ягон амалиёт сарфи назар нашудааст.

3. Машқҳое, ки дар онҳо ташаккули маҳорати ҷудокунӣ ва батартибоварии амалиёт мавриди ҳалли ягон масъала иҷро шудааст, ифода менамояд.

Ин машқҳо баъди муоинаи машқҳои намуди якум бо хонандагон баррасӣ мешаванд.

4. Машқҳое, ки ба ташаккули маҳорати навишти тартиби иҷрои амалиёти зарурӣ барои ҳалли масъала ҳидоят менамояд.

Иҷрои ин супоришҳо боиси санҷиши ташаккулёфтаи дар хонандагон иҷрои мувофиқи амалиёти элементариро дар раванди ҳалли масъалаҳо мегардад.

5. Машқҳое, ки барои ташаккули маҳорати амалисозии ҳалли масъала бо қатъияти мувофиқи нишондоди додашуда иҷро мешаванд.

Дар раванди ҳалли ин супоришҳо пайдарҳамии иҷрои амалиётҳоро мумкин аст бо посухи омӯзгор, хонандагон мавриди ҳалли ягон масъала дарёфт кунанд.

Бояд гуфт, ки ба ғайр аз навишти васеи алгоритм, мавриди омӯзиши маводи ададӣ ва алгебравӣ инчунин истифодаи граф-схемаи алгоритм гуворо мебошад.

Баъд аз он ки хонандагон баъзе малакаҳои навишти муфассали алгоритм ва таҳияи алгоритмро тавассути граф-схема азбар мекунанд, пас онҳоро бо навишти блок-схемавии навишти алгоритм шинос намудан аз диди методӣ муҳим мебошад.

Дар адабиёти методӣ ва таълимӣ вақтҳои охир вобаста ба ташаккули маданияти алгоритмии хонандагон бештар ба таҳияи блок-схемаи ҳалли масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Лекин барои ташаккули моҳияти граф-схемаи ҳалли масъала кам аҳамият дода мешавад. Ин ба мо проблемаи коркарди онро дар заминаи омӯзиши алгебраи синфҳои 7-9 пеш меорад.Дар китобҳои дарсии математика мо бисёр маврид ба алгоритмҳои тайёр дар намуди формулаҳо, қоидаҳо ва инчунин ба нишондодҳои алгоритмӣ вомехӯрем. Ин ифодагари сатҳи пасти ташаккули фарҳанги алгоритмӣ мебошад. Ҳолати пасти он ташаккули мафҳуми алгоритмӣ мебошад, ва мо барои беҳдошти он ба ду ҷанба бояд такя кунем:

А. Ҷудокунии масъала ба зермасъалаҳо ҳамчун воситаи «бонуфузӣ» тасвиркунии навишти алгоритм мешавад. Моҳияти методии ҷудокунии масъалаҳо ба зермасъалаҳо дар он аст, ки бо ёрии вай қисматҳои алоҳидаи алгоритмии ҳалли зермасъалаҳо, ҳалли масъалаҳоро лоиҳасозӣ кардан мумкин аст. Дар ҳамин замина раванди ҷудокунии масъаларо ба зермасъалаҳо амалисозӣ мекунем. Бо назардошти ҳадафҳои таълимии усул ба зарурати бедушворӣ таҳия намудани алгоритми ҳалли масъалаҳои мураккаб мусоидат менамояд. Ҳамзамон ба хонандагон имконият медиҳад, ки ба таври гуворо донишҳои азбаркардаашон ва масъалаҳои пештара ҳалкардаашонро барои ҳалли масъалаҳои пешомада истифода кунанд. Яъне, дар ин ҷода мафҳуми алгоритми тобеъ пеш меояд. Алгоритме, ки дар дохили алгоритми додашуда шомил буда, барои шахси иҷрокунанда маълум бошад, алгоритми тобеъ меноманд.Масалан, алгоритми ҷамъи касрҳои даҳӣ дар китоби математикаи мактабӣ чунин аст:

«Барои он ки касрҳои даҳӣ ҷамъ карда шаванд, бояд:

1. Миқдори аломатҳои даҳӣ баъди вергул дар ҷамъшавандаҳо баробар карда шаванд.
2. Ҷамъшавандаҳоро зери якдигар чунон нависем, ки вергул зери вергул ояд.
3. Ададҳои пайдошударо ҳамчун ададҳои натуралӣ ҷамъ кунед.
4. Дар суммаи ҳосилшуда вергулро зери вергулҳои ҷамъшавандаҳо гузоред.

Бояд гуфт, ки ба ин алгоритм алгоритми тобеъ (зермасъала) алгоритми ҷамъи ададҳои натуралӣ нигаронида шудааст.

Барои он ки якузваро ба якузва тақсим кунем, агар ҳамаи ҳарфҳои ба тақсимшаванда дохилбуда ба тақсимкунанда ҳам дохил бошанду нишондиҳандаҳояшон хурдтар бошанд, лозим аст:

1) Коэффитсиентҳои якузваи тақсимшавандаро бо коэффитсиентҳои якузваи тақсимкунанда тақсим кардан лозим аст.

2) Ҳарфҳои дар тақсимшаванда ворид буда бо нишондоди калон нисбати тақсимкунанда, дар натиҷа бо нишондиҳандаи фарқи нишондиҳандаҳои мувофиқи тақсимшаванда ва тақсимкунанда.

3) Ҳарфҳоеро, ки бо тақсимшаванда дохил асту бо тақсим-кунанда дохил нест, дар натиҷа бо ҳамон нишондиҳандаҳояшон навиштан лозим аст.

4) Ҳарфҳоеро, ки ба тақсимшаванда ва тақсимкунанда бо як хел нишондиҳанда вориданд, истисно кардан лозим аст.

Барои он ки бисёрузваро ба ҳамзарбҳо ҷудо намоем, зарбшавандаи умумиро аз қавс мебарорем. Дар ин сурат лозим аст, ки:

1) Ин зарбшавандаи умумиро ёбем.

2) Онро аз қавс барорем.

Ин нишондоди алгоритмӣ аз ду қисм иборат аст, ки ҳар кадомаш дар марҳилаҳои муайяни таълими дар шакли нишондоди алгоритмӣ тасвир шудаанд.

Дар ҳама маврид бо назардошти самти алгоритмии курси алгебраи синфҳои 7-9 оиди дар хонандагон мусоидат намудани ташаккули нишондодҳои алгоритмӣ ҳидоят намудан лозим меояд. Баъзан мавридҳо нишондодҳои алгоритмӣ дар шакли қоидаҳо, намунаҳои пайдарҳамии амалиётҳо, ҷадвалҳо, схемаҳо, графикҳо, нақшаҳо ва расмҳо баён мешаванд.

Нишондодҳои алгоритмӣ, чунончӣ аз таҳлили бисёри китоби дарсӣ бармеояд, дар курсҳои алгебраи синфҳои 7-9 вомехӯранд, лекин оҳиста-оҳиста дар китобҳои дарсии ҳозира кам шудаанд, чунки дар нақшаи таълимии фан ба ин ҳадаф диққати кам нигаронида шудааст.

Б. Ҳадафи асосии «Технологияи иттилоотӣ» ворид шудан ба самти алгоритмии предметҳои таълимии муассисаҳои миёнаи таҳсилот вогузоштаанд. Аммо дар ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагон бо назардошти имкониятҳояш бояд ҳар як предмети таълимӣ ҳиссагузор бошанд.

Масалан, ба сифати мисол амалиётҳое, ки асоси нишондоди алгоритмиро мавриди таълими тақсими бисёраъзогиҳо муоина мекунем, яъне барои якузваро ба якузва тақсим намудан кифоя аст, ки:

1. Коэффитсиенти тақсимшавандаро ба коэффитсиенти тақсимкунанда тақсим кардан лозим аст.

2. Натиҷаи ҳосилшудаи ҳамзарбро зери ҳар як ҳарфи тақсимшаванда бо нишондиҳандаи фарқи нишондиҳандаҳои тақсимшаванда ва тақсимкунанда навиштан лозим аст.

Агар ягон ҳарф фақат ба тақсимшаванда ворид бошад, он гоҳ вай ба ҳосили тақсим ворид мешавад.

Агар нишондиҳандаи ягон ҳарф ҳам дар тақсимшаванда ва тақсимкунанда баробар бошад, вай ба ҳосили тақсим ворид намешавад.

Акнун раванди ташаккули фарҳанги алгоритмиро тавассути ҳалли мисолҳои мушаххас намоиш медиҳем.

Мисоли 1. Амалҳоро мувофиқи граф-схема иҷро намоед ва ифодаи ададиро тартиб диҳед:




Мисоли 2. Аз рӯи граф-схема ифодаи ададӣ тартиб диҳед ва қимати онро ҳисоб кунед.




Мисол, барномаи ҳисобкунии қимати ифодаи
(8,14+3,6•2,7):(10,1-20,52:3,8)
аз қисматҳои фармоиши зерин тартиб меёбад:
1. Ададҳои 3,6 ва 2,7-ро зарб намоед.
2. Натиҷаро, ки мувофиқи фармоиши 1 ҳосил шуд, бо адади 8,14 ҷамъ намоед.
3. Адади 20,52-ро ба 3,8 тақсим намоед.
4. Дар натиҷаи фармоиш 3-ро аз адади 10,1 тарҳ намоед.
5. Натиҷаи фармоиши 2-ро ба натиҷаи фармоиши 4 тақсим намоед.

Ин барномаи ҳисобкунии қимати ифодаро дар намуди граф-схема чунин тасвир менамоем:




Ифодаро мувофиқи барномаи ҳисобкунии иҷрои амалҳо таҳия намоед.
1. Ададҳои 21,5 ва 7,48-ро ҷамъ намоед.
2. Аз адади 5,91 адади 3,18-ро тарҳ намоед.
3. Натиҷаҳои фармоишҳои 1 ва 2-ро зарб намоед.

Қимати ин ифодаро ёбед.

Амалҳоро мувофиқи граф-схема иҷро кунед:




Граф-схемаи ҳисобкунии ифодаро тахия кунед ва қимати онро ёбед:
а) 8,6•1,2:0,8+14,14:1,4
б) (3,2•1,5-2,5):4,6+(1,8:1,2-0,8)•9
Ифодаро мувофиқи граф-схемаи додашуда таҳия кунед. Барномаи иҷрои онро таҳия намуда, қимати онро ёбед:




Мисолҳои дар боло зикршуда тақозои онро менамояд, ки китобҳои дарсии мавҷударо аз диди алгоритмӣ таҳлил ва баррасӣ намоем.

**Муқарриз: Дадобоева М.С.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Александров А.Д. Основания геоматрии / А.Д. Александров. – М.: Наука, 1990. – 543 с.
2. Анипченко З.А. Задачи, связанные с величинами и их применение в курсе математики в начальных классах / З.А. Анипченко. –Москва: Просвещенние, 1997. -123 с.
3. Аргинская И.И. Математика в системе общего развития / И.И. Аргинская // Начальная школа: плюс минус. -2010. -№ 4. –С. 30-37.
4. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. –Москва: Педагогика, 1989, -124 с.
5. Велинкин Н.Я. Воспитание алгоритмического мыления на уроках математики / Н.Я. Велинкин, Ю.А. Дробышев // Начальная школа. -2013. -№12. –С.11-13.
6. Гажук Н.И. Формирование элементов логической и алгоритмической грамотности / Н.И. Гажук // Начальная школа плюс до и после. -2011. –№7. –С.30-33.
7. Гнеденко Б.В. О роли математики в формировании у учащихся научного мировоззрения и нравственных принципов / Б.В. Гнеденко // Математика в школе. -2001. -№ 5. –С.11-13.
8. Дубова Е.В. Формирование алгоритмической культуры на уроках математики / Е.В. Дубова, М.Ю. Солощенко // URL: https:// elibrary.ru/ download/ elibrari_25664250_64506966.pdf (дата обращения: 22.04.2021).
9. Криницкий Н.А. Алгоритмы вокруг нас / Н.А. Криницкий. –Москва : Наука, 1984. -125 с.
10. Ланда Л.Н. Алгоритмизация в обучении / Л.Н.Ланда. –Москва : Просвещение, 1966. -126 с.
11. Остапенко С.И. Формирование алгоритмической культуры учащихся на уроках математики / С.И. Остапенко // URL: https:// elibrary.ru/ download/ elibrari_32665714_53413522.pdf (дата обращения: 22.05.2018).

12. Степанова С.В. Тема “Величины” в курсе математики для 3-го класса / С.В. Степанова // Начальная школа. -2014. -№ 1. –С.80-82.
13. Удовенко Л.Н. О методической целесообразности формирования алгоритмической культуры при обучения математике // URL: https:// elibrary.ru/ download/ elibrari_21658273_76817147.pdf (дата обращения: 22.05.2018).
14. Успенский В.А. Теория алгоритмов: основание открытия и приложения / В.А. Успенский, А.Л. Семенов // URL: http://padared.com/?book=33218 (дата обращения: 22.05.2018).
15. Шмырева Г.Г. Обобщающие уроки на теме «Велечины» / Г.Г.Шмыраева, С.М.Нестерович // Начальная школа. -2010. -№3. –С. 33-35.
16. Шуба М.Ю. Занимательные задания в обучения математике. Учебное пособие. М.: 2015. -120 с.
17. Юнева Л.С. О формировании алгоритмической культуры у учащихся. //URL: https:// elibrary.ru/ download/ elibrari_24016337_26491525.pdf (дата обращения: 22.05.2018).

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ АЛГОРИТМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 7-9 ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ АЛГЕБРАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар мақола мафҳуми тарбияи алгоритмӣ, сохтори таркибии он ва мақоми он дар ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагони наврас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки омилҳои ба ташаккули фарҳанги алгоритмӣ ва иҷроиши алгоритмии амалҳоро дар раванди таълими фанни алгебраи синфҳои 7-9 муайян намояд. Аз рӯи **натиҷаҳои таҳқиқот**, муаллиф ба хулосае омадааст, ки тартиб додани нақшаи ҳалли масъалаҳои алгебравӣ дар раванди таълими фанни алгебра дар синфҳои 7-9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳалли вазифаҳои гузошташударо осон намуда ҳамчунин ба ташаккули фарҳанги иҷроиши алгоритмии амалҳо дар ҳаёти воқеиашон мусоидат менамояд. Дар заминаи он муаллиф тавсияҳои методиеро дар татбиқи ҳадафи гузошташуда барои муаллимони фанни алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ медиҳад. Ба ақидаи мо тавсияҳои мазкур барои самаранок гардидани фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ дар самти ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагони наврас кӯмаки амалӣ расонида метавонад.

**Калидвожаҳо:** асосҳо, назария, ташаккул, фарҳанги алгоритмӣ, хонандагон, синфҳои 7-9, алгебра, таълим, ҳалли масъалаҳо, ҷудокунии масъалаҳо ба зермасъалаҳо, граф-схема, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ АЛГОРИТМИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ АЛГЕБРЫ 7-9 КЛАССОВ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье анализируются и обсуждаются понятие алгоритмического воспитания, его композиционная структура и роль в формировании алгоритмической культуры учащейся молодежи. Автор поставил перед собой цель определить факторы, способствующие формированию алгоритмической культуры и алгоритмической реализации действий в процессе обучения алгебры в 7-9 классах. По **результатам исследования** автор пришел к выводу, что составление плана решения алгебраических задач в процессе обучения алгебры в 7-9 классах общеобразовательных учебных заведений облегчает решение поставленных задач, а также способствует формированию культуры алгоритмического выполнения действий в их реальной жизни. Исходя из этого, автор дает методические рекомендации по реализации поставленной цели учителям алгебры общеобразовательных учреждений. На наш взгляд, данные рекомендации могут оказать практическую помощь для повышения эффективности учебной деятельности в направлении формирования алгоритмической культуры учащейся молодежи.

**Ключевые слова**: основа, теория, формирование, культуры, алгоритмической, учащихся, 7-9 классах, алгебры, обучения, решения задачи, расчисление задач на подзадачи, граф – схема, средних общеобразовательных учреждений.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF ALGORITHMIC CULTURE OF STUDENTS IN THE LEARNING PROCESS ALGEBRA 7-9 GRADES IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTUTIONS

The article analyzes and discusses the concept of algorithmic education, its compositional structure and role in the formation of the algorithmic culture student of youth. The author set himself the goal of identifies the factors that contribute to the formation of an algorithmic culture and the algorithmic realization of actions in the process of teaching algebra in 7-9 grades. Based on the results of the study, the author came to the conclusion that drawing up a plan for solving algebraic problems in the process of teaching algebra in grades 7-9 of general educational institutions facilitates the solution of tasks, and also contributes to the formation of a culture of algorithmic performance of actions in their real life. Based on this, the author gives methodological recommendations for the implementation of the goal for algebra teachers of educational institutions. In our opinion, these recommendations can provide practical assistance to improve the effectiveness of educational activities in the direction of forming an algorithmic culture of young students.

**Keywords:** basis, theory, formation, culture, algorithmic, students, 7-9 grades, algebra, learning, problem solving, calculation of tasks into subtasks, graph diagram, secondary educational instituons.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримзода Тоҳир Худойназар*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,.унвонҷӯи кафедраи “Асосҳои технологияи информатсионӣ”. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 900 88 44 25.** E-mail: **tahir_karim1973@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каримзода Тохир Худойназар*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, соискатель кафедры «Основы информационных технологий». **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 121. Телефон**: (+992) 900 88 44 25**.
E-mail: **tahir_karim1973@mail.ru**

**Information about author:** ***Karimzoda Tokhir Khudoinazar*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Applicant of the Department of "Fundamentals of Information Technology". **Address: 7**34003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 121. Phone: **(+992) 900 88 44 25**.
E-mail: **tahir_karim1973@mail.ru**

УДК:372.851

# МАХСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МАТЕМАТИКИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

*Раҷабова С.Ҷ.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Дар раванди омӯзишу тарбиярӯй овардан ба арзишҳои неки инсонию муносибати босалоҳият яке аз талаботҳои муфиди замони муосир ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон чунин таъкид кардаанд, ки «Маориф чун сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои ислоҳоту рушди он аз рӯзҳои аввали истиқлолият пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хосса зоҳир мегардад. Ҷавҳари сиёсати давлатии моро дар соҳаи маориф бояд масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тарбияи мутахассисони соҳибкасб ташкил диҳанд».

Барои амалӣ намудани ин гуфтаҳо, пеш аз ҳама, дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ дар самти пиёда гардидани салоҳияти фаннӣ чораҳои зарурӣ андешидан зарур аст.

Салоҳиятҳои фаннӣ қобилиятҳои махсусе мебошанд, ки барои иҷрои муассири амалҳои мушаххаси фанни алоҳида лозиманд. Салоҳиятҳои фаннӣ дониш, малака ва маҳорате мебошанд, ки аз силсилаи мавзуъҳои ба ҳам алоқаманд дар натиҷаи иҷрои пайдарпайи фаъолиятҳои таълимӣ ба даст меоянд[16].

Ҳангоми ба роҳ мондани таълим дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, пеш аз ҳама, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ – эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, тафаккури интиқодӣ, маҳорати омӯхтан муҳим арзёбӣ бояд шаванд.

Салоҳиятнокӣ – қобилияти бомуваффақият ҳал кардани мушкилот, ихтилофот ва муаммоҳо мебошад. Дараҷаи босалоҳиятӣ ба сатҳи мураккабии масъалаҳо вобастагӣ дорад ва ҳар қадар масъала мураккабтар бошад, сатҳи салоҳиятнок ҳамон қадар баландтар аст.

Аз нуқтаи назари педагогӣ салоҳиятнокиро ҳамчун натиҷаи дилхоҳи таълим фаҳмидан мумкин аст, ки дар натиҷаи он донишҷӯ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шуда метавонад.

Мувофиқи ақидаи олимони соҳа В.А. Болотов и В.В. Сериков муносибати босалоҳият, дар навбати аввал, на иттилоотонии донишҷӯёнро, балки маҳорати ҳалли масъалаҳои гуногунро дар ин ё он вазъияту ҳолат муайян дар назар дорад [1, с. 11].

Татбиқи муносибати босалоҳият дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти баланд бардоштани савияи саводнокии донишҷӯён бо зиёд кардани сарборӣ аз байн бардошта шаванд, зеро моҳияти ин муносибат пешниҳоди дониш ва ахбори зиёд набуда, балки фароҳам овардани имкон барои ҷустуҷӯйи мустақилонаи иттилооти зарурӣ мебошад.

Салоҳият аз маҷмуи мураккаби амалҳое иборат буда, ба ҳамгироии дониш, малака ва маҳорати шахс такя менамояд. Салоҳият маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам алоқамандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад[15].

Салоҳиятнокӣ сифати инсониро арзёбӣ намуда, омодагии ӯро ба фаъолияти муваффақона дар раванди кору ҳаёт инъикос менамояд.

Дар фаҳмиши имрӯзаи муносибати босалоҳият ба таълим тамоми таҷрибаи беҳтарини дар амалияи педагогика коркардшуда истифода мешавад: муносибати ба шахсият нигаронидашуда, омӯзиши якҷоя (омӯзиш дар ҳамкорӣ), методҳои

таҳқиқотӣ ва муаммовӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, инчунин усулҳои дигари зиёди интерактивӣ. Ҷанбаи муҳимми муносибати босалоҳият ташаккули хоҳишу малакаи омӯхтан дар тули ҳаёт мебошад. Аз нуқтаи назари педагогӣ салоҳиятнокиро ҳамчун натиҷаи дилхоҳи таълим фаҳмидан мумкин мебошад, ки дар натиҷаи он донишҷӯ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шуда метавонад.

Таҳсилоти босалоҳият бошад, равандест, ки дар ҷараёни он дониш, малакаҳои ҳаётан муҳимми донишҷӯён ташаккул ёфта, тарз ва роҳҳои дар ҳаёт истифода бурдани онҳо муайян мегардад.

Салоҳияти фаннӣ қобилияти ҳал кардани мушкилот тавассути ягон фан мебошад.

Ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ фаъолиятҳои зеринро дар назар дорад:

- ба донишҷӯён фаҳмондани муҳиммияти донишҳои фанни мазкур;
- нишон додани имконияти татбиқи ин донишҳо дар ҳаёт;
- дарк кардани вобастагии далелҳои алоҳида бо системаи мукаммал тавассути фанни омӯхташаванда;
- кумак расондан барои дарки арзиши олии ҳаёт бо мушкилоти дар муҳити атроф бавуҷудомада ва бо воситаи омӯзиши фанни мазкур ҳал кардани мушкилоти мавҷуда;
- таҳлили усулҳои истифодашуда барои ҳалли мушкилот;
- баён ва сабт кардани натиҷаҳои ниҳоии ҳалли мушкилоти ҷойдошта.

Аз ин лиҳоз, мактаби олии педагогии муосир дар назди омӯзгорони оянда мақсад ва вазифаҳои нав, ба мисли такмили маҳорати касбӣ, истифодаи технологияи нави педагогӣ, рушди тафаккур, инкишофи нутқ, ташаккули қобилияти фанни (математикӣ, физикӣ, иқтисодӣ ва ғайра) ва ташаккули истеъдоди эҷодии онҳоро ба миён мегузорад, ки барои ноил шудан ба ин натиҷа дарс нақши муассир мегузорад.

Дар раванди дарс дар муносибати таълими босалоҳият вазифаи омӯзгор ба донишҷӯён, ки омӯзгорони оянда ҳастанд, мавод ва ё дониши тайёрро додан нест, балки амалиёти онҳоро раҳнамоӣ намудан ва ҳавасманд гардонидану инчунин фаъолияти таълимиро ба танзим даровардан мебошад.

Агар дақиқтар карда гӯем, омӯзгор аз услуби «фаҳмондадиҳӣ» ба услуби «ҳамкорӣ» мегузарад ва диққати асосиро на ба таҳлили натиҷаҳо, балки фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона мекунад ва дар ин ҷода мавқеи донишҷӯён низ тағйир меёбад, донишҷӯ аз "иҷрокунанда" ба "эҷодкор" табдил меёбад. Акнун тамоми фикри ӯ ба натиҷаи маҳсули фикру эҷодиёти худ равона мегардад.

Таҷрибаҳои солҳои охир собит намуданд, ки барои ташаккули салоҳияти математикии омӯзгорони оянда вазифаи устоди донишгоҳ додани дониши мукаммал, мавод ва ё маълумот набуда, балки ба онҳо бедор кардани шавқу рағбати омӯзишу ҷустуҷӯй ва ташаккули қобилияти фикронии онҳост.

Муносибати салоҳиятнок дар раванди ташаккули салоҳиятнокии математикии омӯзгорониояндаи математика ҳосил кардани таҷрибаи педагогӣ, иҷрои амалҳои маърифатӣ, ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ (тарбия) ва дар амал татбиқ кардани донишҳои заминавӣ (фан) аст.

Истифодаи самараноки муносибати босалоҳият дар раванди ташаккули салоҳиятнокии математикии омӯзгорониояндаи математика боиси баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ мегардад.

Низоми таълими босалоҳият низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, функсионалӣ) равона карда шуда, ҷавоб додан ба саволҳои: "Донишҷӯ чиҳоро медонад?" , "Донишҷӯ чӣ кор карда метавонад ?" ;"Донишҷӯ кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?" доимо дар мадди назар ин низоми таълим аст.

Дар раванди ташаккули салоҳиятнокии математикии омӯзгорони оянда математика, пеш аз ҳама, сохтор ва мундариҷаи салоҳиятҳои мувофиқро муайян намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбии онро аниқ бояд кард. Яке аз ҷузъҳои салоҳияти касбии омӯзгори оянда фанни математика – ин **салоҳияти математикӣ** ба ҳисоб меравад.

Барои муайян намудани мундариҷаи салоҳияти математикии муаллимони оянда фанни математика олимон, ба монанди В.А. Адолф, Е.Ю. Белянина, Д.А. Картехников, С.А. *Севастянова*, Н.Г. Ходирева ва дигарон таҳқиқот гузаронидаанд.

Н.Г. Ходырева ба салоҳияти математикӣ чунин таъриф додааст: "**Салоҳияти математикӣ** ин хусусияти ҷудонашаванда шахсӣ буда, ифодагари дониши чуқур ва амиқи математикӣ, истифода карда тавонистани дониш, маҳорати ба даст овардани натиҷаи назаррас бо фаъолияти босифатро ифода менамояд" [8].

Бо ибораи дигар, салоҳияти математикӣ дараҷаи баланди дониш ва фаъолияти мустақилонаи шахс дар асоси донишҳои доштаро ифода мекунад"[8].

Дар корҳои тадқиқотии худ В.А. Адолф ҷузъҳои зерини салоҳияти касбии омӯзгорро қайд намудааст: бошуурона, мақсаднок, шахсӣ ва амалӣ- мазмунӣ.

Е. Ю.Белянина [2] дар тадқиқоти худ салоҳияти математикиро ба маърифатӣ, ҳавасмандкунанда - арзишнок тақсим намудааст.

Д.А. Картежников [5] бошад, ҷонибдори он аст, ки салоҳияти математикӣ аз чунин қисматҳо иборат аст: мазмуннок, касбӣ-самаранок, техникӣ, ҳавасмандкунанда ва арзишӣ – зеҳнӣ. С.А. *Севастянова* [7] бошад, тарафдори дорои ҷанбаи маърифатӣ, амалиётӣ ва арзишӣ – маъноӣ будани салоҳиятнокии математикӣ аст.

Пас аз омӯзиши як қатор тадқиқоти илмӣ дар бораи ташаккули салоҳияти математикӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳамаи тадқиқотҳои илмӣ салоҳияти математикӣ ҳамшабеҳанд. Сарфи назар аз фарқиятҳои истифодашудаи истилоҳот, муаллифони гуногун бар ин назаранд, ки қобилиятӣ ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар фаъолияти математикӣ бо системаи дониш ва малака, шавқи фаъолияти амалисозӣ ва самти арзишнок дар соҳаи математика муайян карда мешавад, ки дониш ва малака ангезаҳои татбиқ, фаъолият ва самтҳои арзиш дар соҳаи математика, инчунин зеҳнӣ, рефлексивӣ - арзёбӣ мегардад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳадафҳо барои ин тадқиқот бо равиш бештар мувофиқ аст.

Меъёрҳои ташаккули салоҳияти математикии муаллимони оянда математикаро дар робита бо ҷузъҳои математикии салоҳият: арзишӣ - ҳавасмандгардонӣ, мундариҷавӣ–мурофиавӣ ва рефлексивӣ (инъикоскунанда) муайян кардан мумкин аст.

Дар асоси таҳқиқоти А.А.Виландеберк ва Н.Л.Шубина [3], се сатҳи салоҳияти математикиро қайд кардан мумкин аст: ибтидоӣ, стандартӣ ва эталонӣ.

Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳияти математикии муаллими оянда математика аз рӯйи сатҳҳо ба тариқи зайл аст:

**Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳияти математикӣ**

| **Меъёр** | **Нишондиҳандаҳо (аз рӯйи сатҳ)** |
|---|---|
| Арзишӣ-ҳавасмандгардонӣ | **ибтидоӣ:**<br>1) мавҷудияти муносибати иҷтимоӣ ба омӯзиши математика;<br>2) мавҷудияти муносибати иҷтимоӣ ба таълими математика. |
| | **Стандартӣ:**<br>1) шавқ доштан ба математика; |

| | | |
|---|---|---|
| | 2) шавқ доштан ба омӯзиши математика. | |
| | **Эталонӣ**<br>1) зарурати омӯхтани математика вуҷуд дорад;<br>2) зарурати таълими математика вуҷуд дорад. | |
| Мундариҷавӣ - мурофиавӣ | Ман медонам ва мефаҳмам | **Ибтидоӣ:**<br>1) истилоҳоти асосии математика;<br>2) асосҳои назариявии математика;<br>3) масъалаҳои мубрами математика дар доираи маълумоти таълимӣ. |
| | | **Стандарт:**<br>1) асосҳои байнисоҳавии математика;<br>2) асосҳои иртиботи илмӣ;<br>3) системаи истилоҳоти математика. |
| | | **Маълумотнома**<br>1) роҳҳо ва усулҳои гузаронидани мубоҳисаҳои илмӣ;<br>2) масъалаҳои мубрами математика, ки аз доираи таълимӣ берунанд;<br>3) назарияҳои нав, тафсирҳо, усулҳо ва технологияҳои навтарини математика. |
| | Ман метавонам | **Ибтидоӣ:**<br>1) маълумоти заруриро оид ба математика ёбед;<br>2) шарҳи масъалаҳои асосии назариявии математика;<br>3) маълумоти мавҷударо дубора барқарор кунад. |
| | | **Стандартӣ:**<br>1) дар вазифаи мувофиқ истифода бурдани такрории коммуникатсионӣ таърих ва шаклҳои муошират;<br>2) робитаҳои байнисоҳавиро барқарор мекунанд;<br>3) иттилооти гирифташударо таҳлил ва ҳамоҳанг мекунад. |
| | | **Эталонӣ**<br>1) таҷрибаи илмиро аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ ва тафсир мекунад;<br>2) иттилооти гирифташударо ба низом даровардан ва санҷидан;<br>3) натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро пешниҳод менамояд. |
| | Ман тайёрам | **ибтидоӣ:**<br>1) ба асосҳои таҳқиқот дар соҳаи касбӣ;<br>2) донишҳои андӯхтаро дубора афзоиш додан;<br>3) иҷрои вазифаҳои касбии ба зиммаашон гузошташуда. |
| | | **Стандартӣ:**<br>1) гузаронидани таҷрибаи илмӣ; |

| | | |
|---|---|---|
| | | 2) истифодаи технологияҳои муосир барои ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ;<br>3) ба ворид намудани донишҳои касбӣ ба фаъолияти касбӣ. |
| | | **Эталонӣ:**<br>1) ба санҷиши таҷрибавии назарияҳои илмӣ;<br>2) ҳалли ғайристандартии масъалаҳои касбӣ;<br>3) идома додани омӯзиш дар сатҳи оянда. |
| Рефлексӣ | **Ибтидоӣ:**<br>1) қобилияти баҳо додан ба дониши математикӣ ва малака;<br>2) қобилияти ба худ баҳо додан, татбиқи дониш ва малакаҳои математикӣ дар соҳаи касбӣ. | |
| | **Стандартӣ:**<br>1) давра ба давра амалӣ намудани худтанзимкунӣ, дониш ва малака;<br>2) худидоракунии даврии татбиқи донишҳои математикӣ ва малакаҳо дар соҳаи касбӣ. | |
| | **Эталонӣ**<br>1) машқҳои мунтазами худдорӣ намудан, баҳо додан ба дониши математикӣ дониш ва малака;<br>2) саъю кӯшиш барои баҳодиҳии доимии фаъолияти касбӣ тавассути натиҷаҳои фаъолияти таълимгирандагон;<br>3) худтанзимкунии дониш ва малака дар асоси натиҷаҳои худшиносӣ. | |

Ҳамин тавр, салоҳияти математикӣ ҳамчун хосияти ҳамгироии маҳорату малакаю дониши шахс арзёбӣ гардида, барои ифодакунии дониши амиқи математикӣ ва малакаю маҳорати истифодабарии он дар шароити нав, ки барои ноил шудан натиҷахои назаррас равона шудааст фаҳмида мешавад. Агар ба таври дигар гӯем салоҳиятнокии математикӣ ин таҷассумкунандаи дониши амиқӣ математикӣ ва фаъолияти мустақилона дар амал татбиқ намудани шахс дар асоси ин дониши амиқ аст.

### АДАБИЁТ


1. Адольф В.А. Теоретические основы формирования профессиональной компетентности учителя: дисс… д-ра пед. наук / В.А. Адольф. -М., 1998. -357 с.
2. Белянина Е. Ю. Технологический подход к развитию математической компетентности студентов экономических специальностей: автореф. дис. … канд. пед. наук / Е. Ю. Белянина. Омск, 2007. -22 с.
3. Виландеберк А. А. Новые технологии оценки результатов обучения: Методическое пособие для преподавателей / А. А.Виландеберк, Н. Л. Шубина СПб.: Изд-во HUGE, 2008. -168 с.
4. Гершунский Б. С. Философия образования для XXI века: учебное пособие для самообразования. Изд. 2-е, перераб. и доп / Б. С. Гершунский. -М.: Педагогическое общество России, 2002. -512 с.
5. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании / И.А.Зимняя. -М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. – 42 с.
6. Иванов, Д.А. Компетентности и компетентностный подход в современном образовании / Д.А. Иванов. – М.: Чистые пруды, 2007. – 195 с.

7. Картежников Д. А. Визуальная учебная среда как условие развития математической компетентности студентов экономических специальностей: автореф. дис. … канд. пед. наук / Д. А. Картежников Омск, 2007. -23 с.
8. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании / О.Е. Лебедев // Школьные технологии. – № 5. – 2005. С.3– 13 6.
9. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / М.Лутфуллозода, Ѓ.Бобизода. – Душанбе, 2017. – 88 с.
10. Маркова А. К. Психология труда учителя / А. К.Маркова. -М.: Просвещение, 1993. -С. 24.
11. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ». Мураттибон ва муҳаррирони масъул: Байзоев А. М., Камолзода С. – Душанбе: Нигор, 2018. – 128 с.
12. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ). Мураттибон Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилиён, А. Байзоев. –Душанбе: Ирфон, 2018. –72 с.
13. Севастьянова С. А. Формирование профессиональных математических компетенций у студентов экономических вузов: автореф. дис. … канд. пед. наук / С. А. Севастьянова. -Самара, 2006. -22 с.
14. Ходырева Н. Г. Методическая система становления готовности будущих учителей к формированию математической компетентности школьников: дис. … канд. пед. наук / Н. Г. Ходырева. -Волгоград, 2004. 179 с.
15. Освоение педагогами новых компетенций в исследовательски ориентированном повышении квалификации: Пособие для учителей, ориентированных на освоение исследовательской деятельности в процессе повышения квалификации / Под общ. ред. Л.Н.Горбуновой. – М.: АПКиПРО. – 2004. – 275 с.
16. Раджабова С.Дж. Основные принципы компетентного подхода, влияюшие на формирование педагогической культуры будущих учителей естественно-математических наук / С.Д.Раджабова, М.Р.Арипова, Б.Р.Кодиров// Вестник Академии образования Таджикистана. 2021. №1 (38). -С. 165-169.
17. Раҷабова С.Љ. Аҳамияти ҳалли масъалаҳо дар тарбияи фаъолнокии эҷодии хонандагон бо принсипи таълими босалоҳият / С.Љ.Раҷабова, А.У.Очилов // "Номаи донишгоњ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарї ва ҷомеашиносї. 2022. № 1 (70). -С. 175-179.

## МАХСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МАТЕМАТИКИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

Мақола ба масоили ташаккули салоҳияти омӯзгорон дар соҳаи математика дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олӣ бахшида шудааст. Татбиқи муносибати босалоҳият дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти баланд бардоштани савияи саводнокии донишҷӯён бо зиёд кардани сарборӣ аз байн бардошта шаванд, зеро моҳияти ин муносибат пешниҳоди дониш ва ахбори зиёд набуда, балки фароҳам овардани имкон барои ҷустуҷӯйи мустақилонаи иттилооти зарурӣ мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки дар муносибати таълими босалоҳият вазифаи омӯзгор донишҷӯёнро наомӯзонида, балки амалиёти онҳоро раҳнамоӣ намудан ва ҳавасманд гардонидан, инчунин фаъолияти таълимиро ба танзим даровардан иборат мебошад. Инчунин, намунаи салоҳияти математикии муаллими ояндаи математика пешниҳод карда шудааст. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳияти математикӣ аз рӯйи сатҳҳои интихобшуда муайян карда шуданд: ҳадди ақал, стандартӣ, эталонӣ.

**Калидвожаҳо:** донишҷӯён, омӯзгор, низоми таълими салоҳиятнокӣ, салоҳияти математикӣ, салоҳияти касбии омӯзгор, ташаккули малакаҳо, худташаккулдиҳӣ, математика, меъёр, нишондиҳанда, салоҳияти донишҷӯён.

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИКИ

Статья посвящена вопросам развития компетентности учителей в области математики в условиях учреждений общего, среднего и высшего образования. Применение компетентностного подхода в деятельности учреждений общего, среднего и высшего профессионального образования позволяет устранить проблемы повышения уровня грамотности обучающихся за счет увеличения нагрузки, ведь суть такого подхода заключается не в предоставлении большого количества знаний и информации, но создании возможности для самостоятельного поиска информации. Можно сказать, что применительно к грамотному обучению задача учителя состоит не в том, чтобы обучать учащихся, а в том, чтобы направлять и мотивировать их действия, а также регулировать учебную деятельность. Также представлен пример математической компетентности будущего учителя математики. Критерии и показатели сформированности математической компетентности определялись по выделенным уровням: минимальный, стандартный, эталоный.

**Ключевые слова:** студенты, учитель, компетентностная система обучения, математическая компетентность, профессиональная компетентность учителя, развитие умений, саморазвитие, математика, стандарт, показатель, компетентность ученика.

**CHARACTERISTICS OF THE DEVELOPMENT OF MATHEMATICAL COMPETENCE OF FUTURE TEACHERS OF MATHEMATICS**

The article is devoted to the issues of developing the competence of teachers in the field of mathematics in the context of institutions of general secondary education and higher education. The application of a competent approach in the activities of general secondary and higher vocational education institutions allows to eliminate the problems of increasing the literacy level of students by increasing the workload, because the essence of this approach is not to provide a lot of knowledge and information, but to create an opportunity for independent search for information. is necessary. It can be said that in relation to competent education, the task of the teacher is not to train students, but to guide and motivate their actions, as well as to regulate educational activities. Also, an example of mathematical competence of a future mathematics teacher is presented. The criteria and indicators of the formation of mathematical competence were determined according to the selected levels: minimum, standard, benchmark.

**Key words:** students, teacher, competence education system, mathematical competence, teacher's professional competence, skills development, self-development, mathematics, standard, indicator, student competence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова С.Ҷ.*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияҳои иттилоотӣ**.** **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1. Телефон: **(+ 992) 92 - 719-12-83** E-mail: **saodat_6@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Раджабова С.Дж.*** - кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой методики обучения математике и информационным технологиям. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, городХуджанд, проспект Мавлонбекова 1.Телефон : **(+992) 92 - 719-12-83**, E-mail: **saodat_6@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Rajabova S.J.*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the department of teaching methods of mathematics and information technologies. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue 1.
Phone: **(+ 992) 92 - 719-12-83,** E-mail: **saodat_6@mail.ru**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Каримзода О. К.*** Культура как объект имперской политики в Средней Азии (начало XX в.) ………... ***5***

***Мукимова С.Р., Рахимова С.У.*** Некоторые аспекты сохранения и использования памятников архитектуры в городах Таджикистана………………………………………………………………..….. ***16***

***Собирова К.Д., Шарифзода Рамазон Алимурод*** Вклад международных организаций в развитие экономики Хатлонской области ……………………………………………………………………… ***24***

***Ганджакова М.Г.*** Историография истории образования и деятельности научных учреждений Таджикистана ………………………………………………………………………………………… ***30***

***Насимов Ш.Ш.*** Начальный этап миграционного процесса в Таджикистане …………………………… ***39***

***Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад*** Империяи Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим ........................................................................................................................ ***47***

***Қодиров Д.С.*** Ташаккули давлати афғонҳо ва инъикоси он дар таърихнигории тоҷик................. ***55***

***Садиров Ш.А.*** Назаре ба таърихи ба сари қудрат расидани Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон……………………………………………………………………………………………………… ***64***

***Аминзода Шамсулло Исматулло*** Меъёрҳои қонунии бойгонидорӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқи бойгонӣ...................................................................................................................................... ***70***

***Самадов Ф.Ч.*** Баъзе муносибатҳои назариявӣ-методологӣ нисбат ба муайян кардани функсия ва вазифаҳои дипломатияи парламентӣ дар ҳамкориҳои байнипарламентӣ дар марҳилаи кунунӣ ……………………………………………………………………………………………………….. ***78***

***Маҳмарасулов М.С., Маҳмадрасулов Б.С.*** Комёбиҳои соҳаи варзиш дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даҳсолаи аввал: солҳои 1993-2003)............................ ***86***


## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Хаитов Ф.К.***Социальные последствия миграции неквалифицированных работников из Таджикистана……………………………………………………………………………………………. ***95***

***Камолова Х.К.*** Проблематика власти как основа политической этики средневековья……………….. ***102***

***Ахмедова Сайёра, Назарамонов Ш.П.*** Некоторые особенности проникновения идейных доктрин зороастризма в средневековую исламскую философию…………………………………………… ***112***

***Худойдодзода Ф. Б., Одинаев Б. А.*** Таҳаввули институти оила дар зардуштия.......................... ***118***

***Ҳайдарӣ С.С.*** Ахлоқи роҳбарӣ ва идоракунӣ аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ....................... ***126***

***Самиев Б.Ч., Бердиёрова Г.И.*** Рисолати фарҳангофарӣ ва андешаи таҳаммулгароии тоҷикон дар ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо........................................................................ ***136***

***Юнусов Т.Н.*** Масъалаи ҳастишиносӣ дар илоҳиёти Ибни Сино ............................................ ***146***

***Саидзода Д.М***. Зуҳуроти ифротгароии динӣ - падидаи номатлуб ва харобиовар дар Осиёи Марказӣ.................................................................................................................................. ***155***


## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Хафизова Б.А.*** Информационно-коммуникационные технологии совершенствования преподавания и изучения английского языка в высшем профессиональном образовании………………………….. ***166***

***Розикова С.Р.*** Пути повышения эффективности реализации модели профессиональной языковой подготовки студентов в вузе………………………………………………………………………. ***174***

***Шукурова Тамила*** Система народного образования в Дании в XIX и начале XX веков: некоторые особенности……………………………………………………………………………………….. ***183***

***Алиева М.Н., Шамсиева А.Н.*** Татбиқи лоиҳаи эҷодӣ дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим.................................................. ***191***

***Шарипова Ф.М.*** Тарбияи зебоипарастӣ-ганҷинаи маданият ва санъати ҷаҳонӣ..................... ***200***

***Юнусова Н. М., Неъматов Р.Ҳ.*** Тавсифи ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ........................... ***206***

***Раҷабова Ф.О.*** Усулҳои баҳодиҳии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ***212***

***Шарифов М.Ғ., Шарифов Ш.М.*** Тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бо истифода аз урфу одат ва афкори мутафаккирон.................................................................................................... ***221***

***Сабурӣ Х.М., Ҳайдарова М. М.*** Нақши экспедитсия дар таҳқиқоти географӣ......................... ***229***

***Рамазонова Р.С.*** Инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар шароити таълими инклюзивӣ....................................................................................................... ***238***

***Усмонов М.Ғ.*** Имконият ва роҳҳои ба омӯзиш фарогирии бачагони ақлан ақибмонда........... ***245***

***Махкамов Дастам, Ҳасанова Х.А.*** Омӯзиши фанҳои таълимӣ ва муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ............................................................................. ***253***

***Муминов А.Х.*** Бозгӯ ва ташаккули панду ҳикмат ва андарзномаҳо дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ........................................................................................................................ ***259***
***Қодирова Д.Т.*** Машғулияти эксперименталӣ аз физика ҳамчун воситаи таълимии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳо........................................................................... ***267***
***Ахмедова М.А***. Фаъолнокии касбӣ- маърифатии донишҷӯён ҳангоми истифодабарии технологияҳои иттилоотии таълим………………………………………………………………… ***276***
***Ашуров Р. Ш., Худойкулова Қ. Н.*** Ифротгароӣ дар муҳити ҷавонон - ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ………………………………………………………………………………… ***282***
***Сафаров Ш.Қ***. Баъзе масъалаҳои ташаккули фарҳанги тандурустӣ ва таҳсилот ……………… ***290***
***Маҷидов П.И., Дадобоева М. С.*** Муносибати волидайн бо фарзанд яке аз масъалаҳои асосии ташаккули муошират.................................................................................................................... ***297***
***Алимухамедов М.Р.*** Асосҳои дидактикии ташаккули фаъолияти маърифатӣ ҳамчун рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён дар дарсҳои математика........................................................... ***305***
***Каримзода Т.*** Асосҳои назариявии ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагони синфҳои 7-9 дар раванди таълими алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.................................... ***312***
***Раҷабова С.Ҷ.*** Махсусиятҳои ташаккули салоҳияти математикии муаллимони ояндаи фанни математика……………………………………………………………………………………… ***322***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2023. №3**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 31.03.2023 г.**